# ТУРСУНЗОДА ДАР ЁДҲО

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5-4
Т-76

Мураттибон *Гулназар ва Гурез Сафар*

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

Т-76 **Коллектив. Турсунзода дар ёдҳо** (ёдбуд, хотира ва шеърҳо). – Душанбе, «Адиб», 2011, 480 саҳифа.

Мунодии сулҳу вассофи Ватан, шоири тавонову мураббии аҳли сухан ва яке аз муборизони фаъоли дӯстии халқҳои олам Мирзо Турсунзода бо хислатҳои наҷибонаю ашъори рангини хеш дар дили ҳамватанону ҳамқаламон абадан маскан гирифтааст.

«Турсунзода дар ёдҳо» дастагулест аз хотироти адибони бузурги олам ва дӯстону аҳли қалам, ки ба муносибати 100-солагии ин сухансолори бузург пешкашатон мегардад.

ISBN 978-99947-2-081-1

© Нашриёти «Адиб», 2011

# СИТОИШИ БУЗУРГОН

Кош дар хусуси кишвари Шӯравӣ асаре нависам мисли достони шоири тоҷик Мирзо Турсунзода дар бораи Ҳиндустон.

***Мулк Роҷ Онанд**, нависандаи бузурги ҳинд*

…ашъори Мирзо Турсунзода ба сони мурғи афсонавӣ аз рӯи қуллаҳои баланду дарёҳои паҳновар гузашта, бо ҳаққоният, самимият ва пардози зебои шоиронаи худ ақлу дили ҳамзамононро тасхир кардааст.

***Николай Тихонов**, шоири бузурги рус*

Бигзор, килки ту бо ранги нилуфар ҷовидонӣ нақшу нигор бандад.

***Михаил Шолохов**, нависандаи бузурги рус,*
*дорандаи ҷоизаи Нобел*

Мирзо Турсунзода дар наздикшавии кишварҳои Осиё ва Африқо, муборизаи мардуми ин қитъаҳо алайҳи мустамликадорӣ, расиданашон ба истиқлолу озодӣ саҳми бузурге гузоштааст.

***Сергей Михалков**, шоири бузурги рус*

Оқои Мирзо Турсунзода, суханвари арҷмандест дар кишвари худ азизу мӯҳтарам ва назди мо низ чунин аст.

***Парвиз Нотили Хонларӣ**, донишманди бузурги Эрон*

Мирзо Турсунзода на фақат шоири бузурги тоҷик, балки мӯътабартарин ва азизтарин намояндаи халқи тоҷик буд.

***Файз Аҳмади Файз**, шоири бузурги Покистон*

Мирзо Турсунзода бузургтарин шоир ва машҳуртарин тоҷик буд.

***Қайсин Кулиев**, шоири бузурги болқар*

Мо бахтиёр ҳастем, ки Мирзооқо дар байнамон умр ба сар мебарад, ӯ ҳамзамони мост ва ман метавонам ӯро мураббӣ, муаллим ва қадрдонтарин дӯсти худ бихонам.

***Анвар Олимҷонов**, адиби бузурги қазоқ*

Шумо (М. Турсунзода) дар ҳақиқат ҳам вориси арзанда ва қонунии ганҷинаи бузурги назми ҳазорсолаи халқамон, шараф ва ифтихори адабиёти тоҷик мебошед…

***Бобоҷон Ғафуров,*** *академик*

Ман дар тамоми умри худ мисли ӯ (М. Турсунзода) донанда ва эҳтиромкунандаи шеъри классики Шарқ ва албатта форсии тоҷикиро басо кам дидаам… Вай аз зебоии зиндагӣ моҳирона баҳра мебардошт, чӣ будани ғаму андӯҳро мефаҳмид ва ба бадбахтии дигарон шарик шуда метавонист.

***Мирзо Иброҳимов****, адиби бузурги Озарбойҷон*

Ин шахс (М. Турсунзода) инсони асилу бузург буд ва истеъдоди модарзодии шоириаш касро ба ҳайрат меовард, ватани худро беандоза дӯст медошт, қимату моҳияти ҳақиқии дӯстии халқҳоро амиқ мефаҳмид.

***Анатолий Сафронов****, адиби бузурги рус*

Абадият ҳамбастагии муҳаббат ва ақл, накӯкорӣ ва вафодорист… Абадият дар ҳама замонҳо дар пеши назари оламу оламиён ҳайкали боҳашаматест. Мирзо Турсунзода дар таъриху тақдири халқи худ амсоли ҳамин гунна ҳайкал қомат афрохтааст.

***Набӣ Хазрӣ****, шоири бузурги Озарбойҷон*

Ба назарам Мирзо Турсунзода сарнавишти хушбахтонае дорад, ки муҳаббати ҳамдиёронаш нисбат ба шахси ӯ аз тарафи халқҳои дигар низ писанд афтодааст…

***Мустай Карим****, нависандаи бузурги Чувашистон*

Мирзо муқаллид не, балки давомдиҳандаи назми ҳазорсолаи халқи худ мебошад. Ӯ ин кори душворро бо сарафрозӣ…адо мекунад.

***Расул Ғамзатов****, шоири бузурги Доғистон*

Мирзо Турсунзода барои ман ҳамеша як намояндаи барҷастаи маданият ва адабиёти қадими тоҷик будааст ва ҳаст… Мирзо Турсунзода як шахсияти бемислу назирест.

***Чингиз Айматов****, нависандаи бузурги қирғиз*

*Эмомалӣ РАҲМОН*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА – ШОИРИ БУЗУРГ ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ ҶАМЪИЯТӢ

(Матни суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмонов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 90-солагии устод Мирзо Турсунзода. Душанбе, 27 октябри соли 2001)

Ҳамватанони азиз!

Меҳмонони мӯҳтарам!

Таърих ҳеҷ гоҳ дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он бо номи абармардоне вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад.

Дар асри XX устод Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода барои миллати тоҷик аз ҷумлаи чунин арбобони бузурге буданд, ки афкори халқи хешро дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ ба маҷрои худшиносии миллӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории тоҷикон равона сохтанд.

Дар марзи ду ҳазорсола, вақте ки халқи тоҷик ба марҳилаи нави тараққиёти худ ворид гардид ва мо роҳи дар асри XX тайкардаи худро ҷамъбаст намудем, бо назардошти хизматҳои бузург ва фидокории онҳо дар поягузории истиқлолияти Тоҷикистон, инкишофи тамаддун ва худшиносии миллӣ бо унвони олии мамлакат – Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор дониста шудани ин фарзандони бошарафи миллат комилан қонунист. Зеро ҳар яке аз онҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистон мақоми шоиста доранд ва ҷои устод Мирзо Турсунзода, ки мо имрӯз барои таҷлили 90-солагии зодрӯзи ӯ ҷамъ омадаем, мавриди зикри хоса мебошад.

Аз ин лиҳоз, мехоҳам аҳли адаб ва фарҳанги мамлакат, тамоми миллати тоҷикро, ки ба гуфти устод Мирзо Турсунзода «табиатан шоир аст», бо ҷашни сипаҳсолори назми муосири мо табрику таҳният гӯям.

Мирзо Турсунзода на танҳо ҳамчун шоири шаҳир, балки ба сифати арбоби бузурги давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ, ба ҳайси

Раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар тамоми олами мутамаддин шӯҳрат дошт.

Ӯ ба ин ташкилоти ҷамъиятии байналмилалӣ бист сол оқилона сарварӣ карда, дар таҳкими пайванди дӯстӣ ва робитаҳои адабии мардумони ду қитъаи мубориз сайёра—-Осиё ва Африқо хизматҳои шоиста ба ҷо овард.

Аз ин ҷост, ки тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти ЮНЕСКО 90-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон ва дорандаи ҷоизаҳои бонуфузтарини замони худ – Мирзо Турсунзода васеъ ҷашн гирифта мешавад.

Мо ин ҷашнро ҳамчун рӯйдоди хеле муҳими фарҳангӣ дар ҳаёти мамлакат арзёбӣ менамоем ва итминон дорем, ки чорабиниҳои вобаста ба ҷашни ин симои дурахшони адабу фарҳанг боиси боз ҳам мустаҳкам шудани ваҳдат ва худшиносии миллӣ мегарданд.

Мирзо Турсунзода бо меҳнати фидокоронаи худ дар роҳи тараққиёти адабиёти бадеӣ, мустаҳкам намудани сулҳи байни мамлакатҳо ва қитъаҳои олам обрӯю эътибори бузург дошт. Ӯ дар радифи машҳуртарин нависандагон ва арбобони даврони худ, аз рӯи талошҳои сулҳхоҳонааш сазовори унвони олии Қаҳрамони Меҳнат гардида буд. Дар ҷодаи шеъру шоирӣ ва санъати суханварӣ шоири номдори тоҷик бо ситораҳои тобноки адабиёти муосири ҷаҳон ҳампоя ва ҳамрадиф буд.

Мирзо Турсунзода ҳамчун як фарди фарҳангии ниҳоят фаъол ва мубориз аз ибтидои солҳои сиюми асри бист то анҷоми умри пурбаракати худ дар навсозии Тоҷикистон, тараққиёти адабиёт, илм ва ҳунари он саҳми арзанда гузошт.

Ӯ чун шогирди содиқу вафодор дар паҳлӯи устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ба хотири поягузории адабиёту санъати нави тоҷик хизматҳои шоиста кардааст.

Дар давраи ҳозира, ки мо Шоҳроҳи ваҳдат барпо менамоем ва ин роҳи азим сарзамини сабзу хуррами моро бо кишварҳои бузурги олам хоҳад пайваст, бояд аз он ёдовар шуд, ки Мирзо Турсунзода ва ҳамсафони ӯ дар солҳои сиюми асри гузашта дар сохтмони роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ ва Душанбе-Хуҷанд фаъолона ширкат варзидаанд ва дар бораи меҳнати созандаи халқ асарҳои пурарзиш офаридаанд. Ҳамчунин во-

баста ба ин, ки Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Тоҷикистон соли 2003-ро Соли оби тоза эълон кардааст, як саҳифаи дигари фаъолияти устод Турсунзода ба хотир меояд.

Мирзо Турсунзода ва дигар нависандагону ҳунарварони тоҷик дар сохтмони каналҳои калони Фарғона ва Ҳисор ҳиссаи арзанда гузоштаанд. Сохтмонҳои азим, ки тамоми Тоҷикистонро фаро гирифта буданд, на фақат зуҳуроти худогоҳии миллӣ ва ватанхоҳии халқи тоҷик буданд, балки ҳамчун сарчашмаи илҳом ва инкишофи адабиёту ҳунар, аз ҷумла эҷодиёти Мирзо Турсунзода ба шумор мерафтанд.

Шеъру достонҳои Мирзо Турсунзода, ки пешрафти Тоҷикистон ва рушду камоли маънавии мардуми кишвари моро бо санъати олии сухан ва маҳорати баланд тасвир менамоянд, далели равшани ягонагии шоир ва халқу Ватан мебошанд.

Ӯ ба сифати мубориз ростини роҳи сулҳ ва дӯстии халқҳо ба бисёр мамлакатҳои ҷаҳон сафар карда, аз минбарҳои баланди байналмилалӣ сухан мегуфт. Тоҷикистон ва халқи тоҷикро чун миллати сулҳпарвар, башардӯст ва фарҳангию хирадманд ба тамоми дунё машҳур месохт.

Тоҷикистонро на танҳо шахсияти нотакрор ва ибратбахши Мирзо Турсунзода чун инсони фурӯтан, донишманд, дӯстпарвар ва арбоби барҷастаи давлатию ҷамъиятӣ, балки ҳамчунин асарҳои пурмазмуни ӯ машҳури ҷаҳон гардониданд. Шоир ҳамеша кӯшиш мекард, ки ба миллату Ватани худ хизмати шоиста намояд, бо халқ ҳамнафасу ҳамқадам бошад, суханро ба манфиати давлат ва ҷамъият истифода созад.

Ашъори дилпазири шоир муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти мамлакат, дарди миллат ва орзуву ормонҳои ӯро дар бар мегирад.

Дар айни замон онҳо на танҳо арзишҳои олии иҷтимоии халқи тоҷик, балки идеалҳои инсонпарваронаи дигар миллатҳоро низ ифода менамоянд, ба манфиати пешрафти иҷтимоӣ, сулҳ ва ҳамкории халқҳои ҷаҳон хизмат мекунанд.

Бесабаб нест, ки асарҳои шоири шӯҳратёри тоҷик ба зиёда аз панҷоҳ забони халқҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд. Ин далели обрӯю нуфузи адабиёту фарҳанги тоҷик ва ифтихори миллати тоҷик аст.

Мирзо Турсунзода фарзанди содиқи халқ ва ба қавли худаш «ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан буд».

Воқеан, Ватан азизтарин муқаддасот барои фарзандони огоҳи миллат аст. Онро касе аз таҳти дил ва мағз андар мағзи ҷон дӯст дошта метавонад, ки ифтихори баланди миллӣ дошта бошад. Ифтихор аз озодӣ, ифтихор аз зебоӣ, ифтихор аз Ватан чун модари мушфиқу ғамхор!

Мирзо Турсунзода аз нахустин китоби шеъру ҳикоя ва очеркҳои худ «Байрақи зафар», ки соли 1932 интишор ёфта буд, то охирин маҷмӯаи ашъораш –»Посбони оташ» дар тамоми шеъру достонҳо, асарҳои драмавӣ, филмномаҳо ва мақолаҳояш худро ҳамчун ошиқ ва ситоишгари мумтози Ватани азизи хеш нишон дод.

Эҳсоси ватандӯстии шоири шаҳир чунон самимӣ ва завқи зебоипарастиаш чунон равшан буданд, ки Тоҷикистон дар назари ӯ мамлакати тиллоӣ менамуд. Шоир Ватанро такягоҳи муқтадире медонист, ки ба гуфти худаш «халқ аз вай сарбаландиҳо ба даврон мекунад».

Шоири бузург халқро дар ҷонсахтию матонат ҳамчун оҳан, Ватанро дар меҳрубонӣ, зебоӣ ва қудрат ба мисли оҳанрабо тасвир мекард. Рангу бӯи дилкаши Тоҷикистон, ки шоири ҷаҳонгашта онро биҳишти бемисол меномид, боиси ифтихору сарфарозии ӯ буд.

Муҳаббати поки устод Турсунзода ба сарзамини аҷдодӣ, обу хоки Ватан, бешубҳа, барои наслҳои зиёди миллат ҳамчун намунаи олии ибрат хизмат хоҳад кард.

Устод Мирзо Турсунзода ба таърихи адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири навпардозе, ки ваҳдати халқу Ватанро бо суханони ҷаззобу таъсирбахш васф кардааст, ворид шудааст. Ғояҳои олии ягонагии ёру диёр, муҳаббати гарми ватандорӣ, садоқат ба сарзамини ҳамешабаҳори тоҷикон дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода махсусан дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон пурраю мукаммал ба зуҳур омаданд.

Шоир дар ин давра образҳои фарзандони бошараф, ҷасур ва далерро офарида, робитаи майдони ҷанг ва ақибгоҳ, қаҳрамониҳои ҷанговарон ва диловариҳои мардуми меҳнаткаш, ваҳдату ягонагии халқҳоро ҳамчун омили муҳими ғалаба бар фашизм нишон дод.

Эҷодиёти устод Турсунзода дар он давра таҷассуми олии ҳам меҳнати диловаронаи халқи тоҷик дар ақибгоҳ ва ҳам му-

боризаи қаҳрамононаи фарзандони он бар зидди фашистони истилогар буд.

Муқаддас донистани Ватан ва ватандорӣ, шаъну шарафи инсонӣ ва ваҳдати халқҳо, сарфи назар аз нажоду миллату мазҳаби онҳо дар фаъолияти Мирзо Турсунзода чун арбоби бузурги давлатию ҷамъиятӣ ва кори пурмаҳсули эҷодии ӯ дар давраҳои минбаъда ҳам ба сифати муҳимтарин арзишҳои фалсафию ахлоқӣ идома ва ривоҷ ёфтанд.

Вақте ки силсилаи асарҳои Мирзо Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Ман аз Шарқи озод» паси ҳамдигар интишор ёфтанд, онҳо дар адабиёти асри XX-и ҷаҳон як рӯйдоди нави адабӣ пазируфта шуданд. Зеро то ин дам ягон шоир ё нависанда Шарқи хориҷӣ, аз ҷумла мубоизаи озодихоҳонаи халқи Ҳиндустонро аз лиҳози бадеӣ чунин ҳақиқатнигорона кашф накарда буд.

Гузашта аз ин, осори доир ба ҳаёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ офаридаи устод Турсунзода дар назми тоҷик давраи наверо оғоз карданд. Аз ин рӯ, онҳо зуд ба забони русӣ ва дигар забонҳои ҷаҳон тарҷума ва нашр шуда, дар олами мутамаддин машҳур гардиданд. Зеро дар ин асарҳо Мирзо Турсунзода бо ҳамдардӣ ва ҳиссиёти бузурги башардӯстӣ тарзи зиндагонии халқҳои Шарқ, қабл аз ҳама Ҳиндустонро бо тасвирҳои пурзӯри романтикӣ баён карда, барои хушбахтию саодати одамони оддӣ мубориза мебарад ва сиёсати мустамликадоронро сахт маҳкум менамояд.

Ғояҳои олии умумиинсонӣ–-ҳифзи сулҳ, ҳимояи манфиатҳои аҳли заҳмат, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсоният, рафоқат ва дӯстии халқҳо дар лирикаи сиёсӣ ва дигар ашъори иҷтимоии Мирзо Турсунзода бо камоли истеъдод ва маҳорати баланд, бо ҳиссу ҳаяҷони беинтиҳои инсондӯстӣ ифода ёфтаанд.

Хизмати бебаҳои як нафар фарзанди миллати соҳибфарҳанги тоҷик Мирзо Турсунзодаи шоир дар ғанӣ гардонидани тамаддуни башар низ дар ҳамин аст.

Дӯстони мӯҳтарам!

Мирзо Турсунзода ҳар қадар, ки шоири миллӣ бошад, ба ҳамон андоза тарғибгари дӯстии халқҳои дунё аст. Ин фазилат на танҳо дар фаровонии мавзӯъҳои байналмилалӣ дар

эҷодиёти ӯ, балки дар фикру андешаҳои умумиинсонӣ ва ғояҳои олии умумибашарии шоир зуҳур мекунад.

Мавзӯи озодии инсон дар маркази тамоми эҷодиёти пурбаракат ва арзишноки Мирзо Турсунзода қарор гирифтааст. Тараннуми озодии шахсият ва ҷомеа, истиқлолияти комили давлатии ҳамаи кишварҳо рисолати олии ҷамъиятии шоир буд.

Шоир орзу мекард, ки инсони заҳматкаш ба озодии комил муваффақ гардад, чунон ки мо ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба чунин озодӣ ноил шудем ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон пайдо шудани номи Тоҷикистони мустақил ин армони деринаи халқи тоҷик буд.

Мирзо Турсунзода дар шароити нави таърихӣ озодии Тоҷикистон ва халқҳои гуногунмиллати онро васф намудааст.

Қаҳрамони достони «Ҳасани аробакаш» ҷавонмардест, ки озодии ҳақиқиро дар хизмат ба халқ ва ободонии мамлакат мебинад. Ин аст, ки ӯ мувофиқи тақозои замони нав ҳунари ронандагӣ меомӯзад ва баробари Тоҷикистон худаш ҳам рушду камол меёбад.

Дар достони «Чароғи абадӣ» шоири қадршинос симои нуронии мураббии забардасти худ устод Садриддин Айниро ба тасвир кашида, мақоми нависанда ва донишманди маъруф, поягузори адабиёти муосири тоҷик, нахустин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистонро дар ҳаёти маънавии ҷомеаи мо нишон медиҳад.

Инсони озоде, ки тамоми фаъолияти бошууронаи худро чун шоир ва арбоби ҷамъиятӣ дар роҳи саодати халқҳои заҳматкаш, дӯстию бародарӣ, ваҳдат ва ягонагии мардум бахшидааст, худи устод Мирзо Турсунзода мебошад, ки мо чеҳраи пурҷозибаи ӯро дар достони «Ҷони ширин» мебинем.

Қаҳрамонони устод Турсунзода одамони озоде ҳастанд, ки ҳастии худро ба хизмати халқу Ватан бахшидаанд. Онҳо ҳар қадар, ки ба Тоҷикистон ва инсонияти мутамаддин хизмати шоиста анҷом диҳанд, ба ҳамон андоза худро озод ва хушбахт эҳсос менамоянд.

Моҳияти ғоявии эҷодиёти шоири забардасти тоҷикро ваҳдати халқҳои олам ва фаъол сохтани нерӯҳои азими моддию маънавии онҳо дар роҳи сулҳ, тараққиёти иқтисодӣ, пешрафти иҷтимоии инсоният ташкил медиҳад. Мирзо Турсунзода нақш ва аҳамияти адабиётро пеш аз ҳама дар ҳамин медид.

Шоир дар асарҳои худ нишон медиҳад, ки муносибатҳои дӯстона ва эҳсоси баланди инсонпарварии тоҷикон ҳамеша ҳусни таваҷҷӯҳи ҷаҳониёнро бедор мекард, мардумони гуногунмазҳабу гуногунзабони олам нисбат ба халқи тоҷик дар дили худ ҳисси эҳтиром ва дӯстӣ мепарвариданд.

Аз шеъри Мирзо Турсунзода бармеояд, ки муҳаббат ва эътиқоди инсонияти пешқадам ба халқу давлати мо, ба анъанаҳои миллии мардуми мо, ба ибораи шоир «расми хуби тоҷикон», яъне дӯстии беғаразона, фарҳанги ғанӣ, пок ва ахлоқи ҳамида алоқаманд аст. Шоир дӯстии халқҳоро аз ҷумлаи арзишҳои бузурги маънавӣ мешуморад ва муқаддас медонад. Барои Мирзо Турсунзода ваҳдати халқи ҷаҳон мафҳуми умумӣ ё шиор нест, балки ҷаҳонбинии равшанест, ки бо гузашти рӯзгор ва тарбияи пайваста дар мактаби ҳаёт ҳосил шудааст. Ба ақидаи ӯ гулхани дӯстию рафоқат ва ҳамдастию ҳамдилиро, ки аҷдоди бузурги мо дар роҳи ҳаёт афрӯхтаанд, то абад чароғи тобандаи зиндагӣ ва саодати инсон мешавад.

Шоир ба ҳамватанони худ муроҷиат менамояд, ки дилро аз кинаю адоват, шубҳаю нобоварӣ покиза нигоҳ доштан лозим аст. Дилро пур аз меҳру вафо сохтан ва ошёни зиндагиро низ дар дили инсон гузоштан даркор аст, зеро дар ҷаҳон мақоми баландтаре аз дили инсон вуҷуд надорад.

Инсон бузургтарин ва нодиртарин мӯъҷизаи табиат аст. Бинобар ин, Мирзо Турсунзода ба инсон ва моҳияти ҳастии ӯ аҳамияти хоса медиҳад. Дар шеъру достон ва асарҳои драмавию филмномаҳои ӯ инсон бо тамоми паҳлӯҳои фаъолияташ, дунёи ботинӣ ва зоҳирӣ, рисолати иҷтимоӣ, олами рангини рӯҳию ахлоқӣ, меҳнат ва муҳаббаташ ба тасвир омадааст.

Занон, модарон, духтарони покгуҳари тоҷик, ки шоир хӯву хислати ҳамидаи онҳоро бо камоли муҳаббат ва эҳтироми хоса қаламдод намудааст, дар матонат ва зебоӣ камназиранд.

Модарномаҳои Мирзо Турсунзода, ки дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти эҷодиаш идома ёфтаанд, аз лиҳози иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар назми муосири тоҷик як равияи тоза мебошанд.

Модарон ва заноне, ки Мирзо Турсунзода тасвир мекунад, дорои эҳсоси баланд ва маънавиёти ғанӣ ҳастанд. Онҳо чун занони ватанхоҳ, заҳматкаш, эҷодкор, тарбиятгари авлоди

начиб, чонибдорони сулҳ, ёрони бовафо ва зебою бошараф дар дили хонанда маскан мегиранд.

Мирзо Турсунзода на танҳо пайваста эҷод мекард, балки расо сиву як сол раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ буд. Вай кори эҷодию илмиро якҷоя бо фаъолияти ҷамъиятӣ пеш мебурд. Ӯ чи дар роҳбарӣ ба ташкилоти эҷодии нависандагон ва чи дар тарбияи адибони ҷавон таҷрибаи фаровон андӯхт ва мактаби худро ба вуҷуд овард.

Мактаби адабии Мирзо Турсунзода мисли мактаби устод Айнӣ дар адабиёти муосири тоҷик роҳу равиши тозаи эҷодӣ ва навҷӯиро бунёд гузошт. Бо камоли эътимод гуфтан мумкин аст, ки нури назми Мирзо Турсунзода дар даврони мо низ олами адабиёти тоҷикро мунаввар мекунад.

Таҷлили ҷашни 90-солагии Мирзо Турсунзода падидаи дурахшони инкишофи шуури таърихӣ ва худшиносии миллии халқи тоҷик аст. Тамоми мардуми Тоҷикистон, бахусус наслҳои ҷавону наврас бояд донанд, ки ҳаёти пурбаракат, фаъолияти доманадори адабию ҷамъиятии Мирзо Турсунзода ҳамчун фарзанди асили халқ бо равандҳои навсозии мамлакат, озодию истиқлолият ва рушду камоли миллати сарбаланди мо алоқаманд буд.

Эҷодиёти серпаҳлӯи Мирзо Турсунзода дар таърихи адабиёту ҳунар ва ҳаёти маънавии мо як давраи томро ташкил кард. Шеъри тоҷик махсусан аз нимаи дуюми солҳои чилуми асри гузашта ба шарофати эҷодиёти Мирзо Турсунзода ба маҷрои тоза ворид шуд ва ба сатҳи баланди ғоявию эстетикӣ расид.

Имрӯз баъзе мунаққидон Мирзо Турсунзода ва як зумра шоирони даврони ӯро ба он айбдор карданӣ мешаванд, ки онҳо адабиёт ва ҳунарро ба сиёсат пайваст карда буданд. Вале агар мо замон ва эҷодиёти шоирро дар ҳамбастагӣ амиқ таҳлил намоем, пас маълум мегардад, ки ин даъво комилан хатост.

Воқеан, Мирзо Турсунзода аз ҷумлаи суханваронест, ки барояшон ҳунар ва сиёсат муродифи якдигаранд. Мирзо Турсунзода бо як маҳорати баланд лирикаро бо сиёсати давлат ва ниёзмандиҳои он ҳамоҳанг сохта буд. Арзиши «Қиссаи Ҳиндустон»-и ӯ, ки беш аз ним аср пеш иншо шудааст, маҳз дар ҳамин мебошад. Дар манзумаи мазкур назокати шоирона

ва диловарии гражданӣ, дарди инсон ва орзуҳои нек, шукргузорӣ ва танаффур, муҳаббат ва талоши озодӣ, гармии дасти дӯст ва гиреҳ шудани мушт ба ҳам омехтаанд; бе ин ду боли муҳаббат ғазаб ва шодиву андӯҳ «Қиссаи Ҳиндустон» наметавонист дар фазои сайёра ин гуна баланд парвоз кунад.

Вобаста ба эҷодиёти Мирзо Турсунзода мехоҳам боз як масъаларо манзури ҳозирин гардонам. Ақидае вуҷуд дорад, ки ашъори сиёсӣ кори косибон буда, чунин ашъор тезгузар асту аз ёди мардум базудӣ фаромӯш мешавад. Шояд дар бисёр мавридҳо чунин ҳам бошад. Вале, вақте ки ашъори сиёсӣ ҳаяҷони амиқ, хусусиятҳои назми миллӣ ва ҳунару тафаккури фалсафии муаллифро дарбар мегирад, чунин асар ҷовидона аст.

Бисёр шеъру манзума ва достонҳои Мирзо Турсунзода маҳз аз чунин фазилатҳо саршоранд. Чуноне ки бобоён ва падарони мо ин асарҳоро бо ифтихор ва шодмонӣ пазируфта буданд, шеъри Мирзо Турсунзода имрӯз низ вирди забони мардум аст.

Бо мукофотҳои бонуфузтарини байналмилалӣ қадр шудани шоири тоҷик далели эътирофи умум ва шӯҳрати каломи муасири ӯ дар байни оламиён мебошад.

Мо, ҳамзамонон ва ворисони устод Мирзо Турсунзода ифтихор мекунем, ки ин шоири тавоно дар радифи бузургтарин нависандагони асри XX дар роҳи бедорӣ, инкишофи тафаккури таърихӣ, худшиносии миллӣ, озодӣ ва истиқлолияти халқҳои ҷаҳон фаъолона ширкат варзидааст.

Мирзо Турсунзода, ки тафаккури фарогири кураи замин ва дили дардошно дошт, зиндагии мардуми тоҷик ва бартарии ҷомеаи моро бо кишварҳои ҳамсоя моҳирона қиёс мекард. Зимни ин ҳамватанони худро даъват менамуд, ки ба қадри дастовардҳои ҳаёти нав бирасанд, онҳоро ҳифз намуда, афзунтар созанд.

Имрӯз, ки халқи мо роҳи пешрафти минбаъдаи худро муайян намудааст ва бо ин роҳ устуворона пеш меравад, ин нуқтаи назар барои насли кунунии миллати куҳанбунёди тоҷик моҳияти ҳаётан муҳим пайдо мекунад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки ғояи ҷомеаи демократию дунявӣ чароғи роҳнамои мост ва бар хилофи монеаҳое, ки душманон дар роҳи миллати тоҷик эҷод мекунанд, мо дар заминаи худшиносии миллӣ ва арзишҳои

умумибашарӣ чунин ҷомеаро барпо хоҳем кард ва ба он муваффақ хоҳем шуд, то Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи кишварҳои пешрафтаю мутамаддини ҷаҳон ҷой гирад.

Аслан, орзуи фарзандони бузурги миллат чун Мирзо Турсунзода низ ободӣ ва шукуфоии Ватан, побарҷо будани сулҳу амният дар саросари дунё буд.

Мутаассифона, сулҳу амнияти ҷаҳон, ки Мирзо Турсунзода барои он талошҳои зиёд карда буд, ҳоло боз дар зери хатар аст.

Қазияи Афғонистон, ки зиёда аз бист сол идома дорад, амнияти на фақат кишварҳои минтақа, балки ҷаҳонро халалдор мекунад. Баъди фоҷиаи 11-и сентябр, вақте ки дар натиҷаи зарбаи терроризми байналхалқӣ дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҳазорон нафар одамон қурбон шуданд, ҷомеаи ҷаҳонӣ равшану возеҳ дарк кард, ки бӯҳрони Афғонистон на танҳо ба амнияти Тоҷикистон ва минтақа, балки ба тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад.

Дар ин бора мо мавқеи Тоҷикистонро чандин маротиба аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла аз минбари Созмони Милали Муттаҳид, Конгресси Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва ҳамкории байналхалқӣ дар мубориза алайҳи ҷинояткории трансмиллӣ дар шаҳри Вена, дар маросими имзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ дар шаҳри Палермо ва дигар вохӯриву чорабиниҳои байналхалқӣ изҳор дошта будем. Гузашта аз ин, мо ҳанӯз се сол пеш доир ба ташкили «минтақаи амният» дар атрофи Афғонистон пешниҳоди мушаххас доштем.

Мақсади ягонаи мо аз ин ҳама пешниҳодот ин буд, ки таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи зарурати муттаҳид намудани имкониятҳо дар бобати ҳалли осоиштаи қазияи Афғонистон, пешгирии қочоқи маводи мухаддар ва андешидани тадбирҳо бар зидди фаъолияти террористӣ дар минтақа ва ҷаҳон ҷалб карда шавад. Вале бисёриҳо миқёси хатар ва имконияти воқеии терроризмро нодида гирифтанд. Акнун, ки ҷомеаи ҷаҳон даҳшати амали зишти террористонро дар вуҷуди худ эҳсос кард, бояд тадбирҳое андешида шаванд, ки минбаъд ба таъмини амнияти ҷаҳониён мусоидат намоянд.

Воқеан, рафти зиндагӣ ва доман паҳн намудани терроризми байналхалқӣ имрӯз аксари кулли кишварҳои ҷаҳонро водор намуд, ки маҳз ҳамин роҳу равишро пеш гиранд.

Бояд гуфт, ки дар чунин шароит шеъри сулҳпарвари Мирзо Турсунзода ҳамоҳанги маҷрои ҳаёт аст ва имрӯз ҳам хеле замонавӣ садо медиҳад.

Вобаста ба ин мехоҳам бигӯям, ки адибон ва тамоми зиёиён бояд аз зиндагиномаи устод Мирзо Турсунзода сабақ гиранд, дар ҳаёт мавқеи фаъоли граждаиниро ишғол намоянд, бо сухан ва ҳунари муассир ғояҳои олӣ ва ҷовидона – сулҳ, ваҳдат, худшиносии миллию ватанпарастиро дар дилу шуури наслҳои нав ҷой намоянд ва арзишҳои пешқадами умумибашариро дар ҷомеа тарғиб созанд. Вазифаи муқаддаси зиёиён, қарзи граждании онҳоро мо пеш аз ҳама дар ҳамин мебинем.

Дар давраи ҳозира, ки дар байни халқҳои ҷаҳон ба вуҷуд овардани якдигарфаҳмӣ, қаробати маънавӣ, таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва густариши ҳамкорӣ ҳамчун омили асосии сулҳу саодати башарият тақозои ҳаёт ва зарурати зиндагӣ ба шумор меравад, мақоми Мирзо Турсунзода ҳамчун сарояндаи сулҳу ваҳдати инсоният боз ҳам баландтар мегардад.

Шеъри Мирзо Турсунзода шеъри миллат ва шеър барои инсоният аст. Тамоми зиндагии ӯ тимсоли хизмати содиқонаи як фарди зиёӣ ба нафъи халқу Ватани хеш мебошад.

Устод Мирзо Турсунзода воқеан Қаҳрамони Тоҷикистон аст. Меҳри ӯ дар ошёни баландтарин–дили халқ маъво гирифтааст ва халқ хотираи неки фарзанди маҳбуби хешро то абад ҳифз хоҳад кард.

Ташаккур!

*Шароф РАШИДОВ*

## ДӮСТИ МО, БАРОДАРИ МО

Решаҳои дӯстии халкҳои ӯзбеку тоҷик ба қаъри асрҳо рафта мерасад. Ҳангоме ки кас дар ин хусус ба андеша меравад, дарҳол номи ду шахси бузург–Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ба хотираш меояд. Агар образнок карда гӯем, ин ду инсони мӯътабар ду қаноти тавоноеанд, ки мурғи муқаддаси дӯстӣ ва маданияти халқҳоямон парвози баланди худро бо ёрии онҳо дар тӯли қарнҳои зиёд идома дода меояд. Ин азаматҳои рӯҳу афкори инсонӣ ба ҷангу ҷидолҳои байниҳамдигарӣ қудрату тавоноии бародарӣ, сулҳҷӯӣ, ҳамкорӣ ва муборизаи якҷояро барои ояндаи саодатмандона муқобил гузоштаанд.

Ҳар як давру замон ташбеҳи шоиронаи худро тақозо мекунад. Вале мурғи муқаддаси дӯстии байни тоҷикону ӯзбекон парвози баланди худро давом дода, Ҳокимияти Советӣ, халқҳои ба якдигар қадрдонамон ва маданияти нави онҳоро, ки беҳтарин падидаҳои эҷоди халқро аз замонҳои қадимтарин гирду ғун карда омадааст, тараннум менамоянд. Худро пари ин мурғи бахт ҳис кардан барои ҳар як шоир саодати бузургест. Ва бо камоли дилпурӣ метавон гуфт, ки оне, ки ман имрӯз дар васфаш суханронӣ мекунам, яке аз зеботарин шоҳпарҳо ҳисоб меёфт. Калимаи «пар» ду маъно дорад, ки як маънояш қалам аст. Вақте ки сухан дар бораи қалами нависанда меравад, ман боварии комил дорам, ки тамоми чакидаҳои килки гуҳарбори Мирзо Турсунзода ба хазинаи маданияти тамоми халқҳои мамлакатамон абадӣ дохил мегардад.

Ашъори муассир ва хушобуранги шоири заковатманд ва соҳибдил, ки он ба тамоми одамони мамалакати мо нигаронда ва бахшида шудааст аз доираи республика ва Давлати Советии мо баромада, ба ҷойҳои дур парвоз карда рафтааст. Ин ашъор, ки рӯҳи онро фикру андешаҳои ҳимояи сулҳу амният, бародарии халқҳои сайёраамон фаро гирифтаанд, оламиёнро ба иттиҳоду якдилӣ дар мубориза ба муқобили империализм ва нажодпарастӣ даъват мекунад. Мирзо Турсунзода муддати қариб ним аср дар ҷодаи адабиёти советӣ ҳамчун шоир, дра-

матург, публисист хизмат ва меҳнат кард ва истеъдоди беназир ва пурҷилои хешро ба халқу Ватан, ба кори бузурги сохтмони коммунистӣ сарф намуд. Шиносоии мо соли 1949 оғоз ёфт, ки мо ҳарду он вақт раиси правленияи Иттифоқи нависандагони республикаҳои худ будем. Мирзо Турсунзода аз худи ибтидо ба ман таассуроти хубу амиқ гузошт. Ӯ марди серғайрат ва фаъол буд, назари фароху ақли гиро дошт ва санъаткори ҳақиқӣ буданаш ҳис карда мешуд.

Ман аз ин пеш ҳам дар хусуси Мирзо Турсунзода бисёр суханони нек шунида, асарҳояшро хонда будам. Каломи оташин ва пурэҳтироси ба ҷанговарони тоҷик нигаронидаи шоир, ки онҳо бар зидди немисҳои фашист дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ меҷангиданд, шеърҳои баландмазмун ва баландсанъати ба ҷашни 30-солагии Октябри Кабир бахшидаи ӯро дар хотир доштам. Шеърҳои дар ниҳоди худ ҳарорати баланди гражданӣ доштаи ӯ дар дил ҳиссиёти комили ватанпарварӣ бедор мекарданд ва бо амиқии фикр касро ҳайрон менамуданд. Акнун, баъди бо ӯ шахсан шинос шуданам, ман тамоми чизҳои то он вақт навиштаи шоирро хонда баромадам. Баъзе шеърҳояшро гаштаю баргашта мехондам, ки онҳо ниҳоят моҳирона навишта шуда буданд.

Соли 1957 комитети ташкилии оид ба даъвати Конференсияи якуми нависандагони мамлакатҳои Осиё ва Африка дар Тошкент таъсис гардида буд. Маро шарафе муяссар гардид, ки раиси ин комитет бошам. Мирзо Турсунзода яке аз фаъолтарин аъзои ин комитет буд. Равобити эҷодӣ ва алоқаи шахсии ӯ бо аҳли адаби тараққипарвари мамлакатҳои Африкаю Осиё аз бисёр ҷиҳат кори моро сабук кард. Он вақт Мирзо Турсунзода аллакай ҳамчун муаллифи достонҳою манзумаҳои «Ман аз Шарқи озод», «Садои Осиё» ва «Ҳасани аробакаш» хеле машҳур гашта буд. Ин асарҳояш, мисли достонҳои баъдтар офаридаи ӯ – «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремль» ва ғайра дар мамлакатҳои Шарқи хориҷӣ сазовори диққату таваҷҷӯҳи доираи васеи хонандагон гардида буданд.

Масалан, силсилаи шеърҳои ӯ «Ман аз Шарқи озод», ки аз рӯи принсипи қиёси наву кӯҳна офарида шудааст, дар бораи роҳи реалии дигаргунсозиҳои кишвару ҷамъият, роҳҳои мубориза баҳри бахту саодати халқ хеле равшану фаҳмо нақл мекунанд. Мирзо Турсунзода бо ин асари худ дар пеши назари

хонандагон на фақат ҳамчун лирики ҳунарманд, балки ҳамчун публисисти оташинсухан ва шоири мубориза роҳи адолат падид меояд.

Ҳангоми сафарҳои якҷояамон дар мамлакатҳои Осиё ва Шарқи Араб борҳо медидам, ки чӣ гуна анбӯҳи мардум–ошиқони шеър ин намояндаи барҷастаи адабиёти сермиллати советиро бо меҳру муҳаббат ва мамнуният истиқбол менамуданд. Ба ӯ гулу табассум ҳадья карда, аҳлона ва хушҳолона каф мекӯфтанд. Вақте ки шоир шеърҳои худро мехонд, ҳозирон гӯё саропо гӯшу ҳуш мешуданд. Образи офаридаи ӯ– Ҳасани аробакаш барои ҳазорон–ҳазор одамон як амри воқеии баҳсноталаб гардид. Дар симои ин ҷавони тоҷик гӯё азобу машаққати дар давоми асрҳои зиёд кашидаи халқ, ҷустуҷӯ ва ҷаҳду ҷадали ӯ дар роҳи ҳақиқату адолат ва саодат, таҷассум ёфтааст. Охир, Мирзо Турсунзода худ дар солҳои кӯдакӣ чӣ будани меҳнати вазнини ҷисмонӣ ва эҳтиёҷу ниёзмандиро аз сар гузарондааст. Танҳо Октябри Кабир ба рӯи ӯ– писари дуредгари деҳотӣ роҳи осудаҳолӣ, маърифат ва маданияти баландро бикшод.

Мирзо Турсунзода ватандӯсти ҳақиқии мамлакати советҳост. Вай ояндаи дурахшони халқи тоҷикро дар оилаи ягонаи халқҳои бародари советӣ, ки коммунизм сохтанро мақсаду мароми худ қарор додаанд, медид. Ӯ дар шеърҳояш дар ин хусус бо ифтихор ва сарбаландӣ ҳарф мезад, ҳақиқати зиндагӣ, афзалияти сохти давлатӣ ва ҷамъиятии моро дар лавҳаҳои воқеӣ тасвир ва тавсиф карда, дигар халқҳои бародари Шаркро низ даъват менамуд, ки аз ваҳдати халқҳои советӣ ибрат гиранд. Дар шеърҳои ба Москва, халқи бузурги рус, роли барҷастаи он дар мубориза ба муқобили ғуломиву қашшоқӣ, бар зидди империализм ва яроқнокшавии бошитоб бахшидааш меҳру муҳаббати беҳамто ва беинтиҳои ӯ ифода ёфтаанд. Шоир дар бораи роли прогрессивии забони русӣ, адабиёти бузурги классикию советии рус дар тақдири маданияти ҳамаи миллату халқиятҳои Иттифоқи Советӣ бо камоли миннатдорӣ ва сипосгузории хос сухан меронад.

*Дар он забон, ки дилошӯб назми Пушкин аст,*
*Суруди форами Татьянаю Онегин аст,*

*Дар он забон, ки баромад садои «Аврора».*
*Бигуфтамат, ки:*
*Ҷаҳони азими ман ин аст.*
*Ҷаҳон шинохт агар номи Тоҷикистонро,*
*Садои оқини мо –*
*Ҷамбули қазоқонро,*
*Замини сабзу самарбахши*
*Ӯзбекистонро*
*Забони рус интишор*
*кардааст онро.*

Садои муассири даъваткунандаи Мирзо Турсунзода дар тамоми гӯшаю канорҳои олам шунида мешуд, зеро дили шоир пур аз меҳру муҳаббати одамони оддӣ буд. Фикру андеша, ташвишу тараддуд ва азобу машаққате, ки меҳнаткашони Ҳиндустон ва Покистон, Эрон ва Миср, Ветнам ва Корея аз сар мегузаронданд, ӯро ором намегузоштанд ва дар ин хусус вай пайваста фикр мекард. Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» дар ин хусус мисоли барҷастаест. Фикру андешаи шоир дар бораи қисмати одамони оддӣ – ҳиндуҳо, афғонҳо, арабҳо, эрониҳо ҳеҷ касро ором ва бепарво гузошта наметавонист. Бинобар ҳамин иштироки Мирзо Турсунзода дар кори комитети ташкилӣ боиси муваффақияти кори форуми таърихии нависандагон гардид, ки моҳи октябри соли 1958 дар Тошкент баргузор шуд. Ба ин конференсия бисёр адибони Шарқи хориҷӣ ҳозир шуданд. Фаъолияти пурҷӯшу хурӯши Мирзо Турсунзода ва обрӯю эътибори калони ӯ боиси муҳайё шудани муҳити якдигарфаҳмӣ ва дӯстии иштирокчиёни он гардид. Чунон ки маълум аст, конференсияи мазкур ба консолидатсияи ташкилӣ ва эҷодии нависандагони тараққипарвари ду қитъаи олам асос гузошт.

Ҳаракати халқҳои мамлакатҳои Африка ва Осиё дар зери шиори мубориза барои сулҳи пойдору устувор, барои бехатарӣ ва ҳамкории халқҳо ва прогресси сотсиалӣ сол аз сол мустаҳкам мешуд, инкишоф меёфт ва пурқувват мегашт. Дар ин бобат ҳам иштироки шахсии Мирзо Турсунзода, ки дар давоми 20 сол раиси Комитети советии якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африка ҳисоб меёфт, роли калон бозид. Суханони ҳаяҷоновар ва илҳомбахши ӯ дар кучоҳое шунида намешуданд!

Деҳлӣ, Қоҳира, Алҷазоир, Стогольм, Конакри, Гавана, Бейрут…

Ба Куба ҳамроҳи Мирзо Турсунзода сафар карданамон дар ёдам нақш бастааст. Ба он ҷо мо дар ҳайати вакилони советӣ барои иштирок кардан дар Конференсияи якуми якдилии халқҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ рафтем. Ба Гавана дар арафаи соли нави 1966 ворид гаштем. Дар меҳмонхона ҷой гирифтан замон ба тамошои пойтахти Куба баромадем. Тамоми хиёбону кӯчаҳо бо шиору плакатҳо, байраќу байрақчаҳои сурх ороста гардида, пур аз одамоне буданд, ки ҳама дар бар либосҳои идона доштанд. Дар ҳама ҷо садои мусиқӣ ва суруд танинандоз буд. Дӯсти тоҷики ман ба гаштугузори халқи меҳнатдӯсту ғаюре, ки ҳафтодсолагии револютсияи музаффари худро ҷашн мегирифт, нигариста, қалбаш аз суруру шодӣ лабрез мегашт ва чашмонаш барқ мезаданд. Мирзо Турсунзода дар бораи ҳар як чизи дида ва шунидааш бо рӯҳбаландии калон сухан ронда, ҳар замон қалам ба даст мегирифт ва дар дафтарчааш шитобкорона чанд сатре менавишт. Қалби ҳассоси шоир шеър тавлид мекард…

3 январь конференсия кушода шуд, ки барои дар он иштирок намудан аз 82 мамлакати қитъаҳои Африкаю Осиё ва Америкаи Лотинӣ 512 нафар вакилон омада буданд. Кори он дар вазъияти хеле мураккабе ҷараён дошт. Душманони сулҳ ва прогресс бисёр кӯшишҳои барабас ба кор бурданд, ки дар байни ҳайатҳои вакилон ҷудоӣ андозанд, дар қалъаи иттиҳоду ягонагии онҳо рахнае кушоянд. Аз минбари конференсия ва дар долону роҳравҳо дар хусуси бефоида будани ин кор, лузумат надоштани иттиҳоду ягонагии қувваҳои халқҳои се қитъа баъзан овозҳои иғвогарона ба гӯш мерасид. Ба ин муносибат маро ба хотир меояд, ки Мирзо Турусунзода ҳамчун муборизи оташинсухан ва оташинқалб чӣ гуна ба онҳое, ки мехостанд ба кори конференсия халал расонанд ва дар байни вакилон ҷудоӣ андозанд, зарба мезад.

Вақти ки конференсияи Гавана ба охир расид, барои мо – фиристодагони мамлакати советӣ эҳсоси он чиз гуворо буд, ки кори пуршиддати бетанаффус, шабу рӯз бурдаамон самара дод. Бори аввал дар рӯи замин иттиҳоди мустаҳками халқҳои Осиё, Африка ва Америкаи Лотинӣ пайдо шуд ва арзи вуҷуд намуд. Ин форум дар ҳаракати якдилӣ марҳилаи сифатан нав ва ба-

ланде гардида, ба ҳамкории халқҳои се қитъа дар муборизаи зиддиимпериалистӣ асос гузошт.

Оре, Мирзо Турусунзода дар ҷаҳон дӯстони бисёре дошт, вале ӯро душманон, мухолифони идеявӣ низ кам набуданд. Вақту мавридаш ояд ӯ бо онҳо рӯирост, сахт мубоҳиса ва талош мекард. Ва дар ин сурат муросо гуфтанӣ чизро намедонист. Дар айни замон ин корро ӯ на фақат аз минбари конференсияю форумҳои байналхалқӣ, балки дар шеърҳояш ҳам давом медод. Бо ҷӯшу хурӯш баҳсу мунозира бурдан, бо мухолифони идеявӣ мутлақо созиш накардан, саъю кӯшиши ба одамони оддӣ кушода додани ҳақиқат ба тамоми эҷодиёти ӯ хос аст. Дар асарҳои вай байни офаридаҳои лирикӣ ва публицистӣ ҳад ва тафриқае наметавон ёфт. Вай овози худ– овози шоири нотиқ, шоири мунодиро, ки ба халқҳои Шарқ нигаронида шуда буд, ҳам дар вақти ба муқобили Миср таҷовуз сар кардани истилогарони Исроил, ҳам дар вақти байни Ҳиндустону Покистон сар задани ҷанҷоли ҳарбӣ баланд намуд. Вай халқҳои қаҳрамони Вьетнам ва Куба, Алҷазоир ва Конгоро бародарвор дастгирӣ ва тарафдорӣ мекард, аз корнамоиҳои Фидель Кастро ва Патрис Лумумба ба ваҷд меомад, бо бисёр ходимони тараққипарвари олам муносибати дӯстона барқарор менамуд ва риштаҳои онро беш аз пеш мустаҳкам мекард.

Дар хусуси он, ки чӣ воқеаҳои байналхалқӣ рӯй доданду онҳо дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода чи тавр инъкос ёфтанд, боз бисёр сухан рондан мумкин аст. Вале беҳтар аст, ки ба худи асарҳои ӯ муроҷиат намоем. Тахминан ҳар сатреро кас хоҳад, гирифта, аз он метавонад бе душворӣ пай барад, ки шоир ба тапиши дили инсонӣ чӣ гуна зиракона ва ҳушьёрона гӯш медод, чи тавр аз ғаму ташвишҳои одамони оддии сайёраамон зуд огоҳ мегашт ва ғами онҳоро мехӯрад, проблемаҳои актуалии замон барои ӯ то чӣ дараҷа наздику қарин буданд.

Мирзо Турсунзода Лауреати мукофотҳои Ленинӣ ва Давлатӣ, инчунин сазовори ҷоизаи ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру гардида буд. Вай Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, аъзои ҳақиқии Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон буд ва халқ ӯро борҳо депутати Совети Олии СССР интихоб кард. Саҳми Мирзо Турсунзода дар тараққиёти адабиёти советии тоҷик, тамоми адабиёти сермиллати мамалакати мо, дар муборизаи халқҳои сайёра барои сулҳ ва прогресси социалӣ бузург ва бебаҳост.

Аз нахустин рӯзҳои шиносоиамон то рӯзҳои вопасини ҳаёти шоир ману Мирзо Турсунзодаро риштаҳои канданашавандаи ҳамкории эҷодӣ ва дӯстии инсонӣ мепайваст ба бунёди ин эҳсоси гарму самимии мо аз шираю шарбати кишвари азизамон баҳра бурда, ба шарофати дӯстии бофайзу баракати халқҳоямон рӯз аз рӯз мустаҳкам мегашт. Дар мамлакати мо гузаронидани ҳафтаю даҳаҳои адабиёту санъат, мубодилаи доимии маданӣ ва аз неъматҳои маънавии якдигар баҳраманд шудани халқҳоямон кайҳост, ки анъана шудааст. Чунин даҳаю ҳафтаҳо дар республикаҳои мо низ гузаронида мешуданд.

Даҳаи адабиёту санъати тоҷик, ки соли 1968 дар Ӯзбекистон баргузор гардид, маро ба хотир меояд. Он вақт бисёр вохуриҳо, муҳокимаҳои эҷодӣ ва сӯҳбатҳо на фақат дар вазъияти расмӣ, балки дар паси дастурхон, дар ҳавлии ӯ дар Душанбе ва дар хонаи ман дар Тошкент ҷой доштанд. Ин вохӯриҳо бо Мирзо Турсунзода дар дилу хотири ман осори амиқ гузоштааст. Ӯ дониши фаровон дошт ва мусоҳиби бисёр оқилу доно буд, як дақиқа ҳам вазифаи баланду масъулиятноки шоирро фаромӯш намекард. Ҳар вақт ва ҳар як каломи сатрро вай бо ҳаёти одамони оддӣ, бо нафъу фоидаи онҳо, бо муборизаи онҳо барои ояндаи дурахшон андоза ва қиёс мекард. Вай дар ин хусус сухан ронда, бо қаноатмандии бузург дар бораи комьёбиҳои барҷастаи дар солҳои Ҳокимияти Советӣ на фақат дар соҳаи маданият, санъат ва адабиёт, балки пеш аз ҳама дар саноат, хоҷагии қишлоқ ва иқтисодиёт ба дастовардаи халқҳои ӯзбек ва тоҷик гап мезад.

Ӯ барои халқи худ, ҳамчунин барои ҳамаи дигар халқҳо ба ҷуз сохтани ҷамъияти социалистӣ ва коммунистӣ дар таҳти роҳбарии партияи бузурги Ленин роҳи дигареро намедид ва намедонист. Ӯ, ки борҳо Депутати Совети Олии СССР, вакили съездҳои партия интихоб шуда буд, дар хусуси табаддулоти азим, планҳои панҷсола, дар хусуси роле, ки мамлакати мо дар мубориза барои сулҳ мебозад ва таягоҳи прогресси социалӣ ва амнияти халқҳо мебошад, ба ҳарорат ва рӯҳбаландии калон сухан меронд. Мирзо Турсунзода бо халқи азизаш ҳамеша ҳамнафас буд, барои тақдиру қисмати он, барои ҳозира ваояндаи вай масъулият ҳис менамуд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки аз муваффақияти дар мубориза ба муқобили асорати мустамаликдорӣ ба дастовардаи давлатҳои навбуньёди Африка,

ба назарам ҳамчун муваффақияти халқи худ изҳори хушнудӣ ва қаноатмандӣ мекард.

Мирзо Турсунзода ҳамчун шоири мумтози тоҷик, ки беҳтарин анъанаҳои адабиёти бузурги классикии Шарқро мерос гирифта, давом ва инкишоф додааст, чун шогирди Садриддин Айнӣ назари худ – назари мутафакир ва каломи шоиронаи худро на фақат ба тоҷикон – гражданинҳои Тоҷикистони советӣ, балки ба халқи меҳнаткаши Афғонистон ва Покистон низ менигаронид. Вай он замонеро орзу мекард, ки меҳнаткашони ин мамалакатҳо ба мубориза́и револютсионӣ ба по мехезанд ва ба роҳи сохтмони ҳаёти нав дохил шуда, пеш мераванд. Вай дар ин хусус дар шеърҳои худ менавишт ва суханони даъватбахши вай на танҳо дар ҳудудҳои берун аз Ватанамон ба гӯш мерасид, балки ба дилу шуури одамони оддӣ роҳ ёфта, дар замири онҳо боварӣ ва умедро барои зудтар аз юғи асорат халос шудан тақвият медод.

Мирзо Турсунзода андаке пеш аз Инқилоби саври Афғонистон оламро падруд гуфт. Вале ӯ ин инқилобро пешгӯӣ карда буд, онро интизорӣ мекашид ва ташнаи он буд, барои вай кор мекард ва бо худи ҳамин ба ин кори мӯътабару наҷиб, ки онро худи таърих як амри ногузире гардонда буд, алоқадри ҳол, ҳиссаи хеш – ҳиссаи суханварро гузошт.

Акнун ба эҷодиёти Турсунзода баҳо дода ва роҳи дар ҳаёт тайнамудаи ӯро фикран пеши назар оварда, мо аз он мефахрем, ки сохти сотсиалистии мо, адабиёти сермиллати советии мо чунин адиби забардастро тарбия намуда, ба камол расонд ва ӯ ба оламу оламиён ин қадар асарҳои олиҷаноб ҳадя намуд. Тамоми ҳаёти Мирзо Турсунзода дар пеши назарамон ҳамчун мисоли дурахшони тантанаи идеяҳои Ленини Кабир – идеяҳои дӯстии бародаронаи халқҳо, бунёдкории коммунистӣ, мубориза барои сулҳу осоиши тамоми ҷаҳон ҳувайдо мегардад.

*Чингиз* ***АЙТМАТОВ***

## ШАХСИЯТИ БЕНАЗИР

Ман дар бораи Мирзо Турсунзода бо мамнунияти тамом ва дар айни замон бо дареғу афсӯси зиёд хотира мегӯям. Бо мамнуният мегӯям, чаро ки ба ёд овардани шахсе, ки барои кас хеле мавриди таваҷҷӯҳ ва аҳамият будааст, ёдоварадааро завқу хурсандии калон мебахшад. Бо дареғу афсӯс – барои ин ки ман дар ин маврид ҳаргиз хоҳиши хотирагӯй шуданро надорам. Ӯ дар синну соле ба ин ҷаҳон видоъ гуфт, ки ҳанӯз вақти дар бораи марг фикр кардан набуд. Ӯ боз даҳ–понздаҳ соли дигар, балки бештар аз ин умр дида, кор карда, дар байни мо буда метавонист. Вале чӣ бояд кард, ки зиндагӣ чунин сохта шудааст. Яке дер ва дигаре зудтар бо он видоъ мегӯяд ва фақат баъд аз рафтанаш мо ӯро аз даст додан ва аз ӯ ҷудо шудани худро ҳис мекунем. Ин то андозае як кӯшиши инсон аст дар мубориза кардан бо марг ва бар хилофи тақдир барои аз фаромӯшӣ боз доштан ва ба наслҳои оянда расонидани симо, афкор, афъоли касе, ки аз байн рафтааст ва ин ҳодисаи зиндагӣ ба силсилаи беинтиҳои ояндаву равандагон асос ёфтааст.

Аввалан бояд бигӯям, ки ман дар бораи Мирзо Турсунзода як ришта тасаввурот ва таассуроти умумӣ ва шахсӣ дорам. Вай барои ман ҳамеша як намояндаи барҷастаи маданият ва адабиёти қадими тоҷик будааст ва ҳаст. Дар айни замон вай як симо ва шахсияти ба тамоми маъно муосир мебошад. Ӯ ин сифатҳоро дар шахсияти худ ба таври хеле мутаносибе тавъам муҷассам мекард. Ӯ намояндаи маданияти асли шарқӣ буд, ки ин дар эҷодиёташ, дар тарзи тафаккур ва тамоми тарзи зиндагиаш зоҳир мегашт.

Ҷиҳати дигари хотироти ман ба муносибати шахсиам бо Мирзо Турсунзода дахл дорад, азбаски ба ман хушбахтии солҳои зиёд бо вай паҳлӯ ба паҳлӯ истода кор кардан насиб шудааст. Чунон ки ба шумо маълум аст, ӯ аввалин раиси Комитети якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо буд, ки ин комитет то ҳол вуҷуд дорад ва ман дар ин комитет ба сифати муовини вай кор кардаам. Ин ба ман барои гап задан дар бораи муносибатҳои шахсиам бо вай имкон медиҳад.

Мирзо Турсунзода як шахсияти бе мислу назирест. Мушоҳида мешавад, ки ҳар як насли нав бо худ чизҳои ба худаш хос, хосиятҳои тозае меовард ва дар айни замон хислат ва хосиятҳои пештарaро аз даст медиҳад. Чунон касеро ёфтан душвор аст, ки дар симо ва шахсияти худ анъанаҳои пештара ва проблемаҳои хоси имрӯзаро тавъам фаро гирифта бошад.

Мирзо Турсунзода марди аз ҷиҳати сиёсӣ варзидаву пухта, коммунист, арбоби барҷастаи ҷамъият ва дар айни замон рӯҳан ва фикран бо тамоми халқи худ вобаста ва алоқаманд буд.

Дар ин ҷо сухани худро аз хотираҳои шахсиям сар кардан мехоҳам. Ман ҳанӯз ҷавони наврас ва нависандаи навкоре будам. Аммо Мирзо шоири шӯҳратманд ва мавриди қабули умум буд. Ман қабл аз шахсан шинос шуданам дар борааш бисёр суханҳо шунида будам. Таърихи аввалин мулоқотам бо вай дар Тошкент, дар кадом як ҷамъомад, аниқ гуфта наметавонам, гӯё дар аввали солҳои шаст, вақти барҳаётии Ғафур Ғулом буд. Ман он вақтҳо ҳанӯз ин қадар тезгузар будани зиндагиро ва зарурати ба хотир супоридан ва дар ёд нигоҳ доштани ҳар як воқеаро дуруст дарк накарда будам. Боварӣ доштам, ки зиндагӣ бепоён аст ва мо ҳамеша бо ҳам ва дар як ҷо хоҳем буд. Дар наздикии Тошкент дар дарчаи Дурмен дар меҳмонхонае ба як ҷо афтода мондем, ба ғайри ин мо дар Кировобод ва ҷойҳои дигар низ ҳамсафар будем.

Боре, бегоҳӣ дар хонаи Ғафур Ғулом ҷамъ омадем. Ман нависандагони номдори замони худро бори аввал буд, ки дар шароити муқаррарӣ, дар маҳфили дӯстона медидам. Аввал ин ки хонаводаи Ғафур Ғулом калон ва серфарзанд буд. Аз ин хонаи калон аз меҳмоннавозӣ ва меҳрубонии соҳибонаш ҳама хурсанд буданд. Дастархони пурнозу неъмат ороста буд. Дар нишасти дӯстон, ҳамкор ва ҳамфикронаш худро хеле хуб ҳис кардани Мирзо Турсунзодаро медидам ва дар айни замон ба вай чӣ навъ эҳтироми калон доштани ҳозиронро ҳис мекардам. Ҳар нутқкунанда кӯшиш мекард, ки ба Мирзо муроҷиат намояд ва Мирзо низ аз ҳар як нутқ, аз ҳар як фикру сухан мутаассир гардида, ҷавоби бамавқеъ мегуфт. Хурсандӣ, ҳозирҷавобӣ ва хушсӯҳбатии Мирзо ба дигар ҳамнишинонаш низ таъсир мекард.

Афсӯс, ки ҳофизаи ман хуб нест ва шеърро дар ёд нигоҳ

дошта наметавонам. Шеърро бисёр мехонам, аз шеър дониш фаро мегирам ва завқ мебарам, ба қадру арзиши шеър мерасам ва ба сухани шоирона баҳо дода метавонам, лекин шеърро дар хотир нигоҳ дошта наметавонам. Бинобар ин ба ман сӯҳбати оншаба хеле мароқовар буд. Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом дар донистани назми қадими форсӣ гӯё бо ҳамдигар мусобиқа доштанд. Онҳо мувофиқи ҳар маврид, дар сари ҳар як гап аз адабиёт мисол меёфтанд, ривояте, ҳикояте ё аз масале нақл мекарданд. Барои ман шабнишинии хеле аҷоибе буд, чунки дар ин нишаст ман бо ду нафар – бо Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом шинос шудам, ки бо дониш, бо истеъдоди худ шарорапошӣ мекарданд. Нақли хотироти худро аз ҳамин шабнишинӣ сар кардан мехоҳам, ки он баъд аз гузашти солҳо бо сӯҳбат дар хонаи ман хотима ёфтааст.

Боз ба шабнишинии аввал бармегардам, ки то дер вақт давом кард, вале ман чӣ хел гузаштани вақтро нафаҳмида мондам. Соати се ё чори шаб, вале боз ҳам эҳтироси мусоҳибон дар атрофи назм ва илҳом ҷушу хурӯш дошт. Чӣ пинҳон кунам, ки машрубот низ ба тасфидани сӯҳбат ёрӣ медод. Бе ин намешавад. Мо медонем, ки шароб баъзан дар расидан ба моҳияти масъалаҳо ёрӣ медиҳад, аммо ба кас зарар ҳам оварда метавонад. Ин сӯҳбати хеле олӣ ва дилкаш метавон гуфт, ки маҳфили ҳамбастагӣ ва мусобиқаи хирадмандон буд.

Ба хотир дорам, ки Мирзо Турсунзода он шаб чандин бор ба ман таваҷҷӯҳ ва илтифот карда, гуфт, ки дар байни мо нависандаи ҷавоне ҳузур дорад, ки аз он умедҳои калон чашм дошта метавонем. Ман бо Ғафур Ғулом низ аввалин бор дар ин шаб шинос шудам.

Ҳоло ба ёд надорам, он шаб дар сари кадом масъалаҳо гуфтугӯ мерафт, лекин ҳамин қадарашро нағз ба хотир дорам, ки сӯҳбати хеле хуш ва гарму ҷӯшоне буд. Онҳо аз сӯфӣ ва дарвешоне сухан ба миён оварданд, сӯҳбат ба назми сӯфиёна ва ба фалсафа анҷомид. Онҳо бо ҳам шӯхиҳо мекарданд. Ҳофиз ва Хайёмро ба ёд меоварданд.

Ман ва Мирзо Турсунзода бо ҳамдигар бо ду роҳ алоқаманд будем: кор дар Комитети якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ва дар Комитети мукофотҳои Ленинӣ ва давлатӣ дар соҳаи адабиёт. Соле камша се–чор бор бо ҳам вомехӯрдем. Мирзо Турсунзода дар Комитети мукофотҳои Ленинӣ ва

давлатӣ эҳтироми басо зиёде дошт, вале вай аз ин мавқеъи худ ҳаргиз сӯиистифода намекард, фикри худашро ба дигарон ҳатман қабул кунонданӣ намешуд. Аммо вақте ки баромада фикр баён кардан, ақидаи худро ба миён ниҳодан, ба таклифе ислоҳ даровардани лозим медонист ва баҳо додан ба он ё ин асар, хусусан асарҳои манзум ва драмутургия лозим меомад, сухани вай вазни махсусе дошт. Ба ин муносибат ман мавқеъшиносӣ ва дар айни замон виқор ва матонати вайро махсусан қайд кардан мехоҳам. Ӯ ҳаргиз худашро аз он чӣ ки ҳаст ва шоистаи мавқеи ӯст, боло бардоштанӣ намешуд. Ин гуна худнамоӣ надошт.

Дар айни замон табиати мулоим, лабхандаҳои ӯ ба ҳама маълумаст. Симои вай дар хотирам ҳамин хел нақш бастааст. Вай дар ҳар як мулоқот касро бо рӯи кушода ва табассум пешвоз мегирифт. Кас дар кадом ҷое, ки бо вай вохӯрад, чӣ дар кӯча, чӣ дар меҳмонхона ва чӣ дар ресторан, ӯ ба дили кас итминон ва оромии хотир илқо мекард. Шояд ман хато мекарда бошам, вале ба назарам чунон менамуд, ӯ марди ҳамеша ором, вазнин ва ботамкине буд, чунон ки баъзан ба мо рӯй медиҳад, дар сари масъалаҳои ҷузъӣ ва ночиз асабонӣ намешуд.

Ба хотир дорам, боре дар бозгашт аз Африка, ки конфренция барпо шуда буд, бо ҳавопаймо роҳи дарозеро паймудан лозим омад. Дар нимаи роҳ ҳавопаймо хеле сахт ба таконхӯрӣ сар кард. Ман умуман дар сафарҳои ҳавоӣ худро бад ҳис мекунам, ҳоло ҳам вақти такон ва талотуми ҳаво асабонӣ шудан гирифтам. Дар ин ҷо Мирзо таклиф кард, ки шоҳмотбозӣ кунем. Ман ҳайрон мондам, шояд вай шӯхӣ мекунад, чӣ навъ дар чунин вазъият шоҳмотбозӣ кардан мумкин аст? Бо вуҷуди хеле пуризтироб будани вазъият Мирзо бо яке аз рафиқон ба шоҳмотбозӣ сар кард. Ин ҳолат дар хотири ман ҳамешагӣ нақш баст ва фаҳмидам, ки вай ба замми тамоми хислатҳои дигараш аз мардонагӣ низ баҳраманд мебошад.

Ҳоло дар бораи вай ҳамчун шоир чанд сухан гуфтан мехоҳам. Албатта вай агар шоири бузурге намебуд, ҳоло шояд аз воқеаҳои муҳим ва дараҷаи дуюмини зиндагониаш ба чунин тафсилот гуфтугӯ ба миён намеомад. Барои қадрасӣ ба назми вай, барои баёни сифатҳои инсонии вай, барои мӯҷассам гардонидани симои вай ин ҳама корҳо карда намешуд. Албатта ман бо ашъори вай асосан ба воситаи

тарҷумаҳои русии онҳо шинос шудаам. Ӯ дар мавридҳои шеър хондан аввал дар забоин модарӣ хонда, баъд ба русӣ тарҷума карда додани шеърҳои худро дӯст медошт. Ман калимаҳои алоҳида, термин ва баъзе суханҳои дар забонҳоямон умумиро мефаҳмидам ва шеър хондани вай ба ман завқи махсусе мебахшид ва дар бисёр мавридҳо ба ин фикр меомадам, ки шеърҳои вай на фақат ҳиссиётпарвар, балки ба ҳамон андоза хирадомӯз низ мебошанд. Як қисми эҷодиёти вай ҷанбаи публисистӣ дошт ва равияи гражданӣ ва сиёсӣ пайдо мекард, лекин шеърҳои соф лирикии инсониаш ҳам зиёд буданд, ки ба мавзӯъҳои ҳамеша ҷовиди зиндагӣ – ба ишқ, ба некию бадӣ, ба масъалаҳои ҳаёту марг дахл мекарданд.

Дар бисёр мавридҳо дар аснои сӯҳбат Расул Ғазматов низ ба мо ҳамроҳ мешуд. Расул аз ҷиҳати хислати одами тамоми дигар – марди пурҷӯшу хурӯш, серҳаракат ва пурҳаёҳуест. Аммо бо вуҷуди ин Расул ва Мирзо бо ҳам дӯсти наздик буданд ва якдигарро дӯст медоштанд. Ман мавридеро ба хотир дорам, ки Расул воқеаро нақл мекард ва Мирзо механдид.

Боре онҳо, равонаи Теҳрон будаанд ва Расул тарҷумон надоштааст, дар сафоратхона низ барои тарҷумонӣ каси муносибе набудааст. Дар ин ҷо роли тарҷумонии Расулро хоҳ нохоҳ Мирзо ба зимма гирифтааст. Мирзо, албатта, дар сӯҳбатҳои хусусӣ, дар мавридҳои маъмул суханони Расулро тарҷума карда метавонист, аммо ба онҳо дар маҷлисҳои калон бо зиёиён ва китобхонаи Теҳрон мулоқот ва сӯҳбатҳо кардан лозим будааст. Дар маҷлисҳо Расул аввал, албатта, ба забони русӣ баромад мекардааст. Ӯ дар бораи худаш, ватанаш Кавказ ва Доғистон, дар бораи Иттифоқи Советӣ, дар бораи назм гап мезадааст ва Мирзо гуфтаҳои вайро тарҷума мекардааст. Боре Расул хушҳолона ва ба оҳанги ифтихор гуфтааст: «Тарҷумони ман, ки дорандаи мукофоти Ленинӣ, академик, бузургтарин шоири тоҷик ва Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Турсунзода бошад, аз ин кӣ будани маро ба хубӣ пай бурда метавонед. Агар тарҷумони ман ин хел одами номдор бошад, пас худӣ ман кӣ ҳастам?»

Расул ин воқеаро дар назди Мирзо нақл мекард ва Мирзо албатта бо мамнуният ханда карда гуфт:

«Дар он ҷо чӣ хел шарм накарда ин гапро гуфтӣ?» Ин ҳодиса боз боре такрор шуда ва шиносонаш аз Мирзо пурси-

даанд, ки ба ростӣ ҳам вай ба Расул тарҷумон шуда омадааст? Баъд аз ин дар сафоратхона ба Расул тарҷумон ёфта дода Мирзо аз ин вазифа халос кардаанд. Мирзо Турсунзода ҳатто ҳамин хел воқеаҳоро ҳам бо мамнунияти тамом нақл мекард. Ӯ дӯстона, беозор шӯхӣ карданро, хусусан бо Расул Ғамзатов метавонист ва дар бораи вай бисёр воқеаҳои ғалатӣ нақл мекард.

Боре дар аснои сафари Эрон онҳо дар шаҳри Нишонпур, ба сари мазори Хайём рафтаанд. Дар мошин Мирзо бо оринҷаш дар кисаи Расул будани чизи сахтеро ҳис кардааст. Бо диққат нигоҳ карда як шиша коньяк будани онро пай бурда: «Гӯш кун, айб аст, барои чӣ коняькро бо худ гирифтӣ? – гуфта пурсидааст. Расул дар ҷавоб: Ман ба зиёрати ҳампиёлаи бузургвори худ чӣ навъ бе дастовез рафта метавонам? – гуфта ҷавоб додаст.»

Расул ва Мирзо дар бораи якдигар ин қабил ҳикояҳои ғалатиро бисёр ва бо шавқи тамом нақл мекарданд. Онҳо ба қадри ҳамдигар мерасиданд.

Ман боз як сӯҳбати начандон шодмандонаи худро бо Мирзо Турсунзода дар арафаи шастсолагиаш ба хотир меоварам. Мо дар меҳмонхонаи «Москва» истиқомат доштем. Пагоҳон одатан дар як ҷо ноништа мекардем. Мо боре мунтазири овардани хӯрок менишастем. Ӯ ба гумонам сахт бемор будан ва нағз набудани вазъияти саломатиашро ҳис мекард, лекин инро зоҳир наменамуд. Ман пай бурдам, ки кайфияташ мисли пештара нест. Ба ӯ гуфтам: «Мирзо Турсунович, чаро шумо имрӯз ин хел ғамгин менамоед? Ҷашни 60-солагиатон дар пеш истодааст. Ҳамаи асбоби зиндагиятон муҳайё, қувваи ҷамъиятиии намоён мебошед, хурсанд буданатон даркор. Мо ба зудӣ барои гузаронидани ҷашни зодрӯзи шумо ҷамъ мешавем», ӯ дар ҷавоб гуфт: «Акнун ҳар як рӯзи зиндагиам барои ман ҷашнест».

Ман он вақт ба чӣ маъно доштани ин ҷумла дурурст пай набурда будам. Ҳоло мефаҳмам, ки вай наздик расидани он чиро, ки вуқӯъаш ҳатмӣ ва ногузир мебошад, ҳис мекардааст.

Мо борҳо дар хонаи дӯстони москвагиамон меҳмон будаем. Ман дар ин нишаст чӣ қадар мавриди ҳурмат ва муҳаббат будани Мирзоро дидаам. Ӯ ба ҳама ҷо табассуми меҳрангез ва шӯхиҳои диловезашро ҳамроҳ меовард.

Ба фикрам рафиқони дигар ҳам ҳаминро ҳамеша ба ёд хоҳад овард. Дар рафтор ва кирдор чӣ қадар содда, бетакаллуф будани ӯро ҳама медонанд. Дар ин хел мавридҳо Мирзо барои дӯстони москвагиаш оши тоҷикӣ пухтанро дӯст медошт.

Ман боз ду мавриди мулоқоти худро бо Мирзо ба ёд меорам. Яке дар рӯзҳои Деҳаи адабиёти қирғиз дар Тоҷикистон ва дигаре дар Деҳаи адабиёти тоҷик дар Қирғизистон. Мирзо дар фурудгоҳи Душанбе ҳайати вакилони моро пешвоз гирифт ва баъд аз дар меҳмонхона ҷо ба ҷо шуданамон ба аҳволпурсии мо омад. Баъд мо ба наҳорӣ хӯрдан ҷамъ шудем. Ӯ хеле хушсӯҳбат ва улфатпазир буд. Ин бори аввал ба Душанбе омадани ман буд. Ӯ хеле мехост, ки мо чӣ хел кишвари зебо будани ин сарзамин ва чӣ хел одамони дилкушод ва хуб будани ҳамдиёронашро ҳис карда бошем. Мо ҳар се – Мӯъмин Қаноат низ бо мо ҳамроҳ буд, – хеле вақт бо ҳам нишастем. Афсӯс, ҳоло, пас аз гузашти замон, ин мулоқотҳо ва ин сӯҳбатҳои ширини дуру дарозро ба тафсил ба хотир овардан ва нақл кардан имкон надорад. Ин рӯзҳо ба шарофати кӯшиш ва ғамхории Мирзо хеле пурмазмун гузаштанд. Ӯ хеле мехост, ки ман меҳру қаробати ӯро нисбат ба худам ҳис карда бошам. Ӯ дар симои худ тамоми ҳамдиёронашро манзури назари мо карданӣ мешуд. Моро бо муҳаббати зиёд, бо ғамхорӣ ва ифтихор бо ҳамдиёронаш шинос мекард, дар бораи намояндагони соҳаҳои гуногун ҳаёти халқи тоҷик гап мезад. Ба ҳамин вобаста ман бо Муҳаммад Осимӣ ва бо Мӯъмин ошноӣ пайдо кардам.

Ӯ Мӯъминро хеле дӯст медошт ва ба истеъдоди вай баҳои баланд медод. Ӯ чӣ дар ҳузури касон ва чӣ дар танҳоӣ инро мегуфт. Боре ӯ дар Москва ба ман гуфт: «Агар ту ба гапи ман бовар дошта бошӣ, сухани маро ба инобат гирифтанат даркор. Ман беҳуда гап намезанам. Ин шоир ба гирифтани мукофоти давлатӣ сазовор аст».

Мирзо Турсунзода марди доираи фаъолияташ васеъ ва ҳамаҷонибае буд. Ӯ ба шоира Гулрухсор Сафиева низ баҳои баланд медод. Ӯ боре Гулрухсорро бо ман шиносонд. Чунон ки ҳоло мебинам вай дар шахси шоирҳою олимони Тоҷикистон маро бо ҳамдиёрони сазовори худ шинос карда будааст. Ман бо Миршакар ҳам ба воситаи Мирзо шинос шудаам.

Дар Душанбе маро ба аҳли маҷлис чӣ навъ шинос кардани вайро бояд ҳама ба хотир дошта бошанд. Ӯ дар бораи ду Чингиз гап зад: яке тахсиркунандаи олам бо шамшер ва дигаре бо қалам. Баъдтар, дар Қирғизистон, дар шаҳри Фурунзе вай фикре баён кард, ки он дар ҳақиқат дар эпоси Қирғиз «Манас» вуҷуд дорад. Коныке зани маҳбуба ва дӯстдоштаи Манас духтари хони Бухоро Қарахон будааст ва дар ҷое тоҷикдухтар будани вай низ зикр ёфтааст. Ӯ ин суханонро бо шеърияти ба худаш хосе, бо рӯҳи шоирона гуфт ва гуфтори худро бо обу ранги махсусе оро дод. Шунавандагон суханони ӯро бо садоҳои баланду пуршӯри таҳсин пешвоз гирифтанд ва ин мулоқотро то имрӯз ҳама ба хотир доранд.

Ин рӯзҳо чӣ дар Душанбе ва чӣ дар Фурунзе барои ман ҷашни бузурге буданд. Ҳама дар ҳаяҷон будем, ки Мирзо Турсунзода, ки марди серкорест, ба Фурунзе меомада бошад ё не? Омадани коллективҳое, ки ин мулоқотҳоро бо рақсу сурудҳои худ оро медиҳанд, хеле хуш аст, лекин будани як лидер – пешвои маънавӣ низ албатта лозим аст. Дар он рӯзҳо Мирзо Турсунзода барои мо ҳамин хел як пешвои маънавӣ буд.

Ин рӯзҳои хуше буданд. Мо қариб ду соат фурсат пайдо карда ба дачаи ман рафтем. Мо дар боғча чой нӯшида сӯҳбат кардем. Ман кинооператорро даъват кардам, ки сӯҳбати маро ба сурат гирад ва дар филми оид ба Даҳаи адабиёти тоҷик истифода намояд. Мирзо дасти хоҳарзодаи сесолаи маро гирифта, дар боғ сайр мекард, ки ин манзара ба сурат гирифта шудааст. Ин сурат – кадрҳо барои ман хеле ёдгории гаронбаҳое мебошанд.

– Мирзо Турсунзода дар меҳмонии ман, дар доираи хонаводаи ман.

Мирзо касе буд, ки шеърият, зебоии каломро хеле нозукона ҳис мекард ва ҳамеша ба ин нукта ҷалби диққат мекард, ки назм – поэзияи Шарқ фазилат ва шоистагиҳои хосе дорад. Инро ҳам бигӯям, ки ӯ бо адабиёти ҳинд низ нағз шиносоӣ дошт, ин хусусан дар аснои як сафари якҷояи мо ба Деҳлӣ ва дигар шаҳрҳои Ҳиндустон, ки ҳоло номи онҳоро ба хотир оварда наметавонам, ба хубӣ маълум шуд.

Мирзо Турсунзода марди ба худ мутмаине, вале дар айни замон аз худнамоӣ ва худпарастӣ дуре буд. Агар барои худаш мароқовар набудани гуфтори сӯҳбаткунандаро ҳис кунад,

кӯшиш мекард, ки номаълумона баромада равад. Раъй ва фикри худро ҳаргиз ба дигарон бор намекард.

Гап задан дар бораи мавқеъ ва аҳамияти вай дар адабиёт ва назми тоҷик кори ман нест. Инро хонандагон хуб медонанд. Ман дар ин ҷо ҷиҳатҳои соф инсонии вай, муносибатҳоямонро гуфтан мехостам. Ӯ касонеро хеле дӯст медошт, ки онҳоро нозук ва олитабиат номидан мумкин аст. Вақти гап задан дар бораи яке аз мавзӯъҳои дӯстоштааш – дар бораи занон хеле бо назокат буд. Дар ин мавзӯъ бо назокати тамом ва бо фасоҳати шоирона гап мезад ва ба тарзи мароқангез фикр меронд. Ба назарам, ин ҷиҳати сазовори тақдире мебошад. Бисёр занон вайро барои ҳамин парастишкорона ҳурмат мекарданд, ки ӯ бо суханон, бо муомилаву рафтор ва бо маданияти ботинии худ дар дили онҳо роҳ меёфт ва шӯр меангехт.

Ман баъзан ҷасорат карда, бо Мирзо оид ба воқеае шӯхиҳое мекардам. Инҳо шӯхиҳои дӯстона буданд, ӯ ҳаргиз аз ин шӯхиҳо озурда намешуд, балки бо як шӯхии хеле нозукона, хеле олӣ ва оқилонае ҷавоб мегардонд. Чунон ки ман медонам инҳо ҳама ҷиҳатҳои хеле олии табиати вай мебошад.

Инсон мавҷуди хеле мураккабест. Шояд Мирзо ҳам ягон хислати манфие дошта бошад, ки дар зиндагии ҳаррӯза, дар оила зоҳир мешуда бошад. Инро ман намедонам, аммо дар ин ки ӯ тарғибкунандаи назми қадими тоҷику форс буд, ҳеҷ ҷои тардид нест. Ӯ намунаҳои зиёдеро аз назми зебои классикӣ аз ёд медонист, мехонд, нақл мекард ва ҳар бор маро бо ин дониши худ мутаҳайир ва мафтун менамуд, ба завқу ҳаяҷон меовард. Ӯ борҳо дар баромадҳояш, дар сӯҳбатҳояш бо ман гуфта буд, ки баъзе шоирони ҷавон дар бораи назми гузаштагон ё тасаввури мубҳам доранд, ё ин ки шаъшааи азамати онҳо пеши чашмонашонро гирифтааст ва бинобар ин ба классикон соф шогирдона тақлид мекунанд. Мирзо Турсунзода устоди бузург ва моҳире буд ва чӣ будани тақлиди кӯр-кӯронаро, ба тарз ва ба услуби гузаштагон мутобиқ кунонидани назми ҳозираро нағз медонист. Ин кор – ҳодисаи бесамар ва беоқибатест. Аз ҳама муҳиммаш ин ки ин тарзи шеър моҳияти ҳодисаҳои замони моро акс кунонда наметавонад. Ҳар як давр ва замон образҳои худро ва шаклу мазмуни ба худ хосе дорад. Ин табиист. Аз қарори маълум ҳақиқат дар ёфтани роҳи миёнаест: анаъна, яъне маҳорати анъанавии гузаштагонро аз пеши

назар дур накарда, ба онҳо такья намуда, ба андухтаҳои онхо ҳиссаи наве зам карда, ба гуфтаи худ садо ва танини нав дода тавонистан лозим аст. Турсунзода инро хеле хуб мефаҳмид ва медонист. Вай тарафдори ҳамин хел фаъолона ва эҷодӣ наздик шудан ба анъана, тарафдори барои образҳо ва ҳодисаҳои замонӣ ёфтани чунон шаклҳои мувофиқе буд, ки аз ҷиҳати фасоҳат ва зебоӣ аз онҳо кам набошанд, ақаллан ба онҳо наздик истода тавонанд. Фақат ин гуна назм замони моро, одами даврони моро муҷассам карда метавонад.

Маълум аст, ки тарҷума кардани шеър кори хеле душворест. Ин хеле хуб аст, ки дар мамалакати сермиллати мо бисёр асарҳо аз забонҳои гуногун тарҷума карда мешаванд. Ин дар шароити мо як кори муқаррарӣ ва ҳамарӯза шудааст, лекин дар мамалакатҳои дигар тарҷума кори тасодуфӣ мебошад. Дар бораи назми Мирзо Турсунзода гуфтан мехоҳам, ки на ҳамаи гуфтаҳои вай чунон, ки бояду шояд тарҷума карда шудаанд. Баъзан дар тарҷумонҳо воситаи ифода камӣ мекунад, онҳо маҳорати кофӣ ва қобилтияти даркориро надоранд. Баъзан мотивҳои хеле публицистӣ, соф гражданӣ диққати тарҷумонҳоро ҷалб мекунад. Аммо дар айни замон, тарҷумаҳои дар ҳақиқат хеле муваффақиятнок ҳам ҳастанд, ки шеърияти Мирзоро ба хонандагони соҳиби забонҳои дигар дастрас мегардонанд.

Шеъри Мирзо Турсунзода ба лирикаи советӣ саҳми маълуме мегузорад. Дар ҳаёти эҷодии мо ба таври доимӣ як амалиёти мубодилаи шаклҳои поэтикӣ, мубодилаи тафаккури поэтикӣ давом дорад. Назми Мирзо Турсунзода ба воситаи забони русӣ бо тамоми забонҳои дигар алоқаманд шудааст ва ба воситаи забони русӣ амалиёти дигаре низ рӯй медиҳад, ки ин ғанитар шудани шеъри миллӣ мебошад. Он шаклҳое, ки Мирзо Турсунзода дар эҷодиёти худ ба кор бурдааст – рубоӣ ва дубайтӣ – ба шоирони дигар, аз ҷумла ба назми рус таъсири калоне расонидаанд. Он шакли шеърҳои вай, ки дар чанд мисраъ манзараи бузурге тасвир меёбад, мӯъҷазӣ ва дар айни замон фасоҳат ва зебоии беҳтарин намунаҳои назми шарқ, бешубҳа, назми моро ғанӣ мегардонад ва ба воситаи амалиёти мутақобил ба вазъи умумии адабиётҳо таъсир мерасонанд.

Амалиёти ғанӣ гардидани адабиёт боиси ба майдон баромадани нависанда ва шоирони дузабона мегардад. Мирзо ҳам

ин ҳодиса ва ин амалиётро инкор намекард. Барои ин ки назм аз чорчӯбаи миллӣ ба хориҷ қадам гузорад, пул – гузаргоҳҳо ва устодони махсусе бояд вуҷуд дошта бошанд, ки онҳо ин пулҳоро месозанд ва соҳилҳои муқобилро ба ҳам пайванд медиҳанд. Шояд ин идеяҳо ҳоло ҳам зид ва муқобилҳо дошта бошанд, вале Мирзо аз ин равиш хеле розӣ буд ва ба ин ҳодиса бо назари хеле мусбате менигарист. Ӯ доираи биниши васее дошт ва масъалаҳоро ҳамаҷониба иҳота карда, ба онҳо наздик мешуд.

Ман ба нависандагон, зиёиёни тоҷик, ворисон ва давомдиҳандагони кори Мирзо Турсунзода некӣ ва муваффақият орзу мекунам. Ба ҷашни 70-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода бо диққат ва қуватти тамом тайёрӣ дидан, ҳамаи имкониятҳоро ба назар гирифта, ба таври шоистае гуаронидани онро орзумандам. Коре кардан даркор, ки юбилей шакли маҷлиси суханоройӣ ва мадҳу ситоиш, ё шакли ёдоварии ғамангезеро ба худ нагирад, ин ҳар дуро чунон бо ҳам тавофуқ додан лозим аст, ки Мирзо Турсунзода дар байни мо набошад ҳам, дар ҳар маврид ҳузураш ҳис карда шавад.

*Расул ҒАМЗАТОВ*

# ГУЛБОҒИ ШОИР[1]

Ману ӯ ҳамроҳ ба водии Ҳисор, ба деҳае рафтем, ки аз он ҷо вай барин фарзанди як нафар тоҷики дуредгар ба олами бузургу мураккаб ва бисёр аҷиби меҳнату мубориза ва шеър қадам ниҳодааст ва дар васфи он ҳанӯз дар ҷавониаш достоне гуфтааст.

Вай дар миёни пирони солхӯрдаи деҳ нишаста буду аз дару тирезаҳо занони кӯдакдор ба сӯяш менигаристанд. Бачагони сарупобараҳна аз лаби бому шохи дарахтон «Мирзо», «Мирзо» гӯён фарёд мезаданд. Муйсафедон ҷониби онҳо бо асоҳои худ таҳдид мекарданд ва бо ҳамин гуфтанӣ мешуданд, ки ба сӯҳбати мо халал нарасонед. Онҳо байни худ аз кору бори аҳли деҳаву мамалакатҳои гуногун, ояндаи диёри худу кишварҳои бегона, вазъияти колхоз ва тамоми дунёи сухан мекарданд ва дар сӯҳбаташон қатраи ҷӯйбору мавҷи уқёнус, суруди саҳариву афсонаи шабҳои пурасрор пайванд меёфт.

Мӯсафедон умри зиёд дидаанду шоир олами бисёр. Сӯҳбати онҳо торафт метасфид. Замоне буд ӯ дар ҳамин ҷо дар назди муллои деҳа дарс мехонд. «Адабчӯби мулло хеле дароз буд, ҳар ҷо, ки нанишинам, ба сарам мерасид», – нақл кард Мирзо.

Дар мактаби деҳа диққати маро харитаи бисёр аҷиби рӯи олам, ки худи мактаббачагон кашидаанд, ба худ ҷалб кард. Дар харита шаҳрҳои тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, ки ҳамдиёри машҳурашон Мирзо Турсунзода сафар кардааст, бо доирачаҳо ишора шудаанд. Дар он миён номи шаҳрҳои Осиёву Африқо, Америкову Аврупо ва пойтахти давлатҳои мухталиф зикр ёфтанд. Вай танҳо харитаи сафарҳои шоир набуда, балки харитаи шеъри ӯ– андешаву ҳиссиёт ва рангу мусиқии ӯст.

Маълум аст, ки дар шоҳроҳи сафар баъзеҳо ҳар он чи ки доштанд, аз даст медиҳанд, дигарон ба ивази он сармояи тозае меёбанд, касони сеюмӣ бошанд ҳар он чи доштанд, афзун мекунанд. Дар шоҳроҳи асри хеш Мирзо на танҳо тоқии тоҷикӣ

---

[1] Ин хотира сарсуханест, ки Расул Ғамзатов ҳанӯз дар вақти ҳаёт будани Мирзо Турсунзода ба маҷмӯаи дуҷилдаи шеърҳои ӯ навишта буд.

ба сар дорад, балки аз он дар ҳама ҷо ифтихор мекунад. Барои ҳамин ҳам ҳатто мардумоне, ки дур аз диёри шоир умр ба сар мебаранд, ба ӯ бо муҳаббат менигаранд.

Ман шаҳри Душанбе – пойтахти Тоҷикистон ҳавлиеро, ки Мирзо Турсунзода зиндагӣ дорад, дидаам. Ҳоло вай панҷоҳу ҳафтсола буда, дар авҷи камолот мебошад. Одатан дар зиндагӣ чунин мешавад, ки одам бо касе вомехӯраду бо вай каробат ва дӯстӣ пайдо мекунад ва мехоҳад, ки ба ватани ӯ, ба хонаи ӯ раваду аз кору бораш хабар гирад. Ҳамин тавр одамон ба хонаи Турсунзода ҳам аз деҳоти дурдаст меоянду ҳам аз кишварҳои бегона. Рӯзе, ки ман дар ҳавлии ӯ будам, дар се хонааш зиёда аз панҷоҳ нафар меҳмонон аз мамалакатҳои гуногун ҳузур доштанд. Дар ҳамин хона Нозим Ҳикмату Николай Тихонов, Файз Аҳмади Файз ва бисёр касони дигар шеър хондаанд. Афсӯс, ки дар хонаи Мирзо барои ояндагон дафтари қайд нест. Вагарна китоби бузурге мебуд, ки аз дӯстиву муҳаббат ва бародарӣ ҳикоят мекард. Вале Мирзо дафтари дигаре дорад, ки боғи ӯст.

Дар ин боғ дарахтони зиёде ҳастанд, ки меҳмонони гуногун шинондаанд. Навдаҳои гулпӯш ва гоҳо хушкидаи онҳо аз сарнавишти мухталифи одамон гувоҳӣ медиҳад. Ба қавли худи Мирзо, дарахт шинондану баҳра бурдан аз он хушбахтии бузургест ва одам бояд ҳамаи инро худаш кунад, дар акси ҳол нашъае намебинад.

Аммо боғбон ҳам дар хонаи худ чун меҳмон аст. Ӯ ба ёди аёлу фарзандонаш аз канори дури олам достони «Ҷони ширин»-ро офарид. Дар он чун шамшеру ғилоф ду ҳиссиёт ба ҳам омезиш ёфтааст: ғами оилаи хешу мардуми дунёи бекарон, муҳаббат ба ёр ва муборизае, ки солҳои зиёди умри худро ба он сарф кардааст. Боғи Мирзо нисбат ба оне ки ба назар мерасад, бузургтар аст. Ӯ дар рӯзҳои ҷамъомади намояндагони мамлакатҳои Осиё, Африқо ва Америкои Лотинӣ дар Куба ниҳоли дӯстӣ шинонд ва мо дар он ҷо аз боғи дар Душанбе будаи Садриддин Айнӣ – устод ва пири Мирзо – ёд овардем, ки дар он ҳамроҳи Мирзо одамони мамлакатҳои гуногун ниҳол шинондаанд Ӯ дар қитъаҳои мухталифи дунё, ки аз он ҷо гузар дошт, ниҳоли дӯстӣ шинондааст ва ба назари ман, миёни ин кор ва назми ӯ қаробате ҳаст.

Бисёр касоне ҳастанд, ки номашон дар акнофу атроф маълум ва машҳур мебошад, вале аксар чун мепурсанд, ки онҳо чӣ навиштанд, номи асарҳояшон ба хотиратон намеояд, мисли он ки онҳо безурётанд ва китобе надоранд. Вақте ки аз онҳо мепурсанд, ки шумо чӣ навиштед, яке мегӯяд, ки «ғазал», дигаре «ҳаҷвия», сеюмӣ – «хитоба», чаҳорумӣ бошад ҳам ину ҳам ону ҳам вай! Ин кӯҳҳову рӯдхонаҳо барои он гумноманд, ки аз худ дар зиндагиву хотири мардум осоре боқӣ намондаанд. Инҳо пулҳое мебошанд, ки ба рӯи дарёҳои набуда ва ё хушкида бино шудаанд. Лекин ин тавр ҳам мешавад, ки кӯҳҳову дарёҳои хурду бузурге низ ҳастанд, ки онҳоро ҳама медонанд ва метавонанд дар бораашон нақлҳои аҷибу ғарибе гӯянд, зеро бо номи онҳо воқеаҳои калону фаромӯшношудание марбутанд.

Агар аз ин нуқтаи назар ба эҷодиёти Мирзо Турсунзода нигарем, мебинем, ки хонанда ба осонӣ аз асарҳои ӯ ном мебарад, ҳарчанд, ки онҳо аз қабили романҳои ғафсу повестҳои маълум ва ё пьесаҳое нестанд, ки дар саҳнаи даҳҳо ва садҳо театр намоиш дода шудаанд. Ӯ шоир аст ва ба мавзӯи худ, чунон ки ба сарзамини хеш садоқат дорад, содиқ мебошад. Вай дар ҳамагуна шароиту вазъият ҳаргиз аз роҳу мароме, ки барои худ интихоб кардааст, қадаме пас намеравад. Рост аст, ки ӯ ҳам мисли бисёр касони дигар ба ин ягонагии хислату тафаккур ва эҳсосоти пок якбора мушарраф нагардидааст.

Аз шарҳи ҳоли Мирзо маълум аст, ки вай ҳанӯз дар хурдиаш аз деҳаашон гурехта буд ва ӯро одамони нек дар хонаи бачагон ҷойгир кардаанд. Ӯ ба олами назм ҳам ҳамин тавр омад, яъне аввал ба хонаи бачагон афтода буд ва дар он дар қатори дигарон иштирок дошт. Вай ба таъҷил очерку повесть, достону либертто менавишт ва бо дигарон ҳамкорӣ мекард. Вай биёбон то биёбон бисёр гашт, то ин ки сарчашмаи худро дарнаёфт ва хештанро нашинохт. Вай ба писарбачае монанд буд, ки ришу мӯйлабаш набаромада бошад ҳам, рӯй метарошид, то нишон диҳад, ки ба балоғат расидааст. Вай ба моҳие монанд буд, ки даруни ҳавз шино мекард – (бисёр шоирони мо аз ҳамин гуна ҳавзҳо об хӯрдаанд), вале дертар ба баҳри пурмавҷу хурушон ва беканору рангини назми мо баромад. Оре, Мирзо пеш аз он, ки «дидам ҷамоле» гӯяд, ҷамоли касони зиёдеро дидааст. Ӯ барои он ки ба ҳама «ман аз Шарқи

озодам» гӯяд, тамоми оламро давр зад. Бале, вай аз Шарқ, Шарқи советӣ аст, фарзанди Тоҷикистон.

Шоирони зиёде ба хориҷа мусофират кардаанд ва аз он ҷо бо худ суруди халқҳои дигарро овардаанд. Аммо «Қиссаи Ҳиндустон»–и Мирзо Турсунзода бо шеърияти баланди худ ва эҳсосоти самимие, ки аз ғами мардуми ҷабрдидаи ҳинд ва фахри кишвари хеш сар задааст, ҳусни таваҷҷӯҳи умумиро ба худ кашид.

Боре вақте ки Мирзо Турсунзода дар шаҳри Бейрут дар ҷамъомади нависандагони Осиё ва Африқо аз муборизаи қаҳрамононаи халқи Вьетнам бар муқобили ғоратгарони америкоӣ ва зиндагии машаққатангези миллионҳо мардумони Осиё ва Африқо сухан кард, намояндагони баъзе мамлакатҳо моро бо он айбдор намуданд, ки гӯё мо, нависандагони советӣ, мехоҳем баҳси адабиёт ва маданиятро ба баҳси сиёсат табдил диҳем. Он вақт Мирзо – раиси Комитети советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо ва шоири маъруф – аз ҷой бархост ва гуфт: «Барои ман санъат ва сиёсат бародарони тавъамонанд».

Оре, Мирзо қувваи назмро ба нафъи давлат равона кард. Қимати «Қиссаи Ҳиндустон»-и ӯ ҳам, ки бист сол қабл аз ин таълиф гардидааст, дар ҳамин мебошад. Дар он нафосати шоирона бо мардию далерӣ, ғаму ташвиши одамӣ бо родмардияш, хоҳишу савганд, раҳмату лаънат, дасти кушоду мушти гиреҳхӯрда омезиш ёфтаанд. Бе ҳамин ду ҷиҳати муҳаббату нафрат ва шодиву ғам «Қиссаи Ҳиндустон» наметавонист ба рӯи олам роҳ ёбад.

Баъзеҳо мегӯянд, ки дар мавзӯи сиёсат шеър гуфтан кори сиёсатмадорон аст ва ин қабил шеърҳо тез фаромӯш мегарданд, умри онҳо мисли либосҳое, ки ба зудӣ кӯҳна ва партофта мешаванд, кӯтоҳ мебошанд. Бале, ҳаяҷони таъҷилие аз ин ва ё он чизе бақо надорад. Лекин, вақте ки шеърҳои сиёсӣ дар қаъри худ изтироби амиқи муаллиф ва хосияти миллии ашъори ӯро доранду фалсафаи ҳаётро ифода мекунанд, умри абад меёбанд. Ду силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» маҷмӯаи шеърҳои «Садои Осиё», достонҳои «Ҳасани аробакаш» ва «Ҷони ширин» ва ғайраҳо аз ҳамин навъи шеъранд Агар насле аз хонандагон дар вақташ онҳоро бо хушнудӣ қабул карда бошад, насли дигараш имрӯз камтар аз пешиниён намедонад. Он

шеърҳо дар муборизаву кор ҳамдаму ҳамнафаси муосири мо мебошанд.

Ёд дорам, Мирзо дар Женева ба ман «Бетараф» ном шеъри худро хонда буд. Ӯ тарафдори он аст, ки Швейтсария мамлакати бетараф бошад, вале дар шеър ва дар муҳаббат, бино ба гуфтаи вай, бетараф будан баробар бо марг аст. Вақте ки шоир дар шеъри худ нисбат ба ҳодисае ё сарнавишти касе бетараф аст, хонанда низ ба асарҳояш ҳамчунин муносибат хоҳад кард. Инро наметавон дар ҳаққи назми Мирзо гуфт. Ман дидам, ки чи тавр Мирзо дар Деҳливу Бомбай ва Панҷоб рӯи қолин нишаста дар мушоира шеър мехонд ва сомеон « баҳ–баҳ», «мошоллоҳ» гӯён ба шоир таҳсину офарин мехонданд ва исрор мекарданд, ки ин ва ё он байту бандро, ки писандашон омада буд, такрор намояд.

Дар Сурия мо дар ресторане ҳамроҳ хӯрок мехӯдем. Чун мизбонон донистанд, ки мо шоир ҳастем, хоҳиш карданд, ки барояшон шеър хонем. Вақте ки мо аз ресторан берун шудем, яке аз шунавандагон ба Мирзо рӯй оварда «ташаккур»гуфт ва қуръони худро, ки барояш чизи бағоят муқаддасу азиз буд, ба ӯ бахшид.

Фурсате чанд пеш аз ин, ҳангоми иди Наврӯз ману Мирзо Турсунзода ба Эрон рафта будем. Номи шоир дар он сарзамин хеле маъруф аст. Рӯзе мо бояд аз Шероз ба воситаи ҳавопаймо ҳатман ба Теҳрон мерафтем. Ногаҳон обу ҳаво тағир ёфту ҳавопаймо парвоз накард. Мо қарор додем, ки таксӣ киро кунем. Аммо марди нозир гуфт, ки ё ронанда нест ва ё мошина. Ману Мирзо бисёр асабонӣ шудем. Он вақт нозир байтеро аз Саъдӣ шафеъ овард, ки намешояд асабӣ шуд (ҳоло ман он шеърро дар хотир надорам). Мирзо аввал хеле хандиду сонӣ худ дар ин мавзӯъ аз осори Саъдӣ ва дигар саромадагони бузурги тоҷик мисол овард. Диспетчер мехост бидонад, ки ин мусофир кист ва вақте ки фаҳмид ӯ шоир Мирзо Турсунзода аст, дарҳол мошина ва ду ронандае пайдо кард, ки моро аз Шероз ба Теҳрон оварданд.

Дар Эрон Мирзоро бисёр мешуд, ки сухан гӯяд ва забондонон ба ӯ гуфтанд, ки лаҳҷааш ба лаҳҷаи мардуми Шероз қаробат дорад. Шероз бошад ватани шоирони бузург Саъдӣ ва Ҳофиз аст. Мо мазори онҳо, қабри Умари Хайём, Фирдавсӣ, Соиб ва бисёр дигар шоирони форсу тоҷикро зиёрат кардем.

Дар кутубхонаҳои Эрон дастхати осори гузаштагони бузурги худро бо эҳтиёт ва эҳтироми беандоза хеле варақ зад.

Ӯ аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба ивази ҳар байти он як тангаи тиллоӣ ваъда карда буду шоир дар фақирӣ аз олам гузашт, ғазалҳои ошиқонаи Ҳофиз, ки тамоми умр боре ҳам аз ватани маҳбубаш Шероз берун нарафтааст, ашъори пандомези Саъдӣ, ки сӣ сол дар ақсои олам мусофират кардааст у сӣ соли дигар ба таҳриру таълиф машғул шудааст ва, албатта, рубоиёти Умари Хайёму қасидаҳои одамушшуаро Рӯдакӣ, шеърҳои РумиюҶомӣ ва дигар шоироне, ки Гёте онҳоро муаллими хеш шумоидааст, ҳазорон–ҳазор байтро аз ёд медонад. Ӯ аз он мефахрид, ки гузаштагонаш ба як холи ҳинду Самарқанду Бухороро бахшидаанд. Шоирони валинеъмат будаанд…

Ман бисёр афсӯс мехӯрам, ки дар мактабу инииститутҳои мо маданияти бузурги Шарқ ё омӯхта намешавад ва ё омӯхта шавад ҳам, чандон қаноатбахш нест, то ҳол китобе вуҷуд надорад, ки намунаи шеъри мардуми Осиё ва Африқоро дар бар гирифта бошад, чунон ки оид ба адабиёти Ғарб аст. Аммо ин мавзӯи баҳси ҷудогонаест. Ҳоло сухан дар хусуси шоирони бузурги Шарқ меравад.

«Баъд аз сари онҳо шоири форсу тоҷик шудан душвор аст», – гуфта буд боре Мирзо ба ман. Лекин олами шеър ва муҳаббат беинтиҳост. Мирзо муқаллид не, балки давомдиҳандаи назми ҳазорсолаи халқи худ мебошад. Ӯ ин вазифаи душворро бо сарфарозие, ки хоси шоир ва гражданини советист, адо мекунад. Дар шеър на муқаллид, балки давомдиҳанда будан, ба ҳам омехта тавонистани анъанаву навоварӣ ва эҳсосоти шахсию миллӣ бо умумиинсонӣ ба Мирзо Турсунзода имконият додаанд, ки дар хусуси он ҳодисаҳои давр, ки худ шоҳид буд ва ё иштирок дошт, нақл намояд.

Ман забони тоҷикиро намедонам ва шеърҳои Турсунзодаро ба русӣ хондам. Вале мутарҷимони русе, ки махсус забони тоҷикиро омӯхтаанд ва осори шоирони онро аз рӯи тарҷумаи ҳарфоҳарф не, балки аз асл ба русӣ гардонидаанд, шаҳодат медиҳад, ки тарҷимаи ашъори Турсунзода нисбат ба шоирони дигар душвор аст. Зеро дар он нуктаву мӯшикофиҳои шоирона зиёд буда, бе ёрии худи Мирзо тарҷума кардан амри маҳол мебошад.

Мегӯянд, ки вақте «Қиссаи Ҳиндустон» бори нахуст дар саҳифаҳои маҷаллаи «Новый мир» чоп шуду дар байни хонандагон шӯҳрат ёфт ва муаллиф ба гирифтани Мукофоти Давлатӣ мушарраф гардид, яке аз мутарҷимони шоир гуфтааст, ки : «Дар он меҳнати ман ҳам ҳаст, аз ин рӯ, он шеъри ман ҳам мебошад».

Албатта, ба фарзандони Мирзо даъвои падарӣ кардани дигарон сари вақт маҳкум шуд, бо вуҷуди он вақте ки тарҷумони шоир ва баъд хонандагони осораш андешаву эҳсосоти ӯро аз они худ медонад, вақте ки миллионҳо одамон дар бораи ашъори вай «ин ашъори мо» гуфта, муаллифро «Мирзои мо, Мирзои ҳалиму саховатманд ва дилрабои мо» меноманд, барои эҷодкор хушбахтии бузургест.

Мирзо Турсунзода фақат як бор ба Доғистон, ба авули мо Цада омадааст. Аз он миён чанд сол гузашт, аммо ҳар дафъае, ки ман ба он ҷо меравам, сокинонаш аз ман ӯро ҳамчун як ҳамдиёри худ мепурсанд: «Магар бо Мирзо вонахурдӣ, магар ӯро надидӣ? Аҳволаш чӣ тавр? Чӣ менависад? Ман мехоҳам дар ҷавоб ба ҳамдеҳотиёнам ва ба ҳама бигӯям, ки: «Ман Мирзо Турсунзодаро тез-тез мебинам. Ӯ саломат буда, шеърҳои тоза менависад. Кораш бисёр аст, вале дасти вай ба ҳамааш мерасад».

Одатан Мирзо сухани худро бо «ассалому алейкум» сар мекунад, ки «ба ту хушбахтӣ мехоҳам» гуфтан аст. Мо ба ӯ «валлайкум ассалом» мегӯем. Мо «хушбахтӣ ва саодати туро мехоҳем, Мирзо».

*Мустай КАРИМ*

## ВАСЛГАРИ ДИЛҲО

*Пеш рав, дар кӯҳ гардиш кун, рафиқ,*
*Мисли рӯди шӯх варзиш кун, рафиқ.*
*Пеш рафтӣ – кор осон мешавад,*
*Қуллаи нав ҳам намоён мешавад.*

Ин мисраъҳоро Мирзо Турсунзода хитобан ба зодагони кӯҳсори тоҷикон гуфтааст. Ва ман ҳамоно оғози сухан аз он мегирам, ки зотан мебоист гуфтори худро бо он ба поён расонам. Ман сухани худро аз тасвири симои шоире сар мекунам, ки ӯ дар дастони боло ва тавонои худ ситораи тобони назми навини зодгоҳаш – Тоҷикистонро баланд бардошта буд. Дар назари ман Турсунзода, шоире, ки шеъру номи вай дар тайи даҳ солу бист сол қисмате аз перӯ ва комёбиҳои маънавии мо гаштааст, ба ҳамин симову сурат нақш бастааст. Оре, ин сарнавишти бузургу баландпоя маҳз насиби шоире шудааст, ки ӯ вассофи баҳору сулҳи ҷаҳон буд.

Шоирон ба қалби хонандагон ба роҳу василаҳои гуногун роҳ мeёбанд: якеҳо монанди боде, ки дару равзанаҳоро ба тундиву шиддат боз карда, ба хонаи мо дохил мешаванд, ба як тарзи ногаҳонӣ ва тезпарвозона ба дили мо зуд ҷой мегиранд; дигарон мисли борони орому хомӯшонаи тобистон аз омадани худ ба монанди шуои барқу соиқа муждаву навид дода, ба таъанниву оҳистагӣ ба дили мо роҳ мегиранд.

Ба ман дар нахуст овозаи шӯҳрати Турсунзода мисли тобиши барқи канораҳои дуродури осмон омада расид, сипас ба назми ӯ даст ёфтам. Гӯё ба ман чунин менамуд, ки шоир на аз водии Ҳисор, ки зодгоҳи ӯст, биловосита омадааст, балки дар амал ба гузаштаи дуру қадими чандинҳазорсолаи Шарқи куҳансол роҳ паймуда, сипас, баъд аз тайи қуллаҳои баланди Ҳимолой ба Ғарб рӯ овардааст. Ин шоире, ки дар дили худ ҳам шодиву хурсандии тоҷикон ва ҳам андӯҳу ғами ҳиндувонро ҷой дода тавонист, ба сарҳадду ҳудуди афкору ақидаҳои миллатҳои бегоназабон роҳу манзилҳоро сипарӣ намуд.

Шоир мегӯяд, ки :

*Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре...*
*Ва ӯ чунон ки худ мефармояд, медонад, ки:*
*Гиря дорад, дӯстам, аз гиря фарқ*
*Талх бошад гиряи фарзанди Шарқ*
*Асрҳо бигирист шарқӣ зор-зор,*
*Шарқ шуд аз гиряи он шӯрзор.*

Бахту саодати тозарустаи пурнури Шарқи нав аз ашку сиришкҳои дар дидаву дилҳо хушкмондаи Шарқи куҳан мазмун ва мағзу моҳияти эҷодиёти шоири барҷаста гардид.

Ҳатто мурғҳои баландпарвозтарину тавонотарине, ки дар авҷи фалак ҳукумфармоӣ мекунад, чӯҷаҳои худро дар осмони холиву соф аз тухм намебароранд. Назми олитарине, ки ба мурури замон манзилу масофаҳои дуродурро сипарӣ мекунад, танҳо аз мазраъу киштзори миллату халқи худ об мехӯрад ва нумӯ мекунад. Ҳангоме ки ман ба як мафтунӣ ва дилбохтагӣ садои хуши баргони дарахти шеъри Мирзо Турсунзодаро мешунавам, равшану баралоина эҳсос мекунам, ки решаи ин дарахт аз Қаратоғ, аз Помир, аз замини падарону бобоёни ӯ об мехӯрад. Танҳо ва танҳо ба ҳамин сабаб аст, ки ному назми шоир дар диёри ӯ дар байни мардум шӯҳрату маъруфияти том дорад ва мардум нисбат ба шахси ӯ муҳаббати беандоза ва сипоси беканор намоиш медиҳад. Ба худ тасаввур кардан муҳол аст, ки санъаткору суханваре, бе он ки дар диёри худ бошад, мавриди эътирофу эҳтиром қарор гирад. Бар хилофи ақида ва афкори забонзадаи умум ман ҷуръати бовар дорам, ки паямбарон бешак нахуст дар ватани худ пайдо мешаванд ва дар ватани худ мавриди эътироф мегарданд.

Ба назарам, Мирзо Турсунзода сарнавишти хушбахтонае дорад, ки муҳаббати ҳамдиёронаш нисбат ба шахси ӯ аз тарафи халқҳои дигар низ писандида ва мақбул гаштааст. Инак, фарзанде, ки ақлу хирад, истеъдоду хидматҳои ӯро дигарон низ писандидаву азиз медонанд, барои падар боз ҳам арҷмандтару дилбандтар аст. Маълум аст, ки давоми пойдории зиндагӣ дар рӯи замин ба он вобаста аст, ки ин зиндагиро офтоб гармӣ медиҳанд ва худи зиндагӣ ҳам аз андаруни худ гармӣ дорад. Назму шеъри ин шоири баргузида мисли зиндагии замин ба ҳамин қиёс аз ду сарчашма гармӣ мегирад.

Ба забоне, ки ба эҷозу сеҳри қалами суханварони бузурги худ ба дараҷаи шеър расидааст, назм суфтан шояд чандон душвор набошад. Аммо, аз тарафи дигар, дар назму адабе, ки он ҷо сухани бузургворонаи Рӯдакиву Саъдӣ, Хайёму Ҳофиз – ин баргузидагоне, ки ба розҳои дили одамӣ роҳ ёфта, эҳсоси инсониро пай бурда, дар ақлу хирад мушкофиҳо кардаанд, дар назму адабе, ки садои тоза ва беғубори назми ин шоирон дар гузашти чандин асрҳо шунида мешаванд, шеър гуфтан ҳамоно кори осон нест. Дар сурате, ки шоир ба забони форсиву тоҷикӣ шеър мегӯяд, хоҳ-нохоҳ ба ин шоирон ҳам монанд мешавад ва баробари ин, бе он ки сухану сабки хосаи худро дошта бошад, шоир шудан ҳам натавонад.

Ин муаммои сарбастаро Мирзо Турсунзода ба назму шеъри худ хеле устодона кушоиш дод. Ӯ муқаллиди бебуди шоирони гузашта нашуд ва бо онҳо зӯрозмоиҳои беҳуда накард, балки ӯ дар байни ду давраву замони шеъру шоирӣ ба як тарзи ҳайратовар, ба як ҷасорати шоиста робитаву пайванде бинҳод. Ӯ аз соҳили уқьёнуси гузашта ба сӯи соҳили нав ба шиноварӣ надаромад, ҳатто дар завраќе низ шино накард, балки аз рӯи пули росту мустақим, ки дар пешопеши худи ӯ онро бунёд гузошт, ба оҳистагӣ ва ҷуръату бовар роҳ пеш гирифт. Шоир масъалаҳои муҳимтарини асру замонро ба хубӣ дарк карда тавонист, ба идеалҳои олии ахлоқӣ ва эстетикӣ, ба нуктаву пояҳои афкору тафаккури даврони имрӯза боварии сахту сангин дошт. Ва натиҷа ин буд, ки Мирзо Турсунзода мероси манзуми нобиғаҳои гузаштаашро аз худ карда ва аз ин мерос ба эҳтиёти тому ғамхориву даеттавонои истифода намуд. Ин робитаву алоқамандӣ аз мазмуну мундариҷот ва шаклу услуби ҳар байту мисраи шеъри ӯ намудор аст. Бинобар ин ҷои шигифту тааҷҷуб нест, ки шоир дар чакидаҳои табъи баландаш аз мисрау байт, ҳикмату андарзҳои устодони худ татаббӯъ мекунад. Ин татаббуот на аз он ҷиҳат аст, ки ӯ худ калимоту санъатҳои кофии шеърро надошта бошад. Не, дар назму шеъри Шарқ ба ин тарзи шоистаи татаббуот фақат шоирони баландтабъ ва баландпарвоз руҷӯъ мекунад, то ки ба нисбати онҳое, ки барои ин шоирон осори худро ба мерос гузоштаанд, арзи эҳтирому миннатпазирии худро таъкиду таъйид созанд.

Лирикаи Мирзо Турсунзода ба дили хонанда бо як ростиву ҳақиқати бузург таассурот мебахшад. Дар ашъори ӯ эҳтисоси

ошуфтагиву парешонии афкорро намебинем. Дар шеъри ӯ оромиву тамкини ҷиддиву пурмазмун дида мешавад. Аммо дар паси ин тамкину оромии зоҳирӣ ҳушмандиву заковати дидаи дохилии шоир, самимияту кушодагии дили ҳассоси ӯ ниҳон аст. Вагарна оё шоир метавонист чунин мисраъҳои обдор гӯяд:

*Агар бо рақс бархезӣ, ҳавои форам ангезӣ,*
*Зи боғи санъати халқат ба гирди хеш гул резӣ.*
*Ба ҷунбиш мавҷи дарёӣ, ба лағзиш рег саҳроӣ,*
*Ҳунарманду ҳунарпеша зи сар то нохуни поӣ!*
*Сабук чун парниёни ту, беҳ аз оби равони ту,*
*Ба каф дурри гарони ту, ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!*

Дар асарҳои манзуми эпикии шоир, яъне достонҳои ӯ, мо ҳамеша шахсу симои худи муаллифро мебинем, ки ӯ дар тасвири воқеаҳо бевосита ширкат дорад. Ин тарзи иншо достонҳои ӯро боз ҳам ҳассостар ва дилангезтар ва ба ақлу хирад наздиктар сохтааст. Шоир дар «киштизори» шеъри худ озоду бетакаллуфона амал мекунад. Агар хоҳад, ба аробаи қаҳрамони худ Ҳасани аробакаш нишаста аз Душанбе то Термиз меравад; ё агар қасд кунад, ба симои бачаи ҳафтсолаи тоқипӯши побараҳна ба роҳе мебарояд, ки вақтҳо Пратап дар ҷустуҷӯи ҳақиқат аз Ганг то Кремль манзил ба манзил рафта буд: ва агар зарурате афтод, ӯ духтари ҳиндро аз дасташ гирифта ба пойтахти сулҳу саодат ҳидоят мекунад ва агар дар сина сухане гуфтанӣ ва суруданӣ пайдо шавад, ӯ бо садои Осиё сухан мегӯяд. Ва ҳамаи инҳо ростиву ҳақиқат аст. Мирзо Турсунзода, ки худ сарбаланду хуштамкин буд, ба нисбати он воқеаву ҳодисаҳое, ки аз он ҳикоят мекунад, ҳеҷ гоҳ бе эҳсосу хунсард набудааст.

Ҳамаи шоирони бузурги Шарқ дар ситоиши зан шеър гуфтаанд, бе симову ситоиши зан назму шеър мисли ангуштаре бе нигин мебуд. Шоирон дар роҳи зан баргҳои гул рехтаанд, болои сари ӯ ситораҳои тобони ишқро афрӯхтаанд, аммо камтар кас андешаи он мекард, ки оё ин роҳи «пур аз гули лола»–и зан ба куҷо мерасида бошад. Ба куҷо? Шоирон на ҳамешу пай мебурданд, ки оё ситораҳои афрӯхтаашон ба зан гармӣ медода бошад. Гӯё ҳамин басанда буд, ки кас занро дӯст медораду

афсуни ӯ гаштааст. Аммо зан? Оё дар дили ӯ чӣ эҳсосу ҳаяҷон бошад!

Ба ин саволҳо шоирони даврони нав ҷавоб доданӣ шуданд. Бинобар ин дар эҷодиёти Турсунзода сарнавишти тақдири зани Шарқ дар бобати зиндагии иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва зиндагии ҳаррӯза мавқеи калоне дорад.Зане, ки ӯ дар шеъри худ сурудааст, занест, ки аз бандагиву асорати гузашта раҳоӣ ёфта, бедор шудааст ва бо ақлу дастранҷи худ барои худ роҳ кушодааст. Дар ин роҳ на ҳамеша барги гулу лолаҳо пошидааст, вале ӯ дар ин роҳ, маънии зиндагиву бахту саодати худро мебинад. Шоир зери пои зан, ки ба зебоиву ғурур ва озодонаву шодона қадам мемонад, гулафшониҳо мекунад. Зеро зани чун офтоб ба атрофиён нурпошӣ карда ва худ низ бо нурҳо равшану мунаввар гашта қадам мегузорад. Ин ҳамон зани Шарқ – ҳамон машъалест, ки аз асорати торикистон раҳоӣ ёфта, ба озодӣ баромадааст. Ин зан дар шеъри Турсунзода пеши назари ман ба ҳамин симо ҷилвагар мешавад.

Ин андешаву фикрҳои на чандон мавзуну мураттаб баъди мутолиаи тарҷумаи русии мунтахоботи дуҷилдаи Мирзо Турсунзода аз нав ба сари ман омаданд. Бо ин ҳама гуфтори худро мехоҳам аз он ки сар гирифта будам, ба охир расонам, бигузор ақлу хирад ва достони шоире, ки ситораи тобони назми нави Тоҷикистонро баланд бардоштааст, ҳамеша гирову тавоно бод.

*1973*

P.S. Ин ёддоштҳоро чанд солҳо пеш дар вақти зиндагии Мирзо Турсунзода навишта будам. Ва ҳоло аз ин навиштаҳо чизеро ихтисор накардаам, зеро ҳам хиради шоиру ҳам дастони ӯ имрӯз ҳам гирову тавоноанд ва мисли пештара ҳамон ситораи назмро баланд медоранд.

*Мирзо ИБРОҲИМОВ*

## ХИРАД ВА ИСТЕЪДОД

Дар эҷодиёти даҳанакии халқи озар чунин нақле ҳаст. Аз касе пурсидаанд: «Бародарат чӣ гуна одам аст?» «Намедонам, – ҷавоб додааст он шахс, – боре ҳам бо ӯ дар роҳ набудам ва ҳамсафар нашудаам».

Дар муддати дӯстии бештар аз сисолаи худ бо Мирзо Турсунзода ман борҳо ҳамроҳи ӯ сафар доштам. Роҳҳои сафар моро ба Ҳиндустон Шветсия, Лаҳистону Финляндия бурдаанд. Мо на як бору ду бор шаҳру қишлоқ, кӯҳу водиҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷонро ҳамроҳ қадам задаем. Садҳо маротиба дар гирди як дастархон нишаста, нону намак ба ҳам дидем. Вай дар хонаи ман меҳмон шуда буд, ман дар меҳмонии ӯ будам. Мо шоҳиду узви рӯзҳои пур аз шодмонию сурур гардидаем ва соатҳои ноорому аламнок, серташвишу пуршиддатеро ҳам аз сар гузаронидем.

Нахустин сафарамон бо Мирзо Турсунзода ба ёдам меояд, ки моҳи марти соли 1948 воқеъ шуда буд. Халқҳои олам ҷароҳатҳои ҷанги дуюми ҷаҳонро табобат мекарданд, хоҷагиҳои абгору харобшударо ба по мемонданд. Роҳбарони давлатҳо дар бораи сулҳи пойдор ва мустаҳкам кардани муносибати дӯстонаи байни халқҳо гуфтугузор доштанд. Кӯшиши онҳо бар он буд, ки насли нав ваҳшоният ва фоҷиаи паси сар кардаи моро набинад. Рӯзномаҳо ва радио низ дар ҳамин хусус, инчунин дар бораи фаровонии гӯшношунида ва касодидае хабар медоданд, ки бояд прогресси илмию техникӣ ба инсоният эҳдо намояд. Дар доираҳои давлатӣ ва байни халқ дар бораи маҳви бесаводӣ ва ҷаҳолат, аз байн бардоштани гурснагӣ ва қашшоқӣ сухан мерафт. Хуллас, ҳамаи халқҳо ва мардуми покдил ба оянда бо умеди нек менигаристанд, хушнудона ва ҷонфидоёна меҳнат мекарданд, бо корнома ва қаҳрамонии худ ба пояи бинои мӯҳташами муносибатҳои нави инсонӣ хиштҳои аввалинро мегузоштанд.

Яке аз ҳамин гуна симоҳои барҷаста фарзанди бузурги Ҳиндустон Ҷавоҳирлол Неҳру буд. Ватани ӯ ҳанӯз дар зери юғи мустамликадорони англис меистод, аммо пас аз ғалабаи мамлакат ва халқи советӣ бар фашистони Гитлер мардуми

олам аз вабои ҷанг фориғ шуда, муборизаи оздихоҳӣ дар малакатҳои мустамлика авҷ гирифт. Давлатҳои мустамликадори империалистӣ низ нағз ҳис мекарданд, ки ҳукмронӣ ва тартибҳои кӯҳнаро нигоҳ доштан имконнопазир аст. Онҳо ба роҳи макру фиреб даромада, мехостанд ба туфайли ваъдаҳои «озодӣ» мавқеъҳои худро дар мамлакатҳои истиқлолиятпарасти Осиё ва Африка мустаҳкам намоянд, истисмори чандинасраи худро нигоҳ доранд.

Ҳиндустон аз ҷумлаи мамлакатҳое буд, ки ба муборизаи озодихоҳӣ бархостааст. Халқи мамлакат барои абадан баркандани занҷири истисмор муборизаи оштинопазире мебурд ва рӯ ба зиндагии мустақилона нигаронида буд. Ҳама эҳсос мекарданд, ки лаҳзаи озодии халқи Ҳинд наздик расидааст.

Бо мақсади минбаъд ҳам аниқтар шудани алоқа бо қувваҳои пешқадами олам, ҳамоно бештар ҷалб намудани диққати аҳли ҷамъияти тараққипарвар ба муборизаи зиддиимпериалистӣ, қувват додани ҳаракати озодихоҳӣ чӣ дар Ҳиндустон ва чӣ дар мамлакатҳои Осиё, таҳкими якдилии байни халқҳо бо ташабусси Ҷавоҳирлол Неҳру дар Деҳлӣ конгресси байналхалқии халқҳои Осиё даъват карда шуд. Барои иштирок ба конгресс делегатсияи Иттифоқи Советӣ низ таклиф шуда буд. Дар ҳайати он собиқ мудири шӯъбаи газетаи «Правда» ва сонитар аъзои ҳақиқии Академияи фанҳои СССР, директори Иниститути таърихи дунё, марҳум Евгений Михайлович Жуков, олимони ӯзбек Тошмуҳаммад Саримсоқов ва Воҳид Зоҳидов, олимони Гурҷистон Ахвледиани ва Купрадзе, Мирзо Турсунзода аз Тоҷикистон ва дигарон дохил буданд. Аз Озорбойҷон дар ҳайати вакилон маро дохил карданд. Ман ба самалёти ИЛ–16, ки махсус барои ҳайати вакилони советӣ пешбинӣ шуда буд ва аз Москва ба Боку омад, дар пойтахти Республикаам савор шудам ва он роҳи сӯи Деҳлиро гирифт.

Азбаски ману Мирзо Турсунзода пеш аз ин ҳам шинос будем, дар давоми ҳамаи рӯзҳои дар Ҳиндустон буданамон ҳамроҳ мегаштем. Дар самалёт паҳлӯи ҳамдигар ҷой мегирифтем, дар меҳмонхонаи яккабатаи «Хонаи Конститутсия» дар як хона зиндагӣ мекардем, дар сексияе, ки масъалаҳои маданиятро муҳокима мекард, якҷоя иштирок менамудем. Дар сафар ба шаҳрҳои Оллоҳобод, Калькатта, Бомбай ва Агра, ки Тоҷмаҳали машҳур дар он ҷост, дар мулоқот бо журналистон

ва намояндагони ташкилотҳои гуногуни маҳаллӣ (ин гуна вохӯриҳо бо ташаббуси соҳибони хона бисёр воқеъ мешуданд) роҳбари делегатсия Евгений Михайлович Жуков ҳамеша Мирзо Турсунзода ва маро ба як гурӯҳ дохил мекард. Ин кори вай бесабаб набуд, зеро Е. М. Жуков аз дӯстии бисёрсола ва умумияти маънавии мо нағз огоҳ буд.

Дар рӯзҳои сафари Ҳиндустон ман беҳтарин сифатҳои табиати Мирзо Турсунзодаро аз нав ва амиқтар шинохтам, истеъдоди бузург ва рӯҳи тавонои ӯро ба тозагӣ дида тавонистам. Вай шахси гапи бисёреро намеписандидагӣ, ба қадри сухан мерасидагӣ буд. Ва вақте ки ба гап медаромад, сухани бамаънӣ мегуфт, фикри мантиқан анҷомёфтаеро баён мекард. Дар ин хусус ки сухан наравад, дафъатан нуқтаи назари худро изҳор намекард, ба ҳамсӯҳбаташ бо дидаи равшан менигарист. Ҳар як масъаларо вай аввалан амиқ муоина мекард ва дидаҳояшро оромона ва ботамкин ҳифз менамуд ва ниҳояти кор, хулоса ва андешаи худро баён мекард. Ин гуна хусусиятҳо нисбат ба ӯ эҳтироми ҳар аъзои ҳайати вакилонро дуболо менамуданд.

Боре ҳайати вакилони Иттифоқи советӣ ба мулоқот бо як ташкилоти мусулмонӣ даъват шуда буд. Ин гуна таклифҳо ба адреси мо дар он рӯзҳо бисёр меомаданд ва аз ин рӯ ба ҳар мулоқот аз мо ду–се нафар фиристода мешуд. Вохӯрии мазкур бо фаъолони ташкилоти мусулмонӣ ба Мирзо Турсунзода ва ман супорида шуд. Моро ба ноҳияи Мусулмонии Калькатта, ба масҷиде оварданд. ки дар гузари нисбатан ороме, дуртар аз кӯчаҳои серодаму серғавғои мошингарду аробарав ҷой гирифтааст.

Шаб фаро мерасид. Масҷиде, ки метавонист 400–500 касро ғунҷоиш диҳад, пур аз одам буд, Ҷамъомадагон дар замин рӯи бурё ва палос менишастанд. Моро ба саҳна, аниқтараш, ба минбар бароварданд. Минбар аз нишастагон баландтар ва бинобарин ба саҳна монанд буд. Пас аз шиносии расмӣ ва пазироию табрикҳо моро саволборон карданд. Дар он солҳо мусулмонони Ҳиндустонро асосан ду масъала ба ташвиш меовард: муносибати Иттифоқи Советӣ ба таъсиси мамлакати мустақили Покистон чӣ тур аст ва мусулмонон дар мамлакати мо чӣ хел зиндагӣ мекунанд. Оё онҳо таъкиб карда мешаванд ё не?

Дидаи ҳозирони масҷид комилан ба сӯи мо дӯхта шуда буд. Касе садое намебаровард. Ба назарам, алоқаро бо чунин доираи сомеон – танҳо ба тавассути сӯҳбат ва гуфтугузори самимӣ ва ҳақиқӣ пайдо кардан мумкин аст. Ва дар шароите ҳам, ки мустамаликдорони англис ба ҳар роҳу восита байни мусулмонону ҳиндуён низоъ меандохтанд, ба саволи аввал якмаром ҷавоб додан душворӣ ва нозукиҳо дошт. Ҳар рӯз дар кӯчаву бозорҳои Ҳиндустон задухӯрдҳое ба амал меомаданд, ки дар асосҳои динӣ сар задаанд.

Ҳамон баромади Мирзо Турсунзодаро дар назди мусулмонони Калькатта ҳеҷ фаромӯш намекунам. Вай қадаме ба пеш гузошт ва чунон ки ба табиати ӯ хос буд, ҷиддан ва оромона гуфт:

– Ин масъаларо ҳиндуён ва мусулмонон бояд байни худ ҳал кунанд. Ба назари мо, ҳатто дуруст ҳам намешавад, агар каси сеюм роли маслиҳатгарро ба ӯҳдаи худ бигирад.

Дар байни сомеон, ки бештари онҳо гуфтугӯи тоҷикиро мефаҳмиданд, оҳанги ризоият танинандоз шуд. Аз хомӯшии лаҳзагӣ истифода карда, Мирзо ба ҷавоби саволи дуюм шурӯъ кард.

– Чунон ки ба шумо маълум аст, Иттифоқи Советӣ ба муқобили ҷудоиандозии байни халқҳо мубориза мебарад ва онҳоеро, ки байни мардум тухми душманӣ мекоранд, маҳкум мекунанд. Ватани мо сермиллат аст, ба ҳайати вай халқҳо ва миллатҳои гуногун дохил мешаванд. Мо дар байни одамон аз рӯи дин ва миллат фарқ намегузорем. Ҳар кас ба анъанаҳо ва махсусиятҳои миллии худ такья мекунад, аммо дар атрофи як мақсад мутамарказ гардидааст. Дар асоси баробарӣ ва истиқлолияти миллии ҳар кадоми мо оилаи ягонаи бародаронаи халқҳоро барпо намудем. Орзуву омоли мо дар ин аст, ки дар замини Ҳиндустон ҳам сулҳу амнияти пойдор ва дӯстии байни халқҳо ҳукумрон бошанд!

Дар ҷараёни маънидоди суханони худ Мирзо аз панду андарзҳои Саъдӣ, Ҳофиз ва Хайём иқтибос мекард. Аз фурсат истифода карда гуфтан мехоҳам, ки ман дар тамоми умри худ мисли ӯ донанда ва эҳтиромкунандаи шеъри классикии Шарқ ва албатта, форсию тоҷикиро басо кам дидаам. Мирзо басо равон ва зебо шеър мехонад! Қироати шеъри машҳури Саъдӣ «Бани одам аъзои якдигаранд» ва маънидоди моҳияти умуми-

инсонии байти мақтаи ин асари барҷаста, ки тамоми нишастагонро мутаасир карда буд, ҳеҷ аз хотирам намеравад:

*Ту к–аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ!*

Дар синаи дӯсти азизу фаромӯшнашуданаи ман дили саршори муҳаббат ба зиндагӣ ва одамон, ба назм ва санъат тапидан дошт. Зимни муоина ва мушоҳида дар конфренцияҳои адабӣ ва форумҳои эҷодӣ, он ҷо ки мубоҳисаҳои сиёсӣ авҷ мегирифтанд, ҳангоми сайругашт ва истироҳате, ки асосан бегоҳон ва шабонгаҳ арзи андом менамуданд, дар гирди дастархони дӯстӣ маро рӯҳи пок ва завқи баланди бадеӣ, ҳисси инсонии ӯ ба ваҷд меоварданд. Тавассути андешаҳои амиқи худ дар бораи эҷодиёти бадеӣ ва муносибати фаъоли мубоKризаангез ба воқиаҳои байналхалқӣ вай маро мафтун карда буд. Мирзо бо истеъдоди фавқулодае сифатҳои лирикиву драмавӣ, аломатҳои фавқулода ва хандаовари одамонро кашф мекард. Вай аз зебоии зиндагӣ моҳирона баҳра мебардошт, чӣ будани ғаму андӯҳро мефаҳмид ва ба бадбахтии дигарон шарик шуда метавонист. Вай дар айни замон беолоиш хандида метавонист. Ҳамаи инро дар ӯ медидам ва ба хотирам сухани рехтаи нависадаи Рими қадим Теренций мерасид, ки гуфта буд: «Ман инсонам ва ҳар чизи барои одамизод қобили қабул бароям бегона нест!»

Юмори нозуке, ки ӯ дошт, дар вазъияту лаҳзаҳои пуршиддат ба ёрии вай ва ҳамсӯҳбатонаш омада, намегузоштанд, ки кас барабас асабонӣ шавад.

Мирзо Турсунзода халқи тоҷикро бо муҳаббати махсусе дӯст медошт, ба адабиёти тоҷик ва замини Тоҷикистон дилбохтагии ғайриоддие дошт. Муҳаббати мазкури ӯ ба Ватан лирикӣ ва риққатовар, ба мисли муҳаббати писари вафодор ва олиҳиммат ба модар буд. Дар айни замон Мирзо Турсунзода шоири интернатсионалист ва арбоби ҷамъиятӣ буд. Дар кадом мамлакате, набошем, вай чизи хубро пайдо карда метавонист, як гапи наверо дар бораи ин кишвар фаҳмида мегирифт.

Дар охири август ва ибтидои сентябри соли 1955 дар пойтахти Финлядия Хельсинки сессияи Иттифоқи байни парламентҳо шуда гузашт. Мирзо Турсунзода ва ман дар

ҳайати вакилони советӣ дохил будем. Баъди шом, пас аз маҷлисҳо мо ба сайри шаҳр мебаромадем ва дар кӯчаҳо гаштугузор мекардем. Дар ин лаҳзаҳо Мирзо ба таври нотакрор ҳалиму меҳрубон, навозишкору одамдӯст мешуд! Мирзо дар бораи халқи фин ва Финляндия бо муҳаббат сухан меронад, аз тозагии кӯчаҳои Хельсинкӣ, аз зебоии ёдгориҳои шоёни таҳсини санъати меъморӣ ва завқи оличанобӣ финҳо, аз кӯшиши табии зебоипарастии онҳо сухан карда, руҳ мегирифт ва меболид.

Се сол пас аз ин сафар – тобистони соли 1958 дар рӯзҳои конгресси умумиҷаҳонии тарафдорони сулҳ дар Швеция, сонитар тирамоҳи соли 1963 дар сессияи Совети умумиҷаҳонии Сулҳ, ки дар Варшава воқеъ шуда буд, дар рӯзҳои конфренцияи сеюми нависандагони Осиё ва Африка, ки соли 1967 дар Лубнон ва Сурия шуда гузашт, мо мувофиқи анъана ҳар бегоҳ якҷоя ба сайру гашти шаҳр мебаромадем. Чун одат шудааст, дар соатҳои истироҳат низ на танҳо аз адабиёт, инчунин дар бораи мустаҳкам кардани сулҳи рӯи ҷаҳон, вусъати мубориза озодихоҳонаи халқҳои Осиё ва Африка гап мезадем. Ман ҳамеша дар ин мавридҳо тапиданҳои нооpом ва рӯзафзуни дили ӯро мешунидам. Набзи дили шоир азояндаи инсоният ва тамоми тамаддуни мо мужда медод. Сонитар, достони вай «Ҷони ширин»–ро мутолиа карда, инъикоси бадеии ин ҳама эҳсосот ва андешаҳоро дидам (достони мазкур ба забони озарӣ бо номи «Мактуб ба ҳамсарам») тарҷума шудааст.)

Ба хотирам сӯҳбате меояд, ки ҳангоми сайру гашти Варшава воқеъ шуда буд. Вақте ки мо ба даромадгоҳи калисои ҷомеи Святой крест (Салиби муқаддас), ки аз рӯи васият дили Шопен он ҷо мадфун аст, расидем. Мирзо лаҳзае бозистода ва гуфт:

– Ту чӣ мегӯӣ, агар ман достоне бо номи «Дили Шопен» иншо кунам?

– Оличаноб! – гуфтам ман. – Ин як достоне дар бораи ватанхоҳӣ, озодӣ ва одамдӯстӣ хоҳад шуд…

– Мутаассифона, ин ҳама эҳсосоти муқаддас дар замони мо душманони зиёде дорад. Онҳое, ки сабабгори фоҷиаи Хиросима ва Нагасаки буданд, нияте доранд, ки ба сари инсон бомбаи атомӣ ва балои аз он ҳам бадтареро оранд!

Бори аввал дар оҳанги гуфтори Мирзо на танҳо дарду алам,

балки қаҳру ғазаб садо доданд. Ва ҳамон вақт фаҳмидам, ки барои чи Мирзо Турсунзода дар Комитети якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африка монда нашуда кор мекунад ва дар ин роҳ ҳеҷ чизро дареғ намедорад.

Боре мо дар бораи мизоҷи одамӣ сӯҳбат кардем. Маълум аст, ки ҳар одам табиат ва мизоҷи хоси худро дорад. Ва ҳақиқате ҳам, ки табиату мизоҷ вобаста ба замон тағьир меёбанд, аз касе пинҳон нест. Аммо ин дафъа моро характери одамоне ба худ ҷалб намуданд, ки гӯё берун аз замони худ, фориғ аз ҳама оламу одам зиндагӣ мекунанд.

– Дар замоне, ки ин қадар ғаму таҳлука ба сари башар афтодааст, чӣ хел ин тоифа одамон умр ба сар бурда метавонанд? – хитоб кард Мирзо.

Ман нафаҳмидам, ки Мирзо ба худ гап мезад ё суолаш ба ман дахл дошт. Дар ин лаҳза байти талху истеҳзоомези кадом як шоири форсу тоҷик ба хотирам омаду аз роҳ бозистода онро барои Мирзо хондам:

*«Оқил мабош, то то ғами дигарон хурӣ,*
*Девона бош, то ғами ту дигарон хӯранд».*

Мирзо дуру дароз хандид ва ниҳоят қиёфаи ҷиддӣ гирифту бодиққат гуфт:

– Ман як рӯзи зиндагии бошууронаи худро, ки таҷассуми ғаму андӯҳ ва ифодаи дарди заминиён аст, ба сад соли умри беандеша, ки ба дигарон ғаму алам меоварад, иваз намекунам…

Ба назарам, Мирзо бо ин суханон дар чашмони ман ба ҳайкали мармарие табдил ёфт.

… Мегӯянд, ки дар Душанбе ҳайкали олиҷаноби Мирзо Турсунзода қад афрохтааст ва ҳар рӯз мактабиён дар пояи он гулҳои тару тозае мегузоранд…

## Ӯ ДАР ДИЛИ МОСТ!

Дӯстии ман аз мардуми Иттифоқи Советӣ дерина аст ва таассуроти ман аз ин сарзамин чунон зиёд, ки ба як китоб мерасад. Шояд дар оянда дар ин мавзӯъ китобе иншо намоям. Иттифоқи Советӣ бо сиёсати сулҳҷӯёнаи худ дар тамоми дунё машҳур аст ва аз ин ҷост, ки дар ҳама соҳаҳои ҳаёт пешравиҳои азиме дида мешавад. Ҳар як фард соҳиби маълумот аст ва шахси бесавод дида намешавад.

Вохӯрии аввалини ман бо Мирзо Турсунзода дар соли 1949 сурат гирифта буд, он кас дар ҳайати вакилони адибони советӣ ба Ҳиндустон омада буд. Баъд аз ин ман борҳо бо ӯ дар Москва, Тошкент вохӯрдам. Мирзо Турсунзода шахсияте буд, ки бо ҳама – хоҳ вай коргар бошад, хоҳ адиб дӯстона муносибат мекард.

Ёд дорам, боре ӯ дар яке аз шаҳрҳои Покистон бо коргарону дӯкондорон ба забони форсӣ сӯҳбат менамуд ва онҳо ӯро мефаҳмиданд, чунки ӯ метавонист, бо одамон бо чашму дил сӯҳбат кунад. М. Турсунзода на фақат шоири бузурги тоҷик, балки мӯътабартарин ва азизтарин намояндаи халқи тоҷик буд. Дар ҳама ҷо ӯро дӯст медоранд. Ӯ Ватани худро, халқи худро дӯст медошт. Ӯ бо забони классикии форсӣ, яъне тоҷикӣ сухан мегуфт ва менавишт, ки вай лаҳҷаи ғазал буд. Гарчанде Мирзо Турсунзода ба забони классикӣ ғазалҳои классикӣ мегуфт, лекин мавзӯъоти онҳо рӯзмарра ва муосир ва бо сиёсат марбут аст, ки ин корро Лоҳутӣ шурӯ карда буд.

Гарчанде устод Турсунзода ҳамроҳи мо нест, лекин ӯ дар дили мост. Ман ба хотири Турсунзода ба забони тоҷикӣ як ғазал навишта будам, лекин вай пурра дар ёдам нест ва кӯшиш мекунам, ки чанд байтеро хонам. Ин ғазал дар мақтаи ғазали Бедил аст:

*Биё ёрам, ки чашмам музтариб баҳри тамошоят,*
*Куҷо рафтӣ, ки ёрон дар талоши омаданҳоят.*
*Зи мо рафтӣ, валекин пеши олам дар миён ҳастӣ,*
*Ва бо мардум, ки мерақсанд дар тарзи суханҳоят…*

Дар бораи устод Мирзо Турсунзода ҳамчун шоир, инсон, суханҳои зиёд гуфтан мумкин аст, лекин интиқоли бемаҳали вай боиси маъюсии ҳама дӯстонаш аст. Бинобар ин мо бояд васиятҳои устодро оид ба дӯстии халқҳо ҳамеша азиз дорем.

*Набӣ ХАЗРӢ*

# САҲИФАҲОИ САФЕД

Агар дар ситоиши Мирзо Турсунзода ҳарф занем, ин чунин маънӣ дорад, ки мо дар хусуси як давраи томи адабиёти советӣ сухан меронем, ки ӯ симои бузурги он буд. Вай бо шеъри худ дили оламу оламиёнро тасхир кард. Дар як мақолаи хурд аз ин хусус батафсил сухан рондан чӣ душвор аст!

Агар дар ситоиши Мирзо Турсунзода ҳарф занем, ин чунин маънӣ дорад, ки мо дар хусуси арбоби барҷастаи давлатӣ ва ҷамъиятии мамалакатамон сухан меронем, ки дар адбиёт байрақи партиявият ва халқиятро баланд ва боифтихор барафроштааст.

Агар дар ситоиши Мирзо Турсунзода ҳарф занем, ин чунин маънӣ дорад, ки мо дар хусуси устоди меҳрубон ва сахтгири як насли томи нависандагон сухан меронем. Ман хушбахтам, ки дасти меҳрубонии ӯ маро навозиш кардааст.

Мехостам чанд саҳифа хотиротамро варақ гардонам… Вохӯрии нахустин…

Бист сол қабл… Он вақт ӯ ҳамагӣ панҷоҳсола буд. Ба чашмам бовар намекардам! Ба ӯ чун ба худованде дида медӯхтем. Мо замоне ба Самад Вурғун ҳамин тарз менигаристем, ки Мирзо Турсунзода ӯро «бародарам» мегуфт.

Меҳрубонӣ офтобро монад. Оё касе аз офтоб мепурсад, ки синну солаш ба чанд расидааст. Вай саховатмандона нурпошӣ мекунад, месӯзад ва ба олам рашанӣ мебахшад. Ва саховати офтоб бетамаъ ҷовидонист!

Ҳамагӣ панҷоҳ сол ҳадде, ки мо аллакай аз он гузаштаем, вале ба мисли ӯ хирад ва камол наёфтаем.

… Ин вохӯрӣ дар Карлови Варии Чехословакия ба вуқӯъ пайваст. Боре, як пагоҳии моҳи сентябр ман ӯро дар ошёнаи якуми шифохонаи «Империал» вохӯрдам. Ӯ бо ҳамон табассуми меҳрубонона ва тоза ба худаш хос ба истиқболи ман омад. Субҳи моҳи сентябрь аз табассуми ӯ гӯё равшантар шуд. Ва ман дар ин лаҳза мусофир буданамро батамом фаромӯш кардам. Дар паҳлӯям оқсақол, устод ва донишманд истода буд.

Мо ба сари чашма ҳамроҳ, аксар вақт аз пайроҳа мефуро-

мадем. Вай оҳиста роҳ мерафт. Кам гап мезад, аммо аз сидқи дил, бо завқ, кӯдаквор механдид.

Ман аз дил гузаронидам: агар кас кушодадилии бачагӣ, ҳатто соддадилиашро гум накунад, пас вай ҳамсифати тозаю рӯҳбахши аввалаашро аз даст нахоҳад дод.

Боре ман ба ӯ гуфтам:

– Устод, ман ба шумо бисёр ҳасад мебарам.

– Аз кадом ҷиҳат? Аз он, ки ман аллакай Мирзо–Оқсақол шудаам?

– Не, Мирзо – муаллим… ман аз он ҳасад мебарам, ки Шумо Низомиро ба забони худаш мехонед.

– Ҳа, Набӣ, аз ин ҷиҳат ҳасад бурдан мумкин. Низомӣ на фақат фарзанди бузурги Озарбойҷон, балки фарзанди башарият аст. Умуман, назми Шарқ ибтидои равнақи маънавиёти тамоми башар аст. Вақте ки Фирдавсию Низомии бузург шеър менавиштанд, Аврупо дар роҳи маънавиёти худ парвози таърихиеро интизор буд. Охир, ин парвоз ба вуқӯъ пайвастааст? Ва ин парвози зебои хирад ва ҳиссиётро давраи ренессанс номиданд, ки мо бояд Шарқро падари маънавии он ҳисобем

Чашмони оташбори вай саршори илҳом буданд ва ӯ гуфт:

– Ман на фақат Низомиро бо забони худаш мутолиа мекунам, балки бо ҳамон забон шеър мегӯям.

– Албатта, Мирзо–муаллим. Шумо хушбахттарини хушбахтҳо. Аз ин фахр бояд кард!

Сари чашма ҳамеша серодам аст.

Одамон оҳиста гашту гузор карда, оби шӯру шифобахши чашмаи Карлови Вариро аз дӯлчаҳои гарданкаҷи рангин баътаамул менӯшанд. Мегӯянд, ки ин чашмаҳои гарм ва дӯлчаҳои дасти одамон дар зимистон аз худ ҳавр мебароранд. Одамон гӯё дар оғӯши тумани бухоршудаи афсонавӣ шино мекунанд. Мо ҳам ба ҳамин маром қадамзанон оби дӯлчаҳоямонро холӣ кардем.

Ва Мирзо–муаллим оҳиста ва бо мулоимат гуфт:

– Баъзан ман бисёр ғамгин мешавам, Набӣ. Мо, дӯстон, чор тан будем: Самад Вурғун, Александр Фадеев, Николай Тихонов ва ман. Чандин бор ҳамроҳ ба Озарбойҷон рафтаем. Аллакай Саша нест, Самад ҳам моро барвақт падрӯд гуфт. Хайрият, Коля Тихонов ҳаст! Бе дӯст зиндагӣ душвор. Вақте ки одамони бузург аз қайди ҳаёт мегузаранд, замин биёбонро мемонад.

Чашмони вай боз меҳрубонона дурахшиданд.

– Бо Самад ҳамеша воқиаҳои ғалатӣ рӯй медод.

Вай марди зарофатгӯй, ҳозирҷавоб ва донишманд буд. Боре мо ба конфренцияи Вроцлав мерафтем. Ба мо хабар доданд, ки пагоҳӣ моро дар Минск ботантана истиқбол мегиранд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ба истгоҳ наздик шуда будем, ки садои мусиқӣ баланд шуд. Ман саросема Самадро бедор кардам:

– Самад, бедор шав! Ба Минск расидем!

– Бародар, мон каме хоб кунаму қувват гирам.

– Чӣ? Қувват гирӣ?

– Бале. Медонӣ, Шарқ асрҳо дар хоб буд. Аз ҷумла додаю бобоҳои мо низ. Ва баногоҳ бедор шуда, чӣ инқилобе кард!..

Ҳар ду хандидем. Лаҳзае пас моро дӯстони белорусиамон самимона ба оғӯш мекашиданд. Самад пешопеш роҳ мерафт, хурсанду меҳрубон буд. Чаро ман ин хотиротро ёдовар шудам? Давоми ин воқеа ғалатӣ аст. Гузашта аз ин, воқиаи хурсандиоварест. Дар Конференсияи Вроцлав вакили халқи зангӣ баромад кард. Ҷавон ва ҷасур буд. Аз мағзи ҷон гап зада, бо дасто-наш ҳаракатҳои зебо мекард. Ман ба Самад нигаристам. Вай бисёр бодиққат гӯш мекард! Тамом ба ваҷд омада буд.

Вақте ки мо ба меҳмонхона меомадем, Самад пурсид:

– Дидӣ, бародар?

– Чиро?

– Зангиро мегӯям.

– Ҳа, дидам.

– Вай ҳам қарнҳо дар хоб буд. Дидӣ, чӣ хел бедор шудааст? Дар дили ӯ кину адовати халқ ба қиём омадааст.

Дар чеҳраи Самад як ҳисси ба ташвиши илҳом монанд ҳувайдо буд. Вай гоҳ мӯйлабҳои сафедашро ҳамвор мекард, гоҳ ба дастони зангимонандаш мӯи сафеди мавҷнокашро мемолид. Баъд ӯ як мисраи ба тозагӣ эҷод кардаашро хонд.

Ин байт оғози бисёр хуби достони ӯ – «Овози зангӣ» буд. Достон, ки комьёбии тамоми адабиёти советӣ гардид, дар пеши назари ман таваллуд шуд.

Сонӣ Мирзо–муаллими илова намуд:

– Ҳа, дар саҳифаҳои сафед мисраъҳои нахустин иншо мешуданд. Дар ин лаҳзаҳо қалб ба парвоз меояд. Ин лаҳзаҳо фаромӯшношуданианд! Охир, гапи одамон комилан дуруст аст: яке аз масъалаҳои муҳим барои нависанда эҷодкорона сиёҳ

кардани саҳифаҳои сафед аст. Чӣ хел нависад? Нависанда як умр барои дарёфтани сухани самимӣ ҷаҳд мекунад. Баъзан ҳатто метарсад, ки қалам ба даст гирад. Охир, саҳифаҳои сафед ҳам мисли даштест, ки онро саросар барф пӯшидааст… ба ин дашт бо чӣ бояд ҳарорату равшанӣ бахшад? Вақте ки мурод ҳосил мешавад, ту хушбахттарин инсони рӯи оламӣ.

Саргарми сӯҳбат мо худро дар боғи шаҳр дидем, ки ҳама ҷо сабзу хуррам буд, оби кӯлмакчаҳо пурдурахш буданд.

Ман дар лаби ҷӯйборе менишастем. Маҷнунбедҳо кокулони дарозу нозуки худро бар об ҳамоил карда, рӯи оинагуни онро бӯса мезаданд. Дар об паррандаҳои зебои ба ман шиносу шиновар буданд.

Баногоҳ Мирзо–муаллим хурсандона нидо кард:

– Нигоҳ кун! Қувони сиёҳ!

Ман бо таҳайюр дидам, ки дар миёнҷои об ду қу шинокунон ҷониби мо меоянд. Ду қӯи сиёҳ! Ман онҳоро бори нахуст медидам. Қу будани онҳоро танҳо аз рӯи минқори қаҳрабоoriginal ранг ва андому рафтори табии бисёр зебояшон шинохтан мумкин буд. Онҳо оҳиста, хушхиром ва бовиқор шино мекарданд. Гӯё шаъну эътибори онҳо маҳз аз андому рафтори бисёр хубашон пайдо буд.

Қувони сафед бовиқор шино мекарданд.

Овози зангӣ бовиқор садо медод.

Ҳамаи ин дили маро ба шӯр оварданд.

Қувон – Суруди Вопасин!

Шино кун, қуи сиёҳ!

Гап зан зангии сиёҳ!

Суруди Вопасин ту ғул–ғул андоз!

Баногоҳ ман овози меҳрубон ва пурнавозиши Мирзо–муаллимро шунидам. Гӯё ӯ саҳл оҳ кашид:

– Ин пагоҳӣ дар рӯи мизи ман як саҳифаи холӣ монд. Ҳарчанд зӯр задам, муроде ҳосил нашуд, навишта натавонистам. Саҳифаи сафед рӯзи барҳадар рафтаро мемонад.

Ман пурсидам, ки ӯ дар сари чӣ кор аст.

Ҷавоб дод, ки ғазал менависад.

Бале, ин ҳамон айём буд, ки ӯ бо ҷӯшу хурӯши қалби ҷавон, бо меҳру муҳаббат ҳаёти навро дар ин жанри классикӣ тараннум мекард. Ғазалҳои ин устоди шеър тамоман ба оҳанги нав замзама мешуданд.

Баъди андак сукут ӯ илова кард:

– Намуди зоҳирӣ чизи дигар ! Муҳимтар он чиз, ки кас нависад! Ҳарчанд ки сару либос ҳам аҳамият дорад. Аммо аз ҳама муҳимаш дил, дили инсон! Бигзор дилҳо ҳар чи бештар ба хурӯш оянд, бигзор дар дунё шумораҳои саҳифаҳои сафед ҳар чӣ камтар шаванд.

Қувони сафед шинокунон ба мо хеле наздик шуданд.

Чашмони сиёҳи Мирзо–муаллим барқ мезаданд!

Саҳифаҳои сафед аз ӯ фикрҳои баланпарвозро интизор буданд

* * *

Ҳа, як саҳифаи хотирот варақ гашт. Аммо ҳисоби ин хотираҳо чӣ қадар бошад?!

Мирзо–муаллим дар минбари съезд. Ин марди начандон болобаланди минбарнишини уқоби теғаи кӯҳро мемонад.

Сайру саёҳатҳо дар зодгоҳи устод – республикаи бародарии Тоҷикистон. Барои хуб донистани шоир ӯро дар зодгоҳаш дидан лозим аст. Ман ӯро дар Ҳисори азизаш дидам, ки мӯйсафедону кӯдакон бо ифтихор ба ӯ менигаристанд. Ӯро ба оғӯш кашида, мебӯсиданд. Кӯдакон ӯро миёнагир мекарданд. Вай сари онҳоро сила мекард, ҳар хел суханони азизу меҳрубон мегуфт.

Вай дар издиҳоми одамон омехт ва қариб номаълум шуда рафт.

Охир бузургии инсон дар хоксории ӯст.

Ман шеърхонии ӯро дар институти педагогии Душанбе дар байни нозанинҳои ҳайратфизои Тоҷикистон шунидаам. Вай зоҳиран ким чӣ хел ором, вале ботинан бо овози дил шеър мехонд.

Ман ӯро борҳо дар Озарбойҷони азизам дидаам. Соли 1965 дар республикаи мо Рӯзҳои адабиёти тоҷик мегузаштанд. Мутаассифона ман дар ин маърака имкони ширкат варзидан надоштам.

Рӯзе ба хонаи ман дӯстам Мӯъмин Қаноат – ҳоло котиби якуми правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, шогирди арзандаи Мирзо–муаллим занг зад.

– Устод туро дидан мехоҳанд.

Мо вохӯрдем. Ҳамдигарро оғӯш кашидем.

Қувони сиёҳ ёдовар шуданд. Саҳифаҳои сафед ёдовар шуданд. Охир, ҳақ бар ҷониби Пушкини бузург, ки гуфтааст: «Ёддоштҳо – бузургтарин истеъдоди дили моянд».

Вақте ки аз ҳамдигар ҷудо мешудем, Мӯъмин Қаноат роҳравон ба ман гуфт:

– Мо бо маслиҳати устод барои ту тӯҳфаи хоксоронае пешкаш карданием.

Ин тӯҳфа барои ман воқеаи тамом фаромӯшношуданӣ буд.

Дар шаби хотимавии рӯзҳо, ҳунарпешаи машҳури тоҷик (ёдаш ба хайр) марҳум Маҳмуд Воҳидов, ки ҳамон вақт дар ҷодаи санъат акнун қадам мезад, вале қадамҳояш бисёр устувор буданд, бо овози нарму ширадори ҳайратангезаш шеъри ман – «Дақиқаи хомӯшӣ дар Пер-Лашез»-ро хонд.

Шеърро гӯшкунон намедонистам ба дӯстонам ва қабл аз ҳама ба Мирзо–муаллим чӣ зайл изҳори минатдорӣ намоям.

Магар ҳамин гуна ғамхорӣ дар ҳаққи на танхо адибони ҷавони республикаи худ, балки республикаҳои дигар мисоли ибратомӯз нест.

Вай имрӯзҳо ба ҳафтод медаромад!

Чаро вай шитоб кард, ки моро бепадар монад!

Вақте ки марг фаро мерасад, одамони бузург ҳақ доранд абадӣ бимонад.

Абадият тӯҳфа нест. Вай барои хизматҳо дода намешавад. Абадият ҳамбастагии муҳаббат ва ақл, накӯкорӣ ва вафодорист, ки онро бо сухан тасвир кардан номумкин аст. Абадият ба ивази ҳаёт, ба ивази шабҳои бехобӣ, ба ивази бохирадона пур кардани саҳифаҳои сафед ба даст меояд.

Абадият дар ҳама замонҳо дар пеши назари оламу оламиён ҳайкали боҳашаматест. Мирзо Турсунзода дар таъриху тақдири халқи худ амсоли ҳамин гуна ҳайкал қомат афрохтааст.

Самад Вурғун низ дар ин ҳисоб аст.

Александр Фадеев низ дар ин ҳисоб аст.

Николай Тихонов низ дар ин ҳисоб аст.

Онҳо дӯстони ҷонӣ, дӯстони ҷовидонианд!

*Николай ТИХОНОВ*

## МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Имрӯз Тоҷикистони сотсиалистӣ рӯҳбаландона зиндагӣ дорад ва ҷустуҷӯҳои онро эҷодкориҳои гуногунранг хос аст. Республика соҳиби устодони пурҳунарест, ки дар шаҳру саҳрову кӯҳҳо корнамоиҳо нишон медиҳанд. Дар унверистети Душанбе бештар аз 30 ҳазор нафар студент таҳсил мекунад. Олимон дар ҳамаи соҳаҳои илм кори тадқиқотӣ мебаранд ва ба амалӣ гардидани револютсияи илмию техникӣ дар республика мусоидат карда меоянд.

Дар дараи Пулисангин, ки аз Душанбе чандон дур нест, дар дарьёи Вахш бузургтарин иншооти Осиёи Миёна ГЭС–и Норак сохта мешавад. Ҳамроҳи ин мӯъҷиза шаҳри нави Норак, шаҳри ҷавонӣ тавлид ёфтааст, зеро худи сохтмон зарбдор, сохтмони комсомолию ҷавонист.

Водиҳои аз заминҳои Мирзочӯли собиқ азхуд карда мешаванд. Обанбори Қайроққум, ки бо номи «Дӯстии халқҳо» маъруф аст ва аз Сирдарё пур мешавад, дар Шимоли Тоҷикистон васеъ доман паҳн кардааст.

Ва мисли он ки Қайроққум шаҳри ҷавонист, обанбори мазкур низ иншооти ҷавон аст. Шаҳрҳои наве бунёд карда мешаванд, роҳи оҳани бештар аз 300–километра Ёвон ва Қӯрғонтеппаро бо Тирмиз мепайвандад. Помири баландкӯҳ аз қувваи электрикӣ мунаввар аст, вай бо тамоми республика ба воситаи радио ва телефон робита дорад. Ба ҳазор нафар аҳолӣ 525 нафар касони маълумоти олидор, миёна ва миёнаи нопурра рост меояд.

Тоҷикистони имрӯза иштирокчии нақшаҳои азимест, ки дар қарорҳои съезди XXV КПСС зеби рақам шудаанд.

Ҷӯстуҷӯҳои ҷасурона ва нав, корҳои бузурги навсозӣ дар пешанд. Зиндагӣ дар Тоҷикистон ба зинаҳои нави камолот рафта истодааст.

Халки тоҷик соҳиби истеъдодҳои мусиқӣ ва санъати театрие мебошад, ки берун аз Иттифоқи Советӣ ҳам маълуму машҳуранд. Ҳайкалтарошон ва рассомон бо илҳоми тоза асарҳои нав эҷод мекунанд, аммо дар ин ҷо бештар санъати баланди шеър ва сухани бадеиро меписанданд. Аз ин рӯ

сатрҳои пурҳарорати Абдулқосим Лоҳутӣ, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин Қаноат дар ин диёр басо машҳуранд ва ба дили мардум роҳ ёфтаанд. Як нафари ба доираҳои гуногуни мардум писанди ин тоифаи санъаткорони сухан Мирзо Турсунзода мебошад…

Роҳи ҳаётии Мирзо Турсунзода мураккаб ва душвор буд, аммо ӯ вайро шарафмандона тай кард. Шеърҳои офаридаи вай мисли дарёчаҳои кӯҳӣ шӯху барқосо ба ҳам омада, ба дарёи пуриқтидоре табдил ёфтанд ва ба водиҳои пурдомана расида, ҳамаи онҳоеро, ки ошиқи фасоҳат ва назокати шеъри ҳақиқӣ мебошанд, шодмонӣ бахшиданд.

Ман борҳо шоҳиди он будам, ки чи хел мардуми Шарки хориҷа шеърҳои ӯро ба ҳаяҷон ва аз самими дил мешуниданд ва офарандаашро барои хушнудии чунин мулоқот бо мамлакати дур ва дар айни замон наздики Советҳо ташаккур мегуфтанд.

Чун давомдиҳандаи анъанаҳои назми шӯҳратманди шоирони пешина Рӯдакӣ ва Ҷомӣ, ки вуҷуди эҷодҳояшонро мубориза барои инсон ташкил додааст, Турсунзода доираи мавзӯъҳоро васеътар карда, ҷустуҷӯҳои худро бо ғояҳои замон ғанӣ сохт, ба шеър образнокии баланде даровард. Шоири лирик назмро ба минбари публицистӣ бароварда, ба сифати адиби интернациолизм и пролетарӣ, ҳимоягари матини сулҳ маъруф шуд. Вай бо шеъри баланғояи худ пеши роҳи ҷангҳои нави хонумонсӯзро гирифта омад.

Аз овони бачагӣ Мирзо Турсунзода назми классикии тоҷикро меомӯхт. Боигарии шеърии сарояндагони асрҳои гузашта ӯро ба ваҷд меоварданд.

Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябрь то Ватани ӯ– водии дурдасти Ҳисор омада расид. Ва аз ҳамон давра шоир роҳи шеърро интихобид. Ин роҳ аввал ӯро ба Душанбе, сонитар ба Институти тоҷикии маориф, ки дар Тошкент кор мекард, бурда расонд.

Бо ин роҳ Мирзо ба дунёи наву омӯхташудае, ки дилу рӯҳи ӯро мепарварид, касро ба ҳайрат ва тааҷҷуб меандохт. сафар кард. Вай бо ин роҳ ҳамеша ба кӯҳи баландтаре мебаромад ва пас аз ҳар қадами нав дар пеш қуллаи наверо дида, ба фатҳи он мешитофт. Солҳои бисёр гузаштанд ва мо акнун Мирзо Турсунзодаи узви комсомолро чун корманди рӯзномаи

ҷавонон медидем. Дар ин чо аввалин маҷмӯаи шеърҳои вай бо номи «Байраќи зафар» чоп шуда баромад. Дар маҷмӯа шеърҳо дар васфи ҳаёти халқ ва тақдири таърихии он ҷой гирифтаанд.

Истеъдоди шоири ҷавон такомул меёфт ва ӯ ҳамоно пеш мерафт. Чун натиҷа вай ҳамроҳи А. Деҳотӣ драмаи манзуми «Хисрав ва Ширин»–ро офарид, аз рӯи либреттои ин ду адиби бо ҳам дӯст оҳангсоз А. Баласанян аввалин операи тоҷикии «Шӯриши Восеъ»–ро ба вуҷуд овард, ки дар Москва рӯзҳои Даҳаи санъати тоҷик намоиш дода шуд.

Ба рӯи Мирзо дари олами эҷодиёт васеъ кушода мешавад. Вай шеърҳои замонӣ менависад ва дар мавзӯъҳои таърихиву замонӣ достонҳо ба вуҷуд меоварад, ба васъату сайқали истеъдоди вай мулоқот ва дӯстӣ бо нависандагони номӣ, сафарҳои ӯ дар мамлакат ва берун аз он мусоидат мекунанд.

Соли 1947 Мирзо Турсунзода бори нахуст ба Ҳиндустон сафар кард. Мамлакате, ки бо Тоҷикистон ҳамсоя аст, ба шоир то андозае маълуму шинос буд. Вай доир ба ин мамлакат бисёр асар хонда, сурудҳои халқии ҳиндуро, ки ҳиндуёни аз доманаҳои Ҳимолой омада месуруданд, шунида буд. Шоир силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»–ро навишт, ки соли 1948 бо мукофоти Давлатии СССР сарфароз карда шуд.

Баъдтар китоби шеърҳо ва достонҳои ӯ дар бораи Осиё ба вуҷуд омад. Дар он шоири Шарқи Советӣ ба муқобили мустамликадорӣ ва истисмори халқҳо аз ҷониби империалистон баромад кард.

Мирзо Турсунзода дар тарҷумаи ҳоли худ навишта буд: «Ман дар мавзӯи Шарқ бисёр кор мекунам ва менависам. Махсусан ҳоли ҳозир, ки халқҳои Осиё ва Африка бо боварии қатъӣ ба роҳи озодихоҳӣ ва рафъи мустамаликдорӣ рафта, яке аз паси дигар истиқлолияти худро нигоҳ медоранд, ин мавзӯъ бештар диққати маро ба худ мекашад».

Дар шеърҳои бахшида ба Осиё офаридаи шоир ҳақиқати талхи дар давоми асрҳо истисмору шиканҷа кашидани ин халқҳо инъикос шудаст; шоир аз орзуву омоли онҳо ҳикоят мекунад, дар бораи ҳуқуқи халқҳои қитъа ба озодӣ ва пешрафти истеъдодҳо, қадр кардани обидаҳои санъате, ки дар давоми асрҳо бунёд кардаанд, кашфиётҳои бузурги илмӣ, ки ба беҳбудии тамоми инсоният нигаронида шудаанд, сухан меронад.

Дар замини Осиёи куҳан шоир ба сифати сайёҳи туфайлие қадам назадааст, балки вай ба ин ҷо чун фарзанди мамлакати озоде омада буд, ки дасти ёрӣ ба халқҳои ҳамсоя дароз мекунад, тақдири драмавии онҳоро бо тамоми амиқиаш мефаҳмад.

Дар шеъри барҷаста ва дилчаспи лирикии худ,ки ба раққосаи ба таври афсонавӣ зебову беҳамтои ҳинду Тара–Чандри бахшидааст, шоири мафтун ба санъати ин нобиғаи ҳунар чунин хитоб мекунад:

*Ман аз рақси ту мафтунам,*
*Зи ҳолат лек маҳзунам.*
*Тара-Чандри, Тара-Чандри*
*Макун ин қадр афсунам!*
*Аммо дар айни замон шоир ба ӯ мегӯяд:*

*Матарс аз шӯълаҳои аввалини субҳи озодӣ,*
*Маларз аз боди даҳшатноки тӯфон мисли шамшоде*
*Умеду орзуи халқи худро дар дилат ҷо кун,*
*Дили пурҳасрати онро ба мисли ғунчае во кун.*
*Ту, эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари бебахт,*
*Сияҳчашму сияҳабрӯ, сияҳмӯ, духтари сарсахт!*

Дар Ҳиндустон низ субҳи озодӣ дамида, мамлакати куҳан аз нав ҷон гирифт. Ва дар шеърҳои Мирзо Турсунзода образи зани озоди Осиё пайдо шуд, ки он ҳам зани хушбахту комилҳуқуқи Шарқи Советӣ буда, дар маишат ва зиндагӣ, дар меҳнат ва санъати Тоҷикистони азиз ҷои муносиби худро ишғол кардааст.

Мубориза барои озодии занон аз бузургтарин мавзӯъҳои эҷодиёти Турсунзода мебошад. Ин аст, ки мо ба ҳамаи суханҳои Мирзо Турсунзода, ки дар сари қабри модари оддию деҳқонаш гуфтааст, сидқан бовар мекунем, амиқӣ ва самимияти онҳоро равшан идрок менамоем:

*Шеър гӯям, ояд аз шеърам садои модарам,*
*Деҳа гӯям, бар сарам ояд ҳавои модарам.*
*Солхӯрда гар зане рӯзе дучор ояд ба ман,*
*Гӯямаш, ки бош, то ҳастам, ба ҷои модарам!*

Ҷун идомаи вассофиҳои шоирони асрҳои гузашта, ки зебоии ҳамсарони худро сурудаанд, Мирзо Турсунзода бисёр шеърҳои худро ба занони даврони мо бахшид, ақлу хирад ва назокату истеъдоди онҳоро васф кард:

*Зан ба ман маълум шуд, ки офтобӣ будааст,*
*Кори ӯ ҳам дилбарӣ, ҳам дилхаробӣ будааст.*
*Пас ҳама гӯянд, ки: «бигзор, зан бошад мудом,*
*Зиндагӣ бо зан хуш асту умр бо зан бардавом».*

Инқилоб ба рӯи занон роҳи сӯи алами равшани меҳнат ва бахтро кушуд, роҳеро мунаввар сохт, ки бо он ҳамаи мардуми оддӣ, мардуми дар ҷаҳолат ва беҳуқуқӣ зиндагӣ карда раҳсипор шуд.

Ҳасани аробакашро аз достони ҳамноми Мирзо Турсунзода Инқилоби Октябр ба қатори инсон овард, тақдири ӯро муайян намуд ва роҳи ояндаашро нишон дод. Орзуи ҳамтақдиронаи вай, нияти шахсии ӯ ҷомаи амал пӯшиданд:

*Чӯбу семент мекашонид он,*
*Ба бинокори сохтмони Вахш.*
*То канал сохта равон созанд*
*Обро сӯи ташнагони Вахш*

Дар достонҳои Мирзо Турсунзода мисли «Духтари муқаддас», «Садои Осиё», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин» истеъдоди шоир пурра тазоҳур кард. Вай образнокии зинда барин боигарии назми классикиро нигоҳ дошта, дар айни замон шеърро бо тасвирҳои реалӣ бой кард. Ташбеҳу истиораҳои нав ёфт, киноя ва юморро моҳирона истифода бурда, онро ба минбар баровард. Вай аз воситаҳои патетикӣ ва қувваи нишонраси памфлет истифода намуд.

Ба достони ӯ «Аз Ганг то Кремль» таваҷҷӯҳи махсусе мебояд.

*Ман ҳасад мебарам ба марди Ҳинд,*
*Ки ба Ленин бигуфт дарди Ҳинд.*

Роҳе, ки қаҳрамони достон – фарзанди Ҳиндустон Пратап тай кардааст, роҳи онҳоест, ки ба муқобили истисмор ва

ҷаҳолат, качравиҳо ва нодонӣ бархостаанд, роҳест, ки охири охирон ҷӯяндаи ҳақиқатро ба Кремль, ба мулоқоти Ленин овардааст. Шоир ба ваъдаи худ вафо кардааст.

*Ваъда кардам, ки достон нависам,*
*Васфи Ленини меҳрубон нависам.*
*Ман ба он ваъдаам вафо кардам,*
*Хуб ё бад, вале адо кардам.*

Достони мазкур гӯё ба бисёр мавзӯъҳои шоир ҷамъбаст меофарад, ӯро дар либоси нави ҳимоятгари монданашавандаи сулҳ пеш меоварад. Мавзӯи сулҳ моҳияти асли назми ӯро ташкил медиҳад. Вай дар тасвири меҳнати осоиштаи бинокорони коммунизм, васфи рӯзгори тоҷикон дар замони мо, дар ашъори ишқӣ ва таҳқиқи муносибати нав ба маъшуқа, дар сатрҳои оиди замини модарӣ, ки аз нав тавлид шудаасту тухми ояндаи орому осоиштаро ба ҷаҳон мепошад, арзи андом кардааст:

*Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,*
*Бо тапиданҳои бероому рӯзафзуни дил,*
*То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,*
*Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯи ҷаҳон.*

Ин мавзӯъ ва мавзӯи дӯстии халқҳо мағзи ратсионалии эҷодиёти Турсунзодаро ташкил медиҳанд. Беҳуда нест, ки дар сарҳади Покистон делегатсияи нависандагони советиро, ки ба Лоҳур барои иштирок ба конфренсияи нависандагони тараққихоҳ, раҳсипор буд, аввалин сарҳадбон бо шеърҳои шоири барҷастаи Осиё Иқбол пешвоз гирифт ва Мирзо Турсунзодаро чун шоири бузурги Шарқ, чун дӯсти кайҳо шинос ва ба дили халқҳо азиз хайра мақдам гуфт.

Мирзо Турсунзода нотиқи шӯълаваре буд. Овози ӯ дар бисёр шаҳрҳои Осиё, Европа ва Африка танинандоз гардидааст. Ӯро дар минбари конгрессу конференмияҳои байналхалқӣ, дар хаймаи бодиянишинон ва қасри роҷаҳо, дар кулбаи бамбукӣ ва хонаи гилин, дар сӯҳбати деҳқонони хориҷа ва дар саҳроҳои колхозии мамалакат дидаанд. Шоири академик Мирзо Турсунзода Раиси Комитети Советии якдилии

мамлакатҳои Осиё ва Африка буд. Вай яке аз аввалинҳо шуда сазовори мукофоти ба номи Ҷавоҳирлол Неҳру гардид.

Роҳбари ташкилоти нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода хитоб карда буд: « Мо, коммунистон, маданияти худро маданияти аз ҳама интернатсионалӣ мешуморем, ки аз рӯи васиятҳои Ленин ба омӯхтан ва таҳлил намудани он чи ки адабиёти ҷаҳон андӯхтааст, кӯшиш мекунем. Ҳар як нависанда бояд нағз фаҳмад, ки танҳо барои худ, барои қишлоқ ё шаҳри худ не, балки барои ҳамаи мамлакат, барои ҳамаи инсоният эҷод мекунад ва тақдири мамлакату инсоният бо худи санъаткор, бо қишлоқу шаҳри ӯ алоқаи диалетикӣ дорад. Мо набояд дар бораи ҳар гуна мулоҳизаронихо доир ба мумтозӣ сарфи назар кунем. Мо шоҳиди онем, ки ҳар гуна «фавқулинсон» ва «фавқулхалқҳо» ба сари оламиён чӣ офатҳо оварда буданд ва меоваранд».

Мирзо Турсунзода устоди барӯманд ва серталаби қобилиятҳои наве буд. Халқи советӣ дар шахси ӯ намунат олии хизмат кардан ба назм, садоқат ба партия ва обарази коммунисти матииродаро дидааст.

Мо, шоирони советӣ, Мирзо Турсунзодаро нағз мешинохтем ва самимона дӯст медоштем. Шоирони мутарҷим хеле меҳнат ба сарф оварданд, то ки ба хонандаи рус асарҳои ӯро пурра ва ҳаққонӣ дастрас намоянд.

*Анатолий САФРОНОВ*

## РОҲИ ҲИНДУКУШ

Номи Мирзо Турсунзода аз аввалин сатрҳои шеъраш, ки ба воситаи нашрияҳои адабӣ шинос шудаам, ба дили ман ҷой гирифт. Ҳанӯз дар ҳамон солҳо шоири ҷавони тоҷик ба тарзу сабки хос дар бораи сарзамини азизаш, дар бораи муҳиту мардум, ки худ дар он ба воя расидааст, образу суханҳои тозаю самимӣ пайдо мекард. Ман пеш аз шиносоӣ бо Тоҷикистон дар бораи ин диёр, кӯҳу рӯдҳои он, Боми Ҷаҳон ва ҳар он чизе, ки бо ин республикаи начандон калон, вале номдор алоқаманд аст, маҳз ба шарофати ашъори Турсунзода тасаввур ҳосил карда будам.

Ҳамин симои хоси республика, мардуми меҳнатқарину табиати зебои он дар тамоми назми Мирзо Турсунзода тасвир ёфтааст. Қисмати мо будааст, ки на танҳо дар кори эҷодӣ, балки дар фаъолияти ҷамъиятӣ ба ҳам вобаста ва дӯст бошем. Соли 1955 ба ман низ муяссар гашта буд, ки ҳамчун намояндаи советӣ дар кори Комитети тайёрӣ ба конфренсия дар Деҳлӣ иштирок намуда, аввалин Конфренсияи якдилии халқҳои Осиёро омода созем. Раиси Комитети советии якдилӣ бо халқҳои Осиё Мирзо Турсунзода интихоб шуда ва дар Конфренсияи якум дар Деҳлӣ ҳайати вакилони советӣ бо сарварии Николай Семёнович Тихонов иштирок намуд.

Вале шиносии ман бо Турсунзода қабл аз ин дар мулоқоти кӯтоҳмуддате, дар Тошкент, яъне пеш аз сафар ба Лаҳор, ки яке аз калонтарин шаҳрҳои Покистон ба шумор меравад, ба вуқӯъ омада буд. Дар ин шаҳр бояд Конгресси якуми нависандагони пешқадаму озодфикри ин мамлакат баргузор мегардид. Ҳайати вакилони мо аз Николай Тихонов, Ойбек, Мирзо Турсунзода ва ман иборат буд.

Барои ман ин аввалин шиносоӣ на танҳо бо Покистон, балки умуман бо Осиё буд. Ҳамин тариқ, Афғонистон, ки роҳи мо ба воситаи он буд, бароям на танҳо аввалин мамлакати Осиё, балки аввалин мамлакати хориҷие ба ҳисоб меёфт, ки ман сафар мекардам. Мо бо самолёт ба Кобул омадем, ки он вақт танҳо якчанд биноҳои аврупоисохт дошт. Чизе ки пеш аз ҳама мушоҳида шуд,қашшоқию бенавоии мардуми ин диёр буд. Мо

дар кӯчаҳо мардуми лоғару беҳол, чиркину ҷулҳундипӯшро дидем.

Баъди он ки мо мошинсавор аз Кобул баромада ба Лоҳур раҳсипор шудем, дар назди пункти бензингирӣ аввалин сӯҳбати Мирзо Турсунзода бо пирамарде, ки дар сар дастори чиркини хокистарранг дошт, ба хотирам омад. Дар паҳлуи пирамард ҷавони зебое истода буд. Мирзо Турсунзода аз ҷавон пурсид, ки вай ба чанд даромадааст. Ҷавон ҷавобе дода натавонист. Баъд Мирзо аз пирамард пурсон шуд:

– Куҷо меравед?

– Ба Ҷалолобод.

– Пиёда меравед?

– Пиёда.

Аз Кобул то Ҷалолобод яксаду ҳаштод километр роҳ аст.

Пирамард барои ба аввтобус рафтан пул надошт. Нохост ӯ ба Турсунзода савол дод:

– Шумо то баҳор ғалла доред?

– Албатта, дорем, – ҷавоб дод Турсунзода.

Пирамард оҳи бадарде кашид. Вай ҳатто барои зимистон ғалла надошт.

Соли 1919 дар сарҳади Покистон, дар наздикиҳои гузаргоҳи Хайбар афғонҳои ниммусалаҳ кӯшишу ҳуҷумҳои ба Афғонистон зада даромадани англисҳо ва забт кардани онро қаҳрамонона баргардонида буданд. Он вақт ба англисҳо муяссар нашуд, ки ин мамалакатро забт кунанд. Ба Афғонистон америкоиҳо омаданд. Онҳо иқтисодиёти мамлакатро ба дасти худ гирифта, ба ивази мошинҳои моторҳояш сусту беэътимоди «Шевроле», сигарету ҷуробҳои фарсуда қароқулҳои беандоза зиёдро харида ба Америка мефиристоданд.

Мо аз сарҳади Афғонистону Покистон зуд нагузаштем. Мирзо хеле хуб ҳарф мезад ва бо мардуми таҳҷоӣ тез забон меёфт. Сарҳадбон, хизматчии боҷхона фаҳмид, ки Турсунзода ба форсӣ сухан мегӯяд пурсид, ки вай ин забонро аз куҷо медонад.

– Ман на танҳо забон, балки назми онро медонам, шоири номвари Покистон Иқболро медонам, – гуфт Мирзо ва аз ёд чанд шеъри дар ҳақиқат оличаноби ин классики адабиёти Покистонро хонда дод.

Ин саёҳати кӯтоҳмуддат ба Афғонистон буд, ки бароямон

характери дарккунӣ, шиносшавӣ дошт. Мо дар ҳақиқат ҳаёти бағоят душвору тоқатфарсои мардумро мушоҳида кардем, чӯлу биёбонҳои тафсонеро дидем, ки занон дар сар бори вазнин, пойлуч қадам мезананд. Ҳамаи ин як умр дар хотираҳои мо монд, дар дилу дидаҳоямон нақш баст.

Мо се ҳафта дар Покистон шудем. Ҳар рӯзи мо дар ин се ҳафта дар он замони душвору мураккаб, ки байни Иттифоқи Советӣ ва Покистон ҳатто муносибати дипломатӣ барқарор нагардида буд, пур аз сӯҳбату мулоқотҳои расмӣ буд. Дар ҳар қадам ҳанӯз осори ҷангу сӯхтору хунрезиҳо мушоҳида мешуд. Зеро аз ҳайати Ҳиндустон ҷудо шудани Покистон ба осонӣ ба амал наомадааст. Бар ин роҳ одамони бисёре қурбон шудаанд. Фаъолияти Партияи Коммунистӣ манъ карда шуда буд ва пинҳонкорӣ мекард. Аҳли ҷамъият ва ходимони равшанфикру пешқадам шинохтани фаъолияти Котиби генералии партияи коммунистӣ, нависанда Зоҳирро талаб менамуданд. Маҳз дар Покистон мо бо Файз Аҳмади Файз шинос шудем ва ба меҳмоннавозии ин адиби боистеъдодтарини замон мушарраф гардидем. Файз Аҳмади Файз роҳи душвору пурташвишеро тай намудааст, чандин бор ҳабс шудааст, имрӯзҳо дар Бейрут зиндагӣ мекунад ва сармуҳаррири маҷаллаи «Лотос», нашрияи Ассотсиатсияи нависандагони Осиёву Африқо мебошад.

Ҳангоми бозгашт фаро расид ва ба мо лозим омад, ки боз ба воситаи Афғонистон ба Ватани маҳбубамон Иттифоқи Советӣ баргардем. Дар сарҳад, дар гузаргоҳи Хайбар мо даҳҳо лавҳаи ёдгориро дидем, ки дар сангҳои сари роҳ канда шудаанд. Мо дар ин лавҳаҳо номи қисмҳои ҳарбӣ ва аскарҳои англисро хондем, ки дар муҳориба бо афғонҳо ҳалок шудаанд. Лавҳаҳо хеле бисёр буданд.

Дар тӯли сафар ҳис мекардем, ки дар ягон ҷо моро андаке бештар таваққуф кардан намемонданд, намегузоштанд, ки нависандагони пешқадами Покистон бо мо вохӯранд, чунин муносибатро мо ҳатто дар Пешовар низ ҳис кардем, ки шаби охирринро дар он ҷо гузаронида будем. Ҳамин тарз мо аз Пешовар, аз шаҳри таърихие рафтем, ки дар он чанд муддат Киплинг зиндагӣ карда, асари машҳури худ «Маугли»-ро эҷод кардааст.

Дар тӯли се ҳафта мо бо Мирзо Турсунзода бағоят дӯстони наздик шудем. Дар меҳмонхонаҳо ҳар ду дар як ҳуҷра зиндагӣ

мекардем. Ману Мирзоро Азиз ном як афғони тундмиҷоз бо мошин мекашонд. Мирзо дар паҳлуи ронанда нишаста бо ӯ ба забони форсӣ ҳарф мезад ва ин ронандаро хуш меомад. Роҳ нишеби пур печутобу хафнок буд. Пинҳон намедорам, баъзан мо бо тарсу ҳарос гоҳ ба синдометр, гоҳ ба нишебиҳои махуфи бетаг менигаристем. Ва боре ман ба Мирзо Турсунзода гуфтам:

– Мирзо ба ронанда гӯй, ки мошинро оҳистатар ронад, охир, мо ба хона рафта истодаем ва бояд сиҳату саломат расем.

Мирзо ин мақсадро ба ронанда гуфт ва мошин акнун бо суръати даҳ километр дар як соат ҳаракат мекард. Азиз маслиҳат доданро намеписандид.

Ман бо ин ёддоштҳои солҳои пешин, ки имрӯз қариб ба касе маълум нест, таъкид кардан мехоҳам, ки на танҳо назми ин шоири номвари даврон оламгир буд, ки онро мо дар соҳилҳои уқёнусҳои Ором, Атлантик ва Ҳинд хондаем, балки барои мо ва барои наслҳои минбаъда вай классики адабиёти тоҷик буд, ҳаст ва ҳамин тавр хоҳад монд. Вай баробари баландию нозукҳои назм ҳаёти халқи оддиро низ хеле хуб медонист.

Дар ҳамон сафар боре Мирзо аз Азиз хоҳиш кард, ки мошинро дар наздикии пахтазор, ки ниҳолҳояш чандон баланд набуд, нигоҳ дорад. Мо аз мошин баромадем. Ба наздамон Тихонову Ойбек низ омаданд. Ойбек аз деҳқонон пурсид, ки оё онҳо Навоиро медонанд. Онҳо Навоиро медонистанд. Онҳо ӯзбекони Афғонистон буданд. М. Турсунзода ба ҳосилнокии пахта мароқ зоҳир кард. Маълум шуд, ки ҳосили пахта дар он ҷо нисбат ба Ӯзбекистону Тоҷикистон чор панҷ маротиба камтар будааст. Инро ба чашми оддӣ ҳам дидан мумкин буд. Зеро аз ғузаҳои қаҳварангу сурхранг пағаҳои бебору сабук ба назар мерасид.

Вақте ки ба роҳ даромадем. Азиз гуфт:

– Ман мамалакати шуморо медонам ин мамлакати моторҳост – дар ҳама ҷо ҳам дар саҳроҳо ва ҳам дар фабрику заводҳо мошинҳо кор мекунанд. Дар кӯчаҳо мошинҳои азимҷусса равонанд

– Ту инро аз куҷо медонӣ? – пурсид Турсунзода.

Азиз ҷавоб дод.

– Амаки ман китоби таърих дорад, дар он аз ин хусус на-

виштаанд. Баъди чанде мо ба соҳили дарёи Ому расидем, ки дар соҳили дигар чароғҳои барқӣ фурӯзон буд. Ин шаҳри советии мо Термез буд.

Рӯзи дигар мо аз дарёи Ому гузаштем ва ба замини худ қадам гузоштем.

Вақте ки имрӯз кас сӯҳбату мулоқотҳои худро бо Мирзо Турсунзода, шабҳои тӯлонии ба ҳам гузаронидаро ва мутолиаи шеърҳои нави ӯро, ки маҳкам дар дил ҷой гирифтаанд, ёдовар мешавад, беихтиёр фикр мекунад, ки ин шахс инсони асилу бузург буд ва истеъдоди модарзодии шоирӣ дошт, ватани худро беандоза дӯст медошт, қимату моҳияти ҳақиқии дӯстии халқҳоро амиқ медонист.

Тасодуф нест, ки маҳз ба қалами ӯ эҷоди достонҳои оличанобе мансубанд, ки ҳам ба халқи советии мо ва ҳам ба халқҳои дигар кишварҳо, ки нисбат ба мамлакати советӣ муносибати дӯстона доранд, азиз аст. Зиёда аз он онҳо амиқ дарк карданд, ки ин ҳама ба одами советӣ чӣ қисмате, чи аҳамияте доранд, баҳои сазовор медиҳад.

*Рӯди хурди деҳаи ман рӯди пуршӯр аст, шӯр,*
*Бо садои рӯдҳои Осиё ҷӯр аст, ҷӯр,*
*Ман ба ин рӯди азизам меҳри дилро додаам,*
*Ҳамраҳаш дар кӯҳсорон роҳи нав бикшодаам.*
*Аз лаби ин рӯд, аз қишлоқи ҷоноҷони ман*
*Сар шуд овози дили ман, – мурғи хушилҳони ман*
*Бо садои Осиё ҳамроҳ шуд, ҳампой шуд,*
*Дар сафи эҷодкорони саодат ҷой шуд.*
*Метавонад ҳар касе, ки зӯр шуд, ғолиб шавад,*
*Молу мулки дигаронро ояду соҳиб шавад.*
*Моҳиёнро метавонад, ки наҳанг орад ба ком,*
*Баҳри бетак рӯдҳоро дам кашад чун май зи ҷом.*
*Нест аммо қуввае, ки азмро орад завол,*
*Рӯҳи озодӣ парастонро намояд поймол.*
*Баҳри озодӣ садои Осиё омад ба гӯш,*
*Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш, Омад ба ҷӯш!*

*Александр ДЗАСОХОВ*

## РАИСИ НАХУСТИН

Ғалабаи таърихӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, торумор кардани яке аз отрядҳои зарбазани империализми ҷаҳонӣ – фашизми гитлерӣ халқи советиро рӯҳбаланд кард ва ба ӯ дар муборизааш барои сулҳи пойдори рӯи Замин қувваи нав бахшид.

Халқи советӣ, ки дар роҳи озодӣ ва истиқлолияти худ ва халқҳои Европа бештар аз 20 миллион нафар писару духтаронашро қурбон кардааст, чӣ будани дунёи беҷанг, сулху амниятро нағз мефаҳмид ва дар баробари ин нияти истилогарона ва ҷангҷӯёнаи душманони сотсиализм ва тараққиётро, ки ба оташи «ҷанги сард» доман мезаданд, хеле хуб тасаввур мекард. Вай пеши роҳи доираҳои империалистӣ ва ҳамаи онҳоеро, ки даъвои ниқорталабӣ доштанд, бо садду сангарҳои пуриқтидор мегирифт. Дар ин давра аз одамони советӣ як қатор муборизони роҳи сулҳу амният баромаданд, ки номи онҳо ҳамчун муродифи мубориза ва сулҳ шӯҳрат пайдо кард. А. Фадеев, Н. Тихонов, М. Шолохов, И. Эренбург аз ҷумлаи ҳамин гуна намояндагони халқи советӣ мебошанд. Шоири бузурги советӣ, ходими намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Турсунзода низ дар ҳамин саф буд.

Мирзо Турсунзода иштирокчии конгрессҳои сулҳпарварон дар Париж ва дар Варшава буд, ки ин конгрессҳо ба ҳаракати ҳозиразамони тарафдорони сулҳ ибтидо гузоштааст. Вай яке аз ташкилотчиёни маъракаи ҷамъ намудани имзо ба тарафории даъвати яроқпартоӣ дар Стокголм буд.

Бо ғалабаи Мамлакати Советӣ анҷом ёфтани Ҷанги дуюми ҷахон ба тақдири халқҳои Шарқ ва тамоми аҳолии мамлакатҳои мустамлика таъсири бевосита гузошт.

Халқҳои Осиё, мамлакатҳи араб ва кишварҳои Африқо яке аз паи дигаре ба роҳи муборизаи миллӣ – озодихоҳӣ даромаданд.

Мирзо Турсунзода аз сафараш ба Ҳиндустон, ки соли1949, дар ибтидои истиқлоли ин давлат сурат гирифта буд ва дар он сафар Н. С. Тихонов, М. А. Иброҳимов, акдемикҳо Е. М. Жуков, Т. А. Саримсоқов ва дигарон ҳамроҳаш буданд, бисёр ёдовар мешуд. Шароити онвақта, набудани авиатсияи

реактивӣ сабаб шуд, ки вакилони Мамлакати Советӣ дар роҳи сафар ба Эрон, Бирма, Покистон ҳам фуруд оянд, шоҳиди азму ирода ва дилгармии халқи ин мамлакатҳо нисбат ба истиқлолияти миллӣ ва ҳамкории бародарона шаванд.

Нахустин ҳайати намояндагони Мамлакати Советӣ дар Ҳиндустон бо фарзанди баруманди Ҳинд, пешсафи муборизаи озодихоҳӣ Мҳатма Гандӣ, бо сарвари давлат Ҷавоҳирлол Неҳру мулоқот ва сӯҳбатҳо карданд.

Ҳангоми ин сафар кишвари бостонӣ, вале озоду ҷавонгаштаи Ҳиндустон чашмаи илҳоми шоир Мирзо Турсунзодаро ба ҷӯш овард ва ӯ достони «Қиссаи Ҳиндустон»–ро эҷод кард, ки ҳоло дар сар то сари ҷаҳон маълуму машҳур аст. Дар ин давраи тайёрӣ ба 100-солагии рӯзи таваллуди Владимир Ильич Ленин шоир Мирзо Турсунзода достони дигари худ «Аз Ганг то Кремель»–ро офарид, ки шояд фикри навиштани чунин достон ҳам ба сари шоир дар ҳамон солҳо пайдо шуда бошад.

Лаҳзаҳои ҳаёти рангорангу ибратбахши Мирзо Турсунзодаро пеши назар меоварам ва гоҳо як ақидаи нависандаи англис Киплинг ба хотир мерасад. «Ғарб – Ғарб асту Шарқ – Шарқ. Онҳо ҳеҷ гоҳ наздик намешаванд», – гуфтааст ӯ.

Шахсиятҳои барҷастае монанди Мирзо Турсунзода ба туфайли сеҳри истеъдод ва кору амали худ Ғарбу Шарқ ва Шарқу Ғарбро бо торҳои басо муқтадири умумиинсонӣ пайвастанд, ки ҳеҷ гусастан надорад.

Баъди даҳ соли хомӯш шудани садои тӯпҳои ҷанги дуюми ҷаҳон даҳҳо мамлакатҳои мустмалика истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварданд. Мубориза бар зиддӣ мутамликадорӣ пурзӯртар ва мақсадҳои он беш аз пеш аёнтар гардид. Шӯру қиём ва мавҷи ин мубориза ба ҷӯшу хурӯши рӯдҳои пуршӯри кӯҳистон, ба рӯдҳои диёри Мирзо Турсунзода монанд аст. Кундаю завлонаи системаи мустамаликавӣ дар назди оташи ин мубориза, шӯру қиёми он тоб намеоварад, обу адо, хоку туроб мешавад. Чунин саҳифаҳои дурахшони таърихи навтарини халқҳои Осиё ва Африқо бо ёрӣ ва дастгирии фаъолонаи Давлати Советӣ ва Партияи Коммунистии мамалакати мо навишта шудаанд.

Боло шудани шуури сиёсӣ, саъю кӯшиш дар роҳи мубориза ба муқобили мустамаликдорӣ ва мустамаликахоҳии навбаро-

мад, бар зидди сиёсати империалистии ҷанг ва таҷовузкорӣ торафт оммавӣ гашта, характери муташаккилона мегирад.

Моҳи июни соли 1954 дар Стокгольм, дар рӯзҳои конфрентсия, ки ба паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ бахшида шуда буд, бо таклифи ходими намоёни ҷамъияти Ҳиндустон, лауреати Мукофоти байалхақии ленинӣ «Барои мустаҳкам кардани сулҳи байни халқҳо» Ромешвари Неру мулоқоти намояндагони чанд кишвари Осиё – Иттифоқи Советӣ, Ҳиндустон, Хитой, республикаи Халқии Демократии Корея, Республикаи Демократии Вьетнам, Япония, Сурия ва Лубнон барпо гашт.

Дар ин мулоқот ҳайати вакилони Ҳиндустон таклиф кард, ки моҳи апрели соли 1955 дар Деҳлӣ Конференсияи аҳли ҷамъияти мамлакатҳои Осиё даъват карда шавад. Ин таклиф аз тарафи ҳайати вакилони Иттифоқи Советӣ фаъолона дастгирӣ ва аз тарафи иштироккунандагони мулоқот қабул карда шуд.

Конфренцияи мамлакатҳои Осиё дар Деҳлӣ 6–10 апрели соли 1955 чанде пештар аз конфрентсияи Бандунг барпо гардид. Ин конференсия дар роҳи муттаҳид кардани қувваҳои зиддиимпериалистии минтақа роли муҳим бозид. Конференсия қарори қатъӣ қабул кард, ки ваҳдат ва ҳамраъйи халқҳои Осиё дар мубориза ба муқобили сиёсати империалстии тавоҷузкорӣ ва дасисаҳои ҳарбӣ, бар зидди тартиботи ғуломии мустамаликадорӣ мустаҳкам карда шавад.

Конфренсияи Деҳлӣ нахустин конференсияи якдилии халқҳои Осиё буда, дар он Комитети байналхалқии якдилии халқҳои Осиё ташкил карда шуд. Конфересия ба аҳли ҷамъияти мамалакатҳои Осиё муроҷиат кард, ки дар кишварҳои худ комитетҳои якдилии миллӣ ташкил намоянд. Ташкили ҳаракати ҳамдилӣ дар мамалакати мо низ ба ҳамин давра рост меояд.

Мирзо Турсунзода, ки дар ин давра ҳамчун муборизи шӯълавари сулҳ шӯҳрат ёфта буд, сазовори боварии олии аҳли ҷамъияти советӣ гардид ва дар нахустин Комитети советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо нахустин раиси он интихоб карда шуд. Вай ҳамчун роҳбари комитет ин кори пуршарафро бештар аз 20 сол, то рӯзҳои охирини ҳаёташ иҷро кард.

Дар ҳаракати якдилии халқҳо ягон коре нест, ки Мирзо Турсунзода фаъолона иштирок накарда бошад.

Муборизаи миллӣ-озодихоҳии мамлакатҳои Осиё, Шарқи Наздик ва кишварҳои Африқо дар солҳои панҷоҳум хеле авҷ гирифт. Халқҳои ин ду қитъаи олам барои истиқлол гирифтан зарурати ҳамкорӣ ва дастгирии якдигарро эҳсос намуданд. Дар охири соли 1956 дар Деҳдӣ вохӯрии намояндагони комитетҳои миллии якдилии СССР, Ҳиндустон, Бирма, Покистон, Япония ва давлатҳои дигар барпо гашт. Дар ин вохӯрӣ қарор шуд, ки ба Миср ҳайати вакилони якдилӣ фиристода шавад, чунки он вақтҳо халқи Миср бар зидди таҷовузи Англия, Франция ва Исроил мубориза мебурд.

Ба ҳайати вакилон намояндагони Ҳиндустон, Иттифоқи Советӣ ва Япония дохил шуда буданд. Ба ин ҳайат супурда шуд, ки бо намояндагони аҳли ҷамъияти Миср дар хусуси гузаронидани Конференсияи якуми якдилии халқҳои Осиё ва Африқо дар Қоҳира гуфтушунид кунанд.

Комитети советии якдилӣ якҷоя бо дигар комитетҳои миллии яклилӣ ва ташкилотҳои Осиё ва Африқо барои тайёр кардан ва гузаронидани конференсияи якдилии халқҳои Осиёву Африқо дар Қоҳира иштироки фаъолона дошт. Дар кори он ҳайати вакилони советӣ бо сардории ходими маъруфи давлатӣ ва сиёсӣ Ш. Р. Рашидов ширкат варзид.

Конференсияи барои мустаҳкам кардани якдилии халқҳои ду қитъаи олам марҳилаи мустаҳкам гардид. Дар ин давра Ҷавоҳирлол Неҳру, Ҷамол Абдулносир барин як қатор ходимони барҷастаи халқҳои Осиё ва Африқо тарафдори муттаҳид кардани қувваҳои демократӣ ва зиддиимпериалистии ду қитъа буданд.

Солҳое, ки Мирзо Турсунзода ба Комитети Советии якдилӣ роҳбарӣ мекард, дар минтақаҳои муборризаи озодихоҳӣ воқеаҳои муҳими таърихӣ ба амал омаданд. Робитаи аҳли ҷамъияти Советӣ бо кишварҳои хориҷӣ вусъат гирифт. Корҳои Комитети Советии якдилӣ гуногуншакл ва мароқангезтар шуд, ки дар ин бобат раиси он Мирзо Турсунзода роли асосӣ мебозид. Ба унвони ӯ ба адреси шаҳри Москва кӯчаи ба номи Кропоткинская 10, аз мубризони озодӣ мактубу телеграммаи бисёр меомад. Турсунзода дар даҳҳо форуми бузурги байналхалқӣ иштирок карда буд. Конференсияи V

ҳаракати якдилии Осиё ва Африқо соли 1972 дар Қоҳира барпо гашт ва вакилон дар вазъияти басо душвори байналхалқӣ ҷамъ омада буданд. Муборизаи мусаллаҳонаи мустамликаҳои собиқи Португалия ба авҷи инкишофи худ расид, халқи Бангладеш барои истиқлолият суботкорона мубориза бурд, халқи қаҳрамони Вьетнами ҷанубӣ режими пӯсидаи Сайгонро сарнагун кард.

Дар Конференсияи Қоҳира вакили бештар аз ҳаштод мамлакат ҳозир буд ва дар ҳузури онҳо ба яке аз асосгузорони ҳаракати якдилии Осиё ва Африқо Мирзо Турсунзода медали тиллоӣ ба номи Ҷамол Абдулносир супурда шуд. Медалҳои тилло инчунин ба ходимони барҷастаи ҳаракати миллӣ–озодихоҳии Осиё, Африқо ва ҷаҳон Амилькар Кабрал ва Агостинно Нето дода шуданд.

Дар бисёр мавридҳои шавқу ҳаваси аҳли ҷамъияти Ватани сермиллати моро ба фаъолияти Комитети Советии якдилӣ ба намоёнтарин гурӯҳи зиёиёни советӣ мансуб будани Мирзо Турсунзода, мавқеи барҷастаи ӯ дар доираҳои адабии мамлакат муайян мекарданд.

Ҳоло дар кори Комитет Расул Ғамзатов, Чингиз Айтматов, Клим Кешоков, Сарвар Азимов, Комил Яшин барин дӯстони наздики Турсунзода иштироки фаъолона доранд. Кордории Раиси Комитети Советии якдилӣ Мирзо Аждарович Иброҳимов бошад, бисёр сифатҳои Мирзо Турсунзодаро пеши назар меоварад.

Номи марде, ки соли ҷорӣ мо солгарди ӯро ҷашн мегирем, виҷдони ҳаракати советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо мебошад.

Муаллифи ин сатрҳо бештар аз 10 сол бо Мирзо Турсунзода дар як идора кор карда, аз ин инсони бузург бисёр чизҳоро омӯхтааст. Ӯро тамоми ходимони Комитет самимона дӯст медоштанд. Раиси мо бисёр гап намезад, вале ҳар як сухани кӯтоҳи ӯ маънои амиқ дошт, вай ҳамеша ҳақиқатгӯй буд, бидуни риёкорӣ сухан мекард, сухани духӯра намегуфт.

Табиат ба Мирзо Турсунзода табассуми хирадмандонае ато карда буд, ки он ба дили ҳар як ҳамсӯҳбат, хоҳ ӯ худӣ бошаду хоҳ бегона, хоҳ аз кишвари дур бошаду хоҳ наздик, хоҳ ҳамраъй бошаду хоҳ зидақида, роҳ меёфт.

Хотираи бисёр сафарҳоям, ки ҳамроҳи Мирзо Турсунзода

ба мамлакатҳои Осиё ва Африқо сурат гирифта буданд, вохӯриҳо бо ходимони давлатӣ, ходимони барҷастаи сиёсӣ, деҳқонон ва коргарон, ҳарбиён ва партизанҳо бисёр зинда пеши назар меояд. Вай дар ҳама ҷо ҳамчун гражданини Иттифоқи Республикаҳои Советии Социалистӣ, фарзанди содиқи Партияи Коммунистӣ, интернотсионалисти шӯълавар, нақши хос ва хайрхоҳонаи худро мегузошт. Баромадҳои ӯро дар соҳилҳои халиҷи Форс, баҳри Миёназамин, уқёнуси Ҳинд ва баҳри Қариб ҳама шунидаанд ва пазируфтаанд.

Имрӯз садҳо суратро, ки Мирзо Турсунзода мунъакис аст, аз назар гузаронида, мо ӯро ҳангоми сӯҳбатҳои самимона бо Ҷамол Абдулносир, Хуари Бумидьен, Секу Туре, Сукарно, Ҷавоҳирлол Неҳру, Фидель Кастро ва дигарон дида метавонем. Мардони бузурге чун Мирзо Турсунзода марг надоранд, онҳо аз ҳаёт ҷисман гузаранд ҳам, вале бо рӯҳи бузургашон, бо корномаи шарифашон ҳамеша бо мо мемонанд.

Дар рӯзҳои моҳи маи соли ҷорӣ дар Москва, Душанбе ва дигар шаҳру республикаҳои мамлакатамон ба муносибати 25–солагии таъсиси Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо маҷлисҳои ботантана шуда гузаштанд. Ҳамаи тадбирҳои ҷашнӣ бо торҳои басо аёни хотираи инсоне бо номи Мирзо Турсунзода алоқаманд шуданд. Дар рӯзҳои ҷашни фархундаи 70–солагии рӯзи таваллуди ходими барҷастаи ҳаракати зиддиимпериалистии халқҳои Осиё ва Африқо боварӣ мо ба он бештар гардид, ки коре, ки ӯ сар карда, тамоми истеъдод ва эҳсоси қалби худро сарфи он намудааст, минбаъд ҳам давом хоҳад кард ва ёди некӯи Мирзо Турсунзода ҳамчун сарчашмаи қудрати маънавии иштирокчиёни ҳаракати якдилӣ боқӣ хоҳад монд.

*Тошлӣ ҚУРБОНОВ*

## ВАССОФИ ПОМИР

Вақте ки вориди бинои Иттифоқи нависандагони Туркманистон мешавед, шабеҳаҳои хеле калони шоирони номвари советӣ Николай Тихонов, Бердӣ Карбобоев ва Мирзо Турсунзода ба сӯи кас бо назари равшан менигаранд. Аз назди ин се марди санъатгари шаҳиру тавонои адабиёти советӣ гузаштан осон нест. Онҳо ҳамчун паямбар гӯё бо назари борикбини худ покии ахлоқ ва садоқати ба ҳаёт доштаи ҳар шахси ба остонаи Хонаи адибон воридшударо муқоиса мекунанд.

Оре, ҳамин тавр аст. Дар асл, инсофи нависандагӣ ва гражданини мо ба нопокиҳо ғӯтавар мешуд, агар мо номи ононе, ки адабиёти советӣ аз бузургиву поктинатиашон ифтихорманд аст, ба фаромӯш гузорем. Охир, маҳз онҳо нахустин огарди майдони нави адабиётамонро кашидаанд. Фақат онҳо дар муборизаҳои бардавом тариқи инсонпарваронаи адабиётамонро устувор ва дифо карданд. Ва дар бораи рӯзгори ҳар якеи онҳо китоби бузург иншо кардан ҷоиз аст. Аммо ҳоло хоҳони онам, ки дар хусуси фарзанди шарафманди халқи бародари тоҷик Мирзо Турсунзода сухан бигӯям.

Боғи бе булбул боғ нест, халқи бе шоири бузург халқи камбағал аст. Барои хушбахтии ҳамагон, халқи тоҷик метавонад ифтихор кунад, ки вай дар симои Мирзо Турсунзода чунин шоири бузург дошт.

Мирзо Турсунзода дар зери ситораи бахт ба дунё омад. Ӯ шоири сираташ зебо буд ва сураташ инчунин. Ман аз хурдсолиам ӯро дӯст медоштам. Ӯ фариштаи ҷони ман буд.

Барои Мирзо назм нерӯи афсонавиро мемонд, ки ҳаёти мардумро боз ҳам зеботару боназокаттар мекард. Вай дар тӯли ҳаёти пурҷӯшу хурӯшаш шодию алами халқи худро ҳамвора дар дил дошт. Мирзо Турсунзода дили халқи худ буд. Ба халқ меҳри ҷунунадое дошт. Ин мисоли нодирест вақте, ки фироқу умеди халқ дар дили фард ғунҷоиш меёбад. Мирзо Турсунзода барин шоирон ҳамвора ва ҳама умр аз дарду аламҳо ба ҳастӣ арзи вуҷуд мекунанд. Бинобар ин, дар қафаси синаи худ чунин

дили бузург доштан ва нерӯи тавонои онро ҳар соату ҳар дақиқа сарфи мақсади арзандаву начиб сохтан чандон осон набуд.

Ман Турсунзодаро кай барои хештан кашф кардам? Шиносоиям ба эҷоди ин марди бузург кайҳо сурат гирифта буд. Ҳиндустон, мамлакати пурасрору афсонавӣ пардадар шуд, ки ин бозсозии асрор тавассути шеърҳои ҳассоси Мирзо дар боби Ҳиндустон ва мардуми ин мамолик ба вуқӯъ пайваст.

Мо он вакт ҷавонони навқалами рӯҳи романтикӣ дошта шеърҳои ӯро бо иштиёқ ҳифз карда, азёд мехондем. Дар пеши назари мо бӯстони асосии назм ҷилвагар мешуд, ки дар он мамлакати бузург бо ҳама гуна рангҳои нотакрор ва тазоди иҷтимоияш падидор буд.

Мирзо Турсунзода бо тамоми рӯҳи гражданиияш, боз ҳамчун шоири лирики нозукбаён монд. Ӯ ба онҳое, ки бесуд дар ҷустани шаклҳои нави шеър омода мегарданд, равшан собит намуд, ки чӣ тавр шаклҳои адабии адабиёти классикиамонро бо забони шоирона ба риштаи тасвир мебояд кашид. Ва инчунин ӯ комилан исбот кард, ки рӯ гардонидан аз шаклҳои шеъри адабиёти Шарқ кори нангин ва беэътиборест.

Эҷодиёти Мирзо Турсунзода давоми анъанаи қонунии забарқудратони назм – Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём аст. Дар айни замон Мирзо нововар ва ислоҳотгари бузург мебошад. Зеро ӯ беҳтар аз дигарон анъанаҳои қадимаю хубтарини назми Шарқро идома дод, дар ҳамон шаклҳои атиқаи адабӣ мазмунҳои бикру обуранги бадеии тоза, оҳанги хоссаи ҳақиқати ҳаёти сотсиалистиро ғунҷоиш дод.

Мирзо Турсунзода ҳамчун интернатсионалисти бузург дар Комитети якдилии нависандагони Осиё ва Африқо нақши бегазанде боқӣ гузошт. Овози шунавои ӯ ҳамчун мунодии ҳақиқат ва гуманизм дар бисёр маҷлисгоҳҳо ва толорҳои калони мамлакатҳои ҷаҳон баланд садо дод, ин овозро фаллоҳони Миср, барзгарони Ҳиндустон, киштисозони Марсел ва моҳидорони Аден шунидаанд. Онҳо ӯро медонистанд, асарҳояшро мехонданду дӯсташ медоштанд.

Хушбахтона, ба ман муяссар гардид, ки борҳо дар пленуми правленияи Иттифоқи нависандагони СССР, дар маҷлисҳо ва

умуман дар сари як пиёла чой бо вай нишаста сӯҳбаташро шунавам. Вай бо соддагӣ, фарохии назар бисёр масъалаҳои ҷиддиро, ки ба назари ман хеле мураккаб метофтанд, ба осонӣ ҳал мекард ва ин хислати ӯ маро ба ҳайрат меовард. Ман ҳеҷ гоҳ надидаам, ки Мирзо ба ҳамсӯҳбаташ сухани баланд гуфта, одоби муоширатро бурида бошад. Мо медонистем, ки Мирзо Турсунзода солҳои охир бемори вазнин буд, вале ӯ дар ҳама гуна ҳолатҳо ба касе аз дарди худ лаб накушодааст. Баръакс, ӯ моро батафсил аз бардамиамон ва кору эҷодамон мепурсид. Мирзо борҳо ба ман гуфта буд, ки мероси «бародарам»-ро омӯзед, ӯ Бердӣ Карбобоеврո ҳамин тавр меномид, таҷрибаи бузург ва ғании оқсақоли адабиётамонро қадршиносӣ кунед. Ҳамин гуна одамон, монанди устод Мирзо Турсунзода ҳеҷ гаҳ намемиранд. Онҳо монанди абадият ҳамеша ҳамроҳи моанд.

*Серо ХОНЗОДЯН*

## ВОХӮРӢ БО МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дӯсти азиз, Мӯъмин Қаноат! Чунин воқеъ шуд, ки тамоми ин моҳ фикру ёди ман ба дӯстони тоҷикам банд буд. Ва ман аз ин хеле ифтихор дорам. Қабл аз ин дӯсти меҳрубонам Сергей Баруздин ба ман номае фиристода хоҳиш мекард: «Чун анъана нусхаи романи «Мҳитар Спарапет»-ро бо хоҳишу дархостҳои нек барои Норак, ки мо ҳам вобастагӣ дорем, фиристонед». Ман ҳамоно китобро бо соядасти зер равон кардам: «Ба китобхонаи интернатсионалии Баруздин – «Дружба народов» дар Нораки шӯҳратёр, аз ҳамкори деринаи...». Ба фикрам китоб аллакай ба Норак расидааст. Лекин ману Норак шиносони деринаем.

Бинобар ин, дӯсти азиз, ман хотираҳоямро дар бораи Мирзо Турсунзодаи меҳрубон бо камоли мамнуният мефиристам.

Эҳтимол ин хотираҳо чандон анъанавӣ набошанд, аммо чӣ илоҷ, баъзан аз анъанаҳо ҳам гузашт кардан лозим меояд. Зеро хотираҳои ғайриоддӣ ҳам хотираанд.

Ман дафтари хотиротамро варақ гардондам ва маълум шуд, ки як қисмати он ба Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ман ба диёри нозанини шумо бори нахуст соли 1954 меҳмон шуда будам ва ифтихор доштам, ки аз минбари анҷуман нависандагони тоҷикро аз номи адибони Арманистон табрик гӯям.

Аз ин рӯ тамоми ин моҳ фикру ёдам ҳамроҳи Тоҷикистон буд ва гуё худам низ тоҷик шудам (чӣ ҷои тааҷҷуб, охир авлодони қадимии мо хешу таборанд). Ва инак, ман аз сеюми моҳи июл аз номи шумо мактуб гирифтам: «Мо огаҳ ҳастем, ки шумо бо Мирзо Турсунзода ҳам дар ҷабҳаи эҷодӣ ва ҳам дар зиндагӣ дӯстони ҷониед». Барои ин суханон ҳазорон ташаккур, дӯстони азиз. Оре, мо бо Мирзо Турсунзода дӯстони ҷонӣ будем. Ва бисёр афсӯс мехӯрам, ки ҳоло ӯ ҳамроҳи мо нест. Марг боз як марди фозилро аз сафҳои мо даррабуд. Ва ҳоло ман дар бораи ӯ хотираҳоямро менависам, ҳарчанд ки аз ӯ ҳамагӣ чор сол хурдтар ҳастам (соли таваллуди ман 1915). Ғамангез аст. Аммо ғаму андӯҳ ҳам ифтихор дорад. Ман аз он ифтихор дорам, ки ҳозир ҳам Мирзо Турсуновичро дар паҳлӯям мебинам.

Мӯъминҷон! Вақте ки ман соли 1954 меҳмони Тоҷикистон будам, ба фикрам, шумо донишҷӯ будед. Мирзо Турсунович ба ман гуфт:

– Ба ин ҷавон зеҳн мон, ояндаи дурахшон дорад.

– Вай куҷоист! – пурсидам ман. – Аз кӯҳистони Бадахшон.

Дар ин вақт ман суханони Сайёди Наворо ёдовар шудам, ки вай маҳбубаашро «Ту лаъли Бадахшони ман» гуфтааст. Мирзо аз ман шарҳи маънӣ пурсид. Ман ҷавоб додам, ки Сайёди Наво, донишманди ҳусну зебоӣ маҳбубаашро ба лаъли Бадахшон мушобеҳ кардааст.

Бори дуюм ба Душанбе соли 1974 омадам. Албатта ман ҳамоно ба назди дӯсти меҳрубонам Мирзо Турсунович равон шудам. Маълум шуд, ки вай саҳл нотоб будааст. Ҳа, нотоб, хаёлам, ки дар шахси ӯ назми Шарқ бемор буд. Чӣ хел ғамангез... Ман ба Мирзо Турсунович гуфтам, ки бисёр шеърҳояш ба забони арманй тарҷума шудаанд.

– Кӣ тарҷума кард?

– Силва Капутикян, Вааган Карени, Сергей Умарян.

– Тарҷума чӣ хел?

– Ба фикрам бад не, – ҷавоб додам ман. Албатта агар шоирони мо забони форсиро медонистанд, тарҷума боз ҳам хубтар мебаромад. Ман дубайтиеро ёдовар шудам, ки Мирзо Турсунович онро дар яке аз шеърҳояш ҳамчун эпиграф овардааст ва Умарян ба забони арманӣ гардонидааст. Дубайтӣ чунон саҳеҳ тарҷума шуда буд, ки ман онро бо забони буррои худам хондам. Ана он дубайтӣ:

*Сари сарчашма рафтам ман ба вақте*
*Ба оби дида биншондам дарахте.*
*Шамол омад дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.*

Мирзо Турсунзода ба ин дубайтӣ ва давоми шеърхонии ман гӯш дода, баъд гуфт:

– Ҳа, ин овози ман, аз оҳангаш эҳсос мекунам. Охир, забони шумо ҳам ба дили ман наздик аст.

Назм ва гражданият – дӯстони деринаанд ва яке бе дигаре мисли гул бе гулбарг зиста наметавонад. Дар назми Турсунзода ман ин ҳамбастагии сурурбахшро кайҳо дарк карда будам.

Дар назари аввал гӯё онҳо бо ҳамдигар ҳеҷ ҳамбастагӣ надоранд. Аммо ин нодуруст аст. Ҳаёту мамоти ин ду мафҳум ба ҳамдигар сахт марбутанд.

Ман дили Мирзо Турсунзодаро ба тапишҳои беқарори дили Шарқ нисбат медиҳам. Бале, маҳз ба Шарқи бузурги риёзаткаш ва офаридгори назми бузург. Дар ҳастии Мирзо тапиши дили вақтро мебинам.

Ӯ тамоми дунёро на фақат ҳамчун сайёҳ, балки ҳамчун шоир давр зада баромад. Овози ӯро дар ҳама ҷо, ҳам дар кулбаи ҳиндӣ ва ҳам дар завраки моҳигири испонӣ мешунаванд.,

Ҳар бори ба Тоҷикистон омаданам маро назм истиқбол мегирад. Ва дар ин лаҳзаҳо гумон мебарам, ки бо ман аҷаб ҳолате рӯй медиҳад. Сабаби ба ин ҳол гирифтор шуданам эҳтимол ё аз гармои тоқатшикан ё худ аз тобишҳои қадимии ин сарзамин бошад.

Мо бо Мирзо Турсунзода дар Москва, Ленинград, Ереван ва дар Тошкент бисёрҳо вохӯрдаем. Боре Мирзо ба ман гуфта буд, ки замоне забони ӯ дарӣ ё худ форсӣ будааст. Ҳамон вақт ман ба ӯ нақл кардам, ки ашугҳои кӯҳистони мо забони форсиро бисёр дӯст медоштанд ва соҳибистеъдод будани онон аз забони форсиро хуб донистанашон маълум карда мешуд.

Мирзо Турсунович ба ман гуфт, ки дар байни фолклори забони тоҷикӣ ва арманӣ қаробати маънавӣ ҳаст. Ман ҷавоб додам, ки назарияи шеъргӯии шумо шарқӣ эронист, аз они мо бошад соф ба забони арманӣ, ҳарчанд, ки он ба забони ғарбии эронӣ ҳамбастагӣ дорад ва сарчашмаи ин ҳамбастагии тарафайнро аз асрҳои миёна не, балки аз умқи асрҳо, яъне ҳазор сол қабл аз аҳди нав ҷустан лозим аст.

Мо дар бораи он харобиҳое, ки Чингизхон ва Темури Ланг ба сари халқҳои мо оварданд ва дар хусуси муборизаи якҷояи халқҳоямон зидди арабҳои истилогар сӯҳбат мекардем. Махсусан тохту тороҷи туркҳо ба Тоҷикистон, Эрон ва Озарбойҷон, ки ҳанӯз ҳам мо «шарбати» онро мечашем, даҳшатовар буд.

Вақте ки ҳар дуи мо дар байни қаҳрамони афсонавии тоҷик Каюмарс ва қаҳрамони арманй Мгер, ки орзуяшон ба инсон озодӣ ва равшанӣ бахшидан буд, алоқамандии маънавӣ мееёфтем, ниҳоят хурсанд мешудем. Дар Авесто гуфта мешавад, ки замин – модар, осмон – падар аст. Сайёди Наво ҳам дар

шеърҳояш ҳамин тавр гуфтааст. Аҳмади Девбанди шумо ва Вишапакан Вааги мо ба ҳам бародаранд. Оличаноб!

Мо ҳамроҳи Мирзо Турсунзода чаҳд мекардем, ки дар забон низ калимаҳои ба ҳам монанд ёбем. Масалан: намак–намэ, матин-матян, ҳикоят-хекят... Вақте мо чунин калимаҳои монандро пайдо мекардем, ниҳоят хурсанд мешудем. Бисёр хурсанд мешудем. Боре Мирзо ба ман гуфт:

– Фамилияи ту ҳам қариб тоҷикист.

– Албатта, охир мо бо ҳам бародарем.

Ман боз аз он хушнуд будам, ки Мирзо–ака бо шоири дигари тоҷик Мирсаид Миршакар дӯстони бисёр хуб буданд.

Соли 1954 ман ҳамроҳи Мирзо Турсунзода ва дигар дӯстони тоҷик мақбараи Садриддин Айниро, ки чанд моҳ қабл аз олам чашм пӯшида буд, зиёрат кардем. Мирзо гуфт:

– Мо бе падар мондем.

Ман хушбахтам, ки дар тарҷумаи китоби-бисёр аҷиби Айнӣ «Бухоро» ба ҳамдиёронам кӯмак кардаам.

Мирзо ба ман гуфт, ки худаш ҳам шеърҳои чандин шоирони моро тарҷума кардааст.

Мирзо-ака дар бораи ячейкаҳои комсомолӣ, ки онҳоро нависандагони советии тоҷик Деҳотӣ, Улуғзода ва Миршакар ташкил кардаанд, ҳикоят мекард...

– Он вақт ман ҳамаги нуздаҳ-бистсола будам ва мо барои ҳаёти нав на танҳо бо шеър мубориза мебурдем...

На танҳо бо шеър...

Боре Фотеҳ Ниёзӣ ба ман гуфт:

– Ман медонам, ки шумо дар ҷанг будед. Ман ҳам

будам. ЁД доред, он вақт шеърҳои Мирзои мо чи сон баланд садо медоданд?

Ман достони Турсунзода «Писари Ватан»-ро ёдовар шудаам, ки порчаҳои алоҳидаи онро бори нахуст дар хандақҳо хонда будам. Хаёлам, ки ба сафҳои мо қувваҳои нав фиристода бошанд.

Турсунзода мӯи ғулии мавҷнок дошт, ки ба ӯ на танҳо мезебид, балки ба чеҳраи нуронии вай тобиши махсус мебахшид. Вай муҷассамаи афкор ва шеър буд... Ҳамеша ман ӯро барои ба депутати Совети Олии СССР интихоб шуданаш, сазовори Мукофоти Ленинӣ ва Мукофоти ба номи Неҳру гаштанаш ва

барои Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ шуданаш бо шодмонӣ табрик мегуфтам.

Боре ӯ аз ман пурсид:

– Падари ту кӣ буд?

– Хаткашони деҳа.

– Бисёр нағз. Падари ман дуредгар буд. Ҳар ду ҳам ҳунари хубанд.

Назми Мирзо Турсунзода ҳам назми классикии Шарқ ва ҳам эҷодиёти халқро таҷассум кардааст. Барои ҳамин ҳам вай бисёр баланд ва инсондӯстона садо медиҳад.

– «Хусрав ва Ширин»-ро ёд дорӣ? – пурсид ӯ аз ман.

– Албатта. Ҳоли Хусрав бе ин арманидухтари соҳибҷамол табоҳ мебуд.

– Бе зебоӣ ҳаёт чӣ маънӣ дорад?

Вай донишманди бузурги Шарқ буд. Ӯ як по дар Шарқ, пои дигар дар замини Аврупо меистод. Ин бисёр оличаноб аст.

Бори нахуст ба Тоҷикистон парвоз мекардам. Моҳи август, ҳавои Ереван ниҳоят гарм буд. Ҳамроҳи ман дӯстам Абиг Авакян парвоз мекард ва мо ба худ мегуфтем:

«Дар Душанбе ҳаво чӣ хел гарм бошад!» Ҳангоме ки мо дар фазои биёбонҳои назди баҳри Каспий парвоз мекардем, ба даҳшат афтодем. Дар Душанбе гармои тоқатшикан буд. Мирзо–ака гуфт:

– Бештар чои кабуд нӯшед, бе қанд, оби ин ҷо оби Ереван барин не.

– Ман чойро дӯст намедорам, – гуфтам ман, – шояд барои шикастани ташнагӣ тарбуз хӯрем?

– Тарбуз ҳам бад не.

Ман пурсидам.

– Помирро тамошо кардан имкон дорад?

– Ҳозир не. Ҳаво бисёр ғуборолуд аст, ягон самолёт ба он ҷо парвоз намекунад.

Ҳамин тавр ман Боми Ҷаҳон – Помирро надидам. Мирзо-ака маро бо як арманӣ шинос кард.

– Ин кас худои сохтмони моянд.

Дар назди ман марди қадпасти деҳқоннамо Вагаршак Ҷаводович Карамяни арманӣ, вазири сохтмон меистод. Ӯ аввалин роҳи оҳани Тошкент – Ленинобод ва то Боми ҷаҳон роҳи мошингард сохтааст.

– Мо ҳамаашро аз нав сар кардем, – гуфт Турсунзода, – Ваграшак Ҷаводович ба мо бисер ёрӣ дод.

Вақте ман фаҳмидам, ки Карамян ҳамдиёри ман, аз деҳаи Ходзор аст, дар Тоҷикистон камол ёфта бошад ҳам, бисёр ифтихор доштам. Чанд сол баъд Турсунзода бо андӯҳ ба ман хабар дод, ки он одами хуб аз олам даргузаштааст.

Дар Тоҷикистон Мирзо ҳар гоҳ мепурсид:

– Хайр, ташнагӣ азоб намедиҳад?

– Эҳ напурсед.

– Имрӯз ман бароятон тарбузҳои махсус мефиристам.

– Фақат хурд бошанд, илтимос ака, хурди хурд бошанд.

– Барои чӣ хурд? – хандид Турсунзода.

Ман чӣ гуфтанамро надониста, фақат якравӣ карда мегуфтам, ки «аз ҳама хурдаш» бошад.

Бегоҳӣ Турсунзода тарбузҳои ваъдагиашро фиристод, онҳо чунон хурд буданд, ки ман яктоашро ҳам бардошта натавонистам. Дар тарозу кашидам, ки ҳар кадоме 18 килограммӣ вазн дошт.

Як бегоҳӣ Мирзо маро даъват кард, ки чойро дар «кӯча» менӯшем. Ҳамон вақт Душанбе, агар хато накунам, як кӯчаи дарозе дошт, ки аз ду канораш дарахтони сарбафалак қад кашида буданд, (ба ҳар ҳол дар хотири ман ҳамин хел мондааст). Мо дар чойхонае болои қолинҳо менишастем ва чӣ аҷаб, ки ман ва Абиг ба одамони таҳҷой монанд будан мехостем. Дар болои кати дигаре даҳ-понздаҳ тоҷик нишаста, ба майли хотир сӯҳбат мекарданд. Чи одамони наҷибе буданд онҳо! Чеҳраҳояшон тозаю меҳрубон ва нигоҳашон тамом осуда буд. Онҳо ба дунё хушнудона ва бе ҳеҷ гуна кину адоват, ки замоне хонзодаҳо доштанд, дида медӯхтанд.

Рафтору кирдори онҳо бисёр самимӣ, меҳрубонона ва ба дилу дида наздик аст, дар ниҳодашон заррае ғаразу такаббур нест. Ҳамроҳи онҳо бачаи ёздаҳ-дувоздаҳсолае низ нишаста буд. Вай ҳам мисли калонсолон дар тан ҷомаимиллӣ дошт. Ин маро бисёр мутаассир кард. Яке аз калонсолон ҳарф мезад. Дигарон бо диққат ва эҳтироми зиёд гӯш мекарданд. Баъд бача ҳам ба сухбат ҳамроҳ шуд. Ва ман аз дил гузарондам, ки ба сӯҳбати калонсолон ҳамроҳ шудани ӯ аз рӯи одоб набуд.Не, не! Вақте дидам, ки калонсолон чи гуна бо диққат ӯро гӯш мекунанд, ба тамом ҳайрон шудам. Олиҷаноб!

Абиг Авакян як шеъри Ҳофизро ба забони форсӣ хонд. Ҳама бо хушнудӣ сар меҷунбонданд ва ҳайрон мешуданд, ки ин арманӣ забони моро медонад.

Ҳамон вақтҳо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сию як нафар аъзо ва даҳ нафар номзад ба аъзогӣ дошт. Раиси он албатта Мирзо-ака буд. Платон Воронкои украин худро ба оғӯши Карамян партофта гуфт:

– Устоди ман!

Мирзо-ака ба ман фаҳмонд, ки Воронко дар сохтмони роҳи Помир дар таҳи дасти Карамян кор мекардааст. Сонӣ илова кард.

– Воронко ҳаёти моро хуб медонад...

Рӯзе як марди тоҷик назди мо омада, боодоб таъзим кард ва ману Абигро ба меҳмонӣ хонд:

– Ман Ғаффорӣ, устои заргарам, ҳамсарам ҳамдиёри шумост, илтимос, рад накунед....

Мо розӣ шудем ва аз Мирзо-ака хоҳиш кардем, ки ҳамроҳи мо бошед.

– Ман Ғаффориро мешиносам, вай ҷони одам аст. Аммо рафта наметавонам. Имрӯз кори муҳим дорам, – гуфт Мирзо.

Ҳавлии Ғаффорӣ серуну барҳаво буд ва ҳавзи хурдакаке дошт. Моро ҳамсари ӯ пешвоз мегирад ва бо забони... арманӣ:

– Марҳамат, дароед, – мегӯяд.

– Шумо аз куҷо мешавед? – мепурсам ман.

– Аз Зангезур.

– Наход? Аз кадом деҳа?

– Аз Хидзор.

– Бовар намекунам! Аз кадом авлод?

Инро бинед, ки ман боз дар миёни ҳамдиёрони худ афтодам. Моро бисёр хуб меҳмондорӣ карданд. писарони Ғаффорӣ ва ҳамсараш Ануш ба мо шеърҳои Мирзо-акаро хонданд.

* * *

Болотар қайд кардам, ки баъди бист сол ман боз ба Душанбе омадам. Ҳа, хамон вақт ба Мирзо Турсунзода душвор буд, вай беморӣ мекашид. Устод ба мо шаҳрро тамошо дод, ки тамом шукӯҳу равнақи шинохтанашаванда ёфтааст. Вай Душанберо ба ҷон баробар дӯст медошт. Деҳаи замоне нообод акнун

ба як шаҳри калони ҳозиразамон табдил ёфта буд. Борҳо дар чашмоии Мирзо ашк ҳалқа задааст.

– Мо ҳамаашро аз дигар сохтем.

Ва ман шеъри ӯро дар васфи Тоҷикистон ба ёд овардам.

*Аз оби ту ҳар касе ки нӯшид,*
*Дар роҳи ту содиқона кӯшид...*

Оҳ, чӣ қадар ҳақиқат аст дар ин суханон! Замини Тоҷикистон бисёр зебост, вале назм онро зиёда зебою азизтар медорад!

Мирзо-ака борҳо номи ҳамдиёрони маро, ки дар мубориза барои барқарор намудани Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон иштирок кардаанд, ёдовар шудааст. Инҳо лашкаркашони машҳури Армияи Сурх Мелкумян, Саакян, Абрамян, Саруханян, Тониян, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Персегян (Парсегов) ва дигарон мебошанд.

Инак, вақте ман ба Норак омадам, ба ин сохтмони азамати мамлакат, ки бо хуну арақи ҷабини авлодонамон ва дӯстони имрӯзаамон бунёд шудааст, бо ифтихор менигарам. Ва ба ман чунин менамояд, ки садои рӯҳпарвари Норак садои назм, садои абадзиндаи дӯсти ҷонию ҷовидонии ман Мирзо Турсунзода аст.

Зеро ба ҳама маълум аст, ки садои назм ва дарёҳо асрҳои аср қатъ нахоҳанд гашт.

*Иосиф БРАГИНСКИЙ*

## ДАР БОРАИ ЯК МАКТУБ

Дар поён мактубе дарҷ мешавад, ки ман аз дӯсти фаромӯшинопазири худ Мирзо Турсунзода гирифтаам. Ба назар як мактуби оддӣ, вале чӣ қадар маънодор ва дар бораи чӣ қадар масъалаҳо гап мезанад ва хондани он чӣ гуна ҷӯшу ғалаёни хотираҳоро ба амал меоварад.

Ин мактуб ба қалами Мирзо Турсунзода хеле характернок мебошад ва ман як ибораи машҳури Максим Горкийро (дар мақолаҳои вай оид ба Ленин) бо андак тағир дар ин ҷо зикр кардан мехоҳам: «Вуҷуди нависанда чун моҳӣ дар пулакчаҳо саропо дар каломи худи ӯст».

Дар ин мактуб ҳар як калима вазндор буда, олами маънавии нависандаи хеле олитабиат ва гӯё зиндаи онро баён менамояд. Бо вуҷуди гузашти солҳо дар ин мактуб ҳар як калима барои ман пурбаҳост. Аз калимаҳои аввалини хитобӣ бар ман, аз ҳар як сатри ин мактуб чашмони тобон, андешанок, хаёломез ва меҳрубони дӯстам ба ман менигаранд.ы

Дар бораи баъзе хотироте, ки бо ин мактуб алоқаманд мебошанд, дар ин ҷо гап задан мехоҳам.

* * *

Шиносоии бевосита ва шахсии мо аз соли 1936, аз соли аввали панҷ соли ояндае, ки ман дар Комитети Марказии КП(б) Тоҷикистон кор мекардам, сар мешавад. (Дар он ҷо ман аз соли 1938 дар вазифаи мудирии шӯъбаи пропаганда ва агитация ва дар айни замон муҳаррири масъули аввалин нашрияи партиявӣ дар забони тоҷикӣ «Ба ёрии коркуни партиявӣ» ҳоло «Коммунисти Тоҷикистон» кор кардаам). Мирзо Турсунзода он вақтҳо хеле ҷавон, нависандаи навкор ва яке аз истеъдодноктарин намояндагони насли комсомолии адабиёти тоҷик буд, ки баъдҳо «Гвардияи ҷавон»–и адабиёти советии тоҷик номида мешуданд. Ӯ аз аввалин қадамҳои эҷодиаш бо қобилияти шеърии худ аз дигарон фарқ карда меистод ва ҳангоми мулоқоти аввалинамон роҳбари кружоки нависандагони ҷавон дар назди газетаи «Тоҷикистони Сурх» буд ва маҳз бо масъалаҳои оид ба ин кружок ба КМ омада буд.

Дар ман чӣ таассуроти дилрабо ва ҷаззоб боқӣ гузоштани ин

ҷавони марғуламӯй, зиндадил, пуртавозӯъ ва хушгуфтор, ки назар ба синну соли худ ҷавонтар менамуд, то ба ҳол дар хотирам боқист.

Ба назарам чунон мерасид, ки вай дар ҳамин қарибиҳо пойбараҳна дар қишлоқ медавида, лекин ҳоло чӣ қадар пухтагии муҳокимаҳо, чӣ қадар маданияти ботинӣ, чӣ қадар вусъати назар, чӣ қадар ҳисси нозукӣ ва то чӣ андоза дарки анъанаҳои назми классикии тоҷик дар вай зоҳир мегардад.

Дар воқеъ ҳам ӯ давраи бачагӣ ва аввали овони ҷавонии худро дар қишлоқ гузаронида буд. Вале гуфтан лозим аст, ки на дар як қишлоқи оддии онвақта. Зодгоҳи шоир – мулки Ҳисор, ки то инқилоб «Ҳисори шодмон» ҳам номида мешуд, хусусан деҳаи таваллудёфтааш Қаротоғ аз айёми қадим нигаҳдорандаи анъанаҳои некӯи шоирона будааст. Дар Қаротоғ мадрасае низ вуҷуд доштааст, ки инҳо, албатта, ба муҳити мадание, ки шоири ҷавон дар он ба воя мерасид, бетаъсир набудаанд. Истеъдоди баланди вай бо хамирмояи анъанаи шарафноки шеърият парвариш ёфтааст, ки истеъдоди бузурги навиофарини вайро дарбанд накарда, балки ба он парвозу илҳом бахшидааст. Ин дар аввалин шиносоиам бо эҷодиёти Мирзо Турсунзода ҳис карда мешуд ва дар тамоми офаридаҳои баъдинаи вай зоҳир мегашт.

...Баргардем, бар сари матлаб. Дар он рӯзҳо вай ҷавонии ҷозибаноке дошт, ман аз вай шаш сол калонтар будам ва дар он солҳо чунин фарқ дар синну сол хеле калон ба назар мерасид. Ман нисбат ба вай корманди солдида ва пуртаҷрибае будам, ки ба зиммаам ҷавобгарии адабиёти ҷавон, тарбияи насли ҷавони нависандагон ниҳода шуда буд. Ташкилоти партиявии Тоҷикистон дар ин роҳ кори бузурге мебурд, ки мубориза (бо таъбири онрӯза) барои «ҳаққи халқи тоҷик ба мероси классикӣ» ва инчунин як ришта чорабиниҳо барои ба ҳам наздик кардани забони адабӣ ва забони умумии гуфтугӯӣ, пеш бурдани танқиди адабӣ ва ба миён гузоштани масъалаҳои реализми сотсиалистӣ, омӯхтани фолклор ва ҳоказо аз он ҷумла буданд.

Бо роҳбарии устод Айнӣ коллективи калони нависандагони тоҷик ба муносибати ҷашни даҳсоагии республика ба тайёр кардани тазкирае машғул буд, ки он ба номи «Намунаҳои адабиёти тоҷик» нашр гардидааст ва аз тарафи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон навиштани муқаддимаи он ба ман супурда шуда буд. Дар он рӯзҳо ба гузаронидани даҳаи аввали адабиёти

тоҷик дар Москва, апрели соли 1941, тайёрӣ мерафт, ки дар он аввалин операи тоҷик «Шӯриши Восеъ» ба намоиш гузошта шуд, ки либреттои онро Мирзо Турсунзода бо дӯсти наздики худ Абдусалом Деҳотӣ навишта буданд.

Дар тамоми ин кори коллективӣ Мирзо Турсунзода фаъолона иштирок дошт. Ӯ бисёр, аз сидқи дил, эҷодкорона, қувваи худро дареғ надошта, бе худнамоӣ ва изҳори бартарӣ бар рафиқон кор мекард, дар сурате, ки ҳанӯз дар ҳамон рӯзҳо истеъдоди баланди вай ҳис карда мешуд ва ин диққати устодони адабиёт – Айнӣ ва Лоҳутиро ба худ ҷалб карда буд.

Дар он рӯзҳо ба ман борҳо бо Мирзо Турсунзода вохӯрдан, дар бораи баъзе масъалаҳо, гоҳо масъалаҳои хеле мураккаб оид ба адабиётшиносӣ ва таърих гуфтугӯ кардан лозим меомад. Ин корҳо моро хеле ба ҳамдигар наздик мекарданд. Мо бо ҳам дӯст шудем, дар байни мо ҳамфикрӣ ва дӯстии ҳақиқии бародарона, махсусан бародаронае ба вуҷуд омад, зеро ҳис мекардам, ки Мирзоро ҳамчун бародари хурдӣ, на аз ҷиҳати дониш, балки чунон ки дар хонавода «укаҳо»ро дӯст медоранд, дӯст доштаам.

Аз ҷиҳати савияи илмӣ-адабӣ бошад, ҳамчун яке аз эҷодкорони адабиёти бадеӣ мушкил ва печ дар печтарин масъалаҳои адабиёти тоҷикро чӣ қадар дуруст фаҳмидани ӯро ва ба мисдоқи масали тоҷикӣ «заргари заршиноси ҳақиқӣ» будани вайро ҳис мекардам. Вале Мирзо бе ҳеҷ худнамоӣ, хеле бо тавозӯъ ва фурӯтанӣ ба ман ҳамчун бузургтар, чӣ аз ҷиҳати сол ва чӣ аз ҷиҳати мавқеи корӣ менигарист ва ҳатто ҳамчун ба «муаллим» рафтор мекард.

Вале ба ман дар он рӯзҳо ҳам аён буд, ки дар сояи қобилияти ба воя расидаи худ ӯ асрори назми классикиро нисбат ба ман хеле нозуконатар пай мебарад ва аз вай бисёр чизҳоро омӯхтан ба ман завқи зиёде мебахшид. Боре ман чӣ шуд, ки ин муносибати худро рӯирост ба вай изҳор кардам, дар чеҳрааш табассуми дилкаши хиҷолатмандонае пайдо гашт ва гуфт: «Не, не, муаллими ҳамаи мо устод Айнист, ман куҷову муаллимӣ куҷо? Шогирди хуб шудан ҳам ба ман кофист».

Муносибат ва дӯстии мо торафт самимӣ ва пурэҳсос мегардид. Ман шӯхиёна як байти суруди халқиро: «Биё бирем ба гулчаман, Мирзои ман, Мирзои ман»-ро мехондам ва ӯ маро Юсуф номида, мисраи машҳури Ҳофиз «Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махӯр»-ро мехонд.

Солҳо баъд, дар солҳои 60-ум Мирзо як маҷмуаи ашъори худро ба ман ба ёдгорӣ тақдим кард, ки дар он навишта буд: «Поэзия моро ба ҳамдигар мепайвандад». Ӯ дар ин маврид мувофиқи эзоҳи худаш кори якҷояи моро дар адабиётшиносӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷик ва хусусан назми классик ва зимнан шӯхиҳои мо дар бораи «Мирзо» ва «Юсуф»–ро дар назар дошта буд.

Дар бораи Мирзо Турсунзода бисёр чизҳо гуфтан ва навиштан мумкин аст. Ӯ чунон як шахсияти барҷаста, мураккаб, иҳотаи назараш васее буд, ки дар бораи як ҷиҳати хоси табиаташ, дар бораи рӯҳи интернатсионалии вай, принсипнокии вай, дар бораи садоқаташ дар дӯстӣ, дар бораи дар шахсӣвай ба ҳам пайвастани эҷодкории поэтикӣ ва фаъолияти сиёсӣ ва боз ҷиҳатҳои зиёди дигар мақолаҳои ҷудогона навиштан мумкин аст.

Ман дар бораи интернатсионализм дар эҷодиёти вай мақолаи ҷудогонае дорам, ки дар маҷмӯаи мақолаҳоям «Исследования по таджикской културе» нашр шудааст.

Ҳоло бо мактубе, ки дар поён дарҷ шудааст, баргашта, ба ин муносибат ба масъалаи принципнокии вай истодан мехоҳам.

Пеш аз он, ки ба нақли фикрҳои хеле ҷолиби таваҷҷӯҳи Мирзо Турсунзода дар ин мактӯб гузарам, дар бораи ду хислати хеле муҳимми характери вай чанд сухан гуфтан мехоҳам.

Якум. Соли 1972 буд. Мирзо Турсунзода дар Москва ҳамчун роҳбари ташкилоти нависандагони Тоҷикистон ба ман мурочиат карда гуфт: «Ба шумо ҳамчун узви ташкилоти нависандагон қарори котиботи моро хабар медиҳам. Солгарди зодрӯзи С. Айнӣ наздик мешавад. Хеле хуб мешуд, агар шумо барои нашр дар республика китоби наве дар бораи Садриддин Айнӣ менавиштед.» Ман розӣ шуда, ба кор сар кардам ва дар мӯҳлати муайяншуда дастнависро ба Душанбе фирисгодам ва хоҳиш кардам, ки муҳарририи онро Мирзо Турсунзода ба зимма гирад. Ӯ ин хоҳиши маро қатъан рад кард ва сабаби инро вақти мулоқот ба ман фаҳмонд: «Ман шоирам ва шумо мунаққиди адабӣ ва адабиётшиносе, ки солҳои зиёд бо омӯхтани эҷодиёти устод машғул мебошед. Муҳаррир шудан ба китоби шумо ба ман шоиста нест ва ман инро ба ӯҳда намегирам, вале китобро бо майли тамом хонда, мулоҳиза ва маслиҳатҳои худамро бо шумо ба миён гузошта метавонам.

Тамоми кӯшишҳои ман дар қабулонидани ин хоҳиши худ

самаре набахшиданд. Ин «маслиҳатҳои хонанда», ки маро аз нав ба кор карда баромадани матни аввалини дастнависам водоштанд, (китоб дар таҳти унвони «Проблемаҳои асосии эҷодиёти С. Айнӣ» нашр шуд) дар воқеъ қайд, эрод ва тавсияҳои ҷиддии муҳарриронае буданд. Дар ин маврид беҳтар аз хонандае ҳамчун Мирзо Турсунзода ба ман муҳаррир даркор набуд ва буда наметавонист.

Дуюм. Мирзо Турсунзода эродҳои худро, ки онҳо ҳам характери принсипиалӣ доштанд, ба мисдоқи масали қадимӣ: «Афлотун дӯсти ман, Арасту дӯсти ман, лекин ҳақиқат дӯсттарин дӯсти ман мебошад», рӯирост ва сидқан баён карда буд.

Ӯ дар дӯстӣ содиқ, устувор ва принсипиал буда, ҳаргиз аз ҳақиқат чашм намепӯшид ва ҳамеша ин ҷиҳатро дар назар дошт, ки танқидшавандаро наранҷондан, ба иззати нафси инсонӣ ва муаллифии вай нарасидан лозим буд.

Вақти хондани ин мактуб ин ақидаи кас боз ҳам қувват мегирад, ки дар шахсияти Мирзо Турсунзода росткории принципиалӣ бо назокат ва одоб то чӣ андоза бо ҳам мувофиқат доштааст.

Аз эродҳои Мирзо Турсунзода фақат ба се лаҳза истода мегузарам. (Дар ин ҷо мулоҳизаҳои вайро дар аснои сӯҳбати мо дар ин бора низ ба эътибор мегирам).

1. Ҳаёт ва эҷодиётинависандаро ба таври алоҳида, берун аз муҳити иҷтнмоии вай омӯхтан мумкин нест. Нависанда фарзанд ва садои халқ аст. Нависанда ҳар қадар истеъдоднoктар бошад, ҳамбастагии вай бо оммаи мардум ҳамон қадар мустаҳкамтар ва алоқааш бо муҳит ба ҳамон андоза наздиктар мебошад.

2. Фаъолияти эҷодии нависандаро аз фаъолияти ҷамъияташ ҷудо кардан мумкин нест. Маҳз дар тавофуқи ин ду маврид нависанда ҳамчун инсон манзури назар мегардад ва моҳияти шахсияти вай аён намоён мешавад.

3. Дар бораи чунин як таланти ҳамаҷониба, ҳамҷун Айнӣ, ки дар фаъолияташ ду соҳаи муҳимми маърифат – бадеӣ ва илмӣ ба таври аҷибе тавофуқ ёфта буд, ӯ ҳам нависандаи барҷаста ва ҷаҳоншумул ва ҳам олими машҳур, аввалин Президенти АФ Тоҷикистон буд, якҷониба, фақат бо таҳлили эҷодиёти бадеии вай маҳдуд шудан мумкин нест.

Ҳамаи ин қайдҳо бевосита ба асари ман дахл доштанд ва дар айни замон онҳо, бешубҳа, характери умумии методологӣ ва адабиётшиносӣ низ доранд.

Дар мактуб хеле бо назокат ва зарофат ин ҳам қайд шуда буд, ки саргарм шудан бо «мулоқот»–ҳои худ бо Айнӣ то андозае ба таҳлили эҷодиёти нависанда мавриди назар соя меафканад.

Мирзо Турсунзода тавсия мекард, ки онҳо ихтисор карда шуда, асар бо як «аккорди мусиқавӣ» ба итмом расонда шавад.

Беҳтар аст, ки суханро ба худи Мирзо Турсунзода диҳем. Ин ҳам як тасодуфи хушояндест, ки мактуби мазкур ва ин мақола ҳар ду дар 16 феврал навишта шудаанд.

Дӯсти азиз Иосиф Самуилович!

Қабл аз ҳама узри маро бипазиред, ки хеле дер ба шумо ҷавоб менависам. Дастнависи Шуморо (намедонам, Шумо онро чигуна хоҳед номид – монография ё ба номи дигар) ман шитоб накарда, бо диққати тамом хонда баромадам. Пеш аз он ки ба хондан сар карда бошам, ба таври возеҳ ба худ тасаввур мекардам, ки ин асари Шумо натиҷа ва маҳсули кори ҷиддӣ ва пурдиққати чандинсолаи саросар ҷустуҷӯ ва мушоҳидот ва ҷамъбасти омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти устоди мӯҳтарами мо Садриддин Айнӣ хоҳад буд.

Саҳифаи охири монографияро хонда ба охир расонида, мамнуният ва завқи бузурге ҳис кардам ва рӯзи дигар рафиқон М. Шукуров, Расул Ҳодизода ва А. Сайфуллоевро ҷеғ задам, ки онҳо ҳам ин асари Шуморо хонда буданд. Баъд аз мубодилаи афкор ман бо иҷозати Шумо баъзе хоҳиш ва таклифҳои моро маълум кардан мехоҳам. Ба назари ман бад намешуд, агар Шумо муҳитеро, ки С. Айнӣ дар он ба воя расидааст, сарчашмаҳои нахустини эҷодиёти вайро, ҳаёт ва шароити деҳаеро, ки як қисми умри вай дар он ҷо гузаштааст, тасвир мекардед. Инаш хеле муҳим аст, ки дар ин бора «Ёддоштҳо»–и худи Айниро истифода кардан мумкин аст.

Охири асар хеле кашол ёфтааст. Ин гуфторро ихтисор кардан, мазмуни «мулоқот»ро ба таври мухтасар додан лозим буд (ба ҷо овардани ин ихтисор ҳоло ҳам дер нашудааст). Шумо ин қабил 25 мулоқотро нақл кардаед, ки дарк ва фаҳмидани онҳо барои хонанда душвор ва малоловар хоҳад шуд. Ба ғайр аз ин на ҳамаи онҳо ба қадри кофӣ пурмазмун мебошанд.

Дар асар «Мулоқот»–ҳо хеле батафсил баён ёфта, лекин фаъолияти ҷамъиятии Айнӣ нишон дода нашудааст. Охир вай депутат буд, бисёр вақтҳо ба районҳои республика сафар мекард. Ман медонам ва бисёр касони дигар ҳам медонанд, ки

Айнӣ дар вақти ин сафарҳои худ бо меҳнаткашони деҳот вомехӯрд ва ҳамчун деҳқон ба онҳо ёрӣ ва маслиҳатҳои пурбаҳо медод.

Айнӣ олим ва президент буд. Дар асари Шумо ин фақат ҳамчун факте қайд ёфтааст ва ҳол он ки фаъолияти ҷамъиятии Айнӣ хеле васеъ буда, соҳаҳои гуногунро фаро мегирифт. Баъзеҳо дар бораи олимон фалонӣ олим буда фалон ва фалон корҳоро кардааст, мегӯянду бас. Лекин Айнӣ марди бузурге буд. Анъанаҳои Горкий на фақат дар эҷодиёт, балки дар фаъолияти ҷамъиятии вай низ зоҳир мегардид. Айнӣ сар то по худро ба хизмати Октябр вақф карда ва шогирди содиқи он буд.

Азизам Иосиф Самуилович! Шумо, ба назарам, дар факти нависандаи дузабона будани Айнӣ муболиға мекунед. Шумо менависед, ки Айнӣ тамоми асархои худро дар ду забон, худаш ба ӯзбекӣ ва тоҷикӣ навиштааст. Вале чунон ки ба ман маълум аст, Айнӣ фақат «Ҷаллодони Бухоро»–ро, «Таърихи амирони Бухоро» ва варианти «Ғуломон»–ро ба ӯзбекӣ навишта, тамоми асарҳои дигарашро ба тоҷикӣ навишта, баъд ба ӯзбекӣ гардонидааст.

Ин асар қисми хотимавӣ надорад. Чунон ки дар боло қайд кардам, охири монография хеле кашол ёфтааст. Хотимаи муносибтар, умумиятдодашуда ва устуворе ёфта, асарро бо он, чунон ки дар асарҳои симфоникӣ мешавад, ба аккорди матине ба анҷом расонидан лозим аст. (Дар мактуб баъд аз ин ба таври мухтасар мулоҳизаҳои М. Шукуров, Р. Ҳодизода ва А. Сайфуллоев оварда шудаанд, ки дар ин ҷо аз нақли онҳо сарфи назар шуд. И. Б.)

Иосиф Самуиловичи азиз, мо бо Комитети давлатии матбуот ва бо нашриёти «Ирфон» гуфтугӯ кардаем, ки асари Шумо ҳамин сол ба чоп расонида шавад. Бинобар ин ба матни ислоҳшудаи Шумо мунтазир нашуда, як нусхаи дастнависро ба онҳо супурдем.

Умедворем, ки Шумо мулоҳизаҳои моро ба назар гирифта, ба қарибӣ варианти ислоҳ кардашудаи монографияро мефиристед.

Ба Шумо саломатӣ ва дар корҳоятон муваффақиятҳо орзумандам. Дасти Шуморо мефишорам.

*Антонина КОПТЯЕВА*

# БА ТАН ҶОНӢ ТУ

Ин суханонро Мирзо Турсунзодаи шодравон, шоири шаҳири тоҷик дар тавсифи раққосаи Ҳинду Тара–Чандри гуфтааст. Ҳар гоҳе ки аз ашъори ҳаҷман на чандон бузург, аммо пуриқтидори Мирзо Турсунзода ёдовар мешавам, мебинам, ки чи сон ашъори ӯ чун рӯҳи бузургвораш дар каломи бадеъ ҷон ёфтааст, эҳсоси шоири коммунист бо эҳтироси баланд ва самимияти кашанда дар сатрҳои шеъри оличанобаи ҷовидонааш нақш бастааст.

Силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон»–и ӯро дар тарҷумаи оличанобаи шоир Владимир Державин ман ба зудӣ ва гармӣ қабул доштам. Ҳиндустони пурасрору пурмӯъҷизаро, ки аз овони ҷавонӣ тавассути афсонаҳо, шеърҳо ва филмҳои солҳои пешин чун сарзамини ганҷҳо ва аҷоибот, наботот ва ҳайвоноти ҳайратангез, русуми аҷоибу ғароиб, рақсҳои рӯҳафзо, қасру мақбараҳои бошукӯҳи афсонавӣ мешинохтам, банохост дар назарам бо тасвири ҳаёти реалӣ, мардуми заҳматкаши ранҷдида, ки дар кишвари худ барои англисҳои истилогар ва роҷаҳои ба онҳо фурӯхташудаи Ҳиндустон боигариҳо офарида худ бепаноҳу гушна дасти ҷуръате надоштанд, ки як пора нони ҳалоли музди кори худро талаб кунанд, рӯ намуд.

Чӣ истеъдодӣ пурқудрате дошт ин шоир, ки ҳамаи тасаввуротҳои пешинаи моро чун кӯҳнаколаҳои нолозим ба якборагӣ аз байн бардошт. Ин ҳодиса чанде нагузашта, пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба вуқӯъ пайваст.

Он «таркише», ки тасавввуроти пас аз тамошои филми «Оворагард» бо ҳунарнамоии Радж Капур ба амал омад, то чи андоза якранг ва нодуруст будани тасаввуроти моро оид ба Ҳиндустон маълум кард. Пеш аз ҳама он чиз маро ба ҳайрат овард, ки ҳиндуҳои қафомонда бо вуҷуди чунин нависандагон мисли Робиндронат Такур доштан ва бунёдгузори меъмории бемисли қадима буданашон тавонистанд чунин филми реалистӣ ва шоиронаеро офаранд, ки характери қаҳрамонон дар ҳолатҳои рӯҳии драматикӣ бо дарки нозуки психологӣ кушода мешавад.

Мо қаҳрамони ин филмро дӯст доштем ва на танҳо аз тақдири онҳо, балки ҳамчунин аз бунёди чунин филм дар киш-

варе, ки дар зери бори экзотикаи худ ва ғуломии дусадсола зери чанголи Британияи Кабир буд, ба ҳаяҷон омадем.

Тақрибан дар ҳамон солҳо шоири тоҷик Мирзо Турсунзода барои силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» сазовори ҷоизаи Давлатӣ гардид (1948).

Мо Мирзоро тавассути музокираҳои ӯ дар пленуму съездҳои нависандагон (Ӯ раиси Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд) мешинохтем. Бо ӯ дар роҳравҳои ин ҷамъомадгоҳҳо низ рӯ ба рӯ шудан иттифоқ афтодааст. Овози форами лаҳни тоҷикӣ доштаи ӯ ва нигоҳи кушоду пурнавозиши чашмони калону мешиаш, ки хусусан дар ҳузури Николай Семёнович Тихонов ба худ гармии бештаре мегирифтанд, дар ёд мондааст. Дар ҳол ба чашм мерасид, ки онҳо бо ҳам дӯстанд. Мо инро ҳамчунин аз рӯи ба конгрессҳои муҳо физони сулҳ ҳамроҳ рафтани онҳо низ медонистем. Аммо бидуни ин ҳама Мирзо ба назари ман шахси нармдил ва меҳрубон менамуд ва аз ҷиҳати зоҳир қомати на чандон баланд, ҳаракатҳои ором ва бамаънӣ, тарҳи рӯи мудаввари хоси ҷавонӣ шахси аз ҷиҳати ҷисмонӣ бақувват ва марди пуриродаро вонамуд намекард. Дар ҳаракатҳои ӯ ҳеҷ як ҷӯшу хурӯш, ҳаяҷонҳои равшани зоҳирӣ, ки хоси бисёре аз шоирону нависандагон аст ва рационалистони бюрократмонанд шаъни додани ин сифатҳоро дар мо дӯст медоранд, ба назар намерасид. Аз афташ шеърҳои лирикию ишқӣ менависад, қарор додам ман худ ба худ ба ин марди хушнамуди шарқӣ нигариста. Ӯ як одами бовиҷдон, росткор ва бомулоҳиза, аммо шармгин, ба шоири минбарӣ монанд набуд.

Аммо ба нохост чунин шеърҳо...

Маҷмӯаи шеърҳои ба Ҳиндустон бахшидаи ӯро нашриёти ГИХЛ–и Москва соли 1949 аз чоп баровард. Дар омади сухан худи ҳамон сол барои достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» дар тарҷумаи А. Адалис ва «Панҷи нооромо» дар тарҷумаи Державин дӯсти наздики Мирзо, низ шоири тоҷик ва одами зебо Мирсаид Миршакари помирӣ сазовори ҷоизаи Давлатӣ гардид. Бо ҳамдигар дӯстони наздик будани онҳоро мо баъдтар фаҳмидем, аммо наздикии рӯҳии онҳо ҳамон замон дар баробари шиносоӣ бо эҷодиёташон маълумамон шуд.

Онҳо ҳар ду бо истеъдоди хосаи худ, шоирони амиқ миллӣ бо ҷуръат ва ҷасорат дар хидмати халқи худ буданд, табиати кишвари ҷонии худро ҳунармандона ба рӯи олам мекушоданд,

бо ҳар сатрашон аз худ чун аз фидоии ҳақиқии кишвари советӣ, чун аз шоироне, ки ғами тақдири халқҳои на танҳо Осиё, балки ҳамаи ҷаҳонро мехӯранд, дарак доданд. Ва ин оҳанг дар назми онҳо хеле хуш садо медиҳад, зеро бо суханбозии тарғиботӣ ҳеҷ муносибате надорад.

Шеърҳои ҳиндустонии Мирзо Турсунзода таассуроти ҳайратангезе дар ман ангехтанд. Ман онҳоро бо эҳсоси таҳайюр, ҳаяҷон, мафтунӣ аз образҳои шоирона, миннатдорӣ ва эҳтироми бузург ба муаллифи онҳо, ки дар назари ман аз одами хоксору меҳрубон якбора ба нотиқи оташинсухан, мубоpизи тавонои роҳи сулҳу адолат табдил ёфта буд, мехондам. Муҳаббати Николай Тихонов ба ӯ бе асос набуд.

Инак он «Қиссаи Ҳиндустон», ки ба шаст миллион ҳиндуҳои кастаи «нафратзадагон» бахшида шудааст. Шоир ҳикояти бобои худро ба ёд меорад:

*«Замоне буд берун аз Самарқанд,*
*Ба чашми кас намоён кулбае чанд*
*Дар он манзил, ки дур аз дигарон буд,*
*Махавҳоро ҷудоӣ як макон буд.*
*Намеафтод онҳоро гузоре,*
*На аз ёре на аз хешу таборе.*

Ва агар касе аз ин табақа ба дарвозаи шаҳр ворид шавад, одамонро ба даҳшат меовард:

*...Ки, эй ҷӯра!*
*Ба атрофат назар кун,*
*Махав омад, махав омад, ҳазар кун.*

Кунун дар Самарқанд аз ин деҳа нишоне намондааст, аммо чун шоир сафари Ҳиндустон кард, дар он ҷо аз қисмати кастаи «нафратзадагон» дар изтироб ва таҳайюр монд.

*...Агарчи ганҷҳояш пурбаҳоянд,*
*Валекин мардумони он гадоянд.*

Ва аз байни ин гадоён миллионҳо ҳанӯз нозода аз модар ба чунин тақдири пасту ҷовидона пурнафрат гирифторанд:

*Магар ин каста авлоди башар нест,*
*Ки аз ӯ дидагонро ҷуз ҳазар нест.*
*Магар ин расм як расми қадим аст,*
*Магар чуҳра гунаҳкори азим аст?!*
*... Ҳазорон сол боз ин турфа мардум,*
*Зи ҳаққи зиндагонӣ гашта маҳрум,*
*Ба ин оину ин расми ҳабисӣ,*
*Чаро розист лорди англисӣ*
*...Барояд бо табассум гар зи хиргоҳ,*
*Хиёнаткори ҷамъият чу рӯбоҳ.*
*Бирав халқи ситамкашро хабар кун,*
*«Махав омад, махав омад, ҳазар кун!»*

Шеъри «Меҳмони мағрибӣ» аз оташи нафрат алайҳи истилогарон ва муҳаббат ба халқи Ҳиндустон саршор аст. Боигарии ҷангалзори Бангола, шӯкӯҳи боғҳои домани Ганг, ҳашамати қасру мадрасаву обидаҳои Деҳлӣ чи санъаткорона ва ранги ба ранг тасвир шудаанд. Ва дар баробари ин:

*Кӯчаю бозор пур аз морбоз,*
*Фолбину мардуми маймуннавоз.*
*Дар талаби нон шуда ҷамъе ҳалок,*
*Хастаю афтода гурӯҳе ба хок.*
*Дида ман, инро ҷигарам пора шуд,*
*Ашк равон аз бари рухсора шуд.*

Ҳамин махсусияти хосаи Мирзои азиз, эҳсоси нозуки дили меҳрубони худро ба алангаи қаҳру ғазаб бадал карда тавонистани ӯ сатрҳои пурэҳтироси олиҷаноб, пур аз қаҳру адоватеро ба вуҷуд меовард, ки хонандаро низ ба зудӣ фаро мегиранд. Зеро ҳамдардии самимонаи шоир, олиҳимматию ҷавонмардии ахлоқии ӯ, садои даъватии ӯ чун зангӯлаи тӯфонӣ, чун даъват ба муборизаи зидди беадолатии диданашуда баланд мешавад.

*...Мегузарад дуртар аз издиҳом.*
*Бе назари диққату бе эҳтиром.*
*...Ҳарчи ки мехост дар ин сарзамин*
*Пурра даровард ба зери нигин.*

*Пӯсти рӯбоҳу палангон гирифт,*
*Ҳосили сарпанҷаи деҳқон гирифт.*
*Нуқраву тилло зи дили кон гирифт,*
*Тоқату ороми фақирон гирифт.*
*...Фурсати он аст, ки ин «меҳмон»,*
*Тарк кунад кишвари Ҳиндустон.*

Шеъри оличаноби «Рӯди Ганг» фаромӯшношуданист. Мурочиат ба дарёе, ки табиат онро бо муҳаббат иҳота карда-аст ва ӯ шоҳиди безабони дуздии аҷнабиёнест, ки бо корвони қаторахо аз пули оҳанин ҳосили зархези соҳилҳои ӯро мекашонанд – қобилияти бузурги эҷодии истеъдоди нависандаро мекушояд ва пеш аз ҳама бо образнокии бадеият, ҳақиқати амиқи худ, ҳамдардии самимонаи шоире, ки на танҳо аз бадбахтии халқи заҳматкаши Ҳиндустон ғам мехӯрад, балки ҳамчунин ӯро ба озодии худ даъват менамояд, мутаассир мекунад. Агар ин шеърҳо ба хонандагони мо ин қадар ғизои эмоционалӣ бахшида бошанд, пас ба худи ҳиндуҳо дахчанд таъсир расонидаанд.

Ин аст он аслиҳаи идеологияи сулҳҷӯёна барои ояндаи инсоният, ки рафиқ Леонид Илич Брежнев аз минбари съезди XXVI КПСС гуфта буд. Ва дӯсти некхоҳи мо Мирзо Турсунзода шахсе, ки устокорона ин аслиҳаро ба кор бурда метавонист, барои мо қимати бебаҳо дошт. Вақте ки сатрҳои зеринро кас мехонад, вуҷуди ӯро ҳиссиёту ҳаяҷон ба ларза меорад:

*Дар шаби тор оби рӯди Ганг*
*Буд бо акси Каҳкашон ҳамранг.*
*Ё ба чашми ту ҷилвагар мешуд*
*Мисли шамшерҳои занголуд.*
*...Меравад сӯи баҳр бо сари хам,*
*Гӯӣ дорад ба дӯш кӯҳи алам.*
*Гуфтам, эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ,*
*Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ?*
*...Дар гумонам, ки гаштаӣ ҷорӣ,*
*Ту на аз чашмаҳои кӯҳсорӣ,*
*Балки аз оби чашми гирёнӣ,*
*Арақу ашкҳои деҳқонӣ.*

*...Ҳар чӣ бошад бузург рӯдастӣ,*
*Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ,*
*Рӯдворона зиндагонӣ кун,*
*Ҷӯш зан,*
*Ҷӯш зан,*
*ҷавонӣ кун.*

Ҳамчунон вақте ки Мирзо Турсунзода аз рақси мафтункунандаи Тара Чандри сухан карда ӯро бо Комде, ки Бедил ишқи поки ӯро ба Мадан «ба обу ранги нав» сурудааст, шабоҳат медиҳад, дар ин ҷо низ суханони сеҳрноке меёбад, ки чашмҳои касро ба тақдири қаҳрамон ва оянда мекушоянд.

*Ман аз рақси ту мафтунам,*
*зи ҳолат лек маҳзунам,*
*ТараЧандри... Тара Чандри...*
*макун ин қадр афсунам!*
*...Ба ҷунбиш мавҷи дарёӣ,*
*ба лағзиш реги саҳроӣ,*
*Ҳунарманду ҳунарпеша*
*зи сар то нохуни поӣ!*
*Сабук чун парниёнӣ ту,*
*беҳ аз оби равонӣ ту*
*Ба каф дурри гаронӣ ту,*
*ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!*
*Матарс аз шӯълаҳои*
*аввалини субҳи озодӣ,*
*Маларз аз боди даҳшатноки тӯфон*
*мисли шамшоде.*
*Умеду орзуи халқи худро*
*дар дилат ҷо кун,*
*Дили пурҳасрати онро*
*ба мисли ғунчае во кун*

Аз хондани ин шеърҳо эҳсоси шодиомез ва сарбаландие касро фаро мегирад. Мо медонем, ки дар замонҳои қадимтарин Тоҷикистони имрӯза аз шуои ҷовидонаи шеър ва илм равшан гашта буд, аммо минбаъда дар тӯли садсолаҳо сарвати маънавии халқи тоҷик ва маданияти ӯ гирифтори талаву тороҷи

қабилаҳои истилогар гардида буд. Шеъри дигари ӯро аз силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» бо унвони «Дар ёди кас» мисол овардан мехоҳам:

*...З-ин сабаб ҷо кардаам дар ёди худ*
*Манзари шаҳрею дарёи кабуд.*
*Ҳалқаи майдони он аэродром.*
*Дидаҳои пурумеди издиҳом.*
*Қарнҳо гар зинда монам дар ҷаҳон.*
*Ман ба ёди худ нигаҳ дорам аён;*
*...Дастафшону ҳаросон дӯстро,*
*Ҳайкали аз устухону пӯстро.*
*Дар хазони тира овози ҷавон.*
*Рафт то авҷи сурайё барқсон:*
*Мо ба монанди шумо хоҳем шуд,*
*Дур аз ҷавру ҷафо хоҳем шуд!..*

Чӣ манзараи ҳаяҷонангез ва аламнок. Пас аз «Қиссаи Ҳиндустон» Мирзо Турсунзода мисли Мустай Карим дар Бошқирдистон, мисли фотеҳи фикр шоираи ӯзбек Зулфия, ки дар шеърҳои пурэҳтироси лирикии худ мардонагии гражданин одами советиро суруда тавонист, чун шоири шӯҳратманди доғистонии мо Расул Ғамзатов одами самимӣ ва сиёсатмадори амиқ, чун шоири файласуф Довид Кугулдинов, чунфарзанди меҳрубон, поквиҷдон ва ҷасури кӯҳҳои Қабардину Болқар Қайсын Қулиев, мисли сарояндаи боистеъдоди якут Семён Данилов ситораи роҳнамое дар осмони назми сермиллати мо гардид.

Оё ин аз комёбиҳои барҷаставу равшани сиёсати миллии ленинии мо нест?

Охир дар паси ҳар яки ин ситораҳои дурахшони назм дар адабиёти миллатҳои мо дастаҳои бутуни шоирону нависандагони боистеъдод меистанд. Кадом кишвари дигар чун кишвари мо бо чунин эҳёи афсонавии миллатҳои худ метавонад фахр кунад?!

Акнун ин миллатҳо халқиятҳои хурд не, балки халқҳое мебошанд, ки миллатҳои аз ҳама «покнажод» ҳам аз онҳо омӯхта метавонанд.

Ин аст, ки соли 1960 барои достонҳои «Ҳасани аробакаш»,

«Садои Осиё» ва «Чароғи абадӣ» сазовори ҷоизаи ленинӣ гардидани Мирзо Турсунзодаро мо чун комёбии худ истиқбол намудем ва аз шодӣ болидем.

Боз чунин рӯй дод, ки аввал мо аз ҷоизаи баланд гирифтани шоир хабар ёфтем, пас достонҳои ба мукофоти аз ҳама баландтарин ноил шударо хонда дучанд сарфарозӣ мекардем:

Шоири маҳбуб баҳои ба худ сазовор гирифт. Он вақтҳо ман ҳанӯз Державини тарҷумонро намешинохтам, аммо «Ҳасани аробакаш»–и Мирзо ба шарҳе эҳтиёҷ надошт.

Қаҳрамони асосии асар, қаҳрамони ҳақиқии рӯз Ҳасан ҷавони чобуку зебо, ошиқи касби дар замони худ боэътибору лозим буд. Ҳанӯз худ аз эҳсоси ошиқӣ бехабар ва ба хушбахтии одамони зандор нобовар, чун насими доманаҳои Помир озоду пок ӯ дар аробаи дучархаи баланди худ арӯсонро ба хонаи нисбатҳояшон мебурд, дар тӯйҳо арғушт мерафт, барои сохтмонҳо санг мекашонд ва бештар аз ҳама дар дунё дилбастаи аспи вафодори худ, аспи парвардаи худ буд, ки аз чанголи бои мумсик ва гурӯҳи босмачиҳо ӯро раҳонида буд (асп худ Ҳасанро суроғ карда омад). Аммо маҳбубаи Ҳасан Садаф аз баҳри таълим дар Душанбе гузашта, аробаро хонаи худ кардан нахост, гарчанде ки ӯро дӯст медошт ва ба кинояҳои дугонаҳояш ҷавобҳои тунд мегардонд:

*Саввумӣ гуфт, ки*
*– дар ин бора*
*Садафи мо намекунад парво,*
*Чунки ишқи аробакаш кардаст*
*Дили онро асири худ кайҳо.*
*Ин кас акнун ба пеши ӯ рафта*
*Бар ароба савор мегардад,*
*Аз паси дӯстдори хонабадӯш*
*Ҳамадам соявор мегардад.*
*Садаф андак ба қаҳр омаду гуфт:*
*Ҷон дугона, кинояро бас кун,*
*Бадзабонӣ туро намезебад,*
*Ҳурмати нафсу иззати кас кун.*

Дар характери Ҳасани аробакаш махсусиятҳои хоси инсоне ниҳон аст, ки тақдири мураккаб дорад ва ин хусусиятҳоро ба як

рӯ ба рӯ омадан дарк кардан маҳол аст. Ӯро дӯст надоштан мумкин нест. Ӯ аз охирин яккадастонест, ки ҳангоми аз душвориҳо нолиданаш (баъд аз пайдо шудани машинаҳо) рақибаш ба ӯ мегӯяд:

*Ба азобат худат гунаҳкорӣ!*
*Гар нагарданд ҷӯйҳо дарё,*
*Дар дили дашт мешаванд адо,*
*Мисли ҷӯй аст одами танҳо!*

Ҳама гап ҳам дар сари он аст, ки Ҳасани аробакаш дар байни табиати зебои кишвари кӯҳистонаш худро танҳо ҳис накард. То даме ки мошин аспро танг карда набаровард, ӯ чун усто ва шогирди кори худ ба пешаи дар гузашта маъруфаш ошиқ буд.

Аробакаши ҷавони тавоно дар сари аспи ҳузарбаш худро фотеҳи роҳҳои ҳавфнок, фарзанди сарбаланд меҳисобид.

Достони мазкурро гаштаю баргашта хондаи кас меояд. Дар ин достон ҳама чиз аълосифат аст: ҳам оҳанг, ҳам ҳаҷм, ҳам образҳои бадеӣ ва аз ҳама муҳимаш одами зинда ҳақиқатнигорона ва равшан, бо ҳама эҳсос, афкор ва зиддиятҳои худ нишон дода щудааст.

Ҳам обу ранги миллии достон, ҳам такомули характери қаҳрамон, ҳам гулгулшукуфии кишвари азизи ӯ хеле барҷаста ба қалам омадааст. Боз як шохобаи дигаре ба маҷрои умумии достон хеле хуб ворид мешавад, ки тақдири худи муаллиф аст. Табиб Иван Кузмич низ на аз шахсиятҳои тасодуфист. Ӯ симои комилан ҳатмист барои кушодани рӯҳи романтикӣ ва пуртуғёни Ҳасан дар гузаргоҳи тақдири ӯ.

Ман имкон надорам аз либреттои хеле хуби драматикии Мирзо Турсунзода «Тоҳир ва Зӯҳро», ки Яков Козловский устокорона тарҷума кардааст, аз достонҳои оличанобои «Писари Ватан», «Садои Осиё», «Чароғи абадӣ» ва «Ҷони ширин»–и пур аз самимияти кашанда ва эҳсосоти лирикӣ, андешаҳои амиқ ва рӯҳияи баланди гражданӣ сухан кунам. Ин худи ҳаёт аст, ки ба лирикаю эпика ҷудо намешавад, балки бо ҳама рангҳои зиндагиву эҳсосот ҷилва мекунад.

Ҳамин тариқ, ба доираи ихлосмандӣ ва дилбастагии мани хонанда ва гражданин, ба олами рӯҳонии мани нависанда шоире аз водии Ҳисор, ворисиі Рӯдакиву Сино, устоди адабиёти

тоҷик Мирзо Турсунзода ворид шуд. Ман аз такдир миннатдорам, ки дар водии Ҳисор будам ва Тоҷикистони барои зиндагии нав эҳёгардида, табиати беназири он, тоҷикони меҳнатдӯст ва худи Мирзоро дар сарзамини шукуфонаш дидам.

Соли 1966 ман барои ширкат дар анҷумани нависандагони тоҷик ба Душанбе омадам. Дар шеърӣ «Водии Ҳисор» Мирзо Турсунзода навишта буд:

*Хонамон буд дар Ҳисори қадим,*
*Дар Ҳисори харобаи пурбим.*
*Қалъае байни деҳа меистод*
*Даҳшатовар чу ҳайкали ҷаллод.*
*Ҷониби кулбаҳои вайрона*
*Чашм медӯхт худписандона...*
*Дашту саҳро агарчи зебо буд,*
*Лек берӯҳ мурдаосо буд.*

Аммо акнун ба ҷои он деҳаи хароби Душанбе шаҳри пур аз мӯъҷизаи Душанбе пойтахти Тоҷикистон қомат афрохт. Пас аз гузаронидани канали Ҳисор ин водӣ биҳишти шукуфон гардид. Ман бесаброна интизори лаҳзаи рӯ ба рӯ омадан бо ин замине будам, ки Мирзо Турсунзода оид ба гузаштаи он чӣ қадар сатрҳои маҳзуне навишта, баъзе шоирони пешинаро барои он мазаммат карда буд, ки аз паи манфиати худ шуда, дар назми дурӯғинашон онро ба гулзори ирам бадал карда буданд, ҳол он ки замин аз ғуломӣ ва нодории чандинасра ба ҳалокат расида буд.

Вақте ки аз тохтутозҳои тороҷгаронаи душманон ва низоъҳои феодалони маҳаллӣ шаҳрҳои нирӯманду қадима ҳама рӯ ба таназзул ниҳоданд, дар Осиёи Миёна замони пурдаҳшати касодӣ ва сукут расид. Низоми кадимаи обёри Мурғобу Хоразм вайрон гардид, қалъаи Қарокол дар Хева, боғҳои Урганҷ, ки Темур ба тороҷ расонида буд, шаҳри афсонавии Марв зери реги равон монданд, Мароқанди Суғдиён, ки аз боғҳои шукуфонаш, Искандари Макекдонӣ ба ҳайрат омада буд, хароб гардиданд.

Дар натиҷаи ҷангҳои доимӣ, беҳуқуқию ғуломӣ, бесаводии умумӣ ва зулми бойҳову амирону шайххо ин сарзамин асрҳо бенумӯву қашшоқ буд.

Нависандаи хеле хуб Садриддин Айнӣ на барои он асосгузори адабиёти советии тоҷику ӯзбек гардид, ки ба ин ду забон

менавишт, балки барои он ки ӯ роҳи вазнини муборизаро барои бахту саодати халқҳо паси сар кард ва эҳёи пас аз инқилобии ин сарзаминро дарк ва эҳсос кард. Мирзо низ шоҳиди ин воқеаҳо буд. Таваҷҷӯҳ кунед ба сатрҳои шеъри «Савганд»–и ӯ:

*Кистӣ шоир?*
*Агар пурсанд гӯям: коммунист*
*Ҳар нафас,*
*Ҳар қатра хун,*
*Ҳар тори мӯям коммунист.*

Ин эътироф, ки аз замири поки шоир рӯ задааст бо самимияти пурэҳтироси худ касро мафтун мекунад. Вақте ки Мирзо дар достони «Чароғи абадӣ» хурсандии худро аз ду вохӯрӣ, вохӯрӣ бо фарзанди навзод ва «адиби пир» устоди шоирони тоҷик Айнӣ баён мекунад, ин ҷо низ сатрҳои ӯ бо тозагии эҳсос ва нерӯи амиқи патриотизми лирикӣ касро ба ҳаяҷон меоранд.

Мирзо дар дили худ дарди ранҷҳои тамоми Осиёи бузург ва «хоҳари сиёҳ»и худ Африқоро ҷо дода буд. Аз ин рӯ ӯ чун шоири мо Николай Тихонов, ки дар достони «Ҷони ширин»чун ба васфи устоди худ Айнӣ ба васфи ӯ низ сатрҳои самимона бахшидааст, мубсризи ҳақиқии роҳи сулҳ гардид. Ӯ ба ҳамсари худ мегӯяд.

*Он ки бо ёрони худ масрур буд,*
*Дӯсти ман, шоири машҳур буд.*
*Тихонов бо мӯйҳои сап–сафед,*
*Кард табдил сӯҳбати моро ба ид.*
*Дӯстиро ман аз ӯ омӯхтам,*
*Кишвари дилро аз ӯ афрӯхтам.*

Ҳамин тавр барои Мирзо замони сафарҳои хориҷа фаро расид: конгрессҳои байналхалқӣ, вохӯриҳо, баромадҳо, маърӯзаҳо, мақолаҳо, шеърҳо – аслиҳаи хақиқии ӯ дар мубориза барои сулҳ, дӯстӣ ва озодии башарият гардиданд.

* * *

Анҷумани нависандагони тоҷик дар толори барҳавою равшане мегузашт. Рафиқон дар баромадҳои худ ба забонҳои гу-

ногун сухан мекарданд. Намояндагони дигар иттифоқҳои нависандагии мамлакат, меҳмонон аз роҳҳои дур ҳузур доштанд, аммо ҳамаи баромадҳо ба русӣ тарҷума мешуданд. Масъалаҳои муҳимтарини адабиёти ҳозираи тоҷик мавриди муҳокима буданд. Дар танаффусҳо вохӯриҳои фаромӯшнашуданӣ ва лаҳзаҳои шиносшавӣ фаро мерасид.

Мирсаид Миршакар солҳои охир шеъру достонҳои хубе навишта буд ва анҷуманро дар айни камолоти эҷодӣ пешвоз гирифт.

Ба адабиёт шоирон ва нависандагони ҷавон ворид шуданд. Танқид қувват гирифт. Мирзо Турсунзода низ соли 1966 ҳанӯз ҷавон буд. Бо зиндадилӣ, тавоноӣ, сабзинаву дидавар – ӯ фавран ба кас бо эҳсоси гарми хайрхоҳона ва рағбати калон ба ҳама корҳо ҷавоб медод. Эътирофи ҷамъиятӣ ва шӯҳрат хоксории ӯро нашикастанд: ӯ чуноне ки дар ҷавонӣ буд, ҳамон хел хоксор, кушодарӯ, бе кибру ҳавобаландӣ монда буд. Ҳам дастфишории гарми ӯ, ҳам тарзи шеърхонӣ, ҳам хандаҳояш дер боз дар ёд мемонд.

Ин ҳам рамзист, ки бо шоир ва тарҷумон Владимир Василевич Державин дар анҷумани нависандагони тоҷик шинос шудам. Номбурда тамоми истеъдоди фавқулоддаи шоиронаашро ба тарҷумаи русии асарҳои шоирони гуногунзабони Иттифоқи Советӣ бахшидааст. Хусусан хизмати ӯ барои шиносонидани хонандаи рус бо ситораҳои назми шарқ «Шоҳнома»и Абулқосим Фирдавсӣ, рубоиётӣ машҳури шоири файласуф ва олим Умари Хайём, ашъори Абӯабдуллои Рӯдакӣ, лирики мӯъҷизакор Ҷалолиддини Румӣ (аз «Маснавӣ» ва «Девони кабир») ашъори Саъдии Шерозӣ «Бӯстон», қасидаҳо, ғазал ва қитъаҳо), Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷоми, Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ бузург аст.

Бо шоирони номдори имрӯзаи тоҷик бошад, Державин ҳамкории бевосита дорад. Тарҷумаи достонҳои олиҷаноби Турсунзода ва силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»–и ӯ, ҳамчунон тарҷумаи достони Мирсоид Миршакар «Панҷи нором» ба қалами ӯ мансуб аст. Шубҳае нест, ки Державин дар анҷуман меҳмони ба ҳама маълум ва маъруф буд. Ба замми ин ӯ порчае аз кӯдакии худро дар Туркистон гузаронидааст ва дар Тоҷикистон худро чун дар хонаи худ ҳис мекард.

* * *

Анҷуман кори худро идома медод: соҳибхона ва мехмонон ба музокира мебаромаданд. Комёбиҳои адабиёти имрӯзаи тоҷик моро шод мекард. Баромадҳо хайрхоҳона ва ба нафъи кор буданд.

Барои шинос кардан бо ҳаёти халқи худ нависандагони тоҷик чун соҳибхонаҳои меҳмоннавоз моро ба сайру тамошои шаҳру районҳои республика таклиф карданд. Баҳори дар зери шуои офтоби меҳрбор нуронии шарқ моро бо домани сарсабзу лолапӯши кӯҳҳо мафтун намуд. Дар деҳот дар ҳама ҷо серию пурии колхозчиён ҳис карда мешуд. Мо бисёр ҷавонон ва кӯдакони ботамкину ба ҳам дӯстро дидем.

Духтарон дар либосҳои рангин монанди гулҳо, наврасони офтобии сабзинарӯ ва ҳатто занҳо дар саҳроҳои колхозӣ, ки низ либосҳои равшани идона ва рӯймолҳои зебо ба сар доштанд, дар ҳангоми меҳнати вазнини худ хеле зебо менамуданд.

Дар бари ҳавз, дар сояи дарахтони бузург оқсақолон – мӯйсафедони ришсафед шишта буданд, байни онҳо сӯҳбати гарме мерафт.

– Мардуми мо ба мӯйсафедон эҳтироми зиёде доранд, – гуфт Мирзо ва дар чашмони дурахшони ӯ барқи шодӣ дурахшид. Дар байни онҳо бисёр фаъолонн хоҷагидорӣ ҳастанд, ки ба боғдорӣ, кабудизоркунонии деҳаҳо машғул мешаванд ва ҳама ғами ҳосил ва ғунучини пахтаро мехӯранд. Халқ не тилло, онҳо аз зиндагии осоиштаи баъди ҷанг, аз сериву пурии мардум шоданд. Албатта, захмҳои гузоштаи ҷанг дармоннопазиранд. Охир бисёриҳо аз ҷанг барнагаштанд. Аммо онҳо дарди худро сарбаландона аз сар мегузаронанд: – аз ҳама муҳиммаш ғолиб омадем. Дастовардҳои беназири инқилобро ҳифз кардем, – мегӯянд. – Сағираҳо ҳам дар кӯча намонданд, ташвишҳои падарони дар ҷанг ҳалокгардидаро бародарону дӯстонашон ба дӯши худ гирифтанд. Кӯдакон дарди бепарасториро нафаҳмида калон шуданд, ҳарчанд, ки ҳар хонае худ на камтар аз шаш фарзанд дошт. Серфарзандӣ дар деҳоти мо ҳодисаи муқаррарист. Одамон то ҳашт-нӯҳ-дувоздаҳ фарзанд доранд ва ҳама аз ин қаноатманду розиянд. Республика рӯзмарра доротар мегардад. Ҳоло соҳиби саноати пуриқтидор аст, ки пеш набуд. Хоҷагии қишлоқ аз ҳисоби заминҳои навкорам тараққӣ мекунад. Қувваи корӣ бошад, дар деҳот меафзояд. Фарзандон

оилаҳои қавӣ месозанд ва онҳо боигарии ҷамъиятианд. Мардони мо ба тарбияи онҳо чун ба кори давлатӣ менигаранд. Аз ин рӯ барои падарон ҳам ҷоизаҳое чун барои қаҳрамонмодарон таъсис бояд кард. Чӣ гуфтед?

– Мирзо хандид ва фавран ҷиддӣ илова кард:

– Мардон на танҳо муттакои моддии оилаанд, балки инчунин ба занон дар тарбияи кӯдакон ёрӣ мерасонанд, зеро муносибати хуби шавҳар ба оила, шарти аввалини серфарзандию хушбахтист.

Зане, ки муҳаббати кӯдакону ғамхории доимии шавҳарашро нисбат ба худ ва онҳо ҳис мекунад, барои иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва кор дар истеҳсолот низ вақт меёбад. Вақте ки кӯдакон калон мешаванд, корҳо хеле беҳтар мешаванд. Ана аз чӣ сабаб мо ба кӯдакон чунин муносибати гарм дорем. Ва на танҳо ба кӯдакони худ.

Мирзо ҳақ аст: Чӣ қадар хурдсолони гурезаро Осиёи Миёнаи мо аз оташи ҷанг раҳонид, ба оғӯши гарми худ гирифт, фарзанд хонд. Ба чандин сағираҳо ӯ модари ҳаққонӣ шуд.

Заминҳо ҳунармандона шудгор шудаанд: Дар баландкӯҳҳо ҷое, ки обёрӣ мушкилтар аст, ғалладона кишт шудааст, дар водиҳо ниҳолони навсабзи пахта кабудӣ мекунанд. Ва албатта хизмати дарғотҳо бузург аст, бе онҳо офтоби пурсаховати Шарқ наметавонад ба он замине, ки рӯзҳои тафсони тобистон ҳатто алафҳо аз беобӣ месӯхтанд, ҳаёт бахшад. Он гоҳ водиҳои шукуфон ба биёбон табдил хоҳанд ёфт. Ҳоло бошад, ин ҷо боғҳо, токзорҳо, рамаи гӯсфандон, полезу киштукор...

Дар ҳама ҷо дастони саховатманди одамон ва мошинаҳое, ки омадаанд ин замини пирро ҷавон кунанд, кор мекунанд. Ба ин манзараҳо нигариста, ман гӯё достонҳои Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакарро гаштаю баргашта мехонам.

Ин аст адабиёте, ки зодаи ҳаёти мардуми меҳнатист. Ягонагии оличаноб ва ҷудонашаванда! Чӣ гувороянд он деҳаҳои аз нав ҷавонгардида, ки дар онҳо ҳама чиз: қасрҳои маданият, мактабҳо, шифохонаҳо, кӯдакистону ширхоргоҳҳо ҳама барои мардуми меҳнаткаш аст. Мо ба ҳама ҷо менигаристем ва ба бисёр чизҳо ба хубӣ ҳасад мебурдем. Аммо бояд чунин бошад, чун ин одамони заҳматкаш боигарии бадастовардаи худро ба беҳудагӣ масраф намекунанд ва ҳаёти худро аз ҳисоби он ғанитар ва зеботар мегардонанд.

Аммо ҳанӯз мавзеъҳое ҳастанд, ки мутеи инсон нестанд. Онҳо ҳаёт мебахшанд, аммо марг низ меоранд ва дар он ҷо мардонагии махсус ва чашмони тезбину зираке лозиманд, ки қадри ҳол хатарро пешбинӣ кунанд ва нигоҳ доранд – инҳо дараҳои кӯҳианд, ки аз қуллаҳои осмонбӯс тавассути онҳо обҳои сард – асоси ҳосили заминҳои ин кишвар ҷорӣ мешаванд.

Чунин аст дараи рӯди Варзоб, ки рост ба сӯи Душанбе парвоз мекунад, аниқтараш ҳоло тавассути дарғоти зидди селҳо сохта шуда ҷорист.

Ин аст он рӯди ҷонбахшу пуртаҳдид, ки девонавор аз байни харсангҳо мешитобад. Акнун бо хоҳиши мо Мирзо ба ин ҷо саёҳати моро ташкил кард. Хостем ба он роҳҳое нигарем, ки як замоне Ҳасани аробакаш аробаи худро дар онҳо меронд. Ҳар қадар роҳ болотар рафтан гирад, он қадар Варзоб тезутундтар мегардад. Ҷо–ҷо дара васеътар мегардад ва филҳол сабзазорон дар доманаҳои кӯҳҳо ба назар мерасанд. Ба ногаҳ дар болои маҷрои дарё чун мӯъҷиза пулҳои сафеду кабудранг – яххо намудор мешаванд, ки аз оббурдаҳои онҳо мавҷи ҷараёнҳои аз кафк чун риши сафед фаввора зада мебароянд. Чӣ мӯъҷиза? Аммо чун чашм ба боло бардоред, назари кас ба кулоҳҳои барфине мерасид, ки қуллаҳо ба сар кардаанд – дар баландиҳо на танҳо баҳорон, балки дар гармои тобистон низ сардӣ ҳукмфармост. Ва аз ҳамин баландиҳо селҳову тармаҳои барфин ва обхезиҳо ҳангоми заминҷунбиҳо ба мардум таҳдид мекунанд. Заминҷунбӣ бошад, дар ин ҷо шуда меистад. Хушбахтона, аксари онҳо сабук мегузаранд

Пас аз сафари кишвари қуллаҳои сангину пурғурур Душанбе ба назари мо боз ҳам зеботар намуд. Заминҳои аз ҳосили навхез сабзпӯш ва боғҳои шукуфони беохири водии Ҳисор моро бо сабзии афсонавии худ ҷодуконон ба сӯи худ мекашиданд.

* * *

Саҳар вақте ки ба ҳамаи меҳмонон билетҳои бозгаштро оварданд, ман фаҳмидам, ки аз Тошкент ба Оренбург рейси самолёт вуҷуд надорад ва нияти ман, ки ҳамроҳи Державин ба Тошкент рафта, дар он ҷо як–ду рӯз монда, баъд ба Оренбург барои ҷамъ кардани материали тоза барои романи нав рафтанӣ будам, дигар шуд. Дар Москва моро корҳо интизор буданд ва

ман қарор додам, ки аввал ба хона, ба Москва равам ва баъд аз он ҷо ба Оренбург. Ба худ билет таъин кардаму ба саёҳати шаҳр баромадам. Барои ман ин сайру гашт хеле аҷоиб буд!

Пас аз таассуроти аҷиб аз тамошои музей ва китобхона дар кӯчаҳо қадам зада, роҳгузарон, кӯчаҳо ва мағозаҳоро тамошо кардам. Ташна мондам ва дилам нӯшокӣ хост. Албатта, чои кабуд. Пиёла, чойникҳо, қолинҳои овезон... Ин ҳама дар бозор. Тамошогоҳи аҷиб аст бозори шарқӣ, ҳатто баҳорон. Инак, дар рӯ ба рӯи ман: кӯҳи мавизу, қоқи зардолу, биринҷи сап–сафеди «хонӣ», нонҳои гарми нав аз танӯр канда, қатори чиниворӣ, намунаҳои оличаноби кулолиҳои ҳунармандони маҳаллӣ, растаи гулҳои рангоранг. Ҳадяи баҳор.

Оқибат дар гӯшаи кати чойхона, ҳампаҳлуи оилаи калони тоҷикӣ нишастам. Онҳо аз рӯи анъана чор зону карда нишастанд. Ҷавони мавзун, чаққон ва зебое аз самовори ҷӯшон барои мо чои кабуд дам карда меорад, менӯшем. Ҳатто бе қанд. Чои кабуд барои ҳалқи хушк тароватбахшу гуворост. Дар пиёла чой зуд сард мешавад, вале ҳама гап ҳам дар сари ҳамон аст, ки нӯшидани он дар гармогармиаш хуб аст

Ба фурӯшандаҳо ва харидороне, ки либосҳои равшану ранги ба ранг ба тан доранд, менигарам. Бисёр занон, кӯдакон либосҳои мувофиқи мӯд ва аврупоӣ ба бар доранд. Офтоби пурҳарорат ва осмони кабуд. Аз дуриҳо, аз паси боғҳо ва адирҳои сарсабз қуллаҳои сафеди кӯҳҳо ба назар менамоянд. Эҳсоси тинҷӣ, хушбахтӣ ва миннатдорӣ ба зебоиҳои табиат касро фаро мегирад

Чӣ афсӯс, ки ман шоири ба субут нарасидаам, ҳарчанд, ки аз синни ҳаштсолагӣ шеър навиштаам ва то ҳол муҳаббати гарми худро нисбат ба шеър нигоҳ медорам.

Дар ин замин чӣ шоирони бузурге арзи ҳол кардаанд. Боз ба ёдам «Савганд»–и пурэҳтироси Мирзо Турсунзода меояд:

*Партия,*
*Ҳаргиз нагардад ин дили ман,*
*аз ту дур,*
*Пеши чашмонат*
*дурахшон аст монанди булӯр.*
*Хурраму сарсабз*
*мисли Тоҷикистон аст он*

*Дар фазо*
*паҳлӯ ба паҳлӯи уқобон аст он,*
*Ҳастии мо, Партия, бо ҳастиат пайванд шуд,*
*Зери байроқи ту рафтан,*
*зистан,*
*савганд шуд!*

Бегоҳ Державину ҳамсарашро ба Тошкент гулсел кардем. Албатта аз нарафтани худ бо онҳо каме зиқ будам. Боз кай насиб мешавад, ки водии Фарғонаву Шоҳимардонро бинам.

Саҳар бошад, хабари нохуш ҳамаи моро мутаассир кард: шаб дар Тошкент заминҷунбии харобиоваре шудааст, Заминҷунбӣ идома дорад. Ин воқеа 26-уми апрел рӯй дода буд,

Ман аз барканор мондани тасодуфии худ аз ин хатар сабукие ҳис намекардам. Ҳама фикр бо ин фалокати ногаҳонӣ рӯйдода банд буд:

Чӣ қадар андӯҳ якбора омад! Дӯстони нави ман Владимир Василевич ва Тамара дар чӣ ҳол бощанд?. Одамони бехонаву дармондаро дар куҷо ҷой мекунанд? Чанд кас нобуд шуда бошад?

Душанберо сояи сиёҳи ин бадбахтӣ фаро гирифт. Ҳатто кӯдакон сукут карданд. Дар ҳама ҷо гуфтугузорҳои пуризтиробу пурҳаяҷон. Анбӯҳи одамон дар назди репродукторҳои радио. Дар Иттифоқи нависандагон ҳама ғамгин. Бори аввал ман Мирзоро чунин ҷиддӣ, сарду ҷамъ ва ҳатто ифодаи сахтгиронаеро дар рӯи рангпаридааш дидам.

– Ана вай, – табиати маҳбуби мо! – бо қаҳр дасти худро афшонда гуфт ӯ.

– Бо билетҳои Москва ба аэропорт мерафтем, аммо дар дили ҳама Тошкент.

*Евгений ЧЕЛЫШЕВ*

## Ӯ БАРОИ МАН ҶОВИДОН ЗИНДА АСТ

Ҳар гоҳ ки Мирзо Турсунзодаро ба ёд меовардам, дар лавҳи хотирам қабл аз ҳама кӯчаҳои ғарқи офтобу сердавуғеҷ, пурмағалу бетартиби Деҳлӣ пайдо мешаванд. Мо ҳар ду савори тонг – фойтуни дучархаи бо гулҳову тасмаҳои рангини матоъ зинатёфтаи якаспа равон будем. Фойтунчӣ – ҷавони наврасе буд, ки навоеро замзамакунон қамчини тасмачархи дарозашро қарсас занонда, ба сари роҳгузарони гарангу даҳаняла дод мегуфт. Димоғи Турсунзода чоқ буд: ӯ худро дар ин ҷо чун моҳӣ дар об ҳис мекард, дар печу тоби кучаву паскӯчаҳои шаҳри куҳансол, ки соки? нонаш асосан мусулмонанд, раҳгум намезад. «Ина бинеде, чунон ба Тоҷикистони мо монанд, ки фойтунчии мо гӯё, ки Ҳасани аробакаш бошад!» Мирзо ба фойтунчӣ ба тоҷикӣ чизе мегӯяд, вақте ки ӯ маънои саволи ӯро фаҳмида, ба забони урду ҷавоб мегардонад, беҳад хурсанд мешавад. «Тарҷума накун! Кӯшиш мекунам, ки худам фаҳмам», – мегӯяд ӯ. Фойтун дар назди Масҷиди ҷомеъ қарор мегирад. Мо пойафзоламонро кашида, ба масҷиди мӯҳташам медароем. «Нигоҳ кун! Ҳамаи ин ҷо то чӣ дараҷа ба Самарқанду Бухоро монанд аст», – мегӯяд Мирзо. Баъд мо роҳи Чанди Чоук – растаи асосии Деҳлиро пеш мегирем. Давуғеҷ ва ҳаёҳуи мардум дар ин ҷо гӯё ба авҷи аъло мерасад. «Биё пиёда равем», – таклиф кард Турсунзода. Мо баробари аз фойтун фуромадан худро дар миёни издиҳом дидем, ки моро ба тарафи маъбади Заррин мебурданд. Боз пойафзоламонро кашидему ба маъвои муқаддаси ҷамоаи сикҳҳо даромадем. Дар паҳлуи маъбад дар худи рӯи роҳ резафурӯшон таблаҳои ҳар гуна меваи хӯрданиро гузошта, савдо мекарданд, дар рӯи тобаҳои калон–калон ким–кадом таоме ҷӯшидаву бирён шуда, иштиҳои касро бедор мекард. «Биё, ҳамин ҷо наҳор хӯрем. Кирои ба ҳотел баргаштан надорад», – мегӯяд ӯ. Ва таъкидҳои духтуронро, ки дар кӯчаҳо на чизе хӯретон, на нӯшетон гуфта буданд, ба гӯшаи фаромӯшӣ андохта, ҳар чи пазандагони кӯчагӣ пеш меоварданд, бо рағбати тамом мехӯрдем.

Ин воқеаи моҳи марти соли 1955 буд. Рӯзҳои фаромӯшношудании кори Конференсияи мамлакатҳои Осиё оид ба паст

кардани шиддати муносибатҳои байналхалқӣ, ки дар шаҳри Деҳлӣ мегузашт. Якумин сафари ман ба Ҳиндустон дар ҳайати намояндагони Комитети Советии Муҳофизати Сулҳ, бо роҳбарии Н. С. Тихонов ва нахустин мулоқоти ман бо Мирзо Турсунзода.

Нахустин сафари Ҳиндустон ба дӯстии самимии ману Мирзо Турсунзода ибтидо гузошт. Ман дар Москва, Душанбе ва сафарҳои хориҷӣ борҳо бо ӯ мулоқот кардаам. Тобистони соли 1955 ба ёдам меояд, ки мо ҳар ду ҳамроҳи як ҳайати вакилони сершумори муборизони роҳи сулҳи Ҳиндустон ба Душанбе парвоз кардем; ин сафари нахустини ман буд ба Тоҷикистон. Баъди сафари якҷояи мо ба Ҳиндустон ин дуюмин мулоқоти ману Мирзо Турсунзода буд. Ӯ маро ба айлоқи (дачаи) миёни кӯҳсораш даъват карда гулҳои олиҷаноберо тамошо дод, ки худаш парвардаву расонда будааст. Бо хоҳиши ӯ ман ҳамон сафар дар як маҷлиси бонуфузи фаъолони шаҳр баромад карда, дар бораи Ҳиндустон суханронӣ карда будам. «Бештар дар бораи маданияти Ҳиндустон ҳикоят кун, – гуфт ӯ ба ман. – Барои тоҷикон дар бораи бародарони ҳиндиашон ҳар чи бештар донистан хеле муҳим аст, охир давраи дӯстии мардуми Советию Ҳиндустон акнун сар шуда истодааст Дар хотирам ҳаст ки ҳамон вақт дар Душанбе бо хоҳиши Мирзо Турсунзода дар бораи адабиёти муосири Ҳиндустон дар як шаб мақола навишта будам, ки ба муносибати ба Тоҷикистон ташриф овардани нахустин вакилони тарафдорони сулҳи Ҳиндустон дар газетаи «Коммунист Таджикистана» чоп шуда буд. Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки Мирзо Турсунзода дар дачаи ҳукуматӣ, он ҷое ки мо истиқомат доштем, хонаеро ба ман нишон дода гуфта буд: «дар ин ҷо устоди ман Садриддин Айнӣ охирин рӯзҳои умрашро ба сар бурд. Ӯ расо як сол пеш дар пеши назари ман ҷон дод, аммо то ба ҳол ба ин бовариам намеояд. Ӯ барои ман ҷовидон зинда аст. Олами зебоеро ӯ ба чашмам кушод, ба ман бовар кард, водор кард, ки ман ҳам ба ӯ бовар кунам, маро адиб кард»

Баъди ин рӯзҳои фаромӯшношуданӣ Якумин Конференсияи нависандагони Осиёю Африқо дар Тошкент (тирамоҳи соли 1958) пеш омад, ки Турсунзода дар кори он иштироки фаъол дошт. Мехоҳам танҳо як воқеаро, ки вобаста ба ҳамон рӯзҳост, ҳикоят кунам. Рӯзи дуюми кори Конференсия буд. Дар толори театри ба номи Навоӣ маҷлис давом дошт. Ман дар қариби

баромадгоҳ менишастам. Дидам, ки дар кушода шуду ба толор Файз Аҳмади Файз даромад. Ман пеш аз ин ҳаргиз ӯро надида будам ва аз рӯи сураташ шинохтам. Ин шоири покистонӣ барои иштирок кардан дар кори Конференсияи нависандагони мамлакатҳои Осиёю Африқо дар Тошканд ба Иттифоқи Советӣ бори аввал омада буд. Ман аз ҷоям бархоста, назди Файз рафтаму худро муаррифӣ намуда, ҳамроҳаш саломалек кардам. «Ман сари вақт омада натавонистам, – гуфт ӯ барои дер мондanaш узрхоҳӣ мекардагӣ барин, – дар мамлакати мо вазъият мураккаб». Пешакӣ бояд бигӯям, ки Файз Аҳмади Файз баробари аз Конференсия баргашта, ба Покистон рафтанаш ба ҳабс гирифта шуда ба қайди маҳбас афтод. Файз дар бораи иштироккунандагони Конференсия аз ман пурсуҷӯ кардан гирифт. «Турсунзода дар ҳамин ҷо бошад? – савол кард ӯ. – Бисёр мехоҳам бо ӯ мулоқот бикунам». Ба мисли ду шиноси дерин, дӯстона мулоқот кардани ду шоир ҳаргиз аз лавҳи хотирам дур намеравад. Ба онҳо тарҷумон даркор набуд. Онҳо бефосила сӯҳбат мекарданд, гӯё сӯҳбаташон поён надошт. «Биё ҳамроҳ Тошкентро ба Файз тамошо медиҳем», – таклиф кард ба ман Мирзо Турсунзода. Мо ба мошин савор шудему ба сайри шаҳр баромадем. Тошкент он дам акнун симояшро дигар карда истода буд. Дар интиҳои проспекти Навоӣ баъди бинои факултети шарқшиносии Университети Тошкент якбора ҳавлиҳои деворашон гилин сар мешуданд. «Биёетон ҳамин ҷо таваққуф карда бинем, ки ӯзбекҳо ба чӣ тарз зиндагӣ мекунанд», – хоҳиш кард Файз. Мо дари яке аз хонаҳои гилинро кӯфта ба саҳни ҳавлиаш даромадем. Дар сари остона моро марди солдидае пешвоз гирифт, ки сару либоси анъанавии ӯзбекӣ дар бар дошт. Файз, Турсунзода ва ман ба ӯ салом додем. Ӯ моро даъват кард, ки ба хона дароем. Покизаву озодагӣ, қолинҳои батартиб густурда, бисоти анъанавии ӯзбекон – ин ҳама ба Файз Аҳмад таассуроти зиёде бахшиданд. Ӯ ба мизе наздик шуд, ки дар болояш Куръон истода буд Файз китобро бардошту ба хондан даромад, баъд Куръон ба дасти Турсунзода гузашт, сипас ба дасти соҳиби хона. Чой, ангур ва ҳар гуна меваҷот оварданд. Чанд нафар ҳамсоягон даромаданд. Сӯҳбати гарму ҷӯшон хеле давом кард. Солҳо аз байн гузашт ва дар як мулоқот, Файз Аҳмад Турсунзодаро ёдоварӣ карда (ин дам ӯ аз ҳаёт гузашта буд) ҳамон вохӯриро ба хотир оварду андешамандона гуфт: «Мирзо ба ман

ёрӣ кард, ки аз замири одами Шарқи Советӣ огоҳ шавам». Ба гумонам, дар хислат, дар тарзи рафтор, дар муносибат ба атрофиён байни Турсунзодаю Файз Аҳмад ким–чӣ умумияте ҳаст.

Соли 1967 бори аввал дар мамлакати мо ба як гурӯҳ ходимони маданияти советӣ «барои саҳми барҷастае гузоштан дар кори мустаҳкам намудани дӯстии байни Давлати Советию Ҳиндустон» мукофоти Ҷавоҳирлол Неҳру дода шуд. Дар байни ба ин мукофот ноилшудагон Мирзо Турсунзодаю ман ҳам будем. Тирамоҳи соли 1968 мукофотонидашудагон ба Ҳиндустон даъват шуданд.

Сарвазири Ҳиндустон хонум Индира Гандӣ мукофоти олиро ба мо супурд, баъд дастаи мо ба саёҳати дуҳафтаинаи мамлакат баромада ба шаҳрҳои Деҳлӣ, Агра, Мадрас, Тривендрум, Бомбай, Кочин раҳсипор шуд. Мирзо Турсунзода дар ин сафари Ҳиндустон духтараш Фирӯзаро ҳамроҳ гирифта буду ман бо завҷаам рафта будам. Зани ман Елена Владимировна бо Фирӯзаи нозанину дустрӯ дугона шуд. Ман ин сафарро ҳамчун хобу хаёл ба ёд меоварам. Мирзо Турсунзодаи оқилу хушмуомила, мавридшиносу мутоибагӯ дилу ҷони тамоми шарикон буд. Хусусан шабнишиние дар Бомбай, ки дар арафаи ба ватан баргаштани мо барпо шуда буд, нағз дар хотирам ҳаст. Моро нависандаи урдузабон Кришан Чандар ба муносибати рӯзи таваллудаш ба меҳмонӣ даъват кард. Бисёр адибони маъруф дар хонаи ӯ ҷамъ омада буданд, ки асосан ба урду асар менавиштанд: Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ, Роҷендра Сингҳ Бедӣ, Маҷрӯҳи Султонпурӣ. Мушоира барин мусобиқаи шоирие ташкил карданд, Мирзо Турсунзода дар маркази диққати аҳли маҷлис қарор гирифт. Ӯ ашъори худро ба тоҷикӣ мехонд ва бе ёрии тарҷумон шеърашро мефаҳмиданд, ҳар боре, ки хондани шеърро ба поён мерасонд, бо сурур «Ваҳ! Ваҳ! Ваҳ!» мегуфтанд, ки ин ниҳояти таҳсину офарин буд. Ба исрори ҳозирон ҳар шеърро батакрор чандборӣ мехонд.

Баъди ду соли ин сафар ману Мирзо Турсунзода боз дар Ҳиндустон, дар Конференсияи IV нависандагони мамлакатҳои Осиёю Африқо дар Деҳлӣ вохӯрдем. Тамоми тафсилоти ин мулоқоти пурсамари нависандагонро, ки чун ҳарвақта Мирзо Турсунзода дар маркази диққат буд, ин ҷо ҳикоят карда намешинам. Балки фақат як воқеаро, ки ба фикрам, на фақат барои эҷодиёти худи Турсунзода, балки барои кулли адабиёти

советӣ хеле муҳим буд, хотиррасон мекунам. Боре, баъди анҷом ёфтани маҷлиси бегоҳрӯзӣ ӯ ба ман гуфт, ки дар кимкадом мулоқоти шабонаи пешакӣ муқаррар шуда иштирок карда наметавонад, зеро бо як кори зарур сафаре дар пеш дорад ва маро даъват кард, ки ҳамроҳаш равам. Бо таассуфи билониҳоя ман маҷбур шудам рад кунам, зеро ба ман супориш шуда буд, ки фардои ин рӯз мулоқоти адибони советию аъзоёни Академияи адабиёти Ҳиндустонро ташкил кунам. Турсунзода барои вохӯрдан ба намояндагони ба назди В. И. Ленин омадаи Ҳиндустон сафари чандсадкилометраро пеш гирифт. Дар ин сафар журналисти АПН А. В. Митрохин ҳамроҳи ӯ буд. Баъди ду рӯз шоир ба Деҳлӣ баргашта омад. Табиист, ки ман бесаброна натиҷаи сафари ӯро донистан мехостам. «Сафар бисёр душвору хастакунанда буд», – гуфт ӯ. – Лекин хеле бомуваффақият баромад. Кори ман омад кард. Ман бо Пратап ном шахси кӯҳансол ҳамсӯҳбат шудам. Ӯ ҳикоят кард, ки чандин сол пеш аз ин дар ҷустуҷӯи ҳақиқат роҳи Россияи Советиро пеш гирифта, бо В. И. Ленин мулоқот карда будааст. Ман аз дӯстам ҷӯё шудам, ки шаклу шамоили он шахс чӣ гуна аст, баъди он зиндагиаш чй хел ҷараён гирифтааст, ҳоло чй ҳол дорад. Мирзо Турсунзода ба суоли ман ҷавоб дода, баъди ин ба андеша рафта гуфт: «Медонӣ чӣ, ман дар бораи ӯ чизе менависам. Ман ҳақ надорам, ки аз тафсилоти ин воқеа ягон чиз. нанависам. Ин вазифаи ман аст». Ман саодатмандам, ки шоҳиди тавлид гардидани асари нави ӯ будам Ҳангоми озими Москва гардидан дар самолёт ҳар гоҳ Турсунзода дафтарчаи бағалиашро бароварда дар он чизе менавишт Баъди ду моҳи он дар саҳифаҳои газетаи «Правда» достони ӯ «Аз Ганг то Кремл» пайдо шуд.

Ман Турсунзодаро на фақат ҳангоми бо дӯстон мусоҳиб шудан дидаам, балки дами собит кардани ғояҳои мо, мубориза бурдан бо онҳое, ки идеалҳои социалистии моро бадном карданӣ мешуданд, низ дидаам. Дар ин лаҳзаҳо ӯ аз шахси нармсухани беозор, аз лирики нозукбаён, сарояндаи зебоиҳои табиат ва рӯҳи инсон ба мубориზи оштинопазиру ҷасур табдил меёфт. Конференсияи Умумиҷаҳонии муҳофизати сулҳ, ки тобистони соли 1965 дар Хелсинки барпо шуда буд, ба ёдам меояд. Он вақт ҳамроҳи шоир дар як секция кор кардан ба ман рост омада буд ва бо эҳтиросу боварибахш суханронӣ кардани ӯро

ба муқобили вайрон таъбиркунандагони мақсади Иттифоқи Советӣ дар роҳи сулҳу ярoқпартоӣ дида будам.

Соли 1971–ум дар Толори серпосутуни Хонаи Иттифоқҳо, дар маҷлиси бахшида ба ҷашни 60–солагии рӯзи таваллуди Мирзо Турсунзода ман аз номи олимони шарқшинос ба табрики шоир баромада, маҳз аз ҳамин ҷиҳати хислату шахсияти ӯ, ки ҳам зебоии ҳақиқиро тараннум карда метавонисту ҳам бо бадӣ, дар ҳар шакле, ки зоҳир шавад, мубориза бурда метавонист, сухан ронда будам, ки ин хислатро шоири гуманист, ба фикрам, аз анъанаҳои хоси Горкий мерос гирифта буд. Ин маҷлис ду раиси фахрӣ дошт: К. Федин ва Н. Тихонов. Ҳамаи онҳое, ки ба табрики ин марди наҷиб гирд омада буданд, дар толор нағунчиданд. Чӣ қадар дӯстону ҳавохоҳону мухлисон дошт ин шоири маҳбуби ҳама! Гумон мекунам, ки ин махсусияти шахсияту гуманизми Турсунзода дар осори манзумаш аксе гузоштааст. Хусусан ашъори дар мавзӯи ҳиндустон сурудаи ӯ ба дили ман наздиктар аст. Турсунзода ба мавзӯи Ҳиндустон ҳанӯз ҳангоми сафари якумаш ба ин мамлакат соли 1947 таваҷҷӯҳ зоҳир карда буд, ки шоир дар ҳайати вакилони советӣ буд. Ба ҳайати вакилон Н. С. Тихонов – аз шоирони советӣ аввалин каси ба мавзӯи Ҳиндустон рӯ оварда – сардорӣ мекард. Дар байни ин ду мард, ду шоири советй чи риштаҳои дӯстие устувор буд, ман нағз медонам, медонам, ки дар дили Мирзо Турсунзода нисбат ба Николай Семёнович чӣ меҳру эҳтироме ҷо дошт. Гумон мекунам, ки эҷодиёти Н. Тихонов ба Турсунзода таъсири муайяне расондагист. Шоири тоҷик ҳамчун Н. Тихонов дар ашъори оид ба Ҳиндустон бахшидааш ба ин сарзамин ба чашми дӯст менигарад, ба он чӣ дар мамлакат мебинад, хайрхоҳона баҳо медиҳад, кӯшиш мекунад, ки қалбан ба ӯ наздик бошад, дар ашъораш орзую омоли халқи ҳиндро ифода кунад. Шоир ба Ҳиндустон на бо чашми тамошобини бепарво ё ки ба нияти ошкор кардани ҷиҳатҳои булаҷаби воқеияти он кишвар менигарад, балки ҳамчун дӯст самимона чашм андохта, аз муваффақиятҳои халқи он хурсанд ва аз нобаробариашон дилтанг мешавад.

Хусусан, вақте ки Турсунзода ба образҳои анъанавии назми ҳиндӣ рӯ меоварад, ба таври хос воқеияти Ҳиндустонро дарк кардани шоир барълало намудор мегардад. Дар ин образҳо якбора баъзе паҳлуҳое ошкор шудаанд, ки собиқан маълум на-

буданд. Масалан, ба мо маълум аст, ки Ганг – дарёи муқаддас – образи шеърии анъанавиест, тамоми адабиёти Ҳиндустонро фаро гирифтааст. Аз қадимтарин замонҳо то ба рӯзгори мо ин образ бисёр шоирони ҳиндиро ба илҳом меовард ва ба илҳом хоҳад овард. Образи дарёи муқаддас, ки мувофиқи асотири ҳиндиён, гӯё аз осмонҳо ҷорӣ шуда меомадаасту ҳар ки дар он ғусл кунад, аз гуноҳ пок мешудааст, дар сурудаҳои шуарои равияи романтикӣ дошта таҷассуми ҳусни тамом, ҳаракати мудом ва аз нав ҷон гирифтани олам мебошад. Дар солҳои 30 – дар замони пайдо шудану инкишоф ёфтани наҳзати нависандагони прогрессивии Ҳиндустон, дар ашъори як силсила шоирони ҳиндӣ образи Ганг беш аз пеш мазмуни иҷтимоӣ мегирад. Чунончи дар ашъори Сумитранандан Пант образи дарёи муаззами ҳиндиҳо, ки ба сӯи уқёнус ҷорист, рамзи издиҳоми дар роҳи мубориза бедор шуда, ба ҳаракат омадаест, ки ба сӯи мақсади олӣ ба пеш метозад Соли 1937 Пант навишта буд:

*Хурӯшон аз ниҳоди халқ ҷорӣ Ганги мо имрӯз,*
*Бувад ҷӯшандатар рӯди азими бефано имрӯз,*
*Тамоми реги беҷонро зи кайҳон, боз ғундорад,*
*Барад бо худ хаёлу орзуи халқро имрӯз.*

Мирзо Турсунзода, ки баъди даҳ соли ин, дар арафаи истиқлол ёфтани Ҳиндустон ба он кишвар сафар карда буд, низ ба образи ин дарёи муаззам рӯ овардааст. Дар байни образе, ки шоири советӣ офаридааст ва образи Ганги шеъри Пант як навъ монандие ба мушоҳида мерасад:

*...Меравад сӯи баҳр бо сари хам,*
*Гӯӣ дорад ба дӯш кӯҳи алам.*
*...Ба гумонам, ки гаштаӣ ҷорӣ*
*Ту на аз чашмаҳои кӯҳсорӣ.*
*Балки аз оби чашми гирёнӣ,*
*Арақу ашкҳои деҳқонӣ.*

Илова бар ин образи офаридаи шоири советӣ инкишофи бештаре ёфта, чун дар ашъори шоирони инқилобчии романтики ҳиндӣ, чунончи, ашъори Назрулислом, мазмуни инқилобие

касб кардааст. Шоири советӣ ба дарёи Ганг бо даъвате муроҷиат мекунад, ки исён кунад, ба шӯр ояд ва тамоми дарду алами инсон ва беадолатиро дар ҳамвоҷи худ ғарқ кунад.

*Гуфтам: эй Ганг, аз чӣ хомӯшӣ?*
*Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ?*

Шоир образи Ганги пуртуғёнро бо Ҳиндустони бедоршуда ва ба муқобили бандагию беҳуқуқии давраи мустамликадори исёнбардошта алоқаманд кардааст:

*Ҳар чи бошад, бузург рӯдастӣ,*
*Ҳиссаи баҳри беҳудудастӣ,*
*Рӯдворона зиндагонӣ кун!*
*Ҷӯш зан,*
*ҷӯш зан,*
*ҷавонӣ кун!*

Турсунзода ба чаҳони эҳсосоту андешаҳои мардуми ҳиндӣ амиқ сар фурӯ мебарад. Дар тарзи зиндагонии қонунии онҳо баъзан нишонаҳои ҳаёти мозии халқи худро, ҳаёти падарону бобоёни худро пайваст мекунад. Ӯ ба муқобили вомондаҳои асримиёнагӣ, таасуботи динӣ, ки дар натиҷаи он даҳҳо миллион мардуми Ҳиндустон «нафратзадагон» ном бардошта, аз камтарин ҳуқуқи инсонӣ маҳрум мондаанд, сар мебардорад:

*Ҳамеша аз халоиқ дур мегашт,*
*Ба мисли зиндаи дар гӯр мегашт...*
*Ҳазорон сол боз ин турфа мардум*
*Зи ҳаққи зиндагонӣ гашта маҳрум,*
*Ба ин оину ин расми хабисӣ*
*Чаро розист лорди англисӣ?*

Дар мамлакати мо ҳеҷ кас ба мисли шоирони республикаҳои Шарқи Советӣ зебоии санъати мардуми ҳиндро дарк кардаву ба қадраш расида наметавонад. Турсунзода ба рақси ҳиндудухтари нозанини ромишгар мафтун шуда ба образҳои ҷавидонии Бедил рӯ меоварад. Ҳамчуноне ки як замон Мадани Ҳофиз мафтуни ҳусни ҳиндудухтар Комде шуда буд, шоири

тоҷик дар банди ҳусну санъати раққоса Тара Чоудрй (Чандри) афтодааст.

Мавзӯи ҳаракати озодихоҳии миллӣ ва мубориза халқи ҳинд дар роҳи ҳаёти нав саросари ашъори ба Ҳиндустон бахшидаи Турсунзодаро фаро гирифтааст.

Шоир дар достони «Аз Ганг то Кремл» аз хусуси таъсири ғояҳои инқилобасари Ленин ба Ҳиндустон, аз хусуси ба назди Ленин рафтани марди ҳиндӣ Пратап ҳикоят кардааст.

*Ленин аз таҳти дил сухан мекард,*
*Ҳиндуён маҳви хештан мекард:*
*«Ранҷбарзодагони Русия, –*
*Ҳама пиру ҷавони Русия*
*Чашмдорони Ҳинди бедоранд,*
*Ба ситамдида ҳиндуён ёранд...*
*Ман надонам, ки баъди ин суханон*
*Дар чӣ ҳолат буданд ҳиндуён,*
*Лек донам, ки ҳар яке масъуд,*
*Буд дар он дам аз ҳаёти худ.*
*Наравад ҳеҷ Ленин аз ёдаш,»*
*Ёди Ленин кунад, кунад шодаш...*
*Ёд орад ҳақиқати Ленин,*
*Суханони ба дил ҳамеша қарин.*

Мавзӯи якдилии меҳнаткашони Шарқ, ки дар ин байтҳо равшан зоҳир шудааст, ба тамоми эҷодиёти Турсунзода, ба тамоми фаъолияти ӯ хос аст.

Ман дар Ҳиндустон борҳо шоҳиди суханрониҳои Турсунзода шудаам. Мардум суханони ӯро бо мароқи том гӯш мекарданд. Ҳиндуҳо ба ашъори доир ба Ҳиндустон сурудаи шоирони советӣ ҳаваси зиёде доранд.

Ашъори ба Ҳиндустон бахшидаи Турсунзода дар ин сарзамин шӯҳрате дорад, мардум номи шоир ва эҷодиёти ӯро хуб медонанд. Моҳи апрели соли 1981 гузорам ба Ҳиндустон афтод. Дар ҳотели Ҷан–патх ҳамон ҳотели маркази шаҳр, ки ману Турсунзода чанд бор фуруд омада будем, рӯзе чанд ба сар бурдам. Ҳар гӯшаи он дӯсти деринаамро ба ёди ман меовард. Дар яке аз ҷамъомадҳо, ки адибони ҳиндӣ маро даъват карда буданд, аз робитаҳои адабии ҳинду советӣ, аз он нависандагони

советӣ, ки поягузори ин робитаҳо буданд, сухан ба миён омад; дар ин миён, пеш аз ҳама, табиист, ки номи Турсунзодаро ба забон гирифтанд. Дӯстони ҳиндӣ мулоқотҳои бо Турсунзодаро ёдовар шуданд, аз шеърхонии ӯ дар мушоираҳо ёд карданд, аз ман хоҳиш намуданд, ки ашъори ба Ҳиндустон бахшидаи ӯро хонам Ман китоби ӯ «Андешаҳо дар бораи Ҳиндустон»ро, ки дар силсилаи китобхонаи «Огонёк» ба тозагӣ нашр шуда буд, ҳамроҳи худам бурда будам ва аз ҳамон китоб шеъри «Руди Ганг»–ро хондам. Ин шеър, ки бештар аз 30 сол қабл аз ин эҷод шуда буд, ҳамчунин бамаврид садо дода, ба шунавандагон таъсири амиқе бахшид.

Дар ин маҷлис ман суханронӣ карда ба дӯстони ҳиндиям гуфтам, ки Турсунзода дар мамлакати мо эътибори зиёде дорад, мардуми советӣ ӯро дӯст медоштанд ва хотирашро пос медоранд, хусусан ҳамдиёронаш – тоҷикон ӯро қадршиносанд. Инчунин ба онҳо ҳикоят кардам, ки моҳи декабри соли 1979 ҳангоми Душанбе рафтанам оромгоҳи дӯсти ҷониамро зиёрат кардам, низ гуфтам, ки Турсунзодаи бемор васият кардааст, ӯро дар як теппаи баланди канори шаҳр ба хок супоранд, ки аз он ҷо дараҳову кӯҳсори Тоҷикистон, ҳамон кӯҳсоре, ки шоир ин қадар дӯсташ медошт, намуда истад.

Мирзо Турсунзода барои ман зиндаи ҷовид аст. Ман аминам, ки ёди ӯ, ашъори безаволи ӯ аз дили мухлисони беҳисобаш ҳаргиз берун нахоҳад рафт.

***Иёгандра КУМАР***
*сафири давлати Ҳиндустон*
*дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ПАЙВАНДИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА БО ҲИНДУСТОН

Мирзо Турсунзода солҳои зиёд бо Ҳиндустон ва мардуми он алоқаи мустаҳкам дошт. Ин марди боистеъдоду мӯътабар ошиқи фарҳангу халқи азияткашидаи ҳинд шуд. Вай аз талошу муборизаҳои шахсиятҳои барӯманди ҳинд алайҳи мустамликадорони англис рӯҳу илҳом гирифт. Ҳамчунин ҳаракатҳои озодихоҳонаи халқ дар роҳи бунёди давлати соҳибистиқлол ва раҳидан аз қафомонии иҷтимоӣ ба ӯ таассуроти бузург бахшид.

Мирзо Турсунзода дар конфронси «Халқҳои Осиё», ки соли 1947 пеш аз инқилоби Истиқлоли Ҳиндустон дар Ню-Деҳлӣ баргузор шуд, ширкат варзид. Ин конфронс, ки рамзи бедории халқҳои Осиё шуд, пас аз шикасти қувваҳои иртиҷоӣ ва ғосибони Аврупо, ба қомат афрохтани қаҳрамонҳои миллӣ Маҳатма Гандӣ ва Ҷавоҳирлал Неҳру муосоидат кард. Ширкати шахсиятҳои бузургу озодипарасти Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Мирзо Турсунзода дар Конфронс боиси барқарор ва ҷоннок гардидани алоқаҳои рӯзафзуни Ҳиндустону Осиёи Марказӣ, ки ҳангоми дар асорати истилогарон будани мамлакати мо гусаста буданд, аз нав эҳё шуданд. Алҳол барои бештар мустаҳкам шудани риштаҳои дӯстии Ҳиндустону Тоҷикистон ғояҳои Мирзо Турсунзода хидмати хоса мекунанд.

Ин шоири абадзинда борҳо ба Ҳиндустон сафар карда, дарду армони мардумро эҳсос намуда, бо зиёиёни мо ошноии хуб дошт. Омӯзишу таҳлили воқеъбинонаи осори бузурги қадимаву кунунии халқи тоҷик, назари хушбинонаи он ба оянда ва башарият, рӯзгор ва муносибаташ ба арзишҳои маънавӣ дар айни ҳол, баъди зуҳури сиёҳкоронаи толибон ва инсонҳои бадкирдоре мисли онҳо дар ватани мо хеле муфид

мебошад. Шоири тоҷик ҷараёни муборизаҳои додхоҳонаи халқи ҳиндуро бо диққат мушоҳида кардаву омӯхта, онҳоро басо зебову муфассал ба риштаи тасвир кашид. Асарҳои Мирзо Турсунзода байни хонандагони тоҷику форсизабон маҳбубияти зиёд доранд. Ҳамзамон хонанда ва халқи ҳинд низ ба воситаи осори ӯ аз ҳусну шукуфоии Тоҷикистон огоҳ гардиданд. Асарҳои пурмазмуну инсонпарваронаи вай ба бисёр ҷоизаҳои мӯътабари давлатӣ ва ғайридавлатӣ сазовор гардиданд, аз ҷумла бо ҷоизаи олии Ҷавоҳирлал Неҳрӯ. Вай тарғибгари бузурги адабиёти тоҷику ҳинд буд ва арзишҳои гаронбаҳои тамаддуни халқҳои Ҳиндустону Тоҷикистонро хеле хуб ва нозук дарк намуда, ба пойдории истиқлоли Ҳиндустон ҳисса гузошт. Шахсан ба ман ин байти Мирзо Турсунзода аз асари ӯ «Қиссаи Ҳиндустон» хеле писанд аст:

*Дили тоҷику ҳинду чун ду шамъе анҷуман афрӯхт,*
*Ба боғи ин ду шамъи анҷуманафрӯз Бедил сӯхт.*

***Реннат МУҲАММАДИЕВ***
*муовини раиси созмони байналмилалии*
*нависандагон (Москва)*

## ШОИРИ БУЗУРГ

Халқе, ки баояндаи дурахшони худ уммед дорад, ба фарҳангу фарҳангиёнаш бепарво буда наметавонад. Аз рӯи мушоҳида миллати тоҷик аз ҳамин қабил аст. Ман мутаваҷҷеҳи пас аз марг ба Мирзо Турсунзода сазовор донистани унвони олии мамлакат – Қаҳрамони Тоҷикистон шудам ва пурсидам: боз ба киҳо ин унвонро додаанд. «Ба Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров» гуфтанд. Воқеан часпу талошҳои ин мардони шариф барои шукуфоии илму фарҳанг ва хидмати софдилона ба халқи худ, муборизаи эшон дар роҳи барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ қаҳрамонист. Ташаккур ба оқиливу хирадмандии Президенти Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки заҳматҳои ин шахсиятҳои бузурги фарҳангиро бо унвони олӣ қадр кардааст.

Ман бо шоири бузург Мирзо Турсунзода дӯст набудам ва, мутаассифона, сӯҳбаташ низ насибам нашуда буд. Вале ду-се бор ӯро дар минбарҳо ё байни дӯстонаш – шахсиятҳои бузурги илму адабиёт дида, шеъру достонҳои аз ғояи дӯстиву бародарӣ саршори ӯро мутолиа карда, дар дилам нисбат ба ӯ ва Тоҷикистон меҳр пайдо шуд. Аз ин рӯ ман ба ҷашни пуршукӯҳи устод бо камоли майл омадам. Ва зебоиву оромиро дар шаҳри Душанбе, ҳайкалҳои нав қомат афрохтаи Мирзо Турсунзодаро дар шаҳраки Регар ва ноҳияи Шаҳринав дида дар ҳайрат афтодам. Ба гумонам пас аз пош хӯрдани мамлакати Шӯравӣ дар ягон ҷумҳурӣ ин хел ва ин қадар пайкараи шоирону олимонро нагузоштаанд.

Мирзо Турсунзода бо халқу адабиёти бузурги тоҷик мефахрид. Ӯ аз дилу ҷон дӯст меҷуст ва дӯстӣ, сулҳу истиқлолро тараннум мекард. Ӯ хайрхоҳи халқҳои олам буд ва аз рӯи ин хислати наҷиб бо шахсиятҳои барҷастатарини фарҳангу адабиёти саросари олам дӯстиву бародарӣ дошт.

Бинобар ин дар ин рӯзи ҷашни шоир, ки бешубҳа иди адабиёти тоҷик мебошад, мехоҳам салому орзуи неки дӯстони бузурги Мирзо Турсунзода – шоиру нависандагони маъруф С. Михалков, Р. Ғамзатов, Д. Кугултинов, В. Распутин, С. Липкин ва бисёриҳоро ба шумо расонам. Ғояҳои башардӯстонаи Мирзо Турсунзода имрӯз ва оянда низ барои ваҳдат ва сулҳу осоиши дунё хидмат мекунанд.

***Уттеген КУМИСБОЕВ***
*Шоир ва донишманди қазоқ*

## САРОЯНДАИ БУЗУРГИ ДӮСТӢ

Ман бо гумманисти бузург Мирзо Турсунзода ва аллома Бобоҷон Ғафуров ихлоси хоса дорам ва назди рӯҳи поки онҳо ҳамеша сари таъзим фуруд меорам. Боре дар даҳлези Институти шарқшиносии Маскав ба Бобоҷон Ғафуров рӯ ба рӯ омадам. Вай ман – қазоқбачаи хурдакакро боздошт ва даст ба кифтам ниҳода, падарвор аҳвол пурсид. Ба ростӣ, аз ҳаяҷон нафасам ба дарун зад ва қариб буд, ки беҳуш шуда меафтидам. Охир аз ҳайбати Бобоҷон Ғафуров ҳамаи кормандони институт меларзиданд. Вале ин марди бузург маро навозишкунон аз рафти корҳои илмиам пурсиду ба оянда дилпурам сохт. Даҳ сол зери сарварии академик Бобоҷон Ғафуров кор кардаам ва аз ин ифтихор дорам.

Мирзо Турсунзода он замонҳо на танҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ, балки берун аз он ҳам бо ақлу заковаташ гули сари сабад буд. Ҳангоме ман ӯро дар минбарҳо бо нависандаи бузург ва ифтихори миллати қазоқ Мухтор Авезов паҳлӯ ба паҳлӯ ё сари сӯҳбат медидам, ифтихор мекардам. Ин абармандони адабиёт дӯстони ҷонӣ буданд ва манфиатҳои адабиёту фарҳанги халқҳои минтақаро якҷоя ҳимояву тарғиб мекарданд.

Ниҳоят боре дар музеи Ҷамбул Ҷабаев бо устод Мирзо Турсунзода ҳамсӯҳбат шудам. Чеҳраи нуронӣ, ҷозибаи сухан, хоксориву самимияташ маро мафтун кард. Ба устод гуфтам, ки мавзӯи тадқиқотам «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Ӯ бо табассум пурсид, ки «Шоҳнома»-ро хондаӣ ва аз он чизе аз ёд медонӣ? Ман бо лаҳни шикаста ин пораро хондам:

*Биноҳои обод гардад хароб*
*Зи борону аз тобиши офтоб,*
*Пай афкандам аз назм кохе баланд,*
*Ки аз боду борон наёбад газанд…*

Устод хеле хушҳол гашт ва барои равнақи корам маслиҳатҳои муфид дод. Ва минбаъд дар ҳар кучое маро медид, аз кору аҳволам мепурсид. Ин, албатта, барои мани саҳроӣ шарафи бузург буд.

Мирзо Турсунзода дар саросари дунё тарғибгари тавонои фарҳанги машриқзамин ба шумор мерафт. Мардуми қазоқ, хусусан аҳли илму адабаш ба шахсият ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода муҳаббати хоса доранд. Вай ҷавонони эҷодкори қазоқро дар доираҳои адабии Маскав ҳамеша дарстгирӣ мекард. Ҷавонмардиҳои устодро имрӯз ҳам адибони қазоқ ба некӣ ёд меоранд… Шеърҳои ӯ ҳамеша дар ҷашну маҳфилҳои аҳли илму адаб садо медиҳанд. Ва ин гуна мисраъҳои пурмазмуну самимияш аз забон ба забон мегузарад ва ба дарди мардум, ки акнун ташнаи сулҳу дӯстианд, хеле барҷо мехурад.

*То тавонӣ дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун…*
*Халқи олам дӯст бо мо гаштааст,*
*Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун.*

***Тухтубой МУЛКУБАТОВ***
*Президенти Академияи адабии*
*Ҷумҳурии Осиёи Марказӣ, Қирғизистон*

## ИФТИХОРИ ҲАМАИ МО

Мо, вақте ки дар хусуси мероси фарҳангии як халқ меандешем, шахсиятҳои бузурги илму адаби он миллатро пеши назар меорем. Халқи тоҷик хушбахт аст, ки ба он олам шахсиятҳои бешумори маъруфро бахшидааст. Мирзо Турсунзода – ин сарояндаи беназири дӯстиву бародарии халқҳо яке аз фарзандони некноми тоҷик аст. Вай солиёни зиёд бо адибони маъруфи қирғиз Алӣ Туқумбоев, Чингиз Айтматову дигарон муносибати дӯстиву бародарӣ дошт. Мо ифтихор мекардем, ки минтақаи Осиёи Марказӣ чун ӯ адиби бузургу хайрхоҳе дорад ва эшон аз минбарҳои ҷаҳонӣ манфиатҳои миллиро ҳимоя мекунад, аз хиради қадимаи мардуми мо, аз ҷумла ғояҳои башардӯстонаи «Манас» низ ҳарф мезанад.

Дар рӯзҳои адабиёту санъати Тоҷикистон дар Қирғизистон Мирзо Турсунзода азизтарин меҳмони мо буд. Ҷавонон китобҳо дар даст дар гирдаш парвона шуда, аз ӯ соядаст мегирифтанд, аз сӯҳбатҳояш таассуроти бузург мебардоштанд… Имрӯз ҳам мардуми қирғиз дар баробари асарҳои адибони худ шеъру достонҳои Мирзо Турсунзодаро бо камоли майл мутолиа мекунанд. Мирзо Турсунзода шоир, фарзанди тоҷику Тоҷикистон аст, лек осораш дар ин айём ва оянда ҳам ба тамоми инсонҳо завқи бадеӣ ва илҳому муҳаббати гарм мебахшад.

*Ҳмаяк СИРАС*

# СОЛҲО ВА ХОТИРАҲО

Ҳмаяк Сирас (1902 – 1982) аз кӯҳансолтарин нависандагони арман буд, ки дар дами пирӣ аз халқи тоҷику дӯстони ҳамқалами тоҷикаш бисёр ёд мекард ва чун даҳҳо адибони дигари арманӣ ба халқ ва адабиёти тоҷик меҳри махсус дошт.

Банда тайи солҳои 1981-1984 дар Ереван таҳсилу таҳқиқ доштам ва ба туфайли Сергей Аракеляи – ин дӯсти наздикам – бо Ҳмаяк Сирас шиносоӣ пайдо кардам. Нависандаи мӯйсафед аз чунин шиносоӣ хеле хурсанд шуд ва дар худи нахустин вохӯрӣ изҳор дошт, ки ӯ ошиқи адабиёти тоҷик ва хусусан дилдодаи рубоиёти Хайёму шеъри Мирзо Турсунзода аст. «Мирсаид Миршакар аз дӯстони наздикам буд», – мегуфт ӯ ва ифтихори ҳамяроқиро бо Сотим Улуғзода ҳеҷ пинҳон дошта наметавонист.

Аз матни хотираҳои нависанда бармеояд, ки ӯ хусусан бо Мирзо Турсунзода шиносоии хуб доштаву лаҳзаҳои ҳар вохӯрӣ – чӣ дар Арманистон ва чӣ дар Тоҷикистон – онҳоро меҳри беандоза ба адабиёту фарҳанг ва иштиёқи ҳавасангез аз донистани таърихи халқҳои тоҷику арман наздик мекарданд. Ҳамчунин Ҳмаяк Сирас аз шаби адабие ёд оварда буд, ки бегоҳи 8 январи соли 1952 ба шарафи ҳузури шоири тоҷик Мирзо Турсунзода дар Иттифоқи нависандагони Арманистон баргузор гардидаву барҳақ ба шаби назми адабиёти тоҷик табдил ёфтааст.

Аксарияти шоиру нависандагони арманӣ бо шоири тоҷик ҳусни дӯстӣ ва қисме ифтихори ҳамкорӣ ҳам доштанд. Агар Серо Хонзодяну Геворк Эмин бо Мирзо Турсунзода дӯстони наздик бошанд, нависандаи дигар Степан Алаҷаҷян бо ин шоири тоҷик дар бахшҳои Кӯмитаи Шӯравии якдилии халқҳои мамолики Осиё ва Африқо ҳамкорӣ доштааст. Ва агар Сергей Умаряну Силва Капуткян шеърҳои Мирзо Турсунзодаро ба забони арманӣ тарҷума карда бошанд, пас Вардгес Ернҷакяну Левон Мкртчян дар роҳи тадқиқу таҳқиқи осори Мирзо Турсунзода дар Арманистон саҳм гирифтаанд.

Поси эҳтироми дӯстӣ бо Мирзо Турсунзода ва эҳсоси гарму гуворои муҳаббат ба халқу адабиёти тоҷик имрӯз ҳам хусусан дар ҳаёти адабии Арманистон боқист, ки ин дар як силсила тадқиқот аз боби ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода ба зуҳур меояд.

Ҳмаяк Сирас сабоҳи 8 июни соли 1982 телефон кард, ки хонааш – воқеъ дар касабаи Комитас, кӯчаи Комитас-1, хонаи 125 биёям. Овозаш андаке меларзид.

Дарро ба рӯям духтараш, ки ба аёдати падар омада будааст, кушод. Нависандаро дар бистари беморӣ дидам. Баъди ҳолпурсӣ ман ва Сергей аз паҳлӯяш ҷой гирифтем. «Забони арманиро медонӣ?» пурсид ӯ ва баъди гирифтани ҷавоби тасдиқ ба хондани ҳамон чанд саҳифа матни хотира, ки навишта будааст, пардохт. Дар ҷараёни хониши ӯ чанд калимаи бароям ношиносро пурсида гирифтам… Ҳамин тавр, ӯ дар навбати худ аз ман хоҳиш кард, ки он хотираро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп намоям.

Баъдтар идрок намудам, ки ин суханҳо як навъ васияти нависанда ҳам будааст. Тобистони ҳамон сол ӯ аз дунё гузашт ва имрӯз лозим донистам, ки матни хотираҳои ба забони тоҷикӣ баргардонидашудаи ин нависандаи зиндаёдро бо андаке таҳрир, тавзеҳ ва сарсухан маҳз ба хотири бузургдошти шоири тоҷик Мирзо Турсунзода чоп намоям.

*Абдувалӣ Давронов,*
*8 июни соли 1982, шаҳри Ереван*

* * *

Номи шоири шаҳири тоҷик Мирзо Турсунзодаро ман пеш аз нахустин вохӯриям бо ӯ шунида, тарҷумаи шеърҳояшро дар саҳифаҳои «Литературная газета» хонда будам. Ба ман, хусусан, достонҳои «Садои Осиё» ва «Ман аз Шарқи озод» писанд афтода буданд, ки муаллиф бо ин асарҳояш, ҳаёти нави мардуми Шарқ, завқи халқи озодидӯсти онро бо маҳорати баланди шоирона ба тасвир кашидааст. Мутолиаи достонҳои мазкур моро бо шоир ва олами зебои ӯ шинос намуда, ҳамдаму ҳамфикри халқи Шарқи соҳибистиқлол месохт.

8 январи соли 1952 Мирзо Турсунзода ба Ереван омад, вале қабл аз ин ман бо шоир моҳи декабри соли 1949 дар худи Тоҷикистон шахсан шинос шуда будам. Он вақт ман дар ҳайати вакилони Арманистон дар тантанаи 20-солагии республикаи ҷавони Тоҷикистон ширкат варзидам. Табиист, ки дар рафти шиносоӣ бо хоҷагии халқ, санъат, маданият, тарзи зиндагии тоҷикон диққати маро сарчашмаи адабиёти ин халқ бештар ҷалб намуд. Хостам донам, ки назми тоҷик аз куҷо ва кай ибтидо гирифтааст. Охир, тоҷикон ҳам мисли мардуми Арманистон таърих ва адабиёти қадима доранд! Дар рафти вохӯрӣ ва шиносоиҳо, аввалин шуда дӯсти ҳамяроқам, нависандаи боистеъдоди тоҷик Сотим Улуғзодаро шинохтам.

Он рӯзҳо ба муносибати ин санаи муборак нашриёти давлатии Тоҷикистон силсилаи китобҳоеро дар осори классикони адабиёти тоҷику форс Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз нашр намуд. Чопи ин гуна асарҳо ва дастраси омма гардонидани онҳо дар ҳақиқат нишони эҳтиром ва ғамхорӣ ба мероси бои гузаштагонамон ҳисоб меёфт. Мирзо Турсунзода бо як ҳисси қаноатмандӣ ва ифтихор асарҳои классиконро ба мо нишон дода мегуфт: «Насли имрӯза бояд бо ин асарҳо шинос шавад ва хуб фаҳмад, ки муборизаи мо дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ баҳри чӣ буд. Дар рӯзҳои сахти Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамаи он китобҳои дарсие, ки ба хонандаи тоҷик зарур буд, дар Ленинград, дар вагонҳо хобида буданд, вале он вагонҳоро лозим буд, ки ба фронт хизмат кунанд: бо хӯрокворӣ ва лавозимоти ҷангӣ таъмин намудани ҷанговарон муҳим буд.

Бисёриҳо мехостанд вагонҳоро холӣ кунанд, вале чун ин суханҳоро А. А. Жданов шунид, бо қатъият гуфт:

– Ленинград барои мо фронти муҳим аст, вале маърифатнокии халқи тоҷик низ камтар аз фронт нест.

Дар таҳти чунин фоҷиаи мудҳиш, дар зери борони тиру туфанг ин китобҳо то Душанбе омада расиданд ва ба мактаббачагон дастрас шуданд».

Ҳамаи инро Турсунзода хуб медонист ва дар яке аз ҷамъомадҳои адабӣ суханони Соро Юсуфоваро ба ёд оварда чунин гуфт:

– Ғамхории бародарона ба якдигар махсусан дар рӯзҳои душвори ҳаёт зоҳир мегардад. Ана ин рӯзҳо халқи бузурги рус барои мо муттако гардид ва ин китобҳо рамзи нурҳои ҷонбахши офтоб аз самти шимоланд.

Ин хотираҳои Тоҷикистонии ман аз нав, аниқтараш, бегоҳи 8 январи соли 1952 зинда гардиданд. Он рӯз шоир дар хонаи адибони Арманистон бо шоиру нависандагон вохӯрии аҷибе дошт. Толори Хонаи адибон пур буд. Ба ин ҷо онҳое омада буданд, ки шоирро дӯст медоштанду ҳурматаш мекарданд. Бо хоҳиши барандаи вохӯрӣ ман бо дилу ҷон дар бораи М. Турсунзода, таърихи шиносоиамон ва, муҳимтар аз ҳама, дар бораи эҷодиёташ, ки бевосита ба мавзӯъҳои сулҳ ва дӯстии халқҳо бахшида шудаанд, чанд сухан гуфтам. Қайд кардам, ки адабиёти муосири тоҷик, назми он дар симои шоир М. Турсунзода ва асарҳои ӯ беҳтарин анъанаҳои адабиёти классикии тоҷику форсро мепарварад ва дар шакли боз ҳам зебову рехтаи аш дастраси хонандагон мегардад.

Дар хотимаи суханам як рубоии Хайёмро, ки тарҷумаи арманиаш ба қалами Арам Чарг мансуб аст, ба забони арманӣ хондам. Аз зал овоз баромад: «Бо забони русӣ хон, то Турсунзода низ фаҳмад, ки чӣ мехонӣ?».

Барои ман он вақт ба забони русӣ хондани ин рубоӣ душвор буд ва ман чун ба забони тоҷикӣ канда – канда «Асрори азалро на ту дониву на ман» – гӯён ба хондан шурӯъ кардам, Турсунзода аз шодӣ ҷаҳида хест ва матни пурраи рубоиро ба забони шевои тоҷикӣ ба хондан сар кард:

*Асрори азалро на ту дониву на ман,*
*В-ин ҳарфи муаммо на ту дониву на ман.*
*Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,*
*Чун парда барафтад, на ту мониву на ман.*

Ҳамин тавр, ба туфайли хондани як рубоии Хайём гуфтугӯи аҷибе дар бораи адабиёти тоҷик сар шуд.

Баъд шоирон Силва Капутикян, Ашот Граши, Соғомон Таронцин, Наири Зарян, Геғам Сарян, Рачия Ованесян ва дигарон сухан карда, тарҷумаҳои нави худро ба забони арманӣ ба шоир хонданд.

Инчунин, ҳамон шаб дар бораи драмаи шоир «Хусрав ва Ширин» суханҳои хуб гуфта шуд, ки мо дар симои – армандухтар Анушро тасаввур кардем.

Моҳи декабри соли 1954 дар Москва съезди II нависандагони СССР барпо гардид. Ин ҷо, пеш аз ҳама дӯсти худ, шиноси дерин Мирзо Турсунзодаро дидам. Маърӯзаи ӯро дар съезд гарм истиқбол намуданд.

Вай аз минбари съезд чунин гуфта буд:

Коргоҳи Иттифоқи нависандагон ин на фақат маркази эҷодӣ, балки маркази муборизa барои сулҳ, ва дӯстии халқҳо дар рӯи замин аст.

Ин суханон ҳоло ҳам чун ибораи навҷӯёна дар гӯшам садо медиҳанд. Дар аснои танаффус М. Турсунзода, М. Миршакар, Сергей Чилая, ман ва боз якчанд нафари дигар – як гурӯҳ, нависандагон дар назди газетаи деворӣ, ки рӯзҳои съезд нав ба нав мебаромад, истода ҳазлҳои рафиқонаро мехондем. Ва он ҷо ҳазли рафиқона дар бораи М. Турсунзода низ буд. Ӯ дергоҳ ба газетаи деворӣ нигоҳ кард ва сонӣ, табассумкунон гуфт: «Ҳамчунин ки бе намак таом мазза надорад, ба мо ҳам юмор хеле зарур аст».

Каме дертар ба наздамон Самад Вурғун омад ва баъди салому алейки расмӣ аз зери дасти Турсунзода дошту «ман бо ту кор дорам» – гӯён ӯро ба дигар тараф бурд. Гуфтугӯи доимии онҳо дар бораи драмаи «Хусрав ва Ширин» хеле тӯл кашид…

Ин вақт аз куҷое мухбири суратгир пайдо шуд. «Афсӯс, гуфт Мирсаид Миршакар, – Мирзо рафт, вагарна якҷоя расм мегирифтем».

Дар танаффуси дигар махсус Турсунзодаро ҷуста ба наздаш рафтам. Гуфтугӯи ҷиддиамон, ки кайҳо боз орзӯяш мекардам, сар шуд. Ба аввалин саволам, ки «Хоҳиши ягон бори дигар ба Арманистон рафтан дорад ё не?» ӯ табассум кард ва чунин ҷавоб дод:

– Арманистонро хеле дӯст доштам. Шумоён ба адабиёти классикии мо хуб баҳо дода метавонед. Ман бовар дорам, ки Шумо акнун Хаёмро ба забони арманӣ мутолиа мекунед. Тарҷумаҳои нав ҳастанд. Ҳамту не?

– Бале, – тасдиқ кардам ман, – тарҷумаҳои наву хуб

ҳастанд, вале ман мехоҳам, ки Хаёмро ба забони модариаш – забони тоҷикӣ хонам.

– Вале ман мехостам Асаакяну Чаренцро дар оригинал хонам, – ҳамчунин бо табассуми фақат ба худаш хос ҷавоб дод Турсунзода. Агар имконият даст диҳад, мо орзуҳои худро амалӣ мегардонем.

Баъди се сол – 27 сентябри соли 1957 60-солагии ҷашни шоир Егише Чаренц барпо гардид, ки дӯсти адабиёт ва халқи арман Мирзо Турсунзода бо иштирок ва суханони самимии худ дар ин тантана хотири ворисони адабиёти қадимаи арманро шод гардонд. Ӯ бо як ҳисси дилсӯзӣ ва эҳсоси бародарӣ дар ҳаққи адабиёти арман ва намояндаи он – Егише Чаренц суханҳои нек гуфт.

Ин охирин вохӯрии ман бо шоир ва инсони комил Мирзо Турсунзода буд. Ва як умр суханҳои ҳангоми хайр гуфтаашро фаромӯш намекунам:

– Халқи арман адабиёти худро дӯст медорад. Шумо мероси гаронбаҳои адабиёти классикии худро хуб медонед ва асарҳое офаред, ки ба дилу рӯҳи хонанда наздик бошанд. Таҷассумкунандаи рӯҳи замон бояд бошед, ҳамчунон ки инро Егише Чаренц мехост…»

Ин суханҳо ба маънои томаш ба худи М. Турсунзода ҳам дахл доштанд, ки ӯ воқеан барои халқи тоҷик ҳам шоир ва ҳам фарзанди ифодагари рӯҳи замон буд…

*Аз забони арманӣ тарҷумаи*
*А. Давронов*

*Ҷалол ИКРОМӢ*

## ТАФСИЛИ ЯК САФАРИ АҶОИБ

Ман бо Мирзо Турсунзода аз соли 1931 инҷониб шиноси наздик, ҳамдам ва ҳамкор ҳастам. Бо ҳам рӯзҳои хеле аҷоиб, хурсандиҳои бисёре, инчунин ташвиш ва андӯҳҳои бешуморе-ро аз сар гузаронидаем. Агар ҳамаи ин хотиротро навиштан гирам китоб шуда меравад. Лекин дар ин ҷо ман мухтасар баъзе ёддоштҳои худро, ки дигарон шояд нагӯянд, баён кардан мехоҳам.

Мушкил ва хеле сахт аст дар бораи Мирзо Турсунзода хотира навиштан, барои он ки ақл бовар кунад ҳам, ҳанӯз дил ва эҳсосоти дохилии ман бовар намекунад, ки Мирзо Турсунзода вафот карда ва ӯ ҷисман аз байни мо рафтааст!

Рӯзҳои вафот кардани вай ман дар Дубултӣ – хонаи эҷодӣ дар Рига будам. Хабари вафоти ӯро шунида, сар аз по гум кардам, қариб беҳуш шуда афтода мондам. Рафиқони онҷоӣ кӯмак расониданд, ба ҳуҷраам бурданд ва ба назарам он бегоҳ тамоми хонаи эҷодӣ ба ғаму андӯҳ фурӯ рафт...

Рӯзи дигар ба самолёт билет гирифта, субҳи он рӯзе, ки бояд ҷасади ӯро ба хок супоранд, – яъне рӯзи 27 сентябри соли 1977 ба Душанбе расида омадам. Шаб хоб накардагӣ, монда шудагӣ, бо дили маҷрӯҳ рост ба ҳавлии дӯстам рафтам, бо вай дар хонааш видоъ намудам. Видоъ намудаму дар берун ба худ бовар намекардам, ки Мирзо Турсунзода мурдааст... Бале, он эҳсосот ҳанӯз кунд нашудааст, ҳанӯз дар таҳти дилам бовар карда наметавонам, ки мо аз вай абадӣ ҷудо гаштаем!

Инак, барои ҳамин, хотира навиштани ман хеле мушкил аст. Дар ин ҷо фақат як чиз, як эҳсосот ба ман мадад расонида метавонад: Мирзо Турсунзодаро чун одами аз миёнрафта нею, чун одами зинда, чун рафиқи ҳамдам ва ҳозир тасаввур карда навиштан. Бале, ҳамин тавр мекунам. Дар бораи дӯсти меҳрубонам чун зиндаҳо сухан меронам, бо худаш гап мезанам, аз худаш гап мешунавам...

Соли 1930, тирамоҳ, пас аз анҷумани таърихии лингвистӣ, вақте ки мо як идда коркунони соҳаи адабиёт ва матбуот ба Душанбе ба кор омадем (Пайрав Сулаймонӣ, Азизӣ, Сирус, Улуғзода, Обид Исмдатӣ, Ҳилол Карим, Муродзода, Зеҳнӣ, Баҳоуддин, Икромӣ, ман ва дигарон – ҷамъ 17 нафар), Мирзо

Турсунзода дар Тошкент мехонд. Ба гумонам вай дар аввалҳои соли 1931 ба Душанбе омад ва дар идораи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба кор даромад. Он вақтҳо Мирзо Турсунзода хеле ҷавон, хеле пурҷӯшу хурӯш ва оташ буд. Дар андак муддат ҷамоати мадании Душанбе – аҳли илму адабиёту санъат ӯро шинохтанд ва дар байн машҳур гашт.

Барои мо – омадагон Комиссариати маориф дар шаҳрчаи «Стандартӣ» (дар паси иморати ҳозираи Опера ва балет) иморати тахтагини дуқабатаеро дод, ки дар он Зеҳнӣ, Улуғзода, Бектош, Азизӣ, Бухоризода, Б. Икромӣ, ман ва дигарон истиқомат мекарданд. Турсунзода бо Алихуш хонаи алоҳида доштанд. Онҳо, ҳам журналист ва ҳам нависандагони ҷавони нисбат ба мо серкортар ва боҷӯшухурӯштар буданд, вале муносибати мо хеле мустаҳкам буд. Дар ҳар маҷлис ва дар ҳар ҷамъомад якҷо будем, бори маданият ва матбуотро бо ҳам мебардоштем. Дӯстӣ ва ҳамдамии моро ҳамин ҳам исбот мекунад, ки мо дар он солҳо як чанд нафар дӯстон ва ҷӯраҳо гаштак ташкил карда будем. Дар гаштаки мо Азизӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Турсунзода, Алихуш, ман ва боз намедонам кӣ буд. Ҳафтае як бор дар хонаи ягонтаи аз мо ҷамъ мешудем, оши палов мепухтем, камтар май менӯшидем (росташро мегӯям, ки мисли ҷавонони имрӯза аз ҳад намегузарондем) ба доираи одоб ва дӯстона сӯҳбат, баҳсу мунозираҳо мекардем. Шубҳа нест, ки баҳсу мунозираро пеш аз ҳама Турсунзода ва Алихуш барин ҷавонҳо сар мекарданд, баъд ман, Абдулғанй Мирзоев ва ниҳоят Азизй ҳамроҳ мешудем. Гоҳо баҳси мо нотамом мемонд. Ҳар чанд ки Азизӣ аз ҳамаи мо калонсолтар буд, вале дар баҳси мо ҳакам шуда наметавонист, ҷавонҳо зӯрӣ мекарданд. Ба мо он вақт Айнӣ, Лоҳутӣ барин бузургон ҳакам шуда метаво-нистанду бас!

Турсунзода чун комсомоли ҳақиқӣ ва ленинчӣ, чун мубориз роҳи партия, чун журналист ва нависандаи оташинбаён ҳамеша фикри худро пеш мебурд ва аксар вақт ғолиб мебаромад. Он вақтҳо зиддиятҳо, муборизаҳои синфӣ хеле бошиддат давом мекард. Хусусан дар соҳаи идеология ҷанги сахт мерафт. Бедарак нест, ки баъзе шахсони буғзу адоватпараст худро сурх нишон дода, ба Пайрав ва ҳатто ба устод Айнӣ часпиданд. Ҳамон вақтҳо буд, ки устод Айнӣ ба мақолаи иғвогаронаи Бектош бо сарлавҳаи «Ҷавоби ман» як мақолаи тунду тез навиштанд ва чун эпиграфи он ин як байтро хеле ба ҷо оварда буданд.

*Эӣ, мункири кайфияти парвози магас,*
*Бе зина ту ҳам бар лаби ин бом баро!*

Ё ки Пайрав Сулаймонӣ аз ҳуҷумҳои бисёри чаправон ва дилсиёҳон ба ҷон расида, як шеъри машҳури худро навишта буд, ки ин аст:

*Эӣ, шоири оташқалами бо қадами нав,*
*савдогари Маскав,*
*Дар дашнаи ишканҷаи танқид забаррав,*
*афтода ба тергов*
*Аз зарбаи танқид дамодам шуда беҳол,*
*афсурдаю помол...*
*3-он аст, ки худро шумурӣ «кӯру кару лол»,*
*тарсида зи ҷанҷол,*
*Хон, эй асари «Курсии хунин»- и ту хун-хун,*
*эй шоири маҷнун,*
*Ҷон хуну ҷаҳон хуну замин хуну замон хун,*
*олам шуда гулгун,*
*Ҳарчанд писимист шуморанд азизон,*
*танқиднависон,*
*Лекин ту далеронаю мардона қадам мон,*
*дар соҳаю майдон!*

Мирзо Турсунзода ҳам ба ин баҳсу ҷидолҳо фаъолона иштирок мекард, вале тезии қалами ӯ ба сӯи дӯстон набуда, ба сӯи бадхоҳони адабиёти советии тоҷик равона карда шуда буд. Ҳамин тавр буд, ҳаёти иҷтимоии мо...

Вале гаштаки мо давом мекард, шӯхӣ ва хурсандиҳоямон бисёр буд. Боре навбати гаштак ба раҳматӣ Абдулғанӣ Мирзоев расид, ки он вақтҳо дар идораи газетаи «Тоҷикистони Сурх» кор мекард ва дар ҷои ҳозираи иморати Иттифоқи нависандагон, ки кӯчаю паскӯчаҳои тангу тор ва ҳавлиҳои сердарахту кулбаҳои ҳақирона буд, истиқоматҷое дошт. Хонааш иборат аз кулбае буд, ки рӯшной ва ҳаво аз ягона дараш медаромад, тиреза надошт. Лекин рӯи ҳавлӣ, гулзор ва ҳавои кушодаш хуб буд...

Вақто ки аҳбоб ҷамъ шуданд, дар сари гулзор, ба гирди дастурхони мураттаб ва пур аз нозу неъмат нишастанд, мо ҳама аз ҳиммат ва меҳмоннавозии соҳиби хона хурсанд шуда, ба таъриф сар кардем.

Лекин Абдулғанӣ аз ин таърифҳо «об шуда нарафта» гуфт:

– Хуш омадед. Имрӯз ҳамаи шумо меҳмон! Илтимос ҳамин, ки ба тайёр кардани ош ташвиш накашед, ҳамаи корро худам ба ҷо меорам.

– Хайр, сабзию пиёзро биёр, ки реза кунем! – гуфт Азизӣ.

– Сабзию пиёз реза карда шудагӣ! – гуфт Абдулғанӣ.

– Хайр, биринҷро биёр, ки сангашро чинем! – гуфт Мирзо.

– Биринҷ чида шудагӣ! – ҷавоб дод Абдулғанӣ.

– Модоме, ки – гуфт Азизӣ, – ҳамаи корро худат мекардӣ ва оши палави нағз пухта метавонистӣ, пас чаро дар навбатҳои мо ба ҳеҷ кор ҳамроҳ нашуда, намедонам гуфта мешиштӣ?!

– Зоғ-дия,-гуфта хандид раҳматӣ Абдулғанӣ, – зоғ!

– Ҳа, – гуфт сухани ӯро шарҳ дода Мирзо. – Ин кас зоғ! Аз беҳунарӣ фароғате дорад зоғ, гуфта ҳунари худро дар ҳама ҷо пинҳон нигоҳ медоштанд ва ҳол он ки аз ҳама беҳтар ва хубтар ош пухта, меҳмондорӣ карда метавонанд.

– Чӣ кор кунам, – гуфт Мирзоев, – ҳурмати меҳмон аз ҳар чи азиз аст. Ҳар чӣ ки аз дастам меояд бароятон дареғ намедорам.

– Хуб, набошад шоҳмотро биёр! – гуфт Алихуш ва бо Мирзо Турсунзода ба бозии шоҳмот сар карданд.

Мирзо ҳамон вақтҳо низ шоҳмотбозӣ мекард ва чи тавре ки баъдтар ин ба одати ӯ даромада рафт, агар бой диҳад оташин мешуд, боз ва боз гаштаю баргашта бозӣ мекард ва то ҳарифашро набарад, дилаш осуда намегашт. Ҳоло–ҳоло раиси қаҳрамон – Миралӣ Муҳаммадалиев ёдоварӣ мекунад, ки боре дар Москва, дар вақти сессияи совети олӣ, бегоҳирӯзӣ аз маҷлис баргашта дар ҳуҷраи раис хӯрок хӯрдаанд ва камтар коняк нӯшидаанд. Баъд ба ҳуҷраи Мирзо Турсунзода рафта ба шоҳмотбозӣ сар кардаанд. Раис – Миралӣ боло-болои ҳам Мирзоро бурдааст. Дар натиҷа Мирзо қаҳр карда гуфтааст:

– Маро коняк зиёфат карда, сарамро гаранг карда дар шоҳмот бурдӣ, набошад ман аз шахсони бой медодагӣ нестам.

Вай дар шоҳмот гоҳо бозад ҳам, бой диҳад ҳам, дар зиндагӣ, дар кор, дар сиёсат ҳеҷ гоҳ бой надодааст ва ба гуфтаи худаш: аз шахсони бой медодагӣ набуд.

* * *

Соли 1932, мо як гурӯҳ нависандагоне, ки аъзои комитети ташкилотии иттифоқи нависандагон будем (ин комитети ташкилотӣ пас аз қарори маълуми апрелии (1932) Комитети

Марказии ВКП (б) тартиб дода шуда буд), якҷоя ба саёҳати аввалин – ба сӯи Москва баромаданӣ шудем.

Ба ин гурӯҳ Мирзо Турсунзода, Абдулғанӣ Мирзоев, Баҳриддин Азизӣ, Алихуш ва ман дохил будем. Тартиби сафарамон ҳамин тавр муайян карда шуд: Мо ҳама дар Ӯротеппа, дар боғи Баҳриддин Азизӣ ҷамъ мешавем. Баъд, аз он ҷо ба Тошкент, аз Тошкент ба Самара (Куйбышеви ҳозира), аз Самара ба воситаи дарёи Волга ба шаҳри Қазон, аз он ҷо ба пойтахти мамлакат – ба шаҳри Москва меравем. Хароҷотамонро ба қадри ҳол Комиссариати маориф доданӣ шуд, (ба ҳар кас дусаду панҷоҳ сӯмӣ, ки нисбатан ба ҳисоби ҳамонвақта хеле сахиёна шуморида мешуд).

Оилаи ман ба Бухоро кӯчида рафта буданд. Ман танҳо дар хонаи стандартии тахтагини гарм ва пур аз тахтакана бемалол, хушу хурсандона зиндагӣ мекардам. Дӯстонам, рафиқонам дар гирду атрофам буданд. Корам хеле мувофиқи табъ ва шавқовар буд. Рӯзона дар идора, дар кор, бегоҳӣ ҳар шаб ё театр, ё кино ва ё маҷлис, монда шуда омада мехобидам, ки на гармиро ҳис мекардам, на газидани тахтаканаро. Аммо зани дуҷонам ва модарарӯси пирамро маҷбур будам, ки ҳанӯз дар баҳорон ба ҳавлии дар Бухоро будаи худ – ба назди бародарарӯсам ва хоҳарам бурда монам.

Он дам ман котиби масъули журнали «Раҳбари Дониш»[1] будам, ки баъдтар пас аз ташкил шудан ва ба кор сар кардани комитети ташкилии иттифоқи нависандагон, ин журнал ба ихтиёри комитет дода шуд ва номашро ҳам «Барои адабиёти сотсиалистӣ» гузоштанд ва ман боз котиби масъул шуда мондан гирифтам. Лекин дар вақти ба сафар баромаданамон журнал ҳанӯз «Раҳбари Дониш» ва муҳаррири масъули он Муҳаммадҷон Ҳасанӣ (ки ҳоло нафақахӯри шахсӣ дар Ленинобод аст) буд. Журналро фақат ману Саъдӣ Мақсудӣ ном рафиқе мебаровардем. Шаб намегуфтем, рӯз намегуфтем, кӯшиш мекардем, ки журнал хубтар ва тезтар барояд. Гоҳо тамоми шаб дар матбааи хурдакак, ки дар якчанд кулба, дар паси бинои институти педагогии навташкилшуда (дар қарибии кинотеатри Ҷомии ҳозира) ҷо гирифта буд, мегузаронидем ва то ҳамаи тиражро чоп карда нашаванд, осуда намегаштем...

Боиси асосии ин қадар шавқу завқи ман ба кори журнал аз

[1] Боби журнали ҳозираи «Садои Шарқ».

як тараф қувваи ҷавонӣ, ғайрат ва ҳамият бошад, аз тарафи дигар ба ман бовар карда супорида шудани журнали маҳбуби ман буд. Зеро ки ба журнали «Раҳбари Дониш» ман аз шумораҳои аввалинаш иштирок доштам ва якумин ҳикояти ман («Шабе дар регистони Бухоро») дар шумораи аввалини ҳамин журнал ҳанӯз дар соли 1927 чоп шуда буд ва ман дар Бухоро нишаста, аз шумора то шумора бетоқатона бо чорчашм мунтазири омада расидани журнал мешудам. Шумораҳои аввали журнал то ду-се сол дар Тошкент чоп мешуд. Баъд чанд гоҳ набаромада монд. Ниҳоят ҳукумат ва партия қарор доданд, ки журналро дар худи Душанбе бароранд ва ба он муҳарриру котиб таъин карда, имконияти чопашро фароҳам оварданд.

Инак, ман дар охирҳои моҳи август отпуск гирифта ба Бухоро рафтам. Чанд рӯз дар Бухоро истиқомат карда, бачаҳоро дида, ба Самарқанд сафар кардам. Дар Самарқанд ба ман Абдулғанӣ Мирзоев ҳамроҳ шуд. Баъд дукаса бо поезд то ба Урсатевский рафта, аз он ҷо дар фойтуни дуаспа ба шаҳри Уротеппа фуромадем. Роҳ пурчанг, гарм ва дашт буд. Фақат дар қарибиҳои Ӯротеппа дарахтзор ва оби равон пайдо шуд. Лекин даруни Ӯротеппа салқин буд. Дар канори сой ба як чойхонаи оличаноб фуромада, дам гирифтем, хӯроке хӯрдем. Баъд аз одамҳо Азизиро суроғ кардем. Ҳеҷ кас намедонист. Мо ҳайрон шудем. Охир, худи Азизӣ ба мо гуфта буд, ки дар ҳар кадом чойхонаи Ӯротеппа фуромада маро суроғ кунед, ҳар кас дарак дода метавонад. Азизӣ... Азизӣ... мегуфтанд мардум ва китф ҷунбонда, ҳайрон мешуданд. Мо мегуфтем, ки нависанда аз Ӯротеппа, ҳозир дар Душанбе кор мекунад, дар ин чо ҳавлию боғ дорад... Не, намедонистанд. Ниҳоят як мӯйсафеди бафаҳм аз мо пурсид, ки Азизӣ – ин номаш ё лақабаш? Мо гуфтем, ки ин фамилия ва лақабаш аст. Пас номаш чӣ, гуфта пурсид. Мо гуфтем, ки Баҳриддин. Дар он ҳол ҳама донистанд ва гуфтанд, ки:

– Мулло Баҳриддин гӯед-дия! Он касро ҳама медонанд.

Пас ҷавоне рафта фойтун овард ва мӯйсафед ба фойтунчӣ дараки боғи мулло Баҳриддинро дод ва мо ташаккур карда чизу чораҳорро ба фойтун гузоштем...

Боғи Азизӣ дар тарафи роҳи Урсатевский, дар баландӣ будааст. Боғ, қӯрғон, сари ҳавз, дарахтҳои серсоя ҳама тартибу кори классикии Ӯротеппа ҷо ба ҷо буд. Азизӣ дар тан куртаи сафед, дар сар тоқии чустӣ, дар сари ҳавз кати симин монда ба роҳат

хоб мекард. Омада мондани моро шунида, ҳадаҳа аз ҷо бархост ва моро хуш қабул кард. Додаронаш ва наздиконаш омаданд, дар сари ҳавз қолинҳо ва гилемҳо густурданд, кӯрпаю кӯрпачаҳо партофтанд, ба гирду атроф об зада салқин карданд ва баъд дастурхон кашиданд.

Азизӣ марди сию панҷ–сию шаш сола, қадбаланд, лоғарҷусса, бо чашмони бодомии нигоҳаш тез ва гузаранда, ба рӯи андак дароз, ба шукӯҳ ва муллобачаҳои кӯҳнагиро партофта шабкаю кӯлӯча – шалвор пӯшидагӣ барин буд. Ҷӯрабоз, дасткушод, рӯздида ва одамшинос буд. Охир, вай дар соли 1921 ба съезди мусулмонони Россия, ба Боку ҳамроҳи раҳматӣ Неъматуллоев вакил шуда рафтагӣ ва аз бисёр чизҳо, воқеаҳои ҳамон солҳо бохабар буд.

Рӯзи дигар Алихуш ва Мирзо Турсунзода расида омаданд. Сӯҳбати мо хуррамтар ва базми мо гармтар шуд. Ҳавои кушод, меваҳои болаззат, хӯрокҳои сергӯшту равған моро дар ду–се рӯз хеле тағир дода, димоғамонро чоқ ва худамонро мамнун гардонид.

Як детали аҷоиб барои ман: Мо ки дар қисми беруни боғ менишастем ва хоб мекардем, аз дарун, аз худи боғи ангур бехабар будем. Ҳар пагоҳ ва бегоҳ лаълӣ-лаълӣ ангури чиллагӣ ва гоҳо ҳусайнӣ мебароварданд ва ӯротеппагихо ангури чиллагии худро хуб таъриф мекарданд. Мегуфтанд, ки агар як сари калонашро хӯред, аз биниатон фаввора зада хун меравад – ҳамин қадар сершира ва сершаҳд аст! Лекин ҳар пагоҳ, ҳар бегоҳ аз он ангур хӯрем ҳам аз бинии ҳеҷ кадоми мо хун нарафт. Рӯзи дуюм ва сеюм Азизӣ моро ба сайри даруни боғистонаш даровард. Ман диққат карда дидам, ки ду-се, балки зиёдтар пуштаҳои ангури шибирғонӣ лабзада хобидааст. Ба чашмонам бовар накарда як сар канда хӯрдам, шаҳдаш гулӯямро гирифт.

– Ана, – гуфтам, – ангури шибирғонӣ ҳасту чаро моро зиёфат намекунӣ!

– Дар ҷои мо, – гуфт Азизӣ, – ангури чиллагиро аз ҳама авлотар мешуморанд, бинобар он ба меҳмон фақат ангури чиллагӣ мебароранд. Майлаш, мефармоям, барои ту ангури шибирғонӣ ҳам бароранд.

Рӯзи дигар лаълии ангури шибирғонӣ ҳам пайдо шуд. Азизӣ вақто ки мефармояд, ангури шибирғонй бароранд, ҳавлибудагиҳо ҳайрон мешаванд, чи тавр мешавад, ки ба меҳмон ангури шибирғонй бароранд?

– Як нафар бухорӣ ҳаст, – мегӯяд Азизӣ, – ангури шибирғониро дуст медорад.

Ҳамин тавр, пас аз чор–панҷ рӯзи меҳмони Азизӣ будан, боз ба роҳ баромадем ва ба поезд бо машаққати бисёр билет гирифта, ба Тошкент рафтем. Дар Тошкент манзили мо техникуми педагогии тоҷикӣ буд.

Дӯстон ва рафиқони тошкентӣ – муаллимон ва шогирдони техникуми педагогӣ моро хуш қабул карданд. Дар ин ҷо ба мо Файзуллои панҷакентӣ, ки дӯсти наздики Мирзо Турсунзода буд, ҳамроҳ шуд. Чанд рӯз дар Тошкент хуб сайру тамошо кардем, сӯҳбатҳои ширини аҷоиб гузаронидем. Баъд боз бору бунаҳро баста, ба поезд сувор шудему ба сӯи Самара – Куйбышеви ҳозира равон шудем. Дар поезд моро як ноомад шуд. Рафиқи мо Алихуш ба бемории сипурч гирифтор шуда монд, ки агар аз худаш пурсем.

– Сич! – мегуфт.

Сич, яъне сипурч сахт дард карда, дили касро ҳар замон беҳузур мекунад ва одам қай карда меистад. Рузи дуюми сафарамон дарди Алихуш шиддат кард. Вай дар қабати дуюми вагон хоб мекард, ки хеле нороҳат буд ва мо чӣ кор карданамонро надониста, ҳайрон будем.

Ҳар замон праводник омада, моро ҷанг мекард, ки беморамон аз тирезаи вагон ахлоташро партофтааст, девори вагон ифлос шудааст. Муҳаммаддоноҳои мо – Турсунзода ва Файзулло бо праводник гуфтушунид мекарданд ва ҳар замон кайфияти моро бардошта меистоданд. Алихуш, ки ҷавони хеле шух ва ҳамроҳи Мирзо ҳамеша хандаю шӯхӣ карда мегашт, ҳоло хомӯш буд ва «сич!» мегуфту бас!

Ман ҳоло ба он қувваю оташу серкории Турсунзода ҳайрон мешавам. Хафа шудан, маъюсӣ ва ноумедиро намедонист. Улфат, чӯра, шух ва хушвақт буд. Охир, мо аввалин бор ба чунин сафари дуру дароз ва шаҳрҳои надидагиамон мерафтем, Турсунзода бошад аз чизе парво накарда, дар вагон ашӯлакунон, хандону шукуфон мерафт. Агар ман дилтангӣ кунам, ки дар Самара ба куҷо меравем, дар куҷо истиқомат мекунем, Алихуш чӣ мешавад ва ғайра... Мирзо беғамона мегуфт:

– Асло корат набошад! Масъала худаш ҳал мешавад.

Дар вокзали Самара фуромадему чунин маслиҳат шуд, ки беморро ташвиш дода, ҷоковӣ карда нагардем, беҳтар аввал чанд кас рафта ҷо ёбанд ва чанд кас бо чизу чораҳо дар вокзал

мунтазир шаванд. Ба ҷокови̅ Мирзо, Файзулло ва Азизи̅ рафтанд. Ману Абдулғанӣ Мирзоеви беғам бонии чизу чораҳо ва нигаҳбони Алихуши бемор шуда мондем. Ман дилтанг будам, аз назди бемор дур намешудам, ба вай об ва баъзе доруҳои осуда мекардагӣ дода меистодам. Аммо Абдулғани̅ Мирзоев ҳар замон бо баҳонае рафта, аз пивои машҳури Самара саршор шуда меомаду ба дилтангиҳои ман механдид. Ниҳоят, пас аз ду–се соат рафиқон омаданд. Чизҳо ва беморро ба фойтуне бор карда, худ низ ба фойтуни дигар сувор шуда ба як меҳмонхонае бурданд, ки ба воситаи кадом як идораи шаҳри̅ иҷозат гирифтаанд, ки ба мо ҷо диҳанд.

Моро ба хонаҳои алоҳида нею ба як хонаи калони умуми̅ ҷойгир карданд. Ба ҳамин ҳам шод шудему беморро ба ҷогаҳ хобонида, ба вай таоме ёфта хӯронда, каме осуда гаштем. Бегоҳи̅ маслиҳат кардем ва худи Алихуш ҳам илтимос кард, ки ӯро ба ягон бемористон ҷойгир кунем, аҳволаш бад аст.

Самара дар солҳои бистум овозаи хеле бад паҳн карда буд. Дар он ҷо гушнагӣ шуда, мардум худро ба ҳар сӯ мезананд, ҳатто то ба Осиёи Миёна рафта мерасанд. Баъзе аз онҳо, шояд маҷбуран, аз гушнаги̅ бошад, ки дузди̅ ҳам карданд ва бинобарон одамони бадро «самарский» мегуфтанд. Лекин дар вақти рафтани мо Самара яке аз шаҳрҳои обод, мадани̅ ва зебои мамлакат буд. Ҳама ҷо сайргоҳ, боғу бӯстон, гулу гулзор ва ошхонаю ресторанҳо буд. Ҳама ҷо мардум моро бо навозиш ва рӯи хуш қабул мекарданд. Бегоҳиҳо дар вақти сайру гашт Азизи̅ гоҳо ҷомаи алочаи абраастари зебои худро дар бар карда, ба сар тоқии гулдӯзӣ гузошта мебаромад, ки чашми аксарияти мардум ба сӯи мо буд. Зеро ки он вақт аз Осиёи Миёна кам одамон ба Самара мерафтанд ва якт–дуто омадагон (хусусан, ки бо ҷома бошанд) дарҳол ба назар менамуданд. Идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии Самара низ моро хеле хуб ва меҳмоннавозона пешвоз гирифтанд.

Рӯзи дигар Алихушро бо мошини тиббии махсус омада гирифта ба бемористон бурданд ва дарҳол ба табобат сар карданд. Пас аз чанд рӯз, вақто ки мо сафарамонро давом додани̅ шудем, худи Алихуш баромада гуфт, ки мо бемалол рафтан гирем, вай дар бемористон худро хеле хуб ҳис мекунад, насиб бошад, пас аз як ҳафта ӯро ҷавоб медиҳанд ва ӯ рост ба Москва меравад. Бо ин қарор мо ба бандаргоҳи дарёи Самара рафта, то ба Қазон ба пароход билет гирифтем. «Пароход шабона,

пас аз соати дувоздаҳи шаб омад ва мо зуд ба он сувор шуда, ба ҳеҷ чиз аҳамият надода хобидем. Маълум шуд, ки дарёи Самара ба дарёи азими Волга меомехтааст. Рӯзона, вақто ки мо бедор шудем, параходамон дар дарёи Волга равон буд. Он манзара ва он зебоии атрофро дида мо маҳву мот шудем. Ба гумонам Мирзо шеър навишт. Дар ҳақиқат он азамат ва шукӯҳи дарёи Волга, зебоии манзараҳои соҳили ду тарафи он, тантанаи баромад-баромади офтобро дар об дида истода, шеър нанавиштан мумкин набуд. Мирзо шеър нанавишта бошад ҳам, дунё-дунё илҳом гирифт, ки ба шеърҳои ояндаи вай, рӯҳ ва тароват, болу пар доданд...

Дар Қазон нависандагони Тотористон моро ботантана пешвоз гирифта, ба беҳтарин меҳмонхонаи пойтахти худ ҷойгир карданд. Мо як ҳафта зиёдатар дар Қазон будем. Дар ин ҷо Мирзо Турсунзода бо шоирон ва нависандагони тотор дӯст ва улфат шуд. Дар чандин ҷамъомадҳо, дар назди коргарони заводи пашминабарорӣ, дар университети машҳури Қазон, дар назди студентон баромадҳо кард. Рӯзҳои хурсандибахш ва аҷоибе, ки мо дар шаҳри Қазон гузаронидем, ҳеҷ фаромӯш намешаванд. Дар ин шаҳр ману Мирзо бештар фаъолият нишон додем ва аксаран ҳамроҳ будем. Нависандагони тотор моро бо ҳамаи аҷоибот ва тамошогоҳҳои Қазон ошно карданд, хуб зиёфат карда, китобҳояшонро тақдим намуданд. Ин, аввалин муносибати нависандагони тоҷик бо нависандагони Тотористон буд.

Охирин нуқтаи сафари мо пойтахти мамлакат, шаҳри бузурги Москва буд. Мо ба ин ҷо бо поезд омадем ва рост ба Иттифоқи нависандагон рафтем, ки он вақт Ставский ва Лоҳутӣ дар котибот кор мекарданд. Моро дар бинои «Хонаи Советҳо» дар як зали калоне ки қариб бист нафарро ғунҷоиш медод, ҷойгир карданд ва ҳар рӯз ба як муассиса, ба як музей, ба як ҷои таърихӣ гирифта мебурданд. Аввалин бор мо қабри Ленинро зиёрат кардем, ба заводи автомобилсозии Москва, ки ҳоло ба номи Лихачев аст, экскурсия кардем, фабрикаи «Четырехгорная мануфактура»-ро дидем, дар музейҳои «Революция» ва «Политехникӣ» будем ва ҳар бегоҳ ба театр мерафтем.

Дар Москва пули мо тамом шуд. Мирзоро пеш андохта ба намояндагии Тоҷикистон рафтем, ки ба бахти мо раиси Совети Вазирони ҳамонвақтаи Тоҷикистон – Ҳоҷибоев дар ҳамон ҷо будааст. Мо арз кардем, ки пуламон тамом шуд. Ҳоҷибоев пас

аз нею-нестони бисёре ба ҳар кадоми мо боз шаст-ҳафтод сӯмӣ пул дод.

Ниҳоят, ману Мирзо Турсунзода ба Душанбе баргаштанӣ шудем. Рафиқони дигар (ки маълум шуд пул доштаанд) ба Ленинград рафтанӣ шуданд. Воқеан дар Москва мо Алихушро ёфтем. Саҳат ва саломат, хандону ғазалхон буд. Вай ҳам сафари Ленинградро ихтиёр кард.

Ману Мирзо Турсунзода ба охирин пули худ билет, ду бӯхонка нон, камтар қанд ва қамтар колбаса харида ба поезд сувор шудем. Рост мегӯям, ки на ман ва на Мирзо дар умри худ ин тавр бепул нашуда будем. Ҳамин озуқаи бардоштаи худро мехӯрдему ҳасад мебурдем, ки мардум дар станцияҳои калон фуромада мурғбирён, моҳибирён, мева ва бодирингу помидорҳои нағз харида мебароварданд ва дар пеши назари мо кайф карда мехӯрданд. Хӯрок хӯрдани дигаронро дида ба мо ҳам иштиҳо пайдо мешуд ва мо ҳам нону колбасаи худро лунҷак мезадем. Бино бар он захираи мо базӯр ба ду рӯз расид. Рӯзи охиринро мо гурусна гузаронида ба Тошкент расидем. Бо маслиҳат бору бунаҳро баста аз вагон фуромадему билетҳоро фурӯхта рост ба техникуми педагогии тоҷик рафтем. Рафиқони он ҷой моро дастгирӣ намуданд. Баъд, аз намояндагии Тоҷикистон, ки дар Тошкент буд, рафта камтар пул гирифтему белат харида ба Душанбе баргаштем...

Ин саёҳати аҷиби мо, ки пур аз хотираҳои фаромӯш нашуданӣ аст, абадӣ ба ҳофизаи ман нақш баста аст. Дар ҳамин сафар ману Мирзо хеле ба ҳам наздик шудем. Бо хислат ва ақидаҳои ҳамдигар ошно гаштем, ки дар оянда он боз вусъат ёфта, асоси дӯстии самимии моро фароҳам овард.

Гумон мекунам, ки ин хотираҳои аввалин боз давом меёбанд ва дар он бобҳои оянда хислат ва бузургии Мирзоро бо фактҳои ҳаётӣ дурусттар исбот хоҳам кард.

*Мирсаид МИРШАКАР*

# ТО ҲАСТ ЗИ ҶОНАМ РАМАҚЕ[1]

Дар давоми бист шабонарӯз ману Мирзо Турсунзода дар як касалхона бистарӣ будем. Се шабона рӯзе, ки аз ҷо хестани ман мумкин набуд, ҳар субҳдам садои пурташвиши Мирзоро мешунидам, ки аз навбатдор аҳволи саломатии маро мепурсид, вақт ба вақт назди ман омада, ҳолпурсӣ мекард ва соатҳои холӣ наздам менишаст, аз ҳар хусус суханронӣ мекардем. Дере нагузашта буд, ки ба ман ҳам аз ҷо хестану сайр кардан дар боғи касалхона иҷозат шуд. Дар соатҳои аз табобат холӣ дар боғи касалхона мегаштем, хаста, ки шудем менишастем ва сӯҳбат мекардем. Шояд аз таъсири беморӣ бошад, ки сӯҳбати мо хеле парешон ва гуногунмавзӯъ буд. Баъзан чунон мешуд, як мавзӯъро ба охир нарасонда аз домани дигаре мегирифтем, ки ба аввал ҳеҷ муносибате надошт.

Чунин масъалаҳо, чун гузаронидани садсолагии рӯзи таваллуди устод Айнӣ, навадсолагии зодрӯзи устод Лоҳутӣ. Рӯзҳои адабиёти Советӣ дар Тоҷикистонро Мирзо қариб ҳар рӯз ду–се бор ба хотир меовард ва бо ҳасрат мегуфт, ки аз афташ дар Рӯзҳои адабиёти Советӣ бевосита иштирок карда наметавонад, лекин дар чорабиниҳои дигар, ки дертар гузаронда мешаванд, фаъолона иштирок хоҳад кард.

– Партияву ҳукумат, – мегуфт бо мамнуният Мирзо, – ба пешвози садсолагии Айнӣ чорабиниҳои калоне гузаронда истодаанд. Лекин ҳадяи беҳтарини мо ба падари адабиётамон ҷавонони соҳибистеъдод мебошанд, ки солҳои охир дар майдони адабиёт дохил шудаанд.

Дар адабиёти мо соҳибистеъдодоне дохил шудаанд, ки барои устоди мо танҳо орзу буданд.

Ҳар боре, ки рӯзҳои ҷавониро ба ёд меовардем, Мирзо «чӣ рӯзҳои наҷибе дар кӯчаи Орҷоникидзе, хонаи рақами 49 доштем», мегуфт. Баъд шарҳ медод, ки дар як хонаи чӯбини муқаррарии дуошёна чун фарзандони як падару модар зиндагӣ мскардем. Ҳар оила дегу табақи худро дошт, лекин аксар вақтҳо наҳорро якҷоя мехӯрдем. Беҳтарин асарҳои худ-

---

[1] Порчаҳо аз хотираҳо

ро ҳам дар ҳамон ҷо ва дар ҳамон шароит эҷод кардаем. Гоҳо шабҳо нахуфта, машғули эҷод будем ва ҳамин, ки номаълум субҳ дамид, наҳорӣ карда, тозон, бо чашмони хоболуд, ба идора мерафтем. Дар чунин вазъият достони аввалинам «Баҳор ва хазон»-ро навишта будам. Мондашавиро ҳис намекардем.

Чунки ҷавону саломат будем.

– Ту он рӯзҳоро дар хотир дорӣ?

– Магар он рӯзҳову солҳои пурҷӯшу хурӯшро фаромӯш кардан мумкин аст? – бо савол посух додам ман, – ҳатто он шабҳое, ки дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то соатҳои чору панҷ нишаста, достони «Писари Ватан»-ро менавиштӣ, дар ёдам ҳастанд. Он дақиқае, ки баъди шунидани ахбори Информбюро, назди тирезаам истода, шеъри нави худ «Гастелло»-ро ба ман мехондӣ ва ба ногаҳ гиря дар гулӯят гиреҳ баст ва ашк дар чашмонат чарх зад, фаромӯш нахоҳад шуд...

– Рӯзу шабҳои афсонавии Кондара чӣ?

– Оре, дар ҳақиқат ҳам рӯзу шабҳои афсонавӣ буданд.

Он рӯзҳову шабҳои ба қавли Мирзо афсонавӣ аз пеши назари мо чун тасмаи кино гузаштан гирифтанд:

...Сафари Кондара барои ман тасодуфӣ буд. Дуюми май дар яке аз мактабҳои райони Сталинобод баромад карда, аз он ҷо бо хоҳиши худи Мирзо рост ба ҳавлии ӯ рафтем.

– Чаро худатон танҳо? – пурсид бо ҳайрат модари фарзандони наҷиби Мирзо Сабоҳатхон.

– Имрӯз рӯзи ид аст, ихтиёри ҳар кас ба худаш,. бачагони Миршакар бошанд, имрӯз ба меҳмонӣ рафтаанд. Ман ӯро бо худ ба ин ҷо овардам. Маслиҳат дорам.

– Ба хона дароед.

– Не, имрӯз ҳаво хеле ҳам форам аст, дар берун мешинем.

Дар ҳавои софу офтобии моҳи май нишаста, зодрӯзи Мирзоро қайд кардем. Мирзо хандида, гуфт:

– Дар як сол ду рӯзи таваллуд дорам ва ҳар дуяш ҳам тахминӣ! Лекин соли таваллудам ҳақиқист!

Воқиаи рӯзи таваллуди дуюми Мирзо чунин аст. Боре аз нашриёт барои тақвимномаи Тоҷикистон соли таваллуди нависандагонро пурсиданд. Мирзо рӯзи таваллуди маро пурсид. Ман 5 май гуфтам. «Набошад, – гуфт, – аз они ман 2 май нависед!» ва хандида илова кард, «Ман аз Миршакар ду рӯз

пештар зоида шудаам». Аз ҳамон рӯз Мирзо, агар имконият медошту дар сафар намебуд, зодрӯзашро соле ду бор (2 маю 26 ноябр) қайд мекард.

Ба саломатии Мирзову аҳли оилааш қадаҳ бардошта, ҳамаашонро ба хона даъват кардам. Мирзо даъватамро кабул кард:

– Лекин, – гуфт ӯ, – рӯзи таваллудатро дар Кондара қайд мекунем. Ҳайрон нашав, ба Вера Ивановна Запрягаева, – директори боғи ботаникии АФ Тоҷикистон дар Кондара, – гапро пазондаам. Аллакай як ҳуҷраи оличанобе ҳам барои мо ҷудо кардаанд.

– Гапи нав-ку? – пурсид Сабоҳатхон.

– Мо бояд достонҳои худро ба охир расонем, дар шаҳр барои ин имконият надорем. Якчанд рӯз аз маҷлисҳову телефонҳо дуртар истодан лозим аст.

– Мо бо Гулчеҳрахон халал намерасонем? – пурсид бо шӯхӣ Сабоҳатхон.

– Рӯзҳои истироҳат дар ихтиёри шумоем...

Рӯзи дигар кӯрпаву дегу табакро бар мошин бор карда, лаб–лаби дарёи шӯхи Варзоб ба Кондара раҳсупор шудем. Дар Кондара касе моро пешвоз нагирифт. Дурусттараш касе набуд. Дарҳо қулф.

Баъд аз чанде аз боло ду нафар–мӯйсафеду кампире, – намоён шуданд. Моро дида, бо ҳайрат истоданд, чизе ба якдигар гуфта, ба сӯи мо равон шуданд.

Баъд аз салому алейк Мирзо пурсид:

– Калонҳоятон дар куҷост?

– Имрӯз рӯзи неки эҳёст. Дар ин рӯз кор кардан гуноҳ аст – ҷавоб дод, меҳрубонона, кампир.

Ба ронандаи мо дядя Миша нафорид:

– Аз афташ унсури бегонаӣ, момо?

– Худоё, агар инҳо ранҷанд, айбе нест, аммо ту одами рус, исавимазҳаб ҳастӣ, хуб медонӣ, ки имрӯз рӯзи эҳёст ва дар ин рӯз кор карданро худо манъ кардааст...

–Аммо хӯҷаинҳо, буржуҳо падарони моро рӯзу шаб кор мефармуданд, на рӯзи эҳёро риоя мекарданду на дигарашро. Революцияи Октябр ин рӯзро барои ҳамаи мо рӯзи истироҳат эълон кард!...

Дядя Миша боз чизе гуфтанӣ буд, аммо Мирзо хоҳиш кард,

ки мунозираро бас кунад... Баъд ба соҳибони боғ муроҷиат кард, ки калиди ҳуҷраро диҳанд. Мӯйсафед хандиду гуфт:

– Вай ҳуҷраи нодаркор аст, на дар дораду на калид!

Ба кампир нафорид:

– Фармонбек, ту чиҳо гуфта истодаӣ!

– Тётя Паша, бигузор пешакӣ фаҳманд, ки...

– Шуд, шуд! – тётя Паша гапи ӯро бурида, ба мо муроҷиат кард... – Биёед, ҳучраатонро ба шумо нишон диҳам.

Мирзо аҳволи ҳуҷраро дида:

– Бому девору тиреза дорад, барои мо ҳаминаш бас !

– Тётя Паша ва амаки Фармонбек, шумо шанбегӣ барин гапҳоро медонед? – пурсидам ман.

– На ин ки медонем, балки дар шанбегиҳои бисёре иштирок кардаем!

– Набошад, ҷорӯбу меху болғаро оварда, даруну беруни ҳуҷраро рӯбем, катҳои чӯбинашу дарашро таъмир кунем!

Мирзову Фармонбеку тётя Паша рӯфтани хонаву атрофро ба гардан гирифтанд. Таъмири кату дарро ба ману дядя Миша супурданд. Вақте ки ҳама ҷоро ба тартиб даровардем, тётя Паша фотеҳона ба Фармонбек рӯ оварда гуфт:

– Ана, дидӣ! Он чиро, ки ту нодаркор гуфтӣ, даркор шуд. Қадами одам муборак аст агар ба чӯли харобазор расад, гулистон мешавад!

– Ой кампире, корат фақат насиҳат кардан асту халос...

Баъд аз наҳори шом, ки бо ёрии якдигар тайёр карда будем, дядя Миша баргашта ба шаҳр рафт, тёт Пашаву Фармонбек ба ҳуҷраҳои худ. Мирзо фахмиданӣ шуд, ки фикри ман дар бораи ҳуҷра чист. Ман «ба ҳамин ҳам шукр гӯй!» – гуфтам. Мирзо хандид.

...Дар ибтидои солҳои ҷиҳилум шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода, ки он вақт шоири ҷавон буд, баъд аз хатми Институти педагогии шаҳри Душанбе ба Президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ариза дод, ки ӯро бо ҷои хоб таъмин кунем. Ман, ки дар он солҳо котиби Правленияи Иттифоқи нависандагон будам, илоҷи дигаре наёфта, дар правления таклиф кардам, ки диване, ки дар клуби Литфонд бекор истодааст, ба ихтиёри Боқӣ дода шавад, бигузор онро гирифта, дар ҳавлии хобгоҳи мо, зери кадом дарахте, ки хоҳад, ба худ ҷои хоб интихоб кунад ва то зимистон дар ҳамон

ҷо хобад. Вақте ки Мирзо аз сафар баргашт ва Боқиро дар ҳамон ҷо дид, маро ҷеғ зада «Ту, чӣ кор кардӣ?» – гуфта пурсид. Ман оромона ҷавоб додам, ки вай ҷои хоб пурсида буд, ман ҷои хоб ба ӯ додам ва илова бар он дивани Литфондро ҳам ба ихтиёри ӯ додам. «Ин хуб нест, – гуфт Мирзо, – ман, беҳтараш пагоҳ ҳамроҳ ба идораҳои даркорӣ рафта хоҳиш кунем, ки ягон чорае бинанд». Боқӣ, ки дар сӯҳбат иштирок дошт: – «Мирзоҷон, – гуфт, – ғам нахӯред, барои ман дар ҳамин ҷо хеле ҳам хуб аст. Дар ин вазъият ман меҳмони ҳамаи бошандагони ин хобгоҳ ҳастам. Ҳамеша дасти ман дар равған!...

Мо озуқавории якҳафтаина оварда будем. Дар ин ҷо яхдон набуд. Бинобар он гӯштро дар як кӯза андохта, равғанро дар дигаре, даҳанҳояшонро маҳкам баста, ба даре гузоштем, ки вайрон нашавад.

Мирзо хеле барвақт бедор шуд ва маро ҳам бедор кард.

– Дар Ҳиндустон, – гуфт, – мегӯянд, ки баъд аз соати 7 танҳо сагҳо ва хориҷиҳо аз хоб мехезанд!

– Дар яке аз маҷлисҳои интихоботии колхозӣ яке аз музокирачиён гуфтааст, ки «раиси мо худи намояндагони район барин то соатҳои 12 мехобад», – гуфта, сабукак аз ҷои хоб ҷаҳидам.

Мирзо коғази ба девор овехташударо нишон дода:

– Мана, – гуфт, – тартиботи рӯзгузарониро тахт карда овехтам, минбаъд аз рӯи он рафтор мекунем.

Маълум мешавад, ки Мирзо кайҳо бедор шудааст Дар зери сигории вай чор дона сигорета хобида буд ва сигори панҷум дар даҳон дошт. Ман қатъиян таклиф кардам:

– Дар режими рӯз илова карда шавад, ки дар ҳеҷ мавриде пеш аз наҳори саҳарӣ папирос кашидан мумкин нест!

Мирзо розӣ шуд. Вале, афсӯс, ки ин қоидаро риоя кардан душвор буд. Гоҳо дар соатҳои панҷ бедор шуда ба навиштан сар мекард ва сигоретааш чун трубаи заводҳои кӯҳна муттасил дуд мекард.

Боре ба Мирзо гуфтам:

– Мирзо, шумо тартиботи муайянкардаи худатонро риоя накарда истодаед, ба ҷои соати ҳафт соати панҷ мехезед, пеш аз наҳории саҳарӣ сигорета мекашед... Ин коратон ба ман маъқул не!

– Нависанда бояд мушоҳидакор бошад, – гуфт Мирзо. – Магар дирӯз надида будӣ, ки ин дарёчаи хурд баъди борон чӣ қадар сангҳои калонро чаппагардон кард, ҳосилро хароб ва дар баъзе ҷоҳо ҷараёнашро тағъир дод.

*– Гуноҳи рӯд чист? Гунаҳкор борон аст!*
*– Гуноҳи ман чист? Гунаҳкор илҳом аст!*

Панҷуми май Мирзоро аз хоб ман бедор кардам. Даст ба тарафи қуттии папирос дароз кард. Намондам. Мирзо хандиду ин сатри шеъри Носир Ҳусравро замзама кард: «Гуфто зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!»

Дар соҳили дарё либосҳоро кашида, ҳар кас аз рӯи фаҳмидагии худ «тарбияи ҷисмонӣ» гуфта, дасту пову сарро ҷунбондан гирифт, хайрият, ки бегонае дар он ҷо набуд, ки ба ҳоли мо хандад. Об беандоза хунук буд. Лекин номус карда, оббозӣ ҳам кардем, хунук хӯрдем. Зуд либосро пӯшида, тозон рафтем.

Баъд аз наҳори саҳарӣ Мирзо таклиф кард, ки соатҳои эҷодиро имрӯз дар лаби дарё гузаронем.

Соябони мо дарахти бед ва намади мо реги мулоими соҳил буд. Мирзо ба сухан даромад:

– Пеш аз оне, ки мавзӯи достонамро ҳикоя кунам, хоҳишмандам ба суоли ман ҷавоб деҳ...

– Марҳамат.

– Дар солҳои охир дар бораи қаҳрамони мусбату манфӣ қариб ҳар рӯз мақола мебарояд. Ин хуб аст, лекин фикрҳо гуногун ва мухталифанд. Баъзеҳо ҳатто таклиф мекунанд, ки қаҳрамонҳоро пешакӣ тарошидан лозим аст ва баъд аз рӯи афту башараи онҳо асар нависем... Фикри ту чист?

– Ба ман аз газетаҳои марказӣ борҳо таклиф карда буданд, ки доир ба ин масъала фикрамро нависам, лекин ман нанавиштам. Росташро гӯям чи навиштанамро намедонам. Гап дар он аст, ки ман ягон боре қаҳрамонҳои худро, ки мусбатанд ё манфӣ бар тарозуи танқидӣ нагузоштаам, ҳатто бе ягон илова ва ҳамон тавре ки дар равиши кори эҷодӣ онҳоро тасаввур мекардам, ба онҳо дар асарҳои худ ҷо медодам. Ба фикрам қаҳрамонон на бо хоҳиши асарнавис ба вуҷуд меоянд, балки ҳаёт онҳоро меофарад ва онҳо бо кору рафторҳои ба худ хос

дар дили атрофиён, аз ҷумла дар дили нависанда, ба худ муҳаббат зоҳир мекунанд. Ин муҳаббат гоҳо чунон гарму ҷӯшон, ки нуқсонҳои соҳибашро рупӯш мекунад. Бо ибораи дигаре гӯям, қаҳрамони мусбате, ки маро барои навиштани асари нав рӯҳбаланд карда илҳом мебахшад, ба ман чун падару модари ман азиз аст ва ман дар назди он чун кӯдаки маъсуме, ки ғайр аз накӯиашон чизе намебинам.

Ҳасани аробакаш ҳам барои ман шахси тасодуфӣ нест, ман ӯро аз хурдӣ мешиносам ва барои ман як шахси муқаддас менамояд. Ман ҳеҷ чиз ба он илова кардан намехоҳам, мехоҳам ӯро ҳамон тавре ки ҳаст, шоирона тасвир кунам.

– Сабаби ин аён аст. Нависандаи бузурги рус Достоевский дар яке аз мактубҳои худ ба Майков иқрор мешавад, ки тасвири одами мусбату зебо хеле ҳам душвор аст. Чунки зебоӣ – идеал аст, аммо идеал на дар мо «ба таври бояду шояд кор карда шудаасту на дар Европаи мутамаддин». Лекин дар олами социалистии мо зебоиву идеалро худи одамони советӣ дар протсесси меҳнати диловаронаи худ ба таври бояду шояд кор карда баромадаанд. Қаҳрамонҳои асарҳои мо хаёлӣ нестанд, одамони воқеианд, соҳиби зебоӣ ва идеали бузурганд ва мо агар онҳоро тавре, ки ҳастанд тасвир намоем, ба мақсад мерасем!

– Ба ту маълум аст, ки достоне, ки ба навиштанаш сар кардаам, дурусттараш сар карданиям, «Ҳасани аробакаш» ном дорад. Қаҳрамонаш одами воқеӣ. Ин ҳамон шахсест, ки соли 1927 моро, ки барои таҳсил ба Тошкент мерафтем, бо аробааш аз Душанбе то Термез бурда буд. Чӣ ҳодисаҳое бо аробакаш дар пеши назари мо рӯй дода буданд ва чӣ ҳикояҳои аҷибе дар бораи худаш аз забони ӯ шунидем. Ҳоло ҳам дар ҳаёт аст. Ман ба наздикӣ ӯро дида будам. Якдигарро шинохтем. Дар чойхонаи боғи шаҳрӣ чой нӯшида, рӯзҳои гузаштаро ба хотир овардем. Вақте ки ба хона баргашта омадам ба худам суол додам, ки чаро Ҳасани аробакашро тимсол карда, достон нанависам?

– Мехоҳед чӣ тавр бо ароба аз Душанбе то Термез рафтанатонро тасвир намоед?

« – Не, ман намехоҳам, ки достони ман ба «Мо аз Помир омадем» монанд шавад. Аз Душанбе то Термез рафтан баҳона. Мақсади асосӣ дигар аст. Тасаввур кун, ки Ҳасан то революция батрак буд. Дар революция фаъолона иштирок дошт. Ко-

мандир аспи хуҷаини собиқи Ҳасанро ба ӯ ҳадя мекунад. Ҳасан аввал соҳиби асп ва баъд соҳиби ароба мешавад.

– Ин дар ҳамон рӯзҳое, ки дар республикаи ҷавон нақлиёти асосӣ аспу хару ароба буд?

– Дар ҳамон рӯзҳо!

– Лекин бо мурури замон мошинҳои сабукраву боркашонӣ «майдони васеи» ӯро танг мекунанд ва ӯ аробаро партофта шофер мешавад?

– Не! Ҳама гап дар он аст, ки вай то охир аробаашро напартофта, барои пешқадамӣ мубориза мебарад... Вақте ки кӯчаҳои Душанберо мошинҳо зер мекунанд, вай ба маркази вилоят меравад, аз он ҷо ба маркази район, аз маркази район ба колхоз ва аз колхоз ба бригадаи колхозӣ...

– Ва ба ҳар ҷое, ки меравад, аз қафояш мошинҳо меоянд ва майдони амалиёташро маҳдуд мекунанд?

– Ҳамин тавр.

– Пас, дар охири кор ба ӯ порукаширо таклиф мекунанд?..

– Дар ин бора ба ягон фикри муайяне наомадаам ва барои ҳамин ҳам фикри туро гирифтанӣ будам.

– Фикри ман ҳамин аст ва мантиқан дуруст аст.

– Дар ин бора фикр кардан лозим аст, – гуфт Мирзо ва аз ҷо хеста таклиф кард: – Беҳтараш биё оббозӣ кунем.

Баъд аз наҳори нимарӯзӣ мебоист каме дам мегирифтем, лекин Мирзо таклиф кард, ки ба маркази район равем, барои моҳигирӣ шасту асбобҳои дигаре харидан лозим буд. Маркази район ягон панҷ километр дуртар ва пиёда рафтан ба он ҷо он қадар мушкил набуд. Лекин вақте ки ба маркази район расидем, мардум гирду атрофи моро печонда гирифт.

...Мирзо Турсунзода фарзанди косиби ҳамин водист. Тарҷумаи ҳоли вай шарҳи ҳоли халқи вай аст. Дар он солҳое, ки ҳанӯз садои тири зархаридони империалистӣ дар гӯшаҳои дури республика шунида мешуд, халқ бо роҳбарии партия ба кори азнавсозии ҳаёти нав дар шаҳру қишлоқҳо сар карда буд. Одами босавод кам буд ва лозим меомад, ки ҳар шахси босавод «ҳазорҳунар» бошад, ҳар чи аз дасташ ояд, барои Ватан дареғ надорад. Шоирон ва нависандагони ҷавон дар вазъияти шиддатноки муборизаи синфӣ ба деҳот рафта муовини раиси колхозҳои навташкилшуда, муаллими мактабҳои маҳви бесаводӣ, агитатор, котиби шӯрои ҷамоат, кор мекар-

данд. Ба сифати ходимони газета, коркунони ташкилотҳои пионериву комсомолӣ, ба районҳову сохтмонҳо рафта хизмат мекарданд ва ҳамаи ин барои онҳо мактаби ҳаёт буд. Яке аз шогирдони фаъоли ин мактаби бузурги ҳаёт Мирзо Турсунзода буд. Мактаби ҳаёт ба Мирзо Турсунзода қудрату тавоноӣ, маҳорату ҷасорат бахшид. Ӯ акнун ходими фаъоли давлатӣ ва шоирест, ки синааш аз шавқи илҳом тангӣ мекунад, қодир аст, ки зуҳуроти ҳаётро ба чашми хирад бинад, омӯзад, ҳарҷониба таҳлил намояд, навро аз кӯҳна ҷудо намуда, ба ғалабаи он ёрӣ расонад, аз ҳаёт назм ва аз назм ҳаёт созад.

Ин аст, вақте ки ба маркази район дохил шудем, пиру ҷавон «Турсунзода!...» гӯён гирду атрофи моро гирифтанд, ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Хайрият, ки муаллими мактаб омада, хоҳиш кард, ки бо бачагон вохӯрем. Илоҷи дигаре набуд, розӣ шудем.

...Бачаи бисёре ҷамъ омада, бодиққат гӯш мекарданд. Мирзо саргузашти бачагиву навҷавонии худро ҳикоя кард, ки мазмуни он чунин буд: Дар қишлоқ мактаби кӯҳнае буд, ки дар он бачагони қишлоқ мехонданд. Падари Мирзо, устои дуредгар «ман ба писарам беҳуда Мирзо ном надодаам. Ман ният карда будам, ки вай одами босавод ва обрӯи қишлоқ шавад!» – гуфта, писарашро ба мактаби кӯҳна медиҳад. Дере нагузашта дар қишлоқи онҳо мактаби нави советӣ ташкил мешавад. Мирзо бо ҷӯраҳояш ба мактаби нави советӣ дохил мешавад. Дар соли 1925 аз қишлоқаш гурехта ба Душанбе меояд ва дар ин ҷо ӯро ба хонаи бачагон қабул мекунанд. Дар соли 1927 як гурӯҳ бачагонро ба аробаи Ҳасани аробакаш савор карда, барои таҳсил ба Тошкент мефиристонанд... Дар охир Мирзо гуфт, ки «баъд аз хатми дорулмуаллимини тоҷикон ба Душанбе омадем. Ҳамроҳони ман яке мудир, дигаре раис, сеюмӣ муовини раис ё котиб ва ҳатто то ба мартабаи олитаре расид. Лекин ман бо майли худ кори газетаро интихоб кардам ва касби шоириро баргузидам.

Ҳар касе бояд аз рӯи тамоилаш кор кунад. Тамоили ман шоирӣ буд ва ман аз ин ҳунари худ розиям!».

Баъд аз шеърхонӣ моро ба «як пиёла чой» даъват карданд. Бо ҳамин рӯз ба охир расид. Хайрият, ки ба магазин даромада шастро харида будем. Вақте ки ба ҳуҷраи худ дохил шудем,

қавл додем, ки дигар на танҳо ба маркази район намеравем, ҳатто ба касе худро нишон намедиҳем.

Тётя Паша хабар дод, ки «ҳама тайёр аст!»

– Офарин, тётя Паша, – гуфт Мирзо ва узрхоҳӣ намуд. – Мебахшед, ки бо гуноҳи дигарон каме дер кардем.

Дар ошхонаи тобистонии боғдорон столи зиёфат оро дода шуда буд. Байни стол гулдастаи аз гулҳои гуногуни боғиву роғӣ басташуда меистод. Фармонбек чой нӯшида столро бонӣ мекард. Бо ҳайрат аз тётя Паша пурсидам:

– Ба кадом муносибат?

– Муносибаташро ҳозир мефаҳмӣ, азизам! – ба ҷои тётя Паша ҷавоб дод Мирзо ва ҳамаро ба нишастан таклиф кард. Маро назди гулдаста шинонданд. Мирзо қадаҳ бардошта гуфт:

– Мо дар ин ҷо чор нафар ҳастем, лекин худро танҳо намешуморем. Бо мо ин булбулони хушхон, ки гулҳои рангоранги боғиву роғӣ, гулҳои бостоние, ки аз будани онҳо то динаякак касе хабар надошт ва раҳмат ба олими машҳур ва дӯстдоштаи мо Вера Ивановна, ки ин гулҳои хеле зеборо кашф карда, аз чанголи марг халос намуда, ба онҳо ҳуқуқи зиндагӣ додааст, ин осмони пурситора, ин кӯҳҳои нооромм ва муҳаббати ҷӯшони мо ба якдигар, – бо мо ҳастанд! Дӯстон, имрӯз рӯзи таваллуди дӯсти навҷавонии ман Мирсаид Миршакар аст... Ман ин қадаҳро барои он мебардорам, ки дӯсти мо бо фарзандони наҷиби худ саломат бошад ва бо эҷодиёташ на танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Помир, на танхо қуллаҳои кӯҳҳои Тоҷикистон, балки инчунин қуллаҳои адабиёти сермиллати советии моро сарфароз намояд...

...Маро хоб намебурд. Ин меҳрубонии Мирзо хеле таъсир карда буд. Даврони ҷавонӣ аз пеши назарам мегузашт ва ҳар бор мегуфт: «Роҳҳои каҷукилебе тай кардаед, лекин фаромӯш накунед, ки дар пеш роҳҳои аз ин ҳам мураккабтару ноҳамвортаре интизори шумоянд». Дар байни ҳаммаҳфилони мо Мирзо серталаб, бераҳм, вале меҳрубон буд. Пеш аз ба район рафтанам барои ночизе шуда сахт ҷанг карда будем ва ман гумон кардам, ки агар баъд аз ин дучор шавем, аз якдигар рӯ мегардонем. Баъд аз як сол аз район баргашта омадам. Дар идораи нашриёт касе дӯстона дастамро гирифту фушурд. Нигоҳ кунам наздам Мирзо Турсунзода бо чеҳраи хандони ба худ хос истодааст. Пеш аз ҳама хабар дод, ки китобчае баро-

мадааст, ки дар он шеърҳои ман дохил шудаанд... Хоҳиш кардам, ки он китобро ба ман нишон диҳад. «Ман барои ту, – гуфт Мирзо, – дар хонаам нигоҳ доштаам. Рафтем». Хонаи Мирзо аз нашриёт хеле дур буд ва илова бар он пиёда рафтан лозим меомад. Рафтем. Хона қулф буд. Калид дар ҷояш набуд. Мирзо боғазаб: – «Ин Алӣ Хуш бачаи беақл будааст!» – гуфту бо зарби мушт тирезаро шикаста ба хона даромад ва аз он ҷо дуто китобча бароварда ба ман дод...

Дар маҳфили адабии назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» дер наистодам. Маро ба районҳо ва дертар ба сохтмони Вахш фиристоданд. Аз дӯстонам ва маслиҳати оиҳо маҳрум шудам ва вақте ки дар соли 1937 аз нав ба Душанбе баргашта омадам, таъсири инро ба хубӣ ҳис кардам. Соли 1938 дар маҷлиси комсомолии назди Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҳисоботи эҷодии маро шуниданд. Маҷлис дуру дароз давом кард. Қариб ҳамаи иштироккунандагон ба музокира баромаданд. Ҳар чи дар дил доштанд гуфтанд. Бештар ва талхтар аз ҳама суханони Мирзо буданд. Маҷлис қарор кард, ки маҷмӯаи аввалини шеърҳоям ба чоп тайёр карда шаванд. Ва барои ману дигарон ғайричашмдошт таҳрири маҷмӯаро Мирзо ба гардан гирифт... Худи ҳамин зиёфату қайдкунии зодрӯзам ҳам ташаббуси Мирзо буд...

Пагоҳӣ, дар соатҳои шаш–шашуним Мирзо маро бедор кард. Вақте ки ба соҳили дарё рафтем, Мирзо бар санге нишасту «бишин, – гуфт, – гап дорам!»

– Пеш аз тарбияи ҷисмонӣ? – пурсидам ман.

– Мо ба ин ҷо барои кори эҷодӣ омадаем, на барои тарбияи бадан! Гӯш кун, дар бораи қисмати Ҳасан ман ба фикри ту розӣ нестам. Намехоҳам, ки қаҳрамони дӯстдоштаи ман порукаш шавад. Ман мехоҳам, ки вай дар Охир шофер шавад, аммо чӣ тавр? Дар равиши кор маълум мешавад! Умуман ман мехоҳам, ки дар шахси қаҳрамони худ роҳи тайкардаи республикаамро нишон диҳам.

– Ин тавр бошад ихтиёр ба дасти бахтиёр! – гуфтам нобоварона. Росташ, ман ҳатто тасаввур карда наметавонистам, ки дар шахси як аробакаш, ки ба артел даромадан намехоҳад, пайдо шудани мошинҳоро бадбахтӣ медонад, чӣ тавр Мирзо роҳи тайкардаи республикаро нишон медиҳад. Лекин дар чунин мавридҳо, ки илҳоми шоир ба ҷӯш меояд, агар кас таво-

над ба ӯ ёрӣ диҳад, вале халал нарасонад, дар сари роҳи ӯ мамониа нашавад. Дар охир аз Мирзо пурсидам, – Мирзо, қаҳрамони шумо маҳбубае, маъшуқае, завҷае дорад?

– Дар ин бора фикр ҳам накардаам! – ҷавоб дод Мирзо.

– Бешубҳа, шумо қаҳрамонатонро чун панҷ ангушт мешиносед, метавонед рафтор, кирдор, ахлоқи онро таъриф кунед, ӯро ҳарҷониба ба хонанда шиносонед. Лекин боз як чизи сазовори диққате ҳам ҳаст, ки асари бадеӣ бе он хирааст. Ман занро дар назар дорам. Зан, ки иҷрокунандаи нақши маҳбуба аст ё маъшуқа, зан ё хоҳар ё модар, мусбат аст ё манфӣ, лекин барои достон зарур аст, достонро рӯҳ мебахшад, дилнишин мекунад.

– Инро ман дар назар дошта будам... Лекин ба фикрам воқеаҳои достону қаҳрамони хеле наҷиби он достонро оро медиҳанд, дилписанду завқовар менамоянд.

– Боварӣ доред?

Баъд аз наҳори нимрӯзӣ дам нагирифта, ба дарё, барои моҳигирӣ рафтем. Шастҳоро ҷо ба ҷо карда,. ба сӯҳбати эҷодӣ сар кардем.

– Гапи ту ҳақ! Ҳасан бояд номзад дошта бошад. Ишқи духтари соҳибҷамол ба Ҳасан қувваи тоза мебахшад.

– Тимсоли он соҳибҷамоли «нест андар ҷаҳон»-ро ёфтед?

– Ёфтам, ҳоло ҳам дар пеши назарам бо нозу нузи камбағалонааш намоён аст. Лекин навиштани бобҳои ишқӣ душвортар аст.

– Барои шумо бояд осонтар бошад. Шумо чун муаллифи либреттои «Тоҳиру Зӯҳро» ҳар чи бошад таҷриба доред!

– Замони вайҳо дигар буд...

– Яъне дар замони мо ишқ «бесӯзугудоз», «кампирҳо беоҷинг»?

Мирзо хуб хандиду гуфт:

– Ман он мақолае, ки мунаққид «Ёри шуғнонӣ»ро танқид мекунад, хонда будам.

– Вай маро айбдор мекунад, ки ман дар ҳаҷри ёр «шабҳо бехоб ва бо чашми пуроб» будам.

– Агар мунаққид ту барин дар ин ҷову номзадаш дар Помир мебуд ва аз он на хате мегирифту на хабаре... ин гуна даъво намекард. Лекин дар баробари ин мо набояд фаромӯш кунем, ки лирикаи сотсиалӣ, ё чи тавре ки мегӯянд, гражданӣ ҳама

вақт ва махсусан ҳозир, ки халқҳои мустамлика ба муқобили мустамликадорон сар бардоштаанд, хеле ҳам зарур аст.

...Ба муборизони зиддимустамликадорӣ бо асарҳои худ ҳамкорӣ намудан раъй ва мароми Мирзо Турсунзода буд. Баъзеҳо гуфтанӣ мешаванд, ки гӯё сабабгори ҷаҳиши эҷодии Мирзо сафари ӯ ба Ҳиндӯстон бошад. Ин фикри хатост. Дар кори эҷодӣ «ғалабаҳои» тасодуфи чун гули бемавридшукуфта бебаҳо ва зуд пажмурдашавандаанд. Мирзо чун шоири интернатсионалист ба ин сафар пешакӣ тайёр буд.

Ҳиндустони афсонавӣ. Ҳангоме ки шоир ба он ҷо қадам мегӯзорад, бештар аз он чизе, ки дар Ватанаш аз мӯйсафедон ва ҳиндуҳо дар бораи ин мамлакат шунида буд, бо чашми худ мебинад. Мафтуни дастони қодири табиат мегардад. Дар пеши назараш осмони нилуфар лаълсифат ҷилва мекунад, об дар шуои офтоб чун симоб печутоб мехӯрад, рӯди Ганг дар шабҳои тор ҳамранги Коҳкашон мешавад ва дар шабҳои маҳтобӣ шамшери фотеҳонро ба хотир меорад, лолаву себарга ба вақти саҳар аз лӯълӯи тар ҳалқабагӯшанд, дарахтон ба ҳавои чаман аз бадан бол мебароранд, дар як сӯ навои булбулон, дар сӯи дигаре фарёди филон, боғи муаллақи моҳу солҳо пур аз сайёҳҳони аҷнабӣ ки онро биҳишти рӯи замин меноманд, ҳамеша сабзу хуррам аст ва ранги он дар об чун шӯълаи маҳтоби сабзест, ранги гулҳои зебояш ба рӯи ёри соҳибҷамол мемонад, дар соҳили рӯди Ҷамна қасре истодааст, ки машъалосо нурафшон мебошад ва номи он Тоҷмаҳал аст...

Ҳамаи ин зебоиҳо шоирро ба ваҷд мееоранд, лекин онҳо барои ӯ нав нестанд. Дар васфи онҳо асрҳо соҳибқаламон қаламронӣ карданд. Шоири дунёи нав мехоҳад ба гулхан то даме нигарад ва он чиро кобаду ёбад, ки диданаш кайҳо зарур буд, вале ҳанӯз касе надидаасту наёфтааст! Бо ин мақсад шоир пардаро аз рухи ҳақиқат мебардорад. Дар пеши назари ҷаҳониён ба ҷои Ҳиндустони афсонавӣ Ҳиндустони ғоратшуда намоён мешавад, ки пур аз бечорагону бенавоён аст, халқи мазлумаш барои луқмаи нон на рӯз роҳат дораду на шаб... Дар баробари ин шахсони сангдиле намудор мешаванд, ки аз мағрибзамин ба Ҳиндустони дур омадаанд, худро ҳомиёни ин халқи ба ҳалокат дучоршуда меноманд, вале дар амал на парвои оҳу нолаи кӯдакони гурусна доранду на парвои ашки хунолуди падарону модарони онҳо, дар кӯчаҳо гоҳ

чун сипоҳ намоён мешаванду гоҳ чун гадо, гоҳ чун гурбаи поядаи муше ва гоҳ чун аз гурба гурезанда муше...

Шоир бо қалами худ аз рӯи онҳо ниқоб мебардорад ва онҳо дар пеши назари умум чун ғоратгарони молу ҷони Ҳиндустон ва сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо, бародаркушиҳо, низоъҳои қабилавӣ, мазҳабӣ ва гуруснагиву гадоӣ фош мешаванд.

Аз дидани ин манзара шоир маъюс намешавад ва як бори дигар ба чеҳраи халқи ҷафодидаи Ҳиндустон менигарад ва шод мегардад, ки «меҳмони» мағрибӣ, «гарчи дусад сол дар ин хона монд, лек бар ин оила бегона монд» ва ҳукми ӯ бебақост ва гарчи сари халқ аз ғам сафед шуда бошад ҳам, вале дили ӯ ҷавон ва пур аз умед аст ва бозувони он барои мубориза қавианд!

Овози шоир дар фазои васеи Ҳиндустон паҳн мешаванд, вай дар шахси Ганги муқаддас ба халқи озодихоҳи Ҳиндустони кабир муроҷиат мекунад, ки эй рӯди бузурги Ганг – модари Ҳиндустон, чун рӯдҳои кӯҳӣ зиндагӣ кун, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун, ҳамаи мамониатҳоро бераҳмона аз роҳи худ дур андоз ва несту нобуд кун!

Ин овози шоири советии тоҷик, ба қавли шоири маъруфи Ҳиндустон Ғулом Тобони Рабонӣ, ба як чашм задан дар фазои кабири Ҳиндустон паҳн шуда, дар дили миллионҳо мубориззони зиддимустамликадорӣ ба худ ҷо ёфт ва тавоноии овози ӯ шояд аз он бошад, ки овози шоирони советӣ бо овози «Аврора» омехтааст.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» тез паҳн шуда, писанди халқи озодихоҳи Ҳиндустон гардид. Мардуми Ҳиндустон дар шахси Мирзо Турсунзода фарзанди азиз ва аҳли дарди худро дид. Бесабаб набуд, ки рӯзномаҳои прогрессивии ин мамлакат он рӯзҳо ӯро шоири миллии Ҳинд эълон карданд.

Дӯсти мардуми Шарқ, нависандаи бузурги рус Николай Тихонов ҳикоя мекунад, ки боре бо сардории ӯ чанд нафар нависандагони советӣ, ки Мирзо Турсунзода ҳам дар байни онҳо будааст, ба Қарочӣ сафар мекунанд. Вақте ки ба сарҳад наздик меоянд, сардори посбонон марди тануманд ва ҷасуру диловаре, ки барои озодии ватанаш на яку на ду бор бо мустамликачиён дастбагиребон шуда хун рехтааст, ба назди онҳо меояд ва бо тамоми дастуру қоидаҳои сарҳаддӣ

ҳуҷҷатҳои онҳоро талаб мекунад. Онҳо ҳуҷҷатҳоро ба дасти ӯ медиҳанд. Сардор тасодуфан аввал ҳуҷҷати Мирзо Турсунзодаро мекушояд, якбора бар рухи ҷиддии ӯ табассум гул мекунанд, ҳуҷҷатҳои дигаронро ҳатто накушода, гардонда медиҳад ва меҳрубонона «Марҳамат як пиёла чой» гуфта, ба хонаи хурде, ки эҳтимол қаровулхона буд, онҳоро даъват мекунад. Ҳангоми сӯҳбати хеле самимона сардор гуфтааст, ки дидани дидори шоире, ки аз шеърҳои ӯ садои задани дили муборизони нимҷазираи Ҳиндустон шунида мешавад, барои ӯ шарафи бузургест...

Мавзӯи байналхалқӣ аз ибтидо қисми ҷудонашавандаи адабиёти советии тоҷик буд. Осори дар ин мавзӯъ навиштаи Мирзо Турсунзода пурҷозиба ва пурҳароратанд. Онҳо дар ибтидо ҳамсадои муборизони Ҳиндустон, баъд бо равиши инкишофи ҳаракати зиддимустамликадорӣ садои муборизони озодихоҳи Осиёву Африқо ҳам гардиданд...

Моҳиҳоро ба Фармонбек додем, ки доғ кунад. Тётя Паша онҳоро аз дасташ гирифта:

– Вай аз ӯҳдаи чунин корҳо намебарояд, – гуфт-.

Мирзо дар ҳайрат афтод.

– Вай чӣ гуна мард будаст, ки моҳиро доғ карда наметавонад? – пурсид Мирзо.

– Ман зиндаро беҷон кардан наметавонам. гуфт узрхоҳона Фармонбек.

– Лекин гӯшту шӯрбояшро то охир мехӯрад! – таъна зад тётя Паша.

– Ту аз куҷоӣ? – пурсид Мирзо

– Аз Вахонзамин....

– Ҳамсояи ҳиндуҳо гӯй! – хандид Мирзо. – Ҳунари ҳофизӣ надорӣ?

– Ду се сол пеш камкам машқ карда будам, бо ҳаваскорон дар клуби районӣ баромад ҳам карда будам... Аммо як бор як мардак аз роҳбарони район маро барои як ғазали Туғрал сарзаниш кард, аз ҳамон вақт суруд хонданро партофтам.

– Ту худат Туғралро мешиносӣ?

– Не, намешиносам.

– Аз куҷо буданашро ҳам намедонӣ?

– Аз афташ аз Вахонзамин бошад, шеърҳояшро дар ҳамон ҷо бисёр мехонанд ва ҳеҷ кас ҳам онҳоро манъ намекунад...

Мирзо аз шунидани суханони Фармонбек бо завқ хандид ва ба тётя Паша:

– Моҳиро доғ кунед, – гуфт, – ҳар қадар хоҳед хӯ ред, боқимондаашро ба мо меоред.

Тётя Пашаву Фармонбек рафтанд. Мирзо ба кат дароз кашида:

– Бечора Туғрал, – гуфт. – Халқ ӯро дӯст медорад шоири худ мехонад, шеърҳояшро дар тӯйҳо месарояд… Лекин мо? Кайҳо лозим буд, ки масъалаи ба чоп тайёр кардани куллиёти ӯро ҳал намоем.

– Барои куллиёт асар лозим аст.

– Ҳамшаҳриҳояш мегӯянд, ки дар дасти хешонаш шеърҳояш бисёр аст, барои панҷ ҷилд китоб мерасанд! Чӣ қадар шеърҳои баъди революционии ӯ дар дасти Пӯлодов ном шахсе, ки як вақтҳо дар он район ӯ котиби крмитети партияви будаст, мебошад!

– Метарсам, ки ҳамаи ин гапҳо ҳавоӣ набошанд.

– Як вақтҳо ба наздам Шанбезода омада, хоҳиш кард, ки барои ба чоп расондани эҷодиёти шоири халқии Помир Қудрат ба вай ёрӣ расонам. Баъд аз чанд рӯз бо ҳамин масъала Тилло Пӯлодӣ омад. Дар охир маълум шуд, ки на дар дасти ин чизе ҳасту на дар дасти он.

– Ҳамин тавр ҳам бо Муллоёри Дарвозӣ шуда буд.

– Бо вуҷуди он масъалаи Туғралро ҳал кардан лозим аст. Агар лозим шавад барои ҷамъ кардани асарҳои парешонаш ба районҳои водии Зарафшон бригадаи нависандагонро мефиристонем.

...Аз рӯи маслиҳат субҳи барвақт тӯшаи роҳ гирифта, барои ревоҷи тагисангӣ ба сӯи кӯҳ раҳсупор шудем.

Мирзо дар роҳ аз нав масъалаи адабиётро бардошт.

– Мирзо, – гуфтам, ман, – дар дунё ба ғайр аз адабиёт гапи дигаре нест?

– Бародар, дар пеш анҷумани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон истодааст. То он вақт бисёр масъалаҳои муҳимми адабиётро ҳал кардан лозим аст. Мана, дирӯз дар бораи лирика сухан кушодему онро ба охир нарасондем. Ба фикри ман яке аз нуқсонҳои мо дар ин соҳа он аст, ки ба проблемаҳои муҳимми адабиёт яктарафа нигоҳ мекунем. Шоир, мунаққид, нависанда... бояд тақозои замони худро ба

назар гирифта, асар нависад. Дар солҳои ҷанг асарҳое навиштем, ки барои муҳофизати Ватан аз фашизм даъват мекарданд, дар рӯзҳои аввали баъдиҷангӣ вазифа иборат аз он буд, ки асарҳои мо барои барҳам додани оқибатҳои ҷанг халқро сафарбар намоянд. Ман бояд гӯям, ки дар ин давра муваффақ гардидем, ки на танҳо аз доираҳои танги мавзӯи «дохилӣ» бароем, балки инчунин мавзӯъҳои умумииттифоқӣ, байналхалқӣ ва интернационалистиро дар назми тоҷик акс намоем, ба ин восита назми советии тоҷикро дар қатори назми халқҳои бародарӣ ба арсаи ҷаҳонӣ барорем. Лекин бо ин қонеъ шудан ҷиноят аст. Бисёр рафиқони мо дар солҳои охир ба «истироҳати эҷодӣ» баромадаанд.

Мирзо дар қатори дигарон ману Боқӣ Раҳимзодаро барои он танқид кард, ки дар давоми соли 1952 дар саҳифаҳои «Шарқи Сурх» ҳатто номи моро надидааст...

Роҳҳои каҷу килеб, пайраҳаҳои борику беохирро баҳскунон тай намудем. Ба доманаи кӯҳ ҳам расидем. Лекин ба ҷои ревоҷи такисангӣ танҳо сангҳои паҳлу гардондашуда ва ҷуқуриҳое дидем, ки аз он ҷо ревоҷҳоро канда гирифтаанд. Маълум мешавад, ки пештар аз мо омада «шикор» кардаанд.

– Насибашон будаст, – гуфт Мирзо.

– Баргашта равем?

– Агар монда нашуда бошӣ, – гуфт Мирзо, – боз каме болотар бароем.

.. Хайр, болотар бошад, болотар!

Акнун аз роҳу пайрахаҳо осоре набуд. Ба пеш нн гоҳкунон боло баромадан гирифтем. Торафт ба кӯҳи сиёҳдил наздик мешудем, Барф ҳам намоён шуд. Лекин аз ревоҷ осоре набуд. Дар тарафи дасти рост харсанги калоне намоён шуд. Мирзо «ҳозир меоям», гуфту ба тарафи он равон шуд. Дар ин асно уқобе чунон тезу номаълум ба ӯ ҳамла овард, ки ман танҳо садои даҳшатноки париданашро, ки садои снарядро монанд буд, шунидам. Мирзо фарёд зад: «Ҳушёр бош, аз афташ дар ин ҷо лонаи уқоб аст!» ва таги буттаи калоне пинҳон шуд.

– Мирзо, – гуфтам, – аз афташ лонаи уқоб дар наздикихои ҳамин харсанг аст. Ҳарчи зудтар аз ин ҷо гурехтан лозим аст.

Вақте ки ду–се километр поёнтар фаромадем ва бехатариро ҳис намудем, Мирзо «вақти наҳори нимирӯзӣ шуд!» гуфта, бар рӯи сабзаҳои кӯҳӣ нишаст ва фармон дод:

– Тӯшаро барор, ки ба умеди ревоҷ шуда аз гушнагӣ ҳалок нашавем!

– Ба умеди ревоҷ шуда, қариб буд, ки сайди уқобони кӯҳӣ шавем! Монда нашудаед?

– Не! Ман фарзанди кӯҳам, ҳар қадар болотар бароям ҳамон кадар худро беҳтар ҳис мекунам!

Дар хақиқат Мирзо кӯҳбароиро дӯст медошт. Ҳатто дар солҳои шастум, ки синну соли ӯ аз панҷоҳ гузашта буд, боре ба ману. Боқӣ Раҳимзода изхор кард, ки мехоҳад он ҷоҳоеро, ки як вақтхо дар он ҷо чӯпонӣ мекард, як бори дигар бинад ва илтимос кард, ки мо ҳамроҳи ӯ бошем. Розӣ шудем. Рӯзи дигар то деҳаи Қаратоғ бо мошин ва аз он ҷо аспакиву харакӣ ба чарогохи мазкур раҳсупор шудем. Зиёда аз сӣ километр роҳро тай карда, дар нимаи шаб ба он ҷо расидем ва чунон монда шуда будем, ки чизе нахӯрда хоб кардем. Вақте ки пагоҳӣ бедор шудем, Мирзоро бар сари баландие дидем. Ба сӯи мо бо даст ишора карда:

– Биёед, – гуфт, – бо чашмони ман манзараҳои зебои кӯҳистонро тамошо кунед!

Вақте ки ба Кондара наздик омадем, як гурӯҳ духтарон дар либосҳои рангоранг салом дода аз паҳлӯи мо гузаштанд. Аз дур овозашонро мешунидем, ки МЕГУФТАНД: « – Инҳо ботаникҳо бошанд ё кӯҳканҳо?», «Худо ҷонта бигирад, наҳод ки нафаҳмӣ, инҳо шоирҳои номдори моанд, чанд вақт боз дар ҳамин ҷоянд!», «Шоирҳо дар ин дараи беодам чӣ кор доранд?», «Рӯз мегарданд, ҳар касе, ки дучорашон шавад, кунҷковона суол медиҳанд, шаб ки шуд, нишаста, шунидагиашонро рӯи коғаз навишта, ба шаҳр мебаранд ва ҷувол–ҷувол пул мегиранд...».

Хостем духтараконро чеғ зада ҳақиқатро ба онон гӯем, лекин дар ин асно тётя Пашаву Фармонбек бо дастурхони бастагӣ аз пеши мо баромаданд. Хуб гилагузорӣ карданд, ки чаро чизе нагуфта ба кӯҳ баромадем, агар ба хирсе ё паланге дучор мешудем, чӣ кор мекардем? Дастурхонро нишон дода:

– Камтар таом овардем, – гуфтанд.

Мирзо барои ин ғамхорӣ ва меҳрубонии самимонаашон онҳоро бӯсид ва изҳори ташаккур намуд.

Вақте ки ба ҳуҷра дохил шудем, рӯи стол коғазе дидем, ки ба он навишта шудааст: «Мирзоҷон! Мувофиқи ваъдаам ома-

да будам, дуру дароз интизор шудам, наомадед. Ноумед шуда рафтам. Пагоҳ ба ҳеҷ куҷо наравед, Бобоҷон Ғафуров шуморо диданӣ. Бо саломи коммунистӣ Тоҳир Пӯлодов.»

Дар он вақт Пӯлодов котиб ва Бобоҷон Ғафуров котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистиа Тоҷикистон буданд. Пӯлодов дар ин муддати кӯтоҳ ду–се бор ба назди мо омада буд. Хабарҳои рӯз меовард, сурати моро мегирифту тайёр карда, тақдим мекард, порчаҳоро аз достон барояш мехондем, шунида мулоҳизаҳояшро мегуфт. Аз афти кор ба он ҷо омадани Ғафуров ҳам бо ташаббуси ҳамон кас бошад, чунки ӯ аз омадани мо ба Кондара хабар надошт.

Бобоҷон Ғафуровро нависандагон дӯсти адабиёти тоҷик меноманд ва ин барои ҳурмат не, балки ҳақиқат аст. Ҳатто дар он солҳое ҳам, ки танҳо мудири шӯъбаи пропагандаи Комитети Марказӣ буд, роҳбарӣ ва ғамхорӣ ба адабиётро вазифаи навбати аввали худ медонист. Бо ташаббуси шахсии вай аз Москва ба Тоҷикистон беҳтарин тарҷумонҳо даъват шуда буданд, ки осори классикҳо ва шоирони муосири тоҷикро ба русӣ тарҷума кунанд. Ба ин восита дар Москва тазкираи комили назми классикиву муосири тоҷик ба чоп расид. Вақте ки дар соли 1946 котиби якуми Комитети Марказии ПК Тоҷикистон интихоб шуда буд, ёрӣ ва ғамхории ӯ дучанд афзуд. Ин аст, кн омадани ӯ ба назди мо шодиву хурсандии калоне буд...

Бобоҷон Ғафуров бо мо ҷанг кард, ки чаро ба ин ҷо омадем? Чаро ба ӯ чизе дар ин бора нагуфтем? Вай метавонист моро дар Харангон, ки истироҳатгоҳи коркунони масъул аст, ҷой диҳад, барои кори эҷодӣ шароит пайдо кунад... Мо узрхоҳӣ намуда, фаҳмондем, ки дар ин ҷо ҳам гул асту ҳам булбул ва аз ҳама муҳиммаш ин ҷо ҳам аз сари роҳу ҳам аз шаҳр дур аст ва телефон надорад...

Баъд Ғафуров ҳикоя кард, ки партия ҳозир барои бардоштани иқтисодиёти мамлакат ва махсусан барои бардоштани иқтидори хоҷагии деҳот чораҳои амалӣ дида истодааст. Партия кӯшиш карда истодааст, ки дӯстону душманон набудани Сталинро ҳис накунанд, боварӣ ҳосил кунанд, ки пешбарандаи халқ шахсони алоҳрда не, балки Партияи Коммунистист. «Умуман, – гуфт, – шумо бояд аз материалҳои дар саҳифаҳои газетаҳои марказӣ чопшуда хулоса бароварда бошед, ки партия ба муқобили шахспарастӣ ҷанг эълон кардааст!

Мувофиқи хоҳишаш мазмуни достонҳои худро ба вай ҳикоя кардем. Вай хандида гуфт:,

– Аз рӯи мавзӯъҳои интихобкардаи шумо хулоса баровардан мумкин аст, ки қариб бист сол аз ҳаёт кафо мондаед! Республика бо суръати самолёт пеш меравад, шумо бошед ҳоло ҳам аробасавор!

Аз хандаҳои завқовари ӯ хулоса баровардем, ки вай шӯхӣ мекунад. Лекин мо хато кардем. Дар съезди нависандагони Тоҷикистон ҳам баромад карда ҳамин фикрашро такрор кард. Пас аз чанд сол ин достон бо достони «Садои Осиё» сазовори Мукофоти Ленинӣ гардид. Ғафуров Мирзоро ба ин муносибат оғӯш карда бӯсид ва муборакбод намуд...

Баъд аз рафтани Бобоҷон Ғафуров Мирзо фикркунон гуфт:

– Даъвои Бобоҷон Ғафуров ҷон дорад. Мо худро нависандагони муосир меномем, лекин мавзӯъҳои мо таърихӣ... Дар яке аз маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон доир ба ин масъалаҳо баромад кардан лозим аст.

Субҳи охирини мо дар Кондара. Машғули тарбияи ҷисмонӣ будем, ки аз поён чангу ғубор бархост.. Се мошин ба сӯи мо метохтанд. Яке аз онҳо мошини худамон буд. Дар он вақтҳо идораи мо як мошин дошт ва хизмати ҳамаро ба ҷо меовард.

Дар мошинҳо модарони бачаҳои мо бо бачаҳо ва дугонаҳои худ буданд. Тозон ба пешвози онҳо рафтем...

...Бачагон бозӣ мекарданд, метохтанд, ба сӯи якдигар об мепошиданд, бо завқ механдиданд.

– Агар инҳо калон шаванд, моро бо бозиҳои бачагонаи худ кӣ хурсанд мекунад? – нохост пурсад Мирзо,

– Набераҳо!

– Наход ки набера ҳам то ба ин дараҷа ширин мешавад?

* * *

Чароғҳои палатаҳои беморхона як–як хомӯш шудан гирифтанд. Аз дур духтури мо Саидкул Абдураҳмонович намоён шуд. Мирзо «рафтем!» гуфту бар кифтҳоям такя карда, аз ҷо хест.

Ба беморхонаи мо аз Ленинобод барои муолиҷа Раҳим Ҷалил омад. Бо хандаҳои ба худаш хос, моро оғӯш карда, бӯсид ва гуфт: «Зиқ нашавед!» – гуфта, ман ҳам омадам!..

Як саҳар Мирзо бо изтироб гуфт, ки Абдураҳими бечора

тамоми шаб сулфид, азоб кашид, рафта аз ҳоли вай хабар гирифтан лозим аст. Дар ин асно худи Раҳим аз дур салом дода, бо чеҳраи хандон ба назди мо омада, аҳволпурсӣ кард. Ҳар се нишастем. Ҳангоми сӯҳбат, латифаҳои навбофтаву навёфтаи Раҳимро шунида, хуб хандидем.

Боре, ба палатаи Мирзо даромадам, бинам хобидааст, нахостам, ки бедор шавад. Ҳангоми касалӣ хоб беҳтарин доруст. Оҳистакак баромада, дар зери сояи маҷнунбед нишаста, машғули журналхонӣ шудам. Ба ногаҳ овози Раҳим Ҷалил ба гӯшам расид:

– Мири шакарҳо, чӣ хонда истодаӣ?

Аз ҷо хеста, ӯро ба нишастан таклиф кардам. Нишаст, интизори ҷавоб нашуда, журналро аз дастам гирифта, нигарист ва замзама намуд: «Об–рӯшноӣ» баъд пурсид:

– Чӣ тавр, бӯи умед ҳаст?

– Аз он бӯи Норак меояд? – гуфтам бо ифтихор ва илова кардам, – ман аз муаллифи повест розиям.

Вай бо таклифу маслиҳати дӯстонаш як сол дар сохтмон коргари оддӣ шуда кор кард, заҳмату лаззати меҳнатро санҷиду чашид...

* * *

Дуру дароз бо Раҳим дар берун гаштем. Байни сӯҳбат Раҳим бо ташвиш ба ман рӯ гардонда, гуфт:

– Ба Мирзо чи шуд, ки на ҳалол таом мехӯрад, на берун ба ҳавои тоза мебарояд? Гард, як ба наздаш дароем!

Мирзо бар оринҷҳояш такя карда, фикркунон назди стол нишаста буд. Моро дида аз ҷо хест ва оромона «марҳамат, дароед» гуфт ва ба нишастан таклиф кард. Нишастем. Раҳим пурсид:

– Мирзоҷон ба ту чӣ шуд? На таомро ҳалол хӯрдиву на ба кӯча баромадӣ? Охир дирӯз ин тавр набудӣ–ку?

– Айнӣ, – гуфт хаёломез Мирзо, – дар рӯзҳои охири умраш дар боғи ҳукуматӣ зиндагӣ мекард. Касал буд. Ҳаррӯз ба диданаш мерафтам, дуру дароз нншаста сӯҳбат мекардем. Сӯҳбати мо аксар вақтҳо дар бораи адабиёт, нависандагон, махсусан дар бораи тарбияи эҷодии нависандагони ҷавон буд. Лекин рӯзе ӯро рангканда дидам ва ҳамин суоли туро ба вай додам. Устод бар асо такя карда, бо ҳасрат гуфт: «Он рӯзҳое,

ки сангро ҳазм карда метавонистам, чизи барои хӯрдан надоштам, вале имрӯз, ки ҳама чиз дорам, ҳӯрдан наметавонам, ҳатто шӯрбо аз гулӯям намегузарад!

Мо ки аз ҳоли Мирзо бохабар будам, хомӯш будам, вале Раҳим пурсид:

– Аз он кас ку сурхрӯдааш касал буд, аммо ба ту чи шуд?

– Лекин аз ман тамоми узвам касал аст, гуфт маъюсона Мирзо, – ҳатто чашмонам аз кор баромада истодаанд.

– Мон, Мирзо, ин гапҳои намешудагиро. «Ранга бину ҳола пурс» мегӯянд. Рангу рӯи ту лаъл барин. Беҳуда худатро накоҳон, – гуфт насиҳатомез Раҳим ва илова кард, – ту беҳтараш як ду се рӯз дам гир, ин китобҳову қоғазҳову қаламҳоятро даруни шикоф маҳкам карда мон! Бигзор онҳо ҳам дам гиранд!

Мирзо бо ришханд гуфт:

– Устод Айнӣ ҳар бор ин суханони Камолӣ Хуҷандиро такрор мекард: «То ҳаст зи ҷонам рамақе кори ман ин аст!» Ман ҳам шогирди Айниям.

* * *

Даводавии духтурҳо зиёд шудан гирифт. Рӯзи дигар гурдаҳои Мирзо аз кор монданд. Барои ёрӣ ба Москва муроҷиат карданд. Духтур Саидқул ба ману Раҳим гуфт, ки ҳамин бегоҳ бо самолёт аз Москва духтури гурда меояд. Аз нигоҳҳои маъюсонаи Саидқул фаҳмидем, ки касалии Мирзо хеле ҳам вазнин аст ва умеди ягона ва охирин аз табобати духтури сертаҷрибае, ки аз Москва меояд.

Фотеҳ Ниёзӣ омад. Ҳамроҳ ба назди Мирзо даромадем. Баъд аз ҳолпурсӣ Фотеҳ гуфт, ки «масъалаи сохтани хонаи тобистона барои шумо ҳал шуд. Калонҳо фаҳмидан мехоҳанд, ки дар куҷо онро созем? Дар Варзоб ё Қаратоғ?» Мирзо даст афшонда «хонаи ман акнун, – гуфт, – мана ҳамин палата, аз ҳамин ҷо маро ба адам мебаранд».

Он субҳе, ки ман интизор будам, дамид. Хабари хуше овард, аз шодӣ хоҳари шафқатеро, ки ин муждаи хуш оварда буд, беихтиёр бӯсидам ва гиря сар додам. Ҳамаи воқеаи шабро ба Раҳим ҳикоя кардам. Вай гила кард, ки чаро ӯро бедор накардам. Шодӣ дароз накашид. Дар охири он рӯз, баъди мудо-

хилаи дуюми ҷаррохӣ дили беқарори шоири бузург аз тапидан монд ва чашмони ӯ абадӣ аз дунё пӯшида шуданд.

Ҳамсафон ва шогидони Мирзо дар атрофи тобути ӯ ҷамъ омаданд ва дар нигоҳи ғамолуди ҳар яке хондан мумкин буд;

– Дӯсти мо, бародари мо, устоди мо, Мирзои азиз! Мо суханони пандомези падаронаву бародаронаи туро ҳеҷ гоҳе фаромӯш намекунем, аз рӯи онҳо амал мекунем, кору анъанаҳои туро давом медиҳем ва барои он мекӯшем, ки ҳеҷ вақт ба фикри касе наояд, ки ту дар сафи мо ва бар сари мо нестӣ. Бигзор ҳама ва ҳамеша бо боварии комил гӯянд, ки шоир Мирзо Турсунзода зиндааст, ба адабиёти тоҷик роҳбарӣ мекунад, гулгулшукуфии ин адабиёт самараи меҳнат ва ғамхории ӯст!

*Хабари мудҳише, ки дар назарам*
*Гӯиё кӯҳу даштро ларзонд,*
*Паҳн шуд дар фазо чу абри сиёҳ,*
*Ки дили шоир аз тапйдан монд.*
*Он диле, ки дили ҷаҳоне буд.*

*Шоири коммунисти мо Мирзо*
*Гул парастиду чашмасоронаш,*
*Сер асло нашуд тамоми умр*
*Аз тамошои лолазоронаш,*
*Дилхуш аз кишвари ҷавонӣ буд.*

*Гоҳ аз зиндагонӣ назми баланд,*
*Гоҳ аз назм зиндагонӣ сохт.*
*Рӯдакивор дар диёри Шарқ,*
*Алами назми тозае афрохт,*
*Сулҳро ёру пуштбоне буд.*

*Ҷойгир аст дар дили халқаш*
*Меҳри пурҷӯши ӯ, каломи ӯ.*
*Мешавад сабт бар ҷаридаи даҳр*
*Бо хати зар давоми номи ӯ*
*Зинда бо ишқи ҷовидонӣ буд.*

*Раҳим ҶАЛИЛ*

## БАХТИ БАЛАНДИ ШОИР

Соли шонздаҳум дар шӯриши хуҷандиён, ки зидди мутлақияти подшоҳӣ бардошта шуд, як нафар зан иштирок карда, афсонаи мардум гардид. Лақаби ӯ Ходими ҷамолак буда, номаш Бибисолиҳа Қобилова мебошад. Дар китоби «Инқилоб дар Туркистон», ки соли сиюм нашр ёфтааст, дар қатори расмҳои камёби таърихӣ расми толори калони он вақт ягонаи Душанбе «Хонаи Аскарони Сурх» низ ҳаст, ки пури вакилони аксаран ҷомапӯшу салладори анҷумани нахустини шӯроҳои Тоҷикистон аст. Дар он ҳам як нафар зани маҳаллӣ иштирок кардааст, ки фаранҷӣ ва чашмбанд дорад, вале ному насаби ӯ то ҳоло маълум нест. Аз байн андак вақт гузашту бо вуҷуди муқобилияти сахти девонавор, манъии шариату тариқат, ки ҳанӯз ҳукмрони зиндагии одамон буд, занони аз чордеворҳо берун омада на фақат чодари нангро ба оташ меандохтанд, балки дар корхонаҳои ҷамъиятиву давлатӣ ба кор медаромаданд. Мактабрав, хатхону хатнавис мешуданд ва аз ҳама аҷоибтараш, ба театрҳои халқӣ омада, ҳофизиву раққосӣ мекарданд. Нақши занону духтаронро акнун ҷавонписарон не, худи духтарон меофариданд. Ба чунин мӯъҷиза фақат Револютсияи Октябр қодир буд.

Аз байни ҳаваскорони санъати дар шаҳру деҳоти Хуҷанд овоза шудаи комбинати абрешим як гурӯҳи духтарони ба маънои томи он сухан диловару бебок ба театри шаҳрӣ омад. Театри аз муаллимону хизматчиёни идораҳо ташкилёфта то он вақт духтарон надошт. Дар ин гурӯҳ пиллакашдухтарони комбинат Тоҷинисо Султонова, Мағфират Аҳмедова, Сабоҳатхон Низомиддинова ва Розия Арслонова буданд.

Сабоҳати миёнақад, сафедпӯст ва чашму абрувонаш сиёҳи соҳибҷамол кокулони дарози бешумор дошт. Ба фаранҷипартоӣ, мактабравӣ, пиллакаш шудани ӯ на фақат бародарони ноҳамтани ӯ, балки хешовандонаш ҳам розӣ набуданд. Дар кӯчаҳои хилват сари роҳашро мепоиданд, ки дастгир кунанду аз нав ба сараш фаранҷӣ партоянд. Хонанишин кунанд. Аммо ҳамаи ин макру ҳиял ва пӯписаҳо Сабоҳатро наметарсониданд. Духтаре, ки шарбати озодиро чашидааст, таъми онро магар якумр фаромӯш мекард?

Сабоҳат бебокона ба театр омад. Коллективи ҷавон «Маликаи Турандот»-ро ба саҳна мегузошт. Таҳиягари худрӯй бе фикру хаёли дуру дароз ба Сабоҳат фармуд, ки песаро хонда бароядва аз он суханони Маликаро ёд кунад. Пиллакашдухтари аз мураккаббию душвории офариниши нақши Малика бехабар таклифро қабул кард. Ҳарчанд матни суханони ӯ дар намоишнома калон набуд, Сабоҳат ба маънии ҳарфҳои он намерафт. Дар он калимаҳое буданд, ки забони ӯ ба талаффузашон намегашт. Ӯ ба ваҳм афтод. Пушаймон мешуд. Ба таҳиягар рафта, аз ӯҳдаи чунин кор намебароям гуфтанӣ ҳам шуд. Вале зуд аз раъяш гашт. «Агар ман аз ӯҳдаи ин кор намебаромадам, ӯ ба ман намесупурд, – аз дил мегузаронд ӯ. – Модом ки ба ман супурд, пас метавонам. Аммо чӣ тавр? Оё шарманда намешавам?» Ӯ ҳамаи калимаҳои барояш номафҳумро қатор карда навишт ва назди таҳиягар бурд, ки бифаҳмонад. Лекин вай хандид.

– Рости гапро гӯям, духтар? Баъзе ин калимаҳоро худи ман ҳам намефаҳмам. Пагоҳ як каси мутасаддии забону каломи театр ин ҷо меояд. Ана вай маънии ҳамаи ин ҳарфҳои каллакафону дандоншиканро, албатта, хуб медонад. Аз вай илтимос мекунем, ки намедонистагиамонро маънидод ва суханони душворфаҳмро дигар кунад. Мегӯянд, ки ҷавон бошад ҳам, нависандаи зираку пурдон. Пас аз хатми дорулмуаллимини Тошкент дар газета кор кардааст.

Таҳиягар саволномаҳои Сабоҳатро баргашта, ба дасташ дод. Пагоҳии он рӯз, вақте ки аз рӯи намоишномаи «Маликаи Турандот» машқи ҳунарпешагон давом дошт, директори театр муаллим Ҳоҷихон Умаров ҷавонеро ҳамроҳ гирифта омаду ба ҳама рӯй оварда, гуфт:

– Дуоямон иҷобат шуда, охир раҳбари адабидор шудем. Шинос шавед: шоир ва нависандаи ҷавон Мирзо Турсунзода. – Умаров гӯё аз саҳнаи театр барои тамошобинони бисёре сухан мегуфта бошад, овозашро баланд карда, дар ҷои истодааш чарх зада, ҷавонро нишон дод.

Вале ин ҷавони бист–бистудусолаи миёнақад, газгӯшт, сурхина ва кулчарӯӣ, сияҳчашм ва ғуллимӯйро, ки болои абрӯи рост холи сиёҳи майдаи гӯштӣ дошт ва аз муаррифии ботантанаи директор хиҷил ва сурх шуда буд, аз ҳозирон касе намешинохт. Мирзо аз костюми васеъ ва нимдошт шарм медошт магар, ки араки рӯяшро пок карда, ҷузъгири коғазиро ба остонаи тире-

за ниҳоду бо ҳа маи ҳозирон вохӯрдӣ кард. Ба ҷои нишондодаи таҳиягар нишаст. Директор вазифаашро ба ҷо оварда, рафт.

– Хуш омадед, шаҳрамон пешкаш, – таҳиягар даст ба китфи Мирзо гузошта, ӯро андак ба тарафи худ кашид. – Ғайр аз се нафар муаллим, ки баъди дарс ба кори мо меоянд, дигар ҳама чӣ тавре ки мебинед, ҷавонҳо. Талабаю толибаи мактабу ФЗУ–и комбинати абрешим. Дар бобати забони адабӣ ҳамаамон пиёда. Ба театр омада истодани шуморо шунида, дина боз ман ба куртаам намеғунҷам. Рӯзи гузашта ана ин духтарамон – ба Сабоҳат ишора кард таҳиягар, – як саволномаи калон бардошта омад: рӯихати калимаҳое, ки аз песаи «Маликаи Турандот» ёфтаасту маъниашро нағз намефаҳмад. Ман муллоҳои пештара барин дар хона моидани айнакамро баҳона кардам. Аммо хушхабар додам, ки пагоҳ мушкилкушои мо – роҳбари қисми адабӣ меоянд. Ана ҳамин тавр. Мирзоҷон, иқрор мекунам, ки на фақат Сабоҳат, балки ҳамаамон ба тарбияву таълим мӯҳтоҷем. Канӣ, аз нӯги хамир фатир кунем. Саволномаатонро ин тараф диҳед.

Таҳиягари хуштакаллум Мирзоро, ки аз муҳити нав, аз тантанаи шиноскунӣ ҳанӯз ба худ наомада буд, ба гап гирифт, ки ӯ зуд дар байни одамон худро каси худӣ дарёфт ва рӯихатро гирифта, ба маънидоди калимаҳо шурӯъ кард.

Вай гӯё ҷӯшу хурӯши ҷавониро надошт. Калонсолона ва батамкин сухан мегуфт. Ниҳоят ба даст қалам гирифту ба ҷои калимаҳои «дандоншикан» фаҳмояшонро ёфта гузошт. Як соати машғулияти ҳунарпешагони театр бо ҳамин анҷом ёфт. Чун таҳиягар ӯро барои таоми пешин ба хонааш даъват кард, Мирзо гуфт:

– Маъзур, ман ба идораи газета бояд равам.

Мирзо ба назди ман мебоист ояд. Дар хона барои ҳардуи мо таом тайёр мекарданд.

Се рӯз аз ин пеш, бегоҳирӯзӣ, дари кӯчаи мо кӯфта шуду баромада як ҷавони сарлучи нимпӯстинпӯшро дидам, ки ҷомадони фанерии лӯлаболиштшакли кӯҳнае дар даст дошт. Ӯ ба назарам гарм намуд. Вале ба ёдам намерасид, ки дар куҷо дида будам.

– Шумо, аз афти кор, маро нашинохтед. Ман Мирзо Турсунзода, гӯён даст дароз кард ӯ.

– Маро мебахшед, Мирзо, – узр хостам. – Ман сурати шуморо дидаам. Медонед дар куҷо? Дар алманах. Маҷмӯаи

ҳикояҳоятон «Байрақи Зафар»-ро ҳам хонда баромадам. Гапҳои мондагиро сонӣ мегӯем. Марҳамат, – аз дасти Мирзо ҷомадонашро гирифтаму пеш даромадам ва ба ҳавлӣ даровардам. Модарам, ки дар рӯи ҳавлӣ буд, бо лаби сарбанд рӯяшро пинҳон кардан хост, нагузоштам. – Ошнон сталинободии ман, шоир Мирзо Турсунзода, меҳмон шуда омадаанд.

Модарам ҳар касро ки шоиру нависанда номам, чӣ ғоиб ва чӣ ҳозир, иззату ҳурмат мекард. «Шоиронро пештар валиюлло мегуфтанд. Агар одам назаркарда набошад, шоир намешавад», – мегуфт ӯ. Аз ҳамон вақте ки шеърҳои навмашқонаамро барояш хондам, маро шумо–шумо мегуфту ба «номам калимаи Абдуро илова намуд. Аз ҳамин ҷо буд, ки Мирзо Турсунзода то охири умр маро Абдураҳим меномид.

Модар номи шоирро шунидан замон омада, ҳоло аҳволи Мирзо ва таваккалан саломатии падару модар ва хешу ақрабоёни ӯро пурсид. Хушомадӣ карда, ба меҳмонхоначаи рӯи ҳавлӣ даромада, зуд яккаандозҳо кушод, болиштҳоро ба девор такя кунонда монд ва баромада моро ба он ҷо даъват кард. Фурсате нагузашта, ҳамсарам чойники чой, пиёлаҳо ва модар дастархону лаълӣ бардошта даромаданд ва боз «хуш омадед!» гуфта рафтанд.

– Ман аввал ба меҳмонхонаи шаҳрӣ рафтам, – гуфт Мирзо, – медонистам, ки бе паспорту сафарнома ҷой намедиҳанд, аммо умед карда рафта будам. Ҷой надоданд. Дар Хуҷанд ғайр аз шумо шиноси наздики ман Ҳаким Карим аст. Суроғ карда, ба ҳавлиашон рафтам.. Падарашон гуфтанд, ки ба хона дароед, раво надидам. Ночор шуморо безобита кардам, ки узр мехоҳам. Шумо медонед ман дар идораи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардам. Бо фалонӣ ошам напухта монд. Бинам, ҳар чизу ҳар гапро баҳона карда, айбу эродгирӣ мекунад, ариза дода, аз кор холӣ шудам. Гумонам ин буд, ки аз ягон газетаи дигар кор меёбам. Аммо вай дили газетаҳои дигарро аз ман беҳузур карда будааст. Ноилоҷ билет харидаму рост роҳи Хуҷандро гирифтам. Аммо набудани Ҳаким Карим маро ғамгин кард.

– Ҳаргиз ғам нахӯред. Барои шумо кор ёфтанро ман ба зиммаи худ мегирам, – қавл додам. Ба ёдам мерасид, ки мудири маорифи шаҳр ва директори театр аз ман илтимос карда буданд, ки раҳбарии қисми адабии театрро ба ӯҳда гирам. Аммо ман қабул намекардам, ки ба кори газета халал мерасонад. –

Истед, ки Мирзо, то аз газета ҷой ёфтан раҳбари қисми адабии театр шудан намехоҳед? Агар шумо розӣ бошед, худи пагоҳ гапзанон мекунам. Ин ҷой холист ва каси муносиб пайдо карда наметавонистанд.

– Меравам, – дарҳол розӣ шуд Мирзо. – Маҳмудов ном як ошнои бухороии ман, ки дар театри Сталинобод режиссёр шуда кор мекард, ҳамин рӯзҳо директор ва режиссёри шумо шуда меояд. Одами хуб. Ба драматургҳои ҷавон то аз дасташ омадан ёрӣ мерасонад. Ман бо ёрии ӯ «Ҳукм» ном песа навишта истодаам. Навишта тамом мекунаму қабул шавад, Маҳмудов ба саҳнаи ин ҷо гузоштанӣ.

– Ин боз хубтар аст, – дили ӯро бардоштам ва пурсидам: – Бо Ҳаким Карим чӣ гуна ва кай боз ошноӣ доред?

– Соли бисту ҳаштум дар вақти таътили тобистонӣ ман кор кофта ба Шаҳринав омадаму ба комиҷроияи район рафтам. Ҳаким Карим дар он ҷо муовини раис буд. Ӯ куҷоӣ ва дар куҷо хонда истоданамро пурсида ариза нависонд. Навишта ба дасташ додаму муносибаташ якбора гарм шуд.

– Монанди Хоҷаи Хизр пайдо шудӣ, Мирзо, – завқ мекард ӯ. – Котиби масъуламон нозу нузҳои нав бароварда, як рӯз ба кор ояд, ду рӯз наомада, аз ҷонамон сер мекард. Ту ба пои худат даромада омадӣ. Дар куҷо истиқомат мекунӣ? Ҳамин рӯз омадӣ? Навишта мемонам, ки имрӯз рӯзи пурхосият аст. Ана ин коғазро мегирӣ. Ба меҳмонхонаи мо меравӣ. Одам ҳамроҳ мекунам. Туро мебарад. Аз он ҷо ҷой мегирӣ. Шустушӯ карда, худатро ба ифоқа мебиёрӣ. Пагоҳ, бозоргир шуда меоӣ... Кистӣ? Котиби масъул! Магар ин шӯхист? – Ҳаким қоҳ–коҳ механдид. – Ҳусни хати аҷоиб доштаӣ, Мирзо! – Аризаро боз ба даст гирифта хушҳолона аз назар мегузаронд ӯ. Ба ҳамин тариқ ман ду моҳ вазифаи котиби масъулро иҷро карда, бо Ҳаким Карим кор кардам. Вай ҳамон вақтҳо ҳам нависнавис мекард, ки қитирқитир меномид. Вай аз нақли одамони ба арзу дод омада ҳикоя менавишт. Қӯтоҳ-кӯтоҳ.

– Дар кӯтоҳнависӣ ӯ муаллими ҳамаи мост. Ҷумҳадои ӯ мӯъҷазанд, – ба ҳарфи Мирзо ҳамроҳ шудам. – Лекин ӯ дар Шаҳринав кор карданашро нагуфта буд.

– Намедонам, дар он ҷо аз кай то кай кор кард. Ҳамаи фаъолони районро нағз медонист. Бо аксар шиносоӣ ва рафту омад дошт. Аз Ғарму Кӯлоб шиносонаш меомаданд. Ӯ дар

меҳмонхона онҳоро бо палави дастии худ зиёфат мекарду то саҳариҳо ба гапҳояшон гӯш медод. Баъди рафтани онҳо ба дафтари калони хотирааш, ки ба дафтари нақду насияи дӯкондорон монанд буд, – Мирзо базеб хандид – бо хати хушрӯй ва хонои «настаълиқ сабту қайдҳо мекард. Ҳаким Карим дар газетаи шумо чӣ кор мекарданд?

– Ҷонишини муҳаррир. Лекин тамоми масъулияти газетабарорӣ дар зиммаи он кас буд, – ҷавоб додам ман. Дасти ҳамаи моро ба кори газета Ҳаким рост кард. Ӯ кори газетаро бағоят дӯст медошт. Ҳоло чанд вақт боз тарҷумони бюллетени Совети Комиссарони Халқӣ шуда кор мекунаду ба тоҷикони дар Москва мехондагию кор мекардагӣ мақолаҳо нависонда, таҳриру тайёр карда мефиристад. Ҳаким хушбахт аст. Ӯ ҳамроҳи Лоҳутӣ кор мекунад, ки муҳаррири тоҷикии ҳамон бюллетен аст.

– Ҳаким Карим Лоҳутиро кӯҳна медонист, – гуфт Мирзо. – Эҳтимол ӯро ҳамон кас даъват карда, Маскав бурда бошанд. Лоҳутӣ боре дар Шаҳринав меҳмони Ҳаким Карим шуданд. Одамон ба як ҳуҷра нағунҷиданд. Ҳаво хеле салқин бошад ҳам, дар берун нишаста, Лоҳутӣ шеърхонӣ карданд. Мардум бевақтии шаб рафтанд. Баъди рафтани онҳо ҳам ин ду нахобиданд. Дар ёдам нест, аз кӣ буд, Ҳаким тарҷума кардааст. Тарҷумаашро ба Лоҳутӣ мехонд. Он кас пеш–пеш ислоҳ мекард. – Мирзо баъди таваққуфе боз ба мавзӯи аввала баргашт. – Гирем, ки кор ёфт шуд. Ҷои истиқомат чӣ мешавад? Барои ман як кулбаи фақирона бас аст, ки як катчаю столу ду стул ғунҷад.

– Ҳазрати хоҷаи Ҳофиз дар аввали ғазале як байт дорад:

*Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,*

Сатри дуюмро Мирзо хонд:

*Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст!*

– Ташаккур. Намедонам миннатдории худро ба шумо чӣ тавр изҳор кунам. Аммо меҳмон дуру дароз наравад, ба дили соҳиби хона мезанад. Дар ин боб байти аҷоибе хонда будам:

*Меҳмон гарчи азиз аст ба монанди нафас,*
*Танг месозад агар ояду берун наравад...*

– Шумо аз он меҳмонҳое нестед, ки танг созед. Саросема намешавед. Сонитар ҷой ҳам меёбем. То он дам ин хона дар ихтиёри шумо. Ҳамеша дараш ба рӯи шумо кушода.

Ҳамон шаб ӯ аз саргузашти худ шаммае нақл кард. Модараш соли шонздаҳум вафот кардаасту симои вайро дар ёд надорад. Ӯ то соли бисту панҷум дар тарбияи падари дуредгараш мешавад. Моҳи декабри ҳамон сол ба Душанбе омада, ба хонаи сағирон даромада, дар техникуми педагогӣ таҳсил мекунад. Соли бисту ҳафтум, баъди як соли вафоти падараш, ӯ хушбахтона дучори як одами маърифату маданиятдӯсте мешавад. Шояд ӯ аз қобилияти Мирзо огоҳ шуда бошад, ки ҳамроҳи ҷамоае аз бачагони толибилм ба ароба савор карда, то Термез мебарад. Баъд ба поезд шинонида, ба Тошкент мефиристад. Мирзо дар дорулмуаллимини тоҷикон аъло хонда, соли сиюм онро хатм намуда, ба Сталинобод омада, ба кори газета медарояд. Ҳамаи касбу ҳоли шоири ҷавон ҳамин буд.

Пагоҳи ҳамон рӯз ману Мирзо ба шӯъбаи маорифи халқ рафтем, чун ман номи ӯро гирифта, ба мудири маориф шинос кардам, ӯ дасти Мирзоро аз нав фишурд.

– Муаллими шумо Маннофзода, ки мо ҳама ӯро ҳамчун зиёии ҳақиқии шӯроӣ, тарбиятгари пурдон ва ғамхор ҳурмат мекунем, номи шуморо дар қатори шогирдони нағзаш ба забон мегирифт. Шумо аз Қаратоғи Ҳисор не, охир? – пурсид ӯ. – Дидед. Ҳам ному ҳам насабатон дар хотирам мондааст. Назари рафиқ Маннофзода ҳар касро ҳам намегирад. Ягон одами мувофиқи табъи ба ин кор муносибро намеёфтем. Ин кас бошанд, серкориро баҳона мекарданд, – ба ман ишора намуд мудир. Ӯ зуд ба номи директори театр хат навишта дод, ки ба кор қабул кунад.

– Ҳаракат мекунем бароятон истиқоматҷо ёбем, – қавл дод мудир.

Ману Мирзо бо сафои хотир аз назди ӯ берун омадем.

– Ман ҳеҷ гумон намекардам, ки мушкилоти ман ин тавр осон мешавад, – оҳ кашид Мирзо. – Хуҷанд чӣ қадар хушрӯй! Кӯҳи баланд, дарёи калон, боғу роғи пури меваю шарбат.

– Магар шумо дар Хуҷанд аз ин пеш ҳам будед? – пурсидам.

– Ба алавгирӣ омада рафта будам. Дар гуфтугӯи мардуми ин ҷо ннз оё чунин ибора ҳаст?

– Ҳаст. Агар меҳмон омадан замон монанди шумо ҳаракати

рафтанро кунад, «магар ба алавгирӣ омадаӣ» мегӯянд. Кай омада, оташ гирифта рафта будед?

– Рӯзи ҳаштуми марти соли гузашта. Ба митинги ба кор даромадани комбинати абрешими шумо ба сифати мухбири махсуси газета омада будам. Худи ҳамон рӯз ба поезд савор шуда, ба Ховосу аз он ҷо ба Душанбе рафтам. Хабари дар вагон навишта тайёр кардаамро ба газета дода, таҳсину офарин шунидам. Файзулло Абдуллозода, ки аз ман як сол пеш дорулмуаллимини Тошкентро тамом карда буд, маро дар митинг дида, ба хонааш кашид. Узр хостам, ки фурсат надорам. Он гоҳ ӯ маро ба боғи шаҳрӣ бурда зиёфат кард ва нақлиёт ёфта, то вокзал гуселонд. Он кас пештар шеър мегуфтанд. Ҳоло ҳам менависанд?

– Солею моҳе. Лекин ба маҳфили адабии мо, ки Ҳаким ташкил карда буд, бетарк иштирок мекунанд. Ба мо маслиҳатҳои хуб медиҳанд. Одами нуктасанҷ. Барои аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардани материалҳои муҳим ҳам он касро ба идора даъват мекунем. Хуб, акнун шуморо ба театр барам?

– Ба театр имрӯз намеравам. Ҳаммом даромада, ба қавли Ҳаким Карим, худро ба ифоқа оварда, бозоргир мешавам. – Ӯ хандакунон ангушт ба лаб бурд. Соида–соида пӯстеро аз он барканд. Боз ангушт ба лаб бурдаоварда дид, ки оё хун набаромадааст. Дарвоқеъ ин одатро Мирзо то охири умраш тарк карда натавонист. Гоҳо лаби ӯ аз зарби пӯсткании хуншор мешуд.

– Ҳар ҷо ки равед, аз соати як дер намонда, дар хона шавед, огоҳ кардам ӯро. – Чоштро дар хона мехӯрем.

Ҳамин тавр, ману ӯ улфат шудему ба ҳам унс гирифтем. Мирзои улфатпазир ба ошноён ва.дӯстони ман Зариф Раҷабов, ки дар Москва мехонду тобистонро дар Ленинобод гузаронида, ба хонаи ман рафтуомади бисёр дошт ва бо дӯсти қарину деринам Мирзоҷон Аюбҷонов, аъзоёни маҳфили адабиамон Ашӯрмат Назарови навӣ, Тоҷӣ Усмони унҷигӣ ва дигарон ошноӣ пайдо кард. Мо гаштак доштем. Ба навбат ҳафтае як бор ҷӯраҳо дар хонаҳояшон зиёфат меоростанд. Навбати зиёфатдиҳӣ ба Мирзо расад, ӯ ҳамаро ба хонаи ман хабар мекард.

...Ҳомид Маҳмудов директор ва режиссёри театр шуда омад. Ӯ бо Мирзо дар ҳақиқат дӯсти қадрдон буда, дар симои ин ҷавони ботамкину хушодоб ва меҳнатдӯст истеъдодашро ба

хубӣ медидааст. Рӯзе вай ҳамроҳи Мирзо ба идораи газетаи мо «Пролетари Хуҷанд» омад. Вақти ҷамъшавии маҳфили адабии моро пурсида, илтимос кард, ки «Ҳукм»-и Турсунзодаро ба муҳокима гузорем. Толеи Турсунзода буд, ки ҳамон рӯзҳо Зариф Раҷабов ва Ҳаким Карим дар Хуҷанд буданд. Муҳокимаи песа баъди кор ду рӯз давом кард. Адибон, санъаткорон ва муаллимон ба муаллиф маслиҳатҳои хуб медоданд.

– На дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, на маҳфилҳои адабии назди газета ва донишкадаҳо ягон асарро ба ин дараҷа ҳарҷониба, дилсӯзона, ба назарам, муҳокима накарданд, – арзи миннатдорӣ мекард Мирзо. – Ман ҳамаи маслиҳатҳои хуби шумоёнро ба ҳисоб гирифта, асарро як бори дигар таҳрир мекунам ва барои ин боз ба шумо ташаккур мегӯям.

Баъди ду моҳ ду муждаи Мирзо дӯстонашро шод гардонд. Маҳмудов «Ҳукм»-ро баъди таҳрири охирин ба Сталинобод бурда тасдиқ кунонида, ба плани репертуари театр дохил намуд. Инчунин Мирзои мо ҷуфти худро ҳам ёфт. Киро? Сабоҳат Низомаддиноваро, ки ҳамон рӯзҳо дар песаи «Маликаи Тӯрандот» роли маликаро басе хуб иҷро кард ва тамошобиненро ба худ мафтун гардонд.

– Вақти ба алавгирӣ омаданат дар комбинат оё Сабоҳатро таги чашм накарда будӣ? – пурсидам аз Мирзо.

– Одам гуфтагӣ ин қадар кунҷков намешавад... – хандид ӯ, аз ҷавоб сар кашида.

Хонандаи китоби аввали «Маъвои дил» Юсуф Раҳматзодаро дар хотир дорад, ки маъмури театр бошад ҳам, чун ҳунарпешаи ҳунарманде дар чунин песа, аз ҷумла «Ҳалима»-и Ғулом Зафарӣ нақши бойро иҷро намуда, ба дасти саркардаи қаландарон – Зоҳир Дӯстмуҳаммадови раҳматӣ афтода буду ӯ дар пеши назари тамошобин гӯшҳояшро тоб дода, гум–гум ба тахтапушташ зада, оҳиста талаб мекард, ки қасам хӯраду ба пушти саҳна, ки гузашт, бунак диҳад.

...Юсуф Раҳматзода дар хамгашти кӯчаи Чорбоғ ҳоло кӯчаи ба номи Горкий як дар ҳавлӣ ва дар беруни он дӯконхоначаи торике дошт, ки равшаниаш аз равзана буд. Юсуф ҳамин хонаро ба Мирзо дод, ки занашро оварад. Тӯйро низ дар ҳавлии ӯ гузаронад. Тамоми театр, ҳамаи коркунони матбуот дар ташвишу такопуи ин тӯи хонадоршавӣ буданд. Тирамоҳи соли сию

чорум тӯи нави дар ҳақиқат комсомолиро дар ҳавлии Юсуф оростем. То посе аз шаб гузаштан дар ин ҳавлӣ шеърхонӣ, таронагӯӣ, рақсҳои дилпазир шуданд. Касе намехост чунин хушҳолиро монда равад. Чор рӯз пеш аз тӯй «Ҳукм»и Мирзо ба саҳна гузошта шуда буд, ки се шаб паиҳам онро намоиш доданд. Тамошогоҳ ҳар шаб аз одамон пур буд. Нақши духтареро, ки Зевар ном дошт, Сабоҳат Низомаддинова офарида буд.

Аз ёдам набарояд. Дар Хуҷанд соли сию чорум МТС, шӯъбаи сиёсии он ва дар назди вай газета ташкил шуд. Ин газетаи «Бо роҳи ленинӣ» ном дошт, ки баъди барҳам ёфтани шӯъбаи сиёсӣ газетаи райони Хуҷанд шуд ва баъди хеле танаффус ҳоло боз дар ҳамон ҷо нашр мешуд. Нависанда Тоҷӣ Усмон муҳаррири ин газета шуду ман ба ӯ ҷонишин будам. Матбуотчии фаъол Мирмуҳаммад Нурматов, ки дар охири умраш директори нашриёти Тоҷикистон буд, котиби масъули ин газета, Маъруф Шариф, ки баъд коргари совети шаҳрӣ, комиссариати ҳарбӣ, милитсия ва сардори парки мошинҳо буд, инструктори ин газета шуда кор мекарданд. Ба ҳамин тариқ, ҷои ман дар газетаи «Пролетари Хуҷанд», ки котиби масъулаш будам, холӣ шуда, онро Мирзо Турсунзода ишғол кард. Ва дар айни замон роҳбари қисми адабии театр ҳам шуда кор мекард.

Дар ин ҷо ҷоиз мешуморам, ки аз газетаи «Бо роҳи ленинӣ» чанд сухан гӯям. Ба идораи ин газета тобистону вақтит аътил, ки шуд, чанд нафар хонандагони мактабҳои олӣ – аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров ва Зариф Раҷабов аз Москва, рафиқони дигар аз Душанбею Тошкент ба таҷрибаомӯзӣ меомаданд. Дар ин газета асархои адибони на танҳо Хуҷанд, бисёр соҳибқаламони Сталинобод низ чоп мешуданд. Мӯътақидони ин газета дар шаҳрҳои Осиёи Миёна бисёр буданд. Чанд шеъри устод Лоҳутӣ, аз ҷумла «Эй Хуҷанд, эй болшевики паҳлавон»-и ӯ дар ҳамин газета чоп шудаанд.

Боре Бобоҷон Ғафуров дар вақти котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон буданаш дар ҳузури Мирзо ва Миршакар ба ман рӯй оварда гуфт:

– Оё дар ёдат ҳаст, ки маро чӣ қадар азоб медодӣ?

– Кай, чӣ азоб? – ҳайрон шуда пурсидам.

– Аз ёди ту шояд рафта бошад, – хандид Бобоҷон Ғафуров хам шуда, ба девор нигаҳкунон. – Аммо аз хотири ман ҳаргиз намеравад, ки ту дар газетаи «Бо роҳи ленинӣ» хабарҳои маро

чӣ қадар берахмона кӯтоҳ мекардӣ. Мефармудӣ, ки аз нав нависам.

– Фоида бурдед, ё зарар кашидед аз он? – ҷуръат карда пурсидам.

– Рости гапро гӯям фоида бурдам, – эътироф намуд ӯ. То ҳамон вақт ман мақолаҳоро калон–калон менавиштам. «Бо роҳи ленинӣ» мӯъҷазнависиро таълим дод. Ин ҳунари ҳар кас нест.

«Бо роҳи ленинӣ» ба донишҷӯёни дар Москва ва шаҳрҳои дигар буда имконият медод, ба зиндагияшон дарбеҳ кунанд.

Боз ба сари Мирзо Турсунзода бармегардем.

– Рӯзе дар идораи «Бо роҳи ленинӣ» менишастем, ки Мирзо даромада омад. Даме нишасту ба ту шахсан як гапам буд гӯён аввал ба роҳрав, баъд ба кӯча баромад.

– Сталнནобод рафта истодаам, – хабар дод ӯ.

– Ягон маҷлис ё...

– Бо корҳои шахсии худам. Гашта омада, сонӣ ҳикоя мекунам. Пеши модар рафта, фотеҳаи сафарро гирифтам.

– Ана инаш боз аҷибтар! Худат меравӣ, ё Сабоҳатро ҳамроҳ мебарӣ?

– Ӯро ҳам мебарам. Ҳамааш шуда як бор ба слёти пешқадамони саноат вакил шуда рафтааст. Лекин мегуяд, ки байни меҳмонхонаю маҷлисгоҳро дидаасту халос. Биё, ки вай ҳам як чарх зада биёяд.

– Ба гусел бароям?

– Ташаккур Абдураҳим, барои ҳамаи некиҳоят, барои дастгирӣ ва одамгариҳоят...

– Баногоҳ тамоман намеравӣ?

– Не. Чаро тааҷҷуб мекунӣ? Барои некӣ магар миннатдорӣ намекунанд?

Мирзо дасти маро ба кафи майдаи нарму сергӯшт гирифта фишурду дасти дигарро ба гарданам андохта бӯсида, хотири маро парешонтар кард. Лекин ба саволҳои дигарам ҷавоби равшан надода рафт.

Дар хона модарам аз ман пурсид:

– Мирзоро дидӣ? Ғамгин менамуд. Хайру хуш мекарду аз чашмаш ашк мерехт. Ҳарчанд пурсидам, ки писарҷонаки азизам, оё аз ягон кас хафа шудед. Баногоҳ газета хатоку набаромадааст, не гуфт. Ҳама тинҷӣ. Аз шумо як фотеҳа гирам гуфта,

омадам... Тез баромада рафт. Сабоҳатхонашро ҳам мебурдааст. Нафаҳмидӣ, ки чаро вай ғамгин?

Сабаби ғамгинӣ ва сафари ногаҳонии ӯро фардои рафтанаш ва тафсили онро баъди як ҳафта шунидам. Шабе аз шабҳое навбатдорони газета Мирзо ва Маҳмуд Исмоилов будаанд. Исмоилов ба мактаби адлия аз кори ҳамин газета рафт ва дигар ба матбуот барнагашт. Теппаи саҳифаи аввали газета дар тарафи рости ном, бо ибораи матбуотчиён, «тиреза» ном дорад ва дар он одатан бо сарлавҳаи «Дар шумораи имрӯза» мундаричаи мухтасари газета навишта мешуд. Мирзо чор саҳифаро хонда, ба Исмоилов месупорад, ки мундарича нависад ва худ меравад. Исмоилов онро навишта медиҳаду хонданашро ба мусаҳҳеҳ месупорад. Мусаҳҳеҳро хоб мебарад ва чопгар газетаи «тирезааш» холиро ба машин гирифта, пурра чоп мекунад.

Ҳарифу ҳангоматалабон барои бадномкунии навбатдорон фурсат пайдо мекунанд ва ин хабарро ба котиби комитети шаҳрии партия мерасонанд. Котиб Додхудоев ном каси «аз поён болошудаи» камсаводе буд. Ӯ барои исботи «сурхии» худ номи падарашро тағир дода фамилияи Бедодихудоевро мегирад. Мирзо пагоҳӣ омада ҳанӯз ба паси мизи кориаш нагузашта, аз кабинети котиб ӯро ба назди вай мехонанд. Мирзо ба рафтан мераваду сад пушаймон мешавад. Марди камсавод суханҳои носазо мегӯяд. Дареро накӯб, ки даратро накӯбанд. Мирзо ҳам паст намеояд. Суханҳои дастабиринҷӣ ёфта мегӯяд ва худи ҳамон рӯз меравад.

Баъди як ҳафта аз ӯ мактуб гирифтам. Ӯ воқиаро батафсил навишта, хабар медод, ки аз газетаи «Тоҷикистони Сурх» коре барои худ пайдо кард. Ҳамин ки хона ёфт, барои гирифта бурдани кӯчаш меояд. Айнан дар ҳамин вақт дар Душанбе бо ташаббуси фонди адабӣ, ки сардораш шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ буд, дар кӯчаи ба номи Орҷоникидзе барои нависандагон иморати дуошёнаи тахтагин месохтанд. Аз ошёнаи якуми он ба Мирзо хона доданд. Ӯ кӯчида омад. Ин хона аз се ҳуҷра иборат буд ва дар яктои он шоир Ҳамдӣ ва ду ҳуҷраи дигар оилаи Мирзо зиндагӣ мекард. Дар хонаи Ҳамдӣ аз соли сиюҳашт то чил, вақте ки дар газетаи «Тоҷикистони Сурх» ва журнали «Шарқи Сурх» кор мекардам ва ба Даҳрӯзаи санъати тоҷик дар Москва тайёрӣ медидем, ҳамсояи Мирзо шуда, ман ҳам зиндагонӣ мекардам.

Мирзо ба кадом кор равад, ба роҳбарии вилоятии ҳамон соҳа маро тавсия менамуд. Чун солҳои аввали ҷанг ӯро сардори управлениями республикавии санъат таъин карданд, мактуби ӯро гирифтам, – Ман сардори санъаткорони республика шудам. Партия супурд, қабул кардам. Тавсия кардам, ки ту сардори шӯъбаи вилоятии санъат шавӣ. Илтимос, таклифи маро ба замин нагузор.

Аз миён як ҳафта нагузашта, маро ба комитети вилоятии партия даъват карданд. Ин корро бар иловаи кори газета ба ман супурданд.

Мирзо аз бозе, ки котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд, ба ташвиши дар Ленинобод ташкил намудани шӯъбаи вилоятии ин ташкилот афтод ва ниҳоят муваффақ шуд.

– Медонам, ки бе ҳамин ҳам соҳибқаламони вилоят гирди ту ҷамъ омаданд ва солҳои сол боз мутасаддии тарбияи онҳо ҳастӣ. Лекин ташкилот бояд расмӣ карда шавад, – мегуфт ӯ, маро ба котибии шӯъбаи вилоятӣ пешбарӣ намуда. – Агарчӣ коми туро момо бо газета бардоштаасту мӯятро ба газета сойда, сафед карай, ба ҳар ҳол, вай вақти зиёди туро мегирад. Хоҳ–нохоҳ ба кори эҷодиат халал мерасонад. Аммо шӯъба имконият медиҳад, ки бо тарбияи адибони ҷавон зиёдтар машғул шавӣ ва дар айни замон, бародарам, худат ба кори эҷодӣ фурсат дошта бошӣ. Чӣ қадар вақти мо ба корҳои дигар сарф мешаванд.

Оре, вақти бисёри худи Мирзо ҳам ба корҳои ҷамъиятиву давлатӣ сарф мешуданд. Ӯ гоҳе чун аз сафар, мулоқотҳо, нутқу баҳс ва мунозираҳо монда мешуд, ёди шаҳри Ленинободро мекард, ки барояш азиз буд. Ӯ мехост дар лаби Сири соҳилоро дам гирад, бо дӯстони инҷоияш, ки дӯстони ҷавониянд, сӯҳбат ороянд ва агар фурсат ёбад, яъне сафари ногаҳонӣ ба ягон қитъаи олам зарур шуда намонад, асари саркардаашро дар ин ҷо нишаста, тамом кунад. Ё асареро сар кунад, ки дер боз дар хаёлу орзӯи навиштани он асту вақт пайдо карда наметавонад.

– Аммо омада аз хонаи дӯстон манзил мегираму онҳо на ба ин мемонанд, на ба он, – рози дил мегуфт Мирзо. – Ҳавлӣ зиёратгоҳ мешавад. Омадан мегиранд. Ба меҳмонӣ мебаранд. Маҷбур мешавам, ки гурехта халос шавам.

– Чӣ мешуд, ки ба дачаамон равию дам гирӣ ва эҷод кунӣ? – машварат додам ба ӯ.

Ин ба ӯ писанд афтод. Ба назди котиби якуми онвақтаи комитети партиявии шаҳр, ҳоло котиби якуми партиявии вилояти Ленинобод Рифъат Хоҷиев рафтем. Вай чунон хурсанд шуд, ки дар тааҷҷуб мондем.

– Ҷон мегӯям, биёед, дар дача ҳамеша ҷой ҳаст. Хоҳед, хона ёфта медиҳам. Инҷоӣ ҳам бошед, мувофиқи табъ баҳраманд мешавем, охир, – гуфт ӯ.

Маънии «баҳраманд»-и котибро фаҳмида, дар дил хандидам. Мирзо барои он ки аз кору бор ва ташвиши бисёри пойтахти республика фориғ бошад, худро чанде ба канор гирифтанию лекин гиребонаш ба дасти дигарӣ мефарояд.

Рифъат Ҳоҷиевич, даме ки барои гуселонидани мо то дами дари кабинети худ меомад, гӯё чизе ба хотираш расидагӣ барин бозистода гуфт:

– Дар воқеъ, Мирзои азиз, ҳоло шумо дар ҳамин ҷо-а? Агар фурсат ёбед, аз сафарҳои охирини хориҷа ба фаъолони партиявии Ленинобод ним соатакак ҳикоя карда медодед, нағз мешуд.

– Ба ҷонам, – даст ба рӯи дил ниҳод Турсунзода. – Рӯзу соаташро бо телефон хабар диҳед.

Ҳамин тариқ, баъди ду рӯз фаъолони шаҳр дар маҷлисгоҳи комитети партиявии шаҳр ҷамъ омаданд ва шоирро бо муҳаббат пешвоз гирифта, аз аввал то охири сӯҳбат, ки саҳл кам ду соат давом кард, сокит нишаста, ҳуш дода нақли дилпазири ӯро шуниданд. Дар охир аз шоир хоҳиш карданд, ки шеъре хонад. Ӯ «Ҳамин кофист»–ро чун давоми «Ҷони ширин» аз ёд хонд. Аҷаб ки Мирзо, ба хаёлам, фақат ҳамин ғазали худро аз ёд медонист, ки бисёртар онро мехонд.

*Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист,*
*Фидои як каломат, як саломат ман, ҳамин кофист.*
*Навиштам, пахш кардам мӯҳр мондам даст бегуфтор,*
*Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист?*

Аз ҷарангоси овози ин мубориз, расули бархаққи адабиёти оламгири советӣ бонии ғайратманди амонӣ медидам, ки дар маҷлис одамон чӣ гуна ҳаловат мебурданд. Фахр мекарданд, ки шоир фарзанди дилбанди онҳост.

Чунон ки дар гузашта Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Носири Хисрави Қубодиёнӣ тавассути асарҳояшон халқ ва

диёри худро машҳури замон ба оламиён карда буданд, Мирзо шӯҳрати халқи ба шарафи Октябр аз нав зинда гардидаи тоҷик ва диёри шукуфони худро бо ашъори батаъсир, нутқҳои оташбор, бо мубориза баҳри сулҳу амонӣ зиёдтар гардонд.

Мирзо тарбияи зумраҳои нав ба нави адибони ҷавонро нахустин вазифаи на фақат ташкилоти нависандагон, балки ҳар як нависандаи соҳибтаҷриба меҳисобид. Ҳар шеър ва ҳикояи хуб навишташудаи ҷавонон ӯро шод ва ҳар асари сусти онҳо ӯро ғамгин мекард.

– Ин ҷавонҳо ин қадар ба кӯҳ часпида гирифтаанд? – гуфт ӯ бо оҳанги шиква рӯзе.

– Боло баромадан мехоҳанд, – гуфтам дар ҷавоб.

– Ин тавр бошад, хуб. Аммо аз таърифи ҳашамати кӯҳу тароватӣ чашмасор дур нараванд–чӣ? Дунё, охир, ғайр аз кӯҳсору обшор зебоӣ ва латофати бисёр дорад. Зебоӣ ҳамон вақт дилпазиртар аст, ки ба офарида шудану муҳофизати он саҳми ҳар яки мо бошад. – Ин вақт ӯ газетаи котиб ҳозир оварда рӯи мизи кориаш гузоштаро гирифта, зуд-зуд аз саҳифа ба саҳифа гузашту шеъреро ёфта айнак ба чашм гузошта хонд. Ман дар рӯи сурх ва зебои ӯ табассуми ба худи Мирзо хосро дидам. – Ба адабиёт, назму наср пай дар пай ҷавонҳое омада истодаанд, ки мехонию ҷонат ҳузур мекунад. Як зеҳн монда хон. Магар ҳамин шеър қобили таваҷҷӯҳ нест? Бачаҳо навҷӯю навгӯянд. Ҳамин гуна чанд нафар ҷавонони боистеъдод ҳастанд, ки мунтазири нашри маҷмӯаашон нашуда, ба аъзои Иттифоқ қабул кунем, ҳеҷ хато намешавад.

Рӯзе ману Мирзо аз шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагон баромада, пиёда сӯи бозори машҳури шаҳрамон мерафтем. Дар роҳ салому алек ва багапгириҳо чандон бисёр шуд, ки ин роҳи кӯтоҳро дар тӯли қариб як соат паймудем.

– Бо мошин меомадем, беҳтар мешудааст, – гуфтам ман.

– Шукр кун, дӯстам, ки одамон ману туро ба ин дараҷа дӯст медоранд. Ба қадри ин расидан зарур, – таъкид кард Мирзо.

Оре, Мирзоро хонандагон дӯст медоштанд, медоранд ва то даме ки одамӣ ҳасту назм дӯст хоҳанд дошт. Ин бахти баланди шоир аст.

Ӯ барои ҳисоботи депутат дар назди интихобкунандагон ба Ленинобод омаду хоҳиш кард, ки ҳамроҳаш ба сафар равам. Мо ҳар ду ба райони Ашт рафтем, ки пешакӣ на ба комитети

районии партия ва на комиҷроияи районӣ хабар надода будем. Нисфирӯзӣ дар қабули котиби комитети районии партия шудем.

– Ман мехостам, ки ба интихобкунандагонам ҳисобот диҳам, – гуфт Мирзо.

– Бисёр хуб. Худи ҳамин рӯз маҷлис гузаронем мешавад? Соатҳои ҳафти бегоҳ? – пурсид котиб.

– Хабар додану ҷамъ кардани одамон дар ин фурсати кам оё мушкил намешавад?

– Мирзоҷон номатонро шунаванд, шуд. Ҳамаи район бехабар ҷамъ мешавад, – мегуфт котиб бе ҳеҷ муболиға.

Бегоҳон маҷлисгоҳ аз одам пур шуд. Дар паҳлӯи девори ҳар ду тараф ва қафо одамони бисёре рост меистоданд. Маҷлис аз мулоқоти депутат дида ба шаби – адабӣ зиёдтар шабоҳат дошт. Мирзо чанд шеър хонд ва ба ман ҳам фармуд, ки сухан гӯяму шеър хонам. Ҷамъомад бевақтии шаб тамом шуд, вале на танҳо мардон, балки духтарони биеёре низ рафтан намехостанд. Даҳҳо китоб сӯи Мирзо дароз мешуд, ки даст монда диҳанд, «Ин қадар китоби Мирзоро аз куҷо ёфта бошанд? Наход онҳоро аз магазин ёфтан осон бошад?» – аз дил[1] мегузарондам ва ногоҳ чашмам ба китобе афтод, ки ба қавле, туппа барин пухта буд. Маълум, ки бисёр даст ба даст гаштааст!

Дар Ашт мо ду рӯз будем. Аз маҷлисе ба маҳфиле,. аз сӯҳбате ба зиёфате мебурданд, ки бегоҳони рӯзи дуюм аз хастагӣ таби Мирзо баланд шуд. Дар шипанги колхозе менишастем. Шоири бетобро миёнагир карда будем. Ӯ ҳам беҳолиро написандида, дурр месуфту латифаҳо мегуфт. Лекин медидам, ки дар сафедии чашмони шарорапоши ӯ сурхӣ пайдо шуда, рӯяш аз таб дар мегирифт. Духтур даъват кардем. Омаду хоҳиш кард, ки ӯро ором гузоранд. Шоирро хобонд. Доруҳо хӯронд. Аммо таб паст намешуд. Дар ин хангом аз дари боғ як зани пиронсоле дар тан куртаи васеи дароз, дар сар уребча ва дар пой кафши сарипоӣ даромада, ба ҳамаамон салом дод.

Дар ин бевақтӣ барои чӣ омадӣ гуфта ҳайрон нашавед, – узрхоҳона ва бо изтироб аз як сар ба ҳамаамон нигоҳ кард зан. – Аз табъи баландатон гардам, Мирзоҷон. Дина гапҳои шуморо ҳузур карда шунидам. Дар ҳаққатон дуо мекардам. Ҳозир фарзанди хурдиам омада Турсунзода касал шудаанд, духтур омад, гуфт. Дилам туғён кард. Ҳаво гарм, баногоҳ аз обҳои хунуки мо

бисёр хӯрда бошед, зарар накарда бошад, гуфта ҳамин чанд анорро гирифта омадам. Анор, гардам, доруи мучарраб. Табро даррав паст мекунад. Дона кардаю фишурда диҳанд, нӯшед, муллоҷон. Ба нияти шифо, гуфта хӯред. Байтҳои шуморо ҳам фарзандонам хонда медиҳанду айнак гирифта худам ҳам мехонам. Аз забони гӯёву қалами бурроятон гардам. Як ҳамсояамон кампири ду кам навадсола, – зан ба мудири шӯъбаи пропагандаи комитети районии партия Нуруллоева маъзаратхоҳона нигарист, – шумо Санавбарҷон, он касро медонед. Модаркалони директори мактабамон-чӣ? Ҳамон кас дар хона буданду инро шунида гуфтанд, ки «охир, ҳама муштоқи дидану шунидани байтҳои он кас бошанд, чашм расидагист. Одамони инзамона киначиро намехоҳанд. Ҳеч набошад, испанд дуд кунанд, ки дафъи бало шавад...»

Чашмони ҳамеша дурахшон ва тобони Мирзо тобонтар шуданд. Муҳаббати як нафар аз хонандагони оддӣ ӯро шод менамуд.

Мирзо ва ман аз ҷумлаи он адибонем, ки ба арсаи адабиёт солҳои сӣ қадам гузоштаанд. Ин зумраро насли комсомол меноманд. Навиштаҷоти аввалини ин зумра шогирдона ва навмашқона буду лекин васфи Ленин, партияи коммунистон, Октябр, дӯстиву бародарии халқҳо, ситоиши зарбдорону тараннуми онҳо буд. Он вақтҳо дар аксари деҳу деҳкада дар равшании чароғи сиёҳ ва карасинӣ ба калонсолон алифбо таълим медоданд, бо каланду белу мисрон, занбару занбарғалтак анҳор мекофтанд, ба даштҳои ташналаб об баровардан мехостаанд. Аз дараю доманаи кӯҳҳои осмонхарош роҳҳои мошингард мекушоданд. Пулҳои сой ва дарёҳоро месохтанд, ки мардуми асрҳои аср инҷониб аз ҳам ҷудою ҳатто шеваашон дигарро пайваст намоянд. Мавзӯи асосии навиштаҷоти адибони комсомол ҳамин буд. Чанд нафар шоирони ба ном ба платформаи советӣ гузашта ҳам буданд, ки шеърҳои моро бо тамасхур мешуниданд, лаб бурма мекарданд. Дар ёд дорам. Ману Мирзо рӯзе ба назди муҳаррири газетаи «Тоҷикистони сурх» шеърҳои худро бурдем. Ӯ на лаб бурма кард ва на тамасхур. Хононд, шунид. Ҳатто таҳсин гуфт. Ваъда кард, ки дар газета чоп мекунад. Мо бошем, ҳар рӯз газетаҳоро кушода, аз онҳо шеъри худро меҷустему дараке намеёфтем. Газета он шеърҳоро чоп накард. Мо бо маслиҳат онро ба журнали «Садои Шарқ» фири-

стодем, ки дар як шумора ҳар дуяш чоп шуда буд. Маълум мешуд, ки муҳаррири газета корчаллонтар аз ҳамфикрони худ будааст, ки бо як ваъда ҷонашро халос карда буд.

Мирзо аз ҳикоя, шеър ва песаи нахустинаш сар карда, аз ҳамкасбони комсомолони худ фарқ дошт. Боли ӯ бақувват ва парвозаш аз ҳама баланд буд.

Дар сохтмони канали калони Фарғона аз аввал то ба охир ӯ дар гурӯҳи нависандагон буд. Штаби мо дар Қистакӯз ном деҳаи райони Хуҷанд, дар чойхонаи назди заводи консервабарорӣ воқеъ буд. Мо ҳар рӯз одатан ба сари кори каналковон мерафтем, ки барои газетаи сохт – мон хабару мақола ва очеркҳо нависем. Боре Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, мухбири газетаи республикавӣ Мӯсоев ва Мирзою ман пиёда аз Қистакӯз баромада дар ҳангоми танаффус ва бегоҳиҳо ба каналковон асарҳои нави худро хонда, сар–сари канал пиёда рӯзи дуюм ба Конибодом рафтем. Дар роҳ ба ҳар ҷое ки мерафтем гоҳо аз забони ҳофизони театру маҳфилҳо, гоҳо аз забони каналсозон «Омад канал» ном сурудеро мешунидем, ки ягон ҳафта пеш матни он бо имзои М. Турсунзода дар газетаи сохтмон чоп шуда буд. Шоирон аҳд бастему мусобиқа кардем, ки ҳар кас монанди ҳамин суруд як шеъри таронабоб гӯяд ва ба санъаткорон диҳад. Ин силсилаи таронашудаи шеърҳо дар китобчаи «Хатти заррин», ки ба канали калони Фарғона бахшида шуда буд, гирд омадаанд.

Мирзо Турсунзода аз аввал то интиҳои роҳи Душанбеву Помир ҳамроҳи роҳкушоён буд, ки аз қуллаҳои осмонхарошу абррас роҳи Бадахшони советиро мекушоданд. Мирзо ба роҳкушоён достони дилпазире бахшида буд. Ашъори ин шоир аз гули гуфтор, аз шираю шарбати эҷодиёти халқ ибтидои худро мегирад. Ашъори ӯ зинапояҳо, маъниҳои муғлак, ибораву истиораҳои гиреҳдор ва калимаҳои тумтароқ надоранд. Чун оби кӯҳсорон софу равон, дар айни замон ғулғулаандоз ва фараҳбахшанд. Ӯ ғояҳои наҷиби сулҳдӯстӣ, бародарию баробарии халқҳои советиро шахсан ба бисту шаш мамлакати ҷаҳон бурдааст. Аз минбари конгрессҳо онҳоеро, ки ба мо тӯҳмат мезананд, расво ва шармсор мекард. Самимият ва ҳақиқати нутқи ӯ эътимодро ба гуфтаҳояш зиёд мекарданд.

Аввали моҳи сентябри соли ҳафтоду ҳафтум бетоб шуда, ба беморхонаи Душанбе рафтам. Гуфтанд, ки Мирзо дар он ҷост.

Ӯ касалокасал аввал барои тайёрии садсолагии Айнӣ ба Москва, баъд ба Боку, сонӣ ба Булғория рафта, вазнинтар ба бемористон омадааст. Зоду роҳилаамро дар роҳрав мондаму ба палатаи ӯ даромадам. Дар лаби кат пойҳояшро овезон карда, тани курта менишаст. Бо вуҷуди чандон гарм набудани ҳаво ӯро арақ зер карда буд.

– Хайрият омадӣ, – гуфт ӯ. – Баъди чанд рӯз иштироккунандагони рӯзҳои умумииттифоқии назм ин ҷо меоянду ману Миршакар бетоб хобидаем. Боқӣ Раҳимзода ҳам он қадар саломат не. Намедонам чӣ мекунем. Ту чандрӯза омадӣ?

– Ман ҳам бетоб, барои муолиҷа омадам, – гуфтам дар ҷавоб.

Мирзо ба ташвиш афтод ва чашмони аз зӯрии таб сурхшудаашро ба ман дӯхт.

– Ба ман нигар, порина–ку заҳрадони туро бурида партофтанду хотири мо як навъ осуда шуда буд, боз чӣ дарди наве гиребони туро гирифтааст?

– Боре доктор Муҳаммадхоҷа Бобохоҷаев ба ман гуфта буд, ки дард зӯрӣ кунад, дарди дигар худро ба қафо мекашад. Акнун дарди кӯҳнаам, дарди дил маро ором намегузорад.

– Э вой! Наход ҳамаи мо, Абдураҳим, азизам, чурук шуда истода бошем? – пурсид ӯ. – Хайр, даркор бошад, муолиҷа кардан лозим. – Сухани навакак гуфтааш ба ёди ӯ расид магар, ки чун узр дилбардорӣ кард. – Барои пешвозгирии меҳмонон одам ёфт мешавад. Фотеҳ Ниёзӣ ҳунарманди мулоқоту гусел. Меҳмоннавозиро нағз медонад. Мӯъмин ҳаст, – ӯ каме ба андеша рафта, бо табассум ба ман нигарист. – Ба сарашон фароянд, аз ману ту хубтар ҳамаашро ҷобаҷо мекунанд. Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқамон ва дигарон ҳастанд, Хайр, наранҷ, як гап мешавад.

Мирзо дар ҷавонӣ чӣ қадар зебо бошад, пирӣ ҳам ба ӯ зебида буд. Ранги рӯи кулчааш ҳамеша сурх, холи сиёҳи болои абрӯяш, ки бо мурури замон калонтар шуда буд, мӯи қариб тамоман сафедшудаву лекин ҳанӯз ҳам анбӯҳаш ҳама як шуда, ӯро ба назари мо наздиктару базебтар нишон медоданд. Вале азоби дарди сахт ӯро хеле нозук, пӯсти гулӯ ва ду бурҷи лабашро андак овезон карда буд.

Мирзо ба ошхонаи бемористон набаромада монд. Акнун духтурон ба раҳравию хеста нишастан ӯро намегузоштанд. Ба

аёдат омадагонро бармегардониданд. Аз мо, ҳамсояпалатаҳо, хоҳиш мекарданд, ки даромада ӯро ба гап нагирем. Вале Мирзо шарфаи шиппаки маро ҳамин ки шунид, ё худаш чеғ мезад, ё Сабоҳатро мефармуд, ки маро даъват кунад. Дар воқеъ Сабоҳат, ки дар давоми чанд соли охир Мирзоро парасторӣ менамуд, аз саҳар то шом дар палатаи Мирзо буд ва шабҳои бисёрро дар кресло нишаста, рӯз мекард.

– Терапевти аз Москва омадагӣ таклиф мекунад, ки маро ба он ҷо баранд, – гуфт ӯ рӯзе. – Аммо пои ман намекашад. Дар тирамоҳ намии ҳавои Москва зиёд мешавад. Андак сарамро бардорам, ба Ленинобод меравем, Абдураҳим. Абдуллоҷон чӣ тавр? Ман чойхонаи ӯро бо шаҳрҳои курортӣ ҳам иваз намекардам. Кӯҳи баланд, дарёи пуроб, боғу гулзор. Назди Абдуллоҷон меравем. Шӯрбочаи талху тунд мефармоему дар ошёнаи дуюм истироҳат мекунем. Агар дар ҳамон ҷо хобем, чӣ мешавад? Кӯрпаю болишт ёфт мешавад? Ҳа, Абдуллоҷон аз ҷои набудагиаш ҳам ёфта мебиёрад. Ҳавои Ленинобод, ҳавои боғу чойхонаи Абдуллоҷон* бемонанд. Мазза аз қайлаамон меравад, – хандид ӯ. – Ту хуб кардӣ, ки ба навиштани ёддоштҳоят сар кардӣ. Ман ҳам саргузашти худро навиштанӣ. Аз деҳкадаи Қаратоғу хонаи сағирон то имрӯз роҳи калонро тай кардам. Ин ба қавли устод Айнӣ, ба чорчӯбаи назм намеғунҷад. Публитсистика ба кор меояд. Фаразан, дар Ленинобод худро сиҳат ёбам, корҳои дигарамро мемонаму қайду сабтҳоямро як–як аз назар мегузаронам:

Вале дареғо! Ин орзӯи ӯ чун омолҳои дигараш ҷомаи амал напӯшид. Ба гуфтан забон намегардад. Баъди як ҳафта чашм аз ҷаҳон пӯшид.

*Чакра–чакра хуни дил аз дидагонам мечаканд,*
*Нолаю фарёдҳо аз сина берун меҷаҳанд.*
*Ҳеҷ андӯҳи гарон аз мотами модар набуд,*
*Мотами Мирзо барои ман гаронтар шуд дучанд!*

---

* Абдуллоҷон Ҳайдаров, самоваричии чойхонаи боғи шаҳри Лкеинобод, мӯътақиди Мирзо буд, ки пас аз вафоти Мирзо, дар синни панҷовупанҷ фавтид.

*Боқӣ РАҲИМЗОДА*

## ДӮСТИ БА ҶОН БАРОБАРАМ

Ҳар гоҳ ки аз хона баромада, ба ҷои кор, яъне ба Иттифоқи Нависандагон раҳсипор мегардам, пеши назарам симои шахси бароям азизу мӯътабар – Мирзо Турсунзода падидор мешавад. Дар хаёлам ин марди шариф ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар нафас, бо ман аст. Ман бо ёди ӯ аз хиёбонҳои гулпӯш ва сердолударахти шаҳр гузаштта, ба бинои нави адибон мерасам ва чашмам боз ба пештоқи ин қасри зебо ва мӯҳташам меафтад. «Хонаи адибони Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»–инро мехонаму лаҳзае бозмеистам, баъд вориди бино мешавам. Дар рӯ ба рӯям боз Мирзои азизро мебинам. Чеҳраи латифи шоир ҳамеша ғарқи фикру хаёлот асту лабаш моили табассум. Ман ба нимҳайкали устод, ки аз санги хоро тарошида шудаасту ҳоло дар долони Иттифоқи нависандагон истодааст, бо ҳасрат менигараму ба ошьёнаи дуюм мебароям.

Нигоҳам беихтиёр ба хонаи тарафи дасти чап меафтад. Ин кабинети устод Мирзо Турсунзода аст, ки бо ҷевон, мизу курсиҳо ва тӯҳфаҳои хотиравии ёру дӯстонаш ҷиҳозонида шудааст. Ман ҳамаи инро ҳар рӯз мебинам ва дар дил ин қитъаро мехонам.

*Эй нури ду дидаи ҷаҳонафрӯзам,*
*Рафтиву зи фурқати ту шаб шуд рӯзам.*
*Мову ту ду шамъи пок будем ба ҳам,*
*Тақдир туро бикушту ман месӯзам.*

Хайрият инсон дар муқобили ҳар як ғаму ғуссаи зиндагӣ пойдор аст ва ба талхию нокомиҳо тоб оварда, умр ба сар мебарад.

Ман асло бовар намекунам, ки бе Мирзои азиз, ҳатто як рӯз ҳам зиндагӣ карда метавониста бошам. Алҳол ҳам ҳеҷ боварам намеояд, ки кайҳо боз Мирзо Турсунзода дар байни мо нест… Мо чандест ҳикояву суханҳои ширини ӯро нашунидаем ва табассумҳои намакинашро надидаем… Лекин дар ҳама сӯҳбату шабнишинӣ ва мушоираҳо ному каломи ӯ маҳфили моро оро медиҳад, шукӯҳ мебахшад. Ман аминам, ки дар ҳар

як хонадони тоҷик, бемуболиға, номи ин адиби безавол вирди забонҳост. Ва ин эҳтиром, ин посдории адиби мумтоз дили мо дӯстон, ҳамсафон, шогирдони ӯро каме таскин медиҳад.

Ман дар умри худ ба бисёр суханварони маъруф шинос, ёру дӯст шудаам. Вале он лаҳзае, ки бо Мирзо Турсунзода шинос шуда будам, ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ин соли 1932 буд. Маро аз кӯҳистони Қаротегин, чун директори мактаб, барои асбобу анҷом ба Комиссариати маорифи Тоҷикистон фиристоданд. Пас аз анҷоми корҳо ба хонаи Алӣ Хуш рафтам. Ман бо ӯ аз хурдӣ шинос будам, равуо доштам. Хонаи Алӣ Хуш дар кӯчаи Комсомол, дар паси театри ҳозираи ба номи Маяковский воқеъ буд. Дар хона ғайр аз Алӣ Хуш як ҷавони миёнақад, лоғарандому зебо ҳам буд.

– Мирзо Турсунзода, шинос шавед, – гуфт Алӣ Хуш. Мо ҳолу аҳволи якдигарро пурсидем. Дар хонаи на он қадар калон онҳо муҷаррадона истиқомат доштанд. Алӣ Хуш ва Мирзо он солҳо дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекарданд.

Мо дар атрофи мизи хурдакаки мудаввар нишаста, то субҳидам сӯҳбат кардем. Мирзою Алӣ Хуш аз нахустин вохӯрияшон бо устод Айниву Лоҳутӣ, аз таҳсил дар мактаб, корҳои газетаю эҷодӣ ҳикояҳои аҷоибу ғароибе мекарданд. Ман, ки он вақтҳо дар сар ҳавои шеърнависӣ доштам, суханҳои онҳоро гӯш карда, мехостам бештар аз адабиёту аҳволи адибони тоҷик воқиф шавам.

Рафиқ Турсунзода гуфтанд, ки ман Тошкент (Тоҷикпрос) ба Шаҳринав, ба Қаратоғ ба таътил омадам ва мехостам, то оғози таҳсил дар ягон ҷо кор кунаму каме пул захира намоям. Аз деҳа ба комитети иҷроияи Шаҳринав омадам. Ба ман гуфтанд, ки раиси комиҷроия Ҳаким Карим ном шахсе аст. Ин ном ба назарам шинос намуд. Эҳтимол ягон асари ӯро аз газетаҳо хонда будам. Ӯ маро ба наздаш даъват кард, ҳолу аҳволамро пурсид. Мақсадамро гуфтам. Ҳаким Карим ба ман як варақ дод, ки чизе нависаму ҳусни хатамро бубинад. Ман бо ҳуруфи арабӣ ариза навиштам, хатам ба ӯ маъқул шуд.

– Бача, бисёр хушхат будаӣ, – гуфт ӯ ва ба китфам зада, ҳамон лаҳза фармон дод, ки муваққатан котибӣ кунам. Чанд муддат кор кардам.

Ҳаким Карим марди миёнақади чорпаҳлӯ буд, забони русиро нағз медонист ва ҳама вақт чорафзол мегашт. Зеро замона

нотинҷ буд, босмачиҳо ҳанӯз бедодгарӣ мекарданд. Худам ҳам ҳангоми ба рӯйхатгирии аҳолӣ борҳо дар иҳотаи босмачиҳо мондам, лекин отрядҳои ихтиёрӣ ҷонамро халос карданд.

Пас аз ин нақл мо сӯҳбату шеърхониро давом додем. Саҳар ман ба онҳо хайрухуш карда, ба ҷои корам рафтам. Баъд ман дар кӯҳистон шеърҳои Турсунзодаро, ҳамчун шахси шиносаш, мутолиа мекардам.

Тахминан соли 1933 вақте ки бори дигар ба Душанбе омадам, Мирзо дар хонаи Алӣ Хуш набуд. Вай ба шаҳри Ленинобод рафта, дар театр кор мекард. Акнун дар хонам Алӣ Хуш ду ҷавони дигар истиқомат дошт. Ба онҳо ҳам шиносоӣ пайдо кардам: яке Фотеҳ Ниёзӣ, дигаре Самад Ғанӣ. Онҳо аз шаҳри Самарқанд барои кор ба редакция омада буданд.

Соли 1938 боз ба Душанбе омадам ва ҳамроҳи муаллим Шарифҷон Ҳусейнзода ба хонаи Мирзо рафтем. Шарифҷон мехост моро шинос кунад. Аммо Мирзо гуфт:– Шарифҷон, ин шоирро мешиносам ва аҳди бародарӣ ҳам бастаем, мукотиба дорем…

Мирзо зимни сӯҳбат ба Шарифҷон аз рафти кораш, ки мувофиқи супориши Комиссарияти халқии маориф барои тартиб додани намунаи адабиёти тоҷик дар бораи Ҳилолӣ бояд мақола менавиштааст, нақл кард. Вай дар хусуси ҳусни калом, таносуби сухан, равонию салисии шеъри Ҳилолӣ бо як завқи баланди мухлисона ҳарф мезад. Ӯ ҳар замон ба Шарифҷон таъкид мекард, ки мо бояд аз Ҳилолӣ назокату латофати суханро омӯзем.

– Ман мухлиси Низомиям, – гуфт Турсунзода. – Лекин Ҳилолӣ маро билкул мафтун кард…

Ман ҳамон сол (1938) дар курси чоруми институти педагогӣ мехондам ва ҳам муаллимӣ мекардам. Шиносоӣ ва дӯстии мо бо Мирзо Турсунзода рӯз аз рӯз мустаҳкам мешуд. Ман ба воситаи ӯ бо адибони забардасти тоҷик: устод Айнӣ ва Лоҳутӣ аз наздик шинос шудаам, аниқтараш ба муҳити адабӣ қадамҳои нахустини худро гузоштаам. Ҳамин тавр мо бо Мирзо дӯсту бародар шудем.

Соли 1939 буд. Рӯзе Мирзо маро ба наздаш даъват карда гуфт, ки дар масъалаи омӯзиши таърихи партия, махсусан боби чоруми он, ки хеле душворфаҳм аст, бо домулло Суҳайлӣ

каме машғулият гузаронед. Ман бо Суҳайлӣ шинос шудам ва маслиҳат кардем, ки дар як ҳафта се рӯз дар хонаи вай машғулият гузаронем. Дар омади гап бояд бигӯям, ки домулло Суҳайлӣ ниҳоят меҳмондӯст буданд ва доимо пас аз анҷоми машғулият зиёфат медоданд.

Рӯзе гап сари феодализму капитализм рафт. Ман гуфтам, ки капитализм дар дохили феодализм пайдо шуда, нисбат ба сохти феодализм пешқадамтар аст. Домулло Суҳайлӣ якбора дар ҳайрат афтоданд.

– Чӣ, чӣ? Чӣ гуфтед? Капитализм нисбат ба феодализм пешқадам аст? – паи ҳам савол доданд ба ман.

Ман бо аломати тасдиқ сар ҷунбондам ва дидам, ки чеҳраи домулло хело ҷиддӣ шудаасту бо шубҳа ба ман менигарад. Яқин донистам, ки вай ба дурустии ҷавоби ман шубҳа дорад. Ӯ дигар ҳарфе назад, табъаш хира шуд ва бо ҳамин машғулияти онрӯзаи мо ба охир расид.

Рӯзи дигар дар вақти таъиншуда боз ба хонаи Суҳайлӣ рафтам, лекин он кас набуданд. Гашта ба Иттифоқи нависандагон омадам. Аз дур чашмам ба Мирзо афтод. Вай дар дами дар истода, ба ман менигарист ва заққунон механдид. Хушҳолона вохӯрдӣ кардем. Ӯ аз дастам гирифта, ба кабинеташ даровард ва пурсид, ки машғулиятҳо бо домулло Суҳайлӣ чӣ хел рафта истодааст.

– Нағз. Бад не-ку, – ҷавоб додам ман. Мирзо баландтар хандида кунҷковона ба ман нигарист.

– Ба домулло чӣ гуфтед? – пурсид вай.

Ман китф дарҳам кашидам. Аз рӯи нақли Мирзо маълум шуд, ки пас аз сӯҳбати дирӯза домулло Суҳайлӣ ба назди вай омадаасту бо изтироб пурсидааст.

– О шумо ҳамин шоирро дурустар тафтиш кардед? Аз афти кор, ӯ маро ба дигар тараф кашола карда истодааст... Мегӯяд, ки капитализм аз феодализм пешқадам аст...

Пас аз ин чанд муддат, то вақте ки Мирзо ҳақи гапро ба домулло Суҳайлӣ фаҳмонданд, машғулият нагузаронидем...

Ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ҷанг сар шуд. Ва ман аз хонаи Мирзо ба фронт рафтам. Ӯ ва Носирҷон Маъсумӣ маро гусел карданд.

Аз соли 1946 сар карда, бидуни муболиға, қариб ҳар рӯз ба дидани дидори Мирзо мушарраф мешудам. Он вақт ӯ раиси

Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуда буд. Ва банда ҳам то соли 1948 яке аз котибони Иттифоқи нависандагон будам.

Дар ин муддат агар Мирзо ягон шеъру достоне эҷод мекард, онро албатта аз назари ман мегузаронд. Ин як хислати хоксораи ӯ дар кори эҷодияш буд. Вай мехост фикри хонандаро дар бораи шеъраш фаҳмад, онро пухтатар кунад. Агар соати чори шаб ҳам бошад, маро аз хоб бедор карда, шеъри навашро мехонд.. Ва умуман байни эҷодкорони ҷавони ҳамоваќта ҳамин хел як ҷӯшу хурӯш ва робитаи самимие вуҷуд дошт.

Аҷоиб хислате дошт Мирзо. Ӯ агар бо ангушт лабашро мемолид, нишонаи он буд, ки вай мавзӯи шеър ёфтаасту онро дар кӯраи хаёлу тафаккураш обутоб медиҳад, мепазонад. Ҳар касе ин хислати Турсунзодаро медонист, дар ин лаҳзаҳо ба ӯ халал намерасонд, ҳатто шӯхӣ ҳам намекард…

Мирзо ҳар як шеърро ҳафт–ҳашт маротиба рӯйбардор мекард. Аввал шеъри навэҷодкарда, баъд рӯйбардори сеюм, ниҳоят охиронро ба ҳамқаламон мехонд. Хусусан баъзе бобҳои достони «Қиссаи Ҳиндустон»–ро то даҳ бор рӯйбардор карда буд. Гуфтан мумкин аст, ки он солҳо солҳои камолотёбии Турсунзода буданд: Вай саҳар маро аз хоб бедор карда, шеърро мехонд ва мегуфт, ки Мулло Боқӣ хез, рафта офтобро дар ағбаи Боботоғ пешвоз мегирем… Ман ҳеҷ гоҳ аз ин таклифи ӯ сар намепечидам. Охир ӯ тамошои, Душанбе, аммо ман водии Ҳисорро аз ҳамон ҷо дӯст медоштам. Аз ҳамон ҷо ба ин гӯшаи сабзу хуррам ва ободу зебои диёраш нигариста, ҳаловат мебурду илҳомаш ҷӯш мезад…

Як вақт Мирзо ба Ҳиндустон сафар кард. Моҳи сентябр, оғози таҳсил буд. Масъуд – писари Турсунзода бояд ба мактаб мерафт. Аз рӯи таомули шаҳриён касе бояд кӯдакро ба мактаб мебурд. Ин «вазифа» ба зиммаи банда афтод. Ман Масъудро ба мактаб расонидам. Ва чашмам ба сурати калони Мирзо, ки дар девор овезон буд, афтод. Директори мактаб ҳам ҳамроҳамон буд. Вай аз Масъуд пурсид, ки ин сурати кист. Писарбача бо остинаш даҳонашро пӯшонида, шармгинона «сурати падарам» ҷавоб дод…

Воқиан, мо бо Мирзо чунон унс гирифта будем, ки вай агар аз шаҳрҳои дуру наздик меомаду дар байни пешвозгирандагон маро намедид, албатта суроғ мекард, меҷуст, меёфт.

Мирзо дар дӯстӣ вафодор ва устувор буд. Ва шеъру достонҳои ӯро ҳам ҳамин фалсафа фаро гирифтааст, зеб додааст, шӯҳратманд гардондааст.

Як вақт ба Иттифоқи нависандагон ариза навиштам, ки маро ба хона таъмин кунанд. Пас аз чанде бо имзои Миршакар чунин ҷавоб гирифтам: «Барои шоири боистеъдод буданаш ба Боқӣ Раҳимзода аз фонди адабӣ як диван дода шавад ва ба Низомиддинов супурда шавад, ки онро дар ҷои барҳаво гузорад».Диванро дар саҳни хобгоҳи нависандагон гузоштанд ва ман то тангии тирамоҳ дар он ҷо зиндагӣ мекардам…

Зиндагии аҷибе доштанд истиқоматкунандагони он хобгоҳи нависандагон. Кас гумон мекард, ки онҳо фарзанди як оилаанд. Рафоқату самимияте, ки ба якдигар доштанд, беинтиҳо буд. Сари як касро дард мегирифт, ҳамааш ба по мехест… Оре, онҳо аз тамоми гӯшаю канорҳо ҷамъ омада, як оилаи бузурги адабиро ташкил карда буданд ва банда гӯё ҳар рӯз меҳмони ҳар як хонадони ин хобгоҳ будам.

Баъзан дар лаҳзаҳои истироҳат дар саҳни хобгоҳ базмҳои аҷибе барпо мешуданд. Муҳиддин Аминзода танбӯр ва Ҳабиб Юсуфӣ дутор менавохтанд. Зимнан бояд бигӯям, ки Ҳабиб овози хуше дошт ва сурудҳои классикиро басо ҳам бомаҳорат месуруд.

Боре Мирзо Турсунзода бо шавқ дар бораи Муҳаммадҷон Раҳимӣ чунин нақл кард. Раҳимиро директори фонди бадеӣ таъин мекунанд. Ва ҳамон солҳо (пеш аз ҷанг) ба адибон бепул хӯрок медодаанд. Шояд барои ҳамин ҳам шумораи нависандагон ба чорсад нафар мерасад… Баъдтар Раҳимӣ дар боғи шаҳр чойхонае сохт ва ба он Анри Барбюс ном ниҳод. Дар ин чойхона сари чанд вақт аҳли адаб ҷамъ омада, сӯҳбатҳои хосса мероростанд, барои пешрафти адабиёти советии тоҷик мубодилаи афкор мекарданд.

Дар омади гап дар хусуси Раҳимӣ чанд сухане гуфтаниям. Вай марди хоксору фозиле буд. Дар ёдам ҳаст, ки он солҳо дар хонаи вай Шамсиддин ном шахс зиндагӣ мекард, ки коргари оддӣ буд. Шамсиддин бо мадади Раҳимӣ саводнок шуд ва ба дараҷаи вазирӣ сабзид.

Он солҳо Душанбе ин қадар ободу зебо набуд. Кӯчаҳои тангу биноҳои пасти пахсагӣ бешумор буданд. Ва Раҳимӣ ҳам дар кӯчаи Путовский кулбае сохт.

Зимистон буд. Боре вай ба хона омада мебинад, ки кулбааш бом надорад. Раҳимӣ дар ҳайрат афтода, аз ҳамсояҳо боми хонаро мепурсад. Маълум мешавад, ки тундбод боми хонаро бардошта, ба ҳавлии ҳамсоя партофтааст. Албатта аз ин табъи Раҳимӣ хира мешавад. Ӯ дарро кушода, ба хона медарояд ва мебинад, ки рӯи каташ пури барф аст. Вай примусро даргиронда барфҳоро об кардан мегирад. Одамон ин рафтори ӯро дида, дар ҳайрат меафтанд ва мегӯянд:

– О бародар, чаро ин қадар заҳмат мекашед? Якбора барфҳоро рӯбеду ҷон халос.

Раҳимӣ табассумкунон ҷавоб медиҳад:

– Инро лирика мегӯянд…

Ман тирамоҳ хонаи Аминзода рафтам. Ва аз хобгоҳ ба Раҳимӣ ҳам як хона доданд. Ӯ китобу либосҳояшро бардошта меораду ба мобайни хона мегузорад ва осудаҳолона нафас мекашад, ки аз ташвиш акнун халос шудааст. Ҳамин лаҳза касе дарашро мекӯбад. Ӯ дарро мекушояд. Ба хона Рена Ғолибова медарояд.

– Муаллим, – шунидем хона гирифтед, муборак бошад, – пас аз саломуалек мегӯяд Ренахон.

– Ҳа, ташаккур, ҳамин кулба ба мо расид, – ҷавоб медиҳад Раҳимӣ ва илова мекунад. – Акнун мо ҳам мисли дигарҳо зиндагиро ташкил мекунем…

– Ҳа, бисёр хуб, насиб кунад. Лекин, муаллим, мо хона meковему намеёбем. Бачаҳо хурданд… Чӣ мешавад, ки то баҳор дар гӯшаи хоначаи шумо мо ҳам истиқомат кунем.

Раҳимӣ, ки дар рӯи кати сафарияш нишаста будааст, бо дили кушод «Ҳамин хона садқаи як чашми сиёҳи шумо. Марҳамат зиндагӣ кардан гиред» мегӯяду аз ҷой бармехезад ва китобҳояшро бардошта, боз сӯи кулбаи деринаш роҳ пеш мегирад.

Раҳимӣ ана ҳамин хел марди хайрандеш ва фароххиммат буд…

Ман дар бораи хобгоҳи Иттифоқи нависандагон барои он бисёр гап задам, ки он бешубҳа макони дӯстию рафоқат, корхонаи эҷодии ҳар як адиб буд.

Дар қабати дуюми даромадгоҳи якум ба ном клуби адибон хонае ҷудо карда шуда буд. Дар ин хонача маҳфилҳои адабӣ, мушоира, сӯҳбатҳои эҷодӣ барпо мешуданд, ки дар онҳо ади-

бони номии Москва, устод Айнию Лоҳутӣ ширкат меварзиданд. Ба ҳамаи ин ташкилиҳо шахсан Мирзо Турсунзода сарварӣ мекард ва масъалаҳои муҳимми адабӣ дар ин ҷо ҳал карда мешуданд. Қабули нависандагони ҷавону калонсолон, муҳокимаи асарҳояшон дар ҳамин ҷо мегузашт.

Ёд дорам, ки ҳатто як маҷмӯаи бедилшиноси машҳур Зуфархон Ҷавҳариро ҳам дар ҳамон ҷо муҳокима карда будем.

Баъдан соли 1946 машварати адибони ҷавон баргузор шуд. Дар ин ҷамъомад аз Ленинобод Шукӯҳӣ, Фарҳат, Баҳорӣ ва Пӯлод Толису дигарон иштирок доштанд. Ҳангоми муҳокимаи асарҳои онҳо шодмонии Мирзо интиҳо надошт. Шеърҳои Шукӯҳӣ ва ҳикояҳои Толис ба ӯ ниҳоят писанд афтодаанд. Рафиқ Турсунзода ба худ болида мегуфт:

– Акун сафи нависандагони тоҷик аз ҳисоби ҳамин ҷавонҳо меафзояд…

Ин машварат қариб бист рӯз давом кард. Ва дар ин муддат адибони ҷавон доир ба адабиёт, фалсафа, эстетика, шеършиносӣ, танқиди адабӣ лекцияҳо шуниданд.Маҳз бо ташабусси Мирзо Турсунзода КМ ПК Тоҷикистон адибони ҷавонро қабул кард, фикру мулоҳизаҳои онҳоро дар хусуси кору зиндагӣ шунид.

Ба саҳнаи адабиёт қадам гузоштани ҳар як ҷавони болаёқат ба Мирзо хушнудӣ мебахшид. Дар хотир дорам: вақте ки достони «Асрор»–и Ғаффор Мирзоро муҳокима кардем, ӯ хурсандияшро пинҳон карда натавонист. Боре як шеъри Гулрухсорро ҳамроҳ мутолиа кардем. Мирзо аз хурсандӣ гул–гул шукуфт ва бо самимият гуфт:

– Боқиҷон, мана дар адабиёт на як Гулчеҳра, балки Гулрухсорҳо пайдо шуданд. Аз шумо хоҳиш мекунам, ки доимо аз ҳолу аҳвол, хонишу эҷодиёти ин духтар бохабар шавед, маро огоҳ кунед.

Вай ҳар як асари хурду бузурги адабиётро дақиқназарона мутолиа мекард. Ва агар шеъри хоми ҷавонон дар газета ё журнале рӯи чопро медид; Мирзо бисёр хафа мешуд.

– Мана, Мулло Боқӣ, аз шогирдонатон ин хел шеъри суст ҳам мебарояд,– мегуфт бо хотири озурда.

Як рӯз пеш мо дар хусуси шеъри як ҷавон баҳси зиёде кардем, сурху сафед ҳам шудем. Росташ ду–се рӯз ба якдигар саломуалеки дуруст ҳам намекардем. Устод басо сахт меранҷид,

дили нозук дошт… Хушбахтона, дар ҳамон рӯзҳо Мӯъминшоҳ, ки дар Унверистет мехонд, як шеърашро назди ман овард. Шеър равон, самимӣ, пухта буд. Чунон ки мегӯянд мазмуни конкретӣ дошт. Ман Мӯъминшоҳро гирифта, ба назди Мирзо даровардам. Ӯ ҳанӯз ҳам хафа буд.

– Чӣ хизмат? – пурсид аз ман.

– Ин кас шоири ҷавон Мӯъминшоҳ, – ҷавоб додам ман.

– Донишҷӯи Унверситети давлатии Тоҷикистон,. Шеъре овардааст.

Мирзо шеърро гирифта, ду–се бор мутолиа кард. Дар чеҳраи ӯ торафт осори хурсандӣ аёнтар мегашт. Вай ниҳоят табассумкунон ба ман нигариста гуфт:

– Боқиҷон, мана ин гапи дигар…

Ман гуфтам, ки ҳамин тавр бошад, маҷмӯаи шеърҳои Мӯъминшоҳро ба нашриёт тасвия кардан даркор.

Мӯъминшоҳ ниҳоят ҷавони шармгин буд. Вай базӯр ду–се калима гап гуфт ва аз дар берун шуд. Мирзоҷон гуфт, ки аз паи тартиб додани маҷмӯа шавед, ки ин ҷавон бисёр шармгин аст. Эҳтимол барои пешниҳод кардани маҷмӯааш ҷуръат накунад. Ӯро аз мадди назар дур накунед.

Бори дигар як ҷавони хароби миёнақад, ки зоҳиран хомӯшу ботинан меҷӯшид, ба назди ман шеъре овард. Ман ба сарлавҳаи шеъри ӯ нигаристам: «Ном дар санг». Ин шеърро ҳамроҳи Мирзо хондем.. Шеър баъзе нуқсонҳо дошт, вале Мирзо аз он хурсанд гашт, ки дар сухан ва тарзи баёни шоири ҷавон ҳарорату шарораи умедбахше ниҳон буд.

– Агарчанде хом аст, ин шеър мағз дорад, – гуфт Мирзо. – Аз ин бача оянда шоири хуб мебарояд.

Ин шеъри нахустини Лоиқ буд, ки дар журнали «Садои Шарқ» чоп шуд.

Аввали солҳои шастум як гурӯҳ ҷавонони навпардоз ба арсаи адабиёт қадам ниҳоданд.Болу парвоз, таровати шеъри онҳо дигар буд. Ин равия, эҳтимол, аз тарафи шоирони ҷавони Шарқ, аз ҷумла Эрон, сар зада буд. Вай дар байни мунаққидон ҳам доир ба ин равия мунозираҳои тезу тунд давом мекард.. Ҳатто як мунаққиди эронӣ навишта буд, ки навпардозӣ дар мо се ҷиҳат дорад: якумаш ёвагӯӣ (сафсатта), дуюмаш чӣ гуфтанашро худи шоир намефаҳмад, сеюмаш навпардозии ҳақиқӣ.

Мирзо Турсунзода ҳамон солҳо бисёр дар ташвиш афтод,

зеро баъзе ҷавонони навпардоз рӯйрост дар шеъру ҳикояҳояшон менавиштанд, ки шоирону нависандагони кӯҳансол дар пашрафти эҷодиёти онҳо садди роҳ мешаванд. Хушбахтона, ин каҷравиҳо дер давом накарданд. Ҷавонон аз методи реализм социалистӣ дур нарафта, пайроҳаи эҷодӣ ва сухани хоси худро ёфтанд. Ва ҳар кадом бо услуби худ ба шоҳроҳи адабиёти советии тоҷик баромада, онро ғанию рангинтар гардониданд.

Баъдтар ин ҳаракати навпардозӣ ва такомули эҷодиёти ҷавонони боистеъдод басо манфиат ҳам бахшид. Турсунзода борҳо ба ман мегуфт, ки Боқиҷон, хайрият ин кӯшишҳо дар роҳи эҷодии ҷавонон самараи хубе бахшиданд. Акнун адабиёти тоҷик бо ҷавонони эҷодкораш дар доираи умумиттифоқ решаи мустаҳкам давондааст. Бовар дорам, ки онҳо бори адабиётро бар дӯши худ бардошта метавонанд.

Мирзо Турсунзодаи азиз ҳамчун устод ва ходими намоёни партиявию давлатӣ шахсияти бузург буд. Вай тамоми ҳастии худ, марому мақсади худро барои ҳарчониба инкишоф ёфтани адабиёти советӣ, равнақуривоҷи кори эҷодии ҷавонон мебахшид.

* * *

Айёми баҳор буд. Мирзо Турсунзода соати ҳафти пагоҳӣ хонаи мо омад. Табъаш хуш буд. Гуфт, ки ба Қаратоғ меравем, шибити кӯҳӣ мечинему ҳаво мехӯрем.

Ба роҳ баромадему сабаби хурсандии Мирзоҷонро фаҳмидам. Вай повести Фазлиддин Муҳаммадиев «Дар он дунё»–ро мутолиа карда будааст. Бисёр таърифу тавсиф кард ва гуфт, ки дар адабиётамон ин тӯҳфаи арзанда аст.

– Агар дар наср монанди Фазлиддин боз панҷ–шаш нафари дигар пайдо шавад, – гуфт Мирзо, – адабиётамон монанди қуллаҳои Тоҷикистон баланд мешавад. Бояд донем, ки дар айни замон бори вазнини адабиётро наср мебардорад. Зеро назми мо анъанаҳои ҳазорсола дорад ва наср ба маънои ҳақиқияш то инқилоб набуд. Барои ҳамин устод Айниро асосгузори адабиёти советии тоҷик меномем. Ман пеш аз ҳама, бидуни шубҳа, повесту романҳои устодро дар назар дорам.

Бо дили пур аз шодиву фараҳ ба Қаратоғ расидем. Мирзо ба ман «ана ин гузари кулолӣ, ана ин гузари чармгарон, ана дар

ин ҷо гузари абрбоф»-гӯён тамоми маҳалҳои пештараи Қаратоғро нишон медод… Ба пушти Қаратоғ баромада, сайру гашт кардем, шибити бисёре чидем.

– Акнун, Мулло Боқӣ, ҳоло хонаи Абдураҳим меравем, – гуфт Мирзо. – Як мулоимак (шавла) мефармоему бо ин баҳона дари тарошидаи падарамро мебинем…

Дари басо зебои кандакорӣ яке аз хонаҳои Абдураҳимро зинат медод. Дар он нақши дастони усто Турсун бо санъати хело мӯъҷиз ба чашм мерасид.

Мирзоҷон бо дӯстони кӯдакияш, ки касбу корашон гуногун буд, бо як шавқу муҳаббат дурудароз сӯҳбат кард, мазмуни асари нави Муҳаммадиевро ҳикоят намуд. Вай аз муваффақияти ҳар як адиби тоҷик сарбаланд мегашт, ифтихор мекард…

Як рӯз Мирзо маро ба наздаш ҷеғ зада гуфт:

– Мулло Боқӣ, тайёр шав, пагоҳ ба водии Вахш ҳаётомӯзӣ меравем. Шоиру нависанда бояд ҳаётро пайваста омӯзад, донад.

Моҳи июль, вақти гармӣ буд. Ман он вақтҳо ҷавонмарди чорпаҳлуи батанутӯш будам. Ба гумонам Мирзоҷон барои азоб додани банда пешакӣ тадбир андешида буд. Вақте ки ба шаҳри Қӯрғонтеппа наздик шудем, котиби комитети партиявии шаҳр ба пешвози мо баромад. Мирзою котиб аз мо дуртар истода, ба якдигар чизе гуфтанд ва ба гармии ҳаво нигоҳ накарда, ба пахтазор даромадем. Аз ин қитъа ба он қитъа, аз он қитъа ба ин қитъа давр мегаштем. Обу арақ аз сару рӯямон мешорид… Аз пеш гоҳ–гоҳ сарҳавз мебаромад, дар сояи дарахтон гилему якандозҳо густурда шуда буданд, дастархонҳоро нозу неъмати фаровон оро медод. Вале Мирзо ҳамроҳи котиб аз назди сарҳавз бепарво мегузашт. Ман бошам, фарёд мезадам:

– Мирзоҷон, ҳаёт ин ҷо аст, байни пахтаро чӣ мековӣ? Ӯ қоҳ–қоҳ механдид, вале «саёҳат»–ро идома медод. Бо ҳамин минвол як рӯзи дароз дар пахтазор қадам задем. Охири охирон дар лаби сарҳавзи пахта нишаста, дар хусуси кору бори деҳқонон бо котиб сӯҳбати гарме кардем. Шаб дар меҳмонхонаи Қӯрғонтеппа мондем. Мирзо саҳар чанд мисраъ аз шеъре, ки ба котиби райком бахшида буд, хонд. Дар он шеър, заҳмат, ҷонфидоии котиби райком бахшида буд, хонд. Дар он

шеър, заҳмат, ҷонфидоии котиби райком хело ҳам табиӣ тасвир шуда буд.

Мирзо Турсунзода марди сайёҳ буд. Вай саёҳатро дӯст медошт. Дили шоир аз дидани ҳар як гӯшаи Ватан, мардуми буньёдкори он шод мегашт, илҳомаш ҷӯш мезад, шеър иншо мекард.

Вай борҳо ба ман арзи дил мекард, ки Қаротегинро диданист. Ниҳоят рӯзи сафар фаро расид. Он вақт Иттифоқи нависандагон мошин ҳам надошт. Комитети Марказӣ як мошини газик дод. Мирзо раҳорах аз ман дар куҷо будани ағбаи Кафтаргузарро мепурсид. Дар Комсомолобод моро ботантана пешвоз гирифтанд. Ва хоҳиш карданд, ки шаби адабӣ гузаронем. Дар ин шабнишинӣ Турсунзода бештар дар бораи муваффақиятҳои адабиёти советӣ ҳарф зад. Муаллиме дар бораи эҷодиёти Мирзо сухан карда, гуфт, ки қудрати назми шоир ба андозае расидааст, ки дар деҳаи онҳо як маҷмуаи ӯро, яъне Турсунзодаро ба як гӯсфанд иваз кардаанд.

Раиси комиҷроияи Комсомолобод ба Мирзо аспе тӯҳфа кард ва гуфт, ки аспи чавандозӣ аст. Турсунзода ҳам бузкаши хуб аст, метавонад бо ин асп бузро аз тӯдаҳои калон барорад.

Мирзо ташаккури зиёде гуфт, ба асп савор шуда, каме тозонд, баъд онро ба соҳибаш супурд.

Рӯзи дигар, вақте ки аз Комсомолобод мегузаштем, офтоб дар ағбаи Кафтаргузар нурпошӣ мекард. Мирзо ағбаи Кафтаргузарро бо шавқ тамошо кард. Вай ба ҳар як қулла, шоху долу дарахт ва гиёҳу рӯдҳои хурӯшони кӯҳсор бо муҳаббат менигарист.

Дар Ғарм Мирзоро ботантана пешвоз гирифтанд.Чеҳраи ӯ як ҷозибаи аҷибе дошт, ки ҳамаро ба худ мекашид, моил мекард. Ҳатто одамоне, ки борҳо Мирзоро дидаанд, омаданашро мешуниданд, дар такопӯ меафтоданд. Мирзо бо забони ҳама гап зада метавонист: бо мӯйсафеду кампир, ҷавону хурдсол…

Дар Ғарм Мулло Ҳофиз ном шоире гузашта аст. Бо хоҳиши Мирзо ба деҳаи Навобод, ки шоир он ҷо гӯронида шудааст, рафтем. Оромгоҳи муаллимонеро, ки Фузайл–махсум ваҳшиёна куштааст, зиёрат кардем. Мирзо аз ман хоҳиш кард, ки дар бораи ин шаҳидони роҳи озодӣ хотираҳо гирд оварам. Баъдтар он хотираҳо дар достони «Роҳи нури офтоб» истифода бурда шуданд.

Пас аз сафари Ғарм Турсунзода чанд шеър иншо кард, ки «Ағбаи Кафтаргузар» яке аз онҳост. Ин шеър шаҳомати кӯҳсорро васф мекунад.

*Гарчи номиданд як кӯҳи туро Кафтаргузар,*
*Кӯҳи саркаш кафтаронро ҳам гузаргоҳе надод.*

Устод Турсунзода ба ҳар ҷое сафар мекард, нияту мақсади муайян дошт ва албатта аз сафари худ асари тозае рӯи коғаз меовард.

Вай гоҳо мегуфт, ки даҳ-понздаҳ шеъри тайёр дорам, лекин вақт намеёбам, ки шинаму онҳоро нависам.

Мирзо пас аз сафари Ҳиндустон қиссаи машҳури худро навишт ва ин асар ба ӯ шӯҳрати баланд бахшид. Мунаққидон дар газетаҳои марказӣ навиштанд, ки Турсунзода бо ин қиссааш Ҳиндустони навро кашф кард.

Шеъру достонҳои аз таассуроти ин сафар эҷод кардаи шоир зуд дар байни халқ паҳн шуданд, вирди забонҳо гаштанд.

Пас аз чопи ин қисса мо чанд нафар бо роҳбарии Мирзо ба Қаратоғ рафтем. Моҳи ноябрь буд, ҳаво меборид. Соати се бо роҳбарони район мулоқоти хоссае баргузор шуд. Сӯҳбат тафсид. Ҳозирон бештар дар бораи Ҳиндустон ба Мирзо саволҳо медоданд. Котиби райкоми собиқ райони Шаҳринав Раҳматулло Аҳмадов, ки ҳоло дар Совети Вазирони Республика кор мекунад, шахси адабиётдӯст аст. Вай сабаби пайдоиши ҳар як шеъри Мирзо Турсунзодаро донистан мехост. Як рафиқи дигар, ки номашро зикр намекунам, ба Аҳмадов пайравӣ карда, аз Мирзо пурсид:

– Рафиқ Турсунзода, шумо «Тара–Чандрӣ» ном шеъре навиштаед. Ҳамин Тара–Чандрӣ чӣ маъно дорад? Об аст, хок аст, ҳаво аст, ягон балои дигар?

Ин ба Мирзо хело сахт расид, вале боз худро ором вонамуд карда, ҳикоятеро овард, ки дар мулке подшоҳе будааст аблаҳ, лекин вазири бофаросате доштааст. Рӯзе хабар мерасад, ки аз Ҳиндустон ба мулки онҳо вакилҳо меоянд. Вазир инро шунида, ба шоҳ мегӯяд:

– Шоҳо, аз рӯи русуми мулкдорӣ ту бо вакилони мӯътабар, албатта, сӯҳбат мекунӣ. Лекин дар назди меҳмонҳо ҳар гапи носазоро гуфтан ба шоҳ сазовор нест. Барои ҳамин як илтимос

дорам: ман дар пои Шумо ришта мебандам. Ва ҳамин ки гапатон беҷо рафт, риштаро мекашаму шумо гапзаниро бас кунед. Шоҳ розӣ шуд. Вакилҳо омаданд. Сӯҳбат оғоз ёфт.

– Истед, ки шумо аз куҷо омадед? – пурсид шоҳ.

– Аз Ҳиндустон.

– Ҳа, Ҳиндустон чӣ хел аст?

– Нағз.

– Мегӯянд, ки дар ватани шумо пиразанҳои фартут бисёранд, ҳамтур?

– Ҳа, ҳамин хел…

Вазир бетоқатона риштаро мекашад ва мегӯяд, ки шоҳам, ба ин суханашон гуфтанианд, ки файзу баракати мулки шумо беинтиҳост, мардумони шумо умрдарозанд…

– Падарлаънат, гапам дурурст бошад, чаро риштаро кашидӣ? – бо ғазаб мегӯяд шоҳ.

Мирзо бо нақли ин ҳикоят ба саволи беҷои он пурсанда ҷавоб дод.

Баъд мо бархеста ба Қаратоғ, зодгоҳи шоир раҳсипор шудем. Ҳанӯз ҳам борон меборид. Ҳаво сард буд… Дар роҳ мошинамон дар даруни дарё монд. Шофир як марди хурдҷуссаи лоғар буд. Умеди мошинро аз об баровардан набуд, лекин худамон бояд мебаромадем, вале об сард буд. Бо донаҳои гӯгирд қуръапартоӣ кардем. Ҳама яктоӣ гирифтанд ва ман бохтам. Онҳоро ба соҳил баровардан насиби банда гашт. Тани бараҳна ба оби ях барин хунук, ки аз миён боло мебаромад, даромада, онҳоро пуштора карда ба соҳил гузаронидам… Дар шаби торики боронӣ роҳ рафтан басо душвор буд. Ман «ба умеди Тара–чандрӣ зиёфату хонаи гармро монда, омада ба ин азоб гирифтор шудем», – гӯён алами Мирзоро тоза мекардам. Ниҳоят ба сарбанди об расидем. Дар баландӣ нури хираи чароғе ба чашм мерасид. Аз пастӣ фарёд задем. Марди ҳамроҳи духтарчае омада, кӣ будани моро пурсид. Шинос шудем. Абдуҷамил ном доштааст. Ман аз ӯ пурсидам, ки Мирзо Турсунзодаро мешиносад.

– Албатта, – ҷавоб дод ӯ, – мо бо ҳам гаштаем, ҳамшаҳрем…

Аз духтарча ҳам, ки Ҷамила ном доштааст ва мактабхон будааст, пурсидам, ки оё ягон бор Турсунзодаро дидааст, мешиносад?

– Ҳа, дидаам, сураташон дар китоби хониш ҳаст, – ҷавоб дод духтарча.

– Акнун, Ҷамилаҷон, биёву худашонро дар даруни лой бин, – гуфтам ба ӯ.

Абдуҷамил марди хубе будааст. Вай дар сари чӯбе машъал афрӯхта, то Қаратоғ роҳбаладӣ мо шуд.

Дар Қаратоғ тамоми ёру дӯстони Турсунзода дарҳол ҷамъ омаданд, моро ба чойхона бурданд. Чӣ шабнишинии олиҷанобе баргузор шуд. То соати панҷ шеър хондем, ҳазлу шӯхӣ кардему хандидем. Дар охир ҳамсинфи Мирзо усто Саиди кулолгар ба мо табақ тӯҳфа кард. Вай дар табақи хоссае аз шеъри «Тара–Чандрӣ» ду мисраъро басо зебо кандакорӣ карда, баланд–баланд хонду онро ба Мирзо бахшид.

Ба ман бисёрҳо насиб шудааст, ки ҳамроҳи Мирзо берун аз республика ҳам сафар кунам. Боре, хушбахтона, бандаро ҳам вакили анҷумани дуюми нависандагони СССР интихоб карданд. Иштирок дар чунин ҷамъомади бузург, ки мактаби олии кӯтоҳмуддати адабиёт аст, бешубҳа ҷаҳонбинии маро васеътар кард.

Мирзо Турсунзода дар ин анҷуман баромад карда, дар бораи масъалаҳои тараққиёти минбаъдаи адабиёти республикаҳои советӣ сухан ронд. Ва Михаил Шолоховро каме танқид кард. Гуфтанд, ки устод Шолохов барои сабзиши кадрҳои соҳаи насри адабиётҳои миллӣ кам машғул мешавад.

Маҳз ба воситаи ӯ мо ба адибони номӣ Фадеев, Твардовский, Тихонов, Симонов, Собольев, Сурков ва дигарон аз наздик шинос шудем. Ҳамин ки ба адибони номдор вомехӯрдем, Мирзо бо ҳазлу мутоиба моро шинос мекард. Онҳо аз лаҳни хуш, нақлҳои намакини Турсунзода ҳаловат мебурданд, мезавқиданд.

Пас аз съезд Мирзо моро ба нашриёти «Художественная литература» бурд ва китоби маро ба чоп тавсия кард.

Як бегоҳ Мирзо маро ба наздаш (мо меҳмонхонаи «Москва» зиндагӣ мекардем) даъват кард ва гуфт:

– Мулло Боқӣ, съездро бомуваффақият гузаронидем, бисёр асарҳои шоирони классик ва муосирро барои чоп тавсия карданд. Акнун туро ба курорт мебарам. Ҳа, дар ин ҷо олами маънавият бой шуд, акнун туро бурда ҷисман парвариш мекунам.

Ман то он вақт ягон бор курорт нарафта будам. Аз ин ҷиҳат дудила шудам ва ба Мирзо гуфтам:

– Дар хона бачаҳо танҳоанд…

– Парво накун, – гуфт Мирзо, – Ман ба Сабоҳатхон телефон карда мегӯям, ки ба курорт рафтани шуморо ба оилаатон хабар диҳанд.

Ман боз набудани путёвкаро баҳона кардам, аммо вай даст афшонду «ин тарафаш ба зиммаи худам» гуфт. Чӣ чора? Розӣ шудам.

Рӯзи дигар путёвка ёфт шуд. Вале аз назари духтурон гузаштан лозим омад. Ба ҳар даре, ки мерафтем, аввал Мирзо медаромаду баъд ман. Духтури якум аз ман пурсид, ки аз саломатият шикояте дорӣ? Ман чӣ ҷавоб доданамро надонистам. Охир, он вақт ягон касал надоштам.

– Рафиқам, ки ҳоло аз назди Шумо баромад, – гуфтам ба ӯ, – чӣ дард дошта бошад, ман ҳам..

Ҳамин тариқ ҳамаи духтурҳо дарди моро як хел навиштанд. Вале духтури охирин бағоят ба ҳайрат афтод ва гуфт:

– О бародарҳо, солҳо боз духтурам, лекин ду шахси касалашон якхеларо бори аввал мебинам, – ӯ хандон–хандон илова кард: – Эҳтимол, якҷоя курорт рафтанӣ ҳастед…

Мо ба курорти Пятигорск рафтем.

Истироҳати мо бад набуд. Ҷойҳои таърихӣ, музеи Лермонтов, Кӯҳи маъшуқро зиёрат кардем.

Як бегоҳ ҳангоми саёҳат зане Мирзоро дошт. Вай муаллима будааст, тамоми шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро медонистааст у Мирзоро аз чеҳрааш шинохтааст. Ҳамин тавр тамоми истироҳаткунандагон ба дидани Мирзо ҳусни таваҷҷӯҳ пайдо карданд, ва бо исрори онҳо дар музей–хонаи Лермонтов шаби эҷодии Турсунзода барпо гардид.

Моҳтобшаб буд. Базм торафт пуршукӯҳ мегашт. Худаш шеър мехонду дигарон. Дар охир вай чанд нусха китоб ва сураташро дар музеи Лермонтов ёдгор гузошт ва ваъда дод, ки баъди бозгашт шеърҳои Лермонтовро тарҷума ва чоп хоҳем кард.

Лекин истироҳат нисф нашуда, боре мошини махсусе омаду Мирзоро бурд. Вай ҳангоми чизҳояшро ба ҷомадон ҷо ба ҷо кардан худашро ҷиддӣ гирифта гуфт:

– Хайр, Боқиҷон, то боздид…

Ман музтарибҳолона болои сари ӯ рост истода, пайваста мепурсидам:

– Худаш чӣ гап, Мирзоҷон? Куҷо меравӣ?

– Худам ҳам намедонам… Тинҷ истироҳат карданӣ будем, нашуд.

Мирзо рафт, вале ҳоли ман хароб гашт. Диламро гургон тала мекарданд, чӣ андешаҳое, аз сарам намегузашт. Хушбахтона, як бегоҳ боз ҳамон мошини сабукрав дар истироҳатгоҳи мо пайдо гашт ва ҷомадон дар даст, чеҳрааш хандону шукуфон дарро кушода, Мирзои азиз баромад. Мо гӯё солҳо боз интизори ҳамин лаҳза будем, якдигарро ба оғӯш кашидем. Ман аз ӯ пурсидам:

– О тинҷ ҳастӣ? Куҷо бурданат? Дилам қариб торс мекафид…

Ӯ завққунон ба тарзи хоси худ хандид ва гуфт, ки ба як маҷлиси фавқулодда бурданд. Ҳамааш ба некӣ анҷом ёфт. Сонитар ҳамаашро худат муфассал мефаҳмӣ…

* * *

Як бегоҳ Турсунзода маро ба хонааш даъват кард. Рафтам. Гуфт, ки ҳозир аз Комитети Марказӣ омадам. Супориш ҳамин: бояд ба водии Вахш равем. Колхозҳои нав, заминҳои нав, одамони меҳнатқарини ин водии зарнисорро бояд ба чашми эҷодӣ бинем. Ҳамчунин дар бораи анъана ва урфу одатҳои зараргори замони кӯҳна, ки ҳоло ҳам дар байни мардум вуҷуд доранд, мубориза аввал мо, нависандагон сар кунем.

Ҷалол Икромӣ ҳам бо мо шарик буд. Дар Қӯрғонтеппа бегоҳӣ бо коргарону хизматчиёни район як вохӯрии нағзи адабӣ гузашт. Мирзо дар хусуси сафарҳояш дар хориҷа нақлҳои аҷоибу ғароибе кард. Ӯ ҳикоят кард, ки дар сарҳади Покистон онҳоро боз медоранд. Вале вақте ки як сарҳадбон ӯро мешиносад, аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷад. Ва ба хотири Мирзо рухсат медиҳад, ки дар кулбаи сарҳадбонҳо онҳо панҷоҳсолагии шоири маъруфи рус Николай Тихоновро қайд кунанд. Ҳамчунин ӯ дар бораи бенавоӣ ва бачагони гуруснаи Покистон бо дард сухан ронд.

Рӯзи дигар мо ба сӯи Колхозобод роҳӣ шудем. Дар роҳ як коргари оддии ГАИ мошинамонро боздошт. Мирзо ҳар хел хуҷҷат нишон дод, вале ӯ қабул накард.

– Ба ман барои гузаштан «рухсатнома» даркор, медонӣ, – бо исрор мегуфт ӯ.

Ман дидам, ки авзои Мирзо беҷо шуд, дар ҷабинаш чинҳо пайдо гашт. Гуфтам, ки Мирзо, иҷозат деҳ, бо ин кас ман гапзанон кунам. Розӣ шуд.

– Эй ҷӯраи ГАИ, – гуфтам ба ӯ, – барои ту гузарнома лозим аст? Марҳамат! – Аз кисаам рухсатномаи ошхонаи ҳукуматиро баровардам, ки дар муқовааш «Пропуск» навишта шуда буд. Вай дархол қоматашро рост гирифт ва даст бар чакка бурда «Ана, ин гапи дигар, марҳамат, гузаред» гуфт. Аз дарвоза гузаштан баробар ба Мирзо гуфтам:

– Ҷӯра, ту шӯҳрати байналхалқӣ дорӣ, мо шӯҳрати маҳаллӣ. Корманди ГАИ, ки маҳаллӣ аст, гапи моро ба замин намонд…

Турсунзода ҳамчун муборизи оташинсухан дар тамоми олам машҳур аст ва дар дилҳо ҷой дорад. Вай дар анҷуманҳои бузурги дунё ҳамчун ҳомии матиниродаи сулҳ баромад мекард, ба даҳони душманони сохти мо санг мезад.

Ба хаёлам боре дар Кипр маҷлиси байналхалқӣ мегузаштааст, ки дар он намояндагони Хитой низ ширкат доштаанд. Онҳо дар бораи тарзи зиндагии халқ ва Ватани мо бо ғазаб сӯханҳои таҳқиромез гуфтаанд. Рӯзи дигар Мирзо чунон бароmади бомаънӣ мекунад, ки онҳо аз шарм маҷлисгоҳро тарк мекунанд.

Нависандаи машҳури Озарбойҷон Мирзо Иброҳим ба ман чунин нақл кард: ба анҷумане, ки дар Лондон мегузашт, рафтанамон лозим шуд. Ҳукумати Англия ба ҳама иҷозатнома дод, вале ба Мирзо не. Саркардагони англис на танҳо аз асарҳои шоир, балки аз номи ӯ ибо карданд.

Ман ин суханҳоро шунида, бо ифтихор як сухани шоири машҳури советӣ Эдуардас Межелайтисро дар ҳаққи дӯстам ба ёд овадам. «Дар партави шеъри Мирзо Турсунзода мо Шарқи советиро мешиносем. Ин одам як ҷозибаи шахсӣ ҳам дорад».

Нависандаи машҳури араб Юсуф – ас– сиббоӣ боре ба Душанбе омад. Мирзо ӯро меҳмондорӣ кард. Вай дар бораи Мирзо бо ҳазл гапи аҷибе гуфта буд.

– Пеш барои осон шудани мушкил одамон ба Каъбаи Шариф сафар мекарданд. Ҳоло мо, арабҳо, ба Москва, ба тарафи Мирзо муроҷиат карда, кушоиши кор мехоҳем. Номи Мирзои шумо дар байни мардуми мо як рамзи ғалаба аст.

Дар хонадони ин марди шариф бисёр одамони бомаърифат ва бузург меҳмон шудаанд.

Шоири машҳури Покистон Файз Аҳмади Файз, ки дар достони «Ҷони ширин»-и Мирзо Турсунзода зикр шудааст, ба ҷашни ҳазораи устод Рӯдакӣ омад буд. Ӯро Мирзо ба меҳмонӣ қабул кард. Файз дар гирди дастархон чанд шеъреро аз «Қиссаи Ҳиндустон» хонд. Ва гуфт, ки ҳар кадоми ин шеърҳо барои олами Шарқ эъҷоз аст. Агар сулҳро дар шакли ягон чиз тасаввур кунем, бевосита дар осмони беканори он Мирзоро мебинед, ки монади кабӯтар болупар мезанад…

Дар охири сӯҳбат Мирзо ба Файз Аҳмади Файз ҷомаву тоқӣ пӯшонд ва якчанд китоби худро тӯҳфа кард.

* * *

Фасли тирамоҳ буд. Дар ҳама ҷо овозаи сохтмони ГЭС–и Норак мерафт. Мирзо Турсунзода ману Миршакар ва Фотеҳ Ниёзиро гирифта, ба сафари Норак баромад. Норак ҳамон Нораки қадима буд. Роҳ танг, хонаҳои пасти гилӣ. Мо аз тангнои Пули Сангин гузашта, ба Тутқавул рафтем, ба деҳқонҳо дар бораи ин макон, ояндаи дурахшони он сӯҳбат оростем. Одамони оддӣ дар бораи Пули Сангин қиссаю ривоятҳо мегуфтанд.

– Мулло Боқӣ, гуш кун, – мегуфт Мирзо, – ГЭС–и Норак бунёд шавад, симои Точикистонро дигар мекунад. Агар ин ҷо баҳр шавад, дар соҳилаш дар сари як баландӣ барои нависандаҳо истироҳатгоҳ месозем.

Он чизеро, ки дар ин сафар дидему шунидем, дар достони «Роҳи Нури Офтоб», ки якҷоя навиштем, истифода бурдаем.

Пеш дар бораи ҷашни республика шоиру нависандагон ба меҳнатакашон мактуби кушод менавиштвнд. Рузе Мирзо гуфт, ки ҳамин анъанаро мешиканем. Миёнро маҳкам бандед, ҳамроҳ як достон менависем.

Барои эҷоди ин достон ба бисёр гӯшаю канорҳои республика сафар кардем. Дар ин достон бобест, ки «Коммунист» ном дорад. Барои офаридани ана ҳамин боб лаҳзаҳое лозим шуд, ки коммунист бо тамоми ҳастияш барҷаста тасвир ёбад. Чанд муддат дар ин бора ҳамроҳ фикр кардем, лекин чандон муроде ҳосил нашуд. Ниҳоят боре ҳамроҳи рафиқ Ҷаббор Расулов ба «Бешаи палангон» рафтем. Ин ҷо бисёр зебо ва аҷоиб аст. Мо хостем, ки бо чашми худ рафтору кирдори роҳбаронро дар

ҷӯшу хурӯши ҳаёт бубинем. Воқеан, бисёр вақт мо, адибон, ба ҳаёт аз нуқтаи назари бадеият назар меафканем. Роҳбарони асил бошанд, ба зиндагӣ аз нуқтаи назари моддию маънавӣ, аниқтараш, иқтисодӣ нигоҳ мекунанд.

Дар роҳ рафиқ Расулов ҳикояти аҷибе кард. Вай, ҳамчун агроном, солҳо боз барои кушодани заминҳои водии Вахш иштирок карда, барои инкишофи пахтакорӣ саҳми босазое гузоштааст.

– Падарам косиб буд, – гуфт Ҷаббор Расулов, – Як мӯзаи нимдошт ва як ҷуфт гов дошт. Солҳо гузаштанд. Хондам, соҳиби кору вазифа шудам. Як бор ба хона рафтам ва дидам, ки ҳамон мӯзаҳои кӯҳнаи лахт–лахт ҳанӯз ҳам дар шифти хонаи хобаш овезонанд. «Дадо, ин мӯзаҳои дарида дигар чӣ даркоранд?» – пурсидам аз падарам. Он кас хаёломез ҷавоб доданд:

– Ёде аз ҳамон солҳо ва аз гузаштаи мо…

Мирзо пас аз шунидани ин ҳикоя ба ваҷд омад ва гуфт, ки мулло Боқӣ, ана гиреҳи ин муаммо кушода шуд. Ана образ !

Ҳамон боби «Коммунист» дар газетаи «Известия» чоп шуда буд.

* * *

Тобистоне устод Мирзо Турсунзода моро, яъне ман, Ғаффор Мирзо, Пӯлод Толисро ба саёҳати водии Зарафшон бурданд. Он вақт мақбараи устод Рӯдакӣ ҳанӯз нообод буд. Ба хаёлам, баъди ин сафар Мирзо масъалаи ободонии мақбараи устоди бузурги назм Рӯдакиро назди ташкилотҳои болоӣ гузошт.

Обу ҳавои Панҷрӯд бо зебоияш моро мафтун кард. Дараи Булбулон дар дидаи мо як умр нақш баст. Мо дар қадамгоҳи устод сайр карда, бо пирони барнодил ва закитабъи он макон сӯҳбат оростем. Дар Панҷрӯд суфасанги калоне ҳаст. Пирамардон ривоят карданд, ки ҳангоми чанг навохтани Рӯдакиии бузургвор чил духтар рӯи ҳамин санг ба рақс мебаромадаанд.

Он вақт пои Мирзо дард мекард. Мо, тансиҳатҳо, нисфирӯзӣ дар оби зулоли Панҷрӯд оббозӣ кардем. Мирзо ҳам «дар ин рӯд ҳазрати Рӯдакӣ оббозӣ кардааст»– гуфта ба об даромад.

Баъди ин сафар лаҳзаи ғамангезе фаро расид. Дарди пои Мирзо хурӯҷ кард, ӯ касали сахте шуд.Ҳеҷ аз ёдам намеравад, вақте ки ӯро рӯи замбар бардошта, ба ҳавопаймо мебароварданд, дар чашмаш ашк ҳалқа заду гуфт:

– Мулло Боқӣ, аз ҳоли бачаҳо бохабар шавед. Ӯ пас аз чанде сиҳат шуда, ба хона баргаштан замон маро ҷеғ зад ва табассумкунон гуфт:

– Мулло Боқӣ, бо як тир ду нишон задем. – Вай як даста шеърҳои навашро ба ман нишон доду илова кард: – Шеърҳои тоза ! Ҳангоми табобати поям фариштаи илҳом мадад расонду инҳо ва саломатиямро барои шумо савғо овардам…

Шеърҳои хеле самимӣ, пуробутоб буданд. Ва пас аз чоп зеби барномаи ҳофизону саҳна шуданд.

* * *

Ҳар рӯзи зиндагии ин марди наҷиб аҷиб ва ғариб буд. Боре ӯ даст ба лаб ниҳода ба андеша фурӯ рафта буд. Ман гумон кардам, ки саргарми хаёли шеъри нав аст. Шояд ҳамин тавр ҳам буд. Вале ӯ дарҳол сар бардошта, гуфт:

– Мулло Боқӣ, бисёриҳо Тоҷикистонро бо номи Помир мешиносанд. Дар ҳақиқат Помирро надидан барои мову шумо айб аст…

Се тан: Мирзо, Миршакар ва ман ба сафари Бадахшон баромадем. Роҳи мо тӯлонӣ буд. Як шаб дар Ош хоб кардем. Баъд дашти Олой, Булункӯл, ағбаи Оқбайталро, ки аз сатҳи баҳр панҷ ҳазор метр баланд аст, пушти сар карда, ба Мурғоб расидем. Дар он ҷо бо меҳнаткашон вохӯрӣ гузаронида, говмешҳоро тамошо кардем… Ба Хоруғ рафтем.

Ин сафар бисёр ҳам фаромӯшнашуданӣ буд. Зеро ҳама чиз ба чашм мерасид. Шукӯҳу шаҳомати кӯҳсор дар дида абадан нақш мебаст. Ҳамон вақтҳо ман бо номи «Қиссаи кӯҳсор» достоне менавиштам. Мирзо ҳам дар васфи Бадахшон шеърҳои зиёд навишт.

Дар Бадахшон шабонгаҳ осмон хело ҳам наздик, софу пурситора ба чашм мерасид. Мирзо ҳангоми сайри шабонгаҳ ба шавқ омада ин мисраъро гуфт:

Бо маҳ шудам ҳамоғӯш, бо осмон гулӯгир…

– Мулло Боқӣ, ин сафарамон нағз шуду, лекин якмоҳа меоем, тамоми гӯшаю канорҳои Помирро тамошо мекунем, – гуфт Мирзо.

Вай аз Помир ба воситаи ҳавопаймо ба Душанбе омад. Ману Миршакар бо мошин гӯё гирди оламро давр гашта, ба Душанбе расидем. Мирзо дар бораи Бадахшон достоне навиштанӣ буд. Ҳатто пешакӣ номашро «Боми ҷаҳон» номида буд.

* * *

Солҳои 1947–1948 бо сардории Мирзо як гурӯҳ нависандаҳо бо роҳи Термезу Самарқанд ба вилояти Ленинобод сафар кардем. Дар чойхонаи Шаҳрисабз хостем каме дам гирем, як пиёлагӣ чой нӯшем. Ба чойхона даромадан замон яке аз одамони таҳҷоӣ ба ман муроҷиат карда гуфт, ки ба гумонам яке аз шумо Турсунзода ҳастед. Мо ҳанӯз ба ӯ ҷавоб надода, ӯ аз ман, ки аз ҳама бузургҷусса будам, пурсид.

– Домулло, магар шумо Турсунзода нестед?

Аввало ният кардам, ки «ҳа, манам» гӯям. Лекин барои он ки шарм надорад, дар китфи устод зада, «ана ин шахс Турсунзода» гуфтам. Он шахс бо ду дасти адаб дар пойгоҳи чойхона истода гуфт:

– Шоири мӯҳтарам, агар як сари қадам ба ҳавлии мо рафта, як пиёла чоямонро менӯшидед, сарамон ба осмон мерасид. Аҳли оилаи мо шуморо ба воситаи асарҳоятон кайҳо боз мешиносанд, орзӯи диданатонро доранд. Ҳатто як писарамонро бо мурод Мирзо ном мондаем.

Ин таклиф ба ҳамаамон хуш омад. Мо дар хонаи марди шаҳрисабзӣ меҳмон шудем. Ӯ дастархони зиёфат кушод ва мо то дергоҳ сӯҳбат кардем.

Дар тӯлу арзи ин роҳ дар бисёр ҷойҳо бо одамон вохӯрда, аз инкишофи адабиёти советии тоҷик, бузургии устод Айнӣ ҳамчун поягузори илму адаб ҳарф задем.

Дар Ленинобод одамон бо хушнудии беинтиҳо Мирзоро пешвоз гирифтанд. Ҳоло ҳамон манзара аз пеши назарам дур намешавад. Дар Мастчоҳи нав шаби адабӣ баргузор шуд. Одамони ин ҷо акнун аз кӯҳсор хамида, даштҳои ташналаби Дилварзинро обод мекарданд ва аз рӯи таомули қадима ҳанӯз ҳам одамони як деҳа ба деҳаи дигар духтар намедодаанд.

Мирзо инро шуниду ба ман гуфт:

– Мулло Боқӣ, ҷояш омад, дар бораи расму оинҳои нав як баромад мекунед.

Аввал Раҳим Ҷалил дар бораи меҳмондӯстӣ, садоқату вафодории мастчоҳиён сухан ронд. «Ин одамон шоистаи роману достонҳоянд»– гуфт Раҳим Ҷалил.

Навбати баромад ба ман расид. Бо ҳазл гуфтам, ки Қаротегину Мастчоҳро ағбаи Оббурдан аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Борҳо кӯшидам, ки аз ағба гузашта, аз духтарҳои зебои

Мастчоҳ оиладор шавам. Вале «ба қаротегинӣ духтар намедиҳем» гуфтанд. Ман акнун худам се духтари нозанин дорам. Агар ҷавонҳои шумо аз конкурс гузаранд, духтарҳоямро бе қалин медиҳам.

Мирзо ниҳоят шод гашт.

– Мулло Боқӣ рост мегӯянд. Лекин шартҳои конкурсро худам муайян мекунам, – гуфт вай.

Баъд моро ба Конибодом даъват карданд. Шабнишинӣ дар боғи маданият баргузор шуд. Лекин аз чӣ бошад, чароғи электр набуд ва боғ ҳам ифлос. Димоғи Мирзо бисёр сӯхт. Вай ба роҳбарони район гилагузорӣ ҳам кард. Аммо шабнишиниро бо суханони гарм, дилнишин, бо шеърхонӣ ба поён расонд, одамонро мафтун кард.

Шабнишинии дар Исфара баргузор шуда хело ҳам аҷиб буд. Устод Турсунзода он ҷо дар бораи шоир Сайфи Исфарангӣ суханҳои хубе гуфт ва таклиф ҳам кард, ки кӯчаеро ба номи ӯ гузорад. Агар табъи устод хуш мебуд, ҳазлу шӯхии зиёд мекард. Он шаб ҳам, ки бисёр шод буд, бо ҳазл гуфт:

– Исфара – истгоҳи париҳо. Лекин Мулло Боқӣ дев барин… Ҳамроҳи мо дар байни париҳо чӣ кор мекарда бошанд?

Ман бадеҳатан ҷавоб додам, ки афташ Мирзоҷон мақоли машҳури «Ҳар ҷо ки паривашест, деве бо ӯст»–ро фаромӯш кардаед.

Хуб хандид.

Дар Шӯроб баъди вохӯрӣ ба ману Мирзо номи шахтиёри фахрӣ доданд. Мо бо сару либоси шахтиёрӣ сурат ҳам гирифтаем, ки хотираи некест.

Пас аз сайру саёҳатҳо ба Ленинобод омадем.

Дар Ленинобод базми боҳашамати назм барпо шуд.Мирзо шеърҳои зиёде хонд ва дар бораи гузоштани ҳайкали шоири ширинкалом Камол Хуҷандӣ ва фарзанди вафодори халқи тоҷик Темурмалик таклифҳо ба миён гузошт.

Ленинободиҳо ба Мирзо ҳамчун домоди арзанда ва хизматнишондода, сарупо пӯшониданд. Раиси комиҷроияи шаҳр ба вай калиди як хонаи истиқоматиро супурд ва гуфт, ки ин тӯҳфаест аз тарафи сокинони шаҳр ба шумо.

Ҳоло бо ташаббуси комиҷроияи шаҳр ҳамон хона ба музеи Турсунзода табдил дода шудааст…

Мирзо акнун нияти навиштани достони «Ҳасани ароба-

каш»–ро дошт. Вай рӯзе маро дар мошинаш савор карда, саройи аробаҳо, роҳҳои бо аробаи Ҳасан тайкардаашро нишон дод. Мо қариби Термез рафтем. Вай дар бораи қиёфаи Ҳасани аробакаш хело муфассал нақл кард. Мирзо дар кучо истодан, бо Иван Кузьмич шиносу ҳамсӯҳбат шудан, дар Қаратоғ бо ҳамдиёрон хайрухуш карданашро бо як муҳаббати бепоёне нақл намуд.

Ман аз Мирзо пурсидам, ки баъд ягон бор Ҳасанро дидӣ ё не?

Мирзо гуфт:

– Як саҳар аз хонаам, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе буд, баромадам. Чашмам ба марде афтод. Вай дар он тарафи роҳ меистод. Чеҳрааш шинос… Ҳасан буд, дар тан ҷомаи урганчӣ дошту дар даст қамчин. Ҳасан магар нигоҳи маро пай бурд, ки садо дод.

– Чаро ин қадар нигоҳ мекунӣ? Магар нашинохтӣ? Ман Ҳасани аробакашам. – Ӯ хосса табассуме карду гапашро давом дод. – Раҳмат. Ҳикоятона хондам. Хеле шод гаштам. Лекин, аз афти кор, баъзе ҷойҳояшро аз худатон бофтаед.

– Маъқул шуда бошад, нағз. Агар меҳнати ҳамонвақтаи аспу аробаи шуморо тасвир карда тавониста бошам. хело хуб шудааст.

– Садаф ҳам ба ту раҳмат гуфт. Соҳиби се–чор бача шудааст, – гуфт Ҳасан ва илова кард:– Замони аспу ароба гузашт. Хондам, ронанда шудам… Ҳозир ба куҷое хоҳӣ, бо ароба не, бо мошин мебарам.

– О дар даст қамчин дорӣ–ку.

– Ҳа, ин аз рӯи одат, – ҳиҷолатомез гуфт Ҳасан.

Ман аз ин боздид хеле шод гаштам. Ҳасанро ба меҳмонӣ таклиф кардам. Ӯ ба хона надаромад. Ваъда дод, ки бо аҳли оилааш ба меҳмонӣ меояд, лекин дигар ӯро надидам.

Мирзо каме хомӯш монд. Вай бо ангушташ лабашро молида, ба андеша фурӯ рафт, баъд табассумкунон ба гап даромад.

– Баъзан, Мулло Боқӣ, ин чапанҳо одамони содиқу нағз мебароянд, ҳеҷ гоҳ дар садоқат хиёнат намекунанд. Як саргузаштамро ман ба шумо мегӯям. Солҳо хеле пурошӯб буданд. Мубоизаи синфӣ давом дошт. Ана ҳамон вақт, ман аз дасти рафиқони қалбакӣ, ба ном аъзои комсомол, тозиёнаҳои пуроб хурдам, дар вазъияти нобоб афтодам. Аз ҳама аламовар ин буд,

ки ман яккаю танҳо будам. Ҳа, то аз имтиҳони ҷиддӣ гузаштан хело азоб кашидам. Бар замми ин ба касалии тиф гирифтор шудам. Касе набуд, ки ба ман як пиёла об диҳад, бисёр рафиқон аз ман рӯ гардониданд…

Як вақтҳо бо Каримҷон ном ҷавоне дар чойхонаи Сариосиё шинос шуда будам. Ана ҳамон рӯзҳои мушкил Каримҷон аз касе бемории маро шунида, ба хона омад. Ба хаёлам, ҳолати ман бисёр вазнин буд, ки ӯ фойтун ҷеғ зада, маро ба хонааш бурд, қариб се моҳ нигоҳубин кард. Хулоса, аз меҳру шафқати ин одами наҷиб сиҳат шудам.

Солҳо гузаштанд, ба ин рӯзҳо расидем. Орзу мекардам, ки боре Каримҷонро ёбаму ба некияш ҷавоби сазоворе бигӯям. Як бор ба ӯ рӯбарӯ шудам. Вале асӯс, ки ба ман муяссар нагашт, меҳмонаш кунам. Ман доимо ӯро ҷустуҷӯ мекунам, вале намеёбам… Мулло Боқӣ, инсон бисёр як махлуқи мураккаб аст. Барои ҳамин ҳам Саъдии бузург гуфтааст:

*Тавон шинохт ба як рӯз дар шамоили мард,*
*Ки то куҷош расидаст пойгоҳи улум.*
*Вале зи ботинаш эмин мабошу ғарра машав,*
*Ки хубси нафс нагардад ба солҳо маълум.*

Дар ҳақиқат одам тухми мурғ нест, ки дар шӯълаи офтоб доредy покии ботинашро бинед… Росташ рафиқони ҷонӣ ниҳоят кам мешаванд.

* * *

Боре бегоҳӣ Мирзо маро ба хона даъват кард. Омадам, ӯ бо хотири парешон гуфт, ки ҳамсарашро ба таваллудхона фиристодааст. Аввали баҳор буд. Бо ҳам таоми шом хӯрдем. Вай таклиф кард, ки ба сайри талу теппаҳои Душабе бароем. Шаби зебое буд. Осмон софу пурситора. Моҳи шаби чаҳордаҳ аз паси қуллаҳо баромада, шаъшаапошӣ мекард. Бӯи замин, гулу гиёҳ ба машом мерасид. Дер гоҳ рӯрӯи талу теппаҳо сайр кардем, аз ҳар хусус ҳарф задем. Ва ҳангоми саёҳат аз рӯи таҷриба ба ҳолати Мирзо пай бурдам, ки дар сар андешае мепарварад. Аз афташ, ӯ бо ман гап мезаду дар бораи мавзуе фикр мекард. Болои баландие, ки аз он тамоми Душанбе менамуд. Мирзо рост истода гуфт:

– Мулло Боқӣ, бубин чӣ тавр як деҳаи хурдакаки Душанбе ба як шаҳри нозанину чароғон бадал шудааст… Дарак дорӣ? Пагоҳ ё пасфардо устод Айнӣ аз Самарқанд ба ин ҷо меоянд. Шояз аз қудуми ин шахси хирадманддар хонаи мо меҳмони нав ба дунё ояд.

Мирзо ҳамчунон хаёломез хомӯш монд.

Он вақт дар байни нависандагон як чиз расм шуда буд: агар устод Айнӣ ё Лоҳутӣ аз ягон ҷо ба Душанбе меомаданд, албатта, ҳамаи адибон ба пешвози онҳо мебаромаданд. Рӯз бошад, то шаб, шаб бошад, то рӯз, то омадани қатора мушоира, байтбарак, ҳикояхонӣ карда менишастанд. Ман дар бораи пешвозгирии устод Айнӣ фикр мекардам, ки боз овози латифи Мирзо ба гӯшам расид.

– Бисёр хуб шуд. ки устод меоянд. Номи фарзанди навро бо он кас маслиҳат мекунем… Мулло Боқӣ, ман кайҳо боз як чизро фикр мекунам. Ба хаёлам, ин мавзӯъ, ки ҳол пазонда истодаам, бозъёфти хубест…

Яъне ба Душанбе омадани пири хираманд устод Айнӣ ва тавлиди тифл дар фасли баҳор.

*Шабе ки то саҳар бедор будам,*
*Мушавваш, тангдил ночор будам.*
*Чаро ки доштам уммедворӣ*
*Ба сӯи роҳ чашми интизорӣ…*

Ин оғози достони машҳури Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ» буд. Ин шаб, вақте ки субҳ дамид ва нонвойхонаҳои шаҳр ба кор даромаданд, мо аз болои теппа хамида, якчанд нони гарм гирифтему ба хонаи домулло Деҳотӣ рафтем. Деҳотӣ, ки шахси сӯҳбаторо ва дасткушод буд, моро шодона дар рӯи ҳавлияш пешвоз гирифт. Сӯҳбати хоссае барпо шуд. Дар охир накшаи чи гуна пешвоз гирифтани устод Айниро бо Деҳотӣ маслиҳат кардем.

Устод Айниро ботантана пешвоз гирифтем. Вай аз хушхабари соҳиби писар шудани Мирзо хело шод гашт ва номи барои тифл ёфтаи ӯро писандид.

– Парвиз номи хуб аст, – гуфт устод Айнӣ.

* * *

Ҳафтаи адабиёти халқи тоҷик дар РСФСР дар пойтахти Доғистон Махачқалъа кушода шуд. Дар ин сафар Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ ва дигарон иштирок доштанд. Базм хело ҳам пуртантана гузашт. Рӯзи дигар ба ду гурӯҳ ҷудо шудем. Як гурӯҳ ба Дарбанд ва гурӯҳи дигар ба зодгоҳи Расул Ғамзатов Хунзах сафар кардем.

Дар Хунзах моро бо як анъанаи хоси халқӣ истиқбол гирифтанд. Зану мард гирд истода, даф мезаданд. Раққосон дар даст асо доштанд. Ва касеро ба рақс таклиф карданӣ шаванд, бо асо ба китфи росташ оҳиста мезаданд.

Расул, ба хаёлам, духтарони зебои раққосро фармуда буд, ки бештар ба китфи Мирзо асо зананд. Ва раққосаҳои шӯх паи ҳам Мирзоро ба рақс таклиф мекарданд. Ӯ ҳарчанд монда шуда буд, мерақсиду мерақсид. Дар шабнишиниҳои адабие, ки дар шаҳру деҳоти Доғистон баргузор шуданд, бештар шеърҳои Мирзо садо доданд. Худи Расул чанд шеъри ӯро бо забони аварӣ хонд. Умуман Мирзову Расул дӯстони ҷонӣ буданд. Расул моро дар хонаи падарияш меҳмондорӣ кард. Хонаҳои онҳо ба кулбаҳои тоҷикон бисёр ҳамранганд… Мо ба ёдгориҳои Ғамзат Цадаса шинос шудем. Ва дар пояи ҳайкали Сулаймон Стальский ва Ғамзат Цадаса гулдаста гузоштему вақти хайрухуш аз деҳаи Расул барои ёдгорӣ як мушт хок гирифтем:

Расул дар сари қабри Сулаймон Стальский нақли аҷибе кард. Вай гуфт, ки боре ба наздаш шоири ҷавоне омадааст. Ногоҳ ӯ сурати Сулаймонро дида ҳайратзада шудааст. Баъд бо ангушташ ба сурат ишора карда гуфтааст.

– Ин чӯпон кист?

Ман ҷавоб додам:

– Ин ҳамон чӯпонест, ки мисли ту садҳо гӯсфандро тарбия кардааст…

Дар ҳамин сафар ҳангоми дар Аштархон (Астрахань) буданамон воқиаи аҷибе рӯй дод. Мо бо моҳидорон вохӯрдем. Мавсими тухмгузории моҳиён шикор мамнӯъ буд. Аммо роҳбарони вилояти Аштархон ба хотири Мирзо иҷозат доданд, ки моҳӣ шикор кунем. Духтари зебое як гулмоҳии калонро рӯи даст бардошта, назди Мирзо овард ва гуфт:

– Мирзо Турсуничи азиз! Ба пешвози шумо ҳатто моҳӣ ҳам

аз дарьёи Волга берун баромадааст. Бинед на танҳо мо, духтарон, балки моҳиёни зери об ҳам шуморо мешиносанд…

Дар ин сафар Мирзо ҳам шеърҳои худаш ва ҳам шеърҳои шоирони тоҷикро мехонд. Шеъри Лоиқ «Ба модарам»–ро, ки Маҳмудҷон Воҳидов хонд, ҳамаро мафтун кард. Ва аз ин Мирзо монанди кӯдак хурсанд шуд.

Сафарҳоямон ба Ленинграду Волгаград ва районҳои атрофи Москва нишон доданд, ки назми Мирзо то чӣ андоза дар байни халқ шӯҳрат дорад ва ба воситаи ӯ адабиёти тоҷик ба чӣ обрӯе соҳиб шудааст! Моро дар ҳама ҷо бо иззату икроми махсус пешвоз мегирифтанд.

Ҳеҷ аз ёдам намеравад. Рӯзи охирини Даҳаи адабиёт Мирзо ба ман гуфт:

– Мулло Боқӣ, шеъри «Илтимос»–ро бихон.

Пас аз хондани шеър нависанда Леонид Собольев ба ман як лӯхтаки калониайнаки сабздор тӯҳфа кард.

Шаби охири ҳафтаи адабиёти тоҷик дар «Колонный зал» хело баҳашамат гузашт. Ва қайд карда шуд, ки аз аксарияти ҳафтаҳои адабиёт, ки то имрӯз гузаронида шудаанд, ҳафтаи адабиёти тоҷик бартарӣ дорад. Ва ин ин муваффақияти беназири адабиёти тоҷик буд. Ҳамон сол чанд китоби шоиру нависандагон, аз ҷумла «Ҳафт ситораи назм» ба плани нашриётҳои марказӣ дохил карда шуданд.

Дар яке аз сӯҳбатҳо Константин Федин гуфта буд, ки саромади рӯзгори адабиёти советии шумо устод Айнӣ решаву танаи чанор бошад, мо, дигар адибон, шохаҳои чанор ҳастем. Ва дар ҳамон сӯҳбат, ки Алексей Сурков иштирок дошт, илова кард:

– Бемуҳобот, дар назми советии тоҷик Мирзо Турсунзода ситораи қутб аст:

* * *

Боре дар хона нишаста будам, ки телефон занг зад. Гӯшакро бардоштам, овози маҳини Мирзо ба гӯшам расид. Ӯ маро ба Иттифоқи нависандагон даъват кард. Рафтам.

– Мулло Боқӣ, – гуфт Мирзо, – мана ман мактуб гирифтам. Ҳисси ватандӯстиашон боло гирифта, аз районҳои водии Қаротегин мактуб навишта, хоҳиш кардаанд, ки шастсолагии туро ҷашн мегиранд. Ба сафар тайёр шав.

Бо сардории Мирзо Мӯъминшоҳ, Лоиқ, Меҳмон, Раҳим

Ҳошим ба Қаротегин равон шудем. Вохӯрии нахустин дар маркази райони Комсомолобод ба вуқӯъ пайваст. Шабнишинии пурфайзе буд. Мирзои азиз ба нотобияш нигоҳ накарда, баромада дар бораи эҷодиёти ман суханҳои нек гуфт. Рафиқони дигар шеърхонӣ карданд.

Дар райони Ғарм, дар зодгоҳи банда ҳам шабнишинию вохӯриҳои аҷибе гузаштанд.

Он вақт Мирзоро дарди пойҳояш азоб медод. Як пои банда ҳам чунон варам карда буд, ки дар туфлӣ намеғунҷид. Барои ҳамин калӯш пӯшида будам. Мирзо бо вуҷуди дарди ҷонкоҳ ҳамин ки ба минбар мебаромад, чеҳрааш кушода мешуд. Ӯ басо ботамкин, зиндадилона ҳарф мезаду сомеонро дар ҳайрат мегузошт.

– Мирзоҷон, як бор лаби дарьё рафта гулмоҳӣ шикор кунем–чӣ? – пурсидам ман.

Ӯ розӣ шуд. Дар соҳили дарьёи Сорбоғ, дар дараи Камаров бачаҳо ҷоеро интихоб карданд, нишастем. Меҳмону Лоиқ ва дигарон, ки ҳамроҳи мо буданд, бо тӯр моҳӣ медоштанд. Вақти моҳигирӣ шояд аз ғояти ҳаяҷон буд, ки Меҳмон гуфт:

– Ин хел гулмоҳӣ танҳо дар дарьёҳои Қаротегин мешавад.

– Чӣ гуфтӣ? – пурсид Мирзо ранҷишомез ва илова кард. – Магар дарьёи Қаратоғ гулмоҳӣ надорад?

Ана аз Боқӣ пурс.

– Мешаваду, лекин моҳиҳои онҷоро бисёр шикор кардаанд, – худро ислоҳ карданӣ шуда гуфт Меҳмон.

Он рӯз баъди сайди моҳӣ Бини Сафиён ном ҷоеро тамошо кардем. Дар ин ҷо аввлин маротиба Аскарони Сурх бо роҳи Мастчоҳ гузашта, бо дастаи Фузайл–махсум ҷанги шадиде кардаанд. Ва он муҳориба дар романи устод. Айнӣ «Дохунда» басо барҷаста акс ёфтааст

*Санг аз паси санг омад,*
*Дохунда ба ҷанг омад,*
*Аз дастаки фидоӣ,*
*Босмачӣ ба танг омад.*

– Бемуболиға устод Айнӣ ҳақиқатнигор, муаллими зиндагӣ буданд. Дар роман ин макон чунон зинда тасвир шудааст, ки гӯё домулло се–чор бор ба ин макон омада бошад, – гуфт Мирзо.

Бегоҳи ҳамон рӯз дар деҳаи Навдонак сӯҳбати хосае барпо гашт. Дар он сӯҳбат бастакор Фаттоҳ Одина, актиёр Ҳабибулло Абдураззоқов, муҳаррири газетаи «Маориф ва маданият» Буринисо Бердиева иштирок доштанд. То саҳар шеърхонию рақсу суруд идома дошт. Чеҳраи шукуфони Мирзо ҳанӯз аз пеши назарам дур намеравад.

– Барои ин мардум, ки табиатан шоиранд, агар зиндагӣ даст диҳад, як достон менависам, – гуфт ӯ.

Саёҳати мо дар водии Қаротегин як ҳафта давом кард…

* * *

Як рӯз ба Иттифоқи нависандаҳо даромадам ва аз рӯи одат хостам бо Мирзо саломуалек кунам. Ба кабинеташ даромадам. Ӯ суруди «Ёри мастоҳӣ»–ро замзама дошт.

– Биёед, Боқиҷон, биёед! – ба пешвозам хест, маро оғӯш кард. Сабаби хурсандияшро пурсидам.

– Э, Боқиҷон, мо хурсанд нашавем, кӣ шавад? Достони «Суруши Сталинград»–и Мӯъминшоҳро хондам. Ин достон, бешубҳа на танҳо аз тарафи хонандаи тоҷик, балки аз тарафи хонандаи умумииттифоқ ҳам баҳои сазовор мегирад. Бо ин достон назми мо боз ҳам баландтар парвоз мекунад. Бачаҳоро хабар кунед. Мӯъминшоҳро ҳам, ба истироҳатгоҳи нависандаҳо рафта, каме хурсандӣ кунем…

Ҳар як чизи лангардоре, ки дар насру назми мо бо рангу бӯи тоза пайдо мешуд, устод Мирзо Турсунзодаро бениҳоят шод мегардонд. Ва асарҳои сусту тасодуфие, ки рӯи чопро медиданд, ӯро асабӣ мекарданд.

Ба хотирам ҳаст, устод касали вазнин буд. Ва ҳамон рӯзҳо асари сегонаи Ҷалол Икромӣ ба муҳокимаи котиботи Иттифоқи нависандагони СССР гузошта шуд. Ба дарди вазнин нигоҳ накарда, Мирзо ҳам ба Москва сафар кард. Баъди бозгашт ба табобатхона рафта дуру дароз хобид.

Росташ мо, ки кӯшиши ба Москва нарафтанашро карда будем, гуфтем.

– Рафтан лозим набуд.

Ӯ бо хотири озурда гуфт:

– Дуруст, бародар, ман ҳам инро медонистам. Лекин асари Икромӣ барои адабиётамон лозим буд. Агар ман ба муҳокима намерафтам, як умр ормонӣ мемондам.

Ана ҳамин хел Мирзо сарлашкари фидокори адабиёти советии тоҷик буд ва то дами вопасин ғами онро мехӯрд.

Ман ҳар рӯз дар бораи дӯст ва ҳамқалами ҷониям фикр мекунам, бо ӯ ҳамгап мешавам: суханҳои ӯ, кору рафтори ӯ ҳанӯз ҳам ба мо рӯҳи тоза мебахшанд, барои инкишофи адабиётамон мадад мерасонанд.

Боре бо як гурӯҳи адибони машҳури мамлакат ба зодгоҳи Мирзои азиз рафтем ва хонаи онҳоро зиёрат кардем. Ва ҳангоми дидани кулбаи падари Мирзо адиби забардаст Михаил Луконин сухани аҷибе гуфт, ки доимо дар гӯшам садо медиҳад.

– Ҳар кас аз ин дар ба ин хона медарояд, вале аз ин хона шахсе мисли Мирзо баромаданаш мушкил.

* * *

Дар курорти Оби Гарм истироҳат мекардем. Шунидам, ки дарди Мирзо авҷ гирифтааст Ба аёдаташ омадам.Мирзои азиз, аз рӯи одат, маро бо ҳазлу шӯхӣ пешвоз гирифт. Ҳамон рӯзҳо Мирсаид Миршакар ва Раҳим Ҷалил ҳам дар табобатхона буданд ва пайваста аз ҳоли якдигар бохабар мешуданд, сӯҳбатҳо мекарданд. Мирзо бо ташвиш гуфт, ки дар Тоҷикистон як маъракаи мӯҳим – Ҳафтаи адабиёти советӣ баргузор мешавад ва ӯ баромад мекунад. Баъд аз рафти тайёрӣ, ҳунару маҳорати адибони ҷавон, ки оянда бояд бори адабиётро бикашанд, хело гап зад. Вақти хайрухуш андешамандона ба рӯям нигарист ва гуфт:

– Боқиҷон, агар тавонӣ рӯзи истироҳат биё, Қаратоғ меравем. Рофиев (собиқ котиби райкоми Ҳисор) ҳоло мудири истироҳатгоҳи Қаратоғ аст. Барои ман дар Балхак як хона ҷудо кардааст… Ман минбаъд дар ҳамон ҷо зиндагӣ мекунам.

Ман аз ваъда як рӯз пеш, яъне рӯзи шанбе омадам. Ва соати даҳ ё ёздаҳ хабари нохуши марги дӯсти азизтаринамро шунидам…

Мегӯянд, ки ҳар шахс дар кору зиндагӣ мисли ситораҳои осмон ҷои худро дорад. Ва боз ақидае ҳаст, ки мартаба ва бузургии адиб баъд аз сари ӯ дар адабиёт муайян мешавад. Ба ақидаи ман устод Мирзо Турсунзода бо эҷодиёти пурбаракату дилошӯб ва хизматҳои шоистааш ба адабиёти халқи тоҷик дар зиндагияш ба ҳамаи мартабаҳо ҳаққонӣ ноил гашт. Ӯ ҳамчун фарзанди вафодор ба ҳар як хонадони тоҷик қарин буд.

Ман ҳоло рӯзи видои одамонро бо Мирзо Турсунзода пеши назар меоварам. Чӣ ҷанозаи пуршукӯҳе буд. Гӯё тамоми сокинони Тоҷикистон барои вопасин дидори шоири маҳбуби худ либоси мотам дар бар карда, дар назди театри опера ва балети ба номи Айнӣ ҷамъ омада буданду хурду калон ашк мерехтанд. Марги Мирзои азиз талафоти калони адабиёт ва халқи тоҷик буд. Аз ин рӯ намояндагони тамоми республикаҳо ва ташкилотҳои бомартабаи мамалакат барои ҳамдардӣ омада буданд. Ин эҳтироми бепоёни халқ буд, ки насиби ҳар қаламкаш намешавад.

Одамон бо сари хамида, чеҳраи ғамолуд ва чашмони ашкбор аз назди ҷасади шоир оҳиста-оҳиста қадам ниҳода, гулчанбарҳо мегузоштанд, сари таъзим фуруд меоваранд. Ман ҳамаи инро дида , аз як тараф дилам моломоли андӯҳ буд, аз тарафи дигар ифтихор мекардам, ки дӯсти ҳамқаламам ба чунин иззату икроми бузурги халқ ноил шудааст. Ман он лаҳза ин қитъаи Саъдии бузургро такрор мекардам:

*Ҳеҷ донӣ ки вақти зодани ту,*
*Ҳама хандон буданду ту гирьён.*
*Ончунон зӣ, ки баъди мурдани ту,*
*Ҳама гирьён шаванду ту хандон.*

Оре, Мирзо Турсунзода чун инсони комил, адиби забардаст, фарзанди нангбардор, сарпарасти миллату адабиёти тоҷик, ҳомии сулҳ, сароядаи дӯстии халқҳо, мураббии ғамхори адибони ҷавон ангуштнамо буд, ангуштнамо мемонад. Мирзо имрӯз ва то абад дар дили мову наслҳои оянда маскан дорад, зиндаву ҷовид мемонад.

*Абдулҳамид САМАД*

## ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

Айёми донишҷӯӣ, тақрибан соле як-ду маротиба, авҷи баҳор ё оғози соли нави таҳсил дар маҳфилу базмҳои шеър, ки таҳти сарварии устод Мирзо Турсунзода дар толорҳои донишкадаи омӯзгорӣ ё донишгоҳи давлатии ҷумҳурӣ мегузаштанд, ширкат варзида, аз тарзи шеърхонӣ, сӯҳбати ширин ва ҳазлҳои намакини эшон бо муаллим Боқӣ Раҳимзода завқ мебурдем. Он лаҳзаҳои барои мо, ҷавонон, ки бо акси устод, зиндагинома ва эҷодиёташ танҳо аз китобҳо ошно будем, афсона менамуданд. Баъдан даврони рӯзноманигорӣ ҳам, ки идораи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») дар шафати Иттифоқи нависандагон ҷой дошт, аз сӯҳбатҳои хосаи устод гоҳ-гоҳ баҳра бардоштаам, бо вуҷуд дар бораи он марди мӯътабар ҳаргиз нияти хотира навиштан гирди сарам намегашт. Ба ростӣ, ҳанӯз ҳам бузургии шахсияти устод мисли қуллаҳои осмонбӯс дастнорас метобад, аз ҷониби дигар ин амал васияти ҳазрати Ҳофизро ёдам меорад: «Бо бузургони ҷаҳон густох будан хуб нест». Воқеан, устод аз бузургони миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳон буд ва ҷозибаи шахсияташ дар қалби ҷавонони солҳои шастуму ҳафтодум, алалхусус онҳое, ки каму беш ба ҳарфу ҳиҷо ва килку қоғаз сари кор доштанд, ончунон буд, ки ҳангоми пеши рӯ овардани вуҷуди пурҷозибаи эшон ва дар хусуси шахсияту мартабаи ӯ андеша рондан ё сатре навиштан кас худро ноҳинҷору мулзам меёфт. Вале ҳақиқат он аст, ки шукӯҳу шаҳомат ва маъниву манфиати ҷаласаҳо аз ҳузури устод Мирзо Турсунзода даҳчанд меафзуд. Ҳатто дидани чеҳраи гарму нуронӣ, табассуми нарму хандаи беғаш, андешаманду пурсалобат, дар ҳалқаи дӯстону шогирдон қадам ниҳоданаш шабеҳи мӯъҷизае ба мо як ҷаҳон таассурот, шодиву ҳаловат мебахшид. Бе муҳобот устод ҳамрадифи бузургтарин шоирону фозилони замон буд, балки аз рӯи вазифаву масъулият корвонкашу машъалбардори ҳаракати сулҳу истиқлолхоҳӣ дар саросари Осиёву Африқо ба шумор мерафт: ҳар ҷое ҳозир мешуд, рӯи даст мегардонданаш. Ва ҳангоме аз минбари бузургтарин кунгураҳои дунё аз ҷониби як мамлакати бузург овози марғуладори ӯ аз хусуси

озодӣ, инсоф, меҳру шафқат, зарурати истиқлоли халқҳои олам баланд мешуд ва дар байни ин суханрониҳои пурҳарорат ӯ калимаи тоҷик ё панду андарзеро аз классикони адабиётамон ба забон оварда, аз фазилату хирад ё фалсафаи инсонпаваронаи онҳо ёд меовард, сари мо аз ифтихор ба осмон мерасид. Охир, ҳар тоҷики худогоҳ ҳақ дошт ифтихору шукр бикунад, ки миллаташ чунин фарзанди бохирад, гарданфароз, шердилу тавоно дорад ва ӯ байни намояндагони давлатҳои абарқудрати дунё бо ҷилои истеъдоду заковат, бо ҷасорату нангу ори баланд гули сари сабад аст, анъана ва маслаки башардӯстонаи нобиғаҳои илму адаби тоҷикро идома дода, барои аз асорату разолат раҳидани мазлумин талош меварзад. Воқеан он замон на ҳар каси соҳибмансаб ҷуръати аз минбарҳои баланд бо ифтихор аз бартарии хираду фарҳанги зотии хеш ҳарф заданро дошт. Панҷаи пурнаштари сиёсат ин падидаро бо фишори бераҳмона бӯғӣ мекард ва тамғаҳои сӯзоне аз қабили миллатгароиву кӯҳанпарастӣ гӯяндаро таҳдид менамуд. Ин хел фазои сиёсӣ барои мардони эҷодкори он айём даҳшат буд, зеро худо накарда агар пояш мелағжид, ё бахташ наметофт, нотавонбинон мисли мӯру малах ба ӯ ҳамла карда, бо ин «ҷурм» муттаҳам, бадному сиёҳаш менамуданд, сипас ба ҳазор дарди таъқибу сарзаниш гирифтор мешуд. Вале фаросату заковати олии худододи Мирзо Турсунзода ба ӯ даст медод, ки ҳамеша ном, шахсияти фарзона ва панду ҳикмати волои бузургони миллатро ончунон бамаврид, зебову устокорона ситояд, аҳамияти афкори ин ё он шоири шаҳирро ончунон нозук хотирнишон кунад, ки ҳам лаъл ба каф ояду ҳам ёр наранҷад, балки сазовори таҳсину офарин шавад. Магар чунин пуштибону номбардори миллат барои мардуми тоҷик, ки умре дар коми аждаҳо, зери фишору таҳқири аҷнабиён зиста, заминҳои паҳновар, шаҳрҳои ободу азимашро низ дар табартақсими баъди инқилоби Октябр бохта, акнун дар як гӯшаи ноободи хоки бобоӣ чун ҷумҳурӣ арзи ҳастӣ мекард, шоистаи ифтихор набуд? Оре, бунёди ҳар як иншооту корхона, ободии шаҳрҳо, ривоҷу равнақи илму маориф, сарсабзиву ҳосилхезии киштзорон, қомат афрохтану эътироф пайдо кардани ҳар шахсияти сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ барои миллати тоҷик комёбӣ, ҳатто ғалабаи бузург ба шумор рафта, мушти обдоре низ ба даҳани бадхоҳони миллат буд. Ва дар он

марҳила, ки муборизаҳои ниҳонии бераҳмона ҳанӯз ҳам алайҳи фарҳанги қадимаи мо номардона идома меёфт, баъди сари устодони зиндаёду таҳамтан С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ миллати тоҷик натанҳо ятим намонд, балки дар шахсияти ду ҷигарбанди вафодору ҷоннисор – Мирзо Турсунзода ва Бобоҷон Ғафуров муҳофизи қавии манфиатҳои мардуми Шарқро пайдо кард.

Устод Мирзо Турсунзода низҳати сулҳу адолатхоҳиро барномаи якумрии хеш донист ва ба ҳамагон эълом дошт: «Дил мехоҳад бар зидди беадолатӣ ва ноинсофиҳое, ки ҳанӯз дар рӯи замин вуҷуд дорад, бар зидди мустамликадороне, ки миллионҳо одамонро гирифтори занҷиру завлонаҳои ғуломӣ кардаанд, овози худро баланд намояд». «Академик Б. Ғафуров ба ковиш, пажӯҳиш ва исботи дақиқи ҳақиқати таърихи миллати тоҷик ва миллатҳои ҳамсоя камар баста ба ибораи хоҷаи Шероз дар айёме, ки «… ҳамчун чашми сурохӣ замона хунрез» буд, бо нашри китоби «Тоҷикон» донишмандони оламро ҳушдор дод: аз рӯи таърихи фоҷеаангез, лек пурифтихори миллати тоҷик бетафовут ва сарсарӣ нагузаранд, зеро дар ҳар саҳифаи зарду фарсуда, дар дил ҳар сатри аранге хонои таърих сарнавиш, фалсафаи муборизаи ин миллат, дарду армон, фарёдҳои додхоҳона, даврони шукуфоӣ ё шикаст, ҷабру зулми бераҳмонаи ғосибон, авҷи фарҳанг ё фурӯравии он ниҳон аст. Аз ҷониби дигар, Б. Ғафуров бо ин иқдоми боҷуръатона дар қалби хаставу синаи хомӯши ҳаммиллатон ҳисси рӯ овардан ба таърихи бостонӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллиро ангезиш дод.

Устод Мирзо Турсунзода ин шери ватан, ки ҳанӯз соли 1974 ба оламиён ҷавонмардона иброз дошт:

*Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,*
*Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.*

то нафаси охирин, ба рағми ҷабру ситам, тороҷгарону ғосибон, мустамликадорону «дуздони бахти инсон» дар саросари ҷаҳон муборизаи беамон бурда чун тарғибгари тавонои «ваҳдати халқи ҷаҳон» соҳиби шӯҳрату номи нек гардид. Нафрати беинтиҳои устод ба истилогарон, таҳқиру фишори муштзӯрон ба мазлумон шояд аз он буд, ки заҳри ҳалоилро

дар тӯли таърих миллати тоҷик дар ҳар шакл: гоҳе мудҳишу афзун, баъзан андак-андак чашида фарҷоми талхи онро медонист, балки сӯзиши захмҳои носури фоҷиаҳои миллатро дар мағз-мағзи устухон эҳсос мекард. Устод ҳанӯз соли 1941 дар манзумаи «Барои ватан» бо дарду алами беинтиҳо менолад:

*Тохт араб мисли вабо сӯи мо,*
*Сохт зи хуни дили мо ҷӯи мо…*
*Урдуи Чингизи ҷаҳонсӯз низ,*
*Тохт ба ин мулки чу модар азиз,*
*Кушт басе хурду калон бегуноҳ,*
*Кард зи дуди алам олам сиёҳ…*

Бале, устод Мирзо Турсунзода чун як фарзанди боғурури соҳибкаломи миллат аз рӯи дили нарму фаросати зотӣ дардошнову ғамшарики мазлумони олам буд ва дифои шараф, манфиатҳои ватанро ҳамеша аз ҳама чиз муқаддам мешумурд. Меҳан мисли модар, падар, шабеҳи шараф ва номусу нанг барои шоир муқаддас аст. Ӯ чун ҷигарбанди шарафманд хеле бармаҳал (1942) аз дили пок эълом дошт:

*Ту зинда бош эй Ватан – хонаи умеди халқ,*
*Ки бе ту нест дилу ҷони шодмон ҳаргиз.*
*Даме ки мешумурам пурбаҳо суханҳоро,*
*Баландтар зи Ватан нест дар забон ҳаргиз.*

Сипас ин ҳиссиёти наҷиб ва бузургу муқаддаси шоир, яъне садоқати меҳанпарастӣ савганди фарзандони баору нанги миллат шуд.

*Мо, ки писарҳои туем, эй Ватан,*
*Ҳозири ҳар рои туем, эй Ватан.*
*Ҳифзи ту мардона ба охир барем,*
*Гар талабӣ ҷон ту, зи ҷон бигзарем.*

Бо ҳамин андешаҳои волои меҳанпарастона устод Мирзо Турсунзода чун шахсияти адабӣ ибтидо дар Тоҷикистони азиз, сипас ба ҳайси муборизи тавонои роҳи сулҳ дар мамлакати паҳновари шӯроӣ, пасон дар ақсои олам пазироӣ ёфт, эътироф

гардид. Албатта шинохти шахсияти устод аз ҷониби бузургтарин шоирону нависандагон, фозилону сиёсатмадорони замон комёбӣ ва шарафи миллати тоҷик ба ҳисоб мерафт, зеро дӯстони ҷонии Мирзо Турсунзода хайрхоҳони миллати қадимаи мо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Онҳо бо ҳидоят ва хотири устод ба ин ё он муносибат ба диёри хушманзари мо омада дар ғаму шодии мардум шарик шуда, аз расму оин, меҳмоннавозиву хислатҳои наҷиб, истеъдоду созандагии халқи тоҷик, шукӯҳу зебоии Тоҷикистон бо меҳру самимият асарҳо навиштаанд. Ва ин ҳам пӯшида нест, ки устод Мирзо Турсунзода дар амалӣ шудани корҳои хайр ба манфиати халқу давлатҳои тараққихоҳ дурахши ақлу фазилати тоҷикро дар дипломатияи шӯравӣ ва ҷаҳонӣ ифода мекард. Яъне дар шахси донишмандони оламшумуле чун устодон Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода ва Б. Ғафуров тухмаи поки ниёкони нексиришту хирадманди тоҷик аз устод Рӯдакӣ сар карда то аллома Аҳмади Дониш сабзу поянда буд. Магар бахти як миллати зоҳиран кӯчак набуд, ки агар дар ҳар мамолике перомуни масъалаҳои шарқ оташи низо аланга мезад ё ихтилофи назар тезу тунд мегардид, аз ҷониби давлати абарқудрати шӯравӣ маҳз фарзанди миллати тоҷик Мирзо Турсунзода чун сарвари ҳайат ба он ҷо фиристода мешуд ва баъди баҳсу талошҳо ҳусни тафоҳум ва тинҷиву оромӣ ба миён меомад. Дар ин маврид ҳақ ба ҷониби устоди равоншод, нависандаи забардасти тоҷик Сотим Улуғзода аст, ки Мирзо Турсунзодаро як болу пари халқи тоҷик ва Б. Ғафуровро болу пари дигари он мешуморид: «Ӯ буд, ки (Мирзо Турсунзода – А. С.) тоҷиконро бо ном ва корҳои худаш, – гуфтааст, С. Улуғзода, – ба ҷаҳон машҳур мекард, ба туфайли ӯ тоҷиконро ҷаҳон мешинохт ва эътироф мекард. Миллат бе фарзанди бузургаш бе болу пар аст» (ниг: М. Наҷмиддинов. «Сурати башарию сирати малакӣ» Садои Шарқ. 2000, ш. 7 – 12,).

Албатта, шарофат, ҳусни шахсият ва рангини паҳлӯву сифатҳои эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода бешуморанд: то имрӯз ёрони ҳамқалам, ҳамсафони донишманд ва муҳаққиқони нуктасанҷ бахшида ба шахсияту эҷодиёташ китобу мақолаҳои бешумор чоп кардаанд, оянда низ пажӯҳишҳое ба назари тоза иншо хоҳанд шуд. Бо вуҷуд банда хотирот навиштанро аз гӯшаи хаёл намегузарондам, ба шарте, ки…

Чанде пеш, дурустараш даҳаи аввали моҳи марти соли 2001 дар соҳили Исиққӯли афсонавию овозадор намояндагони илму адаби Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон гирд омада, перомуни барқарор кардани робитаҳои неки адабӣ дар остонаи қарн ва ҳазораи нав маҷлис оростанд. Ҳама ташнаи дидор буданд ва аз анъанаҳои неки дӯстӣ, дастгирии маънавӣ, тарҷумаи асарҳо ҳарф зада, аз ҷудоии азиятовари беш аз даҳсола, бехабарӣ аз раванди эҷодӣ ва офаридаҳои солҳои охири ҳамдигар изҳори ташвиш намудаанд. Нависандаи забардаст, классики зиндаи адабиёти қазоқ Абдумаҷид Нурпеисови мӯйсафед зимни сӯҳбатҳо пайваста номи устод Мирзо Турсунзодаро бо ихлосу эҳтироми бузург ба забон меоварД. Мегуфт, ки имрӯз ба мо мисли шоири ширинкаломи тоҷик Мирзо Турсунзода шахсияти некдилу хайрхоҳ лозим аст, ки истеъдодҳоро муттаҳид созад, барои дар замони истиқлол боло бардоштани адабиёти минтақа саъю талош варзад, ҷавонони болаёқатро кашф намояд, дастгирӣ бикунад. Имрӯз, ки мо соҳиби истиқлол шудем, бо сари худ танҳо зистан, аз асарҳои нав офаридаи ҳамдигар ғизои маънавӣ нагирифтан аламовар аст. Ин аҳвол то ба кай идома меёбад?

Дар ин лаҳза диламро ифтихори фараҳмандӣ лабрез кард ва боз пеши назарам чеҳраи гарм, нигоҳи хирадмандонаи устод Мирзо Турсунзода падидор шуд, ки тамоми умр барои тантанаи ҳақиқат, саодату оромии дигарон зисту часпу талош варзид. Ва маҳз дардошноию самимияти бузург, ҷавонмардиву идеалҳои инсонпарварияш ӯро дар тамоми олам азизу мӯътабар гардонд.

Пӯшида нест, ки ҳаёту фаъолияти хешро ба манфиати инсонҳо бахшидан ё дар ин ҷабҳа пайваста мубориза бурдан шахсияти эҷодкорро аз касби асосияш ва ҳатто зиндагии оилавияш, навозишу машғулият бо фарзандон каму беш дур месозад. Ба ин ҳолат инсонҳои фидоӣ, ки нафсу манфиатҳои шахсиро талоқ медиҳанд, сар мефуроранд. Вале устод то нафаси охирин аз килку шеър ҷудоӣ надошт ва чунин саҳифаҳои рангини умрашро дар достони «Ҷони ширин» басо нозуку пурзарофат ба риштаи назм кашидааст.

Баъди бозгашт аз Қирғизистон авсофу суханҳои неки ҳамсафону ихлосмандони Мирзо Турсунзода дар гӯш, банда

хотираҳои адибони маъруфи дунёро, ки ба муносибати ҷашнҳои 70-80 солагии устод дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дар бораи эшон чоп шудаанд, аз нав мутолиа кардам. Николай Тихонов, Файз Аҳмади Файз, Ярослав Смеляков, Чингиз Айтматов, Давид Кугултинов, Расул Ғамзатов, Нодири Нодирпур… пайваста таъкид кардаанд: «Мирзо Турсунзода шахсияти нотакрор буд». Ин ситоиш ва эътирофи абармардони адабиёт боиси хушӣ ва ифтихори ҳар як тоҷик бояд бошад.

Мирзо Турсунзода дар солҳои мушкили баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки беҳтарин шоирону нависандагон дар майдони набард ҷони худро нисор карда буданд ва майдони адабиёт холӣ буд, бо фотиҳаи устод Айнӣ сарварии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба ӯҳда гирифта, зиёда аз сӣ сол барои пурқувват шудани муҳити адабӣ, шоистаи мақом ва пояи баланди каломи ҳазорсолаи тоҷик, баланд гардондани мартабаи Иттифоқи нависандагон, кафшу гирд овардани истеъдодҳои ҷавон, пайдо шудани асарҳои шоисташу арзишманд талош варзид. Вай дар кору фаъолият шогирду пайрави устод Айнӣ буд. Воқеан, дар солҳои пурошӯби бистуму сиюм, ки пиру барно ба бунёди Ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон камар баста буданд, устод Айнӣ аз шаҳрҳои бостонии Бухорову Самарқанд, Хуҷанду саросари Тоҷикистон навқаламони умедбахш: М. Турсунзода, М. Миршакар, Ҳ. Юсуфӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Ф. Ниёзӣ, А. Деҳотӣ ва П. Толис чанде дигаронро дар атрофи худ гирд оварда, роҳи онҳоро дар адабиёт кушода, ба таърифи асарҳои баландғоя ҳидояташон намуд. Бале, Айнӣ на танҳо нависанда ва донишманди забардаст, балки беҳтарин омӯзгори ғамхору сахтгири адибон буд. Пӯшида нест, ки фазилат ё ҳунари омӯзгорӣ, яъне тарбияи ҳамқаламони ҷавон ба ҳар шоир ё нависандаи тавоно низ муяссар намегардад, барои дар ин ҷода комёб шудан дили васеъ, иродаву саховати хоса, ҳунару қобилияти махсуси омӯзгорӣ лозим аст.

Тамоми хислатҳои наҷиб, санъату фазилатҳои беҳамтои муаллимии устод Айниро дар бахши тарбияи адибони ҷавон Мирзо Турсунзода омӯхта, дар худ ҳифз карда, билохира муҳити адабии зебое сохт ва адабиётро зина ба зина равнақ дод, шӯҳрат ва обрӯи Иттифоқи нависандагонро баланд бардошт. Ва боз тавонист, ки барои адибони ояндаи тоҷик дар

маркази пойтахт як бинои мӯҳташаму зебо, бо толору утоқҳои зиёд ба ёдгор гузорад. Устоди зиндаёд Боқӣ Раҳимзода зимни сӯҳбатҳо ҳамеша ба мо гӯшрас мекард: «Мирзоҷон як гул буду сад харидор дошт, ҳамеша пурташвиш, мудом дар сафар вале дар ҳама ҳолат фикру зикраш побанди боло бардоштани адабиёт, тарҷумаи асарҳо, тарғиби осори адибони соҳибистеъдод буд. Вай аз ду чиз болу пар мебаровард: аз пайдо шудани ягон истеъдоди нағз ё асари хонданибоб. Эҳа, дар ин мавриди дар шаҳр намеғунҷид Мирзоҷон. Ӯ моро, албатта дараи Варзоб ё Қаратоғу Алмосӣ бурда, ба муносибати кашфиёту дастовардҳои нав хони зиёфат кушода, маҳфил meорост».

– Ба ростӣ муаллим Мирзо Турсунзода моро аз кӯчаҳо ҷамъ карда, ба Иттифоқи нависандагон овард, пушту паноҳ шуд, ба шеърнависиву хидмати адабиёт дилпур кард, – дар ҷаласае гуфт шоир Ғаффор Мирзо.

Ҳамин хушбинии устодро адабиётшинос Шавкат Ниёзӣ, ки солиёни зиёд бо эшон ҳусни ҳамкорӣ дошт, дар сӯҳбате (рӯзномаи «Паём», № 5-1 2000с) хеле дақиқ баён мекунад: «– Ин маротиба ба табъи ниҳоят хуш ба Маскав омадам, – гуфт Мирзо Турсунзода. – Ман пеш аз сафар ҳамаи шоирон, нависандагон ва мунаққидони ҷавонро дар бӯстонсарои дараи Варзоб гирд овардам. Медонед, баъди сӯҳбат бо онҳо дилам ба ояндаи хуби адабиётамон пур шуд. Хайрият мо ҷавонони умедбахши зиёд доштаем. Ҳо, ду навқалами бисёр хушистеъдод, яке Лоиқ Шералӣ, дигаре Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ба ман ниҳоят писанд афтодаанд. Аҷиб, тарзи навишт, андеша, интихоби мавзӯъ, ҳадафи шеъри онҳо билкул тоза, дигар хел аст. Ишораҳои аҷибу серпаҳлӯ, руҷӯъ ба таърих, ғуруру ифтихор, ҷуръатмандӣ дар шеъри онҳо маро дар ҳайрат гузошт. Чашм нарасад, ин бачаҳо дар оянда шоирони тавонои мо хоҳанд шуд…»

Оре, устод Мирзо Турсунзода бештар аз сӣ сол боғбони ботадбири адабиёти тоҷик буд. Ӯ навниҳолонро босаброна мисли фарзанд мепарварид, аз нумӯъ ва сабзиши мӯътадили ҳар нахл ҳаловат мебурд, аз меваҳои навгонии боғи адабиёт, – ашъори навҷӯёна, достонҳои пуробу ранг, роман, қисса ва ҳикояҳое дар сабку таҳқиқи бадеии тоза, таҳлилу чашмандози боҷуръатона дар очерку публисистика лаззат бурда мефахрид.

Лек аз ноомади кори эҷодӣ, каҷ қадам ниҳодан, ҳодисаҳои нохуш ё тасодуфе агар хатар ба ҳастиву ояндаи ҷавонадиб таҳдид намояд, устод ба ташвиш меафтод ва хуни дил низ мехӯрд ва бо чӣ заҳмат, даводаву часпу талошҳо ӯро аз гирдоби моҷаро, аз вартаи бадномӣ мераҳонид. Бешубҳа ин сифати мардони дарёдил, покниҳод ва матиниродаву дилсӯзи миллат аст. Устод ҳамеша дар маҳфилҳо аз одобу фарҳанги бузурги қадима, ҳикмату ҷавонмардии ҳотамонаи мардумашон ҳарф заданро дӯст медошт ва пайваста ин шоҳбайтро такрор мекард:

*Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,*
*Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.*

Дар ҳақиқат муносибати Мирзо Турсунзода ба муҳити адабӣ ва фардҳои эҷодкор ҷавонмардона, падарона буд. Вай ба ҳар як суханвар бо чашми умед менигарист, чун устоди хушбин аз шоирону нависандагон эҷоди шоҳкор ё асари хуби замонавиро интизор буд ва аз дилу ҷон мехост, ки сатҳи офаридаҳои адибони тоҷик аз офаридаи суханварони ҷумҳурии дигар бо бадеият, ғояву мазмун бартарӣ дошта бошад. Ба ин хотир ҳар як шоир, нависанда ё публисистро бо таълифи асарҳои ҳунармандона ҳидоят карда ҳатто мавзӯъ медод ё ба сафари эҷодӣ мефиристод. Маҳз чунин муносибати хайрхоҳонаи устод будааст, ки анқариб тамоми шоирону нависандагони маъруф чун арзи сипос ҷиҳати меҳру шафқати падарона эшонро бо меҳру ихлоси бепоён ёд карда гуфтаанд, ки беҳтарин асарашонро бо хоҳишу даъвати Мирзо Турсунзода навиштаанд. Ин бахт низ насиби на ҳар шахсияти тавонои адабӣ мегардад.

Инсон тӯли асрҳо баъди мушоҳида ва санҷидани рафтору кирдор ва хилқати аҷдоду авлодҳои хеш ба чунин хулосаи ҳакимона омада: «Танҳо худи парвардигор бегуноҳ аст». Бо вуҷуд, ба назарам, шахсиятҳое чун устодон М. Турсунзода, Н. Маъсумӣ, Б. Раҳимзода, М. Миршакар ва Ф. Муҳаммадиев дили чун булӯр пок, иродаи устувор ва ҳиммати мисли кӯҳ баланд доштанд. Баъди аз сари мо гузаштани он мардони худо, ки аз чашмаи меҳру шафқаташон шодоб мешудем ва дидану санҷидани ҳамқаламони зиёд дар пасту баландиҳои ҳаёт,

чашидани талху шӯрии воқеаҳои номатлуб ба чунин хулоса омадам: Он марду мардони фариштахӯ мудом аз андеша, кирдор ва амалу ҳукми ғуборолуд, ҳавобаландӣ, кибру ғурур, баднафсӣ, тангназарӣ, маҳалгароӣ, фишору қассосгирӣ, палидӣ ва ё бетафовутӣ ба сарнавишти кас мепарҳезиданд. Бешубҳа, як сабаби маҳбубияти он фардҳои шарафманди миллат ва амсоли онҳо дар байни халқ аз покиву некназарии эшон ва хидматҳои беминнаташон ба нафъи ҷомеа аст.

Сари иншои ин сатрҳо сӯҳбати як дӯсти ҳунарманд ба ёд омад. Устод Мирзо Турсунзода, ки бештари умраш дар сафар, ҷаласаҳои шаҳри Маскав мегузашт, аз аҳвол ва таҳсили донишҷӯёни тоҷик гоҳ-гоҳ воқиф мешуд. Соли 1970 ҳамин зайл меҳмониву сӯҳбат бо донишҷӯёни донишгоҳи театрии шаҳри Маскав сурат мегирад. Албатта, барои донишҷӯёни тоҷик шарафи бузург ва саодату лаҳзаи фаромӯшнашуданӣ буд, ки шоири шаҳиру ифтихори миллати худ Мирзо Турсунзодаро чун мизбон пазируфтаанд. Ӯ дар минбар не, дар ҳалқаи онҳо сари дастархони хоксорона нишаста, нигоҳи гарму меҳрбори падаронааш ҳар якеро менавозад, аз нону чой, зиёфати «шоҳона»-и фарзандони раҳдури диёр мисли худи онҳо гоҳ-гоҳ чошнӣ мегирад, ҷавонҳоро ба ҳазлу шӯхӣ мекашад, ки худро озод ҳис бикунанд, пандашон медиҳад, ки сазовори ному фарҳанги волои тоҷик дар шаҳри Маскав сарбаландона бизиянду бештар аз пайи таҳсилу ҳунарандӯзӣ бишаванд. Устод аз спектаклҳои барои ҳимояи диплом таҳия намудаи донишҷӯён бо адибон Камол Айнӣ ва Шавкат Ниёзӣ пораҳо тамошо карда, касби пешгирифтаашонро меситояд, ки рӯҳу неру бигиранд ва ба ояндаи неки хеш бовар дошта бошанд. «Фарзандонам, – мегуфт устод, – аз донишманду соҳибҳунарон бештар биомӯзед. Касби пешгирифтаи шумо заҳмату ҷустуҷӯи пайвастаро тақозо мекунад. Ҳо, шумо худро дар баҳри беканори ҳунар афкандаед, дигар роҳи бозгашт нест, фақат шиновари тавоно шудан шуморо ба соҳили мурод мерасонад. Вақтро беҳуда сарф накунед, ки ноаён, вале тез мегузарад. Ба қавле, «чун киштие дар об истода намояду чун тир бигзарад…» Дӯстёбӣ низ ҳунар аст. Бо инсонҳои наҷибу боистеъдод дӯсту бародар шавед. Дӯстони ҷонӣ, бохираду ҳунарманд қуввати дил мешаванд. Ба воситаи шумо онҳо тоҷику Тоҷикистони азизро дӯст медоранд, эҳтиром меку-

нанд… Як чизро ҳаргиз фаромӯш накунед, халқу ватан бо умеди зиёд шуморо ба таҳсил фиристодааст. Оянда шумо аз саҳна ба воситаи ҳунаратон ба мардум маърифату завқ мебахшед. Ин масъулият ва бахти бузург аст».

Донишҷӯён – ҳунармандони оянда, фарзандони саросари Тоҷикистон аз ин лаҳзаи мӯъҷизанамо, яъне сӯҳбати рӯ ба рӯ бо устод дар банди ҳаяҷони беинтиҳо, вале чашмаконашон рахшон, моту мабҳут, ба ӯ менигаристанд. Лаҳзаяке хомӯшӣ ба миён меояд. Аслан ҳар яке мехоҳад ҳарфе бигӯяд, аз устод чизеро бипурсад ё бо изҳори ихлосу эҳтиром бо шеърхонӣ, иҷрои боҳунаронаи нақш ӯро шод, ҳатто мафтуну қоил созад. Аммо ку ҷуръат? Туғёни ҳаяҷон пайкарашонро мефишораду бозӣ ва тап-тапи дилашонро дучанд мекунад. Не, қаҳрамони нахустин – духтараки ситорагарм аз ангезаи изтироб бо овози ларзон лаб ба гуфтор мекушояд.

– Муаллим, ман ҳамшаҳрии шумо… аз Қаратоғ…

Ваҷоҳати устод ҳамоно дигар мешавад, сар ба сукут ба пешонияш мавҷи чинҳо нақш мегузоранд ва ба лабонаш табассуми нарму роздор медавад. Ҷавонҳо ба ҳамкурси хушбахти худ бо ҳасад чашм медавонанду ба устод кунҷковона. Ҳазл не, ҳамшаҳри Мирзо Турсунзода аст. Устод, аз эҳсоси нохуш чун одат бо нӯги ангуштон холи лабашро пӯчидаву палмосида аз андеша якбора сар бардошта, бо овози нарму ҷиддӣ мегӯяд:

– Фарзандонам, тамоми тоҷикистониҳо ҳамшаҳри ман ҳастанд…

Ҷавонҳо нафаси осуда мекашанд. Ҳо, Мирзо Турсунзода шоири миллат, азизи хонадони ҳар як тоҷик аст. Аз ӯ бояд ҳамин посухро мешуниданд ва хушбахтона шуниданд.

– Азизон, – овози марғуладори устод онҳоро ба худ меорад, – ҳамеша бикӯшед, ки дилатон аз ифтихори тоҷику тоҷикистонӣ будан саршор бошад. Ин беҳтар, балки саодати мову шумост…

Табиист, ки андешаву мафкураи шахсияте чун устод Мирзо Турсунзода шабеҳи уқобони кӯҳсорон дар фазои баланд маъво дошт. Вай ҳаргиз худро ба доираи танги назар ва ё ҳиссиёти чиркину бадбӯйи маҳалгароӣ намеафканд, зеро ҳадафу мафкураи ӯ ва ҳаммаслаконаш эҳёгарӣ, ҳамбастагӣ, миллатсозӣ, пайвандгарӣ ва таҳкими сулҳу ваҳдат, баланд бардоштани маърифати халқ буд, на ҷудоиандозӣ, низоъангезӣ.

Солҳои охир аз ҷониби ҳар касу нокас ба осор ва шахсияти устод Мирзо Турсунзода ҳукму баҳоҳои дурушт ва ғаразноке дар матбуот нашр шуданд. Ин носипосӣ низ як ҷинбоди даврони гузариш буд, ки ба ришханду нафрат дучор гардид. Ва ба таъбири халқ ин амал ба ҷуз ҳуҷуми пашша ба… фил чизе набуд. Агар аз сари ҳақ нагузарему ба ёд биорем, ки маҳз ҷуръату талошҳои устод Турсунзода ва ёронаш боис шуданд, ки ҷашнҳои бузургтарин шоиронамон дар миқёси мамлакати шӯравӣ таҷлил ёбад ва пайкараҳои мӯҳташами чанде аз эшон дар Душанбе қомат афрозанд ва боз иқрор бикунем, ки маҳз ӯ тавонист симпозиуми шеъри форсиро дар пойтахт гузаронад ва беҳтарин истеъдодҳои олами форсро ба ин кунгура ба шаҳри Душанбе биорад, қимат ва шаҳомати шахсияти устод даҳчанд меафзояд.

Сари иншои ин мақола бо амри тақдир ба Ҳиндустони афсонавӣ сафари кӯтоҳе сурат гирифт ва тӯли ду – се рӯз дар шаҳри Деҳлӣ пеши назарам симои мардуми Ҳинд ва устод Мирзо Турсунзода буд. Ба гумонам, дарду алам, нигоҳи маҳзун, талошу муборизаи мардуми Ҳиндустонро барои расидан ба истиқлол ҳеҷ як шоире мисли устоди мо Мирзо Турсунзода доманадор, аҷибу ҳадафрас ва зебою дилнишин тараннум накардааст. Силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» бешубҳа аз шоҳкорҳои устод ба шумор меравад ва халқҳои мазлуму азияткашидаро то абад ба худогоҳӣ, мубориза, аз рӯйи замин руфтани тухми ғосибон даъват намуда, аз ғалабаи бузурги мардуми ҳинд ботантана башорат медиҳад:

*Гарчи дусад сол дар ин хона монд,*
*Боз ба ин оила бегона монд!*

Ва ҳатто ин мисраи устод: «Ҳар нафас, ҳар қатра хун, ҳар тори мӯям коммунист» алҳақ аз дили поки шоир баромада. Албатта, қаҳрамони устод тимсоли худаш аст ва аз он афроде, ки барои манфиату мақсадҳои ифлоси худ имонро чун ниқоб истифода бурда, ба хиёнати ватан ва ғорати халқ даст задаанд, аз замин то осмон тавофут дорад. Армони шоир озодии меҳану халқ, шукуфоии ватану беҳбудии рӯзгори мардум, рушди илму фарҳанг, эҳёи суннатҳои волои қадима, соҳибмаърифат шудани фарзандони миллат, мустаҳкам ва ба-

ланд гардидани мавқеъ ва обрӯи Тоҷикистони азиз буд. Ва ҷонкоҳониву муборизаи якумраи устод ҳамин ҷабҳаро сабзу обод нигоҳ медошт. Ӯ зебоии Тоҷикистон, хулқу атвори мардумро бо тамоми ҷузъиёташ тараннум мекард ва дар дифои манфиатҳои фарҳанги миллӣ мисли устод Айнӣ алайҳи бадхоҳон оштинопазир буд. Ва шоистаи таҳсин аст, ки Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ Э. Ш. Раҳмонов бо ташаббуси хирадмандонаи худ фарзанди барӯманди миллат устод Мирзо Турсунзодаро «Барои хидматҳои бузург ва матонат дар бунёди пояҳои адабиёт ва тарғиби Тоҷикистон, инкишофи адабиёт ва тарғиби ғояҳои сулҳ, дӯстии халқҳо ва густариши нуфузи байналхалқии Тоҷикистон» бо унвони олӣ – «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардонд. Ин тантанаи адолат, баҳои одилона ва қадршиносии сарвари давлат ба заҳмати шоиру фарзанди шарафманди миллат аст, ки «ба мисли гӯшту нохун… ҳамеша бо ватан» буд.

*Душанбе – Бишкек – Деҳлӣ*

*Кароматуллоҳи МИРЗО*

## ҲАЙФИ РӮЗҲОИ РАФТА

23-йӯми апрели соли 1981. Беш аз даҳ сол пас ба хотир меорам он рӯзҳоро, рӯзҳое,ки идораи «Тоҷикистони советӣ» ҳоло «Ҷумҳурият ҷои корам буд. Рӯзҳои адабиёт ва санъати Ӯзбекистон дар ҷумҳурии мо наздик меомад. Серкор, сертараддуд будем. Ба пешвози ин маърака дар рӯзнома навиштаҳо чоп мешуданд. Барои инъикоси равшани ин чораҷӯӣ ман ва рӯзноманигор Мақсуд Ҳусейн ба шаҳри Тошканд фиристода шудем. Аз ҳаёти маданию адабии Ӯзбекистон ва тайёрии аҳли адабу ҳунар ба сафари Тоҷикистон силсилаи мақолаҳо бояд ба чоп ҳозир меовардем. Аз ҷумла ман ният доштам, ки бо шоираи ӯзбек, яке аз дӯстони наздики мардуми мо ва аҳли адабу адабиётамон Зулфия Исроилова вохӯрам. Аз ин хусус ба шодравон Ҷонибек, ки моро дар он чанд рӯзи дар Тошканд будanамон ҳамроҳ буд, гуфтугӯ намудам. Аз чӣ буд, ки аз мақсадам огоҳ шуда лаҳзае хомӯш монд ва баъд дар чеҳрааш ҳамон табассуми ширин, ки хоси ӯ буд, падид омад, бо ханда гуфт:

– Чӣ гӯям? Муаллима намехоҳанд, – баъд ӯ ба мо фаҳмонд, ки вақтҳои охир Зулфия ҳаваси сӯҳбат, вохӯриҳо надоштаанд, ба ақидаи марҳум Ҷонибек, ки ба мисле гӯшанишинӣ ихтиёр намуда. Ҳамааш аз ғам, аз аламе, ки пас аз фавти кадом як хешованди наздик ба дили шоира омада. Ман, ки солҳо боз номи Зулфияро мешунидам, шеърҳояшро мехондам, аз ҷумла маълумам буд, ки «Ба духтари ӯзбек» ном шеъри машҳури устод Мирзо Турсунзода ба ӯ бахшида шуда, бинобар ин ба Тошканд омада бо вай албатта вохӯрдан мехостам. Бо Зулфия сӯҳбат карданӣ будам. Ноумед набудам. Ҳис менамудам, ки шоира ба тоҷикон, ҷумҳурии мо меҳри беандоза дорад. Бинобар ин аз Ҷонибек хоҳиш кардам, ки ба ҳар ҳол ба Зулфия сим бизанад, бигӯяд, ки мо аз Тоҷикистон омадаем.

Ноилоҷ монд Ҷонибек ва гӯшаки телефонро бардошт. Зулфияро пайдо намуд ва бо вай хело гап зада чеҳрааш шукуфон гашт ва ҳар лаҳза «ташаккур, муаллима, ташаккур!» мегуфт, сипосгузорӣ мекард.

– Муаллима интизор, – гуфт шодона Ҷонибек ва гӯшакро гузошт.

Он вақт Зулфия муҳаррири маҷаллаи «Саодат» буд ва шояд ҳоло ҳам дар ҳамин вазифа бошад. Ба ҳар ҳол аз ин бобат огаҳ наям. Аз ташрифи мо рӯзноманигорони тоҷик аллакай дар қабулгоҳаш огоҳ буданд. Дари ҳуҷраи муҳаррир кушода буд. Бори аввал вохӯрда ва бо ӯ бо шоира Зулфия мусоҳиб гаштан ба мо муяссар гашта. Муаллима либосҳои ба синну солаш мувофиқ – калонсолона ва хоксорона дар бар дошт. Куртааш сабзранги кушоду васеъ. Либосҳояш шинам, ба Зулфия мезебиданд.

Ҳамон рӯзҳо анҷумани ҳаштуми нависандагони Тоҷикистон шуда гузашта буд. Зулфия аз ҳама аввал аз ин хусус ёдовар шуд. Бо ҳасрат ва дилсӯзӣ ҳарф мезад, ки гӯё чанд хиште аз бинои адабиёт ва санъати тоҷик афтода, шоҳсутунҳои намоёни он аз байн рафта. Зулфия марги нобаҳангоми устод Мирзо Турсунзода, олими намоён Бобоҷон Ғафуров ва канда гаштани риштаи ҳаёти дӯстонаш, – нависанда Ҳабибулло Назаров ва ҳунарпешаи барои мо тоҷикон азиз Маҳмудҷон Воҳидовро дар назар дошт.

Дар бораи Мирзо Турсунзода гашта баргашта сухан ба миён меовард Зулфия. Номи ӯро зикр намуда, қатраҳои оби дида дар чашмонаш чарх мехӯрд. Аз марги Мирзо Турсунзода қариб чор сол сипарӣ шудаю шоираи ӯзбек ҳанӯз барои ӯ ашк мерехт, месӯхт, андӯҳгин буд. Шеъри ба ӯ бахшидаи Мирзо Турсунзодаро ба хотири Зулфия овардем, шеъри «Ба духтари ӯзбек». Духтари ӯзбек ба марги ӯ гирён.

– Оре, – гуфт ӯ, – мо бо Турсунзода дар сафарҳо ҳамроҳ будем.

Ҳарду ҳам ба мукофоти байналмилалии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру шарафманд гашта. Ҳарду ҳам ба кишвари афсонавии Ҳиндустон бо ҳам сафар карда.

– Ба ҷанозаи Мирзо Турсунзода хабар шуда будам, – гуфт ӯ бо андӯҳи зиёд ва сабаби дар он рӯзи мотам ба Тоҷикистон наомаданашро баён намуд: – ман ин рӯзи шумро дида наметавонистам.

Зулфия ҳеҷ гоҳ тасаввур надоштааст, ки аз паси тобути

Мирзо Турсунзода қадам монад, рӯ ба ҷониби хокдони ӯ равад.

Пас аз гузаштани ҳафтаю моҳҳо Зулфия ҷуръат пайдо карда ба Тоҷикистон барои фотиҳа ба хонаи Мирзо Турсунзода омадааст. Ҳамроҳи ҳамсари шоир, фарзандонаш ба зиёрати мазори Турсунзода ба Лучоб рафтааст. Сар ба санги сарди сари гӯри шоири ба ҷону дил пайвандаш ниҳодааст ва талх гиристааст.

Гаштаю баргашта изҳор мекард, ки писари калони шоир Масъуд ба падараш монанд. Гӯё Зулфия он рӯз ҷавонии Турсунзодаро дар симои Масъуд дида.

– Айнан монанди падараш, каллаи кандаи Мирзо, – ва илова намуд Зулфия… – Баъди марги Мирзо Турсунзода аввалин сафарам ба Тоҷикистон буд, аввалин боре буд, ки меҳмони Тоҷикистон будаму ӯ маро пешвоз намегирифт. Шоира баъд аз ин дигар ба ҷумҳурии мо наомада…

Як сафарашро ба хотир овард Зулфия. Ба анҷумани дуюми нависандагони Тоҷикистон ӯ ҳам даъват шуда. Ва ҳамон рӯзҳо – рӯзҳои ғамдории шоираи ширинадои ӯзбек буд. Аз марги ҳамсараш Ҳамид Олимҷон мавриди зиёде нагузашта. Бо вуҷуди ин Зулфия таклифи Турсунзода – даъвати адибони тоҷикро рад нанамуд.

Ба хотир меовард, ки он рӯзҳо сард буданд. Дар бадали чанд рӯз бо мошину поезд роҳ паймуда, хунук хӯрда ҳастаю монда шуда ба Душанбе расида. Толоре, ки дар он адибони тоҷик ғун омада буданд, низ сард. Зулфия дар ин толор бештар хунукӣ ҳис карда. Месулфидааст. Дар минбар С. Айнӣ, М. Турсунзода, Лоҳутӣ, Миршакар, Икромӣ, Улуғзода, Боқӣ Раимзода, Деҳотӣ…

– Назари Турсунзода ба ман буд, нороҳат буданамро ҳис мекард. Клавдия Улуғзодаро наздам фиристод. – Ёдовар мешавад он лаҳзаҳоро Зулфия. – Турсунзода ба ӯ доруи сулфа фиристода ва аз Клавдия хоҳиш карда, ки Зулфияро ба ягон ҷои гарм бибарад.

Баъди анҷуман ҳамроҳи як гурӯҳ адибон Зулфия низ ҳаваси сафари Боми Ҷаҳон доштааст. Вале Турсунзода ӯро нагузошта. Ба ақидаи шоира, ки ӯ ғами Зулфияро хӯрда.

Боз ҳикояте.

Соли 1949. Ба маҷлисе аҳли қалами мамлакат дар шаҳри Москва ғун омада буданд. Аз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ҳам. Дар он маҷлис Зулфия ва Турсунзода боз бо ҳам вохӯрдаанд. Рӯзе расида, ки як гурӯҳ ҳамқаламон – дӯстони руси Мирзо Турсунзода ӯро ба сайри бешазорон хонда. Дар он рӯзи охирҳои тобистон бешазорони рус баҳори хуррами кишвари тоҷикону ӯзбеконро ба хотир меовард. Мирзо Турсунзода Зулфияро ҳам ба он саёҳат даъват карда буд. Онҳо мафтуни тамошои гулу гиёҳҳо ва садои хониши паррандагон гашта. Даста – даста гул мечиданд. Рӯзи хуш, рӯзи офтобии ба назари Зулфия сеҳрангезе. Ӯ васфи он зебоиҳои дида ва ҳикояю ривоятҳои аз забони шоирони рус шунидааш, ки алоқаманди бешазорон буданд, мавзӯъҳои нав-нави шеър меандешид. Шеър мехонд, шеър мегуфт бадеҳатан. Байни шоира ва шоири тоҷик васфи табиату зебоии баҳорон байтбарак сар зада. Онҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ шеър мегуфтанд. «Хӯш рӯзе буд», ба хотир меорад Зулфия он лаҳзаҳои бо Мирзо Турсунзода ҳамсӯҳбат будан ва бешазорони рус ҳамроҳ сайру гашт карданҳояшонро…

Лаҳзаҳои дигаре боз аз он сайру гашт дар хотири Зулфия монда.

Аз саҳро аз назди гурӯҳи занону духтарон мегузаштанд. Аз палак тарбуз меканданд онҳо ва ба мошин бор мекарданд. Зулфия аз роҳаш биистод. Тарбузҳои калону хурд рӯи ҳам рехта шуда. Хара-хара тарбуз. Ало, рахш-рахш, сиёҳу сафед онҳо. Ҳаваси духтари ӯзбек ба тарбуз рафта, ба мисле, ки ӯ миёни палакҳои тарбузу харбузаи сарзамини ӯзбекҳо афтода.

– Хоманд ё пухтагӣ?

– Тарбуз пурсам?

– Медиҳанд?

– Барои Зулфия гӯем, медиҳанд. Бовар намекунед? Биёед ҳамроҳ пешашон меравем. Ана ҳамин кас Зулфияи мо мегӯем. – чеҳраи устод аз табассум гулгун гашта такроран номи ӯро ба забон мегирифтанд.

Рафиқони руси Турсунзода раъи Зулфияю Мирзоро ҳис намуданд. Аз сӯҳбаташон рамуз гирифтанд. Наздики занҳо рафта якбора суханро аз шӯхӣ сар карданду хандиданд… Аз афташ, шӯхияшон беҷо намуд, ба духтарони рус нафорид, табъ-

ашон якбора хира гашт. Аз ин рӯ вақте ба сари матлаб омаданд, талабашон рад шуд. Ҳатто бо пул ҳам тарбуз додан нахостанд.

Ноумед баргаштанӣ шуданд. Вале Турсунзода ба ҳар навъе, ки бошад хоҳиши Зулфияро ба ҷо овարданӣ буд.

– Гуфта будам. Зулфия, бе худи шумо кор буд намешавад, биёед худамон меравем, медиҳанд, гапи худам мешавад, – гуфт Турсунзода, ки андаке дуртар аз ҳамроҳонаш паҳлӯи шоира меистод ва ба ҷониби онҳо қадам монданд.

Медонед, ин рафиқи мо кӣ, – ҳамроҳони Турсунзода ҳанӯз шӯхӣ доштанд. – Аз Осиёи Миёна. Шоираи ӯзбек, шоири тоҷик. – Баъд сухан аз Турсунзода сар шуд, яке аз дӯстони ӯ дасташро болои китфаш монда вайро васф мекард. Аз авлоди Хайёму Сино, Саъдӣ, Ҳофизи бузург гуфт ӯро. Шеърҳои ба русӣ тарҷума шудаашро хонд. Занону духтарони рус гӯё андаке ба сулҳ моил шуда. Он рафиқи Турсунзода инчунин гуфт, ки вай бештар ба Ҳиндустон сафар карда. Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-и Турсунзодаро ном бурд. Ана ҳамин шеърҳо калиди кушоиши матлабҳо гашт. Ҳама ба сӯҳбати шоири тоҷик ҳавас пайдо карданд. Ва ҳатто яке аз духтарон силсилаи шеърҳои ҳиндустонии Мирзо Турсунзодаро, ки ҳамон рӯзҳо дар рӯзномаи «Правда» чоп карда буданд, хонда сураташро дида будааст. Шоири тоҷик бо забони русӣ шеър мехонд. Дар сари полез базми шеъру суруд оғоз шуд, сӯҳбати ширине ба вуҷуд омада, Зулфия ҳам шеър хонду шоирони дигар ҳам.

Зонону духтарони рус шоиронро акнун ба ихтиёрашон намегузоштанд. Ҳама аз саҳро баромада гирди онҳо ҷамъ омада. Рӯи сабзазорони лаби ҷӯй ҷой густурданд, меҳмондорӣ ва сӯҳбати ширини тарафайн гармтар гашта.

– Хеле ширин, бомазза буданд тарбузҳо, сӯҳбатамон ҳам ширин, гуворо буд. Аз хотирам намераванд, хуш буданд он лаҳзаҳо, ҳайфи рӯзгори рафта, – мегуфт мусоҳиби мо Зулфия.

Сӯҳбати мо бо Зулфия шира гирифта буд. Мақсудҷон мехост, ҳар лаҳзаи ба ваҷд омадан, мутаассирӣ, тағйири ҳоли ӯро сурат бигирад, беқарорӣ дошт, вале Зулфия қатъиян рад менамуд, аз чӣ буд, нагузошт сураташ акс ёбад. Бо дарду ҳасрат сухан мегуфт, ҳасрат ва дардаш аз Мирзо Турсунзода буд. Дар

охир чанд шеъри ӯро гирифтем. Ҳамон рӯзҳо шеърҳои шоираи ширинкаломи ӯзбек, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, чун Мирзо Турсунзода дорандаи ҷоизаи байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру Зулфия Исроилова дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» чоп шуданд. Сураташро ҳам пайдо намудем. Вале хотираҳои ӯ дар бораи дӯсташ Мирзо Турсунзода рӯи дафтари хотираам монда буд. Имрӯз он дафтарчаи рӯзноманигориамро варақ мегардонам. Он навиштаҳо, қайдҳо ба назарам қимати баланде ёфтаанд. Он рӯзҳо дӯсти наздик ва меҳрубони мо адибони тоҷик Ҷонибеки Қувноқ дар ҳаёт буд. Ҳамдам, мададгор, ҳамроҳи мо. Вале ҳаёт, зиндагии ӯ низ ба хотира бадал ёфта. Ин чанд сатри рӯи коғаз овардаам ҳам хотираи Зулфия аз зиндагии Мирзо Турсунзода ва хотираи дигаре аз лаҳзаҳои ҳамроҳ буданҳои мо бо Ҷонибеки Қувноқ.

Аз рӯзгору зиндагии Мирзо Турсунзода шахсан худи ман ёде надорам. Мусоҳибашон ҳам нашудаам. Гоҳе аз дур дар минбари маҷлису маъракаҳо дидаам, суханҳояшонро шунидаам, сари роҳ дучорашон омадаам. Баъдтар роҳам ба олами адабиёт оғоз ёфта. Повести аввалам пас аз сари Мирзо Турсунзода ба чоп расида. Дидорбиниҳояшон аз дур ба вуқӯъ омада.

Боре бо як гурӯҳ адибон назди бинои рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» будам. Аз ҷониби Иттифоқи нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буд, меомаданд устод. Ман ҳам дар қатори бисёрӣ ҷонибашон рафтам. Дасташонро фишурдан ҳамин ҷо насибам гашта.

Лаҳзаи дигаре. Шахси ба дилу дидаам наздик, нависанда Ҳабибулло Назаров дар беморхонаи рақами чор ва ҳоло ҳам ҳукуматиаш гӯянд, мехобиданд. Ба хабаргириашон рафтам. Ҳангоми баргашт Ҳабибулло Назаров занеро, ки аз ҳуҷрае берун меомад, нишон дода гуфтанд, ки ҳамсари Мирзо Турсунзода аст ва ба аёдати шавҳараш омада. Турсунзода ҳам бемор буданд, ҳолашон сабук не, Ҳабибулло Назаров гуфтанд, ки Саодатхонро ба мошинам савор карда, то хонаашон бубарам. Ҳамсари шоир то аз мошин фуромадан ҳар лаҳза оҳи ба дард мекашид, мегуфт, ки аҳволи Мирзо Турсунзода вазнин.

Рӯзҳои охири тирамоҳи соли 1978 буд. Ҳабибулло Назаровро аз хонаашон ба беморхонаи Қарияи Боло мебурданд. Муаллим гӯё васият мекарданд, ки дар он лаҳзаҳо Мӯъмин

Қаноат ва Гулрухсорро ҳам наздашон хонда буданд, ман ҳам хабар шуда… Дарди бедаво ҷисму ҷон, пайкари муаллимро мегудохт, месӯхтанд. Ҳолашонро худ медонистанду худо. Хароб ва хело афтода менамуданд.

Гулрухсор ба муаллим гуфт, ки аҷаб не фавти Мирзо Турсунзода ба он кас таъсир расонда ва барои ҳамин ҳам якбора бистарӣ шудаанд. Гулрухсор боз илова намуд:

– Турсунзода дӯстатон буданд, ҳамдиёратон…

Ҳабибулло Назаров норизоӣ карданд, ки барои маҳз ҳамдиёрӣ будани ӯ насӯхтаанд, аз он ғам мехӯрдаанд, ки овози як нафар тоҷик – тоҷики бообрӯю шӯҳратманд чун Мирзо Турсунзода аз минбари маҷлису ҷалассаҳои мамлакатҳои олам минбаъд садо намедиҳад, тоҷикон аз фарзанде ба мисли Турсунзода маҳрум монда. Фарзанде, ки солҳо дар ҷумҳурии мо ҷои ӯ холӣ. Ва Ҳабибулло Назаров дар ҳақиқат барои Турсунзода беҳуда насӯхта, ғам хӯрда обу адо нашуда…

*Абдуҷаббор ҚАҲҲОРӢ*

# ДАР ҲАЛҚАИ ДӮСТОН

Мирзо Турсунзода муддати дароз мариз шуда, дар беморхонаи Кунсевои назди Маскав хобиданд. Аҳли хонавода ва дӯстонаш аз аҳволи саломатии он кас хавотир буданд. Ҳар адибе, ки ба Маскав мерафт, Мирзо Турсунзодаро хабар мегирифт. Боре ман ҳам, ки бо кори нашриёт ба Маскав рафта будам, дар Кунсево устодро хабар гирифтам. Мирзо Турсунзодаро дар палатаашон танҳо дарёфтам. Устод ғарқи хаёле назди тиреза рост истода, ба саҳни ҳавлии беморхона менигаристанд. Дар тан хилъати беморӣ доштанд. Дар рӯи миз дафтар ва қалам мехобид. Аз афташ, дар ҳамин ҷо ҳам бекор нанишаста, шеър менавиштанд. Дар назди тиреза истоданашон ҳам беҳуда набуд. Шояд дар ҷустуҷӯи мисраи наве буданд.

Маро дида беҳад шод шуданд. Ба ранги рӯяшон назар андохта пай бурдам, ки устод сахт мариз шудаанд. Вале он кас ба беморӣ тан намедоданд. Боз ҳамон табассуми ҳалиму суханҳои нарм. Аз ман аҳволи дӯстони душанбегӣ ва кору барои нашриётро пурсон шуданд.

– Одам ин ҷо дилгир мешавад, – арз карданд устод. – Ҳарчанд дӯстон хабаргирӣ меоянд, боз ҳам Душанбе, оби дарёи Варзобро пазмон мешавам.

– Оби дарёи Варзоб, – гуфтам дар омади гап, – дар ҳақиқат ширин аст.

– Ширин аст, Мулло Абдуҷаббор, – лекин оби Қаротоғ аз он ҳам ширинтар. Вай монанди абрешим маҳин аст.

Ман ҳазл кардам:

– Шумо, ки аслан қаратоғӣ ҳастед, обашро ҳам таъриф мекунед.

– Тути балхии Қаротоғро хӯрдаед? – пурсиданд устод аз ман.

– Не.

– Ин гуна тути бомаза дигар дар ҳеҷ куҷо нест. Фақат дар Қаротоғ мерӯяд. Худо хоҳад, баъди сиҳат шуда аз ин ҷо ба Душанбе рафтанам, ҳарду ба Қаратоғ меравем. Ана он вақт ба туту обаш худатон қоил мешавед.

– Худо хоҳад, меравем, – гуфтам ман ҳам.

Мирзо Турсунзода дафтари рӯи миз хобидаро гирифта, варақ заданду гуфтанд:

– Ман ин ҷо чанд шеъри нав навиштам, ягонтаашро хонам?

– Хонед, – гуфтам хурсанд шуда.

Устод чун ҳамешагӣ бо овози на он қадар баланд, ором ва равон ба шеърхонӣ пардохтанд. Ман ҳамон рӯз яке аз шеърҳои машҳурашро, ки баъдҳо ба он оҳангсозон оҳанг офариданду ҳофизон то имрӯз онро мехонанд, аз забони худи муаллиф шунидам. Шояд ман аввалин шунавандаи ҳамин шеър будам:

*То тавонӣ, дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун.*

Баъди чанд вақт Мирзо Турсунзода шифо ёфта, ба Душанбе баргаштанд. Чун маро диданд, ваъдаи худро ба ёд оварданд:

– Ба Қаратоғ меравем?

– Албатта, меравем, – ҷавоб додам ман. – Кай меравем?

– Худи пагоҳ.

Рӯзи дигар роҳи Қаротоғро пеш гирифтем. Моро Обидҷон Қаҳҳоров, ки раиси садорати истироҳатгоҳҳои Иттифоқи касаба буд, дар сафар ҳамроҳӣ кард. Дар истироҳатгоҳи Қаратоғ бинои нави дуқабата сохта буданд. Дар атрофи кӯл одамон сайругашт доштанд, баъзеҳо дар завракҳо шино мекарданд. Аввал мо боғ ва гирду атрофи кӯлро тамошо кардем, бинои нави дуқабатаро дидем, пас ба соҳили дарёчаи Қаротоғ рафта, об нӯшидем. Дар ҳақиқат, оби дарёи Қаротоғ хуштамъ ва маҳин будааст. Аз оби дарёи Варзоб фарқе дошт.

– Ман гуфта будам-ку, оби Қаротоғ аз оби дарёи Варзоб ширинтар аст, – таъкид карданд устод ба ман рӯ оварда ва суханашонро давом доданд: – Ана акнун худатон нӯшида, бовар кардед?

– Бале, оби хушгуворе будааст, кас бо нӯшидан сер намешавад.

– Дар водии Ҳисор дигар ин хел об нест.

Мирзо Турсунзода афсӯс мехӯрданд, ки дар гирду атроф аз он тутҳои балхӣ нишоне намондааст.

Пас аз як ҳафтаи аз Қаратоғ баргаштан Турсунзода дар бӯстонсарои Иттифоқи нависандагон, ки дар дараи Варзоб

воқеъ аст, дӯстони наздики худро гирд оварда зиёфате оростанд. Дар ин дидорбинӣ Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ ҳузур доштанд. Дар қатори онҳо Мӯъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Юсуфҷон Акобиров, Убайд Раҷаб ва камина низ даъват шуда будем. Ҳамон вақтҳо Мӯъмин Қаноат силсилаи шеърҳои «Мавҷҳои Днепр», Фазлиддин Муҳаммадиев повести ҳаҷвии «Дар он дунё», Юсуфҷон Акобиров қиссаи «Баъде ки осиё бозмонд» ва Убайд Раҷаб барои кӯдакон шеърҳои нав иншо карда буданд. Одатан устод Турсунзода қариб ҳамаи асарҳои адибонро бодиққат мехонданд, фикру мулоҳизаҳояшонро бевосита ба худи муаллиф ва дар матбуот баён мекарданд. Дар ёд дорам, ки боре дар рӯзномаи «Литературная газета» устод ба силсилаи шеърҳои Мӯъмин Қаноат, повести Фазлиддин Муҳаммадиев ва достони камина «Шаби пеш аз марг» баҳои баланд дода буданд.

Ҳама зери шипанги соҳили дарё ҷамъ омадем. Фақат Убайд Раҷаб ба қассобӣ ва пухтупаз банд буд. Сӯҳбатамон аз адабиёт, асарҳои наву тозаи адибон авҷ гирифт. Боқӣ Раҳимзода баъзан моро бо нақлу қиссаҳои аҷоиб механдонданд ва бо Мирзо Турсунзода ҳазлу шӯхӣ мекарданд. Ҷӯрабек Муродов, ки низ ба сӯҳбати онрӯза даъват шуда буд, ҳамроҳи раққосае ба бӯстонсаро омад. Шумораи дӯстони Мирзо Турсунзода гирди миз торафт меафзуд. Вақт аз ҳазлу шӯхӣ, сӯҳбати хуш, суруду рақсҳои ҷолиб тез ва ноаён мегузашт. Магар ҳавои софи берун аз шаҳр ва оби зулолу ширини дарё буд, ки кабоби аз гӯшти гӯсфанд пухтаи Убайд Раҷаб дар андак вақт тамом шуд.

Фазлиддини шӯхтабиат ба Убайд Раҷаб бо нимтабассум гуфт:

– Убайдулло, Шумо дар сари дег нисфи гӯсфандро хӯрдедмӣ?

– Не, – ҷавоб дод Убайдулло, – ҳамааш ҳамин буд.

Дар соҳили чапи дарё, дар доманаи кӯҳ чӯпоне рамаи гӯсфандонро мечаронд.

– Ҳеҷ гап нашудааст, – гуфтанд Турсунзода. – Мо ин ҷо барои сӯҳбату зиёфат ҷамъ омадем. Боз як гӯсфанди дигар мехарем.

Баъд ба яке аз рафиқони наздикашон Мӯҳсин Ҳасанов, ки корҳои хоҷагию ташкилиро хуб медонистанду дар сӯҳбат иштирок дошт, фармуданд то ба пуштакӯҳ назди чӯпон рафта, як

гӯсфанди дигар харида орад. Ҳасанов назди чӯпон рафт ва бегӯсфанд баргашт.

– Намефурӯшад, – гуфт ӯ.

– Савдо кардед? – пурсиданд Мирзо Турсунзода.

– Ҳа, зорӣ кардам ҳам, нафурӯхт.

– Шояд Шумо ба нархи пурсидааш розӣ нашудед?

– Чӯпон умуман савдо кардан нахост. Ҳар қадар, ки нархашро пурсидам, нагуфт.

Ҷӯрабек Муродов аз ҷо бархост.

– Ман наздаш меравам, – гуфт ӯ.

Ҷӯрабек назди чӯпон рафт. Аз дур ҳама ба он сӯй нигоҳ мекарданд, ки Ҷӯрабек ба чӯпон ким-чӣ мегӯянд. Дидем, ки чӯпон аз байни рама як гӯсфандро ҷудо карда болои китфонаш бардошта, ҳамроҳи Ҷӯрабек аз доманкӯҳ поён фаромад.

Мо саргарми тамошои пуштакӯҳу чаридани рама ва гуфтугӯи Ҷӯрабеку чӯпон шуда, аз омадани як нафар меҳмони дигар бехабар мондем. Ин меҳмон раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ Абдулаҳад Қаххоров буданд. Ногоҳ дидем, ки раис ҳам қатори мо он манзараро тамошо доранд.

Абдулаҳад Қаххоров яке аз дӯстони наздики Мирзо Турсунзода ва ҳамаи мо, марди хоксору фурӯтан буданд, худ кам-кам шеър ҳам менавиштанд, вале ин сирри худро ошкор намекарданд. Ҳоло он кас ҳам ба дидорбинии Турсунзода омада буданд.

Ҷӯрабек Муродов пеш-пеш ва аз қафояш чӯпон гӯсфанд дар китф омаданд. Мирзо Турсунзода аз ҷой бархоста, сӯи чӯпон рафтанд. Чӯпон гӯсфандро оҳиста ба замин гузошту сӯи Мирзо Турсунзода омад ва дуқат шуда салом дод.

– Ман орзуи Шуморо дидан доштам, – гуфт ӯ. – Акнун ба орзӯям расидам. Барои сиҳат баргашта омаданатон сад ҷон қурбони Шумо.

Ҳамон бегоҳ то як поси шаб дар меҳмонии устод Мирзо Турсунзода сӯҳбати гуворое доштем.

*Худоӣ ШАРИФОВ*
*профессор*

# БУНЁДИ ГУМАНИСТИИ ШЕЪРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мирзо Турсунзода шоири давраи нави адабиёти тоҷик аст. Мо марҳилаи баъдиасримиёнагии ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, шуури ҷамъиятӣ ва фарҳангии тоҷиконро дар ҳудуди Осиёи Миёна «Давраи нав» медонем. Падидаҳои аввалини ин марҳила дар охири асри XX ва аввали асри XX, пас аз воруди ҳокимияти подшоҳии Русия ба ин сарзамин ва пайвастани он ба ҷараёни инкишофи умумибашарӣ, намудор шудаанд. Дар қадами аввали пой ниҳодан ба ин марҳила равшанфикрон ва адибони тоҷик бозмондагии ҷомиаро аз авзои ҷаҳон дида дар таълифоти адабӣ бар интиқоди низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва вазъи илмию фарҳангии кишвари худ пардохтанд. Аҳмад Маҳмуди Дониш ба таҷдиди назари ҷомиаи онвақтаи Бухоро дар таълифоташ иқдом ниҳод ва адибони дигар, ба монанди Абдурауфи Фитрат, Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ ва дигарон онро давом доданд. Танқиди низоми ҷомиа ба хотири такомули сохтори сиёсӣ ва иҷтимоии он буд. Омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ бояд ба инкишофи тадриҷии муносибатҳои нави иқтисодӣ ва дар заминаи онҳо муомилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонданд ва реформаҳои ногузири лозима, сатҳи умумии инкишофи ҷомиаро ба мақоми сифатан нави болотаре мебардошт.

Адабиёти бадеӣ ҳам дар ин марҳила дар зинаи ҷустуҷӯ ва нигарони аз як дигаргунӣ ва тағйире қарор дошт, ки онро марҳилаи тоинқилобии давраи нави рушди адабӣ хондан мумкин аст. Афсӯс ки умри ин давра хеле кӯтоҳ ва мустаъҷил омад. Пояҳои тамаддунии ҷомиа бо воруди унсурҳои нави пешрафта омезиш наёфтанду тараққӣ накарданд, консервативизм ва кӯҳнапарастии шадид бар назари таҷаддуд ва навсозӣ бартарии ҷиддӣ дошт. Ҳамагӣ 30-40 сол ин раванди тафқиқи наву кӯҳна ва тафаннуну тақоруби равияҳо тӯл кашида адабиёт такомули табиӣ ва тағйири мундариҷа ва шаклро аз сар гузаронида натавонист. Ҳам дар назм ва ҳам дар наср дарку фаҳми суннатӣ устувор монда навию тозагиҳо аз лиҳози назари эстетикӣ ва бадеӣ дар ҳолати ҷустуҷӯ ва ковиши ҳунарӣ

побарҷо шуда буданд. Дар даҳсолаи аввали аҳди шӯравӣ самти ҷустуҷӯи навиҳо афзуд ва асароти ин ҷустуҷӯи мазмуну шакли нав ҳам дар шеъри Садриддин Айнӣ ва ҳам қиссаву романи ӯ пайдост. Пайрав Сулаймонӣ, ба сабаби ошноӣ бо адабиёти русӣ, ба тарзҳои тозаи баёни маъно, даст ёфт. Абдулқосим Лоҳутӣ, ки аз таҷрибаи назми аҳди машрутияи Эрон баҳра ёфта буд, дар шеър ва даъватҳои иҷтимоӣ ба раванди ҳаводиси замон муофиқати бештаре дошт. Гузашта аз навҷӯиҳои мазмун ва дилтангиҳо аз вазъи замона адибони дар мактаби классикии маърифатӣ ва ҳунари адабӣ тарбият ёфта аз иҳотаи қонунҳои фарҳангии он сахт берун нарафта дар мавқеи танқид ва фошгӯии беамони гузашта ва ситоиши бомуҳобати пешомадҳои тоза қарор доштанд.

Дар охири солҳои бистум ва оғози солҳои сиюми садаи бистуми мелодӣ адибони насли нав, парваридаҳои мактаб ва ҷомиаи шӯравӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, ки онҳоро дар он замон адибони насли комсомол мегуфтанд. Ҳамин гурӯҳро намояндагони воқеии давраи нави инкишофи адабӣ аз ҷиҳати принсипҳои нави маърифат ва ҳунари адабӣ, назари эҷодӣ ва мафкураи сиёсию иҷтимоӣ донистан лозим аст. Ба ин гурӯҳ шоирон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, носирон Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва ақрони онҳо шомил шудаанд. Ҳамаи ин адибон таҳсилоти зудгузари таъҷилиро аз сар гузаронида мероси гузаштаро ба монанди насли мутақаддим аз ҷиҳати бунёдҳои таълимии мазҳабӣ, таърихӣ, фалсафӣ, адабӣ ва лисонӣ фаро нагирифтанд. Чун аз бори гарони тамаддуни гузашта, мавқеъҳои фикрӣ, рӯҳонӣ, мазҳабӣ, маънавии он то андозае бебаҳра монданд, назари нави мафкуравӣ ва мавқеъҳои тозаи адаби ҳунариро ҳам ба осонӣ қабул карданд. Ин адибон аз истифодаи суннатҳо дар масъалаҳои мазҳабӣ, фалсафӣ, ирфонӣ худдорӣ карданд ва дар натиҷа бунёди гуманистии адабиёт ҳам равиши дигар гирифт.

Дар марҳилаи нав адабиёт, маҷмӯан, назму наср ва драма, ҳамчун навъи махсуси ҳунарии ба театр, суратгарӣ, муҷассамасозӣ ва анвои дигар қаробати зотӣ дошта шинохта шуд. Ин ҷараён аз оғози садаи бистуми мелодӣ шурӯъ шуд, дар асарҳои аввалини Айнӣ идома ёфт. Насли нави адибон фаъолияти адабиро маҳз ҳамчун касби махсуси ҳунарӣ шинохтанд. Ин ҳам як омили раҳоӣ аз мавқеи синкретии адабиё-

ти суннатӣ буда поэтикаи мураккаб, забони рамзию романтикӣ ва системаи бо ирфону тасаввуф ва ҷаҳонфаҳмии асри миёна алоқаманди он ба таври табиӣ, бидуни эҳсоси норохатӣ аз гум кардани пироҳани одатӣ, вогузор шуданд. Акнун шоир дар чаҳорчӯбаи маҳдуди ҳунарӣ, бо ёрии тасвирҳои айнӣ ва аслии нақшҳои адабӣ, дар ҳудуди забону сухани урфии худ асар офаридан метавонист. Ин роҳи раҳоӣ аз консервативизми суннатӣ ба бачаи аз ҳудуди танги хона дар баҳорон озодиро дар берун, дар боғу роғ ба даст оварда, ки ҳар чи мехоҳад бикунад, дар ихтиёр дорад, монанд буд, бо ҳама каммаънигии ин бозиҳои шавқангез ва хоҳишхез.

Дар ҳамин марҳилаи радду бадали суннатҳо ва навҷӯиҳо назари нави гуманистӣ дар адабиёт низ ташаккул меёфт ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода яке аз майдонҳои пурвусъати озмоиши ин назари нав буд. Бо ин сабаб, каму беши кайфияти адабиёти давраи навро бар дӯши қонунмандии наве, ки ногузир бо каҷравию норасоиҳо ҳамроҳӣ дорад, низ гузошта бори хурдагирии камбудии адиби ҷудогона, аз ҷумла Мирзо Турсунзодаро кам кардан лозим аст. Ин марҳилаи нави адабиёт буд ва монанди ҳар роҳи нав равандагонро мушкилию каҷравиҳое дар рӯ ба рӯ дошт, бахусус аз он ҷиҳат, ки дар кавонини ҷаҳонфаҳмию маърифатии муайяншуда тай мегардид. Ёдоварӣ аз ҳамаи он қонунҳои зарурии роҳи нав дар ин ҷо имкон надорад ва хонанда бидуни талозуму такрор қисми зиёди онҳоро медонад ва вазифаи маҳдудтаре, вобаста ба баҳси пояҳои гуманистии адабиёт, моро дар пеш аст.

Адабиёти қабл аз давраи нави мо фақат ба забони форсии дарӣ умри зиёдтар аз ҳазору дусадсола дорад. Дар ин умри дароз андешаи гузаштагони мо роҳу равишҳои зиёдеро ҷустуҷӯ карда ва барои беҳбудии инсон мувофиқ ё мухолиф дидааст. Онҳо аз муҳокима ва ковишҳои илмию хикматӣ, мазҳабӣ, мушоҳидаҳои инсонӣ ва озмоишҳои таҷрибӣ иборатанд. Мо, бар хасби тақозои ин маврид, ба баъзе аз онҳо ишора мекунем. Яке аз ин равияҳо, ки дар адабиёти бадеӣ мавқеи намоёне дорад, раҳму шафқат ва меҳрубонӣ ба инсон аст. Сохти табақавии ҷамъият ногузир нобаробарии инсонҳо ва ҷабру ситам ба тобеонро аз ҷониби сарварон меоварад. Бинобар ин озор нadодан ба бечорагон мотиви асосии асарҳои зиёди адабӣ шудааст. «Забардасти зердастозор» ҳама вақт маломат карда

мешавад. Аз ҳамин ҷост тасвири подшоҳи одили ормонӣ, ки дар достонҳои хамосаи миллӣ, достонҳои романтикии навъи Искандарнома, румонҳои халқии Доробнома, Самаки айёр, қиссаҳои тамсилии навъи Калила ва Димна ва монанди онҳо ба назар мерасад. Роҳи дигар бо таълимоти мазҳабӣ ва қонунҳои шаръӣ ҳимоят кардани инсон аст, ки мукофоти амал ҷанбаи маънавии он мебошад. Инсони ҷафокору зулмпеша ҳатман ҷазои худро дар ин ҷаҳону охират хоҳад гирифт. Дар таълимоти ҷавонмардӣ некию хайри бебозхосту тамаъ тарғиб карда мешавад. Дар ирфону тасаввуф даст кашидан аз манфиати худ ба хотири дигар инсонҳо принсипи асосии мардумпарастӣ мебошад. Ҳакимон ва файласуфон, муаллифони китобҳои ахлоқ низ барои некӣ кардан ва раво надидани ҷабру ситам таълимоти системадоре пешниҳод кардаанд. Ҳамаи ин дар гузашта буд. Замони нав, махсусан ҷаҳонбинии коммунистӣ, ки худро марҳилаи нав ба минбаъдаи абадии қонуни дурусти зиндагии башарӣ медид, албатта принсипҳои тозаи гуманистии худро пешниҳод кард. Ҷомиаи нав тазоди доимӣ ва ақидаи тозаи гуманистиро ба миён овард Ҷомиа дар марҳилаи муайян ба мақоми ҷамъияти синфӣ мерасад. Синфҳо натиҷаи тақсимоти нодурусти сармояи ҷамъият аст, ки ба синфи сармоядор ва ҳоким ва ба синфи заҳматкаши бесармояи муздур тақсим шуд. Муносибати ин ду гурӯҳ тазоди оштинопазири синфист ва роҳи ҳалли он ба вуҷуд овардани моликияти умумӣ ва сохтани ҷомиаи баробарҳуқуқи афроди башар аст, ки мақсади ниҳонии он таъмини баробарӣ ва саодати куллӣ дар замоне, яъне коммунизм мебошад. Ҳаққу ботил ва қазовати дурустии он вазифаи мо нест. Барои мо муҳим ин аст, ки пояи гуманистии ин таълимот баробарии иҷтимоӣ мебошад. Мавзӯи баҳс ва гуфтугузори адабӣ дар адабиёти шӯравии тоҷик аслан ҳамин масъалаи баробарии иҷтимоӣ қарор ёфт. Агар мавзӯъ ва мазмуни қиссаи «Одина» ва румонҳои «Дохунда» ва «Ғуломон»и С. Айниро ба хотир биёрем, мебинем, ки бадбахтиҳоро ба сари мардум ин нобаробариҳо овардаанд. Ғуломӣ, азобу шиканҷа, макру фиреб, ноҳақию золимӣ аз ҳамин нобаробариҳост. Мубориза ва ҷадал ба ин нобаробарӣ, ҳатто дар ҳадди куштору инқилобот, асли амали гуманистӣ мебошад. Амали гуманистӣ будани муборизаи зидди зулм дар адабиёти гузашта ҳам иқдоми

гуманистӣ дониста мешуд. Раҳоии мазлум будани марги золим дар ин ҳикояти кӯтоҳ аз китоби Гулистони Шайх Саъдӣ бозтоб шудааст:

«Дарвеше мустаҷобуддаъват дар Бағдод падид омад. Ҳаҷҷоҷи Юсуфро хабар карданд, бихондаш ва гуфт: «Дуои хайр бар ман бикун!» «Гуфт: «Худоё, ҷонаш биситон!» Гуфт: «Аз баҳри худой ин чӣ дуост?» Гуфт: «Ин дуои хайр аст туро ва ҷумлаи мусулмононро».

*Эй забардасти зеридастозор,*
*Гарм то кай бимонад ин бозор.*
*Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ,*
*Мурданат беҳ ки мардумозорӣ.*[1]

Ҳамин нобаробарии иҷтимоӣ, дар таълимот ва амалияи болшевизми коммунистӣ, ба мақоми ҳатмат нест кардани синфи ҳокиму сармоядор расид. Ғояи муборизаи беамон бурдан ба муқобили ин синфи гӯё табиатан золим ба ҳадди мутлақ расида куштору таъқиботи беамони заминдору ҳокиму сармоядор ва муллою ақрони онҳоро ба ҳукми мардумпарастӣ расонд. Адибони аҳди шӯравӣ, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, албатта, асосан дар гуфтору эътиқод ва камтар дар амал ин кинатӯзии беохирро дастгирӣ мекарданд. Ин гуманизми сустбунёд таъқиботи доимию мусалсалро на танҳо нигаҳ надошт, балки маншаъ ва сабаби асосӣ буд. Дар ҷомиаи гузашта саросарӣ будани зулму ситам дар ин мисраъҳои достони «Хазон ва Баҳор»-и Мирзо Турсунзода чунин тасвир шудааст:

*Зи дасти навкарони мири ғаддор*
*Ҳамегаштанд муздурон лагадхор.*
*Яке дар хоку хун афтода дар роҳ,*
*Дигар истода сархам бар дари шоҳ.*
*Яке урён, яке гардида нолон,*
*Дигар дар кӯча бо ҳоли парешон.*
*Яке гашта ҷудо аз молу амвол,*
*Дигар монанди мурғи бепару бол.*

[1] Куллиёти Саъдӣ, Мутобиқ ба нусхаи тасҳеҳшудаи Муҳаммад Алии Фурӯғӣ. - Теҳрон: Муассисаи интишороти «Нигоҳ». 1378, саҳ 46.

*Занон аз зиндагонӣ гашта маҳрум*
*Ба қонуни худову давраи шум.*
*Хулоса, мардумони ҷаврдида,*
*Паёпай заҳри нодонӣ чашида,*
*Ҳама аз айшу роҳат дур буданд,*
*Ғулому бандаву муздур буданд.*[1]

Дар тавсифҳои ҳоли мардум мақсад намоиш ё маърифати як ҳақиқате нест. Дар ҳақиқат ҷомиаи қаламрави давлатии Бухоро низоми устувори қонуние, ба ҷуз қонуни шариат, ки дар мавриди лозима ба зери фатвои носолим оварда мешуд, надошт. Бо вуҷуди ин мақсади шоир аз ин хитобҳои манзум ифодаи меҳру шафқат ба мардум аст, ки ба эътимоди пурраи ӯ чунин вазъи ногуворе дошт. Чунин тарзи андеша дар партави мафкураи ҳоким ба ҳадди охирини муболиға ва муҳаббат расида то андозае раҳму шафқати муқаррарии мардумро пӯшонида ба мафкураи иҷтимоӣ табдил мeёбад. Тасвири азоби Саттор–қаҳрамони марказии достон низ хеле бо муболиға ва аз воқеият дур аст. Ӯро, ба монанди Одина дар асари Айнӣ, бой барои ба чанголи гургон афтидани як гӯсфанд, ба зери пой андохта бо мушту асояш мезанад ва шабу рӯз дар ин ҳоли номуродӣ мегардад:

*Гиребон пора карда то ба домон,*
*Зи ҷаври бой дар кӯҳу биёбон.*
*Зи субҳи номуродӣ то шаби тор*
*Ҳамегардам ба кӯҳу дашт ночор.*
*Ба худ нолам ҳамеша мисли занбӯр,*
*Дил аз ғам пора-пора ҳамчу сантӯр.*
*Ба хӯрдан луқмаи ноне надорам,*
*Дар ин олам нигаҳбоне надорам...*[2]

Ҳамаи ин нидоҳои маломатомез аз вазъи зиндагонӣ ба хотири вусъат додани арзиши замони нав ва озодии тарғибшаванда мебошад:

---

[1] Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб. Ҷилди 2.—Душанбе: Ирфон, 1981. саҳ. 71-72.
[2] Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб. Ҷилди 2.—с. 73.

*Ба бунёди ситам оташ фитодаст,*
*Ба рӯи мо дари шодӣ кушодаст.*
*Хазон омад ба боғи аҳли сарват,*
*Ҳаме ояд баҳори аҳли меҳнат.*[1]

Замони пур сохтани соғар аз «хуни миру қозию тавонгар» расидааст. Баъди ин «ба боғи зиндагонӣ» «гулҳо мекушоянд» ва аз шодӣ булбулон нағма месароянд ва ҷавонон саодатманд мегарданд. Ин тазоди наву кӯҳнаро қурбон шудани Раънои дилдодаи Саттор ба дасти амир ва ҷанги Саттор бо амирону золимон қувват медиҳад. Ғояи неку бад, зулму истибдод ва мубориза бар алайҳи он мотиви асосии афсонаҳо ва ривоятҳои халқист. Аз ин рӯ маншаи асосии ғояи гуманистии достон ҳамин рӯҳия ва андешаи мардум дар бораи неку бад аст.

Гуманизми суннатӣ ва мардумӣ некӣ кардан ба наздикон, ғамхорӣ ва дастгирӣ, бадбинии зулму золимӣ ва мутлақияти ҳокимият мебошад. Гуманизми нав баробарии инсонро дар ҷомиа, ҷузъи он донистани ҳар як фард аст. Ин маънӣ ҳам рафта – рафта ба ифрот расида ва шахсият вуҷуди феълии худро дар ҷамъият ғарқ меёбад ва ин гӯё як навъ саодати инсонист. Ин маънӣ дар достони Ҳасани аробакаш акси худро ёфтааст. Ҳасан соҳиби аспу ароба шуда нисбат ба хидматгории собиқ худро сарбаланду саодатманд меёбад. Озодӣ аз зердастӣ ва истиқлол дар рафтору амал барои Ҳасан мояи шодӣ ва хушнудӣ буд. Аммо ин яккагардӣ, ба ақидаи шоир, озодии ҳақиқӣ нест:

*Ӯ гумон мекунад, ки якка худаш*
*Борбардори мамлакат бошад.*
*Пеши чашми ҳама калону хурд*
*Гули сурхи сари сабад бошад…*

*Менамуд ӯ гумон , ки танҳоӣ*
*Ба кас аз ҳар ҳаёт афзалтар,*
*Сари танҳо ҳамеша озод аст*
*Аз ғами рӯзгору хонаву дар.*

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ. 74

*Ба кучое, ки ихтиёр кунад,*
*Меравад бемалол, бепурсиш,*
*Дар кучое, ки афтаду хезад,*
*Касе онро намедиҳад ташвиш.*[1]

Дар ин ҷо тасаввури халқии озодии шахси муҷаррад бо озодӣ ба маънои худнамоӣ ва худбинӣ омезиш ёфтааст. Шоир ба чунин озодӣ хушбин нест, зеро вай зидди ормони иҷтимоии ягонагии ҷамъият мебошад. Ин худписандӣ ва худхоҳии Ҳасанро меҳри дар дили ӯ нисбат ба Садаф пайдо карда паст карда буд, вале на то охир. Бо мошин рӯ ба рӯ шудан ба Ҳасан бори дигар нав шудани ҷаҳонро нишон дод. Баъди ин гӯё барои Ҳасан ҳама чиз кофист, то ба ёри худ бирасад ва саодатманд бошад. Аммо Садаф марди дарбадари дайдуро қабул надорад, аробакашӣ аз расмият баромад. Шоир аз забони раиси колхоз–дӯсти Ҳасан танҳоиро беоқубат ва чун ҷӯй дар дашт хушкшаванда медонад. Бахт ва давлат аз дастҷамъӣ ҳосил мешавад:

*– Ба азобат худат гунаҳкорӣ!*
*Гар нагарданд ҷӯйҳо дарё,*
*Дар дили дашт мешаванд адо,*
*Мисли ҷӯй аст одами танҳо.*

*Бахту давлат ба дастҷамъии мост,*
*Ту нафаҳмидаӣ ҳанӯз инро,*
*Аз қафои ароба мегардӣ*
*Чустуҷӯ карда кайфи деринро.*[2]

Анҷоми достон як навъ ҷамъбасти умумии ақидаи шоир аст. Ҳасан ронандаи мошини колхоз мешавад. Садаф ба ҳамсарии ӯ ризоият медиҳад. Натиҷа ин аст, ки Садаф муаллимаи мактаб ва Ҳасан ронандаи колхоз шуда ба бахту саодат мерасанд. Инсон то шахсияти ҷамъиятӣ, аъзои гурӯҳи иҷтимоӣ набошад, хушбахтиро наметавонад дарёбад. Ин ақида пояи асосии гуманизми сотсиалистӣ мебошад. Имрӯз мо метавонем, бипурсем,

[1] Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб, Ҷилди 2.-Душанбе: Ирфон, 1981
[2] Мирзо Турсунзода. Осори мунтахаб. Осори мунтахаб. Ҷилди 2.-С. 216.

ки вақте кас аз истиқлоли фардӣ ва мухторӣ халос мешавад ва ба ихтиёри гурӯҳи дорои низоми қатъии ҷомиа мефароял, магар дар навбати дигар ба дом намеафтад? Магар ӯ шахсияти худро гум намекунад? Дар ҳақиқат дар чунин вазъият инсон, ба таъбири маълуми И. Сталин, ба чархча ва винтчаи мошинаи иҷтимоии ҷамъият табдил меёбад. Имрӯз маълум шуд, ки чунин ҷомиа пойдории устуворе надошта, зеро инсонҳо ба рамаи тобеи шубони қавидасте табдил ёфта шахсиятҳо ба ҷуз мақоми сиёсию маъмурӣ вазъи дигари ташаккулу падид омадан надоранд. Дар ин ҳолат, албатта, амнияти шахс, фишору ситами бевосита ва ноҳақии ошкоро нест, вале озодии шахсият ҳам гирифтори маҳрумиятҳои зиёде мебошад.

Мирзо Турсунзода дар хонадони деҳқони деҳотӣ таваллуд ёфта ва тарбия гирифтааст. Аз ҳамин ҷост, ки аз кӯдакӣ ихтилоф ва рақобати шадиди шаҳрнишинонро надида ба шахси инсон дар ҳамаи асарҳояш бо камоли лутфу меҳрубонӣ сухан мегӯяд. Шеъри машҳури шоиро сӯзи дили инсони шоир ва ифодаи сирати одамии Мирзо Турсунзода мебошад:

*Шеър ҳам бояд занад фаввораe*
*Аз танӯри дил чу оташпораe,*
*Сар занад аз дил, ба дил коре кунад,*
*Нармтар сангин дили ёре кунад.*[1]

Ҳамин садоқат ва меҳрубонии самимӣ, ки зодаи қалби одамист, дар шеъри «Офарин, дил!» низ изҳор шуда ва далели дигарест аз тинати поки мардумии Мирзо Турсунзода:

*Офарин, дил, занги аввалро натодастӣ ҳанӯз,*
*Дар мақомат бетанаффус истодастӣ ҳанӯз,*
*Меҳрӯӣ ғамҳои оламрову шод астӣ ҳанӯз,*
*Андаруни оташӣ, оҳанниҳодастӣ ҳанӯз...*

*Сабр кун, гирам лаҷоми вақтро бори дигар,*
*То гузорад бар замин пои ман осори дигар.*
*Сабр кун, то дар ҳузури дӯст шабҳои дароз*
*Ҳарчи мехоҳӣ, кунам аз номат изҳори дигар.*

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. ҷ. 1 саҳ. 171-172

*Сабр кун,*
*Вақти танаффус нест,*
*Дил, занге мазан,*
*Шишаро чун баччаҳои шӯх бар санге мазан.*
*Сабр кун, нохун ба тори нозуки чанге мазан,*
*Сар ба девори қафас дар синаи танге мазан.*[1]

Дарку эҳсоси бағоят нозуки набзи зиндагӣ, ҳусни табиат ва рози одамӣ асоси инсонии шеъри Мирзо Турсунзода мебошад. Ин сифати инсонӣ ва шоирии ӯ махсусан дар силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» аз паҳлӯҳои гуногуни ҳиссу дарки олами зебоӣ ва розу ниёзи одамӣ акс ёфтааст. Чи тасвири зебое доранд Рӯди Ганг ва Боғи муаллақ, Тоҷмаҳал дар дидаи инсонии шоир. Дар сухани шоир Рӯди Ганг, муҷассамаи зиндаи ғамолуд, бемори соҳиби нафаси гарми регсӯз, каси дур аз зинати боғу лола, савти мурғони пурхурӯш, дар сина орзую нуҳуфта мебошад. Вай шарики ғами инсонии кишвари худ аст:

*Дар шаби тор оби рӯди Ганг*
*Буд бо акси Каҳкашон ҳамранг.*
*Ё ба чашми ту ҷилвагар мешуд*
*Мисли шамшерҳои занголуд.*
*На ба рӯи касе нигаҳ созад,*
*На зи кас рӯйро панаҳ созад.*
*Асрҳо дар замини Ҳиндустон*
*Гашта ҷорӣ хамӯшу гӯшгарон.*
*Меравад сӯи баҳр бо сари хам,*
*Гӯӣ д орад ба дӯш кӯҳи алам.*
*Гуфтам: эй Ганг, аз чӣ хомушӣ,*
*Аз чӣ дарёсифат намеҷӯшӣ?*
*Сар ба саҳро ниҳодаӣ, чунӣ,*
*Ё ки дар ғам шарики Маҷнунӣ?*[2]

---

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 1, саҳ. 174-175
[2] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. саҳ 18.

Шоире бо ин ҳассосият ва дарёфти ҳусни инсонии табиат мардумпарвари покниҳод аст. Чи тасвири зебое ба вуҷуд омадааст дар шеъри «Боғи муаллақ», ки нақши боғ воқеияти сухании қалби гӯянда мебошад:

*Дидаам дар Бомбай боғи муаллақ чун биҳишт,*
*Бо қалам тавсифи онро кай тавонад кас навишт.*
*Боғ сабзу акси он рӯзу шабон дар об сабз,*
*Дар даруни об гӯё шӯълаи маҳтоб сабз.*
*Дар лабони хубрӯён ханда ҳусни дигар аст,*
*Ҷилваи ин боғ ҳам дар нозукӣ нозуктар аст.*
*Рӯбаҳу оҳуву фил аз навдаҳо сабзидаанд,*
*Ҷонварон дар баргҳо тасвири худро дидаанд.*
*Бар рухи ҳар барг шабнам медурахшад чун гуҳар,*
*Дидаам ду доғ ман, ду гунбази сабзу кабуд,*
*Дар баландӣ он якею в-он дигар дар об буд.*[1]

Ҳамаи ин ҳусну зебоӣ, сарвату дороӣ душмани бадкирдор дорад, ки аз ғарб омада ва онро поймолу ғорат мекунад. Ин душмани бадкирдор, ки дар истилоҳи сиёсӣ ва ҷомиашиносии шӯравӣ исми империолизмро дошт, дар диди шоиронаи Мирзо Турсунзода як нақши абстрактии бадист. Вай тазоди ҳақиқии ҳусну зебоӣ ва қабоҳату бадбахтиро ба вуҷуд меорад. Ин нақши меъёрии абстрактӣ дар асарҳои дигари шоир, ба монанди достони Садои Осиё, вусъат ёфта тасаввури мардумии некию бадиро бо мавқеи сиёсӣ ва идеологии ду ҷаҳони мутазоди сиёсӣ омезиш медиҳад. Дар ин маънӣ Турсунзода ҳамчун шахси сиёсатшинос ва соҳиби мафкураи замони худ намудор мегардад. Аммо маншаи инсонии ин назари шоир ҳамоно тасаввури мардумӣ ва суннатии некию бадист.

Ҳусни ҳақиқии назари гуманистии Мирзо Турсунзода дар силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» дар тасвири чеҳраи инсонҳо, зебоӣ, ҳунар ва фоҷиаи зиндагии онҳо намудори воқеӣ гирифтааст. Чи омезишу тавони ҳусну назокати фоҷиабори қалбии инсоние дорад тасвири Тара-Чандри дар шеъри Мирзо Турсунзода, ки бар дидаи камбинони шеъри ӯ хати бутлон мекашад:

[1] Ҳамон китоб, саҳ. 21.

*Ба вақти рақси мавзунат, ба чашмони пурафсунат ,*
*Кабӯтар дар ҳаво, оҳу ба саҳро гашта маҷнунат.*
*Ба вақти чархгардонат, ба гирди пои печонат,*
*Намояд ҷилва дар чашмам пари товус ба домонат.*
*Ба зери анбарин зулфи сиёҳат чун қамар дидам,*
*Дар он аз офтоби Комде гӯё асар дидам…*
*Ман аз рақси ту мафтунам, зи ҳолат лек маҳзунам,*
*Тара-Чандрӣ… Тара-Чандрӣ…Макун ин қадар афсунам.*

Шоир ин ҳусну зебоӣ, ин ҳунари беҳамторо пойдорӣ ва усутуворӣ таманно дорад. Вай бояд умеду орзуи халқро барҷо нигоҳ дорад ва ҳамчунон зебо бимонад:

*Тара-Чандрӣ, Тара-Чандрӣ! Ту, эй бозингари ҳинду!*
*Агар бо рақс бархезӣ, ҳавои форам ангезӣ,*
*Зи боғи санъати халқат ба гирди хеш гул резӣ.*
*Ба чунбиш мавҷи дарёӣ, ба ларзиши реги саҳроӣ,*
*Ҳунарманду ҳунарпеша зи сар то нохуни поӣ!*
*Сабук чун парниёнӣ ту, беҳ аз оби равони ту,*
*Ба каф дурри гаронӣ ту, ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!*
*Ту, эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари бебахт,*
*Сияҳчашму сияҳабру, сияҳмӯ, духтари сарсахт.*[1]

Дар шеъри «Сайёҳи Ҳинд» рӯҳияи мардумдӯстии Мирзо Турсунзода дар шакли раҳмоварӣ ба кӯдаки бенаво тасвире наздик ба ҳолати романтикӣ дорад. Тасаввури шоир кӯдакеро нақш кардааст, ки бо қутии худ дар хиёбони лаби баҳри кабуд, ба нияти ёфтани музди ночизе барои пок кардани пойафзоли роҳгузарон ба ҳар сӯ медавад. Маълум мешавад, ки ӯ афғонбачаи сода ва гумроҳест. Ин ҳол шоирро ба риққат меорад ва хитоб менамояд:

*Гуфтам: «Эй сайёҳи ҳинди кобулӣ,*
*Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ.*
*Ҷисми хурдатро ба пушти Ҳиндукуш*
*Кӣ ҳаво дод, аз чӣ мегардӣ хамӯш?*

---

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб Ҷ.2, саҳ. 23-24.

*Ё туро бахти сиёҳат рондааст?*
*Боди афғонӣ магар паррондааст?*
*Баҳри чӣ кардӣ, ту, эй навраписар,*
*Аз сари кӯҳи Сулаймонӣ гузар?*[1]

Тасвири Ҳиндустони афсонавӣ дар ин шеър тасаввури тоҷикони Осиёи Миёна дар бораи кишвар аст. Афсонаи фаровонии ризқи инсон, нозу неъматҳо, дар ҷӯйҳо равон будани ширу шароб, хулоса, ҷаннати ҳақиқии заминӣ пиндоштани Ҳиндустон дар нақлу ривоятҳои тоҷикӣ фаровон ҷой дорад ва шоир ҳамин хаёлоти мардумиро бо нақши афғонбача сурати воқеӣ медиҳад. Аз ин андешаи мардумиасос шоир ба таърихи куҳан ва нав, ба ҷаҳонгирону моҷароҷӯёни рӯй ба Ҳиндустон, ба умеди суду манфиат карда меоварад, ки ҳама бедодӣ мекарданду бадбахтиро меафзуданд. Ин ҷаҳонгарди нав танҳо ба умеди ёфтани нони худ ва зинда нигаҳ доштани ҷони худ омадааст. Пас шоир байти «Эй ҷаҳонгарди ҷавони кобулӣ, Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ»-ро чун рефрен ва байти баргардиш истифода карда ба тасвири мушкилоти зиндагии кӯдак аз нав муроҷиат мекунад:

*Дар хиёбон улфати ғам мешавӣ,*
*Пеши пои нокасон хам мешавӣ.*
*Мекунӣ бо рангу бори хеш пок*
*Мӯзаҳои бахтдуздонро зи хок.*
*Аннаеро*[2] *чун худоӣ медиҳанд,*
*Назр гӯё бар гадое медиҳанд…*
*Медавӣ, бо чашми пурнам медавӣ,*
*Пеши пои нокасон хам мешавӣ.*[3]

Шоири инсондӯст мехоҳад, ки ин ҳолати гадоии кӯдакон аз миён бардошта шавад. Барои намунаи саодатмандии кӯдак ба вазъи кишвари худаш муроҷиат мекунад. Дар охир шоир, ба нияти ҳукми қатъии маҳкум сохтани душмани доимии

---
[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2, саҳ. 29-30
[2] Анна–пули майдаи Ҳиндустон (эзоҳи шоир).
[3] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2, саҳ. 31-32.

башарӣ, ки ин ҷо «дузди бахти халқҳо» хонда мешавад, ҷавонро ба пок кардани хок аз пои ин дуздон даъват мекунад:

*Эй ҷаҳонгарди ҷавони кобулӣ,*
*Кӯдаки хурдию дар ҳукми гулӣ.*
*Ҳайфам ояд, ки ту дар ин синну сол*
*Мондаӣ бебаҳра аз фазлу камол.*
*Дузди бахти халқҳо минбаъд боз*
*Пои худро сӯи ту созад дароз.*
*Хоки пояшро набояд пок кард,*
*Пок аз он бояд ки акнун хок кард!*[1]

Хулоса, Мирзо Турсунзода, дар саросари эҷодиёташ, вақте ки ба тасвири зиндагӣ муроҷиат мекунад, пой дар заминаи инсондӯстии урфии тоҷикӣ устувор нигаҳ медорад. Назари сиёсӣ ва мафкураи расмии замон ҳамчун идомаи ҳамин гуманизми мардумӣ мавқеи ӯро устувор мегардонад. Шоир, аз як тараф, пойбанди таълимоти мазҳабӣ ва фикрии гуногуни гузагшта набуда, асосан рӯҳияи мардумии инсонпарварӣ дорад ва аз ин рӯ сухани ӯ, гузашта аз мавзӯъ ва мавқеъ, бисёр самимӣ, қалбӣ ва дилпазир аст. Аз ҷониби дигар, дар марҳилаи аввали ҷомиаи шӯравӣ мавзӯъҳои озодӣ (озодии синфӣ), пешрафти иҷтимоӣ, баробарии афроди башар ва халқҳо, озодии занон ва ривоҷи мактабу маориф ба хоҳиш ва ормонҳои мардумӣ мувофиқат доштанд. Бо ин сабаб Мирзо Турсунзода ба ормонҳои мардумӣ даъват ва амалияи зиндагию назари замони шӯравиро афзуда асар эҷод кардааст. Ин афзудаҳои расмии замонӣ ба гуманизми мардумии шоир гоҳгоҳе имрӯз ба гӯшу ҳуши мо гарон меоянд, вале набояд фаромӯш кард, ки Мирзо Турсунзода фарзанди замони худ ва дар айни замон фарзанди арҷманди халқи худ буд.

---

[1] Мирзо Турсунзода. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2, саҳ, 32

***Хуршеда ОТАХОНОВА***
*академики Академияи илмҳои Тоҷикистон*

# СИМОИ АЙНӢ ДАР ОСОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дар бораи М. Турсунзода ва фаъолияти эҷодии ӯ китобу мақолаҳои зиёде навишта шудаанд, вале мутолиаи ин асарҳо нишон медиҳанд, ки муаллифони онҳо ба як ҷиҳати бисёр муҳимми эҷодиёти ӯ эътибор надодаанд. Ин масъала тасвири симои устод Айнӣ дар асарҳои М. Турсунзода ва ба тавассути он нишон додани мақоми ӯ дар таърихи халқи тоҷик аст. Баррасии ин мавзӯъ ба паҳлӯи дигари шахсияти М. Турсунзода ва эҷодиёти ӯ равшанӣ меандозад.

*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони диигар поянда медоранд.*

Ин байти ҳикматноки шодравон Лоиқ, ба вежа солҳои охир дар бисёр мақолаҳою суханрониҳои аҳли фарҳанг мавриди истифода қарор гирифтааст ва то андозае вирди забон ҳам шудааст. Бо вуҷуд, вақте ки сухан роҷеъ ба абармардони илму адаби тоҷик, муносибати онҳо ба ҳамдигар меравад, хоҳу нохоҳ ҳам ин байт ба забон меояд, зеро он матлаби аслии моро хеле возеҳу равшан ифода мекунад.

Дар ҳамаи давру замонҳо фарзандони бузурги миллат пушту паноҳи ҳамдигар, ҳомӣ ва такягоҳи ҳамдигар, нигаҳбони мероси гаронбаҳои ниёгони худ буданд. Аз таърихи адабиёт ва фарҳанги тоҷик доир ба ин масъала метавон мисолҳои зиёд овард.

«Пешгузаштагони бошарафи Айнӣ дар давоми даҳ аср, ба қавли М. Турсунзода, машъали озодидӯстӣ ва инсониятпарварӣ»,[1] машъали ватанпарастӣ ва маърифатхоҳиро даст ба даст мебурданд. Дар ибтидои қарни XX ин машъалро устод Айнӣ ба дасти худ гирифт. Айнӣ барои худшиносии мардуми тоҷик, барои ба маърифат расидани вай, баланд бардоштани маънавият ва ҳуввияти миллии вай, таъмини адолати иҷтимоӣ

[1] М. Турсунзода. Садриддин Айнӣ, Шарқи Сурх, 1953, № 4, саҳ. 9.

чӣ қадар ҷаҳду ҷадал намуд. Вале агар Абулқосим Лоҳутӣ намебуд, он хидмати беназире, ки устод Айнӣ ба халқи худ кард, нимкола мемонд. Абулқосим Лоҳутӣ буд, ки Айниро аз тӯфони балоомези солҳои шахспарастӣ наҷот дод ва бо ҳамин ба адабиёт ва фарҳанги тоҷик боз як хидмати шоиста кард. Китоби «Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ», ки нусхаи комили он бо тавзеҳоти муфассал омодаи чоп асту камина имкони нашри онро ҳанӯз пайдо накардааст, аз ин шаҳодат медиҳад.

Дар айни замон фарзандони бузурги миллат Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода эҳтиёт намудани устод Айнӣ, ба ӯ ғамхорӣ намуданро ба зиммаи худ гирифтанд.

М.Турсунзода солҳои тӯлонӣ чун сарвари Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пуле буд миёни ҳукумат ва шахсиятҳои фарҳангӣ. Чӣ аз тарафи ҳукумат ва чи аз тарафи нависандагон ҳар муште баланд шавад, аввал ба сари ӯ мезад, ҳар амали нораво содир гардад, ҳар сухани ноҷо ва носазо ба миён ояд, дар дили ӯ асаре мегузошт. Номаҳои устод Айнӣ ба М. Турсунзода, ки бо сарсухани муфассали донишманди мӯҳтарам Камол Айнӣ дар ду шумораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» (12, 14 апрели соли 2001) ба табъ расиданд, ин гуфтаҳои моро тасдиқ мекунанд.

М. Турсунзода аз як тараф чун шахси расмӣ, яъне намояндаи ҳукумат ба устод Айнӣ ғамхорӣ зоҳир намояд, аз тарафи дигар чун саррофи гавҳаршинос ҳанӯз дар ҷавонӣ бузургии Айниро ба таври амиқ дарк намуд, хидматҳои ӯро дар назди халқи тоҷик дида тавонист ва ба ӯ чун ба падари адабиёти муосири тоҷик бо меҳру муҳаббати махсус муносибат кард.

Устод Айнӣ бо асарҳои худ халқи тоҷикро ба оламиён муаррифӣ кард. М. Турсунзода бошад дар шинохти устод Айнӣ аз тарафи ҷомеаи башарӣ нақши равшан гузошт. Кӯшишҳои ӯ дар роҳи ба забонҳои халқҳои дунё тарҷума шудани асарҳои устод Айнӣ, мақолаҳои ӯ дар рӯзномаю маҷаллаҳои марказӣ ва ҷумҳурӣ доир ба эҷодиёти Айнӣ, суханрониҳои ӯ аз минбарҳои баланди Маскав ва дигар мамолики дуру наздик, таҷлили ботантана ва пуршукӯҳи ҷашнҳои мавлуди (75,80 ва 90-солагии ӯ) шоҳиди ин суханонанд.

М. Турсунзода ҳатто дар бистари бемори дар фикри чӣ тавр гузаронидани ҷашни 100-солагии устод Айнӣ буд. Устод Муҳаммад Осимӣ дар хотираҳои худ дар ин бора навиштаанд:

«Солҳои охир тамоми фикру зикри устод Мирзо Турсунзода ба истиқболи ҷашни 100-солагии зодрӯзи устод Айнӣ банд буд.

Воқеан ҳам он кас нисбат ба устод Айнӣ эҳтироми бепоён доштанд. «Устод ифтихори миллии мо, виҷдони миллати мо» мегуфтанд. Вақте ки дар бораи ҷашни Садриддин Айнӣ қарори ЮНЕСКО қабул шуд ва таҳти раёсати Г.М.Марков комиссияи умумииттифоқии ҷашн ташкил ёфт, хурсандии Мирзо Турсунзода ҳадду канор надошт.

Умуман тамоми тадбирҳои тайёрии ҷашни устод Айнӣ аз майдатарин кор то масъалаҳои принсипиалӣ бо маслиҳат ва ҷидду ҷаҳди Мирзо Турсунзода ба амал меомад. Афсӯс, ки тантанаи умумиҷаҳонии ҷашни устод Айнӣ бе иштироки бевоситаи Мирзо Турсунзода мегузарад».[1]

Нахустин шеъри М. Турсунзода дар васфи устод Айнӣ соли 1935 навишта шудааст. Ҳамон сол, яъне соли 1935 30-солагии фаъолияти иҷтимоӣ ва адабии С. Айнӣ дар тамоми ҷумҳурӣ васеъ ҷашн гирифта шуд. Рӯзнома ва маҷаллаҳои марказӣ бахшида ба ин ҷашн шумораҳои махсус баровარданд ва дар онҳо мақолаю шеърҳои зиёде интишор ёфтанд. Шеъри М. Турсунзода таҳти унвони «Ба устод Айнӣ» 26 ноябри соли 1935 дар рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» ба табъ расид. Ҳарчанд дар ин шеър қалами шоири ҷавони солҳои сиюм эҳсос мешавад, вале бо тарзи ифода, самимият ва равонии худ аз шеърҳои дигар ҳамсафони ӯ фарқ мекунад. Чанд байт аз ин шеър:

*Хома то фармонбарат, эй табъи оташбор, шуд,*
*Рӯ ба зидди боргоҳу даҳшату дарбор шуд…*
*Зидди дунёи куҳан шерона ӯ исён намуд,*
*Дасти мазлуми ситамкашро гирифту ёр шуд.*
*Духтари тоҷик то бишнид арзи хомааш,*
*Чеҳрааш рахшону зебо чун рухи Гулнор шуд.*
*Гашт дармону давои дарди ҳар бечорае,*
*Лек теғе бар гулӯи душмани маккор шуд.*

Баъд аз ин мақолаҳои ӯ дар бораи Айнӣ дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои дастаҷамъию алоҳида ба табъ расиданд ва дастраси хонандагон гардиданд.

[1] Садои Шарқ, 1977, № 12, саҳ. 122

Бунёди мақолаҳои М. Турсунзодаро суханрониҳои ӯ дар маҷлисҳои ёдбуд, ҷашнҳои мавлуди устод Айнӣ ва анҷуману маҷлисҳои Иттифоқи нависандагон ташкил мекунанд. Ҳадафи асосии ӯ дар ин мақолаҳо ба хонандагон шиносонидани шахсияти устод Айнӣ, баррасии муҳимтарин асарҳои ӯ, ошкор намудани моҳияти фаъолияти илмию адабӣ ва иҷтимоии адиб ва ба тавассути офаридани симои ӯ тарбияи ҷавонон мебошад.

М. Турсунзода дар мақолаҳояш фаъолияти ҷамъиятӣ ва адабии устод Айниро ба боғи беинтиҳое ташбеҳ додааст, ки «ҳам меваҳои гуногун, ҳам гулҳои рангоранг ва ҳам осори бешумори ҳунармандӣ ва заҳмати боғбонро ҳартарафа муҷассам гардонидааст».[1]

Ӯ таъкид намудааст, ки «агар маҳсули адабӣ ва хидмати ҷамъиятии Айниро бо маҳсули адабӣ ва хидмати коллективи калони адибон андоза кунем, вазни хидматҳои Айнӣ бемуболиға афзалтар хоҳад шуд»[2]

М. Турсунзода дар бораи устод Айнӣ бо муҳаббат ва самимият сухан меронад, суханаш шоирона ва образнок аст. Мана ба ин порча таваҷҷӯҳ фармоед:

«Чуноне ки ору аз гулҳои бешумору гуногун ба лонаи худ зарраҳои қиматбаҳои асалро бо ҷидду ҷаҳд ҷамъ мекунад, Айнӣ ҳам инчунин аз саҳро ва киштзорҳои таърихи бои тоҷикон воқеаҳо ва фактҳоро интихоб карда ба ганҷинаи солномаи халқи мо чун шоҳиди ҷидду ҷаҳд ва анъанаҳои озодихоҳонаи доимии худ дохил мекунад».[3]

Эҷодиёти устод Айнӣ аз як мақола то мақолаи дигари М. Турсунзода амиқтар таҳлил шуда, сухани муаллиф муассиртар ва самимитар, эътиқодаш қавитар ва эътимодаш ба бузургӣ ва нотакрории ӯ мустаҳкамтар мегардад. Дар натиҷа симои устод Айнӣ ҷилои тоза дар бар намуда, ба таври дигар медурахшад, ҳар дафъа паҳлӯҳои дигари фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятии ӯ равшантар намоён мешавад.

Як чизи муҳиме, ки М. Турсунзода дар мақолаҳояш гаштаву баргашта таъкид намуда, диққати хонандагонро ба он ҷалб ме-

---

М. Турсунзода. Сардафтари адабиёти советии тоҷик.—Шарқи Сурх 1958, саҳ. 88

[2] Ҳамон мақола, саҳ. 88.

[3] М. Турсунзода. Садриддин Айнӣ. Шарқи Сурх, 1953, № 4, саҳ 10.

кунад, ин заҳматдӯстӣ ва пуртоқатии устод Айнӣ аст. «Ин меҳнатдӯстӣ, – навиштааст ӯ, – Айниро маҷбур мекунад, ки бо мурури замон ба асарҳои эҷодкардааш боз аз нав баргашта, ба онҳо як чизи нав дохил кунад, онҳоро васеътар намояд ва гоҳо онҳоро аз нав кор кунад».[1]

М. Турсунзода дар бораи таҳрири охирини повести «Марги судхӯр» сухан ронда, бо овардани баъзе лаҳзаҳо аз хотироти худ андешаашро пурқувват менамояд.

«Мо боре аз Айнӣ пурсидем, ки чӣ лозим буд васеъ кардани ин асар, ки пурра буда, ба таври олӣ навишта шудааст. Айнӣ аз бобҳои нав навиштаи худ, чунон ки аз ғалаба шод мешаванд, хурсанд шуда ба мо ин хел ҷавоб дод: «Дар давоми ҳамин қадар сол мунаққидон дар повести ман камбудии калон ва муҳимро ошкор карда натавонистанд. Дар он халқ нест. Ман нишон додаам, ки Қорӣ Ишкамбаи судхӯр дар тани савдогарони шаҳр ва косибони хурд паразитона зиндагӣ мекард, ҳол он ки дар ҳақиқат чанголи судхӯрон чуқуртар фурӯ рафта буд. Онҳо бо векселҳои бонки худ деҳқононро хонахароб карда бо ин асоси ҷамъияти Осиёи Миёнаро вайрон мекарданд. Ин бадкирдории бештар мудҳиш буд. Ман камбудиамро худам ёфтам ваислоҳи он хаторо вазифаи муқаддаси худ мешуморам».

Ин сифати бебаҳо–сифати меҳнатдӯстӣ ва принсипиалии нависандагии ба меҳнат содиқона рафтор кардан мебошад. Ва мо шогирдони ӯ, ин сифати ӯро бояд ба миннатдорӣ қабул кунем».[2]

Аз мақолаҳои М. Турсунзода симои устод Айнӣ чун нависандаи бузург ва заҳматкаш, инсони башардӯст ва ватанпараст, инсони маърифатхоҳ ва халқпарвар пеши назар меояд. Ҳамин хислатҳои адиб дар достони «Чароғи абадӣ» ҷамъбасти шоирона ёфтаанд. Мақолаҳои М. Турсунзода зинаҳое буданд, ки шоир ба воситаи онҳо ба қуллаи мақсад роҳ паймуд. «Чароғи абадӣ» натиҷаи ҳамин роҳпаймоӣ ва ҷустуҷӯҳои тӯлонии шоир аст.

Дар достони «Чароғи абадӣ» симои устод Айнӣ тавассути андешаҳои қаҳрамони лирикӣ, яъне «ман»-и шоир офарида шудааст.

---

[1] Ҳамон мақола, саҳ. 20.
[2] Шарқи Сурх, 1953, № 4, саҳ. 21-22.

Аз солҳои 50-ум сар карда дар адабиёти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла халқи тоҷик анъанаи таҳлилӣ пурқувват шуд. Назари адибон ба ҷаҳони ботинии инсон, ба ҳолати рӯҳии он афзуд. Шоирон ба тадқиқи нозуктарин тобишҳои эҳсосоти одам машғул шуданд. Дар айни замон вусъати тафаккури шоирон, таърихият ва ҷиҳати фалсафии он афзуд.

Мутафаккири бузурги рус Н. А.Добролюбов навишта буд: «Ҳақиқатеро, ки файласуфҳо фақат дар назария пай мебаранд, нависандагони бузург аз ҳаёт ба даст меоранд ва ба риштаи тасвир мекашанд. Онҳо аз вазифае, ки ҳангоми таълифи асари бадеӣ дар дӯш доранд ва иҷрои онро қарзи нависандагии худ медонанд, болотар рафта, дар қатори арбобони таърихие ҷой мегиранд, ки ба инсоният барои дарки қувваҳои зинда ва майлҳои табиии ӯ ёрӣ мерасонанд».[1]

Дар ҳамаи давраҳои таърихи адабиёти тоҷик, аз замони Рӯдакӣ то Аҳмади Дониш бисёр шоирони бузург дар бораи масъалаҳои мураккаб ва доимии ҳастӣ бо эҳтироси тамом андеша рондаанд. Вале замони нав ба шеър мазмуни нави фалсафӣ бахшид.

Он тағйироте, ки дар ибтидои қарни XX дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ҳаёти сиёсии халқи тоҷик ба вуқӯъ пайваст, риштаҳои пайвандии фарҳангу адабиёти моро ба гузашта муддате гусаст. Робитаҳои байни адибони калонсол ва ҷавон низ то андозае суст гадиданд. Ба майдони адабиёт ҷавононе ворид шуданд, ки ҳанӯз саводи казоӣ надоштанд, аз шеъру шоирӣ огаҳ набуданд, вале бо иштиёқи тамом шеър менавиштанд. Шеърҳои содалавҳона саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳоро пур карданд. Ин ҳолат асолати сухани шоиронаро аз байн бурд. Адабиёт бо тақозои замон хусусияти тарғибию ташвиқӣ дар бар кард. Ин ҳол то солҳои 40-ум давом намуд. Баъд аз солҳои 40-ум ҳарчанд дар адабиёт сиёсатгароӣ дар ҷои аввал қарор дошта бошад ҳам, шоироне ба воя расиданд, ки ба мазмуну анъаноти баланд то андозае эътибор медодагӣ шуданд. Аз солҳои 50-ум сар карда дар шеъри тоҷик тафаккури фалсафӣ вусъат пайдо кард. Инро мо, пеш аз ҳама, дар шеъру достонҳои М. Турсунзода мушоҳида мекунем.

[1] Добролюбов Н.А. Луч света в темном царстве. Сбор. Соч., в 3-т-х. М.: Госполитиздат, 1952, т. 3, с. 171

М. Турсунзода аз ибтидои эҷодиёти худ шоири лирик буд. Дар эҷодиёти ӯ ҳиссу ҳаяҷони инсонӣ амиқ ифода меёбад. Ҳатто дар достонҳои ҳамосии солҳои аввали эҷодиёти ӯ лирика мавқеи калон дорад.

Устод М. Шакурӣ дар китоби худ «Анъана, халқият ва маҳорат» дар бораи эҷодиёти М. Турсунзода сухан ронда чунин навиштаанд:

«Он мазмуни амиқи фалсафӣ, ки дар давраи пас аз Ҷанги Ватанӣ, масалан, дар «Қиссаи Ҳиндустон» дида мешавад, маҳсули инкишофи минбаъдаи эҷодии шоир, натиҷаи таҷрибаи калони ҳаётӣ ва нависандагӣ ҷамъ кардани ӯ буд».[1]

Оре, аз «Қиссаи Ҳиндустон» сар карда, дар эҷодиёти М. Турсунзода мазмуни фалсафа торафт амиқтар шуда, хусусан дар достонҳои ӯ инкишоф ёфт. Достонҳои ӯ «Садои Осиё», «Ҷони ширин» мазмуни фалсафӣ дар бар кардаанд, вале «Чароғи абадӣ» сар то по достони фалсафӣ буда, намунаи балоғати эҷодии М. Турсунзода маҳсуб мешавад.

Дар асари фалсафӣ мазмун бо воситаҳои махсус ва пеш аз ҳама бо таҳрикаҳои эҳсосот зуҳур карда ба фикри умумӣ меорад. Дар достони «Чароғи абадӣ» хусусиятҳои ҳам шеъри ҳиссӣ ва ҳам фалсафӣ мушоҳида мешавад. Ин достон бо эҳсосоти пуршиддат навишта шудааст, ҳар як ҷузъи он, ҳар як унсури тасвир эҳсосоти амиқи инсониро дар бар мегирад. Шаб. Шоир дар изтироб аст, дили ӯро ҳаяҷони қавӣ фаро гирифтааст ва ин имконият намедиҳад, ки ӯ ором бошад ва хоб кунад, ӯ бо таъсири эҳсосот аз хона берун меравад. Ба садои шаб гӯш медиҳад, нафаси баҳор ба рӯяш мезанад ва аз ин дар дили ӯ туғёни тозаи ҳаяҷон ба вуқӯъ мепайвандад. Субҳ, оғози рӯзи нав. Ҳаяҷони шоир пайваста инкишоф меёбад. Ӯ дар таваллудхона нахустин бор рухи тифли навзоди худро мебинад, садояшро мешунавад. Дар таваллудхона ҳама чиз: кӯдакони навзод, кори ҳамшираҳои шафқат, падарони мунтазир нозуктарин торҳои дили шоирро ба ҷунбиш меоранд. Вохӯрӣ бо устод Айнӣ ҷараёни нави эҳсосоти шоирро ба амал меоварад, яъне дар достон ҳар сатр барои ифодаи ҳаяҷони инсонӣ нақши муҳим бозидааст. Аммо ҳар бор шоир дар асоси эҳсосот фикре, андешае зоҳир мекунад. Эҳсосот барои ӯ ҳамчун воситае

[1] М. Шукуров. Анъана, халқият ва маҳорат, Душанбе, 1964, саҳ. 97.

барои ҳаракат додани фикр хидмат мекунад ва пурқувватии он ҳар дафъа боиси пурқувват шудани фикру андешаҳои шоир мегардад. Эҳсосот барои хиштҳоест, ки аз он шоир пояи фикрҳои дурпарвози худро месозад. Қаҳрамони лирикӣ бо як ҳиссиёти саршор аз меҳр ба пешвози устод Айнӣ равон мешавад, ба пешвози марде равон мешавад, ки «ду замонро дидааст, ғаму андӯҳу шодии ҷаҳонро чашидааст. Вокзал ӯро аз нав ба фикру андеша водор месозад. Инак, қатора меояд ва аз он устод Айнӣ намоён мегардад:

*Қатор омад вагон, поезд омад,*
*Ба ҷони интизорон ҷон фаромад.*
*Ду чашми ман ба дарҳои вагон шуд,*
*Мана, аз дар адиби мо аён шуд.*
*Намоён гашт фарзанди Бухоро,*
*Ҳамон тавре ки дидӣ дар «Алифбо».*
*Сафедӣ ришро ишғол карда,*
*Танашро хастагӣ беҳол карда,*
*Валекин дил ҷавон, пурҷӯш сина,*
*Асо дар даст по монад ба зина.*
*Қариб аз нур монда чашмҳояш,*
*Шуда ларзон садояш, дасту пояш.*
*Адиби хешро оғӯш кардем,*
*Заданҳои дилашро гӯш кардем.*
*Ба устоди қаламкаш дод пайғом*
*Тамоми шаҳр аз ҳар як дару бом.*
*Салом омад, дуруд омад ба Айнӣ,*
*Саломи чун суруд омад ба Айнӣ.*
*Муяссар шуд маро дар як саҳаргоҳ,*
*Ки бинам рӯи ду инсони дилхоҳ.*
*Яке фарзанди ман, навзоди ман буд,*
*Дигар панди ману устоди ман буд.*[1]

«Дар зиндагӣ ва ҳама вақт воқеъ мегардад, ки тарҷумаи ҳоли як одам бо тарҷумаи ҳоли халқи ӯ мувофиқ ояд, – навиштааст М. Турсунзода дар як мақолааш. – Саргузашти Садриддин Айнӣ, хушбахтона, айнан ҳамин тавр аст» ва давом

[1] М. Турсунзода. Куллиёт. Дар 6 ҷ. Душанбе, Ирфон, 1971, ҷ. 2, саҳ. 255.

додааст «Ҳамаи он чиро ки халқи ситамдидаи тоҷик диду аз сар гузаронид, Айнӣ ҳам аввал дар айёми кӯдакӣ, баъд дар ҷавонӣ ва охир дар айёми баркамол шуданаш дид ва аз сар гузаронид».[1]

Дар достони «Чароғӣ абадӣ» низ М. Турсунзода тақдири устод Айниро вобаста ба тақдири халқи тоҷик баррасӣ намудааст. Ӯ тарҷумаи ҳоли устод Айниро ба хотир оварда, дар симои Айнӣ Шарқи озод, адолатхоҳ ва маорифпарварро офаридааст. Вақте ки шоир дар бораи Шарқи хориҷа сухан меронад, изҳори таассуф мекунад, ки ҳанӯз аз Ғарб ба Шарқ танкҳо меоянд, ҳанӯз бӯи дуди чанг ба машом мерасад. Вале шоир аз он хурсанд аст, ки Шарқи куҳан мубориzу сулҳҷӯ гаштааст, дигар аз таҳдиди ағёр наметарсад. «Чароғи абадӣ» пеш аз ҳама маҳсули шиддати фикр ва назари доманадори мутафаккир аст:

*Ҳанӯз аз Ғарб гарчи танк ояд,*
*Ба сӯи Осиё бо ҷанг ояд.*
*Ҳанӯз аз шарқ бӯи дуд хезад,*
*Сутуни дуди нафтолуд хезад.*
*Ҳанӯз озурдагӣ ҷони арабро,*
*Ба яғмо бурданӣ хони арабро.*
*Вале Машриқ аз таҳдиди ағёр*
*Наметарсад, намеларзад дигар бор.*
*Баҳори зиндагиро дӯст дорад,*
*Ба зидди ҷанги нав ӯ ҷанг орад.*[2]

Достони «Чароғи абадӣ» дар асоси тазоду муқобила сохта шудааст. Дар ин достон образҳои тифли навзод ва устод Айнӣ хусусияти рамзӣ дошта, чун тазод омадаанд, вале шоир «мазмуни реалиро дар рамз не, балки баръакс рамзро дар шахси одами зинда ва дар фактҳои мушаххас дидааст».[3] Тифли навзод рамзиояндаи Шарқ аст. Шоир беҳтарин хислатҳои насли худ ва замони худро ба ӯ, ба наслҳои оянда васият кардааст. Устод Айнӣ бошад чун пайвандгари гузашта бо имрӯзу фардои миллати мо ба тасвир омадааст.

---

[1] Садриддин Айнӣ Шарқи Сурх», 1953, № 4, саҳ. 53.
[2] М. Турсунзода. Куллиёт, ҷ. 2, саҳ. 258.
[3] Ю. Бобоев. Мирзо Турсунзода, Сталинобод, 1961, саҳ. 205.

М. Турсунзода дар мақолаҳои худ аз шарҳи ҳоли устод Айнӣ ба ҳамон нуктаҳое бештар диққат медиҳад, ки дар ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун шоир ва нависандаи бузург, олими адабиётшинос, таърихнавис ва забоншинос, ҳамчун ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ нақши равшан гузоштаанд, ҳамон ҳодисаҳоеро нақл мекунад, ки ӯро чун фидоии адабиёт муаррифӣ менамоянд. М. Турсунзода дар ин бора навиштааст:

«Махсусан мушоираҳо, байтбаракҳо, дар бораи илму фан суханрониҳо, овози хуши мутрибон ва ҳофизони ширинкалом монанди Ҳоҷӣ Абдулазиз ва дигарон дар меҳмонхонаи Шарифҷон Махдум, ки ӯ дар он даргоҳ хидмат мекард, ба Айнӣ таъсири хеле чуқур мебахшанд ва ӯро ҳамчун аҳли адаб ба камол расондан мегиранд. Зеҳни ҷавони зиракро бо сӯҳони назм суфта мегардонанд… ӯ дар тарҷумаи ҳоли худ нақл мекунад, ки девони шоир Соиброро ба ивази хидматаш аз Зуҳур Махдум ҳадя гирифтааст, девони Ҳофизро дар ивази хидмати дусолаи бемузд аз Муллорӯзӣ гирифтааст. Ду сол меҳнат карда танҳо ба як девони Ҳофиз соҳиб шудан ин кори одамест, ки ба назм, ба адабиёт худро фидоӣ эълон карда бошад. Ба ҳамин тариқ, оҳангҳои дилфиреби мусиқаи классикии тоҷик «Шашмақом», сурудҳои дилхароши халқӣ ба монанди «Маврича» рӯҳи Айниро ба парвоз меоваранд, шоҳбайтҳои мардони бузурги назм ба ӯ болу пар мебахшанд. Ҳайҳот! Дар шароити Бухорои амирӣ парвоз кардан мумкин набуд, дару деворҳои ғафси ин шаҳри феодалӣ пеши насими форамро мегирифтанд, одамро дар зери бомгӯшаҳои ҳузнангези ҳарамҳо чун мурғи паруболрехта нигоҳ медоштанд».[1]

Дар ҷои дигар ин фикрҳои худро гӯё ҷамъбаст намуда М. Турсунзода навиштааст:

«Айнӣ аз ҳамаи он боигарии маданияти ҳазорсолаи тоҷик, ки онро ганҷинаҳои беохири рӯҳи озодихоҳонаи халқ асрҳои зиёде боэҳтиёт нигоҳ дошта омадаанд, ғизо гирифтааст».[2]

Ҳамин андешаҳоро М.Турсунзода дар достони «Чароғи абадӣ» ба ҷомаи ҳарири шеър печонидааст:

---

[1] Шарқи Сурх, 1958, № 5, саҳ. 90-91
[2] Коммунисти Тоҷикистон, 1953, № 4, саҳ. 53

*Чароғи мадраса дар кунҷи тира,*
*Ба мисли кирми шаб месӯхт хира.*
*Ба чашми нурҷӯ, марди адабгоҳ,*
*Гаҳе Хайём мешуд шӯълаи моҳ.*
*Зи Саъдӣ гоҳ оташпора мешуд,*
*Ба гирди Рӯдакӣ сайёра мешуд.*
*Чароғ аз назм, нур аз назм меҷуст ,*
*Ба ишқи назм мисли сабза мерует.*
*Сухан аз назми сеҳрангез мегуфт,*
*Ба ёди назм ӯ мехост, мехуфт.*
*Ягона дафъи савдояш ҳамин буд,*
*Ҳаёти нурҷӯянда чунин буд.*[1]

Устод Айнӣ дар достони М. Турсунзода чун нурафкане тасвир ёфтааст, ки роҳи мардумро ба сӯи маърифату фарҳанг равшан мекунад. Аз сар то пои ӯ нур меборад, нури умед, нури муҳаббат нисбат ба зиндагӣ, нури меҳру садоқат ба диёри худ ва мардуми он:

*Ба наздам пирамарди Шарқ дидам,*
*Ба нур онро саропо ғарқ дидам.*
*Адиб аз нур давлатманд гашта,*
*Ба нур аз ҷону дил пайванд гашта.*
*Ҳамеша равшаниро орзу дошт,*
*Умед аз бахту аз рӯзи накӯ дошт.*[2]

М. Турсунзода устод Айниро дар асари худ чун хиради халқ таҷассум намудааст. Унсурмаолии Кайковус гуфтааст: «Ғизои хирад ҳикмат аст». М.Турсунзода дар бораи Айнӣ сухан ронда хеле бамавқеъ ба панду ҳикмат мегузарад. Вале ин панду ҳикмати холӣ набуда, ҷамъбасти фалсафии тамоми андешаҳои дар достон баён кардаи ӯст. Шоиронро ба таври оддӣ бевосита аз забони худ намеорад, балки онро дар чашмҳои Айнӣ, хатҳои ҷабин ва хамҳои чашми ӯ мебинад:

---

[1] М. Турсунзода, Куллиёт , ҷ. 2, саҳ, 257.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 259

*Назар кардам ба пири ранҷдида,*
*Ба ду чашмон, ба абрӯи хамида.*
*Назар кардам ба хатҳои ҷабинаш,*
*Ба мӯҳои сараш, хамҳои чинаш.*
*Падар гӯё маро табрик мегуфт,*
*Суханҳои ба дил наздик мегуфт.*
*Падар мегуфт: «Одам чун дарахт аст,*
*Дарахти решаномаҳкам карахт аст.*

ё ин ки:

*Ба фарзандат сабақ омӯз зинҳор,*
*Ки аз макри адӯ бошад хабардор.*
*Ба ҳар ҷо илм бурда ҷаҳл ронад,*
*Қасос аз ҷаҳлу нодонӣ ситонад.*
*Фишорад гарм дасти дӯстонро,*
*Мададгорӣ кунад афтодагонро.*
*Ба мисли заррае тобанда бошад,*
*Ба ҳар маҳфил чароғи зинда бошад.*
*Ба олам насл аз мо ёдгор аст,*
*Ба ӯ фардои инсон чашмдор аст.*[1]

Ҳар як сатри ба тасвири Айнӣ бахшидаи М. Турсунзода саршори эҳсосот ва ҳаяҷони амиқи дил аст. Устод чи дар мақолаҳояш ва чи дар достони «Чароғи абадӣ» гардишҳои ҳалкунандаро дар шарҳи ҳоли Айнӣ, хидмати беназири ин пири хирадро дар ҳаёти халқ, дар инкишофи босуръати адабиёти муосири тоҷик, афкори иҷтимоиву маънавии мардум баён намуда, бузургии мақоми ӯро дар таърихи халқи тоҷик нишон додааст.

Устод Турсунзода низ бо осори рангину намакин, фаъолияти сиёсиву иҷтимоии хирадмандона ва башардӯстонаи худ дар дили мардуми мо ошён гузоштаанд ва дар таърихи он мақоми шоистаеро соҳиб гардидаанд. Нишон додани бузургии ин мақом вазифаи бузургони имрӯзу фардои илму адаби тоҷик мебошад.

---

[1] Ҳамон асар, саҳ. 259-261

*Зиёдулло ШАҲИДӢ*

# ЁДИ ДӮСТ

Бо Мирзо Турсунзода ҳамсӯҳбат шудан шарафи бузург буд. Хушбахтона, ман бо ин шахси фозилу ҳимматбаланд на фақат ҳамсӯҳбат, инчунин ҳамсоя будам. Ашъори диловези он кас дар фаъолияти бастакории ман мавқеи сазоворе дорад. Эҷодиёти шоири маҳбуб маро водор намуд, ки ихтисоси бастакориро бештар дӯст дораму ба ин кор камари ғайратро мустаҳкамтар бандам. Зеро дар ҳар мисраи шеъри устод эҳсоси баланди инсонпарварӣ, ишқи пок нисбат ба Ватан, ба Партияи Коммунистӣ, муҳаббати гарму ҷӯшон ба халқи хушбахти советӣ бурро садо медиҳад.

Аз вохӯриҳои ман бо устод бисёр лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш дар лавҳи хотирам нақш бастаанд. Ин ҷо мехоҳам чанд лаҳзаро нақл намоям.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирзо Турсунзода сардори управленияи корҳои санъат дар назди Совети Вазирон буданд. Рӯзе маро ба кабинеташон даъват карда гуфтанд, ки баъди 3 – 4 моҳ театри вилоятии Кӯлоб бо якчанд спектаклу программаи калони концертӣ ба Душанбе меояд. Дар ин ҷо, дар маркази республика Даҳаи адабиёту санъати Кӯлоб баргузор мегардад.

Маъмурияти театр ва управленияи санъати шаҳри Кӯлоб ба ман мактуб навишта, илтимос кардаанд, ки шуморо барои ёрии эҷодӣ расондан ба он ҷо фиристем. Дар воқеъ режиссёри театр ҳам худи ҳозир дар ин хусус телефон карда буд. Шумо ба ин чӣ мегӯед?

Ман пас аз ду рӯз вориди Кӯлоб гардидам. Коллективи театр маро бо хурсандӣ пешвоз гирифт. Ва мо ба кор сар кардем. Аз байн чанд рӯз гузашт, дар театр ба спектакли «Шаби 28» тайёрӣ мерафт, Бачаҳо бо шавқ сурудҳои онро мехонданд.

Ин вақт беихтиёр назарам ба қатори дигар афтоду устодро дидам, ки репетитсияро тамошо мекарданд. Ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем. Баъди репетитсия артистони ҷавони театр ба атрофи шоир гирд омаданд. Турсунзода бо ҷавонон сӯҳбат оростанд. Устод репетитсияҳои спектаклҳои дигар, номераҳои концерти хотимавиро ҳам аз назар гузаронида, баъд ба Ду-

шанбе баргаштанд. Ҳамин тариқ, Даҳаи адабиёту санъати Кӯлоб дар Душанбе, бомуваффақият барпо гардид.

Тобистони соли 1945 ҳамроҳи як гурӯҳ санъаткорон ба яке аз колхозҳои райони Орҷоникидзеобод мерафтем. Он ҷо ба шарафи иҷрои плани панҷсолаи колхоз тантанае барпо шуда буд. Мошини мо бо роҳи асфалт босуръат мерафт. Шамоли форами кӯҳсорон ниҳолҳои пахтаро ба ҷилва меовард. Бӯи хуши гулу себарга ба димоғ мерасид.

Мирзо Турсунзода таклиф карданд, ки мошинро каме боздорем. Ҳама аз мошин берун омадем. Аз ободии саҳро, ҳосили ниҳолҳои пахта, боғу токзор дили шоир ба ҷӯш омада буд. Ва нахустин мисраъҳои шеъре. ки имрӯз ба ҳама ҳамчун суруд маълум аст, ба забон омаданд.

*Офарин бодо шуморо, паҳлавонон, офарин,*
*Марду занҳои далери Тоҷикистон офарин.*

Шоир раҳорах ҳамин мисраъҳоро такрор намуда, ба ман рӯй овард.

– Шаҳидӣ, то ба колхоз расидан ин шеърро ба охир мерасонам, хуб мешуд, агар оҳанге фикр мекардед.

– Хуб шудааст, Мирзо-ако, гуфтам. – На фақат оҳангашро тайёр карда, балки инчунин бо ҳофизон машқ карда, дар барномаи консертии имшаба дохил кардан ҳам мумкин аст.

Хулоса, то ба колхоз расидан шеъру оҳанг тайёр шуд. Ба идораи колхоз даромада, оҳангро бо танбӯр навохта, дар коғази нота навиштам. Баъд бо ҳофизон ба сурудан шурӯъ намудем ва ҳамон шаб дар консерт ин суруд садо дод.

Шеърҳои равону дилчасп бастакорро ба илҳом меоранд. Суруди дигаре, ки Мирзо Турсунзода ҳангоми сайри атрофи шаҳр навишта буданду ман ба он оҳанг бастаам, чунин байти машҳуре дорад.

*Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,*
*Гарчи дар чашми шумо манзур нест.*

Сурудҳо ва мусиқии классикии тоҷикро Мирзо Турсунзода дар иҷрои ака-Шариф Ҷӯраев, Шоҳназар Соҳибов, Фазлиддин Шаҳобов, Бобоқул Файзуллоев, Барно Исҳоқова, Шоиста

Муллоҷонова, Ҳанифа Мавлонова ва дигарон дӯст медоштанд. Худашон ҳам ҳамроҳ мехонданд, гоҳо бо завқ аҳли маҳфилро ба рақс даъват мекарданд. Дар ҷамъомадҳо сурудҳои халқии «Хуш он замон», «Гулпарӣ», «Чор зарб», «Кабки хушрафтор» ва ғайраро мо, аҳли сӯҳбат, бо як овоз месароидем. Дар ин мавридҳо суруди «Хуш он замон» мавқеи хосе дошт, ки ҳоло ҳам садо медиҳад.

Дигар суруди умумӣ «Пиёлаи мо» ном дорад, ки он ҳам дар шеъри устод офарида шудааст. Соли 1949, дар консертҳои Даҳаи адабиёти тоҷик дар Москва ин суруд мувофиқи талаби тамошобинон борҳо такрор мешуд. Ба забони русӣ онро шоири рус Семён Гудзенко тарҷума кард. Сурудро ҳамаи иштироккунандагони консертҳои даҳа мехонданду яккахон артисткаи халқии республика Раъно Ғолибова буд. Вақте ки поезд аз Сталинобод ба Москва равон гардид, Раъно Ғолибова ба хондани суруд сар кард ва аҳли вагон ҳама иштироккунандагони даҳа ба ӯ ҳамовоз шуданд. Аҷоибаш ин, ки дигар пассажирони поезд ҳам ин сурудро ҳамроҳи мо мехонданд.

Рӯзе дар як сӯҳбат сухан аз хислатҳои хуби инсонӣ мерафт. Дар зиндагӣ баъзеҳо аз омади кори худ болида, ҳавобаландию манманӣ мекунанд, бо дигарон беэътиноёна ва назарногирона рафтор мекунанд, вале дар охир шатта мехӯранд. Хушбахтона, ин хел одамон дар байни мо хеле каманд. Дар омади гап, байте ба ёдам омаду хондам:

*Баланду пасти ҷаҳон қафои якдигаранд,*
*Агар ба моҳ бароӣ, назар ба чоҳ андоз.*

– Шеъри бисёр баланд, бомаврид хондед, – гуфтанд устод, – вале байти аввалаш мақсадро равшантар мекунад ва худашон онро пурра хонданд.

*Чу офтоб ба ҳар заррае нигоҳ андоз,*
*Чу абр сояи раҳмат ба ҳар гиёҳ андоз.*
*Баланду пасти ҷаҳон қафои якдигаранд,*
*Агар ба моҳ бароӣ, назар ба чоҳ андоз.*

Баъди ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ман майли дар Москва хондан намудам. Мирзо–ако маро дастгирӣ карданд. Ме-

гуфтанд, ки шумо аз бачаҳоятон хотирҷамъ бошед. Ҳар чӣ аз дастам ояд, ёрӣ мерасонам. 5-6 сол як чашм пӯшидан қатӣ гузашта меравад, аммо хондани шумо зарур.

Дар хотир дорам, ки баъд аз ин бевақтиҳои шаб аз Москва ба хонаи Мирзо–ако телефон карда, аз саломатии бачаҳо огоҳ мешудам. Ҳамон вақтҳо ҳам мо ҳамсоя будем Телефонро ё худи Мирзоако ё янга гирифта, баъд ба хонаи мо, ба қабати дуюми иморат баромада, хабар медоданд. Ҳар боре Турсунзода ба Москва мерафтанд, маро ёфта, таклиф мекарданд, ки ба ягон спектакл ё ба концерт ҳамроҳ тамошо равем.

Рӯзе бегоҳӣ дар хобгоҳ будам. Мирзо–ако ҳамроҳи Баҳоваддинов Аловуддин Маҳмудович даромада омаданд. Хеле хурсанд шудам. «Омадем, ки студенти ҷавонро як бинем» – бо оҳанги шӯхӣ гуфтанд Мирзо–ако.

– Инашро ҳам гӯям, ки романси – «Зи сӯзи сина»–ро нашунида намеравем, – гуфт Аловуддин Маҳмудович. Баъдтар Шавкат Ниёзӣ ҳам бо як шоири ҷавон омаданд. Сурудҳои Лоҳутӣ ва худи Турсунзодаро паси ҳам мехондем.

Тахминан 25 сол қабл аз ин сахт бемор шудам, нисфи шаб буд, ҳарорати бадан ба 40 дараҷа баромадааст. Аҳли оила ба ҳарос афтода, зуд ба хонаи Турсунзода хабар медиҳанд.

Баъди чанде Турсунзода, профессор Лихтцер Израил Борисович, шогирдаш ва боз як хоҳари шафқат ба хона даромада омаданд.

Ман ба завҷаам мегуфтам, ки соати чори шаб одамонро ташвиш додан шарт набуд. Вале Турсунзода мегуфтанд, ки эҳтиёткорӣ ҳамеша натиҷаи хуб мебахшад. Шумо ин тавр нагӯед, бачаҳо нағз карданд, ки хабар доданд. Хулоса, духтурҳо маро дорую дармон карда рафтанд. Мирзо–ако онҳоро бо изҳори миннатдорӣ гуселониданду боз назди ман омада нишастанад, дилдорӣ доданд ва шеър хонданд...

Мирзо бо иштироки худ, ба рафтору суханҳои пурҳарорат ҳар як маъракаро ба тӯй мубаддал мекарданд. Ба хотир дорам, ки барои, 45солагии Деҳотиро қайд намудан ба хонаи он кас ҷамъ омадем. Соли 1956 буд. Ба болои миз ҳамаи нозу неъмат муҳайё. Сӯҳбати шоирону нависандагон ба маърака ҳаловату таровати аҷоибе мебахшид. Ба ногоҳ Турсунзода бо ҳаяҷон аз ҷо хеста гуфтанд:

– Шеърхонӣ, орзуҳои нек ба шоир ва санъаткор рӯҳи тоза, илҳоми нав мебахшад. Вале агар шеър бо мусиқӣ, бо оҳанги хоси худаш садо диҳад, хубтар мешавад. Биёед ҳамаамон суруди «Хуш он замон»-ро сароем. Ва ба ман ишора карданд, ки сар кунам. Ман сар кардам ва ҳама баробар сароидем:

*Хуш он замон, ки ба саҳни чаман ту бошию ман,*
*Миёни ғунча ба як пираҳан ту бошию ман...*
*Ба шарти он ки набошад миёни мо ағёр,*
*Пиёла бошаду май бошаду ту бошию ман –*

Вақте ки суруд ба охир расид, – хостам, боишораи дастам иштирокчиёни ин хониши умумии «хор»ро аз тамом шудани суруд огоҳ намоям. Вале Деҳотӣ, ки якҷоя бо мо суруд мехонд, оҳиста ба гӯшам гуфтанд, ки пушташро хунук накарда, «Гулпарӣ»ро ҷуфт кунем. Мирзо ба рақс медарояду мехонад – бо хурсандӣ ва ҳаяҷон, гуфтанд Деҳотӣ. Ман табақчаро ба сифати доира истифода бурда, суруди «Гулпарӣ»-ро сар кардам

*Гулпарӣ, райҳонпарӣ, имшаб лаби бомат кӣ буд?*

Дар ҳамин вақт якбора Мирзо бо шаст аз ҷо хеста:

– Деҳотӣ! Ба ман як рӯймолча диҳед, ман ҷавоби духтарро мехонам. – гуфта ба мобайн омада рост истоданд.

– Акнун аз сараш сар кунетон, – гуфт ӯ ба мо хонандагон ишора карда, мо мисраъҳои аввалро такрор кардем.

*Гулпарӣ, райҳонпарӣ, имшаб лаби бомат кӣ буд?*

Мирзо бо шавқи том ду нӯги рӯймолчаро аз дасти Деҳотӣ гирифта, болои сар партофт. Як нӯги рӯймолча дар дасти рост, поёнтари сари сина, нӯги дигараш аз тарафи дил болоӣ сар баландтар менамуд. Мирзо бо шарму табассуми хоси духтарона чашмҳоро хумор карда, мувофиқи оҳанги зарби мусиқӣ давоми бадеҳаро, яъне ҷавоби маъшуқаро бо ошиқ бо маҳорати баланди артистӣ иҷро мекард:

*Ҷон акаҷон касе набуд, аттор бачек омада буд (2 бор)*
*Гӯшвори зар оварда буд, ҷигӣ-ҷигӣ ҷангам макун,*
*Зулфакома қайчӣ макун, гӯшворама қайчӣ макун.*

Аҳли сӯҳбат ҳама ба бадеҳа ҳамроҳ шуда, ғазаби «Ошиқ»-ро нисбат ба «Маъшуқа» паст карданӣ мешуданд.

*Ҷигӣ–ҷигӣ ҷангаш макун,*
*Зулфакоша қайчӣ макун.*
*Ҷигӣ–ҷигӣ ҷангаш макун,*
*Гӯшвораша пора макун.*

Ҳамин тавр як дафъа: – «Боғбонбача омада буд».

Дафъаи дигар: – «Қассоббача омада буд»

Боз: – «Корвонбача омада буд», – гуфта бадеҳаро ба охир расонидем.

Ман ҳамеша мехостам, ки бо ин марди фозил, шахси мӯътабару олиҳиммат ва инсондӯст боз ва боз ҳамсӯҳбат шуда, ба шеъру достонҳои ӯ оҳангҳо эҷод намоям.

Он кас мегуфтанд, ки дар асоси достони «Ҳасани аробакаш» либреттои опера тартиб доданӣ ҳастем, ки мусиқии онро бояд шумо нависед. Бояд ба мусиқии опера оҳангҳои ба халқ ошно, садои шаршараҳои кӯҳсорон, суруди паррандаҳои хушилҳон, шукӯҳи саҳроҳои пур аз «тиллои сафед»и тоҷикро омезиш диҳед.

Ин хоҳишро, ки ба ман дар беморхона карданд, бо ҷону дил пазируфтам. Умед доштам, ки Мирзоро сиҳату саломат мебинам ва аз он кас мазмуни мухтасари либреттоdo мегирам.

Аммо ин орзуи ман ба навмедии ногаҳонӣ бадал ёфт.

Бегоҳии 24 сентябри соли 1977 дар хона машғули кори эҷодӣ будам, ки хабари мудҳише ба гӯшам расид. Ба тарафи табобатхонаи шаҳрчаи тиббӣ пои пиёда медавидам, бовариам намеомад...

Ҳамаи он мулоқотҳо, сӯҳбатҳои самимӣ, хислатҳои инсонпарварӣ, маҷлисороии ин марди бузург, ниҳоят сӯҳбати чанд рӯз қабл дар табобатхона баргузоргаштаи мо пеши назарам меомад...

– «Марг нест, умед ҳасту зиндагонӣ ҳаст дар дунё», – мегуфтанд Мирзо-ако ҳар замон дар омади гап.

Мехостам ягон мусиқии ғамангез эҷод намоям. Вале сӯзи дилу ҳаяҷони ғамангези ҳамон соатаи худро танҳо дар сатрҳои саҳифаҳои коғази партитура ба воситаи оҳангҳои миллӣ дар иҷрои оркестри симфонӣ метавонистам ифода намоям. Бино-

бар он, қарор додам, ки фикри худро аввал ба шакли шеър навишта монам ва оҳиста-оҳиста ором шуда, мувофиқи он достони симфоние эҷод намоям.

Баъдтар, вақти кор дар болои асар, шеъри шоираи украин М. Ивенко ба дастам афтод, ки муаллифи он барои иштирок дар рӯзҳои адабиёти рус дар Тоҷикистон омада буду хабари ногаҳонии вафоти шоирро шунида, дарду аламашро ба либоси назм даровардааст. Ин шеър тапиши дили маро афзун намуд.

Ҳамин тавр, достони мусиқие офарида шуд, ки дар он шеъри худи шоир ба шакли суруд дохил гардидааст:

*Гуфта будӣ, ки ту меҳмон мешавӣ,*
*Дар тани ҷонпарварон ҷон мешавӣ...*

Ман фақат якчанд лаҳзаи мулоқоти худро бо ин шахси мӯътабар ба тариқи ёддошт навиштам.

Ифтихормандам, ки бо чунин шоири бузург ҳамсуҳбат будам ва дар эҷоди суруду таронаҳо бо ӯ ҳамкорӣ намудам.

***Абдулмаҷид ДОСТИЕВ***
*Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони*
*Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ВАССОФИ ВАҲДАТИ ХАЛҚИ ҶАҲОН

*Ваҳдати халқи ҷаҳонро гум макун…*

Соле қабл иттилоъ гирифтам, ки дар қароргоҳи ЮНЕСКО, дар Париж, кунгураи боҳашамате доир гардидааст ва дар ин кунгура чанд тан аз шахсони барӯманди кишвари мо, олимон ва фарҳангиёни шинохта низ ба ҳайси намоянда ширкат варзидаанд ва мебоист эшон аз дастовардҳои тамаддуни миллати мо, бавижа ва китоби муқаддаси аҷдодиямон «Авасто» ва гузаронидани ҷашни ин нахусткитоби муқаддаси оиндории тоҷикон ҳимоят мекарданд. Аммо ҷои таассуф аст, ки ё аз рӯи ноогоҳӣ буд ва ё фориғболӣ ё надонистани падидаҳои таърихи миллат! ҳар чӣ буд, эшон аз ин пешомади фарҳангӣ ва ифтихороти тамаддуни миллиямон ҳифз карда натавонистаанд ва ЮНЕСКО ноогоҳтар аз ин намояндагони мо, гузаронидани ҷашни ин мояи тамаддуни моро ба онҳое ҳавола кард, ки ба «Авасто», дар қатори тамоми мардуми дунё чун дастоварди тамаддуни башарӣ мансубият доранд, вале на ҳамчун ворис, ба маънои томаш.

Худ ба худ андешидам, ки чаро таърих беадолатиҳоеро бар сари ин миллати ҷафодидаву ранҷкашида раво мебинад? Бо дасти бегонагони хонабарандоз хону хонаашро қисмат мекунад ва ҳам бо андешаву ақидаҳои таҳмилӣ таърихи ҳасту будашро ба ин бегонагон ҳавола медиҳад.

Ман аз ин ноомади кори «ҳомиёни» тамаддуни миллати азизам хеле таассуф хӯрдам ва гуфтам, ки агар дар ин кунгура устодони соҳибхирад ва маърифатпарвари миллати мо Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ё Мирзо Турсунзода ширкат меварзиданд, гузаронидани ҷашни ин китоби муқаддаси оиндорӣ ва сирф миллии тоҷикон дар воқеъ насиби мардуми Тоҷикистон мешуд ва ҳам таърих таҳриф намегардид. Ва боз гуфтаниям, ки ин ҷо таассуфи ман як озурдагии холӣ нест, зеро дар хеш номус, диёнат ва гавҳари ҳасту буди миллати азиятдидаву таҳқиршудаи моро аз аҷнабиён ва бодиянишинони бодо-

вар ниҳон дорад, зеро дар ин лаҳзаҳои ҳассос нарасидани ҳақ ба ҳақдор боз таҳқири дигаре ба номи ин миллат буд.

Чунон, ки мегӯянд, Офтобро бо доман намепӯшанд. Охир таърих гувоҳ аст ва тамоми олами тамаддун огоҳ аст, ки таърихнигорон ва авастошиносони маъруфи олам аз қабили Нйоли Г., Бойс М., Бенвенист Э., Душен – Гийемен., Майерҳофер М., Шмидт Р., Моле М., Нюберг Ҳ., Абаев В. И., Соколов С. Н., М. Стеблин – Каменский ва чанде дигарон (ягон нафари онҳо аз миллати тоҷик нестанд) бо таҳқиқот ва таълифоти равшанбинона ва муҳаққиқонаи хеш моли ориёӣ ва китоби муқаддаси мардуми ориёнажод будани «Авасто»-ро исбот намудаанд ва месазад, ки имрӯз олимони авастошинос ва Академияи Илмҳо, Иттифоқи нависандагон, Иттифоқи рӯзноманигорон, Вазорати фарҳанг ва дигар ташкилотҳои марбута барои муаррифӣ намудани ин асари нодири таъриху тамаддуни тоҷикон семинару конфронсҳои илмӣ ороянд ва таво-нанд, ки авастошиносони муосири машҳури оламро ба Тоҷикистон даъват намоянд ва осору таълифоти эшонро манзури хонандагон гардонида, ҳақро ба ҳақдор расонанд.

Хушбахтона, мо огоҳем, ки донишманди авастошиноси тоҷик Бобоназари Бобохон «Авасто»-ро аз асл тарҷума карда, дар ин ришта корҳои некеро ба анҷом расонидааст, вале афсӯс, ки ҳарчанд тарҷумаи ин китоб заҳмати ҷонкоҳро тақозо мекунад, бо сабаби нарасидани маблағ дигар чоп нашудааст. Афсӯс хӯрдам, ки чаро баъзан ҳар гуна навиштаҳои нодаркор чоп мешаванду чунин асарҳо не?

Аммо хушбахтии дигар ин аст ва чунон, ки огаҳӣ дорем, бо ибтикори Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов, ба рағми ин ҳама беадолатиҳои сиёсиву иҷтимоӣ, ҷашни ин шоҳкори баландмояи таъриху тамаддуни миллат соли 2003 дар Тоҷикистони азизамон бо шаҳомати махсусе таҷлил мегардад, ки дар он бовар дорам, олимону намояндагони табақаҳои гуногуни соҳаи ховаршинос аз саросари ҷаҳон, сараввал авастошиносон, даъват хоҳанд шуд.

Ин ҷо, дар боло бо овардани номи чанд тан аз бузургмардони миллат ифтихори онро доштам, ки ҳамзамон дар ин рӯзҳо бузургдошти яке аз саромадони ифтихороти миллатамон, 90-солагии зодрӯзи устод Мирзо Турсунзодаро бо ҳам хоҳем дид ва месазад хидматҳои ӯро дар тарозуи андешаву номуси хеш

санҷида, баҳои ҳақиқатнигориву ҷоннисориҳояшро барои шиносонидани симои миллатамон дар саҳнаҳои баланди олам, дар арсаҳои байналмилалӣ шинохта бошем.

Баъзе ашхосеро, ки дар дирӯз як мавқеъ доштанду имрӯз дигар чиз мегӯянд, вобаста ба шароит ҳар сари вақт «Балъамиҳояшонро» дигар мекунанд, худо медонад, ки фардо чӣ рӯ пайдо мекарда бошанд, ҳоло мебинаму боз ҳамон симои нуронии устод пеши назарам меояд. Дар замоне, ки ду маротиба паиҳам дар бораи миллатат гап мезадӣ, ба миллатчигӣ айбдорат мекарданд, устод ва чанде аз абармардони миллат мавқеъи хешро дигар накарданд ва ҳамеша дар ҳимояи манфиатҳои миллат истодагарӣ мекарданд. Ҳамин якрӯягию истодагарӣ ва талошҳои бузургмардоне чун С. Айнӣ, Б. Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва чандин тани дигар буд, ки соли 1924 Ҷумҳурии худмухтор, соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт ва дар ин замина асоси таърихӣ буд, ки бар истиқлолияти комил расидем.

Ҳар гоҳе номи устод Мирзо Турсунзодаро мешунавем ё ба забон меорем, пеш аз ҳама симои нурониву абадзиндаи як нафар аз тоҷикони асилзодаву худшиносе пеши назарамон меояд, ки садояшро аз ҳама гӯшаҳои Аврупову Осиё, Африқову Амрико… мешунавем ва дар тасаввури хеш ҳамқадами ин абармарди шаҳир дар хиёбонҳои ободу вайрони Ҳиндустон бо мардуми сарватманду гадоёни хонабардӯш рӯбарӯ меоем ва ҳам бо ашъори дилпазираш тасаллои ҷони хешро меҷӯем ва бар осоиши ҷонамон анфоси некӯяшро аз боду борони Тоҷикистон мебӯем.

Ин ҷо аз як сухани устод, шоири оламшумул Расул Ғамзатов кӯтоҳакак иқтибос карданиям, ки аз обрӯву эътибори шоири шаҳири миллат Мирзо Турсунзода ҳарф мезанад ва ин баҳоест, ки волотар аз ҳама тавсифҳои бараҳнаву бағояи ноошноён ва ноогоҳон аз шеъраш мебошад «… Вақте, ки миллионҳо одамон дар бораи ашъори вай «ин ашъори мо» гуфта муаллифро «Мирзои мо, Мирзои ҳалиму саховатманд ва дилрабои мо» меномиданд, барои эҷодкор хушбахтии бузургест».

Бо чунин баҳои баланду садоқатбор мебояд, ки ҳар як тоҷики асил аз «Мирзо»-дории мо тавонист дар радифи номи хеш ҷумҳурии азизамонро, яъне номи ҳар яке аз мо, тоҷиконро дар дили мардуми ҷаҳон ҷой диҳад.

Ҳангоми хидмати аскарӣ, берун аз хоки Тоҷикистон, аммо дар дохили ватани абарқудратамон – Иттиҳоди Шӯравӣ – ба ёди диёри Тоҷикистонам шаб мехуфтаму саҳар мехестам ва дар ин муддат қариб, ки ба ҳамаи рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикие, ки дар Ватан чоп мешуд (Тоҷикистон дар назар аст. – А. Д.) обуна будам ва дер ҳам бошад, вале на дертар аз он, ки ҳоло онҳоро дар ноҳияҳоямон дастрас мекунанд, мегирифтам. Аз ҷумла маҷаллаи «Хорпуштак»-ро низ мегирифтам, ки хеле дӯсташ медоштам. Дар яке аз шумораҳои «Хорпуштак» бахшида ба кадом ҷашне (афсӯс дар ёдам намондааст – А. Д.) ба хаёлам ба тарзи ҳазли рафиқона буд, ки акси устод Мирзо Турсунзода оро ёфта ва зери ин акс то поёни саҳифа рӯйхати вазифаҳои устод сабт гардида буданд. Дар анҷоми рӯйхат, ки саҳифа бо он поён меёфт, чунин сатре буд: «рӯйхат давом дорад». Мо аскарбачаҳо, ҳар кадоме таърифи ҷумҳурии хешро ба арши аъло мебардоштем ва ман ин саҳифаро ба дӯсти ҳамхидматам аз ш. Загорски вилояти Москва, Костя (Артамонов Константин ҳоло доктори илм, яке аз шахсиятҳо ва олимони маъруфи Россия мебошад) нишон дода гуфтам, ки: – бин, ана ҳамин як шоири мо чӣ қадар вазифаро иҷро мекунад, ту бошӣ…

Ӯ ҳазломез посух дод: – Албатта, дар саросари Тоҷикистон ҳамин як одами боақлу босавод ёфтед ва ҳамаи вазифаҳоро ба зиммаи ӯ бор кардед. Ва аз ин ҳозирҷавобияш худро ғолиб ҳисобида хандид.

Дар ҷавоб гуфтам: – Не, ҳамагӣ як вазифаашон – Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз мост, боқимонда ҳамаи вазифаҳояш умумииттифоқиву байналхалқиянд. Пас бармеояд, ки дар саросари ИҶШС ва дунё ҳам як боақл будааст ва ин ҳам бошад шоири мост. Ҳама хандидем.

Дар омади гап, соли 1990 Шӯрои Олии Тоҷикистон зери фишор ба Конститутсия тағйироте ворид намуд, ки мувофиқи он шаҳрванди ҶШС Тоҷикистон танҳо дар як Шӯро вакил буда метавонист, вале шаҳрвандони ҷумҳуриҳои дигари ИҶШС ҳуқуқи дар ду шӯро вакил буданро доштанд. Ин дӯсти ман, аз чунин тағйирот дар Конститутсияи мо, тоҷикон бохабар шуда, баъди чанде ба ман занг зада, ҳазломез гуфт, ки ту беҳуда дар вақташ аз онҳое, ки бародарони Шуморо «номукаммал» мегуфтанд, меранҷидӣ. Шумо ҳақ будани онҳоро бо роҳи

Конститутсионӣ тасдиқ намудед, яъне ҳама шаҳрвандони 14 ҷумҳурии дигари ИҶШС нисбат ба Тоҷикистон ҳуқуқи дучанд доранд. Албатта ман ба ин дӯстам ҷавоби муносибе ёфтам, вале барои худам то ҳол ҷавоб наёфтаам, ки чаро ҳамаи мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ ва дунё талош меварзиданд, ки ҳаққу ҳуқуқи худро зиёд кунанд ва аз ин лаҳзаҳо истифода намуда як гӯшаи ноободи кишварашонро обод созанд, мо бошем тариқи митингу гирдиҳамоиҳо, ҳуқуқи сиёсиамонро нима карда, талаб мекардем, ки ГЭС-и Роғун, заводи аккумулятории шаҳри Кӯлоб ва навбати дуюми заводи нуриҳои азотии Вахш сохта нашаванд, заводи алюминии тоҷик баста шавад, тамокукориву пахтакорӣ дар Тоҷикистон манъ карда шавад, ки аз ин ба халқ зиёни гароне мерасад. Мо ҳатто на танҳо натавонистем тайёраву дигар васоити техникии ба Тоҷикистон тааллуқдоштаро аз кишварҳои дигар ба Ватани худ баргардонем, балки техникаи боиқтидори боқимондаи дар ихтиёрамон бударо низ муфт аз даст додем. Яъне аз кулчаи умумии ҳангоми пошхӯрии ИҶШС – ҳама порае барои худ гирифт, танҳо мо худро аз ин бенасиб гардондем. Ҳаққи худро талаб кардан айбе надорад, айб он аст, ки ба қавли шодравон Лоиқ Шералӣ «соҳиби сарчашма бошему ташна», «соҳиби ганҷина будаву абтар» гардем.

Мо тоҷикон, ки бо шеъри оламгири мутафаккиронамон, аз ҷумла устод Мирзо Турсунзода аз кӯдакӣ ком ширин намудем, асолати адабиёти бузургро низ дар андешаву тафаккури хеш аз пайгирии ҳиссиёти баланди онҳо дарёфтаем.

Шеъри Мирзо Турсунзода хеле равону дилнишин аст ва бо як бор хондан ба дил роҳ меёбад ва ин равониву шевоии шеъри ӯ ҳанӯз аз овони кӯдакиямон ба ҷони мо пайваста буд ва ҳам номи ин устоди абадзинда моҳияти баланди ифтихормандиамон буд. Кам одамонеро дар Тоҷикистон медонам, ки мисраъҳои зерини устод Мирзо Турсунзодаро аз ёд надонанд ва бо ин шеърҳо боре хумори дил нашикаста бошанд:

*Раҳ ёфтиву дар шаби торик давидӣ,*
*Ҳангми саҳар чун шафақи субҳ дамидӣ...*

ё

*Файзи худро бар сари мо, эй баҳорон, рез-рез,*
*Аз сари шаҳру деҳоти Тоҷикистон рез-рез.*

ё

*Баҳор омад, садои булбул омад,*
*Насими фораму бӯи гул омад.*
*Либоси сабзро саҳро ба бар кард,*
*Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.*
*Пас аз боридани борони найсон,*
*Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон.*

ё

*Дирӯз баъди борон тирукамон баромад,*
*Байроқи навбаҳорон партавфишон баромад.*

ё

*Эй сабо аз мо расон бар дӯстон, омад канал,*
*Ҳам хабар кун наварӯси бӯстон, омад канал.*

ё

*Эй кишвари фатҳу зафар,*
*Уммеди авлоди башар.*
*Шуд душманат зеру забар,*
*Озод гаштӣ аз хатар.*

*Гул кун ба бахти мо, Ватан,*
*Мисли гулистону чаман.*

Ё худи ҳамон достони «Ҷони ширин», ки бо асолату шевоӣ вирди забони ҳар як тоҷики фарҳангдӯст гашта буд.

Ва фаровонтаранд аз ин ҳама шеърҳо, ки бо эҳсосот ва беҳин орзуҳо аз дили ҳассоси ин шоири маърифатпарвар ва миллатдӯст, ошиқи зебоӣ ва нафосати табиату дилдор фаввора задаанд.

Ҳамин тавр, аз ашъори устод Мирзо Турсунзода аҳён-аҳён шеъру шеърпораҳоро аз ёд медонистем ва дар дил орзу мекардем, ки боре ба дидори некӯи ин абармарди фозил мушарраф гардида бошем.

Оре, ин рӯзро ҳам худованд ба ман муяссар гардонд, вале ин дидори пурҳавас маро то абад дар хотир мемонаду он лаҳзаи фаромӯшношуданӣ ҳеҷ гоҳ аз пеши назарам дур намеравад.

Ёдам меояд, ки соли 1965 номзад ба донишҷӯйи Донишгоҳи омӯзгории пойтахт будам ва аз ин сабаб донишгоҳ ба мо хобгоҳ надод ва баъди дарс мо чанд нафар дар кӯчаҳои шаҳр хонаи иҷора меҷӯстем. Рӯзе аз кӯчаи назди ҳаммоми шаҳр дар

суроғаи хонаи иҷора ба дари ҳавлие расидем ва дарвозаи хонаеро занг задем, ки аз дохили он марде бо либосҳои хонагӣ, офтобаи обпошаки гулҳо дар даст ба истиқболи мо омад. Баъди саломуалейк ва вохӯрдӣ аз ӯ барои зист хонаи иҷора пурсидем, ӯ бо меҳрубониву дилгармӣ аз мо, ки ду нафар будем пурсид, ки – писаронам дар куҷо мехонед? Гуфтем, ки дар Донишкадаи омӯзгорӣ ва бо сар ҷониби донишкада ишорат кардем. Ӯ моро хеле насиҳат кард, аз боби одоби инсонӣ ҳарф зад ва ба хубу аъло хондану устодонро эҳтиром намудан талқин намуд. Ҳангоми сӯҳбат ман симои ин марди нурониро пеши назар овардам ва ба худ беихтиёр андешидам, ки ӯро куҷое дидаам.. Баъди хайрухуш дар роҳ ба ёдам омад, ки сурати зебои ӯро дар саҳифаҳои китобҳои дарсӣ дида, шеърҳояшро низ дар китобу маҷаллаву рӯзномаҳо хондаам ва ин шахси фозилу мушфиқ устод Мирзо Турсунзода аст. Дигар ман ба ҳоли худ мушавваш гардидам ва беихтиёр эҷодиёти ӯро ҳамчун навори синамо якбора аз пеши назарам гузарондам. Гоҳ ба дӯсти ҳамсабақам нигоҳ мекардам ва андешаи онро мекардам, ки мабодо дар назди ин шахси бузург ҳангоми сӯҳбат аз нофаҳмӣ хатое содир карда бошем, гоҳ байт-байт аз лаҳзаҳои тасвирбори достонҳояш пеши назарам меомад, ки онҳоро пора-пора аз ёд медонистам ва боисрор меандешидам, ки барои он ашъори ӯ хотирмон аст, ки бо забони шево, беолоиш ва равону дилнишини тоҷикӣ, сирф тоҷикона, иншо шудаанд ва чанде аз намунаҳояшонро дар поён хоҳем дид:

*Пӯшт, машкоб! Бохабар, мардум,*
*Ба қафоят нигоҳ кун, нонвой!*
*Ҳой ҳезумфурӯши варзобӣ,*
*Хари худро каш аз дарунӣ лой…*

*Ба чунин дӯғу валвала омад,*
*Ҳасани ошно аробасавор.*
*Одамонро ба ду тараф ронда,*
*Мегузашт аз миёнаи бозор.*

Ва ба ҳамин маънӣ бо ин шеърҳои тасвирбору таъсирбахш устодро дар тасаввури хеш ва хешро хаёлан ҳамсафари устод ҷилва медодам.

Ёдам меояд, ки мо, бачагони мактабхони солҳои 50 ва 60-ум шеъри «Сайёҳи Ҳинд»-и устод Мирзо Турсунзодаро пурра азёд медонистем ва ҳангоми хондани ин шеър дар маъракаҳо ва байни ҳамдигар худро дар радифи ин шоири тавоно эҳсос мекардем ва бо дилсӯзие ба ҳоли ин афғонбачаи мусофири Ҳинд ба номи аҷнабиёни мустамликадор нафрат мехондем ва таассуф мехӯрдем, ки чаро «Сайёҳи Ҳинд» ҳамчун мо бачаҳои шӯравӣ озод нест ва дар фақру бенавоӣ умр ба сар мебарад. Мутаассифона, бо хатогиҳои пешвоёнамон ва дастгирии қувваҳои зидди тоҷикии минтақа ва манфиатҷӯёни худиву бегона мо низ шоҳиди воқеаҳое шудем, ки Худо дигар нишон надиҳад. Бояд дар ин лаҳзаҳо на ба осмон, балки бештар ба пеши поямон нигоҳ кунем. Гӯристонҳои гурезагонамон, беҳуқуқии ҳаммилатони мардикорамон дар кишварҳои дигар танҳо ғами волидайну ақрабои онҳо не, балки дарди миллии мост. Азобу азияти тоҷикони муқими Афғонистон низ яке аз дардҳои ҷонсӯзи мост, зеро он ҷо аз оғоз то имрӯз ҷанг бар зидди намояндаи миллате, ки зиёда аз нисфи аҳолии кишварро ташкил медиҳад, идома меёбад ва шигифтовар аст, ки чаро намояндаи ин миллат роҳбари он кишвар шуда натавонад? Охир, дар Америкаи Ҷанубӣ президенти Аргентина намояндаи миллати араб асту то ба наздикӣ президенти Перу японй асл буд. Албатта, ман, дер боз аз авзои сиёсии ин кишвари ҳамсоя огоҳаму инчунин соли 1993 бо Президенти Афғонистон ҷаноби Бурҳониддини Раббонӣ сӯҳбати тӯлонӣ доштам, андеша ва назари худро дорам, ки ин мавзӯи дигар гуфтор аст…

То кунун ин шеъри устод, ки дар боло зикраш рафт, чун дигар пораҳои ашъори ӯ ёдам мондааст ва гоҳ-гоҳ байтҳои зеринро худ ба худ мехонаму мегӯям, ки шояд устод то дами марг ба ин забардастони аҷнабӣ нафрат мегуфт:

*Кудаке мегашт бо қуттии худ,*
*Дар хиёбони лаби баҳри кабуд.*
*Метавонистӣ ки дар чашмони ӯ,*
*Пай барӣ аз мақсади пинҳони ӯ.*
*… Гашт маълумам, ки меҳмон омадаст,*
*Меҳмон аз мулки афғон омадаст.*

Ва имрӯзҳо ман ин меҳмони афғониро, ки устод Мирзо Турсунзода тасвирашро қаламдод намудааст, дар тасаввури хеш ҳамчун он тоҷикписаре дармеёбам, ки аз ҷабри беадолатӣ ва носозгориҳои рӯзгори Афғонистони кунунӣ овораву кӯ ба кӯ то диёри Ҳинд расида, ҷафои ғурбат мекашад. Имрӯзҳо низ ҷанги дохилии Афғонистон, ки тоҷикони муқими ин сарзаминро овораи диёри бегонагон намуда, дасти иртиҷоиёни ҷоҳпарастро болои сари эшон нигоҳ медорад ва агар устод дар ин рӯзҳо барҳаёт мебуданд, ниқоб аз чеҳраи истилогарони манҳус мебардоштанд.

Ё ки дар мақтаъи ин шеър ба меҳмони афғон рӯ оварда, бахти неки ӯро орзӯ намуда, бо афсӯси зиёде ӯро ба худшиносӣ ва мубориза барои истиқлолияти комили ҳастӣ дар меъёри маърифат ва дарёфти камоли обрӯ, ба сӯйи илмомӯзиву донишандӯзӣ даъват менамояд, ки аз ин неъмати бебаҳое дигар барои инсон вуҷуд надорад:

*Мекунӣ бо рангубори хеш пок*
*Мӯзаҳои бахтдӯздонро зи хок.*
*Эй ҷаҳонгарди ҷавони кабулӣ*
*Кӯдаки хурдиву дар ҳукми гулӣ.*
*Ҳайфамояд, ки ту дар ин синну сол,*
*Мондаӣ бебаҳра аз файзу камол.*
*Дузди бахти халқҳо минбаъд, боз,*
*Пойи худро сӯйи ту созад дароз –*
*Хоки пояшро набояд пок кард,*
*Пок аз он бояд, ки акнун хок кард!!!*

Устод Мирзо Турсунзода дар хазинаи адабиёти ҷаҳонгири тоҷик осори беназиреро дар силсилабандии ашъори варзида ба ёдгор гузоштааст. Шеърҳои алоҳидааш агар аз як ҷониб шӯҳраташро афзуда бошанд, достонҳои бегазандаш аз қабили «Ҷони ширин», «Чароғи абадӣ», «Ҳасани аробакаш», «Писари Ватан», «Садои Осиё», «Духтари муқаддас», «Аз Ганг то Кремл», либреттоҳои «Шӯриши Восеъ», «Тоҳир ва Зӯҳро» силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ва ҳам сурудҳои дилошӯби шоир, ки онҳоро тариқи садову симои кишвар, аз забони овозхонҳои мумтози мамлакат шунидаем, ба шӯҳрати ҷаҳонияш зиёда афзудаанд.

Ашъори Мирзо Турсунзода гуногунпаҳлӯ буда, форам ба гӯш менишинад. Ӯ шоирест ватанпарвар, бо ғурури баланди инсонӣ ва аз лобалои ашъораш насими тозае бо назофату накҳати ин хоки гуҳарбор ба машом мерасад. Васфи адолати иҷтимоӣ, Ватан, сулҳ, дӯстӣ, садоқат ба ёру диёр, саодати рӯзгор ва таранннуми зебоиҳои хоки файзбори тоҷикон ҳамеша мароми ӯ буд, ки чанд порае барои мисол ин ҷо ёд мегардад:

*Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,*
*Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.*
*Агарчӣ дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд*
*Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.*

(аз шеъри «Ватан»)

*Он қадар дар дилписандӣ дилписанд астӣ, Ватан,*
*Дар сари тасвири ҳуснат кас намеёбад сухан.*
*Ҳеҷ дар дунё надорад рангу бӯятро чаман,*
*Аз ту дар осоишу роҳат бувад ҷон дар бадан…*

(аз шеъри «Оҳанрабо»)

Ҳамин тариқ, мавзӯи шеъри М. Турсунзода фароҳдоман буда, қисмати асосии онро, чунон ки дар боло ёдовар шудем, талқини сулҳ ва дӯстии мардуми олам дар бар мегиранд.

Намунаи ин гуна шеър, ки бо мӯҳтаво ва обуранги мафтункунанда дар саросари каломи устод ба назар мерасад, кам нестанд.

*Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,*
*Бо тапиданҳои беорому рӯзафзуни дил.*
*То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,*
*Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯйи ҷаҳон.*

(аз шеъри «Суруди сулҳ»)

*Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.*

Ва зиёданд шеърҳои ба ин монанд, ки онҳоро бо муҳаббати махсусе аз овони бачагӣ аз ёд медонистем.

Мавзӯи модар ва зан дар эҷодиёти устод Мирзо Турсунзода мавқеи дигаргуна дорад ва кам шоиронеро медонам, ки ба ин

мавзӯъ даст зада бошанд ва монанди (ман ба ду тан шоири дигар, – Эраҷ Мирзо ва устод Лоиқ дар ин мавзӯъ бақои ҷовидона орзу мекунам).

Барои мисол:

*Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо,*
*Норасида бодаи дар ҷом мемондем мо*
*Зан агар моро намебахшид умри бардавом*
*Бетахаллус, бенасаб, беном мемондем мо.*

ё аз шеъри «Дили Модар».

*Агар аз гиря кардан об мешуд дил, дили ман буд,*
*Ба сели ашк мешуд ғарқ, манзил, манзили ман буд.*

ё, ки:

*Агарчи мурдани фарзандро дар ҷанг дидам ман,*
*Агарчи борҳо бегонаи дилтанг дидам ман…*
*Намурдам, зистам, фарзанди худамро калон кардам.*

ё, ки:

*Гул миёни мову аммо бӯи гул ояд зи ту,*
*Рангу бӯйи ин гули бишкуфта афзояд зи ту…*

ва ғайра…..

Шеъри устод лангардору равон буда, сараввал диққати хонандаро ба худ ҷалб намуда, бо як хондан дар зеҳн менишинад ва ҳам хонандаро ҳамоно ба диёри орзуҳои некаш раҳнамун месозад:

*Шеъри ман, хуни ҷигар ё пораи дил гӯямат,*
*Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат.*
*Ё хурӯҷи мавҷ дар домони соҳил гӯямат,*
*… Мухтасар, сар то ба по савдои мушкил гӯямат.*

Мирзо Турсунзода пеш аз ҳама шоирро дар дидгоҳ қарор медиҳад ва хонанда, бештар ҳангоми мутолиаи шеър нахуст чашмаш ба симои гӯянда меафтад, ки ҳама тобу табу сӯханҳои ниҳоди хешро аз ниҳон берун мекашад ва манзури андешаву тафаккури хонанда мегардонад:

*Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар?*
*Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар…*

*Шеър ҳам бояд занад фаввораe,*
*Аз танӯри дил чу оташпораe…*

ё, ки:

*В-арна, гар шоирӣ, ҷунунат ку?*
*Дили ҳассосу гарм хунат ку?*

ё, ки:

*Сурудам ҳофизи рози дили ман,*
*Аниси булбуловози дили ман.*
*Уқоби тезпарвози дили ман,*
*Адиби нуктапардози дили ман..* ва ғ.

Моҳияти ин ҳама ғурури баланд пеш аз ҳама барои устод шинохти маънавии хеш ва бо номи хеш муаррифии миллате дар фаҳму диди оламиён буд ва уқоби баландпарвози ғурурашро саравал дар намози шеър болафшонӣ омӯхт. Барои ҳамватанонаш ошёни баландро орзӯ намуд, ки ин ошён ифтихор ва худшиносии комил, талқини фарҳанги воло ва расидан ба тамаддуни башариро нумӯ мебахшад ва танҳо андешаи баланд аст, ки метавонад эҳёгари саҳифаҳои рангину равшанибахшандаи роҳи камол барои ҳар инсони оқил бошад ва устод мағз андар мағз парвардаи ин андешаи баланди инсонӣ буд.

*… Осмон дар гунбади сабзаш агар ҷоят диҳад,*
*Ошёни фикри дурандеш дар он ҷо гузор.*

ё, ки:

*… Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,*
*Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.*

Бо ҳамин маънӣ мо устод Мирзо Турсунзодаро, чунон ки дар боло зикри хайрашро бо аъмоли нек ва афъоли ҳамидааш ба қалам овардем, дарёфтем, ки ҳамчун як симои барҷастаи сиёсӣ ва ҳам адиби овозадору нозукбаён, нодирагуфтору силсиладори

фарҳанг тавонистааст миллати моро дар саросари олам муаррифӣ намояд.

Чун аз нафосати устод Мирзо Турсунзода ҳарф дар миён овардем, рӯзҳое ёдам расиданд, ки «рӯшанфикроне» (ба истилоҳ) аз мавзӯъи адабиёти навини тоҷик баҳсҳо мееростанд ва шеъри замони шӯравии адабиёти тоҷикро бемантиқ шуморида, ҳатто моли адабиёт намеҳисобиданд. Аз ҷумла, ин ноқобилон дар ин миён ба устод Турсунзода ҳам санг меандохтанд ва дидем, ки ин оқибати бадеро бар сари миллати мо ба бор оварданд. Ҳатто ноошноёни хориҷии адабиёти мо аз ин ноқобилон истифода намуда, мақолаеро бар нодида гирифтани адабиёти ин давра дар чанд шумораи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба табъ расонданд. Рӯзе ба ман хабар расид, ки дар факултаи филологияи Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон нимпайкараи устодро кадом шогирди ноқобиле шикаста доғдор кардааст, ки ман аз ин бисёр ранҷидам ва ба худ гуфтам; – агар ба бузургони миллати худ чунин муносибатро раво бинем, пас вой бар ҳоли мардуми бечора! Баъди ин ношукриҳо бар бузургонамон дидем, ки тӯфони ҳаводис чӣ балоҳоеро ба сари мардуми бегуноҳамон овард ва рӯзе устоди ҳунар, маҳбуби дили халқ Одина Ҳошим бо ашки бари рухсор дар маҳфиле ба мо рӯ оварда гуфт, ки ин ҳама касофат аз ранҷонидани арвоҳи бузургонамон ба бор омадааст, ки ин ҷо ҳақ ба ҷониби ӯ буд. Ман дар он рӯзҳо бо андӯҳи зиёде чанд калимаро бо ҳам пайваста «Модарон моро барои некномӣ зодаанд»-ро иншо намуда будам, ки овардани чаҳор мисраъи онро ин ҷо воҷиб медонам.

*Бо бузургонаш шавад ҳар халқ машҳури ҷаҳон,*
*Модарон Хайёму Синоро ба дунё додаанд.*
*Бохтарӣ, бахшо ба васфи модарон шеъри тарат,*
*Модарон дорандаи Айниву Турсунзодаанд.*

Халқ ҳикмате дорад: «гул бехор намешавад» ва ба ин нуқтаҳо гуфтаниям, ки ободии ҳар инсон аз шукргузорӣ бар Ватан ва шахсиятҳои бузурги он, ки поядорандаи таъриху тамаддун мебошанд, ибтидо мегирад. Он ҳарзагӯёне, ки солҳои навадуми асри гузашта дар ҳаққи устод бад мегуфтанд, ҳарзагӯй монданд, вале устод Мирзо Турсунзода маҳбуби дилҳои мардуми олам буд ва ҳамчунон мемонад. Ва онҳое, ки

ба устод Мирзо Турсунзода аз издиҳоми оммавии он солҳо истифода бурда санг заданӣ шуданд, ман аз таҷрибаи таърих гуфтаниям, ки издиҳомҳои оммавӣ танҳо пасмондаҳои ҷамъиятро болои об мебароранд ва он сангандозон аз ҳамин қабил одамон буданд. Мо, ки моҳияти беҳ будани сулҳро аз ҷанг хуб медонем ва ин моҳиятро устод ҳамеша дар ашъорашон бароямон талқин менамоянд, Ватанамонро дигар маҳалли таҷрибаи суханбозиҳо ва яроқи бегонагон дидан намехоҳем, зеро ки ҳар дуи ин пешомад барои мо аз якдигар хатарноктаранд.

Ба майдони адабиёт ворид шудани Мирзо Турсунзода пайке буд, некӯ ва дар тӯли фаъолияти эҷодияш ӯ тавонист як зумра адибони навпардозеро бо худ вориди ин майдон созад ва имрӯз мебинем, ки ҳар кадоме аз ин ёрони устод адибони баркамол ва маъруфи миллати мо гаштаанд. Ӯ буд ва танҳо ӯ буд, ки метавонист бо ҷуръати бештаре аз як шеъри комил беҳтарин байт ё мисраъеро интихоб намояд ва барои мантиқи беҷо адиберо падарвор танбеҳ диҳад. Ӯ буд, ки Лоиқро барои як парча шеъри «Ном» ба майдони адабиёт кашид (инро ман аз забони устод Лоиқ на як бору ду бор шунидаам – А. Д.) ва ин Лоиқ то нафаси охиринаш якктози ҳамин майдон ба баҳои устод содиқ монд.

Мирзо Турсунзода, ситоишгари сулҳу амнияти мардуми олам, шоири барӯманду тавонои тоҷик, яке аз шахсиятҳои барҷастаи қарни бистум, бо ашъори рангин, ҳақталошиву заҳматҳои бемонандаш дар инкишофи илму фарҳанг, худшиносии миллӣ шӯҳратёр гаштааст. Ӯ маҳз бо ин ибтикори хеш барои шиносонидани ҳасту буди миллати тоҷик дар арсаҳои байналмилалӣ аз сари минбарҳои баланди ташкилоту созмонҳои оламшумул садо баланд намудааст. Дӯстиро талқин намуда, зидди ҷабру ситам ва истисмор эътирози қатъӣ баён кардааст.

Хидматҳои устод Мирзо Турсунзода бо мукофотҳои баландтарини давлати шӯравӣ қадр гардидаанд, аммо волотарин унвон барояш эҳтиром ва эътиқоди халқи бузургаш мебошад, ки ӯро равон аз хотироти сармадӣ бахшидааст.

Имрӯзҳо, ки бо кӯшишҳои Президенти мамлакат мӯҳтарам Э. Ш. Раҳмонов як рукни ифтихороти мо, пули миллӣ бо номи «сомонӣ» вориди муомила шуд, дидем, ки нахуст аз устод Мирзо Турсунзода ёд рафт ва «1 сомонӣ» бо акси ин устоди

абадзинда оро ёфтааст ва ин ҳам яке аз нишонаҳои он қадрдониҳост.

Мо, мардуми Тоҷикистон, ҳамчун ворисони ҳақиқии Мирзо Турсунзода, месазад, ки тамоми нерӯи хешро барои абадзинда гардонидани номи ӯ бо худ барем ва қадрдониву эҳтироми ин шахсияти олимақомро то ҷовидон гиромӣ дошта бошем, то ки баъди гузашти солҳову асрҳо дигарон барои ному шӯҳрати ҷаҳонияш шуда ин устоди фарҳангнишонро ворисӣ накунанд, зеро мо ин амалро на якбору ду бор дар арсаи таърих бар сарнавишти миллати худ дидаем. Барои тақвият гуфтанием:

*Пешкаш карданд инъоми маро аз номи худ*
*Охир аз бас ошно ноошноӣ дидаем...*

*Киштзори хирмани дони ман аз худ кардаанд,*
*Сарвати ҳар сӯ парешони ман аз худ кардаанд.*

Ҳоло ки дар остонаи таҷлили ҷашни 90-солагии устод Мирзо Турсунзода қарор додем ва медонем, ки барои гузаронидани ин ҷашн фармони махсуси сарвари давлатамон содир шуд, месазад ҳама хотироти неки устодро фароҳам орем ва барои абадияти рӯҳи поки ӯ талош варзем. Ҳарчанд худи устод бо осори гаронбаҳояш мақоми волои ҷовидониашро соҳиб гаштааст.

*Зоҳир АҲРОРӢ*
*адабиётшинос*

# ШИНОХТИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА ДАР АФҒОНИСТОН

*Сарви болои ту дар хок дареғ аст, дареғ,*
*Зери хок он гуҳари пок дареғ аст, дареғ.*
*Ҷои он буд, ки ҷои ту бувад дидаи ман,*
*Кардаӣ ҷой ту дар хок, дареғ аст, дареғ.*

Устод Мирзо Турсунзода, ки ҳама ҷо зикри хайри ӯст, аз табори бузургмардони адабиёт ва фарҳанги ҷаҳонист, ки зиндагии ӯ то вопасин нафас вақфи хидмати мардумон буд.

Чунон ки шахсият ва кору афкори ӯ шаҳодат медиҳад, шоире дар чорчӯбаи шуғли шеърсароӣ маҳбуб набуд. Эҷоди ӯ бо гашти гардунаи зиндагӣ, бо фарозу фурудҳои ҷодаи сайру ҳаракоти инсон, кору амал ва ҷараёни такомули вай дар марҳилаҳои гуногуни тараққии ҷомеа ва мутолиботи он марҳалаи таърих тавъам буд.

Қаҳрамони ашъори вай инсони фаъол, ҷӯё ва пӯё муътареъ, башардӯст, сулҳҷӯ, пайкоргару пирӯзгар аст, ки на танҳо дар дохили ватани ӯ, балки саҳнаҳои гуногуни мамолики ҷаҳон шинохта ва эътирофҳо шудааст.

Дар шахси чунин қаҳрамон андешаҳои давронсози тӯдаҳои заҳматкаш, саъю талоши сохтмони ҳаёти озодона ва дилхоҳи ҳар халқ, миллат ва ақвому қабоил ҷамъбаст гардидааст.

Ростӣ имрӯз ҳам ҳамто ва анбозаш нест, он рӯзгорон ҳам набуд.

Ҳоло дар пешгоҳи шукӯҳ ва ҷалоли ин суханвари беҳамол, дар ҷашни мавлуди муборакаш, ҷашни марде, ки ба дунё омаданаш зиннати дунё шуд, зонуи ихлос, эҳтиром ва қадршиносӣ задаем ва дар ин ҳамоии 90-солагии ӯ ҳар дақиқа 90 бораш ёд мекунем, шукру сипос ва ҳурмати худу мардуми худро ба ҷо меоварем.

Мардумони худодод, хушбахт ва сарфароз, соҳибони ганҷинаҳои бузурги маънавӣ ва ворисони ганҷофаринони беназире ҳастем, ки ҷаҳони паҳновар дар ҳайрат ва тааҷҷуб ме-

бошад. Яке аз шахсиятҳое, ки боиси ифтихор ва сарбаландии халқи тоҷик аст, устод Мирзо Турсунзода мебошад.

Ин марди анӯша бар авранги бовар ва эътиқоди халқҳо шоиста ва боиста нишаста, бар мурод ва орзуи он садои қалби саршор аз меҳри халқу меҳанашро бо забони қалам, печида бар дебои алфози нафис, зебо ва латифи бадеӣ ба гӯшҳо, дилҳо ва завқҳо мерасонд.

Мавзӯи осор ва гуфтор, маҳфилҳо ва сӯҳбатҳояш ҳамвора масъалаи дӯстиву рафоқат, ваҳдат ва сулҳу амонӣ буд. То садои чунин бузургмардоне саросари кишвари азиз танинандоз буд, то савти андалеби шеър аз шохаҳои ниҳоли қалам гӯшҳоро навозиш медод, овози тиру туфанг, тӯпу танк, овози пурдаҳшати маргу нестӣ дар қаъри бенишонӣ ниҳон ва хомӯш буд, бӯи гули шеър, ишқ ва одамият меомад, на бӯи димоғсӯзи борут.

Рою тадбири савоби зиндагисозии эшон, рафоқат, ваҳдат ва ҳамбастагии мардумонро, халқу миллатҳои гуногунро то рафт қавитар месохт, беш аз пеш ҳадафмандтар мекард, зиндагиро дӯстдоштанӣ месохт.

То ин буд ва инон буданд, ободӣ буд, созандагӣ ва шукуфоиву шодмонӣ буд.

Имрӯз ворисони эшон дар партави роҳнамудҳои раҳбари маҳбуби хеш, Раиси Ҷумҳур мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи савоб, хайр ва беҳбудии фардоро мепаймоянд. Умед аст, ба орзуҳо расида, дар имрони зиндагии навин пирӯз гарданд.

Чунин абармардон ҳомиён ва ҳодиёни ҷодаҳои нур ва амну рафоҳият, сафо ва самимият фанонопазиранд, онҳо бо ҷону дили мардумон пайванд ёфтаанд, фосилаҳоро аз миён ва монеаҳоро бо дасти саъй ва ҳиммати воло аз роҳҳо бардоштаанд.

Сайри гулшани осори эшон ниҳоят ҷолиб, рангин ва дилкаш мебошад. Навиштаҳои устод Турсунзода ҳам моломол аз ормону таманниёти халқи ӯ, розҳо ва ниёзҳо, гармии оғӯши ба рӯи дӯстони бешумори дохилӣ ва хориҷӣ бози вай, дастони барои фишурдани дасти дӯстон ва ҳазорон ҳазор бенаво ва додхоҳ дарозро мебинед ва яқинан дарк ва эҳсос хоҳед кард, ки минбарҳои ватанӣ ва бурунмарзӣ василаи шунавонидани садои ҳақиқат, адолат, мусовот, озодӣ, истиқрор ва истеҳкоми сулҳи саросарии олам, овои ҳимояти инсони ҷабрдида ва си-

тамкашида, ятими бепаноҳи гурусна ва маъюс хоркаш ва ҳаммоли зери бори тоқатфарсо афтода, бенаво ва бесадо буд.

Ин буд, ки дар тамоми гӯшаву канори ҷаҳон дӯстон, ҳаводорон, хонандагон ва шунавандагон, интизорон ва умедворони зиёд дошт.

Шодравон чун раиси Кумитаи Якдилии Халқҳои Осиё ва Африқо ба гӯшаву канори олам, хоса мамолики Шарқ сафарҳо мекард, бо тарзи зиндагӣ, афкор ва ақоиди табақоти мухталифи ҷомеа шинос мешуд ва маҳсули диду боздидҳояшро дар шеърҳо, достонҳо ва чакомаҳои дилпазир дар баёниҳояш, сӯҳбатҳояш, мулоқотҳояш ҳузури ҷамоаи ҷаҳонӣ изҳор мекард. Чеҳраи биҳиштии ҷаззоб дошт вақте мегуфт, чун оҳанрабо дилҳоро ба сӯи худ мекашид.

Асарҳои «Қиссаи Ҳиндустон» «Ман аз Шарқи озод», «Аз Ганг то Кремл», «Садои Осиё», «Роҷа дар Кремл», «Ҷони ширин» ва амсоли инон маҳсули мусофиратҳо ва мушоҳидаҳои дақиқи ие адиби ҷаҳонгард аст.

Ӯ қалбе моломол аз дӯстӣ, сидқу вафо дошт, дар ҳар гӯшаву канор дӯстиро ҷустуҷӯ мекард, аз амонӣ сухан меронд, насиҳат мекард, панд медод, ки дӯстони меҳрубонро бояд ҳамеша азиз ва гиромӣ дошт, онҳоро набояд аз даст дод, бояд ҳифзу муроқибат намуд. Ӯ ноумедонро умеди беҳбуди фардо мебахшид, ғамзадагонро тасалло медод, аз нишасту фараҳи оянда шодмон мекард. Вай аз бисёр нуқоти ҷаҳон нома, пайғом ва салом мегирифт.

Шоирон, нависандагон, арбобони сиёсат, давлат, намояндагони касбу ҳунарҳои гуногун дар бораи ӯ, мақом ва мартабаи волояш гуфторҳои шигифтангезе доранд, ки дар зоти худ гувоҳи содиқи маҳбубияти ӯ дар паҳнои ҷаҳон, танҳо дар мисоли шӯҳрат ва маҳбубияташ дар кишвари ҳамсоя ва ҳамзабону ҳамфарҳанг, ҳамкешу оин Афғонистон ёдоварӣ намудани чанд намунаи мухтасар чигунагии ҳақиқати ҳолро маълум хоҳад сохт.

Бисёре аз адибони Афғонистон бо устод Мирзо Турсунзода ошноӣ, дӯстӣ, рафтуой ва маслиҳату машвараҳо доштанд. Нисбат ба ӯ бо муҳаббату эҳтиром суханони дӯстона ва қадршиносона гуфтаанд. Ман чун шоҳиди зинда миёни коргарони варақшобҳо, саракҳо, сохтмонҳо, дар идороти давлатӣ,

макотиби олӣ маҷмӯаи шеърҳояшро медидам, мепурсиданд, ҷавоб мегуфтем, аз устод пурсон мекарданд.

Қисме аз ашъори ба ӯ бахшида сурудаи суханварони Афғонистон хотираҳои фаромӯшнашавандаи айёми мусофират ба Душанбе, мулоқот бо устод, чанде дигар пайравӣ, машқи ҳамзабонӣ ва ҷавобияҳо ба баъзе бахшҳои осори вай ва қисме дигар ҳам марсияҳои ҷонсӯз ба воқеаи вафоти ӯ мебошад. Шоири маъруф Поиз Ҳанифӣ дар шеъри «Машқи ҳамзабонӣ», ки таҳти таъсири мутолиаи шеъри устод Мирзо Турсунзода «Эй шоир» эҷод гардидааст, дуруди самимона, ҳисси эътиқод, ихлос ва ҳамраъйӣ бо ӯ дар алфози рангини бадеӣ мебошад.

Поиз нахуст салому эҳтиромашро бо забони шеър ҳузури шоири озода ва рангинсухан Мирзо Турсунзода тақдим медорад:

*Гӯ саломам шоири озодаро,*
*Шоғлай Мирзои Турсунзодаро.*
*Гӯ салом, эй шоири рангинсухан,*
*Нест рангинтар, зи ашъори чаман.*
*Номаи «Эй шоир»-ат хондам чу ман,*
*Сӯз дар андешаам шуд мавҷзан.*
*Шӯълаҳо печид андар синаам,*
*Дод шеърат к-ӯ ба даст оинаам,*
*Сӯхтам, то чашм бар он дӯхтам,*
*Оташи дигар ба дил афрӯхтам.*
*Кӯғҳо аз сар чу хокистар гирифт,*
*Боз оташ дар вуҷудам дар гирифт.*
*Бехабар аз хеш дар худ сӯхтам,*
*Бе ҳазар чашме ба оташ дӯхтам.*

Пас шоир фалсафаи созу сӯзи ботини шоир, андешаҳои мухталифи он, тӯфони баҳри қалби ӯ, вусъатободи таъсири амиқи онро дар ҷомеа, дар андешаи мардумон бо маҳорати аҷибе нақл намудааст.

Муҳокимаҳояшро бо вазъи иҷтимоии муҳити зиндагии онрӯзаи ватан тавъам ва пайванд сохтааст.

Поиз таҳти таъсири афкору андешаҳои устод Мирзо Турсунзода аз ҳамдардӣ ва дилогоҳии шоири мо бо мардум, ша-

рик омадани ӯ бо ғаму андӯҳ ва гирифториҳои ҳаррӯзаи халқҳои мазлум, нолаҳои ба дилҳо коргар, фарёдҳои оганда ва дарду даво, сӯзҳои умедбахш, навидафзо, аз табъи тӯфонхез сухан ронда, боз як мартабаи дигар чигунагии шеъру шоир, вазифаи пурмасъулияти он, ниҳоят гармии шӯълаи андешаеро, ки ӯ аз табъи соҳир афрӯхтааст, таъкид менамояд:

*Табъи соҳир он ки тӯфон мекунад,*
*Шеър аз ҳар мавҷ фаврон мекунад.*
*Шеър бошад гар забон сӯзад зи дард,*
*Гарм мебояд сухан зад, не ки сард.*
*Он чунон, к-аз хомаи Мирзо ба сӯз*
*Рехта бас нуктаҳои дилфурӯз.*

*Гармии шамъе, ки ӯ афрӯхта,*
*Тору пуди ошиқонро сӯхта.*

Боз дар хотима аз табъи худ тақозо мекунад, ки

*Гӯ саломам шоири озодаро,*
*Боз ҳам Мирзои Турсунзодаро.*

Шоири Афғонистон аз муҳаббат ва эҳтироме, Ки ба шахси устоди суханвар дорад, шеъри худро на ҷавоб, ё назира, балки «машқи ҳамзабонӣ» меномад.

*Ман гар ин ҷо нағмахонӣ мекунам,*
*Сирф машқи ҳамзабонӣ мекунам.*
*Ҳамзабонӣ бо рафиқи ҳамбаён,*
*Корвони гуфтугӯро ҳамзабон.*

Суханвари дигари Афғонистон Абдуҷаббор Тақвоии Фархорӣ низ аз мутолиаи осори Мирзо Турсунзода илҳом ёфта, бар яке аз ғазалҳои машҳури ӯ, ки бо матлаи:

*Даме, ки дилбарам монанди гул хандида меояд,*
*Умеди тоза бар дил, нури нав бар дида меояд.*

оғоз меёбад, дар панҷ банд мухаммас бастааст. Ин мухаммас хеле зебо, шево, дилчасп ва самимона суруда шудааст.

Банди авали мухаммас ин аст:

*Навид омад, ки он дилдор доман чида меояд,*
*Арақ чун дур зи даври оразаш ғалтида меояд.*
*Зи дигар тарки улфат кардаву ранҷида меояд,*
*«Даме, ки дилбарам монанди гул хандида меояд,*
*Умеди тоза дар дил, нури нав бар дида меояд».*

Ғазали тахмисшуда ва дигар таронаҳои дилангези ӯ тавассути ҳофизони Афғонистон дар оҳангҳои дилнишин суруд мешаванд.

Ҳамчунин шоири номӣ Абдулло Бахтонии Хидматгор дар мақолаи худ дар маҷаллаи «Дӯстӣ» дар бораи устод Турсунзода суханони ҷолибе дошта, мақоми арҷманди адабӣ ва хидмати бузурги ӯро дар бедории Шарқ, чун дӯсти воқеии Афғонистон махсус хотирнишон месозад. Ин мақоларо бо як мисраи шоири бузурги мо «Ҷой дар банди ҷигар кун дӯстро» унвон гузоштааст. Бахтонӣ инчунин дар маҷмӯаи «Бӯи замин» порае аз «Ҷони ширин»-ро дар 48 байт бо муқаддима ба чоп расонидааст.

Дигар суханварони кишвари ҳамсоя, дӯст ва ҳамзабон, кишваре, ки имрӯз дар коми оташ аст, дар бораи устод Мирзо Турсунзода ва дар шахси ӯ адабиёти муосири тоҷик бо ихлос ва эътиқод, ҳурмат ва эҳтиром сухан ронда, ҳама устодӣ ва бузургии ӯро чун суханвар, мубориз, чун шоир, чун инсони комил, дӯсти самимии халқҳои Афғонистон таъкид намудаанд.

Намунаҳои осорашро дар рӯзнома ва маҷаллот ба табъ расонида, хонандагони худро бо дурдонаҳои баҳри табъи ӯ ошно сохт.

Марги нобаҳангоми сухансарои номии тоҷик, мунодии сулҳу озодии халқҳои паҳнои ҷаҳон дили адибони тамоми олам, хусусан адибони Афғонистонро сахт андӯҳгин сохт. Вафоти ӯро зоъиаи бузурге на танҳо ба илму фарҳанги тоҷик, адабиёти муосири мо, балки ба адабиёти Шарқи ҳамзабон донистаанд. Шоири номдори Афғонистон Бориқ Шафеӣ ба хотири даргузашти аламноки Мирзо Турсунзода дар шеъре, ки бо матлаи:

*Бимирам, ки шамъе ба маҳфил бимирад,*
*Чароғе ба хилватгаҳи дил бимирад.*

сар мешавад, чунин ҳайкали бошукӯҳи назмро ба хукми таърих ва ҳаққи хадамоти бузургаш ба халқ зиндаи ҷовид медонад ва бо эътимоди комил таъкид менамояд, ки :

*На, ҳаргиз ҳунарманди доно намирад,*
*Худованди осори зебо намирад!*

Шеъри ӯ ба гирифторони занҷири асорат,– мегӯяд Борик,-- роҳи наҷот, озодӣ ва роҳи саодатро меомӯзад:

*Ҳамеша тавонам зи оҳанги шеърат*
*Садои дили Осиёро шунидан,*
*Сухан гуфтан аз шарқи озод бо ту*
*Зи Ҳиндустон достонҳо шунидан.*

Дар арафаи таҷлили 90-солагии зодрӯзи ин адиби фарзона, сухансарои камназир бо ин нақли мухтасар маросими эҳтиром ва сипосу ихлоси худро ба пешгоҳи шукӯҳу азамати ӯ ба ҷо оварда, домани суханро бо ин сатрҳои Борик бармечинем:

*На, ҳаргиз ҳунаманди доно намирад,*
*Худованди осори зебо намирад.*
*На, ҳаргиз навосанҷи базми муҳаббат,*
*Навозишгари сози дилҳо намирад!*
*На, ҳаргиз беҳин раҳбари ҷони мардум,*
*Ҳидоятгари насли фардо намирад!*

*Холмурод ШАРИФОВ*

## ШӮҲРАТАФРӮЗИ МИЛЛАТ

Чанд муддат пештар дар Кумитаи мукофотҳои давлатии ба номи Рӯдакӣ доир ба омодагӣ ба 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистони азизамон сӯҳбат доштем.

Сухан аз тарғибгарони навин дар арсаи ҷаҳонӣ мерафт, ки шодравон Камол Айнӣ гуфт:

– Касе ба мисли устод Турсунзода ба шӯҳарти миллаташ шӯҳрат зам накардааст. Аввало ӯ худ чун рамзи миллат, ҳамчун мунодии сулҳ, дар тамоми қитъаҳои олам суханафрозӣ намудааст, дуюм, дар куҷое, ки будааст, чун гӯшту нохун бо Ватан будааст, намунаи ҷоннисорию садоқатро нисбат ба Меҳан намоиш додааст.

Суханҳои Камол Айниро гӯш мекардаму сафарам ба қитъаи Африқо, мамлакати Бенин ба хотирам омад. Он замон ҳавопаймо ба фурудгоҳи пойтахти давлати номбурда, шаҳри Бомако фуруд омад, чанд тан моро пешвоз гирифтанд ва аввал даст дароз карда, ман Самӯ Абдулло гуфту пурсон шуд, – рост, аст, ки Шумо аз Тоҷикистонед?

– Бале, ман аз Тоҷикистон, – гуфтам.

– Чӣ хуш ки Шуморо дидам, Мирзо Турсунзодаро мешиносед? Саломатиаш чӣ тавр бошад? – саволборон намуд.

Ана ҳамин тавр дар кадом мамлакати хориҷие, ки будам (Домогея, Афғонистон, Эрон, Булғористон, Канада, Венгрия, Корея аввал аз Турсуунзода ҷӯё мешуданд, ки дар ин хусус ҳикоят хоҳам кард.

Боре аз Маҷлиси Кумитаи якдилии халқҳои Осиё ва Африқои Шӯравӣ бармегаштам, ки дар фурудгоҳи Домодедови Москва бо адиби номии Озарбойҷон, ходими намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Иброҳимов дучор шудам.

– Э, чӣ хуше, ки Шуморо дидам, – гуфт вай. Салому алейк кардем. Мирзо Иброҳимов аввал аз саломатии устод Турсунзода, аҳволи аҳли байташ пурсон шуду маро ба қаҳванӯшӣ даъват намуд, ки сӯҳбатро сари миз давом диҳем. Мирзо Иброҳимов, ки яке аз дӯсту ҳамқаламони наздики Мирзо Турсунзода буд, суханро дар атрофи хотираи ӯ гирд мегардонд, аз

саҳми вай дар мавриди сулҳ, дӯстии халқҳо, тарғиби адабиёти оламшумули тоҷик тоб медод.

Вақти видоъ Иброҳимов гуфт, – мо дар Озарбойҷон ҷашни 70-солагии Мирзо Турсунзодаро васеъ қайд менамоем, Кумитаи шӯравиии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ҳам дар бораи дар саҳни олам ҷашн гирифтани 70-солагии устод Турсунзода қарори дахлдор қабул кардааст. Бемуҳобот, – гуфт Мирзо Аҷдарович, Турсунзода сазовори он аст, ки аз хизматҳои бузурги ӯ дар роҳи мубориза барои сулҳу амонӣ, озодию истиқлолияти миллии халқҳои мазлум ва инкишофи ҳама гӯшаҳои олам арзанда сухан ронем.

Бо Мирзо Иброҳимов хушбошӣ кардаму пас аз чанд дақиқа вориди ҳавопаймо гардидам. Ҳамин, ки курсии худамро ёфта нишастам, беихтиёр хаёлам ба ёди он шахсияти бузург, шоири шаҳиру оташинсухан – Мирзо Турсунзода банд шуд.

Суханҳои Мирзо Иброҳимов «Ҷашни Турсунзодаро дар Озарбойҷон сазовор қайд мекунем» ҳисси эҳтиромамро нисбат ба устод Турсунзода афзунтар намуд ва камина дар ҳолати сукуту ғарқи хаёлот варақҳои хотиротамро тӯлонӣ «рӯйгардон» менамудам. Шояд ин боз аз он сабаб бошад, ки ман Мирзо Турсунзодаро дер боз хеле аз наздик мешинохтаму медонистам, ҳамроҳаш сафарҳои зиёд кардаам, бо ҳам чандин сол дар мавзӯъҳои фарҳангӣ – миллӣ мубодилаи афкор доштем, дӯстони қарин будем. Қарзи дӯстӣ маро водор мекард, ки бахшида ба ӯ чизе нависам. Аммо бароям дар ҳаққи Мирзо Турсунзода барин шхсияти умумиҷаҳонӣ навиштан ҳам осон буду ҳам душвор. Осон барои он буд, ки бо он дӯсти азизу бузургвор солҳои сол ҳамдаму ҳаммасалаку ҳамтабақ будем, ки ин худ бароям як мояи саодатмандӣ буд. Аз ин ҷиҳат нақши рахшони симои ӯ, лафзи шакарбору қалби фидокор ва тинати накӯкори ӯро фаромӯш кардан бароям имконнопазир буд.

Мушкилии кор дар он буд, ки кас ба унвони вай сухан ронданӣ шуда, бидуни ихтиёр ба андеша меафтод. «Он чизе, ки ту мегӯӣ, оё сазовори ӯст? Боз он тавр нашавад, ки нақли ту образи он марди мутафаккир, сухансарои беҳамто, фарзанди фарзонаи Ватанро хира тасвир намояд. Душвор бароям боз барои он буд, ки мебоист ба унвони вай, ба унвони он дӯсти ҷонӣ ҳамчун шахси марҳум муроҷиат намоям… ақалан аз таасуротҳоям як шингил партофтан каме сӯзи дилро таскин

медиҳад. Охир борҳо ҳамроҳи меҳмонон Юсуф – ас – Сабоӣ, Олес Гончар, Максим Танк, Чингиз Айтматов, Бердӣ Карбобоев, Қайсин Қулиев, Мустай Карим ба Норак, ҳамроҳи адибону санъаткорони тоҷик ба Ӯзбекистон, Қирғизистон сафар кардем. Сайри водии Вахшу, Ҳисор, Кофарниҳон, сӯҳбатҳои тӯлонӣ дар соҳилҳои Варзоб, Искандаркӯл чун хотираҳои нек лавҳи хотирро пурҷило намудаанд. Сафарҳои бисёракарата ба Москва, хусусан иштироки якҷоя дар анҷуманҳои нависандаҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар дафъа ҷиҳатҳои ноаёни наҷобати Мирзо Турсунзодаро аз нав аёнтар месохтанд. Андешаи «нависам ё нанависам» муддатҳо аз ёдам дур намегардид.

Ниҳоят рӯзе аз редаксияи «Тоҷикистони советӣ» ба ман супурданд, ки дар бораи устод Мирзо Турсунзода ва мулоқотҳоям бо ӯ хотирае бинависам.

Ҳарчанд иҷрои хоҳиши редаксия ба хости дил ҳамсадо буд, ба сабаби тангии фурсате, ки редаксия муайян карда буд, имконе надоштам, ки ҳама мегуфтагии худро бигӯям. Ноилоҷ фақат баъзе хотираҳои ҳамсафариҳоямро бо Мирзо Турсунзода мухтасар ба қалам овардам. Зеро инсон дар сафарҳои якҷоя беҳтар шинохта мешавад.

Бори аввал сафари мо бо Мирзо Турсунзода ба Панҷрӯд соли 1958-ум баргузор шуда буд. Он сол аҳли дунёи тараққипарвар 1100-умии солгарди мавлуди қофиласолори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакиро ботантана ҷашн мегирифт. Дар яке аз рӯзҳои тантана Мирзо Турсунзода ҳамроҳи раиси Комитети республикавии ҷашни Рӯдакӣ Абдулаҳад Қаҳҳоров, ходимони барҷастаи адабиёти советӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Гурбахш Синх (Ҳиндустон), Саид Нафисӣ (Эрон) ва дигар соҳибқаламони маъруф ба Панҷакент омаданд. Мирзо Турсунзода меҳмононро роҳбаладӣ мекард. Ӯ чун соҳибхона бо як меҳрубонию дилсӯзии фавқулодда онҳоро пазироӣ менамуд. Николай Тихонов ҷидду ҷаҳди беҳади ӯро пай бурда, хост ки ӯро аз он саъйи зиёд боздорад. Вай ба Николай Тихонов муроҷиат карда гуфт: «Шумо меҳмони мо не, меҳмони одамушшуарои адабиёти форсу тоҷик Рӯдакӣ ҳастед. Ҳар миқдоре, ки шуморо қадр кунем, ҳамон дараҷа арвоҳи бобокалони адабиётамон бештар шод мешавад». Мирзо Турсунзода

ҳар замон бо ифтихор бо меҳмонҳо ва мизбонҳои панҷакентӣ ширингӯиҳо мекард. Ман он вақт дар аппарати Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон кор мекардам. Маро барои кӯмак расондан дар гузаронидани ҷашни устод Рӯдакӣ ба он ҷо фиристода буданд. Кӯшиш мекардам, ки нақшаҳои меҳмонпазироии Мирзо Турсунзода бечунучаро амалӣ гарданд. Ёд дорам. Меҳмонҳо дар ҳаққи Мирзо Турсунзода чӣ суханҳои нек мегуфтанд. Аксари онҳо аз бузургии адабиёти куҳани тоҷику форс, арзиши ҷаҳонии он, адабпарвар будани сарзамини тоҷикон, табиати шоиронаи диёри Рӯдакӣ сухан ронда, ҳатман таъкид мекарданд, ки адабиёти советии тоҷик, ки сарвараш он солҳо Мирзо Турсунзода буд, ворисi арзандаи адабиёти классикии тоҷик буда, дар даврони советӣ ба қуллаҳои баландтарин баромадааст. Расул Ғамзатов бо услуби кавказии худ сухани хубе гуфта буд: «Ман барои зеботарин шоири советӣ Мирзо қадаҳ мебардорам, зеро худаш аз шеърашу шеъраш аз худаш зеботар аст».

Баъди ҷашн низ мо бо Мирзо Турсунзодаву Мирсаид Миршакар ба зиёрати мақбараи устод Рӯдакӣ борҳо сафар кардем. Як бор, дар хотир дорам, соли 1959-ум буд, ки Турсунзодаву Миршакар ва ман ба Панҷрӯд мерафтем. Мошинамон дар роҳ вайрон шуд. То иллати мошинро ёфтани ронанда вақти бисёре гузашт. Мирзо Турсунзода нимҷиддиву нимшӯхӣ гуфт: «Биёед, пиёда меравем мисли ҳоҷиёни пиёдагард, ман қурби мақбараи устодро аз Маккаву Мадина кам намедонам». Чунин буд ихлосу қадршиносии ӯ нисбат ба саромадони маданияти халқамон.

Сафари дигари мо бо ин марди шариф соли 1967-ум ба қитъаи Америка ба Канада, ба намоишгоҳи умумиҷаҳонии «ЭКСПО-67» баргузор гардида буд. Он ҷо мо кам якҷоя гаштем, зеро нақшаҳои сафарамон гуногун буданд. Аммо дар он ҷо низ чанд сӯҳбату мулоқотҳо доштем. Якеи онҳо дар мавзӯи тарзи зиндагии мардуми он кишвар буд. Дар сӯҳбат шодравон Маҳмудҷон Воҳидов, Ҷӯрабек Муродов ҳам ҳузур доштанд. Мирзо Турсунзода «Шаҳбозҳо, таззодҳои зиндагии инҷо–ро бодиққат аз назар гузаронед, фирефтаи ҷилои беруна шуданатон мумкин, капитал хеле маккор аст» – гуфт. Ҳақ ба ҷониби Турсунзода буд. Вақте ки мо ба чанд шаҳри он кишвар, аз ҷумла ба Монреал ва Торонто, ки бо штати Нию – Ёрки ШМА

ҳамсарҳад аст, мусофират кардем, бисёр «асрор» – и зиндагии ҷамъиятии капиталистӣ ва тазодҳои онро дарк намудем. Дидем, ки аз як тараф дар ибодатхонаю калисоҳо садҳо занони роҳгум дар кунҷи узлат нишастаанд. Онҳо дар ҷаҳолат ва нодонии асримиёнагӣ монда, тарки дунё кардаанд. Аз тарафи дигар қсими занҳо бо пойҷомаҳои кӯтоҳи аз линг боло дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар кӯчаҳову бозорҳо нимбараҳна мегаштанд. Диққати моро Мирзо Турсунзода боз ба як чиз ҷалб намуд: «Агар мо қадри занро ба осмони ҳафтум барорему манбаи илҳом шуморем, дар шароити ин ҷамъият, яъне ҷамъияти капиталистӣ зан шарафи модарию рафиқаи ҳаёти мард будани худро гум карда, ба чизу моли шахсии сармоядор мубаддал гаштааст». Дар ҳамаи ҷойҳои серодам, дар кӯчаҳо, метроҳо, дар магазину ресторанҳо расмҳои бешумори занони бараҳнаро часпонда буданд, ки он як воситаи тасфонидани бозори моли капиталистон аст. Ҳатто дар тасмаи гардани сагҳо, чархҳои мошин сурати занҳои урёнро медидем. Дар он ҷо ҷамъият, ки доллар ҳукмрон аст, дин ҳам манфиати сармоядоронро ҳимоя мекунад ва аз ин сабаб дар он ҷо бозори бешармию фаҳш тасфон мебошад. Ҳамин чиз барои мо аён шуд, ки он вақт дар Монреал 1100 ибодатхонаю калисоҳои мазҳабҳои гуногун ва 4100 банки махсуси капиталистони молиявӣ мавҷуд буд, аммо театри касбии доимие, ки ба халқ хизмат мерасонад, вуҷуд надошт. Хулоса, дар як қутб бенавоӣ, нодорию ночорӣ, дар қутби дигар пулмастиву айшу ишрати бедардимиён ҳукмрон буда, дар онҳо ҳама чиз – шараф ва виҷдони инсонӣ низ харидаву фурӯхта мешавад. Мирзо Турсунзодаи тезбину дурбин ин тазодҳоро низ дар назар дошт.

Боре дар ҳамон тарафи уқёнус Мирзо Турсунзода изҳор дошт, ки мафкураи зараноки буржуазӣ, хусусан ишратпарастию молпарастии он гоҳе ба шуури ҷавонони мо ҳам таъсир мерасонад. Парастиши латта-путтаҳои импортӣ ва овехта гаштани тамғаҳои хориҷӣ нишонаи ҳамин аст. Вақте ки ҳавсакорони ҷавоне дар сурату либос ба хориҷиҳо тақлид карда, дар бораи Ватан шеър мегӯяд, ба самимияти он боварии кас намеояд».

Яке аз шеърҳои баландғояи ватандӯстонаи Мирзо Турсунзода «Ватан» дар ҳамон сафар эҷод шуда буд ва аз ҳамон вақт боз дар иҷрои Артисти Халқии СССР Ҷӯрабек Муродов доимо

садо медиҳад. Он шеър маромномаи эҷодии Мирзо Турсунзода буд, ки бо амри Ватан аз он ҷудоӣ надошт…

*Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,*
*Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.*
*Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,*
*Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.*

Он гаҳ ман як ҷиҳати эҷодии Мирзо Турсунзодаро дарк намудам, ки илҳоми ӯ худ аз худ эҷод намекунад ва чакидаҳои қаламаш маҳсули мушоҳидаҳои зиндаи вай буда, диди иҷтимоии ӯро аён инъикос менамояд.

Ҳатто дар ҳамон сафари дур пай бурда мешуд, ки Мирзо Турсунзода нисбат ба ҷавонони эҷодкор ниҳоят ғамхор, сертслаб буд. Агар ба ибораи халқӣ гӯем, ӯ асло намехост, ки «ба пояшон хоре халад». Аммо дар баҳо додан ба маҳсули эҷодӣ, мазмуни асарҳо ва рафтору гуфтори онҳо мисли падар қатъӣ, ҷиддӣ ва сахтгир буд. Баъзан коҳишҳои пандомез ҳам мекард. Ба хотирам меояд, ки боре ӯ як адиби ҷавонро сарзаниш карду чунин гуфт: «Дар вақташ мо ҳам ҷавон будем, ғурури ҷавонӣ доштем, агар ба гирди миз ё дастархон ҷамъ мешудем, фикру зикрамон ба мавзӯи сӯҳбатҳоямон чӣ тавр хизмати Ватану адабиётро ба ҷо овардан буд, аз даҳонамон калимаю ибораҳои Ватан, қарзи фарзандӣ, ҷои шеъру достон дар зиндагӣ, санъат, театр канда намешуд. Акнун, ки баъзе ҷавонони мо мошинсавор шудаанд, ҳамин ки бо ҳам вохӯрданд, аксар аз даҳонашон ба ғайр аз калимаҳои Карбюратор, регулятор, вентилятор, стеклоочиститель ва ғайра дигар чизе намебарояд». Ҳамин тавр ӯ ба ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти ҷавонон аҳамият медод ва мегуфт, ки дар кори мураккаби тарбияи наслҳои оянда масъалаҳои майда-чуйда нест, дар ин кор ҳама чиз аҳамият дорад.

Дар бораи боз як сафари якҷояамон бо Мирзо Турсунзода, ки моҳи майи соли 1977-ум сурат гирифт, мухтасар ҳикоят карданро воҷиб мешуморам… Дар Ленинобод бо ташаббусси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон курс-конференсияи адибони ҷавон гузарониданӣ буданд… Мирзо Турсунзода, ки ба проблемаҳои тарбияи ҷавонони эҷодкор аҳамияти махсус медод, маро ҳам даъват намуд, ки дар ин чорабинӣ ширкат

намоям ва ба ҳалли баъзе масъалаҳо кӯмак расонам. Мо се кас – Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва камина ба Ленинобод равон шудем. Ҳамин, ки ба шаҳр расидем, Мирзо Турсунзода аввал бо тартиби гузаронидани курс-конференсияи адибони ҷавон шинос шуд ва ба он тағйироти муҳим дохил намуд: зиёрат ва гулчамбар гузоштан ба ёдгориҳои таърихӣ, гузаронидани мулоқотҳо дар коллективҳои коргарӣ, вохӯриҳо бо деҳқонон ва ғайраро ба он ҳамроҳ кард. Ӯ махсус таъкид мекард, ки адиби ҳақиқӣ бояд пеш аз ҳама аз ҳаёти бузургони гузашта ва халқаш сабақ гирад ва барои ба амал татбиқ намудани нақшаҳои партияи ленинӣ ҷонбозиҳо кунад. Дар ин бобат эҷодиёти худи ӯ, тарзи зиндагиву меҳнати фидокоронааш дар роҳи бунёд намудани маданияти нави сотсиалистӣ ва устувор гардонидани сулҳу амонӣ барои наслҳои имрӯзаву оянда намунаи ибрат буд.

Вақте сухан дар бораи ҷавонон мерафт, Мирзо Турсунзода одат дошт, ки суханҳои ҳикматомези бузургонро хотирнишон кунад. Байтҳои зеринро аз забони ӯ шунида будам:

*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист.*
*Дониш талабу бузургӣ омӯз,*
*То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.*

(Низомӣ)

ё ки:

*Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,*
*Ҳар ҷо ки равӣ, азизу маҳрам бошӣ.*
*Покиза шаву рост бизӣ, илм омӯз.*
*То тоҷи наберагони Одам бошӣ.*

(Ҷалолиддини Румӣ)

Воқеан, Мирзо Турсунзода шеърҳои худро то ҳозирон илтимос намекарданд, намехонд. Дар сӯҳбатҳо бисёр бамавриду табиии аз хотираи ғаниаш, ки ганҷинаи ашъору ҳикматҳои олии суханварони пешин буд, дурдонаҳои тобнокеро нисор менамуд.

... Дар вилояти Ленинобод мо бо коркунони саноат, деҳқонон, муаллимон, донишҷӯён ва талабаҳои мактабҳо мулоқотҳои зиёде доштем. Бояд гуфт, ки дар куҷое, ки Мирзо

Турсунзода пайдо мешуд, ӯро фавран одамон гирд мегирифтанд ва хайра мақдам мегуфтандаш. Мушоҳида мекардем, ки шеърҳои ӯ ва достонҳову асарҳои драматургии вай мағз андар мағзи қалби мардум ҷойгир шудаанд ва номи ӯ барои хурду калон азизу мӯътабар гардидааст. Чанд лаҳзаро ба хотир овар-даниам: аз Хуҷанд ба сӯи Конибодом равон шудем. Дар қарибиҳои бозори Хуҷанд дӯкони пойафзолтозакуние наму-дор шуд. Мирзо Турсунзода хост, ки каме истем, ӯ пойафзо-лашро оро диҳад… Ману Боқӣ Раҳимзода ӯро назди усто гу-зошта, ба тамошои бозор даромадем. Баъди 5-10 дақиқа бар-гаштем ва дидем, ки на дӯкон менамояду на Мирзо Турсунзо-да. Атрофи ӯро дар як лаҳза издиҳоме иҳота кардааст. Маълум шуд, ки ӯро роҳгузарҳо фавран шинохтаанд ва ҳама барои хушбошӣ гуфтан омода шудаанд. Дидем, ки ӯ ба чандин донишҷӯю талабаҳо дар муқоваҳои китобҳои дарсӣ, дафтарҳои талабагӣ, паспортҳо соядаст медоду бо мардум хушгӯиҳо мекард. Чунин буд хислатҳои ин шоири халқии мо… Яке аз донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгорӣ хоҳиш кард, ки ин шоир дар дафтари вай хотирае бинависад. Мирзо Тур-сунзода бо табассуми ба худаш хос розӣ шуд ва бинавишт:

*Гуфтам: Санамо кай зи ту дил канда кунам,*
*Гуфто, ки ба як ханда туро банда кунам.*
*Гуфтам, ки ба як ханда бимирам, чӣ кунӣ?*
*Гуфто, ки ба як бӯса туро зинда кунам.*

Мо ҳама бозавқ хандидем. «офарин, Мирзо», – гуфт Боқӣ Раҳимзода ва роҳамонро давом додем. Баъди як соат ба Кони-бодом расидем. Мо ҳар ду аз шаҳри Конибодом депутат будем – Мирзо Турсунзода депутати Совети Олии СССР, ман бо-шам, депутати Совети Олии РСС Тоҷикистон. Роҳбарони шаҳр ҳисоботи якҷояи моро дар назди интихобкунандагон шуниданд. Афсӯс, наметавонам он самимият, он тасфу ҳароратеро, ки дар он мулоқот нисбат ба Мирзо Турсунзодаву Боқӣ Раҳимзода иброз шуда буд, тасвир намоям. Коргарони оддӣ, бофандаҳо, бинокорон, духтурҳо, муаллимон, талабаҳо ҳама бо як ихлоси хос паи ҳам шеърҳои он шоирону дӯстоштаашонро мехонданду ба онҳо барои назми дилошӯбашон миннатдорӣ мекарданд.

Баъд худи Турсунзодаву Раҳимзода шеър хонданд. Мулоқот хеле тӯл кашид. Ҳаво гарм буд, аммо тасфи мулоқот аз он ҳам гармтар. Аз ҳар тори мӯи Мирзо Турсунзода донаҳои арақ марворидвор мечакиданд. Ӯ дар хотима ба хаёли маънидоре рафту шеъри «Шоиро»-ро канда-канда хонд:

*Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,*
*Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар.*
*Сӯхтан пӯлоду оҳан офарад,*
*Аз шарорае тоза гулхан офарад...*
*Шеър ҳам бояд занад фавворае*
*Аз танӯри дил чу оташпорае...*

Ҳангоми хондани шеър шоир ба гулхане оташе монанд буд, ки ба рӯҳу қалби ҳозирон ҳарорат мебахшид, нуру сафо ато мекард ва онҳоро ба некӯкорӣ, фидокорӣ ҳидоят менамуд.

Чунин мулоқотҳои файзбахшу фаромӯшнашаванда дар коллективҳои фабрикаи либосдӯзии Конибодом ва Омӯзишгоҳи педагогии он ҷо, ки акнун номи Мирзо Турсунзодаро дорад, низ барпо гардиданд.

Саҳарии рӯзи дигар тараддуди сафари аз Конибодом ба Исфара рафтан доштем. Аз мо хоҳиш карданд каме сабр кунем, ки баъд аз 5–10 дақиқа рафиқон Ҷ. Р. Расулов ва Р.Ҳ. Ҳоҷиев меоянд. Хуб мешуд, ки онҳоро ҳамроҳ пешвоз гирем. Мо ин таклифро бо камоли майл пазируфтем. Фурсате нагузашта онҳо омаданд. Сӯҳбати рафиқонаи самимӣ, ки ҳеҷ гоҳ аз хотир фаромӯш нахоҳад шуд, барпо гардид. Мирзо Турсунзода ба Ҷ. Расулов аз мақсади сафарамон, мулоқотҳо бо коллективҳои меҳнатӣ хабар дод. Ҷ. Расулов бо ғамхории ба ӯ хос аз корубор ва вазъи саломатии ҳар ду шоир пурсуҷӯ кард. Баъд зарофатгӯиҳову ҳазҳои Боқӣ Раҳимзода сар шуд, ӯ чанд шеъри шӯхиомези ҳаҷвӣ хонда, аз ҳаёти мардуми кӯҳистони Қаротегину Мастчоҳ нақлҳои шавқовар кард. Рафиқ Расулов дар охир маслиҳат дод, ки чунин мулоқотҳои эҷодӣ дар Исфара низ гузаронида шаванд.

Баъди хушбошӣ ба мизбонон мо ба Исфара рафтем. Дар он ҷо ҳам чандин сӯҳбатҳову вохӯриҳои эҷодии Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба хонандагон барпо гардиданд. Калонтарин маъракаи вохӯрии онҳо бо меҳнаткашони район дар

маркази шаҳри Исфара гузаронида шуд. Дар клуби шаҳрӣ хурду калон, коргару колхозчӣ, зиёиёну фаъолони партиявию давлатӣ ба истиқболи шоирони дӯстоштаашон омада буданд. Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода аз инкишофи адабиёту санъати советӣ, аз комёбиҳои адабиёти тоҷик, аз тараддудҳои гузаронидани 100–солагии зодрӯзи асосгузори адабиёти советии тоҷик , Президенти якуми Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон Садриддин Айнӣ нақлҳои ҳаяҷоновар намуданд, шеърҳо хонданд, ба саволҳои дӯстдорони каломи бадеӣ ҷавобҳои саҳеҳ доданд. Пионерон ва зеботарин духтарони Исфара ба шоирони номӣ гулу гулдастаҳо тақдим намуданд. Мирзо Турсунзода. дар хотима ваъда дод, ки адибони тоҷик дар бораи корнамоиҳои ангишткашони Шӯроб, пешқадамони хоҷагии қишлоқи район, хусусан Суфро Боқиеваи номдор, зардолуву олуҳои асалвори Исфара, мардуми дорои маданияти баланди он ҷо боз асарҳои сазовор меофаранд, чӣ тавре, ки ин корро Раҳим Ҷалилу Абдусалом Деҳотӣ кардаанд.

Баъд дар боғи колхози ба номи В. И. Ленин, ки аз канори он дарёи шаффофу шӯхоби Исфара ҷорӣ буд, мулоқоте байни шоирон аз фаъолони району колхоз барпо гардид. Котиби якуми онвақтаи комитети партиявии шаҳр Умаралӣ Қурбонов ва раиси колхоз Шаҳобиддин Нуриддинов меҳмононро бо корубор ва зиндагии мардуми он ҷо шинос карданд ва таъкид намуданд, ки каломи бадеӣ, суруду мусиқии дилнишин, спектаклу кинофилмҳои шавқовари ҳозиразамон барои пешрафти кори мардум омили муҳим буда, меҳнаткашонро барои корнамоиҳо рӯҳбаланд менамоянд.

Дар айни сӯҳбат касе хабар дод, ки Артисткаи Халқии СССР Тӯҳфа Фозилова дар истироҳатгоҳи «Зумрад» аст, чӣ мешавад, ки он касро ҳам даъват кунем. Боқӣ Раҳимзода баробари номи Тӯҳфахонумро шунидан, бо усули ба худаш хос гуфт: «Каромат кардед, тақсир, қоматашон занад, тез Тӯҳфахонумро чеғ занед, ба дидори он бонуи сӯҳбатоюро расидан худаш як неъмати камёб аст». Тӯҳфахонум ҳам омаданд. Байни Тӯҳфахонуму Боқӣ Раҳимзода аскияву хушгӯиҳо шуд. Дастаи ҳунармандони он ҷо низ бо сардории Мирзоқурбон Солиев ҳозир буданд. Он шаб, бо таъбири Боқӣ Раҳимзода, «Нишасти ҷамшедии осмонкаф» барпо шуда буд. Аввал нақлҳои ҳикматангези Мирзо Турсунзода, баъд латифагӯиҳои

Боқӣ Раҳимзода, сипас сурудҳою хурӯшҳои мусиқии «Шашмаком» дар иҷрои навозандагони моҳири Исфара қалбу рӯҳи ҳозиронро бо нишоту сурур пур кард. Ҳар боре, ки Мирзо Турсунзода ё Боқӣ Раҳимзода сухан меронданд, ҳама фаврӣ хомӯш шуда, гӯшу ҳуш мегаштанд. Азбаски сафари мо баъди заминҷунбии Исфара ба вуқӯъ пайваста буд, Мирзо Турсунзода гаштаю баргашта аз аҳволи оилаҳои аз зилзила зарардида пурсупос мекард, миқдори зарари расондаи фалокатро фаҳмида маъюс мегардид. Аммо натиҷаи ёрии давлатро дида ба марҳамати онҳо ташаккур мегуфт. Ҳамчунин, ӯ нақл кард, ки дар заминҷунбии Қаратоғ (1907) падари ӯ оилаи аввал ва фарзандонашро аз даст дода будааст. Заминҷунбӣ он вақт беш аз 70 деҳаи водии Ҳисорро аз байн бурдааст. Ҳокиму ҷоҳилони Ҳисор бошанд, «гуноҳ»–и он офати табииро ба гардани халқ бор карда, бозори зулму хуруфотро боз ҳам гаронтар менамуданд. «Акнун бошад, давлати шӯравӣ ғамхорӣ зоҳир намуда, зарари халқро аз ҳисоби давлат мепардозад. Одамон ба ёрии якдигар мешитобанд. Ин ҳам мӯъҷизаи сохти советист», – мегуфт ӯ.

Сӯҳбати оншаба дар калхози ба номи Ленин дар хотири сокинони он нақши хубе баста буд. Акнун ҳар боре, ки ба Исфара равам, ҳама лаззати сӯҳбатҳои гарми Турсунзодаву Раҳимзодаро ба ёд оварда, эътироф мекунанд, ки мо «одамони хушбахт будаем, ки ба мулоқоти чунин одамони наҷиб мушарраф шудаем». Ҳамин тавр, Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба куҷое, ки мерафтанд, дар дилу дидаи мардум ҷо гирифта, дар хотираҳо нақш мегузоштанд. Он нақш нақши эҳсосе буд, ки дар замири хурду калон тухми некӣ мепошид, одамонро ба дӯстию рафоқат ва некӯкорию меҳнатдӯстӣ ҳидоят мекард.

Ман бо Мирзо Турсунзода боз сафарҳои зиёде кардаам ва бо ӯ мулоқотҳои бешуморе доштам. Дар бораи сафарамон бо Мирзо Турсунзода ба Ӯзбекистон дар китоби худ «Гард дар миҷгон» навиштаам. Ин ҷо ба такрори он ҳоҷат нест. Фақат як лаҳзаро хотирнишон карданӣ ҳастам.

Моҳи майи соли 1968 дар Ӯзбекистони бародар Даҳаи маданияти тоҷик мегузашт. Яке аз мулоқотҳои мо пас аз сафари тӯлониву вохӯриҳои бисёр дар савхози «Пахтаарал»–и вилояти Сирдарё баргузор гардид. Ҳаво хеле тасфон буд, аз гармои

тоқатшикан аксари ширакткунандагони даҳа хоҳиш мекард, ки онҳоро аз «азоб»-и сухан гуфтан халос кунем. Мирзо Турсунзода он рӯзҳо дардманд буд, вале бар қасди гарданкашиҳои ҳамсафарон ин кори масъулро ба зиммаи худ гирифт:

– Ман сухан мегӯям, – гуфту ба минбар баромад.

Издиҳоми бисёрҳазора ӯро бо кафкӯбиҳои пурмеҳру дуру дароз истиқбол кард. Чун ӯ ба шеърхонӣ пардохт, ҳозирон ҳушу гӯш гаштанд. Ҳарорати шеъри оташбори устод маҳфили адабии моро гармтар кард. Ӯ бо як ҳисси баланд шеър мехонд, чунон мехонд, ки гумон мекардед чашмаи мусаффое ҷӯш мезанад ва чун фаввора ба сӯи осмон боло мепарад.

Вақте ки ӯ мисраъҳои охирини шеърро хонд, сомеон аз ҷой бархоста, дуру дароз кафкӯбӣ карданд, чашмони онҳо аз ҳаяҷон медрахшид, ки нишони сеҳри каломи шоир буд.

Таассуф, ки дар бораи ҳамсафариамон бо Мирзо Турсунзода ба Москва, Норак, Қурғонтеппа, водии Ҳисор, Искандаркӯл ва ғайра мувофиқи табъ нақл карда натавонистам. Шояд онро дар мавриди дигар гӯям. Ин ҷо ҳамин кофист.

Акнун якчанд ёддошт аз сафари шаҳри Норак, ки Юсуф ас-Сабоӣ – ходими намоёни илму маданияти араб ба мо ҳамроҳ буд:

Рӯзе бо чанд меҳмони азиз ба зиёрати шаҳри Норак рафтем. Мизбонҳо, сокинони таҳҷоии шаҳр, моро ба тамошои сарбанди дар олам аз ҳама баландтарин – сарбанди истгоҳи барқӣ – обии Норак хонданд. Ҳангоме бо кӯҳтали печ дар печ гоҳ аз дили шикофтаи кӯҳ ва гоҳе аз домани сангини он тоб хӯрда, ба қуллаи сарбанд мебаромадем, чашмамон ба навиштаҷоти болои тахтасанги сари роҳ афтод: «Одамон сарбандро баланд бардоштанд, сарбанд одамонро». Ибораи оддӣ дар ин ҷо як ҷаҳон маънӣ дошт. Роҳбаладамон Мурод Ёрзода ба фикр фурӯ рафтани моро пай бурда гуфт, ки ин ибора зодаи мушоҳидаи Мирзо Турсунзода аст, ки ошиқи қуллаҳои баланд аст. Ӯ фармудааст: «Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор». Ҳамон лаҳза сафари якҷояи устод ҳамроҳи Юсуф ас-Сабоӣ ба хотир омад. Он вақт Мирзо Турсунзода иншоотро бо нигоҳи ташнаи шоирона тамошо мекард ва дар фуроварди зиёраташ ба Юсуф ас-Сабоӣ, раиси комиҷроияи Совети депутатҳои халқи шаҳри Норак Боймирзо Шукуров ва дигарон муроҷиат намуда изҳор кард:

– Ин иншоот иншооти оддӣ нест, чунин марраи баланди меҳнатиест, ки одамонро низ бо худаш баланд мебардорад. Бинед, ин ҷо фарзандони қариб панҷоҳ миллату халқият бо як мақсаду маром меҳнат мекунанд. Ин иншоот аз аҳромҳои Миср, шаршараи Ниагар, манораи Эйфел, қасри Тоҷмаҳал, ки онҳоро мӯъҷизаҳои ҷаҳонӣ меноманд, волотар аст. Ин муҷассама ёдгории бузургест, ки ба бузургии хирад ва ҳамкорию дӯстии инсонҳо гузошта шудааст.

– Ман гумон доштам, ки аз сарбанди Ассвон баландтар сарбанде нест, – бо ҳайрат ба гап ҳамроҳ шуд Юсуф ас-Сабоӣ.

– Норакро падари Ассвон гуфтан мумкин аст, – шӯхӣ кард Мирзо Турсунзода ва шарҳ дод: писари муҳандиси Норак инженери рус Свинард тарҳи Ассвонро кашидааст.

– Шумо, – ҳолати ҷиддӣ гирифт Мирзо Турсунзода, – бо чашми санҷиш назар кунед, мебинед, ки инсон ин ҷо на фақат намуди зоҳирии водии Норакро тағйир додааст, балки қисмати худро низ. Аввалан, фарзандони миллатҳои гуногун дар меҳнати якҷоя чун фарзанди як хонадон тифоқ гаштанд, обутоби меҳнатӣ мафкураи онҳоро чун мафкураи интернатсионалистони ҳақиқӣ ташаккул додааст. Соният, мардуми маҳаллӣ, деҳқонзодаҳои дирӯза, ба монанди Муҳаббат Шарифов, Камол Ҳамсариев ва садҳо касони монанди онҳо касбҳои мураккаби бинокориро аз худ карданд. Шоистаи таҳсин аст, ки тоҷик–духтар Зебо Назарова бо ҷуръати мардона кранчии дастгоҳи азим шудааст. Ана инҳоянд Гурдофаридҳою Рустамони даврони мо.

Ёд дорам, дар ҳамон сӯҳбат Мирзо Турсунзода бо мароқи кунҷковонаи шоирӣ аз ҳозирон пурсида буд: чаро кӯҳи паҳлӯи сарбанди Норакро кӯҳи «Сандуқ» мегӯянд?

– Ривоят мекунанд, – гуфт касе аз мизбонон, – дар давраҳои қадим норакиён ба таҳдиди ғоратгарон афтода, ҳамаи дороияшонро дар як сандуқ ҷой мекунанду дар домани ҳамон кӯҳ руст мекунанд, ки баъд аз байн рафтани ғоратгарон ва фаро расидани амонӣ онро беосеб хоҳанд гирифт. Аз ҳамон вақт онро кӯҳи «Сандуқ» мегуфтагӣ шуданд. Бо мурури замон оби соҳил баланд шуда, боигарии дар «Сандуқ» будаи норакиён зери об мемонад… Мардум орзуҳо карданд, ки кош паҳлавоне пайдо шаваду оби соҳилро раҳо диҳад, ки боигарии норакиён аз кӯҳи «Сандуқ» баргардад… ана чунин баҳодури тавоно дар

шахси ҳокимияти шӯравӣ пайдо шуд ва оби кӯҳи «Сандуқ»–ро то қадре сар дод, ки акнун аз кӯҳи «Сандуқ» маҷрои нуқравори Вахш ҳар дақиқа на фақат ба норакиён, балки ба миллионҳо одамони Осиёи Марказӣ мавҷи нур ва оби зулоли ҳаётбахш ҷорӣ гардида, мардумро зиндагию доройӣ мебахшад.

– Акнун дидед, халқ чӣ гуна хирадманд аст, чӣ гуна бо образи шоирона воқеияти бунёди ин иншооти азимро тасвир кардааст, – гуфт Мирзо Турсунзода бо қаноатмандӣ. Дар ин ҳолат чашмони ӯ чун барқ медурахшиданд.

Аз хусусиятҳои нотакрори шахсияти Мирзо Турсунзода яке он буд, ки ӯ қобилияти фавқулодаи ташкилотчигӣ дошт ва ташабусскори эҷодии республикаамон буд. Ҳамин хислати наҷибаш дар тӯли солҳо ӯро ба сарварии муносиби адибони тоҷик сазовор гардонд. Он ҷо ман ба ду хусусияти услуби роҳбарии ӯ дар ташкилоти бонуфузтарини эҷодии республикаамон Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мухтасар даҳолат карданиям: Аввалан, ин услуб дар кӯшишҳои вай барои ба ҳаёти имрӯза пайвастани фаъолияти адибон ва аз кору бори меҳнаткашон онҳоро огоҳ кунондан ифода мешуд. Дар ҷамъомади эҷодӣ ӯ гаштаю баргашта таъкид мекард, ки адибон бояд зиндагии коргарон, колхозчиёнро амиқ омӯзанд, ба сафарҳои эҷодӣ бароянд, агар лозим шавад, дар қатори онҳо истода дар коллективҳои меҳнатӣ кор кунанд. Дар ин бобат таҷрибаи нависанда Муҳиддин Хоҷаев ва дигарон мисоли раднашавандаанд. Мирзо Турсунзода кӯшиш мекард, муҳокимаи масъалаҳои рӯзафзуни эҷодӣ самаранок ва бо мақсад гузаранд. Масалан, дар яке аз пленумҳои Иттифоқи нависандагон бо ташаббуси ӯ ду Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ М. Маҳмадалиев ва В. П. Красичков иштирок намуда, дар баромадҳояшон аз комиёбиҳои меҳнатии мардуми деҳот нақлҳо карданд. Бо ташаббуси ӯ мулоқотҳои адибон дар коллективҳои саноатӣ, колхозӣ ва мактбҳои миёнаву донишкадаҳои олӣ низ мунтазам мегузаштанд.

Мирзо Турсунзода ба омӯхтани комиёбиҳои эҷодии халқи рус, дастовардҳои халқҳои дигари ватанамон ва таҷрибаи мардумони ҳамсоя аҳамияти махсус медод. Ӯ яке аз ташаббускорони дар республикаамон гузаронидани даҳаҳои адабиёту санъати РСФСР, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Литва, Қирғизистон, Арманистон ва ғайра буд, ки дар кори наҷиби

баҳраманд шудани халқамон аз сарватҳои маънавии дигар миллатҳо ва тарбияи интернатсионалистии меҳнаткашон арзишҳои бебаҳо дошт.

Вай бе мақсад эҷод карданро бад медид. Байтсозиҳои маҳрамонаро намеписандид. Сатрҳои шаҳвониро маҳкум мекард. Барои он, ки нависандагон аз корубори мамлакату республика огоҳ бошанд ва бо маълумотҳои зарурии муборизаи идеологӣ мусаллаҳ шаванд, вай мекӯшид, ки дар назди онҳо ходими партиявӣ, давлатӣ, мутахассисони машҳури илму маданият баромадҳо кунанд. Ӯ дар гузаронидани пленумҳои якҷояи Иттифоқҳои нависандагон, рассом, бастакорон, ходимони санъатҳои театру кино иштирок намуда, дар онҳо эҷодкоронро аз нақшаҳои ҳозираву ояндаи сохтмони иқтисодӣ – маъданӣ ва ғайра хабардор карда меистод.

Мирзо Турсунзода ҳамчунин кӯшиш мекард, ки дар байни ходимони ҳизбию давлатӣ ва нависандаҳо силсилаҳои сӯҳбатҳои махсус барпо шавад, дар онҳо адибон аз нақшаҳои эҷодиашон нақл кунанд, маслиҳату фикру мулоҳизаҳои дигаронро дар бораи асарҳояшон бишнаванд… Шоҳиди чандин сӯҳбату мулоқотҳои муфиди аъзоёни бюро КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон бо гурӯҳҳои соҳибқаламон мебошам, ки дар онҳо тарафайн маълумотҳои ҷолиби диққат дода, аз боби дар адабиёту санъат сазовор тасвир намудани корномаҳои меҳнаткашон дар иншоотҳои Норак, Ёвон, заводи алюминии тоҷик, қаҳрамониҳои пахтакорону боғдорон ва чорводорон дар Вахшу Ленинобод, Кӯлобу Ҳисор, Қаротегину Помир ва ғайраҳо сухан мерафт.

Мирзо Турсунзода ба маслиҳатҳову эродҳо ва мулоҳизаҳои Котиби якуми онвақтаи КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулович Расулов диққати махсус медод.

Одатан мулоқотҳои Расулов ва Турсунзода хеле самимона ва пурсамар мегузаштанд, ки ин дар кори амалии ташкилоти эҷодии адибон нақши хуб мегузошт. Ман борҳо шоҳиди сӯҳбатҳои дилчаспу кордонона ва ибратбахши онҳо будам ва имрӯз фақат дар хусуси яке аз он сӯҳбатҳо мухтассар таваққуф менамоянд.

Арафаи тайёрӣ ба съезди VII нависандагони Тоҷикистон буд. Мирзо Турсунзода бо ҳуҷҷатҳои съезд ва матни маърӯзааш дар съезд ба шӯъбаи маданияти КМ ПК

Тоҷикистон омад. Ҳамаи масъалаҳо дуру дароз муҳокима шуданд. Баъд сухан дар хусуси проблемаҳои дар маърӯза бардошта шуда рафт. Дар хотима Мирзо Турсунзода изҳор кард: «Чӣ мешуд, ки баъзе масъалаҳоро бо Ҷаббор Расулович маслиҳат мекардем, он кас доимо фикрҳои оличаноб мегӯянд». Воқеан Расулов, ки дар хоксорию ғамхорӣ нисбат ба кадрҳо намунаи ибрат буд, ҳамеша аз вазъи адабиёту санъат огоҳ буд ва дилсӯзона онро ба роҳи дуруст раҳнамун мекард. Мо бо Турсунзода ҳардуямон он рӯз ба қабули Ҷаббор Расулов рафтем. Ҷаббор Расулов бо диққати том ба суханҳои Турсунзода гӯш андохт. Дар ин мулоқот Мирзо Турсунзода се масъалаи муҳими ҷараёни адабиро бардошт – якум, дар адабиёт инъкос намудани корномаҳои бунёдкунандагони комплекси истеҳсоли ҷануби Тоҷикистон; дуюм, проблемаҳои рӯзмарраи драматургияи тоҷик, тадбирҳои ҳарчи тезтар бартараф намудани нуқсонҳои он; сеюм, таҳлили эҷодиёти ҷавонони соҳибқалам. Дар ҳамон сӯҳбат Турсунзода аз зарурати давом додани анъанаҳои устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ дар эҷодиёти шогирдонаш бо ифтихору сарбаландии ғайри оддӣ сухан ронда: «Ҷаббор Расулович, – гуфт ӯ, – Ман асарҳои онҳоро хонда, аз хушнидӣ мехоҳам, ки туппиямро ба осмон ҳаво диҳам». Ин чунин маънӣ дошт, ки ӯ аз эҷодиёти шогирдони имрӯзааш хеле қаноатманд буд ва тайёр аст, ки эстафетаи ояндаи адабиётро ба дасти шогирдонаш бидиҳад.

Зимни сӯҳбат Мирзо Турсунзода аз хизматҳои шоистаи Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, ки дар инкишофи адабиёти советии тоҷик саҳм гузоштанд ва ҳамчунин аз дараҷаи эҷодии насли умедбахши адибони ҷавон – Фазлиддин Муммадиев, Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон бо завқ нақл мекард.

Мирзо Турсунзода бо хислати ба худ хос, монда нашуда дар бораи ояндаи адабиёту санъат ғамхорӣ мекард. Ӯ борҳо ба хотир меовард, ки устод Айнӣ ғамхориро нисбат ба ҳамкорон қарзи гражданӣ шумурда, ин байтро ҳамеша такрор мекардааст:

*Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,*
*Ин тифли нозпарвари ман дар ба дар шавад.*

Худи устод Турсунзода низ чунин буд.

Ана ҳамин хислатҳои олии Мирзо Турсунзода – садоқати бемайлон ба идеалҳои партия ленинӣ, хизмати фидокорона ба халқ ба ӯ ҳуқуқ дод, ки вай на фақат сарвари ташкилоти эҷодии адибони тоҷик бошад, балки солҳои зиёд Раиси Комитети муҳофизати сулҳи Тоҷикистон, Раиси Комитети Советии якдилӣ ба мамлакатҳои Осиёву Африқо низ бошад ва дар ин чабҳаҳо низ саҳми зиёде гузорад.

Моҳи маи соли 1976-ум дар шаҳри Боку конференсияи IV – уми Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва Африқо баргузор шуд, ки ман ҳам дар ҳайати вакилони он будам. Дар як ҳавопаймо аз Душанбе Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Розия Қурбонова – Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ , Тамара Абдушукурова, Тоҷинисо Азизова, Зуҳуршоҳ Раҳматуллоев ва дигарон ба Боку раҳсипор шудем. Мирзо Турсунзода хеле хаста буд ва таҳти назорати К. И. Иванова сафар дошт. Дар тамоми роҳ қатъи назар аз хастагиаш, вай бо Бобоҷон Ғафурович ва дигарон масъалаҳои инкишофи адабиёту санъат, ҳаракати якдилии халқҳои Осиёву Африқоро муҳокима мекард. Мо беосеб ба Боку расидем. Рӯзи дигар дар Қасри ба номи Ленин конфренсияи номбурда ба кори худ оғоз кард. Дар толори конференсияи фиристодагони республикаҳои бародарӣ, вакилони ҳаракати якдилии тамоми қитъаҳои олам гирд омада буданд. Маҷлисгоҳ чунон ором буд, ки пашша пар занад, шунида мешуд. Чашми ҳама ба минбар дӯхта шуда буд: кӣ ин оромиро «вайрон» мекунад?

Пас аз андак фурсате дар минбар пайкари зебои Мирзо Турсунзода намоён гардид. Ҳозирон ӯро гарму ҷӯшон ва бо кафкӯбиҳои дуру дароз пешвоз гирифтанд. Мирзо Турсунзода гарчанде,ки дардманд буд, бо нутқи оташбор ба ҳозирон муроҷиат кард… дар давоми суханрониаш ӯ вакилони Комитети Советии якдилии Осиё ва Африқоро бо сардории собиқ Котиби Генералии он Юсуф ас– Сабоӣ, Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ дуруд гуфта , фиристодагони Ветнаму Лаос ва намояндагони халқҳои Ангола, Мозамбик, Гвинея–Бисау,Африқои Ҷанубӣ,Намибия, Зимбабве ва ғайраро,ки барои истиқлолияти худ қаҳрамонона мубориза мебурданд, табрику таҳният гуфт… Азбаски он рӯзҳо ба фаъолияи Комитети Советии якдилӣ бо халқҳои Осиё ва

Африқо бист сол пур шуда буд, нотиқон ба унвони ин ташкилоти байналхалқии бонуфуз ва раиси мӯҳтараму боистеъдоди он Мирзо Турсунзода суханҳои таърифӣ зиёд мегуфтанд, хизматҳои ӯро ҳамчун яке аз асосгузорони фаъоли ин ҳаракати обрӯманди дунё махсус қайд мекарданд, ки ин ба вакилони советӣ, хусусан фиристодагони Тоҷикистон рӯҳбаландии нотакрор мебахшид. Дар сӯҳбатҳои байни маҷлисҳо рафиқони осиёгиву Африқоӣ чун медонистанд, ки мо аз Тоҷикистонем, самимият ва сипосгузории хешро махсус эътироф менамуданд. «Мизо Турсунзода тимсоли муборизаи халқҳои Осиё ва Африқо барои озодӣ ва истиклолият аст». «Назми оташбори Мирзо Турсунзода чун парчами мубориза барои сулҳ медурахшад». «Мирзо Турсунзода ва шеъраш моро ба муборизаи беамон бар зидди мустамликадорон даъват мекунанд», мегуфтанд онҳо.

Ман дар сафарҳои худ ба мамлакатҳои дурдасти Африқо шунидаам ва худ мушоҳида кардаам,ки Турсунзодаро дар он қитъаҳо ба хубӣ мешиносанд ва қадр мекунанд.

Оре, ному ашъори фарзанди диёри мо, ки илҳомбахши муборизаи халқҳои Шарқ барои истиқлолият, сулҳ, якдилӣ ва амонӣ буд, ҳанӯз дар зиндагиаш машҳури оламиён гардида буд.

Халқ ҳикмате дорад. «Агар бузургии чизе ё воқеаеро дарк кардан хоҳӣ, аз дуртар назар андоз». Боре ҳангоми сафари Африқо, ки ман ба сифати аъзои Комитети Советии якдилии халқҳои Осиё ва Африқо ба ин қатъа мерафтам, самолёти мо аз болои Саҳрои Кабир мепариду фикр мекардам, ки дар он мамлакати дурдасти дунё оё дар бораи Тоҷикистону халқи он чизе медонанд?

Дар лаҳзаҳои нахустини пазироӣ дар фурудгоҳи пойтахти Мали медонистанд, ки ман аз зодгоҳи Турсунзодаам, дар кошонаи пазироии шаҳр шаби ёдбуди Мирзо Турсунзода барпо шуд. Ҳамсафон, меҳмонони ҳамқалами ӯ паи ҳам сухан мегуфтанд, суханҳои аз ҳаяҷон лабрез, ки ҳамаи онро ба қалам додан ғайриимкон аст. Ҷавҳари он гуфтаҳо ин аст:

– Рӯзгору ашъори оташбори Мирзо Турсунзода шафақи субҳеро мемонад, ки ғуруб надорад.

Он гаҳ шабона чеҳраи тобони устод Турсунзода ба назарам аён мегардид. Ғами он талафоти азим хоб аз дидагонам рабуд

ва то субҳ пайваста аз қисмати зиндагии инсон фикр мекардам, китобҳо варақ мезадам ва дар байни ҳикматҳои бузургон суханҳои Бернард Шоу пеши назарам омаданд: «Ҳаёт барои ман шамъ нест, ки об шавад. Он машъалест, ки лаҳзае ба дастам афтодааст ва ман мехоҳам шӯълаи онро дурахшонтар кунам, то замоне ба дасти наслҳои ҷавон супорам».

Ин маънӣ ба моҳияти рӯзгори Мирзо Турсунзода низ наздик аст, Шӯълаи ашъори ӯ то ҷаҳон ҳаст, забона мезанад ва дар дасти наслҳои имрӯзу фардо чароғи меҳру сафо хоҳад гашт.

*Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.*

Алҳак, шоири номии замон, Раиси Комитети Муҳофизати Сулҳ Николай Тихонов хеле хуб ва ҳаққонӣ гуфтааст:

*Садои Панҷу Вахш арчанд буррост,*
*Садои шеъри ту бурротар аз он…*
*Ҳисору қуллаи Помир ҳарчанд*
*Намоён нестанд аз Мисру Порис,*
*Намудорӣ ту лекин дар ҳама ҷо,*
*Чу пайки сулҳ, чун марди мубориз…*

Ба ин сатрҳо чизи дигар илова намудан густохист. Ба назари Николай Тихонов Мирзо Турсунзода, ки қисмати худро бо қисмати халқҳои заҳматкаши олам пайваста, дар роҳи мубориза барои сулҳу амонӣ, истиқлолияти халқҳо ҷонбозиҳо кардааст, чунин таҷассум ёфтааст.

Ман дар бораи хислатҳои инсонӣ ва услуби роҳбарии ӯ зиёд сухан гуфтам. Аммо Мирзо Тусунзода пеш аз ҳама шоир буд. Тамоми хислатҳои дигари ӯ аз ҳамин мабдаъ ибтидо мегирифт. Шахсияти наҷиб, самимият, хушсуханӣ, базалгӯӣ, инсондӯстӣ, одамият, меҳрубонӣ, сулхоҳӣ, ватанпарварӣ, шогирдпарварӣ ва тамоми фаъолияти ҷамъиятию давлатии ӯ мазҳари хислатҳои олиҷанобӣ шоирии ӯ буд. Аз ҳамин ҷиҳат агар дар бораи шоирии Мирзо Турсунзода фикри худамро нагӯям, суханам нотамом ва яктарафа мемонад. Мирзо Турсунзода аз тамоми пешравиҳои инсоният ба ваҷд меомад. Фатҳи коинот чашмаи илҳоми ӯро борҳо ба ҷӯш оварда буд.

Вале ӯ фарзанди барӯманди Замин буд ва замин-модари ғамхору ризқдиҳандаи инсониятро мепарастид. Худ мефармояд:

*Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯи замин,*
*Чашмро аммо намекандам ман аз сӯи замин.*
*Бо ситора ҳамнишин, бо моҳ гаштам ҳамнафас,*
*Лек будам сархушу сармаст аз бӯи замин.*

Мирзо Турсунзодаро баъзеҳо фақат сиёсатмадор ва гӯяндаи ашъори иҷтимоъю рӯзмарра мешуморанд. Ин ҳақ аст, зеро ӯ пайрави фикри солиме буд, ки адабиёт чун тасхиркунандаи ақлу дил қабл аз ҳама бояд масъалаҳои гражданӣ, орзуву умеди халқ барои пешравию беҳбудии инсон, васфи Ватан ва омоли неки аҳли оламро инъикос намояд. Аз он ҷиҳат мағз андар мағзи эҷодиёти амиқмазмуну баландғояи ӯ ҷанбаи гражданӣ ва обуранги сиёсӣ дорад ва одамонро ба мубориза даъват менамояд. Аммо ин ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки ӯ сиёсатчии «хушк» буду аз лирикаи ишқӣ сарфи назар мекард. Дар асори ӯ чунин сатрҳо бисёранд:

*Ишқ агар нест, ақл беҷон аст,*
*Дар дилат чиллаи зимистон аст.*

Шеърҳои ӯ «Ба Дилбар», «Ҳамсоя бошам», «Ситораи ман», «Ҳамин кофист», «Бо чашми ту», «Афсӯс, ки накардӣ имтиҳонам», «Бӯи гул ояд зи ту», «Кокулат» ва амсоли онҳо он қадар ошиқона, самимӣ, намакин ва ҷаззобанд, ки чун моли халқ дар байни мардум интишор ёфта, ошиқон ба дилбарони худ ба василаи онҳо роз мегӯянд. Беҳуда нест, ки ҳамаи онҳо бо оҳангҳои халқӣ суруда мешаванд. Вале бояд махсус қайд кард, ки лирикаи ишқии Мирзо Турсунзода бо лирикаи гражданиаш зич омехта ва алоқаманд буда, ошиқони нигоштаи шоир маъшуқаҳои поктинати ғанимаънавиятро railписанданд. Шоир аз забони ошиқ ба Ҳабиба мегӯяд:

*Гулистонро гули пурхандаӣ ту,*
*Ба майдон ханҷари буррандаӣ ту.*

Аз шоирони советии тоҷик ҳеҷ аҳаде ба монанди Мирзо Турсунзода дар васфи зан шеъру достонҳои пуробуранг нанавиштааст гӯем агар, хато нахоҳем кард, зеро ҳар як шеъру достони ба занҳо бахшидаи ӯ пур аз шароби мастибахши ишқу муҳаббат буда, суханҳои поки ӯ ботини софи занро чун оина инъикос намуда, табадуллоти кулии қисмати онҳоро дар даврони шӯравӣ бо ташбеҳҳои баланд ва ифодаҳои ҳаяҷоновар шарҳ медиҳад. Мирзо Турсунзода пеш аз ҳама қобилияту фазилат ва тавоноии онҳоро эътироф ва васф мекунад: «Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд, Мамалакат аз дасти зан гулзор шуд», – мегӯяд ӯ.

… Моҳи сентябри соли 1977 ҳангоме дарди марговар аз гиребони ӯ гирифта буд, мо ҳама дӯстони вай дар таҳлука будем. Табибҳо шабу рӯз болини ӯро тарк намекарданд… худи ӯ бошад ду соат пеш аз фавташ ба унвони табибон ва ҳамшираҳои шафқат суханҳои дилсӯзона мегуфт. Дар дами охир каме мадҳуш буд. Во дареғо, ки паймонаи умри ӯ пур шуда будааст.

26 сентябри соли 1977. Офтоб бо ҳама гармиаш издиҳоми одамонро, ки дар майдони «800-солагии Москва» ҷамъ омада буданд, парешон карда наметавонист. Майдон пур аз одам, издиҳом дар ҷунбиш.

Одамон ба якдигар ҷафс шуда, барои видоъ бо шоири маҳбуб шитоб доштанд. Он рӯз ин нохушии гаронро дигарон ҳанӯз нашунида буданд, вагарна дар Душанбе роҳ ёфтану гаштан амри маҳол мебуд.

– Кист ин марди бузургвор, ки ба маргаш хурду бузург мегиряд?

– Шоир аст ӯ, шоирест, ки дар дили халқ ошён гузоштааст ва дигаронро низ ба диёлбиву меҳргустарӣ даъват мекунад:

*Ошён гар мегузорӣ, дар дили инсон гузор,*
*Аз раҳи меҳру вафову аҳди бепоён гузор.*

Ҷасади ҷигарбанди халқ Мирзо Турсунзода дар тобути гулпӯш хобидааст. Издиҳоми халқ онро гӯё рӯи даст бародошта, ба митинги мотам омода мегарданд. Дар минбар ходимони намоёни давлатӣ, дӯстону ҳамқаламон, шогирдонаш, фиристодагони халқҳои бародари шӯравӣ ва хориҷӣ дар васфи ӯ

суханони нек мегуфтанд, ҳамду сано мехонданд. Ҷасади ӯро ҳама посбонӣ мекарданд. Дар қатори мардум офтоби тобон низ нигоҳбон буд. Чунин менамуд, ки гӯё он ба забон омада, бо меҳр хитоб мекард: – Ором бихоб, эй фарзанди азизи халқ, эй ҳабиби пиру барнои диёри нуру сафо. Ту дар паноҳи манӣ.

Митинги мотам ба поён расид. Ҳозирин аз бори андӯҳ сархам ҷасади ӯро гӯё бар дӯши худ бардошта, ба сӯи боғи Лучоб раҳсипор гардиданд, ки манзили абадии ӯ қарор ёфтааст. Он баландиро худи шоир гӯё дар зиндагониаш интихоб карда буд, ки гуфтааст:

*Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,*
*Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.*

Ва ҳамон офтоб – нозиру посбони ҳамешагии шоир низ тобутро якҷоя бо дарёи пурмавҷи одамӣ то ба манзили охиринаш ҳамроҳӣ мекард.

Рӯз бегоҳ мешуд ва ҳангоми ба хок супурдани Турсунзода офтоб рӯ ба ғуруб меовард, вале ба назарам шитоб намекард, гӯё чизеро мунтазир буд ва ба рафтан таъхир мекард. Ин дам аз самти шарқии шаҳр,аз болои мақбараи устод Айнӣ як даста нури сурхчатобе ба рӯи водии Ҳисор таноб кашиду гӯшаи моҳтоб намудор гашт. Шафақи офтоб муддате ба нури моҳ омезиш ёфта, шакли тирукамонро гирифт ва чун камарбанди рангин даври осмонро печонд. Хаёлам, нолае дар осмонҳо печид. Гӯё марди бузурге ба мотами дилбандаш миён баста, во ҷигарам мегуфт:

Мирзои мо ҳамсафари абадии Шамсу Қамар гашт.

*Мирзо ФАЙЗАЛӢ*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## ШЕЪРЕ, КИ ҚИРОАТ НАШУД

Соли 1971 дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон 60-солагии шоири маҳбуб Мирзо Турсунзодаро ҷашн мегирифтанд. Муҳаррири ҳамонвақтаи рӯзномаи «Коммуна» (ҳозира «Шаҳриёр» устод Нӯъмон Розиқ кормандонро ҷамъ карда, хабар дод, ки зодрӯзи шоири номдори тоҷик Мирзо Турсунзода дар шаҳри Орҷоникидзеобод (ҳоло Ваҳдат) низ ботантана қайд карда мешавад. Ба ин ҷашн бояд ҳама тайёрӣ бинад, аз ҷумла мо ҳам.

Он вақтҳо тамоми масъалаҳои ҳаёти фарҳангию иҷтимоии мардумро партия (ҳизби коммунист) ҳал мекард. Ҷашнгирии зодрӯзи устоди арҷманд ҳам дар ихтиёри партия буд.

Агар ҳамон давраро пеши рӯ биёрем, мебинем, ки дар Орҷоникидзеободи ҳамонвақта шоири намоёне набуд. Устодон Бозор Собир ва Нӯъмон Розиқ ҳанӯз узви Иттифоқи нависандагон ҳам набуданд. Нӯъмон Розиқ шеърҳои бачагона менавишту Бозор Собир дар шаҳри Душанбе истиқомат дошт. Боқимонда ҳама навқаламон будем. Мавзӯи ашъорамон васфи Ленин, партия, пахта ва зиндабодҳои дигар. Тири ҳаҷв ба фермаю чорвоҳои лоғар, мудирони фермаҳо, хаткашонҳо, ошпазҳо ва ҳамин гуна ҳадафҳо равона мегардид.

Ҳамон шабу рӯз устод Нӯъмон Розиқ аз ман хоҳиш кард, ки бахшида ба 60 – солагии устод Турсунзода ягон шеър нависам. Рости гап, аз ин супориш ҳам хурсанд шудаму ҳам ба изтироб афтодам. Охир, он вақт як навқалам будаму ба эҷоди шеъре, ки арзандаи устод бошад, қудрат надоштам. Дудилагии маро ҳис карда гуфт:

– Як санҷида бин, шояд, чизе ҳосил шавад. Ту истеъдод дорӣ. Шеърҳои ҳаҷвиат хубанд. Ашъори дар васфи кишвару диёрамон навиштаат ҳам бад нестанд.

Чанд шабу рӯз аз паси ҳамин супориш шуда, баъди сиёҳу сафед кардани даҳҳо варақ ба шеъри «Бахти ҷовидон»-и устод як мусаддаси (шеъри шашмисраӣ) навшогирдона навиштам. Онро дукаса боз таҳрир кардем. Шеър, ба фаҳмиши

ҳамонвақтаи шеършиносамон, бад набаромада буд. Онро устод ба кумитаи ҳизбии ноҳиявӣ бурда, аз назари котиби идеологӣ ва шӯъбаи пропаганда гузаронд. Пас ба ман хабар дод, ки шеър маъқул шуд. Онро гирифтанд, ки ба котиби якум Захватов Василий Ермолаевич нишон диҳанд.

Ниҳояти кор, В. Е. Захватов гуфтааст, ки агар имконият шавад, онро худи муаллиф дар ҷашни устод Мирзо Турсунзода аз саҳна қироат кунад. Албатта, ин барои як шоири навқаламе, чун ман, муваффақияти калон буд.

Рӯзи ҷашни устод фаро расид. Гирду атрофи қасри фарҳанги шаҳрро одам зер карда буд. Дар дохили толор мухлисон ба ҳадде зиёд буданд, ки дар роҳравҳо ҳам ҷой ёфтан имкон надошт. Мардум ба хотири мулоқот бо устоди гиромӣ, мушарраф шудан ба дидори азизон ҷамъ омада буданд. Меҳмононро бо гулу гулдастаҳо ва нону намак пешвоз гирифтанд.

Маро дар қатори якум аз тарафи рост ҷой доданд. Таъкид карданд, ки вақти сухан додан зуд ба саҳна баромада, шеъратро қироат кун ва бе ягон гапи зиёдатӣ ба ҷоят баргард.

Ҷашн оғоз ёфт. Котиби идеологӣ Бӯригул Асоева аз ҳама серкортар. Дар омади гап бояд гӯям, ки он кас дар ҳаққи аҳли илму фарҳанг, махсусан ҷавонон, бисёр ғамхор буданд, ҳамчун модар моро аз шӯру шанги он даврон муҳофизат мекарданд, кӯмак мерасонданд, маслиҳат медоданд ва ҳоказо.

Ин нишасти пуршукӯҳ бо шеърхонию сӯҳбати устоди бузург, бо ҳазлу шӯхиҳои намакини устоди хушзавқ Боқӣ Раҳимзода ва дигар аҳли адаб, ки устод Турсунзодаро ҳамроҳӣ мекарданд, хеле зебо, дилнишин, оростаю пероста идома дошт. Вақте устод Боқӣ бо лаҳни хоси худ дар боби ҳусну латофати занону духтарони орҷоникидзеободи сухан гуфтаю аз рухсораҳои Бӯригул Асоевна чанд бӯса гирифт, аҳли толор бо шӯру шавқи зиёд кафкӯбӣ карданд.

Ин ҳама хубу арзандаю зебанда буд, вале мани бечора аз тарси он, ки чӣ хел шеърамро қироат мекарда бошам, ба худ мепечидам. Маро воҳима зер карда буд. Ба ростӣ, ки ҳам баромад кардан мехостаму ҳам аз Парвардигор илтиҷо менамудам, ки ба ман сухан надиҳанд.

Хулоса, дар охир котиби якуми ҳизб Василий Ермолаевич

Захватов устоди азизро ба ҷашни 60-солагиашон табрик карда, калиди тиллоиеро, ки махсус дар ким – кадом корхона сохта буданд, ботантана ва зери кафкӯбиҳои дуру дарози аҳли толор ба он кас супурд. Ба забони тозаи тоҷикӣ чунин гуфт:

– Ин калиди на танҳо дарвозаи шаҳри Орҷоникидзеобод, балки калиди дили мардуми ин диёр аст, ки онро бо эҳтиром ва ифтихор ба Шумо, шоири маҳбуби халқ ва арбоби намоёни ҳизбию давлатӣ, месупорам…

Ҳамин тавр, ба ман навбат нарасид ё фаромӯшам карданд ва шеър нахонда монд. Инак, он шеърро қариб, ки бе ягон ислоҳу тағйирот пешкаши хонандагони арҷманд мегардонам, то лаҳзае он айёмро ба ёд оваремy ба қадри гузаштагони бузургамон расем.

## БАХТИ ҶОВИДОН

Шуда дар шаст умрам, лек ман қалби ҷавон дорам,
Муҳаббатпарварам, маъво ба кӯйи ошиқон дорам,
Канори сабзи гулбоғи ҷавонӣ ошён дорам,
Сарафрозӣ зи бахти хеш, ёрон, ҳар замон дорам,
«Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Қавиазму зафарэҷод халқи қаҳрамон дорам».

Шудам дар шасту меёбад бароям шасти нав оғоз,
Ба шасти нав сароям шӯҳрати ин мулки пурэъҷоз,
Кушоям болу пар дар осмони назм ҳамчун боз,
Сурудам аз дили халқам ба олам медиҳад овоз,
«Ба болои сарам мурғи саодат мекунад парвоз,
Замини сабзу хуррам, обҳои зарфишон дорам».

Зафармандам ҳамеша, ҳамраҳи халқи зафарёбам,
Гаҳе чун партави хуршед, гаҳ чун нури маҳтобам,
Манам он боғи назме, ки муҳаббат карда шодобам,
Кунун дар осмони назм чун истора метобам,
«Дар оғӯши Ватан фазлу камоли нав ба нав ёбам,
Ҷаҳон донад, ки бе зулму асорат ман ҷаҳон дорам».

Хати эҷоди ман сулҳ аст, ҳарфи бевафоӣ нест,
Шуда бо халқи худ як ҷону тан, моро ҷудоӣ нест,
Ба ғайр аз меҳри халқам бар сарам дигар ҳавое нест,
Дар олам аз ҳаёти мо ҳаёти пурсафое нест,
«Суруди ин дили шоди маро ҳеҷ интиҳое нест,
Ба васфи кишвари озод садҳо достон дорам».

Зи файзи меҳнати озод боғу бӯстон гул кард,
Баҳори зиндагии ҷумлаи пиру ҷавон гул кард,
Ниҳоли дӯстии мардуми рӯи ҷаҳон гул кард,
Ба ҷашни шоири ҷонӣ замину осмон гул кард,
«Замини тоҷикон гул кард, боғи тоҷикон гул кард,
Дили хуррам, сари сабз аз баҳори тоҷикон дорам»

Намирад ҳеҷ он шоир, ки шеъри пуршарар бинвишт,
Ба хуни дил суруди сулҳро шому саҳар бинвишт,
Гаҳе ӯ дар диёри хеш, гоҳе дар сафар бинвишт,
Ҳаёти хешро бахшида бар аҳли башар, бинвишт,
«Ба қонунномаи худ пешво бо хатти зар бинвишт,
Ҳуқуқи халқҳоро бин, чи бахти ҷовидон дорам».

*Асадулло САЪДУЛЛОЕВ*

## АЗ ДИДА БА ДИЛ РАФТА

Бисёриҳо мегӯянд, ки номи ӯ ва Тоҷикистон якест. Турсунзодаро бо Тоҷикистон ё Тоҷикистонро бо устод мешиносанд. Ва ин бисёр табиӣ ба назар мерасад. Инро онҳое ҳам тасдиқ мекунанд, ки то дами вопасин ба он кас тамаллуқ мезаданду ба васфашон мадҳияҳо менавиштанд, вале баъди сарашон аз эҷоду аъмоли он кас «шоири маддоҳ» дарёфтанд. Ҳам ононе сари ин ақидаанд, ки устод Мирзо Турсунзода аз ҳарфи аввали расмии матбуотӣ (1929) то сатри охирон чун мунодии сулҳу мубаллиғи Тоҷикистон, вассофи ишқу меҳри бепоён ба халқу диёр мепазируфтанду мепазиранд. Мехоҳам, пеш аз он ки ба мавзӯи асосӣ гузарам, фақат як иқтибосе ба муколамаи шоири шаҳири миллати тоҷик Лоиқ дар барномаи телевизионии «Сӯҳбати мардона» биоварам:

**Журналист:** Шумо нисбати устод Турсунзода чӣ гуфтан мехоҳед?

**Лоиқ:** Одами одамон, шахсияти нотакрор, инсоне буданд як умр дар ғами нумӯи Тоҷикистон. Агар устод намебуданд, банда ҳам имрӯз дар лобалои шумо намебудам…

Мо насли воқеан ҳам хушбахти асри бист ҳастем. На аз ҷиҳати фаровонии ризқ – он замон ҳам тангдастиҳою беадолатиҳо буданд. Хушбахтии мо дар мустафид гаштан аз мулоқоту сӯҳбатҳо бо устодони бузурги адабиёту санъат аст. Он замон дасту дили адибон ҳамеша ва барои ҳама боз буд (аз бадбинони сохти шӯравӣ узр), натанҳо толорҳои қироату вохӯрӣ, балки хоначаҳои танги хобгоҳҳои донишҷӯён ҳам ба ҷои буду боши дуюми адибон табдил ёфта буд. Адибони номвари имрӯза Фазлиддин Муҳаммадиев (равонашон шод бод), Юсуф Акобиров, Салимшо Ҳалимшо, Абдусалом Атобоев (ҷояшон ҷаннат) ба қавле корвонкаши устодон буданд. Сӯҳбатҳо бо Абдусалом Деҳотӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис ва дигарон то қарибиҳои сапедадам идома меёфт ва мо борҳо субҳро баъди гусели меҳмонони азизамон дар ҷодаю саракҳои гулпӯшу рӯшуста истиқбол мекардем. Вақте ман дафтарҳои ба қавли шарикдарсам Нурмаҳмад Табар «бухгалтер»-ии бо му-

рури вақт судашударо варақгардон мекунам, дилам аз шодӣ гум мезанад. Бигузор мо ҳазоряки он бузургон нашудаем, вале аз он ки аксари онҳо дар «хотираҳо»-и каҷмокилебамон нақше гузоштаанд (гоҳ таассуроташон, гоҳ таассуроти мо аз мулоқот бо онҳо), ҳамеша ифтихори хоса дорем.

Инҷониб синфи ҳафт мехондам, ки устод Айнӣ даргузаштанд. Бо поезд аз Кофарниҳон ба гусел (дафн) омадам, аз модарам пинҳонӣ. Аз вокзал то қарибиҳои почтаи марказӣ бошитоб роҳ паймудам. Аммо то боғи марказӣ расида натавонистам. Одам бисёр буд. Бо надомату афсӯс пас гаштам ва ба худ савганд ёд кардам, ки агар хондан дар пойтахт насибам гардад, то метавонам бо бузургони сухан наздик хоҳам буд.

Баъди хатми курси аввал, соли 1958 моро ба гандумдаравӣ ба Қазоқистон бурданд. Чандон дарав накарда бошем ҳам, аз чанги коҳ сер шуда ва муҳимаш пул кор карда, бори аввал дар ҳаётам кастум харидам. Эҳ-ҳа, карру фари маро медидед – дирӯза сағираи кампирпарвар бо галастуку кастум!.. Чанде баъди ин «рӯсурхӣ»-ҳо, охирҳои сол овоза шуд, ки дар донишгоҳ бо адибон вохӯрӣ мешавад ва онҳо мехоҳанд бо эҷодиёти аъзои маҳфили адабӣ шинос шаванд. Рости гап, дар донишгоҳ адибтарошон пур буданд, вале аз ҳама бисёр курси мо шеъргӯ дошт. Аҳтам Авазӣ, Одина Мирак, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Муҳаммадазиз Азизӣ, Абдулло Ораз, Бурҳон Ғанӣ, Бозор Собир ҳам машқ мекард, аммо ба касе нишон намедод.

Вохӯрӣ дар маҷлисгоҳи хурд барпо шуд. Пешгоҳи он ба мисли саҳна қариб ним метр баланд бардошта ва мизу курсиҳои қаҳваранге гузошта шуда буд. Меҳмононро Солеҳ Ашӯрхоҷаевич Раҷабов (ректор) ба мо муаррифӣ карданд. Бисёр буданд онҳо. Б. Раҳимзода, Ф. Ниёзӣ, Ҷ. Икромӣ, М. Фарҳат, В. Кириллов, аммо чашми мо буду устод Турсунзода. Он кас каф ба манаҳ гузошта, шеър гӯш мекарданд. Гоҳ-гоҳе дар коғазаки гулобӣ ким-чиҳо менавиштанд. Шоирони донишгоҳии мо ба васфи партия, Ватан, пахта, дӯстӣ сухан мавзун карда буданд… Меҳмонон баъди ҳар ду-се қироат дар бораи чизҳои хондашуда изҳори ақида карда, ҳамзамон аз эҷодҳои хеш қироат мекарданд. Навбат ба устод ҳам расид. Он кас аввал аз хусуси вазифаи шоиру нависанда ҳарф зада, баъд ба таҳлили шеърҳо гузаштанд. Чанд гапашонро ба дафтарам кӯчондам, ки ин аст:

– Шукр мегӯям, ки адабиёти мо дар симои шумо қадрҳои хубе дорад… Аммо бояд бигӯям, ки лофу газоф хоси шеър нест. Дар миёни шеърҳои хондашуда чанд порчае буд, ки «Тоҷикистон» ва «Сталинобод» ном дошт. Рост, Сталинобод хонаи умеди мост ва маркази Тоҷикистон аст. Аммо бо иғроқҳои хушку холии шоирона вайро ободтар намегардонед. Шумо онро гаштаву баргашта ба гулистону мазрааи пурбор, ба биҳишти адн монанд мекунед, аммо чизи асосӣ – гармии дили сокинонаш эҳсос намешавад. Ман шаҳрҳои зеборо бисёр дидаам. Ва пойтахти мо ҳоло ноободиҳои бисёр дорад. Шумо мардума ба кор хонед, фикр бояд тару тоза бошад, ба кас таъсир кунад…

Ин аввалин вохӯрии банда бо шахсе буд, ки бо шунидани номаш аз ҷой боло мешудем, шабу рӯз шеърҳояш вирди забонамон буд. Баъдтар аз 6 то 17 декабри соли панҷоҳу нӯҳ курс – конференсияи адибони ҷавони ҷумҳурӣ мегузашт. Ба он аъзои маҳфили донишгоҳии навқаламон низ даъват шуда буданд. Дар сексияи наср ва очерку публисистика аввал повести Болта Ортиқов «Таътил» ва баъдтар очерки Абдусалом Атобоев «Вақте ки баҳр меғуррид…» муҳокима гардид. (Ин очерк дар «Тоҷикистони советӣ» зери рубрикаи «Ҳикоя» чоп шуда буд).

Аввалиро устод Сотим Улуғзода ва маҷлиси дуввумро Фазлиддин Муҳаммадиев ҷамъбаст карданд. Аҷоиб баҳсҳо буд. Мо худро дар осмони ҳафтум меангоштем. Устод Икромӣ ҳини ҷамъбаст гоҳ-гоҳ аз «Ёддоштҳо» мисол меоварданду гӯё ҳазл мекарда бошанд, мегуфтанд:

– Ба таъбири устод Айнӣ давлат ба мо барои асар пул медиҳад. Ин саҳл гап нест, барои ҳалол кардани пул меҳнати ҳалол мебояд.

Вақтҳои танаффуси нисфирӯзӣ дар ҳавлии Иттифоқи нависандагон, дар чойхонаи «Фасон» (ки даҳҳо воқеаҳои бо устодони сухан марбут он ҷо рух додаву инҷо майдони сухан танг аст, зиёфат (хӯроки чошт) барпо мегашт. Мо гӯё дар мамлакати афсона будем. Даври мизҳо устодон Улуғзодаю Икромӣ, Петр Вершигора, М. Сайфиддинов, М. Муллоҷонов, С. Липкин, А. Ойслендер, О. Романченко, Я. Аким, П. Толис, Б. Раҳимзода, Ғ. Мирзо ва мо, ба қавли устод Шарифҷон Ҳусейнзода «кирмакҳои шабтоб» (мо ҳатто рӯзтоб шуда бу-

дем) менишастем. Ва аз он воқеа чилу як сол гузаштаву ҳар гоҳ дафтар ба даст гирам, гӯё устод Мирзо Турсунзода аз пушти миз бархоста мегӯяд:

– Ин ҷо чанд насл гирд омадаем, бигузор анъана бардавом бошад.

Тӯли беш аз чиҳил соли фаъолият дар васоити ахбор ва Донишгоҳи миллӣ дар даҳҳо ва садҳо мулоқоту маъракаҳои каломи бадеъ ҳузур доштам ва барои ин аз тақдир миннатдорам. Ин ҷо мехоҳам аз чанд мулоқоте, ки бо устод Турсунзода солҳои ҳамкорӣ дар «Тоҷикистони советӣ» доштам, ёдовар шавам.

Дар собиқ кӯчаи Орҷоникидзе (10) бинои Вазорати маданият ва идораи газетаи «Тоҷикистони советӣ» ҷойгир буд. Паҳлӯи он, бист-сӣ қадам дуртар Иттифоқи нависандагон қарор дошт. Ва рӯзе набуд, ки устодон Турсунзодаю Раҳимзода (агар дар Душанбе бошанд) як-ду раҳ ба ин бино надароянд (сӯҳбат ё қазои ҳоҷат). Он шабу рӯз банда диссертатсияи номзадӣ ҳам менавиштам ва азбаски кор ба публисистикаи устод дархӯр буд, орзу доштам, ки бо он кас маҳз дар ҳамин хусус сӯҳбат ороям, аммо ҳайбаташон маро аз роҳ мегардонд. Ба ҳукми тақдир ин мушкил осон шуд. Ҷашни 50-солагии «Тоҷикистони советӣ» наздик меомад. Абдулҳамид Самад ва банда ба ин муносибат китобе таҳия мекардем, ки мебоист навиштаҳои аксари алоқадорони газетаро фаро бигирад. Матни сарсуханро ман навишта будам, аммо бо имзои кӣ рафтанаш маълум набуд. Ёздаҳуми феврали соли 1975 Ғоиб Назарович Қаландаров ману Абдулҳамидро ба ҳузураш ҷеғ зад ва гуфт:

– Сарсуханро бояд устод нависанд.

Аз ин сухан ҳарду беҳад шод шудем, бахусус ман, ки кайҳо боз пайти сӯҳбати хоса бо он касро меҷустам. Гуфтам:

– Матн тайёр аст, манзур кунем, чӣ мегуфта бошанд?

Дар лабони Ғоиб Назарович табассуме сайр кард, ки маънияш номаълум буд.

– Мирзо Турсуновичро ҳанӯз намешиносед. Ман ҳам вақте дар «Правда» кор мекардам, гумон доштам, ки ба ҳар навишта он кас имзо мегузоранд. Аммо баъд… Хайр, худатон аз ин кор огоҳ хоҳед шуд.

Баъди як соат муҳаррир ба шӯъбаи адабиёт даромада амр

кард, ки бо мундариҷаи китоб назди устод равам. Тарсону ларзон аз ҷой хестам. Салимшо Ҳалимшо қоҳ-қоҳ зад.

– Бо ҳамин дилу гурдашон мудири мо! – хитоб кард ӯ ва гуфт: – Пеш даро, мудирҷон, Салимшо ин ҷо боми пастак, он ҷо Иттифоқ, банда обрӯманд. Бо устод мо қадрдон.

Ҳазлкунон то дами қабулгоҳ рафтем. Котиба гуфт, ки он кас интизоранд.

– Ассалом устоди бузургвор! – хитоб кард Ҳалимшо. – Ҳар бор ин кас маро назди шумо барои мақола мефиристад. Акнун худаш корафтода шудааст. Чанд кори ба ҳам алоқаманд дорад.

Устод ки назди тирезаи панҷарадор ба равуои одамони кӯча муоина мекарданд, аз ҷой бархоста ба пушти мизи дарозрӯяи қаҳрабоӣ гузаштанд. Ҳалимшо хайрбод гуфту рафт.

Понздаҳ сол ба ин сӯ чун корманди матбуоту телевизион бо шахсиятҳои гуногун вохӯрдаву сӯҳбатҳо карда будам. Ҳатто худи устод ҳам вақти дар шӯъбаи адабии телевизион кор карданам борҳо даъват шудаву дар барномаҳои мо ширкат варзида буданд. Аммо ду ба ду бори аввал менишастем.

– Хӯӯш, – гап сар карданд устод. – Ғоибназар як чиз овард. Хондам. Намешавад. Ба ман гӯед, ки китобатон чиҳо дорад?

Дар хусуси очеркҳои О. Латифӣ, Ғ. Қаландаров, Ш. Ҳаниф, ҳикояи Абдулҳамид ва чанди дигар маълумот додам. Гуфтанд, ки худашон чизе менависанд. Аз хусуси дигар корҳо пурсиданд. Гуфтам, ки аспиранти ғоибхонам. Мавзӯям публисистика. Маводи асосӣ сӯҳбату мақолаҳои он кас.

– Кай ҳимоя мекунӣ? – пурсиданд устод.

– Маълум не, устод. Як бобаш нотайёр. Роҳбарам Соҳиб Шӯҳратиевич мегӯянд, ки то бо шумо шахсан сӯҳбат накунам, корро намехонанд…

– Ҳа, Соҳибҷон одами сара, магар худат сӯҳбат карданӣ набудӣ?

Ҷавоби ин саволи содда душвор буд. Даҳҳо маротиба вохӯрданӣ мешудаму ба таъхир меафтод. Гумон мекунам, ки ағлаб ин аз ҳайбати он кас буд. Ба назарам кӯҳи Қоф менамуд устод, дастнорас намо медод. Инак, ман рӯёрӯи он кас нишастаам. Даст болои манаҳ ба мӯйҳои парешонам менигаристанду аз саволи таҳдори худ завқ мебурданд.

Лаҳзае сукунат ҳукмфармо гардид. Ман варақҳои сафеди

дафтари қайдҳоямро пасу пеш мегардондам. Дуртар аз мо болои курсие магнитофони ориятии мухбири радио меистод.

– Ҷанг дар ҳамаи замонҳо бо тақдири одамон бозӣ мекард, – гӯё ин гап ба мавзӯъ дахле надошта бошад, гуфтанд устод. – Беқадрии инсон ҳам дар майдони ҳарб аст. Ёд доред, мо мегӯем, ки бист милён одама талаф додем. Ин қадар одам зану фарзанд, падару модар, хешу табор дорад, оҳи ҳамаи онҳо тӯфон мешавад, тӯфон! Аммо ҷангандоз кишвар ба кишвар, ғарқи зару зевар, масти кирдораш ҳузур карда мегардад.

Мо ба қарибӣ шартномаи оид ба манъи истеҳсол ва озмоиши яроқи бактериологиро дар комиссиюни хориҷии парламенти СССР ратификатсия кардем, дар ин ҳуҷҷат махсус қайд шудааст, ки сарнавишти инсон бозича нест ва ҷангро чун ҳалли ин ё он масъала ба миён мондан гумроҳӣ аст. Албатта, тамоми қувваро ба он равона бояд кард, ки на ҷанг рӯй диҳад ва на даҳшаташ дили мардумро ба ларза биоварад. Ҳадафи маро фаҳмидаӣ, фикр мекунам. Публисистикаи ман ин майдони муборизаи ман барои сулҳ аст. Ҷои шубҳа нест, ин вақт мегирад, барои эҷодкор бошад, вақту илҳом бисёр арзишманд аст. Азоби ҳиҷрони фарзандон сарборӣ. Дар чанд асар аз ин хусус гуфтаам.

Зиндагии инсон, шеваи инсон чизи қимат аст. Баъзан барои як бузкашӣ мо ҷой намеёбем. Саросари сайёраи Замин бошад, миллёнҳо гектар киштаву боғ ҳар сол на аз хушксолӣ, балки таги ҷанг монда адою абгор мешавад. Ва нафратовар аст, ки ҷанг чун рӯйдоди объектив исбот карда мешавад. Масалан, мегӯянд, ки агар ҳар бист-сӣ сол ҷанг нашавад, одамхӯрӣ маълум хоҳад гашт. Ин ки фиристодагони давлати мо ақсои олам гашта, маскунини сайёраро ба ҳамзистии осоишта мехонанд, шиори шӯравиён нест. Тақозои вақт, эҳсоси масъулият аст.

Устод як лаҳза таваққуф карданд, ангушти ишоратӣ холи болои абрӯи ростаашонро молиш медод. Чашмашон бар ману ҳушу ёдашон ба дуродур буд…

Андешаҳои ман ҳам даштӣ шуданд.

Он замон аз ҳисоби давлат бо аҳли рикоб ё маъшуқаюråммолу ҳаммол ба сафари хориҷӣ баромадан маълум нагашта буд. Ҳар сӯми давлат ҳисобу китоб дошт. Гузашта аз он роҳхати сафар на ҳамёни пурзар, балки обрӯ,хизмати

содиқона маҳсуб мегашт. Устод Турсунзода ҳатто дар ҳамон даврон дар се-чор мамлакат (аз ҳар қора) ҳисоби кушода доштанд ва бештарини маблағашон аз ҳисоби ҳаққулзаҳмаи эҷодӣ буд, вале бо вуҷуди он ҳар қабул ё зиёфати байналхалқӣ аз тарафи нозирони давлат санҷида мешуд. Имрӯз гуфта наметавонем (баъзеҳо нодида ҳам бад мегӯянд), ки он амал хуб буд ё бад, магар ба иззати нафси шахсони боэътимоди ҷамъиятӣ сахт намерасид?

– Николай Семенович гоҳ-гоҳе, агар шӯхӣ карданӣ шаванд, мегуфтанд, ки сафари хориҷӣ ба Леонид Илич мезебад. Ба дӯст ҳам зиёфат медиҳад, ба душман ҳам.

Дар як ҳолат ман ҷонибдори Тихонов. Дипломатияи халқӣ аз қадимулайём тафриқаро дар муомилоту муошират рад мекунад. Ҳанӯз Ҳофизи бузургвор фармуда буданд:

*Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,*
*Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро…*

Партияи мо барои фиристодагони худ тамоми шароитро фароҳам овардааст. Ман қариб ними дунё дидаам. Барои як рӯидае аз Қаратоғи танг баромадан ба паҳнои нилогини фалак ин кам нест. Аммо барои дипломатияи ҳалқи мо кам аст. Ҳанӯз мадор ҳаст, дил аз сафар намондааст. Худро хушбахт меҳисобам, агар дар кори сулҳ чун дар хирман арзане ба қувваҳои беҳисоби сулҳдӯст замима шавам.

Ҳндустон, Покистон, Вротслав, Варшава, Вена, Стокголм, Хелсинки, Қоҳира, Конакрӣ, Бейрут, Доруссалом, Никосиё, Бандунг, Теҳрон, Бағдоду Прага, аксари мутлақи ҷамоҳири шӯравӣ… Аз ҳар шаҳре, мамлакате, ки борҳо сафар карданд, устод воқеаҳо, шахсиятҳоро ном мебурданд, ки ҷузъ-ҷузъашон чун вуҷудашон барояшон басо ошно ва маҳрам буд. Сӯҳбати мо идома дошт. Ҳанӯз саволҳои ман ба поён нарасидаанд, аммо суоле дар гулӯ дармондааст. Пурсам ё не, хуб мешавад ё бад? Бахт аз таваккал мепурсам.

– Устод, магар Носири Хусрав ба ёдатон намеояд?

Устод лаҳзае аз сухан таваққуф мекунанд. Ожангҳо болои абрӯ гиреҳ мехӯрданд, даст аз манаҳ намегиранд. Дар нигоҳашон олудае аз ҳасрат ё пушаймонӣ намо медиҳад.

– Ният доштам ва дорам, ки дидаву шунидаҳоро мисли ус-

тод Айнӣ дар китобе фароҳам орам. Аммо инони ин кор ба дасти вақт аст.

Ҳарфи дигаре нагуфтанд, андаке пушаймон шудам аз пурсонам, зеро аввалан, вай ба мавзӯъ дахл надошт ва баъдан, гумон бурдам, ки ба ҷои дардманди он кас даст расондаам. Бе ин ҳам ёру ағёр шоирро ба сайёҳӣ машҳур карда, яъне бо беаҳамиятӣ ба эҷод муттаҳам карданӣ мешуданду ман бошам…

Ба мавзӯи сӯҳбат баргаштем. Аз сарчашмаҳои нерӯи публисистика суол ба миён овардам.

– Намегӯям, ки ин ягона бошад, аммо ба гумонам, сарчашмаи асосӣ ҳаракати суолхоҳӣ дар мо ва хориҷа аст. Байрақбардорони он Иля Эренбург, Александр Фадеев, Николай Тихонов, Борис Полевой буданд, Онҳо ҳам иштирокчии фронтҳо, ҳам мудохилачиёни фаъол дар мурофиаҳо буданд. Онҳоро дар симпозиуму конгрессҳо медиданд! Онҳо, чун моҳӣ дар об, бо ҳазорон лаҳҷа бо дӯсту душман ба баҳс мерафтанд. Ё гирем олими франсӯз Федерик Жалио Кюриро. Ӯ яке аз асосгузорони омӯзиши синтези атомӣ, тақсимшавии ядроҳои вазнин, роҳбари сохтмони нахустини реактори атомӣ буд, вале аз офати силоҳи атомӣ бо овози баланд огоҳӣ медод. То марти соли панҷоҳу шаш, яъне то дами вопасини ҳаёташ аз сулҳу осоиш ҳарф мезад, чун президенти Федератсиюни умумиҷаҳонии коркунони илм ва Раиси Совети умумиҷаҳонии сулҳ бо мукофотҳои байналхалқии нобелию ленинӣ қадр шуда буд, вале аз ҷанг гап занӣ, чун оташ дармегирифт, ҷаҳонро бозу боз гаштаю нидои сулҳро ба гӯши ҳар фарди соҳибҳӯш чун қир рехтан мехост. Бахти бузурги ман аст, ки бо чунин ашхос дар конгрессҳо ва симпозиюмҳои бузург иштирок кардаву ҳоло дар қайди ҳаёт ҳастам. Бубинед, гӯё ҳамин дирӯз мо бо Ванда Василевская, Александ Фадеев ва Александр Корнейчук дар конгрессҳои Вротславу Берлин баҳс мекардем. Акнун онҳо даргузаштаанд, аз иштирокчиёни конгрессҳои тоҷангию баъдиҷагӣ одамони башумор мондаанд.

Порсол 25-солагии аввалин конгрессро қайд кардем. Аксари иштирокдорон нисбатан ҷавон буданд. Нағз, ки наслҳои нав идомабахши анъана ҳастанд, аммо ба ёд овардани созмондиҳандагон ҳузновар аст.

Соли 1946 ҳаракати тарафдорони сулҳи Осиёву Африқо ба амал омад. Ин сабаб дошт. Ин ду қора на танҳо дар ин аср, балки асрҳои баъдӣ ҳам маркази ҷангу ҷидолҳо хоҳад шуд, зеро қисми аксари неъматҳои зеризамину рӯи замин дар ҳамин ду қора аст. Боигарӣ бошад, асоси нохушиҳост. То соли 1947 дар Африқо як давлати мустақил буд. – Миср. Ва мо дар Қоҳира нахустин Конференсияи тарафдорони сулҳи ду қитъаи серодами дунёро созмон додем. Ибтидои сафарҳои сершумори кории банда аз ҳамин ҷост. Баъдтар конференсияи Осиёву мамолики Океания сар шуд, ҷанҷоли хитоиҳо, кореягиҳо ва вйетнамиҳо баромад. Ҷудошавию талоши муттаҳидгардиҳои ин мардум аз ҳамон солҳо оғоз ёфта.

– Хуб устод, модом ки сухан аз ибтидоҳо рафт, руҷӯи мо ҳам зарар надоштагист. Мехостам аз сарнавишти «Ҳукм» ва оғози фаъолияти журналистӣ вуқуфе дошта бошам.

– Солҳои сиюм дар назди газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва Институти педагогӣ ду маҳфили адабӣ (кружок) буд. Ба яке Бектош сардорӣ мекард. Банда котиби масъули газета будаму ба маҳфил роҳбар. (Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳам дар заминаи ҳамин кружокҳо ташкил ёфта буд). Аммо бадбахтӣ ин ки маҳфили институт бо мо чап буд. Бектош дар ҳама маврид худро бо мо зид мегузошт. Чӣ ҷои пинҳон кардан, мо ҳам ӯро бад медидем, охир вай фитна буд. Як мисраи ҳаҷвномаи ҳамкорамон дар ёдам ҳаст: «Аз Бектоши бадафт бурида бод бинӣ…»

Надонам, бахт баргашта буд ё дуои ағёр, ки ҳамон замон ба касалии тиф гирифтор шуда, чанд муддат бистарӣ гаштам. Зиндагии якнаҳаҷи бемористон ба дил зада буд. Баъди табобат рост ба идора омадам. Аз бухгалтерия пул гирифта бо ягон дӯст шикамсерӣ хӯроки болаззат хӯрданӣ будам. Аммо пул надоданд. Сабаб пурсидам. Гуфтанд, ки «туро аз комсомол ва аз вазифа рондаанд». Ба Средазбюро ариза бурдам. Маълум шуд, ки вақти набуданам як хабари Ӯлмасов ном мухбире гум шудаву худи ӯ донишҷӯи институт будааст. Бектош маслиҳат додааст, ки «шикоят кун, ба сека рав». Рафтааст. Натиҷааш ин шуд, ки ман азоб дидам. Албатта, каме баъдтар ҳама чиз ба ҷои худ омад. Вале аз газета дилам монд. Як сол пеш дар озмуни ҷумҳуриявӣ (1933) аввалин пйесаам бо номи «Ҳукм» ғолиб омада буд (ҷои дуюм), аммо театрҳои Сталинобод онро

ба саҳна гузошта наметавонистанд. Миллатчиҳою нотавонбинҳо кам набуданд. Асарро бардошта ба Ленинобод рафтам. Ҳаким Каримро, Раҳим Ҷалилро (ғоибона) мешинохтам. Онҳо ва дӯстонашон Зариф Раҷаб, Ашӯрмат Назар, Тоҷӣ Усмон бародарони ман шуданд. Вақти муҳокимаю таҳияи «Ҳукм» бо актрисаи театр Сабоҳат Низомиддинова ошно шудем. Ӯ дар нақши Зевар, ки аз ҷониби Хуршед ҳимоя медид, хуб ҳунарнамоӣ мекард. Баъд тақдири мо бо ҳам пайванд шуд. Ман то умр боқист, аз мардуми шаҳри Ленинобод миннатдор хоҳам буд. Онҳо дар рӯзҳои сахт пуштибонам шуданд, ба сифати мудири қисми адабии театр кор кардам, бахтамро ёфтам ва муҳимтар аз ҳама, дастгирии онҳо маро ба ҳаёт дилгарм сохт. Мухтасараш ҳамин.

Гарчи ин гуфтаҳо низ ба сӯҳбат робита дошт, мо аз мавзӯи асосӣ як каме дур шуда будем. Мебоист ба публисистика бармегаштем. Саволи мувофиқе намеёфтам. Чун тарошае аз бом пурсидам.

– Баъзеҳо мегӯянд, ки идеяро дар асарҳои бадеӣ тавассути образҳо дарку эҳсос кардан мумкин, аммо дар публисистика онро хондан метавон…

– Ин фикр билкулл ғалат аст. Магар ман «Садои Осиё»-ро «манифести бадеии қитъа» гуфтаам, ё дар аввалу охири «Ҳасани аробакаш» хондаед, ки вай «достони табаддулоти бузург» бошад? Дуруст аст, ки чеҳраи асосӣ баёнгари мӯҳтаво буда метавонад, вале на ҳамеша. Масалан, Абдураҳим Мустафозода аз он сӯи дарё гурехта дар ин сӯ бахт мебинад. Агар гӯем, ки ғояи сулҳдӯстӣ ва омӯзиши муқоисавии ду ҷаҳон дар эҷодҳои Турсунзода аз ҳикояи «Кулфатзадагон» сар задааст, чандон сара намебурд. Ғояи урён дар публисистика ҳаст, на дар адабиёт. Публисистика, ман аз назария огоҳии амиқ надорам, шояд ғалат кунам, ба андешаронии образнок сару кор дорад, ба публисистика рӯҳи ҷанговарона хос аст, вай жанри майдонист. Масалан, публисистикаи Иля Эренбург солҳои ҷанги бузурги Ватанӣ ҳисоби махсус дошт. Сарбозон дар ҷанг душманонро ба ҳисоби худ ва дигарашро ба ҳисоби Эренбург мекуштанд, ё ҳамин навиштаҳои устод Айниро бинед. Ягон мақолаи он кас бе дипломатия, бе мақсад нест, аммо ҷое хондаед, ки устод «ман фалон чӣ мехоҳам» гуфта бошанд? Аз ин мебарояд, ки публисистика чун категорӣ ба мантиқ пайваст

асту афкори фалсафиро низ ифода мекунад. Аммо дониста бошед, на ҳар навишта ин хосиятро дорад. Бисёр мақолаҳои банда ҳам (аз ҷумла бо тахаллуси Ғаюрӣ ва мухбири даҳанакӣ) ба супорише навишта шудаанд ва шарҳи ин ё он накази партия ҳастанд. Аз онҳо фалсафаи хос ҷустан соддагӣ мебуд…

Устод ангушт аз холи абрӯ бардошта, лаҳзае чашм ба сақф дӯхтанд. Сақфи фанерини утоқ чун кӯраи арз пора-пораю чун давлатҳо марзбандшуда менамуд.

– Чӣ дар хориҷу чӣ дар кишвари Шӯроҳо дӯстони зиёде дорам, ки аз онҳо зиндагӣ, сабақи ҳаёт, маҳорати диду мушоҳидаю тавсифу тасвир омӯхтаам. Аммо бигӯям, ки қаринтаринашон Тихонов аст, муҳобот намешавад. Николай Семенович ҳайкали дӯстист, агар ба касе меҳр бандад, садоқаташ дилу ҷонист. Бо ӯ даҳҳо маротиба ҳамсафар будем. Аммо сафари аввал (бо Сафронову Ойбек) ба Ҳиндустон фаромӯш намешавад. Николай Семенович таърихи Шарқро аз ҳар шарқии мутахассис кам намедонист. Бо тайёраи «Ил – 14» аз болои Ҳиндустон ба Ҳинд рафта, дар бозгашт даҳ рӯз муқими иҷбории Кобул шудем. Самолёт набуд. Ба Тошканд телегром фиристодем, ки чӣ кор кунем? Маслиҳат доданд, ки таксӣ киро намоем ва худро ба Тирмиз расонем. Ба Дуоб расидем. Нисфи шаб роҳгум задем. Хаста ва гурусна ҳам будем. Ман ки акнун вазифаи тарҷумонро ҳам ба дӯш доштам, дари хонаи похсагинеро кӯфтам. Соҳиби хона як ба мо нигаристу ҳамаро ба дохил хонд. Танӯр пур аз оташ, ҳезуми нимсӯхта ва хона пурдуд буд. Чашмҳо месӯхтанд. Чойҷӯше пуроб болои оташ гузоштем. Зиқӣ дақиқа ба дақиқа тазйиқамон медод. Нохост Тихонов берун баромаду дақиқае пас бозгашт.

– Ин дарун торикистон, аммо атрофи хона пур аз чароғ.

Берун шуда «ура» гуфтем. Чароғҳо гурехтанд. Селаи гургон аз мо рамида буданд. Сӯҳбатамон даври танӯр метасфид. Николай Семенович хитоб кард.

Эҳ, каллая бинанд. О, мирӯз рӯзи мавлуди ман-ку. Нимта ёфтан даркор.

Ҳама китф дар ҳам кашидем: дар он шаби тираву сард ва пур аз гург нимта дар куҷо. Аммо ваҷоҳати Тихонов ким-чӣ хел пурасрор буд. Ҳолаташро дар Қарочӣ ба ёд овардам. Ҳар рӯз ҳашт-нӯҳ сӯҳбат меоростем, саволу ҷавоб охир надошт.

Рӯзе аз чунин вохӯриҳо меомадем, ки дар айвон Николай Семенович шикоят сар кард.

– Гулӯям месӯзад, сад грамм даркор, – исрор мекард ӯ. Вале арақ он тараф истад, шароб ё мусалласи оддиро ҳам бе иҷозати полис намедоданд. Ба ресторан даромадем. Пешхизмат гуфт, ки ба полис мактуб нависед, агар иҷозат фармояд, медиҳам. Анкет гирифта хонапурӣ карда, дар полис мӯҳр пахш кунонда овардем. Ходим як бутал «ҷин»-и ҳаждаҳдараҷагӣ овард. Чор кас онро то қарибиҳои бомдод мазза кардем.

Баъди он ки аз касе садо набаромад, Тихонов ҷомадонашро кушод ва бутали конякро берун кашид.

– Моли арман, – гуфт ӯ. – Мехостам дар Карочӣ кушоям, аммо он ҷо ба ҳар ҳол ободӣ буд. Ин ҷо бошад, – ӯ лаҳзае ба чеҳраҳои мо нигоҳ карду ба афғон хитоб кард: – кола дорӣ, гелос дорӣ, ҳарчӣ дорӣ, барор!

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ин марди сарсафеди тақдирсахт чӣ балоҳоеро сипарӣ кард. Блокадаи Ленинградро аз сар гузаронд, ними оилаашро талаф дод, азоби бемисл кашид. Ингуна одам эҳтиёткор мешавад. Занаш аз худаш хеле калон, аммо дили бузурге дорад, рӯҳаш ҷавон. Зери таркиши гулӯлаҳо шоиронро мехӯронд, аз гуруснагӣ наҷот медод. Хонаи ӯ ҳоло ҳам чун хонаи адибон. Рӯзи бемеҳмонаш нест.

Худаш бисёр доно, таърихи Шарқро аз ҳамаи мо хуб медонад, ба халқҳои Шарқ чунон муҳаббате дорад, ки аз тасвираш оҷизам. Меҳраш меросист, аз классикони рус мондааст. Тамоми осори ӯро панду андарзи Шарқӣ ва хирадмандии русӣ ҳусни маънавӣ бахшидааст. Агар ба публисистикаи ӯ дахл кардани бошӣ, ин ҷиҳатро фаромӯш набояд кард.

Сӯҳбати мо аз адабиёти рус ба адибони худамон гузашт. Гуфтам, ки аз нависандагонамон ғайр аз Мирсаид Миршакару Муҳаммадиев дигарон ба публисистикаи бадеӣ эътибор намедиҳанд. Гапам магар ба шикоят монанд шуд, ки устод табассуми малеҳе карда гуфтанд:

– Амри дил аст публисистика, яке ба замону муаммоҳо шарик шудан мехоҳад, яке намехоҳад. Ҳар киро ихтиёраш. Ана мисол, аз идораатон як мақола овардед, гумонатон ки хонаму имзо кунам (ин хел корҳо кам не). Лекин ҳар каса услуби худаш, лаҳни гуфтораш ҳаст. Дила васеъ гиред, писар.

Ба «шумо-шумо» гузаштагонашон оҳанге дошт, ё хаста шуда буданд, ё ким-чӣ маъқул нашуда буд. Хайрбод гуфта ба редаксия баргаштам.

Сарсухани китоби «Умре дар роҳ»-ро ман навишта будам ва он мебоист аз номи муҳаррир мерафт. Чун ҷашнномаи «Тоҷикистони советӣ» таҳия мешуд, як номаи табрикие аз номи устод низ навиштам. Сенздаҳуми феврал маро устод даъват карданд.

– Пешгуфтор маъқул нашуд. Ба ман се рӯз мӯҳлат диҳед, худам чизе менависам.

Чун шумора баста мешуд, ноилоҷ табрикномаро наздашон гузоштам ва гуфтам, ки дар ҷашнномa чун табрик меравад. Гирифта болои сарсухан гузоштанд.

Рӯзи ҳабдаҳуми феврал боз назди устод даромадам. Ҳамроҳашон Валӣ Самад ва ду мӯйсафеди ношинос менишастанд. Устод маро бо табассуми фаррох истиқбол карданд.

– Супоришҳо иҷро, – гуфтанд он кас. – Табрикнома маъқул. Сарсуханро пурра аз дигар навиштам.

Ба дастам шаш саҳифа дастнависеро доданд, ки бо ҳарфҳои калон-калони хоно навишта шуда, сарлавҳааш се-чаҳор маротиба ислоҳ шудааст. Ҳамаи онҳое, ки саводашон бо ҳуруфоти арабиасос баромадааст, (аз ҷумла устодон Икромӣ, Улуғзода, Деҳотӣ) чунин ҳусни хат доштанд. (Сарсухан бо унвони «Табрик ба сорбони матбуоти тоҷик» дар маҷмӯаи «Умре дар роҳ» ба нашр расида).

Бо вуҷуди он ки табрикномаро маъқул дониста буданд, онро ба дастам надоданд ва ман ҳам ҷуръати пурсидан накардам. Расо баъди нӯҳ рӯз, бисту шашуми феврал дар хоначаи сеюм бо Шоҳмузаффару Ҳалимшо дуд медодем, ки акои Нуриддин Примқулов ҳалқа бар дар задаву гуфтанд!

– Саъди аллоҳ ин ҷост? Зуд бароед!

Баромадам. Устод пушти дар буданд. Баъди пурсупос гуфтанд:

– Мегӯянд маро хуб кофтед. Ана ман. Лекин дер нашуда бошад?

Ғоиб Назарович баъди дӯғу пӯписаи зиёд амр карда буд, ки то табрикномаи устод набошад, ҷашнномa чоп нахоҳад шуд. Ҳаминро гуфтам. Устод ба кисаҳои чуқури шимашон даст андохта, коғазеро бароварда, ишора карданд, ки ҳамроҳашон

бираваем. Ҳарду аз бинои редаксия ба бинои якқабатаи Иттифоқи нависандагон роҳӣ шудем. Масофаи панҷоҳметраро тахмин ним соат тай кардем. Баъди ҳар ду-се қадам устод истода, раҳорах ягон лаҳзаи зиндагии асрии халқамонро қисса мекарданд.

Соли 1925 устод Айнӣ барои мо материал пур кардани 25 ҷузи чопӣ ба даҳҳо идора занг задаву аз ташвишҳояшон ба ҳаяҷон гап мезаданд, ки оё Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ӯҳдаи чунин як коре мебаромада бошад ё на. Акнун бубинед, ки ҳоло фақат «Ирфон» (Нашриёт – С. А.) соле 381 номгӯй китобро дар ҳаҷми се ҳазор ҷузъи чопӣ бо адади 6 миллёну 778 ҳазор нусха чоп мекунад. – Ва бо сатри Хоҷа Ҳофиз хулоса карданд: бубин тафовути раҳ аз куҷост то ба куҷо.

Бисту ҳафтуми феврал котибаи устод маро ҷеғ зад. Рафтам. Кунҷи паҳлӯи тиреза камин забона мезад. Чашми устод ба забонаи оташ буд, табъашон чоқ манзур мегардид. Мақолачаи дирӯз додаашонро чоп карда оварда будам. Фармуданд, ки ба нусхаи дуюм ман нигоҳ кунам. Бо овози баланд хонданд. Инҷониб абзатсе ба табрикнома илова карда будам, ки чунин буд: «Акнун аъзоёни коллективи як газета дар арафаи ҷашнашон як китоби мукаммалро ба чоп ҳозир кардаанд ва қайду лавҳа, очерку ҳикояҳоро интихобан ба он ҷой додаанд. Ҳамин як далел исботи он аст, ки дар Тоҷикистони азиз мо, дар боғи шукуфони журналистикаю адабиёти мо чӣ қадар қувваҳои ҷавону пурумед тарбия ёфтаанду ба камол расида истодаанд».

Ҷумларо умуман маъқул ёфта ҳамзамон гуфтанд, ки далелу исбот як чиз аст. Ва илова карданд: «Модом ки боғ гуфтем, дар боғ ниҳол шуданаш шарт». Ҳиссаи охири абзатсро ба тариқи зайл таҳрир карданд: «Худи ҳамин далели он аст, ки дар Тоҷикистони азизи мо, дар боғи шукуфони журналистикаю адабиёти мо чӣ қадар ғунчаҳои наврас тарбия ёфта, боиси сарсабзиҳои ин боғ гардидаанд».

Вақте аз ҷой бархоста рафтанӣ будам, устод дасти чап боло карда, чизе гуфтанӣ шуданд. Тавaққуф кардам. Гуфтанд:

– Агар зеҳн монда бошед, публисистикаи ман хусусияти аҷиб дорад. Ин барои худтаърифкунӣ не, як навъ огоҳӣ. Ман ҷумлаҳо ва фикрҳои худро дорам, онҳо ба ҳар тарз ки саф кашанд, як қолаби муайяни фикрию маънавӣ доранд. Онҳоро

шикастан мумкин нест. Аз ин рӯ, агар чизе ба навиштаҳои ман илова кардан хоҳед, ҳатман огоҳ намоед.

Сиюми март ба муносибати панҷоҳумин соли нашри «Тоҷикистони советӣ» дар тарабхонаи «Ором» (сари роҳи Қаратоғ) зиёфат оростем. Устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Боқӣ Раҳимзода дар мошини ГАЗ-24 бо муҳаррир мерафтанд. Мирзомаҳмуд Мирбобоев, ки ба ҳамон қарибиҳо аз Афғонистон баргашта буд, «Волга»-и саб-сабзи наву ялаққосӣ дошт ва мо чанд тан аз газетачиҳо дар он нишастем. Мошини муҳаррир базӯр метофт. Мо мошини Мирзомаҳмудро сахт таъриф мекардем. Як вақт дидем, ки ӯ бо мошини муҳаррир баробар шудааст. Баъди лаҳзае чанги маҳини мошини мо ба рӯи мошини муҳаррир менишаст. Чун аз мошин поин шудем, Ғоиб Назарович аввал Мирзомаҳмуд, баъд маро ҷеғ зад дашном дод.

– Бефаросат, – гуфт ӯ, – магар аз ин гуна одамон пеш гузаштан мумкин аст?

Устод Боқӣ Раимзода, ки бо ҳамроҳонаш меистоду аз рамузи гап пай бурда буд, қадам сӯи Мирзомаҳмуд пеш гузошта гуфт:

– Мо ҳеҷ гап не, йигит, аз ҳамин муҳарриратон пеш нагузаред, шуд.

Ҷанҷол гӯё пасанда шуду базм оғоз гардид. Дар он сухангӯйҳо бисёр буданд ва аксар ба саломатии устодон пайк мебардоштанд, аз ҷумла ман ҳам. Устод Турсунзода ду бор ба сухан баромада, аввал дар васфи Қаратоғу водии Ҳисор, баъд роҷеъ ба матбуот сухан оростанд. Акнун бо ҳар яки мо сӯҳбат мекарданд. Мисли як ҳамкор, рафиқ, устод. Кайфияте дошт ин лаҳзаҳо ногуфтанию нотакрор…

Чунон ки арз доштам, вохӯрию сӯҳбатҳо бо устод хеле зиёданд. Вале ба иллати ба дарозо нарафтани сухан боз аз ду сӯҳбат ёдовар мешавам, ки 16-ум ва 21-уми сентябри соли 1976 барпо шуда буданд.

Рӯзи понздаҳум Ғоиб Назарович (он вақт котиби масъули «Тоҷикистони советӣ» будам) маро ба наздаш хонд. Рӯйхати навтарин хабарҳоро гирифта (ҳар гоҳ ҷеғ зада «дар дунё чӣ гап?» гуфта мепурсид) ба ҳузурашон рафтам.

– Пагоҳ куртаи сафеду галастуки сиёҳ баста биё, – гуфтанд он кас.

– Тинҷӣ ҳаст муаллим?

– Устод меоянд, назди Муҳаммад Сайфиддинович меравем.

Диссертатсияамро ба забони тоҷикӣ навишта будам, аммо ВАК-и назди Совети Вазирони СССР нусхаи русӣ қабул мекард. Аз Ғоиб Назарович илоҷи воқеа хоста будам. Гуфта буд, ки устод гапзанон мекунад.

Устод дар курсии мурассаъ, наздики мизи муҳаррир нишаст ва аз пиёлаи осмонранги пурнақш чой менӯшид. Ба қавли он кас, ман аз вазъи кори илмиам дакалод кардам. Гуфтам, ки ҳини тарҷума салосати ифодаю ибораҳои образнок, рехтагии баёни оригинал заиф мешавад.

Бисту якуми сентябр устод ба идора омаданд. Сӯҳбат аз он хусус сар шуд, ки он кас аллакай ба Муҳаммад Сайфиддинович гапзанон карданду як он касро дидан лозим будааст. Муҳаррир бо супоришҳои таъҷилӣ машғул шуданд, мо ба кабинети котиби масъул гузаштем. Аз имзои «Арслонбек» пурсон шудам, ки дар навиштаҳои солҳои сиюм дучор меомад. «Мухбири даҳанакиамон аз Бауманобод буд, – гуфтанд устод. – Ҳар гоҳ аз он ҷо чизе нависам, номашонро ҳамроҳ мекардам».

Чанде пеш рӯзҳои маданияти тоҷик дар Қирғизистон анҷом ёфта буд. Баёнияи аслии устод аз хулосаҳои матбуот фарқ мекард. Сабаб пурсидам.

– Ман аслан дар бораи Манас ва хонуми тоҷики ӯ, муносибатҳои хешу таборecho халқи қирғизу тоҷик ҳарф задам. Ба матбуот бошад, суханҳои расмии ҳамду сано лозим шудааст.

Ин вақт Ғоиб Назарович даромаданд.

– Набошад, чаро зуд баргаштед? – пурсиданд он кас боз ҳам сафари Қирғизистонро ёдрас шуда.

Устод лабханде зада гуфтанд:

– Янгетона ёд кардам…

Хуб хандидем ва ба роҳ баромадем. Мошин аз пушти бинои собиқ Шӯрои Вазирон ба майдони Ленин баромада, аз чорроҳаи истгоҳи Хонаи матбуот гузашта буд, ки устодон онро манъ карданд.

– Ман, охир, академик, як бор пиёда равем, боке набудагист, – гуфтанд ва аз гӯшаи бинои ТоҷикТа (ҳоло сафорати Покистон) аз мошин фаромаданд. Сӯҳбаткунон то бинои Пре-

зидиуми Академияи илмҳо расидем. Устод Осимӣ меҳмононро хеле хуш пазируфтанд. Чой фармуданд. Саридастӣ масъалаи ман ҳал шуд. «Ба раиси ВАК Кариллов – Угрюмов аз номи ман мактубе нависед, писар. Сабабҳои ба тоҷикӣ ҳимоя шуданро гӯед. Мефиристем, ҳал мешавад. Боз устод як занг мезананд».

Ба сӯҳбаташон халал нарасонам гуфта, бо баҳонае берун баромадам. Расо баъди ним соат устодро то Иттифоқ овардем.

Дар фуровард гуфтаниам, ки мактуб ба кадом сабабе имзо нашуд. Расо баъди як сол устод бо ин ҷаҳон падруд гуфта Тоҷикистонро ба мотамхона табдил доданд. Ҳар кӣ дар дафни устод иштирок дошта бошад, меҳру муҳаббати воқеии халқро дидааст – он рӯз тамоми Тоҷикистон гӯё ба Душанбе омада буд…..

Баъди чанд рӯзи дафн назди муаллим Осимӣ рафтам.

– Мактуби ман ҳам бо ҳимояи устод қурб дошт. Акнун корро ба русӣ бояд гардонед, – гуфтанд ва баъди хомӯшии тӯлонӣ илова карданд, – агар пулатон набошад, ман кӯмак мерасонам.

Солҳо мегузаранд. Қофилаҳо дигар мешаванд, сипаҳсолорони нави адаб ба майдон меоянд. Вале касе аз инҳо ҷои якдигарро гирифта наметавонад. Ба хусус устод Турсунзода, ки барои ман як одамият, самимият, садоқат ва дардошноӣ яктои ҷаҳон буданду ҳастанд.

Имрӯз ман устодро дигаргуна мешиносам. Вай ба қавли Николай Тихонов «Одами оҳанрабо» аст. Ӯ дар дили миллионҳо ҷо дорад ва агар гоҳе ин ҷою он ҷо бадгӯе аз ӯ маддоҳ ё хитобагӯ сохтанист, чунин шахс бадкор аст, умри кӯтоҳ дорад, амалаш ҳуҷуми кӯчук ба филро мемонад. Миллати тоҷик, (агар ӯ миллат аст!) бояд номи чунин ашхосро тоҷи ифтихори хеш донад.

*Атахон САЙФУЛЛОЕВ*
*профессор*

# ҶАНБАҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ МИРЗО ТУРСУЗОДА

Устод Мирзо Турсунзода барҳақ қаҳрамони ҳаёт ва адабиёт аст. Дар фармони Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст, ки ба Шоири Тоҷикистон Мирзо Турсунзода барои хизматҳои барҷастааш дар тараққиёти адабиёти муосири тоҷик унвони ифтихории Қаҳрамони Тоҷикистон дода шавад. Ин хизматҳои барҷаста аз чӣ иборатанд? Ба ин савол донишмандон, аҳли илму адабиёт ҷавоб додаанд. Банда мехостам боз як нуктаро афзоям, ки саҳми устод Мирзо Турсунзода дар инкишоф ва такомули саноеи сухан, ҷустуҷӯ ва бозёфтҳои шаклҳои шеъру достон, усулҳои нави тасвиру тадқиқи манзараву масъалаҳои мухталифи воқеият ва ҷамъбастҳои бадеии онҳо низ хеле шоистаанд.

Маълум аст, ки Мирзо Турсунзода ба майдони адабиёт дар солҳои 30-и қарни XX ворид шуд. Ин давраи ба истилоҳ, демократӣ кардан–содаю оммафаҳм ва ба сатҳи фаҳмиши авом созгор овардани забони тоҷикӣ буд. Дар наср намунаи ин сабки нави адабӣ асарҳои устод Айнӣ «Дохунда» ва «Ғуломон», дар назм шеъру таронаҳои устод Лоҳутӣ «Ман фарзанди як деҳқон будам», «Духтари Тоҷикистон», «Пули Вахш», «Духтари заҳматкаш», «Таронаи партизанӣ», «Ман паҳлавонам», «Дар колхози мо» ва дигарҳо мебошад. Ба назари М. Турсунзода ин усул берӯҳу беҷило кардан ва аз асолати худ дур андохтани забони тоҷикӣ буд. Ин аст, ки ӯ натанҳо бо мақолаҳои худ оид ба фарҳанг, театр, драматургия ва забони матбуоту нашриёт, аз он ҷумла, бо мақолаи тезу тунди «Бар зидди вайронкуниҳои забон» (Тоҷикистони сурх», 16 майи соли 1937), ки ҳамроҳи С. Улуғзода, А. Деҳотӣ ва Ҳ. Карим навишта буд, балки бо шеъру достонҳои худ низ дар роҳи покизагӣ, бадеият, умуман бардоштани савияи фарҳангии забони тоҷикӣ саъю талош мекард. Мақола чунин ибтидо ёфтааст: «Дар солҳои охир дар аксарияти газетаҳои ҷумҳуриятӣ ва районии мо вайрон кардани забони тоҷикӣ як ҳодисаи умумӣ шуда мондааст. Газетаҳои мо ба ҷои ин, ки дар ислоҳ ва так-

мили забон, дар интишори забони дурусти адабӣ роҳбарӣ кунанд ва сардорӣ намоянд, баръакс, худашон ба вайронкуниҳои дурушти забони тоҷикӣ роҳ медиҳанд. Газетаи «Тоҷикистони Сурх» ҳам на танҳо аз ин гуна хатокорӣ холӣ нест ва на фақат бар зидди онҳо мубориза намебарад, балки мутаассифона дар ин вайронкуниҳои забони тоҷикӣ пешрав ва пешоҳанг аст».

Дар мақолаи номбурда як қатор мисолҳои вайрон кардани забони тоҷикӣ мавриди танқид қарор гирифтаанд. Сипас чунин хулоса ба назар мерасад: «Инро ғайр аз хиёнаткорӣ дар соҳаи забон ва матбуот чизи дигар номидан мумкин нест. Хоҳ ин ба сабаби бесаводӣ ё камсаводии тарҷумон ба зуҳур ояд, хоҳ ба сабабҳои дигар ва хоҳ аз бепарвоии муҳаррир».

Мирзо Турсунзода риояи покизагии забони адабии тоҷикро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ ва тамоми аҳли қалам ба шумор меоварад ва ҳаракат мекард , ки дар ашъори худ низ ҳусни забонро нигоҳ дорад . Дар ҳақиқат шеъри Мирзо Турсунзода аз азал содаю равон, хушоҳангу бетакаллуф, ҷаззобу ширадор, самимӣ, санъатҳои бадеияш рӯшану оммафаҳм буд. Ин хусусиятҳо тадриҷан инкишоф ёфта, аз ҷумлаи омилҳои ташаккули услуби хоси эҷодии ӯ гардиданд.

Сарчашмаи асосии ашъори М. Турсунзода табъи баланд ва тафаккури мунаққаши ӯ буд, ки дар иртибот бо ҳаёти халқ дурдонаҳои назмро меофарид. Шоир дар ин ҷо аз сарватҳои маданияти миллӣ–адабиёти классикӣ ва эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик баҳраҳо мебардошт ва ба омӯзиши таҷрибаи адабиёти ҷаҳон низ шуғл меварзид. Ин омӯзиш дар ҷараёни тамоми зиндагии ӯ мавқеи намоён дошт ва натиҷаҳои хуб ҳосил овард.

Дар марҳилаи аввали эҷодиёти М. Турсунзода (1930-1940) дар ашъори ӯ нақши тақлиди назми форс-тоҷик мушоҳида мешавад, ки инро худи шоир ҳам иқрор мекард. Баҳори соли 1970 устод Турсунзода ва камина аз Варзоб–аз бӯстонсарои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба Душанбе раҳсипор будем. Аз радиои мошин садои Барно Исҳоқова ба гӯш расид, ки матлаи сурудаш ин аст:

*Даме, ки дилбарам монанди гул хандида меояд,*
*Умеди тоза бар дил, нури нав бар дида меояд.*

– Ин як ғазали тақлидии ман аст, ки дар ҷавонӣ сурудаам,– гуфт устод. – Вале соли 1950 дар Лоҳур дар мушоираи шоираҳои Покистон онро қироат кардам, ки шодбошам гуфтанд.

Дарвоқеъ, як идда шеърҳои М. Турсунзода дар солҳои 30-юм зуҳуроти пайравии ӯ ба мероси адабии ниёгон мебошанд. Мусаллам аст, ки тафаккури бадеии шоир аз таъсири мундариҷа ва поэтикаи назми классикӣ раҳоӣ наёфта буд. Шоир бештар аз ҳама ба анвои адабии ғазалу мухаммас ва рубоӣ пайравӣ мекард. Тамсил (Хаёли хом») ва минётурҳои манзаравӣ («Омад канал», «Ба офтоб») эҷод мекунад, ҳикояи манзум «Дил–дили Зайнаб») менависад. Мурочиат ва гуфтугӯи шоир бо Сабо («Омад канал»), Офтоб, («Ба офтоб»), Баҳор («Ба истиқболи баҳор») низ анъанавианд. Воситаҳои тасвири бадеии он асарҳо низ меросӣ–қолабӣ буданд, вале барои ифодаи фикру андешаҳои тоза, ғояҳои даврони нав корбаст мешуданд. Сабки нигориши М. Турсунзода эътиқодмандии ӯро ба Низомии Ганҷавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ собит мекард.

Ин мазмун аз шакли шеърҳои ишқии ӯ–»Ба дилбар» (1938), «Хандида меояд» (1939), «Дар сари тасвир» (1940), «Ба гули боғи тоҷик» (1940), «Ба раққоса (1940) ва дигарҳо падид меояд. Дар баъзе шеърҳо ба ҷуз қаҳрамонони лирикӣ–ошиқ маъшуқ, чун анъана рақиби беадаб низ ширкат меварзад. Аксари ашъори лирикӣ фақат ду қаҳрамон дорад. Воситаҳои тасвир низ асосан анъанавианд: Маъшуқа–гул, қоматаш–сарв, дандонҳояш–садаф, чашмаш–наргис, зулф–сунбул, лабаш–лаъл, чеҳрааш–моҳ ва ғайра. Бояд тазаккур дод, ки пайравии Мирзо Турсунзода аз классикҳои назми форс-тоҷик тақлиди маҳз нест. Дар ашъори суннатиаш ҳам навҷӯӣ ва тозапардозӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, ёр ва дилдоре, ки ӯ тасвир мекунад, мисли маъшуқаҳои ашъори гузаштагон саркаш, ҷаббор, ситамгар, бепарво нестанд, балки озоду меҳрубонанд. Таваҷҷӯҳ кунед:

*Ба ман дилбар чунон ҳам ошноюю меҳрубон гаштаст,*
*Ки ӯ ҳарфи рақибонро дигар нашнида меояд.*

Қаҳрамони лирикаи шоир танҳо маҳсули тахайюли бадеӣ нестанд, балки ба ашъори ӯ аз ҳаёт ворид шудаанд. Онҳо за-

нону духтарони замони нав–олим, муҳандис, ҳунарпеша, омӯзгор, пизишк ва амсоли инҳо–дӯшизагони барӯманд ҳастанд:

*Миёни халқ аҷаб соҳибэътибор шудӣ,*
*Ки номи бошарафат вирди ҳар забон бинам.*

*(Ба гули боғи тоҷик)*

Меҳру муҳаббати қаҳрамони лирикиро на танҳо ҳусну ҷамоли маъшуқа, балки олами ғании маънавӣ ва ахлоқу одоби ҳамидаи ӯ низ ба ҷӯшу хурӯш меоваранд.

Ин гуна қаҳрамон, ба қавли М. Турсунзода, обрӯи шеърро ҳам баланд мебардоштааст:

*Аз обрӯи ту назм ҳам барад сабзиш,*
*Ҳамеша номи ту шаҳбайти шоирон бинам.*

Ошиқ ҳам хислату сифати нав дорад. Вай аз дари ишқ, чунон ки дар назми ниёгон буд, лаб ба шиква намекушояд, балки аз мавқеи баланду эътибори шоистаи ёри худ ифтихор мекунад. Порчае аз шеъри «Дар сари тасвир» меоварем:

*Сад чаман гул резад аз ҳар хандаат, эй нозанин,*
*Дона-дона борад аз ҳар лафзи ту дур бар замин.*
*Дар миёни олимон гардидаӣ болонишин,*
*Халқ мегӯяд ба ин фазлу камолат офарин,*
*Фахрҳо карда ман аз ин сар ба боло мекашам.*

Дар лирикаи ишқии М. Турсунзода халқ ҳамчун довари сифатҳои маънавии ёр шомил гардид, ки ин ҳам яке аз падидаҳои навҷӯии шоир ба шумор меояд.

Аз ашъори иҷтимоӣ, ба таъбири устод Айнӣ, ашъори миллии М. Турсунзода, ки дар нимаи дуюми солҳои сиюм таълиф шуда, кӯшишҳои шоирро дар ҷодаи навпардозӣ нишон медиҳанд, «Мамлакати тиллоӣ» (1930) , «Ба духтари Астурия» (1938), «Оҳанрабо» (1939) ва «Чаманистон» (1940)-ро метавон ёдовар шуд. Агар шеъри «Ба духтари Астурия»-ро истисно бикунем, ки он мавзӯи байналмилалӣ–бо сарварии Долорес Иббарури бар зидди фашизм бархостани халқи Испанияро бо

ташбеҳу тавсиф ва қофиябандии тоза (абба) фаро мегирад, се шеъри дигар дар мавзӯи ватанхоҳӣ таълиф шудаанд. Ин шеърҳо намунаи пайванди анъана ва навоварӣ маҳсуб мешаванд. «Мамлакати тиллоӣ» аз лиҳози шакл мухаммас, «Оҳанрабо» мусаддас, «Чаманистон» менавист. Ҳамаи онҳо рӯҳи баланди романтикӣ доранд. Воситаҳои тасвири бадеӣ низ ба пафоси романтикии ин шеърҳо вобастаанд. Онҳо эҳсосоти пурҷӯшу хурӯш, оҳанги мутантан, рангу равғани рӯшан, шаффофу пурчило, тавсифу ташбеҳ, тазоду муқобила, муболиғаҳои дилнишин доранд. Андешаҳои шоирона, мурғи тахайюлот, биниш ва хоҳиш, орзу ва омоли М. Турсунзода назар ба ҳақиқати воқеӣ баландтар ва дуртар, рӯ ба ояндаи некӯтар парвоз мекунанд.

Дар ҳамон солҳое, ки навсозии ҷумҳурӣ, сохтмони роҳҳою каналҳо, поягузории иқтисодиёти ҷадид, илм ва фарҳанги сифатан нав сурат мегирифтанд, устод Турсунзода бо ифтихори миллии ватанхоҳӣ Тоҷикистонро «Мамлакати тиллоӣ» номида, «аз рангу бӯи беназири дилкаши» он ҳарф мезад ва такрор ба такрор мегуфт, ки Ватани мо «биҳишти бемисли марду зан» аст, «ҳеҷ дар дунё надорад рангу бӯяшро чаман».

Қаҳрамони лирикӣ дар оғӯши ободу осудаи он худро чун паррандаи озод, мисли оҳуи хушҷавлон ва монанди сарҳадбони ҳушёру бедор ҳис мекунад, ки ин гуна ташбеҳот ҳамроҳи тавсифҳои қомати сабзу кӯҳсори хуррам, хубии дилкушою ҳусни зебо, боғу бӯстони пурсамар, нурҳои офтобии чароғи барқ ва дигар сифатҳои мамлакат мазмуну моҳияти романтикии образро хеле рӯшан ифода менамоянд. Дар ин маврид байни қаҳрамони лирикии мухаммас ва шахсияти шоире, ки манзараҳои дилрабои ватан ӯро ғазалхон кардааст, ваҳдати том рух медиҳад:

*Дар фазоят мепарам озод чун паррандагон,*
*Медавам дар кӯҳсори хуррамат чун оҳувон.*
*Сарҳадатро мекунам наззора ҳамчун посбон,*
*Шеърхонон дар Амуят бо шино ҳастам равон,*
*Шоиронро ҳусни зебоят ғазалхон мекунад.*

Тасвири симои тозабунёди Ватан водор менамояд, ки Мирзо Турсунзода суханони пурҳарорат, таъсирбахш, ташбеҳу

тавсиф, истиораю маҷоз, муболиғаю иғроқ, умуман воситаҳои нави суварнигорӣ ҷустуҷӯ намояд ва дар ковишҳои санъати каломи бадеӣ муваффақ гардад.

Дар ҳамаи ашъори ватанхоҳонаи Мирзо Турсунзода ваҳдати халқу Ватан чун ғояи олии ҳаётбахш ва нерӯи шикастнопазир бо шаклҳои хубу марғуб ифода ёфтаанд. Аз он ҷумла тавсифу ташбеҳи зерин дар байти нақароти шеъри «Оҳанрабо» хеле дилпазиранд:

*Чунки инсонро фазои дилкушо гардидаӣ,*
*Халқ чун оҳан, ту чун оҳанрабо гардидаӣ.*

Шоир дар шеъри «Чаманистон» сифатҳои тозаи Ватан ва пайванди ёру диёрро ба риштаи тасвир мекашад:

*Қурбони ту, эй диёри ишқам,*
*Боғу чаману баҳори ишқам.*

Мирзо Турсунзода дар тавсифи Ватан образҳои кайҳонии моҳи тобон, хуршеди фалак, олами набогот ва амсоли инҳоро корбаст мекунад. Ташбеҳу тавсифҳо, муболиғаю иғроқи зебо ва тазоду муқобилаи назаррасро дарбар мегиранд, ки онҳо дар назми ирфонӣ маъмул бошанд ҳам, шоир дар шеъри худ ба зиммаи онҳо вазифаҳои нави ғоявию бадеӣ мегузорад:

*Аз нури ту чашми ман дурухшон,*
*Аз рӯи ту маҳфилам чароғон.*
*Пурнур ту мисли офтобӣ,*
*Фарзанди азизи инқилобӣ.*
*Ҳуснат ба ҷаҳони торикистон*
*Пошид зиё чу моҳи тобон.*

Мехостам таваҷҷӯҳи мухлисони эҷодиёти Мирзо Турсунзодаро ба чунин байт ҷалб намоям, ки шоир таровати нави боғу ҷамоли офтобро аз таҷаллии ҳусни Ватан иборат медонад:

*Боғ аз ту таровати нав омӯхт,*
*Хуршеди фалак ҷамол афрӯхт.*

Мирзо Турсунзода дар «Чаманистон» Тоҷикистонро чун мамлакате ба тасвир овард, ки муҳаббати ҷаҳониёнро ба худ кашидааст, зеро ин боғу бӯстони сабзу хуррам аз нигоҳи шоир машъали Шарқ гардидааст:

*Эй хурраму сабз боғу бӯстон,*
*Эй машъали Шарқ–Тоҷикистон.*
*Навъи башар аз ту сарфароз аст,*
*Дастони муҳаббаташ дароз аст…*

Мирзо Турсунзода бори аввал дар шеъри «Чаманистон» абёти ҳикматпарвару пандомӯз гуфтааст. Чунончи:

*Ҳар кас, ки бувад туро дар оғӯш,*
*Аз ишқи ту мезанад дилаш ҷӯш.*

*Ҳар бор рухат чу гул кушояд,*
*Лаъл аз дили санг берун ояд.*

*Ҳар кас, ки ба ишқи ту қадам зад,*
*Номаш ба сари фалак алам зад.*

*Аз оби ту ҳар касе, ки нӯшид,*
*Дар роҳи ту содиқона кӯшид.*

Минбаъд панду ҳикмате, ки ба зарбулмасалу мақолаҳои халқӣ наздиканд ва ақлу хиради миллатро ифода менамоянд, дар шеъру достонҳои М. Турсунзода равнақ ёфтанд.

Мирзо Турсунзода дар роҳи аз бар кардани вазнҳои назми тоҷик аз айёми ҷавонии худ бисёр заҳмат мекашид. Ӯ бештар авзонеро истифода мебурд, ки ба кайфият, ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳадафҳои эҷодиаш созгор оянд. Мо аз ашъори давраи аввали шоир 27 шеърро аз лиҳози вазн баррасӣ кардем. Маълум гардид, ки М. Турсунзода бештар аз ҳама дар баҳрҳои ҳаҷаз, рамал, хафиф шеър гуфтааст. Даҳ аркони баҳри ҳаҷаз, се аркони баҳри рамал, як музореъ, як муҷтаз, ки ду баҳри охирин баҳрҳои фаръӣ ва хеле душворанд, ба назар расиданд. Устод бештар баҳри ҳаҷазро дӯст медоштааст. Ин баҳр мисли мусиқии дилнишин хушоҳанг аст, ҷӯшу хурӯши дил,

силсиламавҷҳои эҳсос, ҳаяҷони пуршӯру шари эмотсионалиро пурра ифода карда метавонад. Масалан, шеъри «Ба дилбар» бо ҳаҷази мусаддаси ахраби мақбузи маҳфуз навишта шудааст:

*Эй духтари нозанини қадрас,*
*Зебанда туро либоси атлас,*
*Ҷононаи ман фақат туӣ бас,*
*Чашмак зада ман ба сӯи ҳар кас,*
*Доим зи паят қадам гузорам.*

Мафъӯлу мафоилун фаӯлун
– – у /у–у–/у– –

Баҳри ҳаҷазро шоироне дӯст медоранд, ки бо сабки хуросонӣ шеър мегӯянд.

Шеъри «Ба гули боғи тоҷик» дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни маҳфуз навишта шудааст:

*Чӣ гӯямат, ки азизам, туро дар он бинам,*
*Ба пеши хеш чу оина ҳар замон бинам.*

Мафоилун фаилотун мафоилун фаълун
у–у–\ уу– –\у–у–\- – –

Шеъри «Ба офтоб» дар баҳри музореъи мусаммани ахраби махбуни макзуф эҷод гардидааст.

*Ҷӯӣ, Офтоб, манзили хеш аз диёри ман,*
*Ҷои арӯси лаълрухат аз канори ман.*

Мафъулу фоилоту мафоилун фоилун
– –у/ –у – у/ у– у–/–у–

Минбаъд баҳрҳои назми М. Турсунзода хеле афзуданд.

Ба ҳамин тариқ, солҳои сиюми қарни XX-даҳ соли аввали фаъолияти адабии М. Турсунзода давраи ташаккули ӯ ҳамчун шоири ҷӯянда ҳам дар мазмун, ҳам дар шакл, ҳам дар сабку ҳунари эҷодӣ буд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ на танҳо нерӯҳои мухталиф бар алайҳи ҳамдигар мубориза мебурданд, балки сухан ҳам мардонавор ба майдони набард шомил шуда буд, сухани шоирон ба муқобили душман қаҳрамонона ҷонфидоӣ мекард.

Суханони Мирзо Турсунзода ҳам дар байни сарбозон ва афсарони шӯравӣ ғамҳои ватанхоҳиро густариш медод. Аз шеъри «Хайр, модари азиз!» то «Фарзанди ту меояд» тамоми осори ӯ мардумро ба дифои мамлакат даъват мекарданд. Бахусус панду ҳикматҳои шоир нишонрас буданд, онҳо пафоси баланди публитсистӣ доштанд:

*Банда нагардем ба кас ҳеҷ гоҳ,*
*Чоҳкан афтода шавад зери чоҳ.*
*Ҳар кӣ ҷасур аст, Ватан ҷои ӯст,*
*Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст.*
*Шарти бузургӣ, ки далерӣ бувад,*
*Душмани қаттоли асирӣ бувад.*
*Ҳар кӣ далер аст, нагардад ғулом,*
*Зиндаю озод бимонад мудом.*

Андешаҳои ҳикматомези шоир мундариҷаи амиқи ватанхоҳӣ касб карданд ва хеле мӯъҷазу рехта, бо маҳорати баланди шоирӣ ба зуҳур омаданд. «Барои Ватан» (1942) ном достони М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ аз панду ҳикматҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ғанӣ ҳастанд.

Панду ҳикмат муҳимтарин шакли тазоҳуроти санъати саҳли мумтанеъ аст, ки он аз ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ ва маҳорати комили шоир далолат мекунад. Офаридани ин гуна ашъор зоҳиран саҳлу осон намояд ҳам, моҳиятан хеле душвор аст. Ба фикри мо, сабаби фаровонии панду ҳикматҳои нишонрас дар эҷодиёти М. Турсунзодаро омӯзиши эҷодкоронаи ӯ аз адабиёти классикии форс-тоҷик, фолклори миллӣ ва ақлу хиради ғании халқ аст.

Ба ин сарчашмаҳо баҳра бардоштани М. Турсунзода аз таҷрибаи рӯзгор илова мекунем. Панду ҳикматҳо падидаи рӯшани тафаккури бадеии халқи тоҷик мебошанд, ки бо шаклу мазмунҳои рангоранг ба ҷилва омадаанд. Панду ҳикматҳои Мирзо Турсунзода намунаҳои олии санъати сухан ба шумор мераванд. Онҳо мавзӯъву масъалаҳои хеле гуногунро фаро мегиранд.

Масалан, дар мавзӯҳои сиёсӣ:

*1. Метавонад ҳар касе, ки зӯр шуд, ғолиб шавад,*
*Молу мулки дигаронро ояду соҳиб шавад.*
*Нест аммо қуввае, ки азмро орад завол,*
*Рӯҳи озодипарастонро намояд поймол.*
*Баҳри озодӣ садои Осиё омад ба гӯш,*
*Хуни халқи Осиё омад ба ҷӯш,Омад ба ҷӯш!*

*2. Ҳар кишваре, ки озод агар нест,*
*Нафъе ба одам з-он мамлакат чист?*

*3. Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

Дар боби ахлоқ:

*1. Касе, к-ӯ боварии халқро арзанда мегардад,*
*Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.*

*2. Ба қасам то абад вафо кардан*
*Сарбаландии ҳар як инсон аст.*
*Ҳам қасам хӯрда, ҳам адо кардан*
*Ин фақат кори ҷумла мардон аст.*

*3. Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,*
*Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.*

*4. Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,*
*Гарчи дар чашми шумо манзур нест.*

Роҷеъ ба мақоми зан дар ҷомеа:

*1. Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо,*
*Норасида бодае дар ҷом мемондем мо.*
*Зан агар моро намебахшид умри бардавом,*
*Бетахаллус, бенасаб, беном мемондем мо.*

Ин гуна мисолҳо дар асарҳои М. Турсунзода фаровонанд.

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» (1948) ва қисмати дуюми он «Сайёҳи

Ҳинд» (1948) чи аз ҷиҳати кашфи бадеии масоили байналмилалӣ, ба хусус дӯстии Ҳиндустон ва шӯравӣ, чи аз лиҳози вусъати фикру андешаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, чи аз ҳайси санъати волои сухан марҳилаи нав ба вуҷуд оварданд. М. Турсунзода устоди забардасти лирикаи сиёсӣ гардид. Ин шеърҳо ба पояи баланди сифатан нав расидани ҷаҳонбинӣ ва маҳорати адабии шоирро нишон медиҳанд. Онҳо аз рӯи мундариҷа, ҳаҷм ва шакли худ, ба истиснои «Бозгашт» ва «Боғи муаллақ», ҳар кадоме як достони кӯчак маҳсуб мешаванд. Онҳо дар замони худ зуд ба забони русӣ, дигар забонҳои ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва хориҷӣ тарҷума шуданд ва дар адабиёти сермиллати шӯравӣ ҳамчун воқеаи тоза шӯру шарар ва ғулғула ангехтанд. Дар адабиёти ба вежа, халқҳои бародар «Қиссаи Ҳиндустон» пайравони зиёде пайдо кард, ки аз туркман Қаро Сейтлиев (китоби «Гулҳои Ҳиндустон») то шоири машҳури литвонӣ Эдуардас Межелайтис «Майяи ман», «Нақш», Маҳабҳарата» «Минётурҳо» ва ғайра) аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Мирзо Турсунзодаро даҳҳо шоирон пайравӣ мекарданд.

Бешубҳа, яке аз сабабҳои шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардани эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар «Қиссаи Ҳиндустон» ба зуҳур омадани паҳлӯҳои нав ба нави ҳунари шоирӣ, ба сайқал расидани тафаккур ва тахайюли рангин ва санъати сухан ба шумор меоянд. Шоири мумтоз, ки ба қавли худаш, аз айёми кӯдакӣ ба кишвари афсонавии Ҳиндустон ва ривоятҳои бисёре дар бораи он, ба рақсу сурудҳои нотакрор ва соф халқии онҳо таваҷҷӯҳи хосса ва шавқи ҳавас дошт, баъди ошноӣ бо ҳаёти Ҳиндустон ва синфу табақоти гуногуни аҳолии он, дар роҳи дарк ва тасвири бадеии манзараҳои афсонавии ин мамлакат ва рӯзгори пуршӯри халқи он баробари усул ва воситаҳои инъикоси реалистӣ аз дигар шаклҳои баррасӣ, таҳлил ва ҷамъбасти воқеаҳои зиндагӣ–қиссаву ривоят, рамзу тамсил, хотирот, тасвирҳои шартӣ ва амсоли инҳо моҳирона истифода мебарад. Дар вақташ худи устод М. Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон»-ро баллада номида буд, ки ривоят гуфтан аст. Дар он ривоят ва ҳақиқати воқеӣ ба ҳам марбутанд. «Рӯди Ганг» аз рамзу тамсил иборат аст. Рӯди азими Ганг тимсоли халқи бузурги Ҳиндустон аст. Вагарна шоир муроҷиатан ба рӯди равон намегуфт:

*Рози дилро ниҳон макун аз ман,*
*Аз барои савоб, о ба сухан!*

Ё ки рӯди Гангро ба ҷӯшу хурӯш, ҷавонию мубориза даъват намекард:

*Ҳарчи бошад, бузург рӯд астӣ,*
*Ҳиссаи баҳри беҳудудастӣ.*
*Рӯдворона зиндагонӣ кун,*
*Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун!*

Дар шеъри «Кулоҳи профессор Ахвледиани» усули шартии тасвир корбаст шудааст. Профессор қиссаҳои халиҷи Форс– ҳилаю найранги низомиёни хориҷиро аз забони кулоҳе баён мекунад, ки онро бод бурда буд. Ҳикояти кулоҳ сар то по аз санъати ташхис иборат аст.

*Чун нишастам ба рӯи аспи шамол,*
*Пеш омад маро аҷаб иқбол:*
*Ҳар тараф лашкаре фузун дидам,*
*Тӯпу тайёраҳои ғун дидам…*

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон»-ро санъатҳои ғании лафзию маънавӣ оро додаанд.

Бунёди баъзе шеърҳо сар то по бар санъати тазоду муқобила қарор гирифтаанд. Онҳо санъати маҳз нестанд. Балки мундариҷаи ғоявӣ, ҳадафу муддаои мафкуравӣ дар бар кардаанд. Санъати мазкур на танҳо дар истифодаи лафзу маънӣ ба назар мерасад. Масалан, аз «Кулоҳи профессор Ахвледиани»:

*Рӯ ба рӯ омаданд як муддат*
*Субҳи пурнуру шоми пурзулмат.*

Ин санъат дар тамоми банду басти шеър дида мешавад. Лавҳаҳо, манзараҳо, нақшҳо – ҳама аз тазоду муқобила иборатанд. Намунаи барҷастаи он шеърҳои «Тоҷмаҳал» ва «Ду роҳ» буда метавонанд. Чунончи, тазоди байни «Қасри монанди моҳ нурафкан» – ёдгори қадими Тоҷмаҳал, ки Шоҳи Ҷаҳон ба хо-

тири завҷаи меҳрубонаш Мумтоз барпо карда буд ва меҳмонхонаи «Тоҷмаҳал» дар соҳили рӯди Ҷамна, ки «Маркази фитнаҷӯӣ шуд, Ҳар кафандӯзу мурдашӯе шуд», ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Дар ин шеър боз дигар манзараҳои зиддияти иҷтимоии ҳаёт, бархурди манфиатҳои табақоту синфҳои ҷамъият, балки давлатҳо ҳастанд, ки бо санъати шоиронаи тазоду муқобила мурассаъ гардидаанд.

Санъати такрор, ки дар бисёр шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» бо мақсади таъкиди фикр ва изҳори мавҷи ҳиссиёту изтироб истифода шудааст, дар шеъри «Тоҷмаҳал» як пайвандаки саволии Ё тааҷҷуб ва ҳайрати шоирро аз зебогии мафтункунандаи қасри Тоҷмаҳал, эҳсосоти нозук ва табъи латифи зебоиписанди ӯро аз ин мӯъчизаи ҳунари дасти инсон ифода менамояд:

*Ё самову замин тагу рӯ шуд,*
*Моҳ ду паллаи тарозу шуд.*
*Ё дар ин мулк халқи бечора*
*Рух кунад равшан аз ду маҳпора.*
*Ё магар Агра–шаҳри вайрона,*
*Гашта бо моҳи пурра ҳамхона…*

Ин порчаи комилан санъат андар санъат аст. Баробари санъати такрор боз ду санъати дигар–саволу ҷавоб ва таҷоҳули ориф ба назар мерасанд. Моҳияти онҳоро Мирзо Турсунзода дар ду байти хотимавии қисми аввали шеър ошкор менамояд:

*Рост гӯям, на ину на он аст,*
*Ҳама осори дасти инсон аст.*
*Халқ афрӯхт аз ҳунар машъал,*
*Номи онро гузошт Тоҷмаҳал.*

Мо дар бораи ташбеҳу истиораву маҷози зебо ва муболиғаҳои дилрабояш таваққуф намекунем. Онҳо ба ҳама равшананд.

Мо ишора карда будем, ки Мирзо Турсунзода ба ҳикматписандӣ аз марҳилаи аввали эҷодиёташ майлу рағбати гарм дошт. Дар ашъори ҳиндустонии шоир ин ҳунари ӯ гул-

гул шукуфтааст. Чунончи, дар шеъри «Тоҷмаҳал» байтҳои пурҳикмат пайдарҳам меоянд, гӯё дили шоир дарё, тафаккури рангинаш баҳрест ва мавҷҳои андешаю эҳсосот ба шӯр омада, он дурдонаҳоро берун меандозанд. Баъзе пораҳои шеъри М. Турсунзода комилан аз хулосаҳои зиндагӣ, ба таъбири устод Рӯдакӣ «аз таҷрибаи рӯзгор» фароҳам омадаанд. Дар онҳо зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ низ истифода шудаанд. Худи он байтҳои шоир низ ҳамранги панду андарзҳои мардумианд. Инак, чанд намуна:

*Косаи сабри мо, ки лабрез аст,*
*Ғазаби мо чу теғи дамтез аст.*
*Дар лаби ҷӯю ташнаи обем,*
*Ёр дар хонаю намеёбем.*

*Тира то кай ситораи бахт аст,*
*Ганҷ дар хона, диданаш сахт аст.*
*Нашнавад сер чашми дунёдор*
*Ҳеҷ аз симу ганҷи бемиқдор...*
*Чашми дунёпарастро танҳо*
*Мекунад сер хоки гӯри сиёҳ.*

М. Турсунзода тарафҳои гуногуни ҳаёти халқи ҳиндуро фаро гирифтааст. Санъати хеле нозук, мураккаб, сеҳрангез ва ҷозибаноки рақси ҳиндӣ дар шеъри «Тара Чандри» тасвир ёфтааст.

Қаҳрамони шеъри мазкур шахси воқеист. Вай раққосаи машҳури Ҳиндустон Тара Чандри мебошад, ки М. Турсунзода ӯро мешинохт, бо ӯ сӯҳбат дошт ва аз санъату ҳунари ӯ мафтун гардида буд.

*Ба вақти рақси мавзунат, ба чашмони пурафсунат,*
*Кабӯтар дар ҳаво, оҳу ба саҳро гашта маҷнунат.*
*Ба вақти чархгардонат, ба гирди пои печонат,*
*Намояд ҷилва дар чашмам пари товус ба домонат.*

Дар маркази диққат тавсифи рақс гузошта шудааст. Шоир барои нишон додани сифати рақс тавсифҳои муносиб пайдо кардааст. Рақс на танҳо аз ҳаракати мавзун иборат аст, балки

дигар унсурҳо низ дорад. Чашми пурафсун, нигоҳҳои пурмазмун ҳолати психологии қаҳрамон ва моҳияти рақсро пурратар ифода мекунанд. Ҳамоҳангӣ ва ҳамқофиягии калимаҳои ҳар мисраъ, ки бетакаллуф ба зуҳур омадаанд, ҳолати табиии рақсро баён мекунанд. Ин тариқ воқеъ шудани сухан як навъи зуқофиятайн мебошад, ки на фақат ҳамқофиягии мисраъҳоро, балки қофиянокии калимаҳои дохили ҳар як сатрро низ ба вуҷуд овардааст. Масалан, дар мисраи якум калимаҳои мавзунат ва пурафсунат на танҳо ҳамоҳанганд ва дар вақти ба ду тақсим кардани сатр ҳамқофия мешаванд, балки онҳо аз мисраи дуюм ба калимаи маҷнунат низ ҳамқофия мебошанд. Дар мисраи дуюм калимаҳои ҳаво ва саҳро низ ҳамоҳанганд. Суханҳои чархгардонат ва печонат на танҳо байни худ қофияву оҳанг доранд, балки бо калимаи домонат аз мисраи чорум ҳамқофия ва ҳамоҳанг афтодаанд. Дар шакли маснавӣ (аа, бб) қофиябандӣ шудани мисраъҳо низ оҳангнокии шеър ва мавзунии рақсро таъкид мекунанд.

Сифати рақсро об разҳои нисбатдиҳанда ва муқоисавии шеър боз ҳам равшантар карда, боиси пурратар ба назар расидани образи санъаткор мегарданд. Образҳои кабӯтар, ки дар парвозу муаллақзанӣ ҳунари махсус дорад, оҳуи саҳро, ки бо гарданфарозию хиромидан, чашмони зебо ва нигоҳи гиро шӯҳрат дорад, ҷилваҳои рангини пари товус, ки чашмро мебаранд, аз олами табиат гирифта шуда, ба ҳунарнамоии аъзои ҷамъият нисбат дода шудаанд. Зиёда аз ин, шоир аз як тараф, аз тамошои рақси Тара Чандри маҷнун шудани кабӯтарро дар ҳаво, оҳуро дар саҳро таъкид карда, афзалияти ҳунарии раққосаро васф кунад, аз тарафи дигар, дар вақти ҳаракатҳои раққоса домани мунаққаши ӯро ба пари товус ташбеҳ кардааст. Ба ҳамин тариқ, «бозингари ҳинду» пайваста ба олами зебои табиат тасвир шудааст.

*Ба ҷунбиш мавҷи дарёӣ, ба лағжиш реги саҳроӣ,*
*Ҳунарманду ҳунарпеша зи сар то нохуни поӣ!*
*Сабук чун парниёнӣ ту, беҳ аз оби равонӣ ту,*
*Ба каф дурри гаронӣ ту, ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!*

Дар ин порча низ ҳамон санъатҳои шеърӣ, ки дар таҳлили ду байти сақф дидем, истифода шудаанд: ҳар мисраъ ба ду

тақсим мешавад. Ба ҷуз сатрҳои дуюм ва чорум мисраъҳои боқимонда ба ду ниммисраӣ тақсим шаванд ҳам, қофияи худро гум намекунанд. Ин қофияҳо аз ҳисоби ҳамоҳангии калимаҳо ба вуҷуд омадаанд, ки ба ҳамдигар мувозӣ мебошанд. Масалан, сатрро ба ду тақсим карда, чунин хондан ҳам мумкин аст:

*Агар бо рақс бархезӣ,*
*Ҳавои форам ангезӣ...*

Дар ин сурат вазну қофия низ нигоҳ дошта мешаванд. Ғайр аз ин, калимаи бархезӣ бо калимаи ангезӣ ва гул резӣ, сухани дарёӣ бо саҳроӣ ва поӣ, лафзи парниёнӣ ту бо равонӣ ту, тавсифи гаронӣ ту бо ҷонӣ ту ҳамоҳанг ва ҳамқофия афтода шеърро гӯёву шево, мавзуну хушсадо кардаанд. Тавсифҳои «ҳунарманду ҳунарпеша» ва «ба тан ҷонӣ ту, ҷонӣ ту!» такрор шуда, маънои таъкидии худро афзудааст.

Шоир ҳаракатҳои раққосаро ба мавҷи дарё ва реги саҳро, назокату латофати онро ба парниён ва оби равон монанд карда, манзараи зебое ба вуҷуд овардааст.

М. Турсунзода дар байни Тара Чандри, раққосаи асри бист ва Комде, қаҳрамони достони Бедил «Комде ва Мадан» (асри XXVII) монандие дидааст. Дар байни қаҳрамонони ду асар сесад сол фосила вуҷуд дошта бошад ҳам, онҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳамдигар қаробат доштаанд. Ин наздикӣ дар шеъри М. Турсунзода талмеҳан таъкид шудааст. Ӯ менависад:

*Ба мисли Комде дар ҳусну дар санъат ҷаҳонгирӣ,*
*Ту, эй раққосаи даврон, Тара Чандри, Тара Чандри!*

М. Турсунзода пеш аз ҳама монандии зоҳирӣ–дар ҳусну латофат ҷаҳонгир будани Комде ва Тара Чандиро ёдовар шудааст. Комде дар замони худ ва Тара Чандри дар давраи мо дар санъати ракс низ ангуштнамо буданд. Бубинед, ки Бедил зебоӣ ва ҳунарнамоии Комдеро чӣ тавр тасвир кардааст:

*Комде ном лӯъбати найранг*
*Дошт раққосаи тарабоҳанг.*
*Сад қиёмат зи шӯхиаш гарде,*
*Сад баҳор аз гулаш раҳоварде.*

*Дар мақоме, ки рақси мавзун дошт,*
*Холи товус гирди Маҷнун дошт.*
*Ҷоми давраш ба ҳаркати ҳамвор,*
*Ҳар куҷо дошт гардиши паргор.*
*Хатти соғар зи рашк хун мехӯрд,*
*Шӯъла ҷаввола мешуду мемурд.*
*Гар ба абрӯ шудӣ ишоранавоз,*
*Дар хами чанг мехеазид овоз.*
*В-ар ба ангушт менамуд ишъор,*
*Об мешуд навои мусиқор.*
*Азми рақсаш ба қоматороӣ*
*Ҳар куҷо кард фитнапаймоӣ...*
*Ҳосилуламр он биҳиштнамуд*
*Ҳар чӣ буд–офати ду олам буд.*

Баъзе тавсифу ташбеҳоти шеъри М. Турсунзода ба воситаҳои тасвири бадеии достони Бедил наздиканд. Бедил гуфтааст:

*Ба мақоме, ки рақси мавзун дошт,*
*Хели товус гирди Маҷнун дошт.*

М. Турсунзода навиштааст:

*Ба вақти рақси мавзунат, ба чашмони пурафсунат,*
*Кабӯтар дар ҳаво, оҳу ба саҳро гашта маҷнунат.*
*Ба вақти чархгардонат, бар гирди пои печонат,*
*Намояд ҷилва дар чашмам пари товус ба домонат.*

Таъбиру ифодаҳои «рақси мавзун», «маҷнун», «чархгардон», «пои печон», «товус» ё айнан ё ба шакли дигаре дар порчаҳои ба тариқи муқоиса овардаамон дида мешаванд. Лекин гап фақат дар қаробати воситаҳои тасвир нест. Такдири Комде ва Тара Чандри низ ба ҳамдигар шабеҳ будаанд. Агар шоҳи золим Комдеро барои ошиқ шуданаш ба Мадан ҷабру ситам карда бошад, дар шароити ҳукмронии мустамликадорони англис дар Ҳиндустон Тара Чандри низ аз озодӣ ва истиқлол маҳрум буд. Рӯзгори ӯ зери фишору тазйиқи мустабидон мегузашт, санъату маҳорати ӯ дар чашми онҳо қадру қимат надошт. Бинобар он М. Турсунзода кайфияти ноҷӯри

Тара Чандриро дидаву дарк бинмуда, Комдеро ба хотир меоварад:

*Чу дидам дар диёри ту хазони бӯстонеро,*
*Намудам ҷустуҷӯ аз Комде дар он нишонеро.*
*Чу дидам дар сари кӯи ту биншаста ғубореро,*
*Дар он аз Комде ҷустам нишони ёдгореро.*

Дар шеъри М. Турсунзода се образи дигар ҳаст. Яке Бедил, дигаре Ҳофиз ва ниҳоят худи М. Турсунзода. Шоир муносибати ҳар серо ба тақдири шахс дар ҷамъияти истиморгарӣ нишон додааст. Ба ин муносибат саъю кӯшиши ҳар серо дар роҳи ба ҳамдигар наздик овардани халқҳо ва мустаҳкам намудани дӯстии онҳо тасвир кардааст. М. Турсунзода дар бораи Бедил ва меҳнати мӯйшикофонаи ӯ дар бобати тасвири ишқу муҳаббати Комде ва Мадан чунин гуфтааст:

*Ба обу ранги нав Бедил чу омад дар ҷаҳони назм,*
*Аз ӯ ҳусни дигар омӯхт боғу бӯстони назм.*
*Сухан меронд сарбаста, ниҳон медошт маъниро,*
*Ба мисли донаи гавҳар, ки пинҳон аст дар дарё.*
*На муфтӣ буд, на мулло, на бетавфиқ рӯҳонӣ,*
*Фақат мекард дар дунё нигаҳ бо чашми инсонӣ.*
*Сано бар Комде гӯён, суруде аз Мадан хонон,*
*Ба тори назми худ овард ишқи поки ин ёрон.*
*Ба рақси Комде шайдо, ба овози Мадан мафтун,*
*Навишт ин номаи ушшоқ шоир бо дили пурхун.*

Дар ин порча ишорае ба услуби бедилӣ низ ҳаст. М. Турсунзода мураккабии тарзи баёни шоирро қайд кардааст. Вай мегӯяд, ки барои фаҳмидани мазмуну моҳияти асари Бедил ҳамчун ғаввос ба зери дарё рафта, яъне моҳияти эҷодиёти ӯро дарк намуда, гавҳари мақсудро ба даст метавон даровард. Дар ин маврид, ки сухан аз ишқи Комде ва Мадан меравад, гавҳари мақсади достони Бедил танқиди зулму ситам, маҳкум намудани подшоҳи золим, васфи санъату ҳунар, инсони меҳнатӣ ва ишқу муҳаббати он, санохонии адолат ва баёни ғояҳои инсониятпарварист. Мақсади Бедил, чунон ки устод Айнӣ ҳам таъкид кардааст, «иттиҳоди ҳинду ва мусулмонони

Ҳиндустон аст». М. Турсунзода нишон медиҳад, ки Бедил дар роҳи дӯстии тоҷику ҳинду низ хизмат мекард:

*Дили тоҷику ҳинду чун ду шамъи анҷуман афрӯхт,*
*Ба доғи ин ду шамъи анҷуманафрӯз Бедил сӯхт.*

Ишқу ошиқӣ, васфи дилбарони танноз ва изҳори меҳру муҳаббат ба онҳо яке аз шаклҳои тазоҳуроти дӯстӣ ва пайванди халқҳои гуногунмиллат будааст. М. Турсунзода тасвир мекунад, ки Ҳофизи Шерозӣ низ вассофи дӯстӣ буд:

*Ғазал мегуфту дур месуфт Ҳофиз–шоири Шероз,*
*Суханро дода дар васфи шумо, ҷодугарон, пардоз,*
*Дили тоҷику эронӣ муҳаббатгоҳи Ҳофиз шуд,*
*Суруди ошиқон ҳамсӯҳбати дилхоҳи Ҳофиз шуд.*
*Дилу ҷонро фидо кард ӯ барои чашми ҷодуе,*
*Ба зулфони суманбӯе, ба холу хатти ҳиндуе,*
*«Агар он турки шерозӣ ба даст орад дил моро,*
*Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро».*

М. Турсунзода, ки дар эҷодиёти худ беҳтарин анъанаҳои класикҳои назми форс-тоҷик, хусусан ғояҳои пешқадами онҳоро давом дод ва ғанӣ гардонид, бо қаҳрамони шеъри худ Тара Чандри мисли як нафар дӯсти ҷонӣ, дӯсти ҳақиқие, ки ҳаводорони озодии халқи Ҳиндустон аст, сухан меронад. Вай изҳор мекунад, ки ба Ҳиндустон бо мақсади тамошои ин кишвари қадима ва наззораи ҳусни зебои духтарони он наомадааст, балки ҳамчун фарзанди бахтиёри халқи тоҷики озод барои ҷустуҷӯи дӯстию рафоқат сафар кардааст.

*Маро овард дар пеши ту ёди дӯстони ман,*
*Хаёли дӯстони давлати пуршаъну шони ман.*
*Ман аз мулки саодатманд–мулки тоҷикон оям,*
*Ба мисли аввалин бӯи баҳор аз бӯстон оям.*
*Ман аз рақси ту мафтунам, зи ҳолат лек маҳзунам,*
*Тара Чандри… Тара Чандри… макун ин қадр афсунам!*
*Марам аз дӯст чун оҳу, ба ман сирри дилатро гӯ,*
*Тара Чандри! Тара Чандри! Ту эй бозингари ҳинду!*

М. Турсунзода қаҳрамони шеъри худро ба ягонагӣ бо халқи ҳинду, иброз доштани орзую омоли он ва мубориза дар роҳи озодӣ ва истиқлолият даъват мекунад:

*Матарс аз шӯълаҳои аввалини субҳи озодӣ,*
*Маларз аз боди даҳшатноки тӯфон мисли шамшоде.*
*Умеду орзуи халқи худро дар дилам ҷо кун,*
*Дили пурҳасрати онро ба мисли ғунчае во кун.*
*Ту,эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари бебахт,*
*Сияҳчашму сияҳабрӯ, сияҳмӯ, духтари сарсахт!*

(1. 190)

Ғояи шеър ғояи инқилобӣ ва ватанпарварӣ , дӯстӣ ва бародарист.

М. Турсунзода образҳои анъанавӣ ва баъ зе ривоятҳои халқиро бо мақсади навоварӣ ба кор бурдааст. Масалан, холи ҳинду ба маънои холи сиёҳ, чунон ки дар байт и иқтибосӣ аз Ҳофиз ҳаст, дар назми классикӣ хеле фаровон ба назар мерасад. М. Турсунзода бошад, ба он маънои иҷтимоӣ додааст.

*Чӣ хол аст он, ки дар тоқи ду абрӯят кунад бозӣ?*
*Чӣ хол аст ин, ки Ҳофиз шуд ба ҳар қурбоние розӣ?*

Бедил дар васфи Комде гуфтааст:

*Гар зи шӯхӣ гулан арақ мекард,*
*Зӯҳра сад ҷон ниқоб шақ мекард.*

Яъне вақте ки рӯи Комде дар натиҷаи рақсу бозии бисёр арақ мекард, аз зебоии ҷамоли ӯ Зӯҳраи осмонӣ–ин мутрибаи фалак ниқоб дарида ба тамошояш мебаромад.

М. Турсунзода низ образҳои кайҳонӣ, аз он ҷумла, Зӯҳраро истифода карда навиштааст:

*Магар дар осмони ҳусн моҳи тирае дорӣ,*
*Магар худ Зӯҳраву чун Муштарӣ ҳамширае дорӣ?*

Шоир Тара Чандриро ба Зӯҳраи осмонӣ–олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ монанд кардааст. Сайёраи

Муштарӣ низ дар тафаккури халқ муборак шуморида мешавад. Чунончи, Шамси Табрезӣ фармудааст:

*Ҷуз толеи муборак аз Муштарӣ чӣ ёбӣ?*
*Ҷуз зарри нақди холис аз кони зар чӣ ояд?*

Аз байти М. Турсунзода зимнан чунин маънӣ ҳам бармеояд, ки рӯзи мубораки озодӣ наздик аст. Байти зерин талмеҳан ба ривояти халқие навишта шудааст, ки гӯё ганҷинаро мор посбонӣ мекарда бошад:

*Магар дар хонаи абрӯи худ ганҷе ниҳон дорӣ,*
*Ки мисли мор зулфони ба гирдаш посбон дорӣ?*

Чунон ки дида мешавад, образҳои халқӣ ва классикӣ дар шеъри М. Турсунзода мазмуну моҳияти нав касб карда, дар баёни мундариҷаи замонавӣ ҳам чун унсурҳои таркибии санъати реалистӣ истифода шудаанд. Ба ҳамин тариқ, шеъри «Тара Чандри» яке аз беҳтарин шеърҳои сисилаи «Қиссаи Ҳиндустон» аст, ки дар он баробари равшану возеҳ ифода ёфтани ғояҳои озодӣ, дӯстӣ, инсонпарварӣ дар санъати шеър анъана ва навоварӣ хеле марбуту марғуб ба ҳусни баён расидааст.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» чи аз лиҳози мундариҷаи ғоявӣ ва чи аз ҷиҳати санъати бадеӣ комёбии бузурги эҷодии М. Турсунзода ва тамоми адабиёти тоҷик, зиёда аз ин, дар замони худ яке аз муҳимтарин ва арзишноктарин дастовардҳои адабиёти сермиллати шӯравӣ маҳсуб мешуд. Вале шоир бо ин корномаи адабии худ қонеъ нагардид. Ӯ азму шуҷоати адабии худро густариш дод, сафари худро дар олами назм пайваста бо фаъолияти доманадори худ дар ҷабҳаи сиёсат пурбортар кард. Қуллаҳои наву эҷодиёти Мирзо Турсунзода ва шеърияти баланду самимияти комили осори ӯ дар солҳои 50-70-ум бештар ба зуҳур омаданд. Маҳорати шоир дар баррасӣ ва ҳаллу фасли бадеии мураккабтарин мавзӯъу масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва кашфи бадеии олами маънавии инсон пурраю мукаммал ба зуҳур омад. Андешаҳои фалсафӣ ва ахлоқии Мирзо Турсунзода, махсусан бузургдошти инсон ва озодии ӯ, ғояҳои башардӯстӣ, ватанхоҳӣ, ҳуввияти миллӣ,

дӯстию бародарӣ, ягонагию ваҳдати халқҳо, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти миллии халқҳои Осиё ва Африқо, пеш аз ҳама халқи тоҷик, бо перояи санъати волои бадеӣ дар шеъру достонҳои устод ифода ёфтанд. Ин масъалаҳо тадқиқоти махсусро тақозо мекунанд.

Мирзо Турсунзода бо суханҳои гуҳарсони худ Тоҷикистонро бо олами тамаддун бипайваст. Чунон ки Лоиқ Шералӣ фармудааст:

*Варо дарёи назми ту, каломи ту,*
*Варо иқболи ту, роҳу мароми ту*
*Ба дарёҳои олам роҳ бикшодаст,*
*Ки бо ҳар қатрааш ҳар гоҳ бо баҳре биомезад,*
*Бигӯяд бо забони ту, ки ӯ аз Шарқи озод аст!*

Насли нави шоирони тоҷик, ки дар солҳои 60-70-ум ба шеъри муосири мо рӯҳу равони тоза ворид карданд, асолати забони тоҷикиро барқарор намуданд, чунон ки Мӯъмин Қаноат дар суханрониҳои телевизионии худ бо сипосгузорӣ таъкид кард, аз мактаби адабии устод Мирзо Турсунзода, аз сабақҳои Боқӣ Раҳимзода бархурдор шудаанд. Ин аст, ки ҷустуҷӯҳои ғоявию бадеӣ, саъю ҳаракат дар роҳи рушду камоли маънавӣ, баланд бардоштани сатҳи шеърият, қатъи назар аз баъзе заифиҳо, дар тамоми давраҳои тараққиёти адабиёти муосири тоҷик вуҷуд доштанд. Ин хусусиятҳои фаъолияти эҷодӣ ҳамчун арзишҳои эстетикӣ ва мероси маънавӣ аз як насл ба насли дигар мегузаштанд. Дар ин силсила ҳалқаи тиллоии пайванди адабӣ эҷодиёти устоди абадзинда Мирзо Турсунзода буд ва ҳаст.

*Шарафбону ПӮЛОДОВА*
*адабиётшинос*

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА ВА ФАЙЗ АҲМАДИ ФАЙЗ

Устод Мирзо Турсунзода марди ҷаҳонгашта ва одаму оламдида буд. Вай бо тақозои фаъолияти адабӣ ва ҷамъиятиву сиёсиаш ба бисёр мамолики дунё сафар карда ватани азизамон Тоҷикистонро машҳур ва тарғиб намуд. Дар баъзе кишварҳо, ки кули собиқ мамлакати паҳноварамон ва миллату халқиятҳои гуногуни онро бо як калима – »рашн» ифода мекарданду аз ҷумҳурии кӯчаки мо ба таври хосса тасаввуроте надоштанд, онро бо тамоми дастовардҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва илмиву маданиаш маҳз Турсунзода муаррифӣ кардааст. Ҳамзамон ӯ дар як қатор мамлакатҳо харобаҳои ҳузнангези баъдиҷангӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва оқибатҳои нанговари сохти мустаъмариро бо чашми хеш дида, фаъолияти адабӣ, ҷамъиятиву сиёсӣ ва тамоми ҳатиашро ба ҳимояи мардумони мазлуми дунё, талоши адолат, сулҳу ваҳдати халқҳои ҷаҳон ва барҳам додани сохти мустаъмарӣ вақф намуд. Ин бошад назми лабрез аз лирикаи ишқӣ, гражданӣ ва ғояҳои умумибашарии шоирро бо оҳангҳои нав, сулҳу адолатхоҳӣ барин мавзӯъҳои доғи замон ғанӣ гардонид. Акнун осори пурэҳсоси Мирзо Турсунзода аз ҳудуди Тоҷикистон ва собиқ шӯравӣ берун рафта, ба шахсияти ӯ маъруфияту маҳбубияти беш ато кард.

Фарзанди барӯманди халқи тоҷик Мирзо Турсунзода солиёни дароз чун Раиси бахши шӯравии Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо, узви Раёсати Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ, раиси Кумитаи тоҷикистонии муҳофизати сулҳ баҳри равнақу ривоҷи ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстии халқҳои гуногуни олам, воқиф гардидани онҳо аз тамаддуни ҳамдигар, мубориза барои пойдор сохтани сулҳ дар рӯи ҷаҳон хизматҳои шоён кардааст. Дар ин ҷода ӯ бо шахсиятҳои бузурги мамолики гуногун ҳамкорӣ кардаву бо иддае аз онҳо то поёни умр робитаи дӯстиву бародарӣ дошт, ки дар ин зумра шоири маъруфи Шарқ муборизи роҳи озодӣ ва пойдории сулҳ дар рӯи ҷаҳон Файз Аҳмади Файз мебошад.

Соли 1949 дар шароити аз ҳар ҷиҳат душвор, дар шаҳри Лоҳур Анҷумани якуми нависандагони тараққипарвари Покистон барпо гардид. Анҷуман зери шиори мубориза барои сулҳ кори худро оғоз намуда қатъи назар аз мамониятҳои зиёди пешомада диққати бисёр адибони равшанфикр ва арбобони пешқадами ҷамъиятиро ба худ ҷалб намуд. Барои иштирок ба кори он аз Иттиҳоди Шӯравӣ низ бо сарварии раиси Иттифоқи нависандагони Шӯравӣ ва Кумитаи муҳофизати сулҳ, узви Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ Николай Тихонов ҳайати адибон ба Покистон рафтанд. Шоир ва драмнависи рус Анатолий Софронов, шоири маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода ва адиби ӯзбек Ойбек шомили ин ҳайат буданд.

Дар ин маърака нисбат ба дигар аъзоёни ҳайат устод М. Турсунзода афзалияти хосса дошт: ӯ на фақат бо чеҳраи кушод ва табассуми мафтункунанда мусоҳибонашро ба худ мутамоил месохт, балки забони шакарини тоҷикӣ ва мероси адабии ниёгонамон барои устод калиде буд ба қуфли дили сомеонаш. Чун ӯ шарқона фикри хешро бо шоҳбайтҳои Саъдиву Ҳофиз, Бедилу Камол барин шоироне, ки дар Ҳинду Покистон бо осори онҳо ҳанӯз дар мактаб шиносо мешаванд, тақвият мебахшид, ҷавҳари суханаш дастрастар ва мақсадаш фаҳмотар мегардид.

Ду ситораи саъди осмони адабу фарҳанги Шарқ, ду марди мубориз у мунодии сулҳ дар рӯи ҷаҳон – Мирзо Турсунзода ва Файз Аҳмади Файз бори нахуст дар ҳамин анҷуман бо ҳам вохӯрданд. Ин ибтидои дӯстии бузурге буд, ки минбаъд дар кӯраи ҳамкориҳои эҷоди адабӣ, талоши истиқрори сулҳ ва озодии ақвоми мазлуми олам обутоб ёфта, ба дараҷаи бародарӣ расид.

МирзоТ урсунзода ва Файз Аҳмади Файз дар як сол чашм ба олами ҳастӣ кушодаанд. Ҷараёни зиндагии онҳо аз ҳам фарқ кардаву дар эҷодиёти эшон инъикоси худро ёфтааст. Вале дар он нуктаҳое ҳастанд муштарак ва тақдирсоз. Мирзо Турсунзода баъди хатми Донишгоҳи муаллимтайёркунии Тошканд фаъолияти кори хешро дар соҳаи рӯзноманигорӣ ва адабиёт шурӯъ намуда, ҳамзамон дар корҳои ҷамъиятӣ иштироки фаъолона дошт, ки ин тамоми ҳаёти минбаъда ва тақдири ӯро чун шахсият муайян сохт. Файз Аҳмади Файз ҳам баъди дар донишкадаи давлатии Лоҳур дараҷаи лисонси забо-

ни арабӣ ва фавқуллисонси забони инглисиро ноил шудан, дар ҷанбаи омӯзгорӣ ва рӯзноманигорӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, ҳанӯз айёми донишҷӯӣ ба эҷоди адабӣ машғул ва бо мақсади мубориза баҳри озодии Ватан ба ҳаракати коргариву зиёиёни тараққихоҳ пайваста буд, ки ин ҳама дар ташаккули ӯ чун адиб, муборизи роҳи озодӣ ва истиқрори сулҳ дар рӯи ҷаҳон нақши намоёне гузошт.

Солҳои ҷавонӣ ва камолоти Мирзо Турсунзода ба айёми аз зулмати феодалӣ берун омада дар қатори халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ ба сохтмони ҳаёти нав шурӯъ намудани тоҷикон, муборизаи халқи сермиллати шӯравӣ алайҳи фашизм ва музаффариятҳои он дар Ҷанги дуюми ҷаҳон, меҳнати қаҳрамононаи вай дар давраи баъдиҷангӣ рост омадааст. Аз ин рӯ, дар асарҳои шоир дар ҳамоҳангӣ бо ҷараёни инкишофи ҷамъият доимо нерӯи муҳаррика ҳис карда мешавад. Онҳо лабрез аз ишқанд – ишқи Ватан ва халқ, ишқи меҳнати бунёдкорона, ишқи модар ва ҷонона.

Қаҳрамони лирикии Мирзо Турсунзода фақат бо ҳусни зоҳири хеш дилрабо нест. Ҷозибаи вай дар омезиши ҳусни сурат бо маънавиёти сират, муваффақиятҳои дар илму фарҳанг ва меҳнати шарафмандона ба даст овардаи ӯст. Шоир бо чунин маҳбуба фахр дорад ва омодааст на фақат «ҷону дилро садқаи номаш созад», балки ду қитъаи бузурги оламро барояш ҳадя намояд:

*Ҳадя орам ман ба ӯ ду қитъаро,*
*Қитъаҳои Осиё, Африқаро…*
*Қитъаҳоеро, ки исён мекунанд,*
*Зулмро бо хок яксон мекунанд.*
*Қитъаҳоеро, ки мисли офтоб*
*Сар баровsecurely аз зери саҳоб.*
*Духтари тоҷик, эй уммеди кул,*
*Тӯҳфаи моро намо лутфан қабул!*

Файз Аҳмади Файз бошад ба олами ҷавонӣ ва камолоти хеш дар муҳити тираву тори истеъморӣ, ки қуфл бар лабу занҷир ба пои ҳама гуна озодиҷӯён мезад ва халқи эҷодкори ҳиндро дар хориву залолати ғуломӣ медошт, қадам гузошта буд ва ҳанӯз аз он айём ба азми қавӣ ба мубориза баҳри озодии Ватан пардохта буд:

*Биё, то бо ситамкорон ситезем,*
*Барои бахти худ хунҳо бирезем!*
*Равад дар ҷӯи хун ғам аз дили мо,*
*Агар хоки саодатдузд бизем!*

Аз соли 1947 сар карда Файз Аҳмади Файз вазифаи сардабири нашрияҳои бонуфузи Покистон – рӯзномаҳои «Пакистан таймс» (инглисӣ), «Имрӯз» (урду) ва ҳафтаномаи «Лайлу наҳор»-ро (урду) ба ӯҳда дошт ва тавонист онҳоро ба минбари ошкор сохтани макри душманони ҳақиқии мардуми Ҳиндустону Покистон, таблиғи истиқрори сулҳ дар минтақа, ваҳдати халқҳо ва рушди иқтисодиву маънавии онҳо табдил диҳад. Шоир хуб дарк менамуд, ки дар ҳолати онрӯза барои қомат рост карда, аз харобаҳои мустаъмарӣ берун шудан, рӯ ба тараққӣ ниҳода дар олами мутамаддин мавқеи шоистаи хешро пайдо кардан мардуми Ҳинду Покистонро асоси мустаҳкам ва боэътимод – сулҳи пойдор зарур аст. Аз ин рӯ, бо ташаббуси Файз соли 1950 дар Покистон ҳаракати муборизони сулҳи Покистон ба вуҷуд омад ва шоир котиби генералии Кумитаи сулҳи Покистон ва соли 1951 узви Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ интихоб гардид. Худи ҳамин сол, дар айни авҷи фаъолияташ дар ин ҷода, ӯро дар қатори чанд тан аз муборизони ватанхоҳ ба созиши зиддиҳукуматӣ айбдор намуда, зиндонӣ карданд.

Тӯли панҷ соли асирӣ паси деворҳои сангин, маҳрум аз амали фаъол ва дидори ҳамфикру ҳамқаламон, дӯстону азизонаш азияти зиёде кашида бошад ҳам, аз роҳи интихобкарда ва қидаи хеш як сари мӯй барнагашт. Дар зиндон майдони асосии амали Файз олами назм буд. Шоир ба василаи шеъраш муборизаи хешро алайҳи беадолатӣ, низои байни одамон, баҳри талоши ҳақиқат ва озодии шахс, дӯстиву рафоқати одамон ва сулҳу ваҳдати онҳо идома додаву пораҳои шеъри шӯълавараш панҷараҳои сиёҳу таворaҳои симпечи зиндонро убур карда ба дасти мухлисонаш мерасиданд.

*Бурданд зи каф хомаам, ангушт қалам шуд,*
*Тар карда ба хун менависам, ҳар чи тавонам.*
*Бистанд забону даҳанам, бехабар аз он-к*
*Ҳар донаи занҷир бувад ҳарфи баёнам.*

Марди фозилу маҳкамирода ва ниҳоят хушбин буд Файз. Дар дақиқаҳои вазнинтарини ҳаёташ боварӣ ба қувваи хайр, нури рӯшноӣ ва ҳарорати ишқи Ватану ҳамватанонаш ӯро тарк накардаву дар мубориза ба вай илҳом бахшидаанд. Шоир нишоти муҳаббати шахсии хешро низ берун аз озодиву шукуфоии Ватан тасаввур надорад. Маҳбубаи ӯ шарики мубориза ва ақидаву омоли ӯст. Вай на фақат айёми сурур, инчунин душвориҳои бо ҳабиби хеш пеш омадаро ба ҳам мебинад.

Соли 1958 созмони байналхалқии адабӣ – Анҷумани нависандагони Осиё ва Африқо таъсис ёфт. Мирзо Турсунзода ва Файз Аҳмади Файз аз бунёдгузорон ва аъзои фаъоли ин созмони бонуфуз буданд. Онҳо дар чорчӯбаи фаъолияти Анҷуман баҳри тавассути фарҳанг инкишоф додани муносибати дӯстона, ҳамдигарфаҳмӣ ва худшиносии халқҳои гуногуни Осиё ва Африқо бо дилу ҷон саҳмгузорӣ кардаанд. Ҳамкории ин ду тан дар истиқрори сулҳ байни халқҳои ҷаҳон низ аз ҷанбаи муҳимми фаъолияти пурсамари эшон мебошад.

Соли 1958 Файз Аҳмади Файз дар ҳайати адибони Покистон бори нахуст ба Иттиҳоди Шӯравӣ сафар карда, дар конфронси нависандагони Осиё ва Африқо, ки дар пойтахти Ӯзбекистон шаҳри Тошканд барпо гардида буд, ширкат варзид. Баъди конфронс ҳамроҳи меҳмонони дигар барои иштирок дар ҷашнвораи 1100-солагии зодрӯзи поягузори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Душанбе омад. Зиёрати оромгоҳи Рӯдакӣ, шиносоӣ бо аҳли илму адаби Тоҷикистон, пазироии гарму самими мухлисони шоир ӯро ниҳоят мутаассир сохтанд. Муҳимтарин аз ҳама шоир эҳсос намуд, ки ин хона – хонаи дӯстони вай аст. Ӯ аз ин шод буд, вале ғами ватану ҳамватанонаш, андешаҳо роҷеъ ба ояндаи халқаш қалби ӯро тарк намекард. Мирзо Турсунзода дар достони «Ҷони ширин» ин ҳолати рӯҳии дӯсти мубориз худро чунин тасвир намуда буд:

*...Ёд дорӣ, аз мубориз шоирон*
*Файз буд дар хонаи мо меҳмон?*
*Аз Ватан гап сар кунӣ, дармегирифт,*
*Дар ба мисли ҳезуми тар мегирифт.*
*Бештар хомӯш гарчи менишаст,*
*Гарчи камтар сӯи нон мебурд даст,*

*Дигаронро гарчи ӯ мекард гӯш,*
*Мекашид ӯ гарчи тамбоку хамӯш,*
*Лек чашмонаш шарар мерехтанд,*
*Хуни ҳасрат аз ҷигар мерехтанд.*
*Печу тобаш мисли мавҷи об буд,*
*Обҳои ноҳаи Панҷоб буд.*

Солҳои 60-70-уми асри гузашта ба арсаи адабиёти тоҷик як зумра ҷавононе омаданд, ки бо назари тозаи хеш нисбат ба рӯйдодҳои зиндагӣ, ҷустуҷӯҳои ҷасуронаи услуб ва қолабҳои нави бадеӣ фарқ мекарданд. Файз Аҳмади Файз, ки худ дар адабиёт ҳамеша гомзани ҷодаи навҷӯиву навовариҳо буд, ин ҷараёни навро ба хубӣ эҳсос намуд ва дар қатори осори адибони калонсол ба эҷоди адибони ҷавони тоҷик таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекард. Вай дар ҳар сафараш ба Тоҷикистон бо онҳо вомехӯрд, аз асарҳои тозаэҷоди эшон дарак меёфт, аз муваффақиятҳояшон меболид. Дӯстони зиёде пайдо карда буд дар Тоҷикистон Файз.

Имрӯз ин ду марди мубориз ва ситораҳои дурахшони осмони назм, ки роҳи ҳаёташон фурӯзон аз нури одамгарӣ, хайрхоҳиву накӯкорӣ ва мубориза баҳри бахту саодати халқҳои ҷаҳон буд, ҷисман дар байни мо нестанд. Аммо суханвароне чу онҳо фанонопазиранд. Хусусан дар давраи ҳол, ки баҳри истило, ба даст овардани сарват ва мансабу ҷоҳ дар гӯшаву канори гуногуни дунё оташи ҷанг аланга мезанад, садҳо ҳазор мардуми бегуноҳ ҷон аз даст додаву ҳазорҳои дигар хона ба дӯш, сарсону саргардонанд, аз истифодаи аслиҳоти заҳрогин на фақат ҷисми зинда, балки қабат-қабати Модар-Замин низ реш-реш гардидааст, садои Николай Тихонов, Нозим Ҳикмат, Мирзо Турсунзода ва Файз Аҳмади Файз барин ҳамасрони барӯманди мо – сарояндагони сулҳу дӯстӣ ҷаҳониёнро хушдор додаву талқин менамояд, ки фақат бинои Муҳаббат ва Дӯстӣ, ки дар фазои Сулҳ бунёд мегардад, мустаҳкаму пойдор ва барои зисту пешрафти бани башар мусоид аст. Бикӯшед, то ба бунёди ин бино хиште гузошта бошед!

*Ҳикмат РАҲМАТ*

# АЗМИ ДИДОР

Банда аз шарафи ҳамкорӣ бо устод Мирзо Турсунзода ва шогирдии бевосита ба эшон камтар баҳраманд шудаам. Ин кор – барои ман дар зиндагӣ муяссар нагардидааст. Вале ба мулоқоту сӯҳбатҳои устод чандин дафъа шарафёб шудаам, ки ба хонандагони мӯҳтарам дар бораи яке аз онҳо, ки ба назарам, қимати бештар дорад, ҳикоят мекунам.

Охирҳои моҳи сентябри соли 1968 буд. Дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе корҳои тайёрию тадорукот ба Конгресси ховаршиносии марбут ба тамаддун ва фарҳанги бостонии Кӯшон анҷом меёфтанд. Бандаро, ки дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи Улуми Тоҷикистон кор мекардам, ба комитети тайёрӣ ва тадорукоти конгресс даъват карданд ва рӯйхатеро ба дастам доданду гуфтанд:

– Инҳо номҳои олимон – меҳмонони эрониянд, ки ба конгресс хоҳанд омад. Пагоҳ Шумо онҳоро дар майдони ҳавоӣ пешвоз мегиред, ба меҳмонхонаи «Душанбе» бурда, ҷой гирифта медиҳед ва чанд рӯзе, ки ин ҷо мемонанд, бо онҳо ҳамроҳӣ мекунед, яъне меҳмондори онҳо мешавед. Ва боз дигар вазифаҳои маро, ҳамчун меҳмондори меҳмонони эронӣ, фаҳмонданд ва таъкид карданд, ки мутлақан тибқи барнома амал бикунам. Ва як нусха барномаро низ доданд. Дар рӯйхат се ном – Алӣ Сомӣ, Абулҳасан Деҳқон ва Муҳаммадҷавод Машкур навишта шуда буд.

Меҳмонони азизи эронӣ – бостоншиносони маъруф, устодони донишгоҳи паҳлавии Шероз Алӣ Сомӣ, Абулҳасан Деҳқон ва устоди Донишгоҳи Теҳрон Муҳаммадҷавод Машкурро рӯзи дигар дар майдони ҳавоии Душанбе истиқбол гирифтам. Дар майдони ҳавоӣ бо президенти Академияи Улуми Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ рӯ ба рӯ омадем ва банда меҳмонони эрониро ба эшон муаррифӣ кардам. Устод Осимӣ меҳмононро самимона хайрамақдам гуфтанд.

Сарвари ҳайати намояндагии олимони Эрон устод Алӣ Сомӣ ба устод Осимӣ ба суоле муроҷиат карданд:

– Мирзо Турсунзода дар ҳамин шаҳр зиндаги мекунад?

– Бале, – кутоҳ посух доданд устод Осимӣ.

– Пас мо метавонем, ки аз ишон дидан бикунем? –

боз суол карданд устод Алӣ Сомӣ.

– Бале, метавонед, – гуфтанд устод Осимӣ. – Вале ҳоло устод

Турсонзода бемор ҳастанду дар шифохонаанд.

Аз шунидани хабари бемории Мирзо Турсунзода

Алӣ Сомӣ маҳзун шуданду андешамандона лаҳзае хомӯшӣ ихтиёр карданд. Аммо сипас бо қатъият гуфтанд:

– Ин тавр ки бошад, мо бояд ҳатман ба аёдати бемор биравем. Охир, он бемор шоири шаҳир Мирзо Турсунзодааст …

Он солҳо дар мамлакати Шӯроҳо ба аёдати бемор рафтани як нафар хориҷӣ, ё худ бе иҷозати органҳои дахлдор мулоқот ва сӯҳбат кардан бо хориҷие ба гуфтан осон буд. Сониян, барномаи конгрессу симпозиумҳо чунон мураттаб сохта шуданд, ки меҳмони хориҷӣ аз субҳ то шом масруфи кор ва тадбирҳои дигари даркору нодаркор мешуд.

Аз ин рӯ, дар хусуси ба аёдати устод Турсунзода рафтан ба меҳмонон ваъдаи қатъие надода, гуфтамашон, ки «маслиҳат мекунем».

Баъди дар меҳмонхонаи «Душанбе» ҷойгир кунонидани меҳмонон масъалаи аёдати беморро рӯзи дигар ба комитети тайёрӣ ва тадорукоти конгресс маълум кардам. Аммо аз аъзои комитети мазкур касе маслиҳате надод. Бинобар ин тасмим гирифтам, ки аввал худам бе меҳмонҳо ба аёдати Мирзо Турсунзода биравам ва масъаларо бо худи устод маслихат бикунам.

Рӯзи дигар вақте, ки меҳмонон дар маҷлиси конгресс менишастанд, ҳамроҳи яке аз дӯстонам, ки низ меҳмондори ҳайати вакилони дигар давлати хориҷӣ буд, ба беморхонаи ҳукуматӣ, ба аёдати устод Турсунзода рафтем. Утоқи устод дар ошёнаи дуюм буда, пешайвони барҳавое низ доштааст. Аз утоқ ба пешайвон гузашта, устодро ҳангоми шатранҷбозӣ бо яке аз беморон дарёфтем. Ҳарду бозӣ мекарданду тамошобин надоштанд.

Ман ва дӯстам баъди саломуалейк ва пурсиши маъзарат аз аҳволи устод пурсидан кардем. Устод, ки моро аз наздик намешинохтанд, ба ҷониби мо ҳайратомез назар карданду гуфтанд:

– Чеҳраҳоятон шинос менамоянду аммо…

Ман худам ва дӯстамро ба устод шинос кардам, дар бораи Конгресси байналмилалии ховаршиносон ва меҳмонони эронӣ сухан гуфтам ва мақсади омаданамонро изҳор кардам.

Устод суханони маро бодиққат гӯш карданду пас аз муддате андешаю тамкин гуфтанд:

– Бисёр хуб. Вале ман дар Эрон бо номи Алӣ Сомӣ шиноси наздике надорам.

Он кас Шуморо ҳангоми бо Расул Ғамзатов ба Эрон сафар карданатон дида ва сӯҳбатҳоятонро шунида. Аз ҳамон лаҳза ин ҷониб дар орзуи дидор ва мулоқоти Шумо буданд.

– Аммо меҳмонони хориҷиро дар касалхона дар ҳолати нимсиҳату нимбемор чӣ тавр қабул карда мешавад? – саволомез изҳор карданд устод ва интизори ҷавобе нашуда, афзуданд: – Аслан ин кори духтурҳо, дар гумон аст, ки онҳо ба қабули меҳмони хориҷӣ дар касалхона розӣ шаванд. Дар ҳар ҳол, бо сардухтури беморхона як маслиҳат кунед.

Банда аз тарзи гуфтори бетафовутонаи устод пай бурдам, ки худашон ҳам ба қабули меҳмонон чандон хоҳиш надоранд. Шояд дилашон аз вазъи саломатиашон пур набуд ва қабули меҳмонони ношиноси хориҷиро барои худ, ки бемор буданд, заҳмати барзиёд ҳисоб мекарданд. Бино бар ин мувофиқи маслиҳати шайх Саъдӣ «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» амал карда, бегоҳии онрӯз, ҳангоми сарфи таъоми шом бо меҳмонон ба Алӣ Сомӣ гуфтам:

– Устоди мӯҳтарам, ман имрӯз барои дидани Мирзо Турсунзода ба шифохонае, ки эшон он ҷо хобидаанд, рафта будам, аммо дидорашон муяссар нагардид. Пизишкҳо иҷозати ворид шудан ба наздашон надоданд. Гуфтанд, ки аҳволи устод хеле вазнин, ҳарораташон баланд. Ҳатто барои фарзандҳояшон ҳам иҷозати даромадан набудааст…

Устод Алӣ Сомӣ аз шунидани ин суханон маҳзуну мутаассир шуданд ва оҳе сард аз дили пурдард кашиданд. Ман барои тасаллии дили ишон «шояд то пагоҳ аҳволашон беҳтар шавад» гуфтам.

– Кошкӣ, – боҳасрат гуфтанд Алӣ Сомӣ.

Рӯзи дигар устод Алӣ Сомӣ як саҳифа навиштаеро, ки бо ҳуруфи арабӣ буд, ба дастам дода, гуфтанд:

– Ин нома ба Мирзо Турсунзода аст. Хоҳишмандам, ки номаро ба устод бирасонед.

Нома саркушода буд. Варақро аз дасти устод Алӣ Сомӣ гирифта, бо иҷозати худи устод ба хондан шурӯъ кардам. Аммо дар хондани як калимае, ки аз болояш хат кашида аз нав навишта шуда буд, душворӣ кашидаму онро ба устод нишон дода, чӣ калимае буданашро пурсидам. Аммо устод баъди ҷавоби пурсиши банда он номаро бозхостанд ва пас гирифтанд ва гуфтанд, ки покнавис карда медиҳанд.

Ман хоҳиш кардам, ки агар покнавис кунанд, нусхаи сиёҳнависро ба банда барои хотира бидиҳанд.

– Барои Шумо ҳам як нусха аз ин номаро покнавис карда медиҳам, – гуфтанд Алӣ Сомӣ ва рӯзи дигар аз он нома ду нусхаи дастнависро ба банда доданд ва бори дигар илтимос карданд, ки як нусхааш ба Мирзо Турсунзода бирасад.

Инак, матни он номаи Алӣ Сомӣ ба устод Мирзо Турсунзода, ки як нусхаи онро то имрӯз дар даст дорам:

«Суханвари бузургвор Турсунзодаи азиз!

*Азми дидори ту дорад ҷони барлаб омада,*
*Бозгардад ё барояд, чист фармони Шумо?*

Акнун ҳашт рӯз аст, ки ман дар шаҳри қашанг ва дилангези Душанбе мебошам ва аз бахти бад натавонистам он суханвари арҷмандро бубинам. Шаҳди Душанбе бо ҳама таннозиҳо ва дилрабоиҳо ба гул ва райҳони рӯҳафзояш бидуни булбули хушгӯйи худ берӯҳ ва афсурдаю хомӯш аст. Дар дили ман ки ин сон мебошад.

Умедворам, ки ин тӯтийи шакаршикан ва булбули хушгӯ ҳар чӣ зудтар тандурустии худро бозёбад ва ҳамчунон бар гирди гулҳои зебо ва ҷонпарвар ва бӯстони таннози ин шаҳр нағмасаро ва навохон бошад. Дӯстдор ва дастбӯси Шумо Алӣ Сомӣ. Сеюми октябри 1968».

Он рӯз, пеш аз он, ки ба дидани Мирзо Турсунзода биравааму ин номаи пур аз меҳру муҳаббати Алӣ Сомиро ба устод бирасонам, аз дӯконе чанд нусха рӯзномаи нав гирифтам.

Рӯзномаи «Маориф ва маданият» (ҳоло ҳафтаномаи «Омӯзгор»), таассуроти Алӣ Сомиро аз дидани шаҳри Душанбе бо ҳуруфоти арабӣ ба кириллӣ ва акси ӯро дар саҳифаи ав-

вали хеш чоп карда буд. Дар ин саҳифа инчунин аксе аз мулоқоти донишмандони эронӣ иштирокдорони Конгреси ховаршиносони ҷаҳон Абдулҳасан Деҳқон ва Муҳаммадҷавод Машкур бо кормандони ин рӯзнома ба табъ расида буд. «Маориф ва маданият» дар саҳифаи аввали хеш шеъри «Ба Расул Ғамзатов»-и Мирзо Турсунзода ва аз истиқболи шоири шаҳири Доғистон Расул Ғамзатов дар майдони ҳавоии Душанбе аксе низ чоп карда буд.

Дарёфтам, ки ин нусхаи рӯзномаи «Маориф ва маданият» барои Мирзо Турсунзода беҳтарин дастовез хоҳад буд.

Ба утоқи устод бо як даста рӯзномаи нав ворид шудам, ки дар байни онҳо ду нусха аз ҳамон шумораи «Маориф ва маданият» (3 октябри соли 1968) низ мавҷуд буд.

Ба истиқболи банда ду нафар шоири бузург (инчунин Боқӣ Раҳимзода, ки ба аёдат омада будаанд) аз ҷой бархостанд, ки аз ин рости гап, хиҷолат кашидам. Дастаи рӯзномаро ба болои миз гузошта, бо устодон самимона вохӯрӣ кардам ва бо ишораи устод Турсунзода ба яке аз курсиҳои холӣ нишастам.

Шояд аз ҳузури дӯсти шоир Боқӣ Раҳимзода буд, ва ё вазъи саломатиашон беҳтар шуда буд, ки Мирзо Турсунзода ин дафъа ба назар шодмону болидахотир менамуданд.

– Дар рӯзномаҳо чӣ гапҳои нав? – пас аз пурсупоси муқаррарӣ суол карданд устод Турсунзода.

– Гапи нав бисёр, – гуфтам ман ва аз байни рӯзномаҳо «Маориф ва маданият»-ро гирифтаму ба устод дароз кардам. – Шеъри Шуморо ҳам чоп кардаанд.

Устод аз саҳифаи аввали рӯзнома аввал шеъри худро, ки бо сарлавҳаи «Ба Расул Ғамзатов» чоп шуда буд, аз назар гузарониданду сонӣ ба сурати поёни он, ки он ҷо акси Расул Ғамзатов ҳам буд, мутаваҷҷеҳ шуданд.

Устод нигоҳи хешро ба навиштаи арабии он саҳифа равона карда буданд, ки ман гуфтам:

– Ин навиштаи ҳамон донишманди эронӣ, ҳамон меҳмонест, ки дар орзуи дидори шумост. Ва ишон барои Шумо номае ҳам навиштаанд, – гӯён он номаро аз ҷайбам бароварда ба устод дароз кардам.

Устод сатри аввали номаро паст хонданд, вале сатри минбаъдаи он мисраъҳои Ҳофиз:

*Азми дидори ту дорад, ҷони барлабомада,*
*Бозгардад ё барояд, чист фармони Шумо?»* –

ро бо овози баланд хонданду хушҳолона гуфтанд:

– Суханони Ҳофизро дар ҷояш овардааст. Ва, бе он ки давоми номаро бихонанд, рӯй ба банда оварданд:

– Майлаш, биёред. Кай мебиёред?

– Ихтиёр ба Шумо, устод. Кадом вақте, ки худатон бигӯед.

– Пагоҳ, соати 4-и бегоҳӣ метавонед?

– Метавонам, устод. Аммо, ногуфта намонад, меҳмонон се нафаранд. Агар ду нафари дигарашон низ хоҳиши омадан бикунанд, чӣ гӯям?

– Ҳеҷ чиз нагӯед. Ҳамаашонро биёред. Вале аз омаданатон сардухтури беморхонаро огоҳ намоед, бохабар бошанд, беҳтар…

Аз утоқи устод Мирзо Турсунзода бо табъи хуш берун шудам.

Бегоҳӣ, ҳангоми сарфи таъоми шом, қазияро ба Алӣ Сомӣ ва дигар донишмандони эронӣ ҳикоят кардам ва гуфтам, ки фардо дар соати чаҳори баъди аз зуҳр ба аёдати Мирзо Турсунзода хоҳем рафт.

Алӣ Сомӣ хеле хушҳол шуданд ва чанд дафъа «ташаккур» гуфтанд. Деҳқон ва Машкур ҳам изҳор карданд, ки онҳо низ хоҳанд рафт. Аммо тибқи барнома пагоҳ соати чаҳори бегоҳ бояд ба масҷиди ҷомеаи Ҳоҷӣ Яъқуб мерафтем. Масъала мавриди муҳокима қарор гирифт. Меҳмонон якдилона изҳор карданд, ки дидани масҷидро ба вақти дигар гузаронда мумкин.

Дар даромадгоҳи шифохона як нафар мард ва як нафар зани хилъати сафедпӯш моро истиқбол гирифтанд. Мард сардухтури шифохона буд.

Онҳо моро то утоқи Мирзо Турсунзода ҳамроҳӣ карданду сипас ба қафо баргаштанд.

Моро устод Турсунзода ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода ва Сотим Улуғзода дар пешайвони барҳаво дар сари мизу дастархони пур аз нозу неъмат интизор будаанд. Пас аз вохӯрӣ ҳар кадоме аз курсиҳои паси миз ҷой гирифта нишастем. Дар сари дас-

турхони пурнозу неъмат сӯҳбати аҷоибе шурӯъ шуд ва бештар аз панҷ соат давом кард.

Чароғи он маҳфил Мирзо Турсунзода буданд. Устод канда-канда ва ботамкин сухан мегуфтанд, ба саволҳои меҳмонон посух мегардонданд, аз сафарҳояшон ба мамолики дунё ёдовар мешуданд. Дар гуфторашон зарбулмасалу мақол, байт, рубоӣ ва дигар пораҳои шеърро фаровон истифода менамуданд. Метавон гуфт, ки дар он маҳфил Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Камоли Хуҷандӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Муҳаммад Иқбол ва дигар гузаштагони бузурги форсу тоҷик бо шеърҳои худ иштирок доштанд. Бисёр суханони Турсунзода боиси таҳсину офарини донишмандони эронӣ мешуданд ва банда шоҳиди он аст, ки донишманди номии Эрон, муаллифи китобҳои таърихии «Тамаддуни Сосонӣ» ва «Тамаддуни ҳахоманишӣ» устод Алӣ Сомӣ ва ёрони ӯ аз гуфтаҳои шоири мо ба ваҷд омада, борҳо майли бӯсидани дасти Мирзо Турсунзода карданд. Вале устод Турсунзода ҳар дафъа дасти худро мекашиданд ва мегуфтанд: «Бандаро ба гуноҳ ғарқ накунед».

Дар он маҳфил устодон Сотим Улуғзода ва Боқӣ Раҳимзода низ суханони аҷибу дилрас гуфтанд. Ҳикоёти устод Улуғзода дар бораи сафарашон ба маҳалҳои тоҷикнишини Чин, аз ҷумла Қошқару Еркент ва шӯҳрати Ҳофизу шеъри вай дар он маҳалҳо хеле таъсирбахш буд. Девони Ҳофизи Шерозӣ барои тоҷикони Чин низ китоби муқаддас буда, онҳо онро дар қатори Қуръони маҷид бо як ҷаҳон эътиқод дар гаҳвора, таги сари тифл мегузоштанд. Бешак, он шаб мо аз сӯҳбати донишмандони эронӣ баҳраи фаровон бардоштем. Онҳо бо сӯҳбатҳои шевои хеш таъбамонро шод гардониданд.

Рӯзи дигар, вақте бо меҳмонони эронӣ боз вохӯрдам, доктор Муҳаммадҷавод Машкур таассуроташро аз мулоқот бо Мирзо Турсунзода ва маҳфили дирӯза бо чунин байте баён намуд:

*Намедонам, чӣ манзил буд, шаб ҷое, ки ман будам,*
*Саросар лаҳни бисмил буд, шаб ҷое, ки ман будам .*

## ОШЁНИ МЕҲР

*Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,*
*Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор.*
*Мирзо Турсунзода*

Ошён бигзоштем андар баландиҳо кунун,
Дар баландиҳои болотар зи кӯҳи мо кунун.

Ошён бигзоштем мо дар бари истораҳо,
Ҳамсафар гаштем дар афлок бо сайёраҳо.

Ҳар сафина дар само худ ошёни мо бувад,
Ошёни меҳри мо андар баландиҳо бувад.

Мепарем имрӯз мо оварда рӯ бар Офтоб,
Ошён гирем фардо дар канори Моҳтоб.

Ақли оламгири мо бар фарқи гардун по ниҳод,
Роҳи кайҳонро барои наслҳои мо кушод.

Ҳар қадар боло равем, ин қалби мо побанди туст,
Бар баландиҳои шеъри ту расидан орзуст.

*Собири ШОҲОНӢ*

# ҒАМШАРИКИ МАРДУМ

Ман нахустин бор бо номи устод Мирзо Турсунзода дар мактаби зодгоҳам деҳаи Шоҳон шинос шудам. Хушнудона, як хешованди китобдӯстам рӯзе китоби ашъори «Қиссаи Ҳиндустон»-ро овард.

Баъди дарс ва анҷоми корубори рӯзгор ба боғамон рафта дар сояи дарахти себи шоҳусайнӣ танҳо нишаста қиссаҳоро мехондаму ба ҳоли мардуми мусибатзадаи ҳинд раҳмам меомад. Бахусус шеъри «Сайёҳи Ҳинд»-ро борҳо бо ашки ҳасрат хондам.

Баъд, соли 1953, ба шаҳри Душанбе омада муҳассили техникуми савдо шудам. Соли 1954 ба курси дуюм гузаштам. Тирамоҳи ҳамон сол дар хонаи устод Носирҷон Маъсумӣ тӯи арӯсӣ баргузор гардид. Устод ба бародарашон Ҳайдархон арӯс оварданд. Ман дар қатори хешовандону ҳамдиёрон ба ҳайси хидматгузор ширкат варзидам.

Бегоҳӣ базми арӯсиро бесаброна мунтазир будам. Медонистам, ки дар қатори меҳмонон устод Мирзо Турсунзода иштирок хоҳанд карду ман ба дидорашон мушарраф мешавам.

Мизҳо ороставу хонҳо пероста шуданд. Баъди ғуруби офтоб меҳмонҳо яке аз паси дигар вориди ҳавлӣ мешуданд. Аз дарвоза ду марди нуронӣ даромад, ки яке паҳлавонпайкару дигаре миёнақад буд. Аз рӯи расми дар китобҳо дидаам дарёфтам, ки марди миёнақад Мирзо Турсунзода мебошад. Баъд донистам, ки он марди бузургҷусса Боқӣ Раҳимзода будааст.

Ҳарду чеҳрахандон ва болидахотир вориди ҳавлӣ гардида, соҳибони тӯй ва бахусус домоди хуштолеъро таҳният гуфтанд. Базми арӯсӣ оғоз гардид. Таклиф шуд, ки Мирзо Турсунзода косагули базм гарданд. Турсунзода таҳти кафкӯбии бардавом аз ҷой хеста, арӯсу домодро ба ин лаҳзаи гуворо ва воқиаи хотирнишини ҳаёташон самимона табрик гуфта, ба онҳо иқболи нек ва дар роҳи пурпечутоби зиндагӣ матонату ҷасорат, бахту иқбол, авҷу барор ва пеш аз ҳама аҳлият ва ҳамдигарфаҳмиро таманно карда, абёти пандомез хонданд.

Баъд устод узр пеш оварданд, ки нав аз сафари дуру тӯлонӣ баргаштаву хеле хастаанд. Азбаски соқӣ бо Боқӣ ҳамқофия аст, хуб мешуд, ки мулло Боқӣ ин вазифаи пурмасъул ва бошараф-

ро ба зимма гиранду мо аз давлаташон чорта фароғат кунем ва аз сӯҳбаташон ҳаловат барем.

Устод Боқӣ Раҳимзода бо салобату ҳашамат аз ҷой хеста даст пеши бар ба ҳозирин, арӯсу домод ва устод Турсунзода муаддабона таъзим карда, барои боварииашон изҳори сипос ва ихлос намуданд.

Мардум кайҳо ба хулосае омада буданд, ки устод Боқӣ Раҳимзода ҳамеша бо лутфу луғз, қиссаю саргузаштҳои аҷибу ғариб, абёту ашъори ошиқонаю дилошӯб сухан мегӯянду сомеон, ба қавле, аз ханда «рӯдакаф» мешаванд. Аз ин лиҳоз, кор ба ҷое расида буд, ки мардум ҳар як сухани оддии устодро низ бо хандаву кафкӯбӣ истиқбол мекарданд. Он шаби базм ҳам беханда нагузашт.

Соқӣ ба навбат ба адибону ҳофизон, меҳмонони аз дуру наздик омада, ҳамсояҳо ва ақрабо сухан медоданд. Қариб ҳамаи меҳмонон ба ман ношинос буданд. Он базм бароям на фақат як воқиаи хотирнишин буд, балки дар пеши назарам як олами ҳайратангезу мафтункунандае кушода гардид.

Чӣ саодате! Чӣ аҷобате! Охир ман устодони каломи бадеъ Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Шарифҷон Ҳусайнзода, Холиқ Мирзозода, адибону олимони ҷавон Муҳаммадҷон Шукуров, Абдуқодир Маниёзов, Азиз Каримов, Файзулло Ансорӣ, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, бастакор Зиёдулло Шаҳидӣ, ҳофизон Барно Исҳоқова, Тӯҳфа Фозилова, Ҳанифа Мавлонова, Аҳмад Бобоқулов, Рафоэл Толмасов ва бисёр дигаронро, ки баъзеашон дар хотирам намондааст (ин сана соли 1954 буд), бори аввал медидам. Образнок карда гӯем, ман ҳамон лаҳза он деҳқони камбағалеро мемондам, ки бо гӯё кӯзаи тилло ёфта, якбора бой шуда буд. Он айёми пурфараҳ умре аз хотирам зудуда намешавад.

Баъд Мирзо Турсунзодаро борҳо дидаву дар сӯҳбатҳояшон ширкат доштам. Устод, ба маънои томи калима, шарики шодию ғами мардум буданд. Аз дастовардҳои аҳли ҷомеа, барору бозёфти эҷодии навқаламон шод мегардиданд. Дар рӯзи азо ғамшарики шахси мусибатзада буданд. Борҳо дар сӯҳбатҳои хосаи дӯстонашон Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Носирҷон Маъсумӣ (асосан дар сари хони устод Маъсумӣ), дар тӯю маъракаи рафиқону ҳамдиёрон, дар нашриёти «Ирфон» ва

ҷамъомадҳо ширкат варзидаам. Вале дар ҳама ҷо, хусусан дар хонаи устод Маъсумӣ, нақши шунаванда ва хидматгузорро мебозидам. Чой дам кардаву мева шуста меовардам, харбузаву тарбуз пора мекардам, баъди овардани табақи палав ҳам пора кардани гӯшт вазифаи камина буд. Мутаассифона, боре ҳам муяссар нагардид, ки бо устод як ба як мусоҳиб шавам, мубодилаи афкор намоем ва ҳамсафар бошем.

Солҳое, ки дар хонаи устод Носирҷон Маъсумӣ мезистам (1959-1960), як хислати хуби Турсунзодаро мушоҳида кардам. Бо вуҷуди серкорӣ, сафарҳои паёпай, эҷоди ашъори тоза ба тоза ва ташвишҳои дигар он ҳазрат асло дӯстонро аз мадди назар дур намекарданд. Ҳамин ки фурсат ёфтанд, ё занг зада ҳолпурсӣ мекарданд ва ё як сари қадам ба хонаашон даромада, нанишаста аз ҳолашон хабар мегирифтанд. Ин хислаташонро аз бисёр шиносонам низ дониста гирифтам. Хусусан ҳар бор ки аз сафар баргаштанд, албатта ба хонаи Маъсумӣ меомаданд. Устод Маъсумӣ гулпарвари моҳир ва пайвандгари беназир буданд. Ҳатто дар як дарахт панҷ навъи себро пайванд карда, ба ҳосил даровардa буданд. Устод Турсунзода ҳар бор омада гулҳои рангоранги саҳни ҳавлӣ ва албатта он дарахти булъаҷаби себро дида муддатҳо тамошо мекарданд.

Ман ҳамеша баъди ҳар сафар дидани Турсунзодаро бесаброна интизор мешудам. Зеро он ҳазрат аз сафар бо як олам таассурот бармегаштанд.

Мегуфтанд, ки:

*Аз сафар овардаам савғои хуб,*
*Ёди ёрон, ёди одамҳои хуб.*

Устод ровии ахбор ва ноқили нотакрор буданд. Ҳангоми таассуроти сафар гуфтанашон манзари кишварҳо ва симои одамон чун навори кино дар пеши назари кас ҷилвагар мешуд.

Устодон Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода ва Носирҷон Маъсумӣ низ чунин хислат ва маҳорати қиссагӯиро доштанд. Ман асло аз сӯҳбати он чор бузургмард сер нашудаам.

Аввалин маротиба ҳамгап шуданам бо Мирзо Турсунзода, мутаассифона, як рӯзи нохуш буд. Он рӯз адиби номӣ, муаллифи китобҳои дарсӣ, публисист ва тарҷумони варзида, марди накӯном Абдусалом Деҳотиро ба роҳи охират гуселонидем.

Дар он ҷамъомади серодам Турсунзода нутқи пурсӯзу гудоз эрод карданд. Аз суханҳояшон дидаҳо гирёну синаҳо бирён шуданд.

Ман дар он миён устоди азизам Носирҷон Маъсумиро надидам. Аз шиносҳояшон пурсон шудам. Гуфтанд, ки хабари марги дӯсти ҷониашонро шунида, фишори хунашон баланд гардидаву бемори бистарӣ шудаанд. Аз шунидани ин хабари ҳавлангез танам ба ларза даромаду ихтиёр аз даст додам. Ба рағми ирими кампирҳои хурофотӣ, ки гӯё баъди дафни мурда ба хонаи касон набояд рафт, тозон ба аёдати устод рафтам. Дидам, ки Мирзо Турсунзода хабар ёфта, аз ман пештар ба аёдат омадаву бо чеҳраи ношод дар паҳлӯи устод нишастаанд.

Ман аввал гармида як андоза худро гум кардам. Вале зуд худро ба даст гирифта, бо Турсунзода зиёрат кардам. Баъд аз назди он ҳазрат гузашта, бо бемор вохӯрда, аҳволи саломатиашонро пурсидам.

Маълум шуд, ки Турсунзода ҳозир омадаву ҳанӯз фурсати чой дам кардани янга нарасидааст. Маъсумӣ фармуданд, ки чой биёрам. Ба фикрам, баъди аз дар баромаданам, устод Турсунзода кӣ ва чикора буданамро пурсидаанд.

Баъди чой овардану як пиёлагӣ ба устодон чой доданам, Турсунзода ин дафъа ба рӯям синча карданду боз сӯҳбатро давом доданд.

Зимни сухан Турсунзода бо ҳасрат гуфтанд, ки Абдусалом ба ҷонаш раҳм намекард. Шеъру ҳикоя менавишту китоби дарсӣ мураттаб месохт, асар тарҷума мекарду китоб таҳрир менамуд, мақолаву фелйетон менавишту суруду тарона иншо мекард. Боз ба хонааш равам, либосҳои корӣ дар тану каланд дар даст дар ҳавлиаш ҷумбуҷӯл дорад. Лаҳзае ором набуд. Борҳо гуфтамаш, ки кор бо истироҳату фароғат хуш аст. Ба гапам гӯш накард. Гумон мекард, ки тамоми бори олам ба дӯши ӯст. Як рӯз аз кор монад, ҷомеа зиёну рӯзгораш осеб мебинад. Охир бузурге фармуда:

*Гумон мабар, ки ту чун бигзарӣ, ҷаҳон бигзашт,*
*Ҳазор шамъ бикуштанду анҷуман боқист.*

Ҳайфи Абдусалом! Ҳайфи чунин марди пуркору покизарӯзгор! – гуфтанд устод. Дар охир ба Маъсумӣ зудтар сиҳат шуда хестанро орзу карданду ба хонаашон рафтанд…

Баъд устод Мирзо Турсунзодаро борҳо дар анҷуману маҳфилҳо, маъракаву маросимҳо дидаву суханашонро шунидам. Боз сухани пурдарду доғашонро рӯзи дафни устод Носирҷон Маъсумӣ низ шунида, ашки сӯзон аз дидаи гирён рехтам. Дар рӯзҳои маъракаву маросими Маъсумӣ Мирзо Турсунзода ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода ва Ҳабибулло Назаров фаъолона ширкат варзиданд. Дар хотимаи ҳар маърака бо дӯстон соатҳо нишаста хотири Маъсумиро пос медоштанду ман хидматашонро ба ҷо меовардам.

Бо гардиши фалак адабиётамон, аҳли ҷомеа, дӯстони худиву хориҷӣ худи устод Мирзо Турсунзодаро ҳам талаф доданд.

Қисмати одамӣ чунин будааст. Аҷал ба шоҳу гадо, хурду бузург, авлиёву анбиё, олиму адиб – хосса ба ҳеҷ кас амон намедодааст.

Рӯзи видои он ҳазрат ҷасади муборакашонро дар бинои театри опера ва балети ба номи устод Айнӣ гузоштанд. Он рӯз гӯё маҳшаре бархост. Одамон на танҳо даста-даста, балки фавҷ-фавҷ барои видоъ меомаданд. Гумон мекардед, ки сели одамӣ ҷорист.

Ману адиби номӣ Абдумалик Баҳорӣ дар миёни издиҳом монда, ба дохили бино даромада натавонистем. Худро ба зӯр аз миёни издиҳом баровардем. Қарор додем, ки то баровардани ҷаноза ба бозори Шоҳмансур рафта як пиёлагӣ чой нӯшем.

Дар бозор Саидмуроди дӯкондори ҳисориро дидем. Вай гуфт, ки чойро дар дӯконаш менӯшем. Ману муаллим Баҳорӣ ба дӯкон даромада нишастем. Дар як лаҳза Саидмурод болои дастархонашро пур аз ангури ҷавзу себу шафтолу кард. Нони гарми кунҷидмол овард. Чой дам кард.

Ҳамин вақт як воқиаи аҷоиб рух дод. Ҳанӯз нонро нашикаста, аз дур як пайкари боҳашамат падидор шуд. Ҳар қадар, ки он пайкар ба дӯкон наздик мешуд, ҳайрати ман ҳамон андоза меафзуд. Баъд ба Баҳорӣ рӯ овардам:

– Оё Шумо ҳамин мардро мешиносед? Ман ӯро ба як кас монанд кардам.

– Ман ҳам гумон мекунам, ки ин ҳамон одами гуфтагиатон, – ҷавоб доданд Баҳорӣ.

Он мард ба назди пештахтаи дӯкон омада, андаруни онро синчакунон тамошо кард. Ман тоқатамро гум карда, аз ӯ пурсидам:

– Мебахшед, ман аз Шумо як чизро пурсам, хафа нашавед. Оё Шумо Евгений Моргунов нестед?

Вай хандида гуфт:

– Бале, худи худаш! Ман дуогӯи Шумо, Евгений Моргунов! Маро аз куҷо мешиносед?

– Аз кинои «Бандии Кафқоз» ва филмҳои дигар.

Евгений Моргунов хурсанд шуда гуфт:

– Ба зиракиатон қоил. Шодам, ки бисёр касон маро мешиносанд. Вале мехоҳам, дар ҷое бошам, ки маро нашиносанд. Ҳар сари қадам боздошта, саволборон мекунанд.

Мо ӯро ба дӯкон, ба сари хон таклиф кардем. Рад кард. Узр пеш овард, ки рафиқаш ӯро интизор аст. Пас Саидмурод лаълии ангуру себу шафтолу, нонро ба пештахта гузошта, муроот намуд. Аз нон як пора шикаста хӯрд, як пиёла чой нӯшид. Вале ангури ҷавзро нахӯрд. Гуфт, ки фишори хунаш баланду ҷавз басо ширин. Пагоҳӣ аз Помир омадаву вафоти Турсунзодаро шунида ғамгин гардидааст. Хостаст, рафта бо устод видоъ намояд, вале даромада натавонистааст.

Баъд банди дасташро нишон дод, ки каб-кабуд буда, паи сӯзандору дошт. Гуфт, ки дар кӯҳҳои Помир филми навро ба навор мебардоштанд. Вале фишори хунаш баланд гардидаву духтурон маслиҳат додаанд, ки зуд ба Маскав биравад.

Бубинед. На танҳо худи бузургон, балки рӯҳашон низ ба инсонҳо шафоат ва шарофат мекунанд. Рӯҳи поки устод Турсунзода нагузошт, ки мо муддати мадид ғамину маҳзун бошем.

***Расул ҒАМЗАТОВ***
*(Доғистон)*

## ГУЛҲОИ ШЕРОЗ

*Ба Мирзо Турсунзода*

Хӯшаи ангур овезон дар ангуштони ток,
Чун зулоли хӯшаи ашъори ҳофизвори Шарқ…
Ҳар куҷо, Мирзо,
маро пеши назар ояд ҳанӯз
Соати баргаштан аз Шероз, аз гулзори Шарқ.

Қадри гул чӣ?
Худ гулу гулғунча дар Шероз чист?
Аз дару девор ғайри гул намеояд ба даст.
Гумбади масҷид ҳам вақти тулӯи офтоб
Чамбари гул, банди гул, монанди анбӯҳи гул аст.

Абри боронӣ гузар мекард аз болои шаҳр,
Дар дами борон парасту дар ҳаво бисёр буд.
Ҳар куҷо, Мирзо, маро пеши назар ояд ҳанӯз
Он гулу гулзор, он рӯзе, ки нотакрор буд.

Он пагоҳӣ ҳар гуле дил, ҳар гуле овоз дошт,
Пеши мо мегуфт гӯё боғи шабнамдидае:
Ҳар гули Шероз ҳамранги гули рухсора аст,
Ғунчаҳояш ғунчаи лабҳои нобӯсидае…

Ҳар куҷо, Мирзо, маро пеши назар ояд ҳанӯз
Он гули сурхе, ки чун лахти ҷигар гул мекунад.
Бо гулу шеър аз азал Шероз тавъам будааст,
Рукни шоирҳои ӯ чун шохи тар гул мекунад.

*Тарҷумаи Бозор Собир*

*Михаил СИНЕЛЬНИКОВ*

## БА ХОТИРАИ МИРЗО ТУСУНЗОДА

Чун пагоҳӣ ширравған меҳӯранд
Кӯдакону мардҳои мӯсафед.
Медамад аз деги кӯҳҳои Ҳисор
Мисли шири пухтае субҳи сафед.

Бод хиш-хиш мекунад вақти намоз,
Мезанад барги дарахтонро варақ.
Метаровад, мечакад дар субҳдам
Шабнам аз барги алафҳо чун арақ.

Менависад бод дар барги дарахт
Шеърҳои бар қалам нододаро,
Шеърҳои бар қалам нододаи
Шоири Мирзои Турсунзодаро.

Осмони софи болои уфуқ
Рӯи ӯро менамояд ёдрас.
Осмони софи болои уфуқ
Дар назар пешонаи ӯясту бас.

Дар хаёлам, ӯст дар пушти замин
Мебарояд ин замон бо офтоб…
Субҳи мӯяшро тасаввур мекунам,
Менамояд субҳ монанди сароб…

Баъди ӯ чун шоири фарзонае
Гар касе бар кас нагардад дастрас,
Дар Ҳисори шодмон беихтиёр
Ғайри ӯ н-ояд касе дар ёди кас.

Барф дар пешонаи кӯҳи баланд
Гӯиё девони Турсунзода аст.
Рӯи Турсунзода дар зери китоб,
Ҳамчу мактаббача хобаш бурдааст.

*Тарҷумаи Бозор Собир*

*Абдуҷаббор* ***ТАҚВОИИ ФАРХОРӢ***
*(Шоири афғон)*

## ХАНДИДА МЕОЯД
*(Мухаммас бар ғазали М. Турсунзода)*

Навид омад, ки он дилдор доман чида меояд,
Арақ чун дур зи даври оразаш ғалтида меояд,
Зи дигар тарки улфат кардаву ранҷида меояд,
«Даме ки дилбарам монанди гул хандида меояд,
Умеди тоза дар дил, нури нав дар дида меояд».

Буте дорам, ки дар олам бувад бемислу беҳамто,
Хиҷолат мекашад сарви саҳӣ з-он қомату боло,
Ду чашмам кӯр шуд андар раҳи он духтари тарсо,
«Танашро дода бо пероҳани абрешимин оро,
Гумон созӣ, ки гул дар барги гул печида меояд».

Ба андӯҳу масаррат ёр бо ман ҳаминон гаштаст,
Ба расми дилбарӣ машҳур дар рӯи ҷаҳон гаштаст.
Мани беболу парро тоқи кӯяш ошён гаштаст,
«Ба ман дилбар чунон ҳам ошнову меҳрубон гаштаст,
Ки ӯ ҳарфи рақибонро дигар нашнида меояд».

Саросар дашти домонаш шукуфта настаран дорад,
Хазону навбаҳори ӯ бунафшу ёсуман дорад.
Ба саҳро лоларо доғи дилам хунинкафан дорад,
«Баҳори рӯзгораш рангу бӯи сад чаман дорад,
Рухаш гул-гул шукуфта, хотираш болида меояд».

Дилам дорад тамоюл ҳар даме бӯсам зи рӯи ӯ,
Муроди дил бигирам аз лабони қандҷӯи ӯ.
Нахоҳад то абад Тақво шавад нодим зи кӯи ӯ,
«Рақиби беадаб, дигар макун зиштӣ ба рӯи ӯ,
Ки аз ту нозанинам бо дили ранҷида меояд».

*Николай* ***ТИХОНОВ***

* * *

Садои Панҷу Вахш арчанд буррост,
Садои шеъри ту бурротар аз он,
Варо Шарқи азиму хурд бешак
Чу ҳар дам бишнавад, ояд ба туғён.

Ҳисору қуллаи Помир ҳарчанд
Намоён нестанд аз Мисру Порис,
Намудорӣ ту лекин дар ҳама ҷо
Чу пайки сулҳ, чун марди мубориз.

Туро донам бузургу солдида,
Валекин чун ҳунар доим ҷавонӣ,
Ҳунар пирӣ надорад то ҷаҳон ҳаст,
Ту ҳам пирӣ надорӣ, ҷовидонӣ.

Ту ҷавшанпӯш аз ихлоси мардум,
Дилат аз меҳри дилҳо пуршарор аст.
Ту эй Мирзои маҳбуби ҳама халқ,
Сурудат рамзи сулҳи пойдор аст!

*Тарҷумаи Лоиқ*

***Закӣ НУРӢ***

## МЕРОС

*Ба дӯстам Мирзо Турсунзода*

Бе гумон аз умри ман бигзашт айёми шубоб,
Чун гуле бишкуфту пар-пар гашт дар гулхонааш.
Лек мисли киштии пурбор дар баҳре ҳанӯз
Мешитобад зиндагӣ бо суръати деринааш.

Вақт ҳамчун мевае ҳар рӯзро, ҳар лаҳзаро
Меканад аз умри одам ҳамчунон аз шохсор.
Вақт бо ҳар савт мехонад басе дар гӯши ман
Нағмаҳо аз арсаи оянда бе сабру қарор.

Дар ҷавоби ӯ, ки дар андеша мемонад маро,
Мезанам лабханд, аммо сахт бовар мекунам,
К-орзуи дидани фардою фардои дигар
Дар дили мо кам набуду кам нахоҳад гашт ҳам.

Ин умед, ки орзу ҳар рӯз бар насли башар
Зиндагиро мекунад пуршӯр дар рӯи замин.
То ҳамин як орзуям ҳаст, ман омодаам,
Бар ҷидоли рӯзгорон ҳамчу сарбози матин.

Ҷо надорад нолаю андӯҳ дар ҷонам ҳанӯз,
Тобнокам гӯӣ чун хуршед аз ишқи Ватан.
Мон, бисӯзам ман ҳамон тавре ки мебоист сӯхт,
Гар даме хуршед гаштан нест дар тақдири ман.

Ҳар куҷо имрӯз тарҳи тозае андохтаст
Дар ҷаҳон, дар арсаи таърих давроне дигар.
Аз уфуқҳо, аз баландӣ мекунад сӯям нигоҳ
Пас аз ин ояндаи ман боз ҳам бебоктар.

Лек ҳар дам мерасад бар гӯш овозе чунин,
Эй ҷавонбахте, ки бар оянда рӯ овардаӣ,
Зиндагӣ дар рӯзгорон сарфарозат мекунад,
Гар зи мероси падарҳо дӯшборе кардаӣ.

*Тарҷумаи Бозор Собир*

***Поиз ҲАНИФӢ***
*(Афғонистон)*

## МАШҚИ ҲАМЗАБОНӢ

Бархурӯш, эй баҳри табъам, мавҷ хез!
Боди поизӣ бишав, бихром тез!
Дил чу дарё созу тӯфонофарин,
Пайкари андешаро ҷонофарин.
Киштии идрокро афкан ба об,
Пеш рав, кун пора нури офтоб!
Пора кун бо шаҳпари тези хаёл
Синаи Ому ба уммеди висол.
Мавҷҳои саркашашро зан миқор
Бо талотум панҷа зан мардонавор.
Сархушу озода чун оби равон
Хешро он сӯ бикаш, эй паҳлавон.
Чун ба соҳил мерасӣ, эй шӯълахӯ,
Шав кабӯтар, болу пар аз ишқ ҷӯ.
Болу пар аз ишқи инсондӯстӣ,
Тарҳ кун бо як сухан аз дӯсте.
Пар кушо то Тоҷикистони қашанг,
Дар дили андешаҳо бинвоз занг.
Чун расӣ, он ҷо нигини роз шав,
Фориғ аз андешаи парвоз шав.
Гӯ саломам шоири озодаро,
Шоғали Мирзои Турсунзодаро…
Ҷомаи «Эй шоир»-ат хондам чу ман,
Сӯз дар андешаам шуд мавҷзан.
Шӯълаҳо печид андар синаам,
Дод шеърат, к-ӯ ба даст оинаам,
Сӯхтам то чашм бар он дӯхтам,
Оташи дигар ба дил афрӯхтам.
Кӯҳҳо аз сар чу хокистар гирифт,
Боз оташ дар вуҷудам даргирифт.
Бехабар аз хеш дар худ сӯхтам,
Бе ҳазар чашме ба оташ дӯхтам.
Он ки дорад оташе андар ҷигар,
Лоҷарам, месӯзад аз худ бехабар.

Шамъро монад, ки резад ашки гарм
Дар азои безабониҳо зи шарм.
Гар ҷигарро мекунад аз сина дур,
Ин ҳазар аз сӯхтан бошад қусур.

Бо ҳарорат офтоби ошиқон
Лек мебошад фарози каҳкашон.
Меравад чоҳе паси абри сиёҳ,
Мешавад дере зи чашми мо паноҳ.
Гоҳ метобад карахту бефурӯғ,
Мениҳад бар шонааш афлок юғ.
Мефитад вақте ба чанголи кусуф,
Мекунад пайдо ба арзи худ вуқуф,
Мезанад гоҳе ба рӯяш руд об,
Мешавад аз тарси тӯфон дар ҳиҷоб.
Барф рақсон чун фурӯ ояд сафед,
Ашъаи хуршед бошад нопадид.
Он чи бо сардидилӣ ноошност,
Синаи ман буда ё қалби шумост.
Хомушӣ дар санг набвад бедилӣ,
Бедилон буданд аз беҳосилӣ.
Дар дили санг оташе бошад ниҳон,
К-он бисӯзад, гар ба кор афтад, ҷаҳон.
Дар дили ҳар заррае ҷӯшад атум,
Ақлро з-он мӯъҷиза раҳ гашта гум.
Қалби ҳар санге бувад з-он шӯълабор,
Санг-санги гетӣ бошад пуршарор.
Хок набвад орзуе хуфтае,
Санг набвад оташе бинҳуфтае.
Ханда набвад ин ки ман дорам ба лаб,
Ҷони бар лабомада дорам аҷаб.
Танг гардад ғунчасон дил дар барам,
Лоҷарам чун гул гиребон медарам.
Ё бувад ин заҳрханди хастагӣ,
Ё ки рақси муждаи ворастагӣ.
Ё рамузи гунг буданҳои ман,
Ё муаммои тапиданҳои ман.
Маъние ё аз забони бастаам,
Ё далели табъи зору хастаам.

Аз зулоли шӯълаҳо хезад фиғон
Чун фитад оташ ба чӯбу устухон,
Зор нолад чун бисӯзад хору хас,
Нашнавад шӯри заифон лек кас.
Ной нолад низ гоҳи сӯхтан,
Нола мебояд пайи афрӯхтан.
Нолае аммо ба дилҳо коргар,
Нолае ҷонсӯзу гарму пуршарар.
Нолае оганда аз дарду даво,
На чу зоғон нолае по дар ҳаво.
Сӯзу созе то ба дил ҷӯшад умед,
Бонгу шӯре то ки афзояд навид.
Табъи соҳир он ки тӯфон мекунад,
Шеър аз ҳар мавҷ фаврон мекунад,
Гирад аз баҳре хушо шеъре ки авҷ,
Ғарқ гардад чун гуҳар дар қалби мавҷ.
Мушкиле эҳсосро осон кунад,
Он чи шоир з-ӯ бихоҳад, он кунад.
Шеър бошад, гар забон сӯзад зи дард,
Гарм мебояд сухан зад, не ки сард.
Он чунон, к-аз хомаи Мирзо ба сӯз
Рехта бас нуктаҳои дилфурӯз.
Гармии шамъе, ки ӯ афрӯхта,
Тору пуди ошиқонро сӯхта.
З-он ман он парсӯхта парвонаам.
К-аз навои ҳамнаво девонаам,
Ман гар ин ҷо нағмахонӣ кардаам,
Сарфи машқи ҳамзабонӣ кардаам.
Ҳамзабонӣ бо рафиқи ҳамзабон,
Корвони гуфтугӯро ҳамзамон.
З-он ба поёни паёми хештан
Ин каромат аз ту хоҳам, табъи ман,
Гӯ саломам шоири озодаро,
Боз ҳам Мирзои Турсунзодаро.

***Йордан МИЛЕВ***
*(Шоири Булғор)*

**ШОИР**

Мисли ҳар инсони зинда
Буд Турсунзода Мирзо –
Дӯстам аз қуллаи Боми ҷаҳон.
Шеър мепардохт ҳар бор,
Шеърҳояш мисли булбул
Болафшон роҳ меҷуст
Дар дили фарзанди инсон.

Ӯ дуторе менавохт,
Ки ду торе дошт–
Тори шодӣ, тори ғам.
Он ду оҳанге, ки ҳастанд
Дар суруди аҳди мо чун зер, чун бам.

Дидаам боре варо бисёр маҳзун
Дар канори рӯди Урдун.
Ӯ ба ман мегуфт:
–Йордан,
Аз каломи хушку бешӯр
Даҳр бемазҳаб бимонад,
Баҳри шоир чист илҳом,
Гар на дорад шӯри шайпур.

Нуктаҳои дигаре ҳам
Ёд дорам ман аз ӯ–
Гуфта буд ӯ дар Душанбе
Боре зери сояи ғарқи чанорон
Як пиёла чой дар каф,
Бо самимият, нигоҳи меҳрубон.

Зиндааш дар ёд дорам он қадар,
Ки намеояд маро имрӯз бовар
Ҳам ба лавҳи рӯи мармар,
Ҳам ба санги нимпайкар,
Ки маро аз дур ҳоло мешиносад.

Дар хаёлам шоири равшанзамир–
Устоди шеър Турсунзода Мирзо
Ҷовидон поянда бошад мисли Помир.

*Тарҷумаи Лоиқ*

***Файз АҲМАДИ ФАЙЗ***
*(Покистон)*

* * *

Биё, ёрам, ки чашмам дар талаб баҳри тамошоят,
Биё, ёрам, ки гӯшам ташналаб баҳри суханҳоят.

Кучо ҳастӣ, ки ҳар кӯе нишон аст аз кафи поят,
Кучо рафтӣ, ки гум шуд хуш садои омаданҳоят.

Гумон дорад нигоҳам дар тавофи лолаву гулҳо,
Ки шояд андар он бошад яке чун рӯи зебоят.

Зи ту омӯхтам халқи чаҳонро ҳифзи чон кардан,
Китоби дӯстиро дилнишин кардам ба имоят.

Ба ёд овардаам як шеъри Бедил аз барои ту,
Ҳамин як армуғон овардаам баҳри таманноят:

«Нафас дар сина накҳатошёни хулди тавсифат,
Нигаҳ дар дида шабнампарвари боғи тамошоят».

***Борик ШАФЕӢ***
*(Шоири афғон)*

* * *

*Ба хотири даргузашти шоири сулҳу озодӣ*
*Мирзо Турсунзода дар Тоҷикистон*

Бимирам, ки шамъе ба маҳфил бимирад,
Чароғе ба хилватгаҳи дил бимирад.

Бимирам, ки ҷӯёи роҳатгаҳи дил
Ба гоҳе расидан ба манзил бимирад.

Бимирам, ки донои роҳи муҳаббат
Шиносои таййи мароҳил бимирад.

Бимирам, ки занҷириёни ситамро
Баҳамбарзани ин салосил бимирад.

Бимирам, ки ҷӯяндагони ҳунарро
Баногоҳ устоди комил бимирад.

Бимирам, ки монад сухан бе суханвар,
Меҳин шоири фаҳлу фозил бимирад.

* * *

Бимирам, ки ҷони ҳунар шуд зи дастам,
Бимирам, ки ӯ мурду ман зинда ҳастам.

На, ҳаргиз ҳунарманди доно намирад,
Худованди осори зебо намирад.

На, ҳаргиз беҳин раҳбари ҷони мардум,
Ҳидоятгари насли фардо намирад.

Гуҳар дар дили мавҷи дарё бипояд,
Ҳунар дар муҳити ҳунарзо намирад.

Ҷаҳони ҳунарро ба оғӯши ҳастӣ
Ҳадафманди марди тавоно намирад.

Бале, Мирзои суханвар намирад,
Чун ӯ аз ҳунар кас чунин бар нагирад.

* * *

Магар, Мирзооқо, надонам сутудан
Чу ту гавҳари ҷон зи ҳастӣ рабудан.

Вале дар ту доим ситоиш тавонам
Ҷаҳонро ба шеър инчунин во намудан.

Ҳамеша тавонам зи оҳанги шеърат
«Садои дили Осиё»-ро шунудан.

«Чароғи абад»-ро зи дастат гирифтан,
Ба нураш раҳи орзуҳо кушудан.

Зи кӯҳи Бадахшон ба кохи Кремлин
Ба заҳмат расидан, ба роҳат ғунудан.

Ба инсони дарбанду озодии ӯ
Ба оини Ленин тааммул намудан.

Сухан гуфтан аз «Шарқи озод» бо ту,
Зи Ҳиндустон достонҳо сурудан.

Ҳама нек донам, валекин надонам
Ба марги ту бе доғи дил зинда будан.

Туву баъд аз ин роҳати ҷовидонӣ,
Ману дар ғамат дасти афсӯс судан.

Ба ёдат ба хилватгаҳи ҷон нишастам,
Ба ҷонат дуруди фаровон фиристам.

*Платон ВОРОНЬКО*

## ВОХӮРИИ НАХУСТИН

*Нақш бандад солҳо дар ёди кас*
*Дашти бепоёну фарёди ҷарас.*
*Мирзо Турсунзода*

Дар мулки ту барф ҳам чӣ зебост,
Пӯшида сафед дашту саҳрост.
Рӯ-рӯи чунин гилеми пурбор
Таййи раҳи манзил аст душвор.
Рафтан ба Ҳисори бостонӣ
Осон набувад ба корвоне.
Дашту дараву гузаргаҳу роҳ
Гардида сафед чун рухи Моҳ.
Бояст нишаст, нест чора,
Бинмуда ба барфҳо назора.
Дар Шаҳринави азиз ин ҳол
Рух дод маро дар аввали сол.
Боре бишудам ман озими кӯҳ,
Борид валек барфи анбӯҳ,
Ночор ба чойхонаи роҳ
Бурдем ба рӯз чанд шабро.
Буд ҳамраҳам он шаби зимистон
Устоди накӯи як дабистон.
Шуд зуд пиёда давргардон,
Дидем ба ҳам тамокую нон.
Номи хуши он рафиқи номӣ
Будӣ, ба хаёли ман, Киромӣ.
Ду тори дутор то саҳаргоҳ
Карданд маро ба хубӣ огоҳ
Аз нағмаи булбулони кӯҳсор,
Аз хониши обҳои ҷӯбор,
Аз сози дили ҷавони ошиқ,
Аз хандаи духтарони тоҷик…

Во карда шарики ман китобе,
Бо як ҳаяҷону изтиробе
Бархонд аҷаб суруди маҳзун,
Гуфто пас аз он ба меҳри афзун:
«Дар рӯи ҳамин гилеми хона
Мирзо бинавишт ин тарона.
Оҳанги зафар бувад каломаш,
«Байроқи зафар» бимонд номаш».

Бар кӯҳ набаромадам муқаррар,
Шодам, ки бишуд маро муяссар
Дидори ту дидану Ҳисорат
Аз хониши марди ҳамдиёрат.

*Тарҷумаи Бобо Ҳоҷӣ*

***Анатолий ТАРАН***
*(Украина)*

## ВОДИИ ВАХШ

*Ба ёди Лауреати мукофоти ленинӣ*
*Мирзо Турсунзода*

Ман волидайни худро гӯё ки боз дидам,
Назми Тичинаро боз ин ҷо зи нав шунидам.

Дидам ба ҳар канораш боғоти тозабунёд,
Аз файзи дасти деҳқон гардида неъматобод.

Ин водии дилоро пурсарват асту доро,
Ганҷинаи ниҳонаш гардида ошкоро.

Хондам гузаштаҳояш, таърихи он дароз аст,
Худ Вахши бостонӣ ҳамчун китоби боз аст.

Аз ин китоб мардум байту тарона хонанд,
Тақдири халқи худро хонанду нағз донанд.

Дар ҳар саҳифаи он дарҷ аст софии дил,
Сулҳу сафою ваҳдат, сидқу вафои комил.

Боғи сухан шукуфта, ҳар гул ба бор ояд,
Нерӯи аҳли заҳмат боби зафар кушояд.

Чун мурғи табъи шоир бе ҳеҷ лаҳну овоз,
Дар осмони водӣ дорад уқоб парвоз.

Водӣ ба чашми мардум ҳамчун китоби боз аст,
Мисли суруди Мирзо марғубу дилнавоз аст.

*Тарҷумаи Алӣ Бобоҷон*

***ФОХИР***

## БА МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Марҳабо аз он, ки ҷомаш аз адаб саршор шуд,
Дурри маъниро бисуфту дафтари ашъор шуд.

Нуктаҳои нағз андар гуфтаҳои дилкашаш,
Чун чароғи маърифат тобандаи афкор шуд.

Тухми донишро чунин пошид андар байни халқ,
Ҳар куҷоро бингарӣ чун гулшану гулзор шуд.

Қиссаҳои Ҳинду Чину Осиёро чун суруд,
Тӯҳфаҳои ранг-рангаш ҷилваи бозор шуд.

Таҷриботе гирд кард аз розу асрори ҷаҳон,
Инчунин дар мулки Шӯро марҷаъе ахбор шуд.

Дар тарозуи сухансанҷӣ чунон дурҳо бирехт,
К-ӯ ба назди мардуми доно кунун меъёр шуд.

Кард бо неши қалам дилҳои аъдоро пареш,
Дӯст аз вай шод гашту душман аз ӯ хор шуд.

Пандҳо, андарзҳо, гуфторҳои дилнишин,
Шамъи маҳфилҳо шуду сарчашмаи анвор шуд.

Соҳиби номи ленинӣ гар бишуд дар ин диёр,
Муфтахир бо хидмати шоиставу бисёр шуд.

Дар раҳи хидмат ба халқ аз кӯдакӣ кӯшиш намуд,
То кунун панҷоҳ сол аз умри вай исрор шуд.

Бо муборакбоду шодиҳои пуршӯру шааф
Халқҳо дар ҷашни вай омодаву тайёр шуд.

Хизмати халқ аст чун ҷавшан ба рӯзи расму кор,
Ҳар ки ин ҷавшан бипӯшад, сарвару сардор шуд.

***Тошлӣ ҚУРБОНОВ***
*(Шоири туркман)*

## ДИЛИ ШОИР

*Ба Мирзо Турсунзода*

Чӣ дардомезу ҳузнангез
Дафни зодаи инсон!
Чӣ сон душвору вазнин аст
Дафни шоири мумтоз!
Аҷал рӯзе ба хоки тира инсонро кунад яксон,
Канад ӯ риштаҳои умр бемиқрозу беовоз.

Ба гӯш оҳиста-оҳиста
Расад мусиқии мотам,
Азодор аст гӯё
Рӯз ҳам бо чеҳраи тира.
Сари байроқҳои сурхро дидам ба ҳар сӯ хам,
Равон пиру ҷавон хомӯш, табъи одамон хира.

Чу сайёҳе, ки дам гирад
Пас аз сайру саёҳатҳо,
Ту оромидаӣ ҳоло,
Аё фарзанди ҷони Шарқ.
Вале шеъри ту бошад зиндаи ҷовид дар дунё,
Фазои орзуҳоро мунаввар мекунад чун барқ.

Ҳама гул бар ту оварданд,
Атрофат пур аз гул шуд,
Чӣ андӯҳи бузурге!
Мардумонро доғдил кардӣ!
Ба ту имрӯз ҳар як пиру барно мекунад падруд,
Ба қаъри асрҳо ту меравию барнамегардӣ.

Дар ин ҳин ашки талхе
Мешавад аз чашми кас ҷорӣ,
Дар ин ҳин гӯиё ман ҳам
Ба олам мекунам падруд.

Назар меафканам бар рӯи оромат ба душворӣ,
Ҳамесӯзам чу ҳезум, аз димоғам мебарояд дуд.

Агар мардум «ба роҳи вопасин» гӯянд,
Боке нест,
Чаро ки дар ҷаҳони назм
Шеърат роҳи нав бикшод.
Маро фаҳмост: мақсуду муроди ворисонат чист,
Баранд осори ту мерос аз авлод бар авлод.

Ана, боғи Лучоб–
Ин соҳили дарёчаи сероб.
Фарози теппакӯҳи пойтахт оромгоҳат шуд.
Бимонад рӯҳи ту зинда,
Бикун осуда акнун хоб!
Вафову эътиқоди ҷовидон пушту паноҳат шуд.

Мегӯед, эй азизон:
«Нест дигар Мирзои мо!»
Ба маҳфилҳои мо
Бо шеъри худ ӯ ҳозиру нозир.
Агарчи рӯзи дафнаш рехт оби дидаҳои мо,
Бисӯзад ашкҳоро оташи меҳри дили шоир.

Муҳаббат аз дили ӯ
Рехт бар бунёди ашъораш,
Талошу ҳиммати ӯ
Шӯҳраташро кард оламгир.
Намирад то абад шаҳбози фикру ҳусни гуфтораш,
Баландии мақоми ӯ баланд аз қуллаи Помир!

*Тарҷумаи Алӣ Бобоҷон*

* * *

Хабари мудҳише, ки дар назарам
Гӯиё кӯҳу даштро ларзонд,
Паҳн шуд дар фазо чу абри сиёҳ,
Ки дили шоир аз тапидан монд,

Он диле, ки дили ҷаҳоне буд.
Шоири коммунисти мо Мирзо
Гул парастиду чашмасоронаш,
Сер асло нашуд тамоми умр
Аз тамошои лолазоронаш,
Дилхуш аз кишвари ҷавонӣ буд.

Гоҳ аз зиндагонӣ назми баланд,
Гоҳ аз назм зиндагонӣ сохт,
Рӯдакивор дар диёри Шарқ
Алами назми тозае афрохт,
Сулҳро ёру пуштбоне буд.

Ҷойгир аст дар дили халқаш
Меҳри пурҷӯши ӯ, каломи ӯ,
Мешавад сабт бар ҷаридаи даҳр
Бо хати зар давоми номи ӯ,
Зинда бо ишқи ҷовидонӣ буд!

* * *

Ҷаҳон хоб асту ман бедор имшаб,
Парешоневу дилафгор имшаб.
Рафиқи бачагиям ҷанг дорад,
Ба теғи хунталаб
Хунбор имшаб.

Куҷоӣ эй саҳар? Домони шабро
Ба нурат зудтар кӯтоҳ бинмой,
Рафиқи меҳрубонамро хабар гир,
Маро аз ҳоли ӯ огоҳ бинмой!

Хабар оварда аз фатҳи ҳаёташ,
Маро аз қайди ғам бинмой озод,
Рафиқонаш, ки он дар шарқу ғарбанд,
Ба ҳоли ман ҳама
Бинмой дилшод.

Ба теғи марг мечангад далерам,
Дилаш маҷрӯҳ, дар дасташ сипар нест,
Биё, эй субҳи уммедам, ба зудӣ,
Бирав, эй шаб, маро тоқат дигар нест!

## ШОИР

*Ба Мирзо Турсунзода*

Шоир он кас, ки ҳар ҳиҷои ӯ
Заҳр дар коми душманон гардад,
Нуктаҳои ҷаҳонкушои ӯ
Шаҳд дар коми дӯстон гардад.

Шоир он кас, ки дар шаби торик
Шамъи роҳи мубоisær бошад.
Шӯҳрати халқи хеш афзуда,
Мояи ифтихори он бошад.

Дар дили оташи ҳаёту ишқ
Он чиро дигарон надида буданд,
Бинаду ёбаду ба даст орад.

Бо суруди наву таронаи худ,
Бо нигаҳҳои ошиқонаи худ
Ба тилисми фалак шикаст орад!

Писари кӯҳсори ман – Мирзо
Чашму гӯшу забони халқ шудаст,
З-ин сабаб ифтихори ман – Мирзо
Шоиру қаҳрамони халқ шудаст!

* * *

*«Ба яке чашм задан сӯҳбати ёр охир шуд,*
*Рӯи гул сер надидем, баҳор охир шуд…»*

Тирамоҳ омаду зад бӯи хазонро ба димоғ,
Боғро тантанаю авҷи барор охир шуд.

Шоири номии даврон, ки зи олам бигзашт,
Ба раҳи омаданаш дидаи чор охир шуд.

Дасти гарму дили гармаш, ки зи кор афтоданд,
Гулхани назм бишуд сарду шарор охир шуд.

Дар сафи ғамзадагонаш Шарафу Аҳду Вафо,
Пеши тобути вай имрӯз қатор охир шуд.

Баҳри он боди сабое, ки ҷаҳонро мегашт,
Соате таҳрикаву гашту гузор охир шуд.

Киштии назм, ки аз бори сухан буд пурбор,
Он қадар рафт, ки дар роҳ мадор охир шуд.

Номи Мирзо чу маҳу меҳр бимонад ҷовид,
Гарчи ҳамчу нафаси гарми баҳор охир шуд.

*Боқӣ РАҲИМЗОДА*

## МИРЗОИ ЗАМОН

*Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,*
*Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар.*
*М. Турсунзода*

Туӣ аз сарзамини офтобӣ
Аз ин рӯ, дӯстам, пуробутобӣ.
Аз ин рӯ бар сари ту офтоб аст,
Дилат равшан зи нури Инқилоб аст.
Ту дидӣ матлаи хуршеди заррин,
Ту дидӣ матлаи хуршеди Ленин!
Аз ин рӯ дар вуҷудат сӯзу соз аст,
Дилат аз тоби маънӣ дар гудоз аст.
Ба ҳар ҷое: чи Мағрибу чи Машриқ,
Бувад ҳамроҳи ту хуршеди тоҷик.
Ба ҳам гар обу оташ менасозанд,
Вале фӯлоду оҳан мегудозанд.
Чунин дар синаи ту обу оташ
Ба ҳам созанд чун ёрони беғаш,
Ки шеърат оташину гарм ояд,
Ба дилҳо гармию сӯзиш физояд.
Ба дил ҷӯшу хурӯши тоза бахшад,
Ба мардум рӯҳи беандоза бахшад.
Ҳамеша рафъати маъно пазирад,
Ҳамеша вусъати дунё пазирад.
Равад дар баҳри дилҳо, мавҷ резад,
Занад туғёну бо тӯфон ситезад.
Зи худ ангезад эъҷози замонро,
Ба рӯи каф бидорад осмонро.
Занад бар маснади хуршед паҳлӯ,
Дурахшад мисли моҳ аз тоқи мину.
Ҳарорат офтоб аз сӯхтан ёфт,
Фурӯғи талъат аз афрӯхтан ёфт.
Аҷаб набвад, ки хуршеди ҷаҳонтоб
Бувад аз оташи худ дар табу тоб.

Ҷаҳонро то ба нури худ фурӯзад,
Тамоми умр ӯ бояд бисӯзад…
Аҷоиб қиссае дар ёд дорам,
Ки бар хонанда чун тамсилаш орам.
Агарчанде ба чашми худ надидам,
Валекин аз хирадманде шунидам,
Ки қақнус ном мурғе дар ҷаҳон буд,
Баландовозаи ҳафт осмон буд,
Шабонгоҳон, ки дунё тор мешуд,
Ба дӯши кӯҳ зулмат бор мешуд,
Зи минқораш садоҳо мебаровард,
Ба ҷисми мурдагон ҷон медаровард.
Садояш дам ба дам дар авҷ мешуд,
Фазо аз лаҳни ӯ пурмавҷ мешуд.
Садоҳо мешуданд он сон ба ҳам ҷӯр,
Ки мешуд дашту саҳроҳо пур аз шӯр.
Садо бар авҷи аъло мебаромад,
Ба ҷисмаш тоза ҷоне медаромад.
Кушодӣ чун зи шавқи бехудӣ бол,
Фаромӯшаш шудӣ рӯзу маҳу сол.
Гирифта оташу месӯхт қақнус,
Шабони тор меафрӯхт қақнус.
Аз ӯ як мушти хокистар ҳамемонд,
Ки бо ҳар зарра оҳангаш ҳамехонд.
Зи ҳар шай мерасид овози қақнус,
Ҷаҳон пур мешуд аз эъҷози қақнус…
Саҳар ояд, насими шӯх хезад,
Зи анфосаш ба ҳар ҷо мушк безад.
Ба хокистар дамад ҷони дубора,
Ки гӯӣ хезад аз ахтар шарора.
Зи нав он мурғ болу пар кушояд,
Зи нав мақбулу зеботар намояд,
Шавад парвози ӯ бартар зи ҳар бор,
Шавад аз лаҳни ӯ пур дашту кӯҳсор.
Чу рӯҳи тоза сӯзу созаш орад,
Ба мисли зиндагӣ мурдан надорад.
Тамоми ҳарфу маъноҳои дилкаш,
Тамоми сӯзу сози мурғи оташ,

Тамоми ҳусни рӯи Тоҷикистон,
Тамоми рангу бӯи Тоҷикистон,
Тамоми гармии хуршеди тоҷик,
Тамоми толеъу уммеди тоҷик
Ба эҳсони ту пайванд аст, пайванд,
Ҷаҳоне аз ту хурсанд аст, хурсанд.
Ту, Мирзоҷон, мунодии амонӣ,
Сазад гӯям, ки мирзои замонӣ.
Сухан сарчашма гирад аз вуҷудат,
Ҷаҳонро пур кун аз савту сурудат!

* * *

Мирзои мо, Мирзои мо,
Дар назми нав симои мо.
Ҳаргиз набинӣ дарди по,
Мирзои беҳамтои мо!

Ҳар соли умрат дар шумор,
Дар арсаи ин рӯзгор
Карди ҷадал, то ки хазон
Дигар наояд дар баҳор.

Ҷои ароба шуд машин,
Кӯшиш намудӣ баъд аз ин
Гарки ғалат гуфтам, бубахш,
Ҷангам макун, ҷони ширин.

Қонеъ нагаштӣ баъд аз он,
Гаштӣ Магелони замон,
Бикшодӣ бо сеҳри қалам
Ҳиндустони бостон.

Ояд ба гӯш акнун садо
Аз Африқо, аз Осиё,
Пурсанд ин овози кӣ?
Гӯем, ин Мирзои мо.

Мирзои мо дамсози сулҳ,
Ҳамрозу ҳамовози сулҳ,
То сад давида меравад,
Зеро ки ӯ сарбози сулҳ.

Панҷоҳ шуд, сад зӯр нест,
Чун хонаи мо дур нест,
Мирзо даро, садро бубин,
Майлаш агар манзур нест.

Албатта, ки Мирзо–ако
Дар синни сад ҳам бо шумо
Мо ишқбозӣ мекунем,
Шарташ ҳамин, ки беасо.

Мирзои мо, Мирзои мо,
Мирзои дилдарёи мо!
Дар роҳи сад бодо сиҳат
Ҳам пои ту, ҳам пои мо!

Мирзоакои зиндадил,
Бар сад равӣ беқолу қил.
Парво накун, эҷод кун,
То сад ба бурдан мо кафил.

## ДӮСТАМ МИРЗО

Дилам хоҳад, ки андар солҳои неки оянда
Ҷавобе бар садои вақт дода возеҳу бурро.
Ба нав-нав халқҳову раъду барқу кӯҳи поянда
Бихонӣ сатрҳои дилрабои хешро, Мирзо!

Дилам хоҳад ҳамеша печутоби роҳи дуродур,
Ки асло ҳам намедонад хамӯшиву фароғатро.
Ба овози дили мо то абад бигзор бошад ҷӯр
Тавоно қувваи парвози назми поки рӯҳафзо.

* * *

Диле дорӣ, ки дар ӯ Осиё гунҷад,
Дар ӯ шӯру қиёми осиён гунҷад,
Дар ӯ занҷирҳо бигсаста аз дасти ғуломон,
Дар ӯ ишкелҳо бишкаста дар пои асирон,
Дар ӯ вожун шуда зиндону маҳбасҳо,
Аз ӯ берун шуда малъуну нокасҳо.
Варо ишқ ошён хонда,
Дар ӯ сулҳ ошён монда.
Ба монанди парасту дар баҳорон.
Дар ӯ рашку хусумат нест,
Дар ӯ гарде хушунат нест,
Дар ӯ аз ганҷҳои ҷовидона,
Ба ҷуз ганҷи сухан, ганҷи муҳаббат нест,
Хушоянд он қадар буда,
Ки мӯҳтоҷи хушомад нест…

Дар ӯ Варзоб меҷӯшад,
Дар ӯ симоб меларзад,
Дар ӯ Волга мисоли назби Ленин мезанад туғён,
Дар ӯ Нил ҳамчу озодипарастон мекунад исён–
Чу медонам, ки маҷрои ҳама дарёст
дарёи дили шоир,
Чу медонам, ки дунёи ҳама савдост
дунёи дили шоир,
Намедонам чӣ ҷои нисбат аст, аммо
Накӯ донам, ки ҳар як шоири шӯрида
бо ҳар қитъаи шеъраш
ба ҳукми қитъаи дунёст,
Ки то боқист, истиқлол мехоҳад.
Накӯ донам, ки шоир восили ҳол асту истиқбол,
Агар ҳар қитъа шеъраш бо забони ҳол фармояд,
ки истиқбол мехоҳад.

Ту дар ҳар ҳолат, эй устод,
Бо ҳар қитъаи шеърат
Кушодӣ роҳ бар ҳар қитъаи олам,
Бубахшидӣ пайи беҳбудии дунё,
пайи дилёбии одам
сурудатро, вуҷудатро!

Ту андар арзу тӯли умр
Ба ҳам наздик кардӣ арзҳову тӯлҳоро,
Ту бо дарёдилии хештан
Гулзор кардӣ даштҳову чӯлҳоро.

Кунун рӯди Қаротоғ аз миёни кӯҳсорон
рӯ ба сӯи баҳрҳо ҷорист,
Кунун ӯ ошно гашта ба уқёнусу дарёҳо,
Варо дарёи назми ту, каломи ту,
Варо иқдоми ту, роҳу мароми ту
Ба дарёҳои олам роҳ бикшодаст,
Ки бо ҳар қатрааш ҳар гаҳ, ки бо баҳре биомезад,
Бигӯяд бо забони ту,
ки ӯ аз Шарқи озод аст!

* * *

Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон,
Дар қатори қуллаҳои сангу хок
Қуллаи дигар ба гардун сар кашид–
Қуллаи шеъри баланду рӯҳи пок.
Қуллаи андар қатори сад ҳазорон қуллаҳо–
Қуллаи устод Турсунзода аст.

Баъд аз ин, эй дӯстон,
Эй ҳама даъвогарони тахти шеъру достон,
Дар баландӣ ошён мондан кам аст,
Шеъри худро худ ба худ хондан кам аст.

Гар шумо аз зоти ӯед,
Гар шумо авлоди ӯед,
Гар шумо аз шеъри ӯ рӯи ҷаҳонро дидаед,
Ҳамчу набзи хештан набзи замон санҷидаед,
Гар шумо дидед чун як одам олам мешавад,
Оламеро мезанад бар олам,
                    одам мешавад,
Гар шумо дар рӯзи дафни ӯ сиришк афшондаед,
Мисрае бар ёди ӯ аз достонаш хондаед,
Беш аз ин,
Гар шумо аз кӯҳсоред,
Беш аз ин,
Гар шумо аз ин замини номдоред,
Бар шумо
Дар баландиҳои кӯҳҳо ошён мондан кам аст,
Ошёне дар баландии мақоми ӯ гузоред!

*Нодир ШАНБЕЗОДА*

**НОМИ НЕК**

Шоири номовари мо, Мирзои меҳрубон,
Ком ширин шуд, кушодам то ба табрикат даҳон.

То ба баҳри назм шуд ғаввоси фикрат ғӯтавар,
Килки гавҳарзот бар аҳли Ватан шуд дурфишон.

Накҳати гулҳои назмат дар риёзи маърифат
Хубтар омад зи анбар бар димоғи дӯстон.

Солҳо дар хидмати халқат кашидӣ ранҷҳо,
Ганҷ бор овард нахли ранҷҳоят, бегумон.

Хидматат танҳо на баҳри халқи мо равшан бувад,
Балки бар заҳматкашони рӯи дунё ҳам аён.

Баҳри истеҳкоми сулҳу дӯстии халқҳо
Гоҳ дар Мисрию Балху гоҳ дар Ҳиндустон.

Осиё бедор шуд гуфтию аз бедорияш
Ларзаҳо афтод бар андоми хасмаш ногаҳон.

Баҳри озодии мазлумон намудӣ борҳо
Аз сари манбар нидоҳо бар алайҳи золимон.

Паҳлавони сулҳ хонандат, надорам шубҳае,
«Ҷони ширинат» гувоҳи ин ки хастӣ паҳлавон!

Шастумин солонаат гӯям муборак боду боз
Мухлисони шасти дигарро намоям замми он.

Боз дар шасти навин хидмат намоӣ баҳри халқ,
Муттасил бо номи нек, эй шоири ширинзабон!

Ҳосили умри ҷавонмардони олам номи нек,
То ҷаҳон боқист, боқӣ номи некат дар ҷаҳон!

*Ғаффор МИРЗО*

## БА МУБОРИЗИ СУЛҲ

Рӯзе, ки чу бахти хонаи ту
Омад ба ҷаҳон ягонаи ту,
Он дам хабар омадат ҳавоӣ,
Бояд ба раҳи сафар бароӣ.
Дар хориҷа бӯи дуди ҷанг аст,
Дар хориҷа ҳоли сулҳ танг аст.
Нодида ту тифли хештанро
Рафтӣ, ки ризо кунӣ Ватанро.

То маънии сулҳ бигзаронӣ
Бар каллаи душмани амонӣ,
То ин ки ба умри сулҳ моҳе
Бистонӣ зи дасти ҷангхоҳе,
Худ хуни ҷигар шудӣ дар он ҷо,
Мӯ барфи саҳар шудӣ дар он ҷо.

Чун зуъмии душманон шикастӣ,
Бар хонаи хеш бозгаштӣ,
Аввал сари гоҳвора рафтӣ,
Бар умри ҳазорбора рафтӣ.
Тифли ту туро намешиносад,
Аз ту писари ту меҳаросад.
Бо гиряи хандаовари худ
Дастак зада сӯи модари худ,
Бар ҷониби модараш гурезад,
Сӯи ту макида меситезад,
К-ин мардакаки сияҳ кӣ бошад,
Ин чашм наканданаш чӣ бошад.

Ногашта ҳанӯз сер аз рӯш,
Ногашта ҳанӯз сер аз бӯш,
Дар байни садои хандаи ӯ,
Дар ғут-ғути ғамбарандаи ӯ

Ногоҳ зи дур рӯзи иде
Боз оҳу фиғони нав шунидӣ.
Бо он хабар омадат ҳавоӣ,
Бояд ба раҳи сафар бароӣ.
Дар хориҷа бӯи дуди ҷанг аст,
Дар хориҷа ҳоли сулҳ танг аст.
Бӯсида азизи хештанро,
Рафтӣ, ки ризо кунӣ Ватанро…

Сад бор ба сад диёр рафтӣ,
Пурташвишу беқарор рафтӣ,
Сад оташи ҷангро бикуштӣ,
Бар хонаи хеш боз гаштӣ.
Як умр будӣ, бародари ҷон,
Дар хонаи худ дурӯза меҳмон.

Имрӯз, муборизи амонӣ,
Дар хонаи худ, ки меҳмонӣ,
Чун модари кӯдакони шерат
Садкора сарат канор гирад,
Созад ба ҳама муҳаббати хеш
Он мӯи сафеди ту навозиш.
Бинвозаду тор-тор пӯяд,
Дил гум зада бахтиёр гӯяд:
–Мардак, писарат арӯсдор аст,
Кайҳо ба дуот интизор аст,–
Зинҳор ту, эй мубориз, аз ин
Ҳайрон машаву сариштаат бин.
Ҳайрон машаву магӯй: «Ё пир,
Он тифл кунун шудаст зангир?»
Вақте ки ба Шарқу Ғарб будӣ,
Дар минбари ҳарбу зарб будӣ,
Монанди ҳазор тифли дигар
Осуда дар ин диёри дилбар
Фарзанди ту нозанин ҷавон шуд,
Дар пушту паноҳи ту калон шуд.

***Қутбӣ КИРОМ***

## АВВАЛИН ДИДОР

*Ба ёди устод Мирзо Турсунзода*

Зарафшон ин саҳар сози дигар кард,
Чу кӯдак майли оғӯши падар кард.

Зи фарқи кӯҳҳо оинадорон
Равон буданд поин чашмасорон.

Сафедорони пиру солдида
Ту гӯӣ сояи иқбол дида.

Ба дӯши ҳамдигар сар мениҳоданд,
Ба сӯи осмон пар мекушоданд.

Хабар омад, ки Турсунзода ояд,
Ба Фалғар шоири дилдода ояд.

Ту гӯӣ кӯҳҳои сар ба гардун,
Зи марги Рӯдакӣ пурдарду дилхун,

Сар аз гирдоби худ боло кашиданд,
Ғами дерина бар дарё кашиданд.

Ҳанӯз андар дили ин кӯҳсорон
Садои тири ноҳақ гирдгардон.

Ҳамон тире, ки зад бар ҷони Туғрал,
Ба ҷисму ҷони нофармони Туғрал.

Диҳад акси садо аз ҳар забоне,
Зи ҳар як сина, аз ҳар хонадоне,

Ки ин мардум ҳанӯзам дар сипоҳанд,
Сухандонро чу пайғамбар шиносанд.

Ба истиқболи он шаҳбози даврон,
Ба истиқболи он марди сухандон

Тамоми фалғарӣ шоир шуд он рӯз,
Ба расми дилбарӣ нозир шуд он рӯз.

… Сухан гуфтам зи Фалғар, маст гаштам,
Зи нав бар қуллаҳо побаст гаштам.

Чу чашми хеш бар олам кушодам,
Ҳамин Фалғар рухи хуррам кушодам.

Вуҷудамро чу санги хора кард ӯ,
Забон дар комам оташпора кард ӯ.

Сари ағёр бурдан ёд додам,
Ба пои дӯст мурдан ёд додам.

Чу аз оғӯши Фалғар сар кашидам,
Ҷаҳонро ҳамчу зан дар бар кашидам.

Саморо софу равшан дидам ин ҷо,
Заминро мисли хирман дидам ин ҷо.

Камозору қаноатпеша будан,
Ба маҷнунбедҳо ҳамреша будан.

Ба ҳар пасту баландӣ мард будан,
Ба ҳар афтодае ҳамдард будан.

Нишастан гушна, худро сер гуфтан,
Бараҳна дар дами шамшер хуфтан.

Гирифтам ёд аз мардони Фалғар,
Зи мардони балогардони Фалғар…

Ҳамин халқи ба кӯҳу ёла дилбанд,
Зи омад-омади устод хурсанд.

Яке мегуфт: ӯ марди қадим аст,
Баробар бо чанорони азим аст.

Яке мегуфт: рӯяш хол дорад,
Нигоҳаш шӯхии атфол дорад.

Ана, устод омад бо табассум,
Миёни рӯди пуртуғёни мардум.

Қадам мемонд ӯ бар хок маҳкам,
Нигоҳи гарми ӯ бар дида марҳам.

Мисоли фалғариҳо рӯкушода,
Зи рӯди дил ба мардум ҷӯ кушода.

Ба лутфу базлаю гуфтори ширин,
Тароватбахшии ашъори ширин.

Ба Фалғар Порижу Мадрид овард,
Суруди тоза, файзи ид овард.

Шукӯҳи эйфелӣ дар қомати ӯ,
Баҳори Ҳинд андар сӯҳбати ӯ.

Тамоми Ҳафтдарё аз нигоҳаш,
Ҳама аҳроми Миср аз рӯи роҳаш

Ба фалғарзодаҳо тақдим мешуд,
Ҷаҳон дар ин гузар тақсим мешуд…

Зане гумкардашӯ дар ҷанги мудҳиш,
Зане нораста аз гирдоби ташвиш.

– Падарҷон, – гуфту чашмаш об бигрифт,
Ду рӯяш партави маҳтоб бигрифт.

Бигуфто: – Як писар дорам, падарҷон,
Ки меҳраш дар ҷигар дорам, падарҷон.

Калон шуд бепадар бечора кӯдак,
Чу нахли пурсамар бечора кӯдак.

Ҳамехоҳам, ки акнун рӯз бинад,
Арӯсе дар бараш хушрӯз бинад.

Сухан гӯед ҳар боре зи минбар,
Зи номи беваҳои мулки Фалғар.

Бисӯзад хонаи душман, бигӯед,
Аз ӯ бадбахт марду зан, бигӯед.

Ҳазорон навхатон, навхонагонро,
Ба ҳусни зиндагӣ дилдодагонро

Рабуду то абад аз мо ҷудо кард,
Насиби наварӯсонро бало кард.

Шумо чун ҳофизи сулҳу амонӣ,
Шумо чун шоири рӯиҷаҳонӣ

Намонедо, ки ҷанг аз нав занад рӯ,
Ҳазорон духтарон монанд бешӯ…

Зани пурмеҳнату бонанги Фалғар
Зи тахти ҷону дил мекард бовар,

Ки то Мирзосту шеъри равонаш,
Каломи шӯълаангезу забонаш,

Дар ин дунё бимонад сулҳ ҷовид,
Ҷаҳон то пур шавад аз ишқу уммед…

Нигар, он марди сангинхӯю лоқайд,
Ки набвад дар бисоташ ҷуз ду-се байт.

Гузар кард аз сари дунёву молаш,
Ки набвад пеши нокас ҳам ниҳолаш.

Ба истиқболи Турсунзода бархост,
Дари ҷону дилаш бикшода бархост.

– Дар ин дунё агар шоир набошад,
Башарро ғоибу ҳозир набошад.

Аё устод, бар гӯши вазирон
Ва ё бар ҳукм-овар муддаиён.

Бигӯед, одамӣ – ин гавҳари пок,
Дар ин сайёраи пуробу пурхок.

Чу олам зода мегардад зи модар,
Мисоли чашмаҳо пок аст аз сар.

Нашояд аз барои як хатое
Кашад одам фақат бори ҷафое.

Маро як дӯсте боре гунаҳ кард,
Якумрӣ рӯи худ гӯё сияҳ кард.

Гуноҳаш он ки як гапношунавро,
Дурӯя – тӯраи даврони навро

Ба мушти обдоре «тарбият» кард,
Барои дигаронаш офият кард.

Вале чун мурғи дур аз обу дона,
Бувад дар ин қаламрав ӯ ягона.

Агар танбӯри худро ҷӯр созад,
Ҳазорон синаро маъмур созад.

Ҳаводори навояш пиру барно,
Чаро бастан кунун пеши раҳашро?

– Чӣ ташвиш аст? Даврони ҳунарҳост,
Ҳунарвар нури чашму тоҷи сарҳост!

Шунида ҳарфи шоир марди бадфол,
Мулоим шуд бирешимвор филҳол.

Ба шоир чун ба пайғамбар нигаҳ кард,
Аз ин дам тарки афкори сияҳ кард…

Мане, ки дил будам аз пой то сар,
Раги бисмил будам аз пой то сар

Чу байти хому беранги ҳавоӣ
Муаллақ мезадам андар фазое,

Гуноҳи шому узри рӯз будам,
Ба позанҷирҳо ҳамсӯз будам.

Сухан дӯшизае буд дастнорас,
Манаш як ошиқи нодору бекас.

Намедонам зи рӯи меҳрубонӣ
Ва ё аз рӯи қасди бадгумонӣ.

Касе дуздида он «шеър»-и навэҷод,
Зи ман пинҳон нишон дода ба устод.

Бар он устод бодиққат назар кард,
Маро аз оташи худ бохабар кард.

Бигуфто: – Мард бояд буд дар ин раҳ,
Ки гоҳе барқ бояд буд, гаҳе каҳ.

Диламро з-ин сухан парвоз омад,
Сари созу дами овоз омад…

Манори Варз – он мероси аҷдод,
Нишони сарфарозиҳо ба авлод.

Ҷавонтар гашту болотар шуд имрӯз,
Чу мо дар интизори марди фирӯз.

Варо чун дид шоир, сар барафрохт,
Чу кӯдакҳо ба ӯ меҳри дилаш бохт.

Ду бурҷи мӯҳтамаш, ду бурҷи аъзам,
Ситода рӯ ба рӯ ҳамчун ду олам.

Яке афканда аз сар бори дунё,
Яке дар банду басти кори дунё.

Яке сад давру сад айём дида,
Яке Порижу Риму Шом дида.

Яке бар сар нами истора дорад,
Яке дар сина оташпора дорад.

Яке афсурдаи давру замон аст,
Яке парвардаи давру замон аст.

Яке бас қиссаҳо оварда дар ҷанг,
Яке бо душманони сулҳ дар ҷанг.

Назар андохта сӯи манора,
Бикард устод бар мардум ишора:

– Ба некӣ рафтагонро ёд кардан,
Бувад чун хонае обод кардан.

Ниёгон хешро боло гирифтанд,
Ватан дар кӯҳу дар саҳро гирифтанд.

Мисоли нардбон сӯи ситора,
Бино карданд дар ҳар ҷо манора,

Ки то мо ҳам баландиқбол бошем,
Ба моҳу ахтарон ҳамбол бошем.

Ҷавонмардию одамдӯстдорӣ,
Сабурӣ, тоқат овардан ба хорӣ,

Зи бахти дигарон дилшод будан,
Зи эъҷози ҳунар обод будан,

Ба доғи дигарон марҳам ниҳодан,
Зи кам ҳам хештанро кам ниҳодан.

Ба шири модараш омад ба тоҷик,
Ба бӯи кишвараш омад ба тоҷик.

Агарчи борҳо ӯ гушна ҷон дод,
Вале дар пеши меҳмон суфра бикшод.

Зи кӯҳҳо шуста дар рӯди Зарафшон,
Ҳамебахшад ба чӯлу бар биёбон.

Дили тоҷик ҳам монанди дарё
Ҷаҳонро карда пур аз чашми бино.

Манори Варз ҳам ҷӯшида чун мард,
Ба шоир арзи ҳоли хештан кард:

– Чу нури чашми модарҳои раҳпо,
Чу оби чашмаю амвоҷи дарё.

Асои Рӯдакии дардпарвар,
Умеди Туғрали хушболу хушпар.

Чу бурҷи ҳиммату эҳсони тоҷик,
Чу қутби давлату виҷдони тоҷик.

Ба подоши ҳама он оҳу фарёд,
Шуморо, шоиро, қисмат ба мо дод.

Шумо акнун чу овози дили мо,
Ба парвозед андар рӯи дунё…

Биёмад модари суғди сияҳпӯш,
Ки умре чун Зарафшон мезанад ҷӯш:

Ба ёди чор фарзанди шаҳидаш,
Ба ёди чор бурҷи пурумедаш.

Ки дар Маскову Берлин хуфта ҳоло,
Санавбар медамад аз хоки онҳо.

Варо чун модараш пиндошт шоир,
Сараш бар китфи ӯ бигзошт шоир.

Сарашро сила карда модари пир,
Варо шодоб кард аз файзи тақдир.

Ту гӯӣ хастагии роҳи бисёр,
Ғубори қитъаҳои дуру пуркор

Зи дӯшаш рехтӣ бар пои модар,
Ба пеши дидаи раҳпои модар.

Чу сар бардошт ӯ аз китфи модар,
Сиришкаш карда буд чашмони ӯ тар.

Тамоми Фалғару боғоту рӯдаш,
Муаззам қуллаҳои хушнамудаш.

Дар оби чашми шоир дида худро,
Ба гардун мезадӣ нақши таманно.

Ба шоир то нигоҳи меҳр пайваст,
Хумори модари садсола бишкаст…

Зи паҳлӯи манор, аз рӯи минбар
Баногаҳ мавҷ зад он баҳри мармар.

– Осиё гӯяд сухан. Овози онро бишнавед,
Мавҷи дарё, ғурриши баҳри дамонро бишнавед!..

Садои равшану зангӯладораш,
Суруди нав, нукоти дилшикораш.

Бидод акси садо аз қуллаи Дор,
Тамоми Фалғар онро кард такрор.

Зи шавқи шеъри шоир фалғариҳо
Ба ҳам оина мегаштанд ин ҷо.

«Сараш бар санг мезад рӯди кӯҳӣ,
Ба домон чанг мезад рӯди кӯҳӣ».

Ғами Ангола дар овози ӯ буд,
Дили Бангола андар сози ӯ буд.

Ту гӯӣ сангҳои осиёҳо
Варо дар сар ҳамегардид танҳо.

Зи тафти шеъри сӯзону равонаш,
Шарорапошии теғи забонаш

Кудурат дар диле буд ар, фано шуд,
Хусумат ҷо ба ҷо бе дасту по шуд.

Хиёнат – охирин тадбири номард
Бирафт аз ин қаламрав чун дами сард.

Раҳи кину адоват баста гардид,
Забони ғайбатӣ бишкаста гардид.

Ба мардум зӯри ҳиммат дода шоир,
Сари меҳру муҳаббат дода шоир.

Ҳамерафту ҳамеомехт бо мо,
Чу дарё сар ба сар мерехт бо мо.

Ба пояш қуллаҳо сар мениҳоданд,
Ғами деринаро дар мекушоданд.

Бирафт ӯ, ман зи дунболаш давидам,
Варо андар баландиҳо бидидам…

## БА ЁДИ
## УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дӯстон, имшаб нағунҷад дар ҷаҳон озори ман,
Мезанад оташ ба гардун оҳи оташбори ман.
Лашкари ғам ҳамлавар омад ба сӯи кулбаам,
Чун тараб то рафт аз сар дасти дилбардори ман.

Баски ӯ умре сукунат дошт дар виҷдони ман,
Як нафас бе ӯ набудӣ давраю даврони ман.
–Бобӣ, Турсунзода, чун аст? Кай расад ӯ аз сафар?»
Ман чӣ мегӯям, агар пурсанд фарзандони ман.

Осиё бедортар шуд, ту чаро хуфтӣ, падар?
З-ин алам аз баҳри чӣ бар мо намегуфтӣ, падар?
Обаки Варзоб имшаб нола дигар мекунад,
Ту магар кӯҳро ба оҳанги дилат суфтӣ, падар?

Ними умри беҳтаринат рафта буд андар сафар,
Халқ мегуфтию ҳар дам мешудӣ аз худ бадар.
Ҳар сафар меомадӣ хандон ту бо ашъори тар,
Ин сафар! Набвад туро арзанда, эй имдодгар!

Гард аз раҳ, гард, эй ҳар тори мӯят коммунист,
Гӯӣ, моро маънии ин реҳлати бевақт чист?
«Аз лаби рӯди Харангон то сари кӯҳи Ҳисор»
Мекунад таъкид моро зист, бояд зист, зист!

Дӯстон дигар мегӯедам, ки Турсунзода нест,
Он сипаҳсолори назм-он шоири дилдода нест,
Ақли дунёро ба каф оварда бар мо дода нест,
Ҳаст ӯ, бар қисмати мо мекунад як умр зист!

*Ашӯр САФАР*

## ҲАРФИ СӮЗОН

Дар кушодам, нестӣ дар ҷои хеш,
Монд ҳарду поям аз рафтан ба пеш,
Оҳ! – гуфтам ман ба як ҳоли париш,
Дил даруни синаам шуд реш-реш.

Дар гулӯ печида монд афғони ман,
Сӯхт ҷони бесару сомони ман!

Ларз-ларзон ҷустамат, устоди ҷон,
Дидаҳо пуробу беқудрат забон,
Нестӣ дидам миёни дӯстон,
Аз куҷо омад, бигӯ, боди хазон,

Ки бубастӣ бармаҳал рахти сафар,
Бо раҳе рафтӣ, ки пас н-ой дигар.

Ман надонистам, ки худ кистам дигар,
Бар куҷо рафтан надонистам дигар,
Ҳам надонистам куҷо истам дигар,
Ҳар қадар ки роҳ поистам дигар.

Лек холӣ буд, холӣ ҷои ту,
Дошт нола курсии танҳои ту.

Ин ҷаҳон ғам гашту бар ман бор шуд,
Чун ятимон ҳолам аз ғам зор шуд,
Зиндагиям гӯй, нодаркор шуд,
Ҳарфи сӯзон бар лабам такрор шуд:

– Ҳай дареғу сад дареғи одамӣ,
К-ояд он деру равад андар даме!

## ДОҒ

Ҳарфи таскинро маёвар пеши ман,
Пора гардад, мон, дили пурреши ман.

Мон ки гиряд дидаи хунбори ман,
Ҷӯ кашад, ҷӯе бари рухсори ман.

Мон равад фарёди ман то осмон,
Кар кунад бигзор, гӯши Каҳкашон.

Бар сари ман буд дасташ силагар,
Буд дасташ гӯиё дасти падар.

Дасти меҳромези вай рафт аз сарам,
Монд ислоҳаш ба шеъри дафтарам.

Мон, ки сӯзам дар ғамаш имрӯз ман,
Мон, ки бошам доимо дар сӯз ман.

Доғи дил дигар нашӯяд ҳеҷ чиз,
Рафт аз мо марди бар дилҳо азиз!

## СИТОРА

Як ситора канда шуд дар осмон,
Тез рафт аз ҷой чун тири камон,
Монд нақшаш лаҳзае оташфишон,
Ноаён шуд баъд аз чашми замин,
Гӯй кам шуд як ситора бо ҳамин.

Лек мегӯянд, вай ҷои дигар
Аз сари нав боз меояд бадар,
Боз монад дар самои шӯълавар,
Мисли он, ки одами рӯи замин
Ҳасту мегардад ба ҳар сӯи замин.

Чун ситора кандӣ, эй устоди мо,
Монд бе ту сакта дар эҷоди мо,
Рафтаӣ аз чашм, на аз ёди мо,
Рафтаю андар дили мо шиштаӣ,
Зиндаӣ худ, лек моро куштаӣ.

## САВОЛИ БЕҶАВОБ

Дидаам дар зиндагӣ ғамҳо фузун, ҳасрат зиёд,
Ҳар яке бо сӯзи худ ҳолост ҳам манро ба ёд:
Пеши номардон фитода гоҳ, гаштам номурод,
Ғам дигар, ҳасрат дигар, ин номуродиҳо дигар.

Қабр кандам – хонаҳо дар хок баҳри мурдагон,
Гушна мондам, ташна мондам, ман нагуфтам обу нон.
Тоб овардан буд азбаски тақозои замон,
Сабр дигар, тоб дигар, қудрати эҳё дигар.

Сахт будам аз ҳама рӯзе, ки рафт аз сар падар,
Дасту пои ман шикаста буд гӯӣ мухтасар,
Рафтани ту аз дигар овард он рӯзам ба сар,
Сӯз дигар, соз дигар, талхии дилҳо дигар.

Менамоям пок ман аз чашми худ оҳиста об,
Рӯй меорам ба одамҳову дунёи китоб,
Ҳар куҷо ҷӯям кунун бар ин саволам ман ҷавоб:
– Мисли ту оё шавад пайдо дигар дар мо дигар?!

## ОРЗУ

Ҳеҷ кас мурдан накардаст орзу
Аз қадим то даври мо, имрӯзи мо,
Баъди ин ҳам ҳеҷ кас, бегуфтугӯ,
Орзу мурдан насозад ҳеҷ гоҳ.

Баски бад ё ин ки некӯ зиндагист,
Аз ҳама ширин бувад аз баҳри кас.
Балки он кас, ки ҳаме дар бандагист,
Маргро зинҳор нанмояд ҳавас.

Лек ман дорам кунун андар ҷаҳон
Бар дили пурсӯзи худ ин орзӯ:
Орзӯе, к-ӯстам пайванди ҷон,
Орзӯе, ки бимирам ранги ту.

## ДАСТАИ ГУЛ

Як даста гуле ба даст дорам,
Бар омадани ту интизорам.
Тайёра наомадаст ҳоло,
Чашмам шуда чору беқарорам.

Инак ба замин яке фаромад,
Бар ҷои муайяни худ омад.
Бикшода дараш бигашту аз он
Мардум паси якдигар баромад.

Аммо зи ту нестӣ нишоне,
Сайёҳу мунодии амонӣ,
Гул дар кафи ман ту гӯӣ бигрист,
Бардошта шевану фиғоне.

Роҳи сафарат магар дигар шуд,
К-ин ҷо шудани ту дертар шуд?!
Ё хоҳари мушфиқ Африқо боз
Бо коре сари раҳат бадар шуд?!

Ҳайронаму зораму низорам,
Бар пеши кӣ ман қадам гузорам?!
Тайёра тамом гашт холӣ,
Ман дастаи гул ба кӣ супорам?!

## ГИРЯ

Дар мотами ту хурду калон зор гиристанд,
Чун абри баҳорону азодор гиристанд,

Бе гиря набуд чашму диле, чеҳрае зинҳор,
Ёрон чӣ, ки аз баҳри ту ағёр гиристанд.

Аз гиряи мардум шуда сел оби Душанбе,
Бас талх зи мағзи дили абгор гиристанд.

Аз силсилаи кӯҳи Ҳисор омада овоз,
– Сангон бари ҷар, дар лаби ҳар ғор гиристанд.

Дар чашми касе гиря дигар боқӣ намондӣ,
Чун се шабу се рӯзу дигар бор гиристанд.

Кӣ гиря кунад баъди ту аз баҳри ману вай?
– Такрор нагардад, ки ба такрор гиристанд.

## МИРЗО ГУЗАШТ

Шоири маҳбуб аз дунё гузашт,
Якта омад, якта буд, якто гузашт.
Кори сад кас карду дар худ монд дар,
Дар дили мо монд ҳасратҳо, гузашт.

Рӯзи мо мушкил набуд ҳаргиз чунин,
Сӯзи мо бар дил набуд ҳаргиз чунин,
Бохабар буд ӯ зи дарду сӯзи мо,
Аз миён дардошнои мо гузашт.

Нахли умраш дод як олам самар,
Буд килкаш гӯиё аз найшакар,
Буд шоир минбару виҷдони мо,
Ҳар нафас бо ӯ хушу зебо гузашт.

Корвони мотами мо шуд равон,
Кӯчаҳо гаштанд пур аз одамон,
Ҳар яке мегуфт аз ғам сӯхта:
«Мекафӣ, эй дил, бикаф, Мирзо, гузашт!»

Даргузашту пуштае маъво гирифт,
Пушта бо вай давлати дунё гирифт.
Рафтанаш ҳам гӯшае ободе кард, –
Гашт боғе, к-аз бараш дарё гузашт.

*соли 1977*

## ҚУЛЛАИ ТУРСУНЗОДА

Тоҷикистон гар ба паҳно интизори имтиёз аст,
Дар баландӣ бениёз аст.
Ҷумла хокаш қуллазор аст,
Қуллаҳои бовиқор аст.

Қуллаҳои кӯҳсораш пояи хуршеди тобон аст,
Қуллаҳои фитраташ равшангари дунёи инсон аст,

Қуллаҳои кӯҳсораш имтиҳонгоҳи ҷавонист,
Қуллаҳои фитраташ омӯзгори зиндагонист.

Тоҷикистон қуллазор аст,
Қуллаҳои кӯҳи ӯ таслими инсон аст,
Қуллаҳои фитрати ӯ дастнорас дар ҷаҳон аст!

## ВАТАН ГУФТАМ

Чу дарё зарфишон шуд мисраи ман, то ватан гуфтам,
Дилам бишкуфт монанди баҳорон, бо ватан гуфтам.

Ватан ёбад таҷассум дар дили ҳар зарра чун хуршед,
Ба гӯши санги кӯҳу лолаи саҳро ватан гуфтам.

Ба роҳи Каъба аҷдодон худо гуфта, худо ҷустанд,
Вале ман дар ҳама баҳру бари дунё ватан гуфтам.

Намонд армону тиморам, ки бо дарди ватан ҳастам,
Бишуд ҳар мушкилам осон, ки ман ҳар ҷо ватан гуфтам.

Магар он лайлатулқадри сухан дар коми ман омад,
Ки тилло мешавад ҳар нуқтаи ман, то ватан гуфтам?!

Маро мурғи самандар кард меҳру эътиқоди ман,
Ки аз хокистари худ мешавам пайдо, ватан гуфтам.

Зи роҳи чашмасорон рафтаму дарё насибам шуд,
Ба монанди ватан ҷовидаму барпо, ватан гуфтам.

## БАҲОР

Лолаву пӯдина рӯид аз буни санги Ҳисор,
Чашми худ бикшову бингар ҳусни сабзи навбаҳор.
Ҳар ниҳоле ҳамчу шеъри ту гулафшонӣ кунад,
Шеъри ту сабз аст дар хоки барӯманди диёр.

Абри найсон чун паёми навбаҳорон мерасад,
Муждаи дидор бар чашминтизорон мерасад.
Ташнагӣ бишкан ба шеъри обдоре ин саҳар,
Ин саҳар дар базми гулҳо шеъри борон мерасад.

Меравад рӯди Душанбе ҳамчу тифли беқарор,
Пайки наврӯзӣ биёрад то ба шаҳри интизор.
Муждагонӣ деҳ варо бо хушдилӣ шеъри таре,
Мисли ту дигар кӣ бошад ошиқи рӯи баҳор?

Мурғи кӯчӣ ояд имрӯз аз раҳи бегонааш,
Боз дар гулбоғи шеъри ту бимонад лонааш,
То зи ҳар як мисрае, гӯё зи ҳар як шохае,
Бар сари ошиқ бирезад чаҳ-чаҳи мастонааш.

Бо нигоҳат кун сила ту кӯҳҳоро аз дигар,
Бо сухан ҳар зарраи санги варо кун мушти зар,
Кӯҳи моро ту ба рӯҳи худ баландӣ додаӣ,
Кӯҳи моро ту ба олам кардаӣ бологузар.

Дар сари қабри ту гиряд аз ҷудоиҳо баҳор,
Нола хезад аз дили хомӯши ҳар санги Ҳисор.
Ман чӣ гӯям, ки ту худ боре ба ҳасрат гуфтаӣ:
«Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳорон бешумор».

## КӮЧАИ ШОИР

*Дар шаҳри Буйноқи Доғистон кӯчае*
*ба номи устод Мирзо Турсунзода аст.*

Роҳи шоир дар замин кӯтоҳ нест,
Сатрҳои ӯ давоми роҳи ӯст.
Меравад манзил ба манзил дарди ӯ,
Қарнҳову қитъаҳо огоҳи ӯст.

Ҳар кучое шеъри ӯ гардад баланд,
Сангҳову сабзаҳо бо номи ӯст,
Ғунчаҳо доранд бӯи матлабаш,
Нағмаҳои чашмаҳо пайғоми ӯст.

Баъд аз ин дар кохи Ғамзат то абад
Кӯчае чун Каҳкашон тобандааст.
Дар паноҳи сарвҳои сабзпӯш
Осиёву Африқо поядааст.

Баъд аз ин пеш аз тулӯи офтоб
Бо ароба бигзарад з-ин раҳ Ҳасан,
Аз тарона пур шавад ҳар гӯшае,
Аз садоқат гул кунад рӯи Ватан.

Баъд аз ин ҳарфу ҳиҷои Рӯдакӣ
Аз навои оби ҷӯ ояд ба гӯш,
Бо танини шеъри Ҳофиз ҳар саҳар
Мавҷи пуршӯри Хазар созад хурӯш.

Баъд аз ин як пора хоки тоҷикон
Ҷовидон пайванди Доғистон бувад,
Баъд аз ин ҳар пушта Помир асту бас,
Баъд аз ин ҳар рӯд Зарафшон бувад!

Ёди Турсунзода орад баъд аз ин
Ошиқони шеъри ӯро сӯи ӯ.
Ташнаи дидор меояд Расул[1],
То бигӯяд дарди дил дар кӯи ӯ…

[1] Расул Ғамзатов – шоири бузурги авар, дӯсти устод Мирзо Турсунзода.

## ЁДИ УСТОД ТУРСУНЗОДА

Лолаву пӯдина рӯид аз буни санги Ҳисор,
Чашми худ бикшову бингар чашмаи ҳусни баҳор.
Ҳар ниҳоле ҳамчу шеъри ту гулафшонӣ кунад,
Шеъри ту сабз аст дар хоки барӯманди диёр.

Абри найсон чун паёми навбаҳорон мерасад,
Муждаи дидор баҳри чашмадорон мерасад.
Ташнагӣ бишкан ба шеъри обдоре ин саҳар,
Ин саҳар дар базми гулҳо шеъри борон мерасад.

Медавад руди Душанбе ҳамчу тифли беқарор,
Пайки Наврӯзӣ биёрад то ба шаҳри интизор.
Муждагонӣ деҳ варо ту мисраи шоҳонае,
Мисли ту дигар кӣ бошад ошиқи рӯи баҳор!

Мурғи кӯчӣ боз ояд ин саҳар бар лонааш,
Ҳамчу порина ба боғи шеъри худ деҳ хонааш.
То зи ҳар як мисрае, гӯё зи ҳар як шохае
Бар сари ошиқ бирезад чаҳ-чаҳи мастонааш.

Бо нигоҳат сила кун ту кӯҳҳоро аз дигар,
Бо сухан ҳар зарраи санги варо кун мушти зар.
Кӯҳи моро ту ба рӯҳи худ баландӣ додаӣ,
Кӯҳи моро ту ба олам кардаӣ бологузар.

Дар сари қабри ту гиряд аз ҷудоиҳо баҳор,
Нола хезад аз дили ҳар санги хомӯши Ҳисор.
Ман чӣ гӯям, ки ту худ боре ба ҳасрат гуфтаӣ:
«Чашми ман хоҳад, ки бинад навбаҳорон бешумор!»

*Ҳақназар ҒОИБ*

## ТАСАЛЛО

Дастаи гул бахшат овардам, ки шояд бӯи гул
Ҷони роҳии туро, устод, медорад зи роҳ.
Ҷони ширин дастаи гулро бибӯиду бирафт,
«Марди раҳро, гуфт, пасгардист ин ҳоли табоҳ,
Ҷовидонро ҷовидон бошад паноҳ».

Ашк резондам, ки ашкам бӯи умри тоза дошт,
Кош гуфтам, кош ашкам ҷон шавад устодро.
(Кош, гуфтам, ашки ман бахшад равон устодро)
Ашки ман фарёд гашт,
он гуна фарёде, ки он
Дар гулӯям дошт роҳи шевану фарёдро.
Ман садое аз диёри ҷовидон бишнидаам,
«Ҷовидон мӯҳтоҷ набвад ёрию имдодро…»
Хостам бар рӯ кашам, ханҷол, ханҷоле ба ҷон,
Пур кунам, рӯи ҷаҳонро бо фиғону бо фиғон.
Бо умеде, ки зи дигар шояд ӯ ояд ба гап,
Бори дигар чашмаи шеър ояд аз табъи равон.
Лек овози шинос омад ба гӯши ман зи ғайб:
Оҳро аз банди дил озод кардам,
Талх сӯи ҷовидон фарёд кардам:
«Ҷовидон, эй ҷовидон, эй ҷовидон,
Мон ки як бори дигар
Устодам боз дорад чашм бар рӯи ҷаҳон!»
Гуфт: «Донад ҳар касе, к-озода аст,
Ҷовидонро чашми бино ҷовидон бикшодааст».

*Тилло ПӮЛОДӢ*

## МУБОРИЗИ СУЛҲ

Шоири бомаҳорати тоҷик
Лоиқи ифтихори даврон шуд.
Савтҳои муборакy табрик
Боиси шодии рафиқон шуд.

Шеърҳои ту чун кабӯтари сулҳ
Гаҳ ба Мисру гоҳе ба Ҳинд раванд.
Номаи дӯст зи минбари сулҳ
Ҷониби дӯстони сулҳ баранд.

Бо қалам хизмати Ватан дорӣ,
Халқи меҳнаткаш аз ту миннатдор.
Қадри шаккаршикан сухан дорӣ,
Боғи ашъори ту ҳамеша баҳор.

Қитъае ҳаст дар «Баҳористон»
Дар замини куҳан дар анҷумане,
Дар ҳақи хизмати бани инсон,
Гуфт Ҷомии хушсухан сухане:

«Эй ки пурсӣ, ки беҳтарин кас кист?
Гӯям аз қавли беҳтарини касон:
Беҳтарин кас касе бувад, ки зи халқ
Беш бошад ба халқ нафърасон».

## ҚИССАИ ХЕШРО ДАВОМ КУНАД

Фикри шӯҳрат набуд дар дили ӯ,
Фикри ӯ дар замири шӯҳрат буд,
Чашми миллат варо ҳамедидӣ,
Чашми ӯ боз сӯи миллат буд.

Аз сари сарбаланд кӯҳи Ҳисор,
Чашмҳояш назора мекарданд,
Ҳалқаҳои гусастаро дида,
Синааш пурситора мекарданд.

Чӣ кунад,
            бо кадом роҳу суол
Рӯдҳоро ба ҳам биёмезад,
Аз дили тангно баровarда,
Дар дили баҳри бекарон резад!

Бо чунин рой васфи тоза ҳаёт
З-аввалин рӯз шуд шиори ӯ,
Қалами шоирӣ ба кор омад,
Ҳамчу сарбоз дар канори ӯ!

Аввалин ҳарфҳо, ки аз дили ӯ
Мебаромад чу офтоби баҳор,
Ҳар гияҳро нумӯи нав медод
Аз канори қаторкӯҳи Ҳисор.

Аввалин ҳарфҳо зи олами нав
Ба ҳама гӯша муждабар буданд,
Дар замин офтоб меҷустанд,
Дар само толиби қамар буданд.

Васфи давлат, таронаи миллат
Шоҳбайти ҳама сурудаш шуд,
Ғаму шодии халқҳои ҷаҳон
Ҷамъ ҳар рӯз дар вуҷудаш шуд.

Аз бузургӣ дилаш ҷаҳоне шуд,
Андар ӯ баҳру бар ба ҳам омад,
Бо ғами халқҳо бишуд сайёҳ,
Бар диёри азиз кам омад.

Қисса шуд, қисса шуд ҳаёти ӯ,
Мисли шеъраш ҳама ҷаҳон бигрифт,
Ҳамчу кайҳоннавард шӯҳрати ӯ
Ин замон роҳи осмон бигрифт.

Қисса шуд умрашу ҳамехоҳам,
Қиссаи хешро давом кунад,
Боз бо ёди шеъру халқи ҷаҳон
«Хоби шабҳои хуш ҳаром кунад!».

Рафт ӯ,
Хоксори хоксорон,
Меҳрубони меҳрубонон,
Дӯстдори дӯстдорон,
Қадрдони қадрдонон,
Пуштбони мулки шеъру достон
Рафт чун барқи баҳорон.

Ахтаре аз Каҳкашонҳо канда шуд,
Ашки мо аз дидаи мо канда шуд.
Чашма шуд чашмони гирён,
Нури чашми як ҷаҳон рафт,
Об шуд дилҳои бирён,
Бо сиришк аз дидаи дарёдилон рафт.

Рафт ӯ,
Дасти пири чорагар–
Дасти падар,
Дасти таҳрир,
Дасти тадбир,
Дасти ғамхори сари мо,
Дур шуд, дур аз бари мо.

Ҳар сари шӯрида хам шуд,
Ҳар қади боло дуто шуд.
Кохи дилро шаҳсутун буд,
Кохи дил бемуттако шуд.

Дидаи мо дида андар дидаи ӯ
Айнию Лоҳутиро,
Оташи чашмони Бобоҷон Ғафур
Тофт аз чашмони ӯ дар чашми мо.
Рафт ӯ,
Рафтанд бо ӯ
Он ҳама мардони некӯ.

Ҳарфи миллат дар забонаш
Рафт ӯ,
Нуқтае номонда бар ҳарфи баёнаш
Рафт ӯ,
Оҳ, сангин аст бурдан-
Бори доғаш!...
Рӯи дунё дида буд ӯ.
Баъд аз ин
Аз рӯи дунё мекунам умре суроғаш…

Рафт ӯ,
Аз забони оби Варзоб,
К-аз дари кошонаам дорад гузар,
Аз забони он насиме,
ки зи боғам
Атрафшон меравад шому саҳар,
Аз лабони баргҳои шохсорон
В-аз забони сабзаҳои баъди борон
Мерасад ҳар дам ба гӯшам
Шеърҳои дилбари ӯ,
Менавозад ақлу ҳушам
Байти мавзуну тари ӯ.
Рафт ӯ,
Дар дили гарми Ҳисори шодмон,
Дар баландӣ,
Чун уқобе
Монд зебо ошён.
Рафт ӯ…
Шеър монду
Меҳр монду
Қисса монду
Достон.

*Сайидалӣ МАЪМУР*

## БУЗУРГӢ

*Кӯҳнавардон дар яке аз қуллаҳои*
*кӯҳи Помир чор сатр шеъри устод*
*Мирзо Турсунзодаро сабт намудаанд.*

Кӯҳи Помир надорад ба баландӣ ҳамто,
З-ин сабаб халқ варо Боми Ҷаҳон меномад.
Шеъри шоир, ки бишуд вирди забонҳо, ӯро
Ба худ устод ҳама пиру ҷавон меномад.
Кӯҳ бо қуллаи худ рӯи ҷаҳон менозад,
Сарбаланд аст, ки маъвои уқобон гаштаст.
Шоир аз назми баландаш битавон фахр кунад,
Ки ҳама ҷо ба дилу синаи инсон гаштаст.
Чашма, ки мешавад аз синаи кӯҳҳо ҷорӣ,
Ҳамчу шеърест, ки аз синаи шоир хезад.
Кӯҳ агар бо дили худ лаъл фаровон дорад,
Шоир аз баҳри дилаш гавҳару марҷон резад.
Бурдборӣ агар имрӯз ба кӯҳ бунёд аст,
Хоксорӣ зи бузургӣ сифати устод аст.

## УСТОД

Чун хабар омад, ки Турсунзода аз дунё гузашт,
Аз миёни соҳили шеъру сухан дарё гузашт.
Паст шуд Боми Ҷаҳон он лаҳза дар пеши назар,
Як ҷаҳон дарду алам аз синаҳои мо гузашт.

Рӯди Варзоб аз ҷудоӣ тоб мезад то саҳар,
Навҳаи ҷонсӯзи дарё рӯи олам мегирифт.
Бо сукути қуллаҳои саркашаш кӯҳи Ҳисор
Дар фироқи шоири дилдода мотам мегирифт.

Тирамаҳ бо файзбориву шукӯҳи бемисол
Рангзардӣ дошт, гарчи ифтихоре менамуд,
Баргҳо афтода аз шохи дарахтон зери по,
Боғ гӯё бо сари хам сӯгворӣ менамуд.

«Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор»,
Ҳамчу Турсунзода, к-ӯ дар қалбҳо кард ошён.
Нахлҳои наврасе будему ӯ сарсабз кард,
Меваҳо гиранд акнун аз дарахтон одамон.

Рӯзҳо шуд, боғбони хешро гум кардаем,
Лутфу эҳсони зиёдаш кай равад аз ёди мо!
Роҳ мепӯем бо уммед бар боғи Лучоб
Бо хаёле, ки барояд боғбон – устоди мо.

## ТАРОНАИ ВАРЗОБ

Бар гӯш чун таронаи Варзоб мерасад,
Чун шеърҳои пухтаву ҷаззоб мерасад,
Бар ёдам он суханвари бехоб мерасад.

Дар Чорбед хонаи ӯ буд назди рӯд,
Шабҳо нишаста шоири дил шеър месуруд,
Он хонаи муқаддаси ҳар ташнашеър буд.

Дар назди хона чашмаи шаффоф менамуд,
Он чашма ҳамчу чашмаи шеъраш равона буд,
Мерехт оби поку зулолаш ба ҳалқи руд.

Дар назди хона буд басе нахли борвар,
Ҳамчун дарахти шеър намудор дар назар,
Буд андалеб дар сари ҳар шоха нағмагар.

Имрӯз нест хонаву нахлеву чашмасор,
Аз Чорбед мерасад оҳанги рӯдбор,
Такрор мекунад ғазалу шеъри ёдгор.

## ДАР СОҲИЛИ ҚАРОТОҒ

Имрӯз ман нишаста
Дар соҳили Қаротоғ.
Дар ҷӯш рӯди кӯҳӣ
Ҳамчун дили Қаротоғ.

Дарё равонаву ман
Дорам варо тамошо.
Ҳар қатра медурахшад
Чун резаҳои тилло.

Имрӯз агар бароям
Дарё таронахон аст,
Дарёи шеъри Мирзо
Аз қалби ман равон аст.

Ман бо навои дарё
Хонда суруди шоир.
Бар рӯд мерасонам
Гӯё дуруди шоир.

Бишнида рӯди кӯҳӣ
Аз ман паёми Мирзо,
Аз нав хурӯш бинмуд
Бо шеъру номи Мирзо.

Дар ҷустуҷӯи шоир
Дарё шитоб мекард.
Боло шуда садояш
Ӯро хитоб мекард.

Чун шоираш намеёфт
Мешуд зи нав парешон.
Сарро ба санг мезад,
Мекард шӯру афғон.

Бархостам мушавваш
Аз соҳили Қаротоғ.
Аз дурие ба гӯшам
Омад суруди «Ман доғ»…

***Бозор СОБИР***

* * *

Ҳар гаҳе бо орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад.
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирён мекунад,
Ашки ман, ашки ятими шеър, борон мешавад.

Ҳамчу номи шоирии Тоҷикистони азиз,
Номи ӯро дӯш дар гаҳвора аз бар кардаем.
Бар лаби мо шеъри ӯ дар кӯдакӣ омад ҳанӯз,
Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар кардаем.

Хандаи тифлонаи ӯро ба ёд орам агар,
Хандаи тифлонае аз тифлӣ меояд ба ёд
Кӯдакию навҷавонӣ монда буд дар ӯ ҳанӯз,
Ошиқию ишқи модарзоди ӯ поянда бод!

Боғшаҳри мо, ки бӯи наварӯсон мекунад,
Бӯи ёрон, бӯи оғӯши азизон мекунад,
Гар чу боғе меваи шодобу ширин додааст,–
Бӯсаҳои ошиқону шеъри Турсунзода аст.

Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ
Чун бар иқлими ватан бисёр одат карда буд.
Ҳар кучое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд,
Ҳар кучое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.

Дар канори оби рӯи шоири ғамхори худ,
Пеши қадру қимати он марди мардумошно,
Ҳар ками тақдири худро кам намепиндошт халқ,
Ҳар ғами дилгири худро ғам намегуфтем мо.

Гарчи умре пой берун дошт аз маъвои хеш,
Бо ҷаҳонгардӣ агарчи дар ҷаҳон машҳур буд,
Ҷои ӯро дар ватан холӣ намедидем мо,
Ӯ на чун собиқа, чун оянда аз мо дур буд.

Боз ҳам ӯ рафт, ҷояш ин сафар озод монд,
Аз сафарҳои пасинаш ин сафар дар ёд монд.
Ин сафар наздик буд, раҳ то лаби Варзоб буд,
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд…

Баъд аз ин дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад.
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирён мекунад,
Ашки ман, ашки ятими шеър, борон мешавад.

Он ки мепурсад маро он шоири мумтоз ку?
То ҷавобашро бигардонам, маро овоз ку?
Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дунё рафтааст,
Ҷои ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафтааст.

## НАҒМАҲОИ ДИЁР

*Барои Мирзо Турсунзода*

Беҳтарин ними умри ман бигзашт
Дар ҷаҳонгардиҳо барои ҷаҳон,
Сайри бисёр баҳру бар кардам,
Бо ғаму дарду шодиҳои ҷаҳон.

Ғояти Шарқу Ғарбро дидам,
Аз хати устуво гузаштам низ.
Лек дурӣ набуд, ҷудоӣ набуд
Дар миёни ману диёри азиз.

Гарчи аз ҳар раҳе дар ин дунё
Гарди хоке гирифт мижгонам,
Ёди пайроҳаҳои кӯҳистон
Тозатар шуд чу ишқ дар ҷонам.

Гарчи аз Гангу Нил хӯрдам об,
Ташнаи чашмаҳои Варзобам.
Ман Зарафшону Вахшро дидам,
Дар лаби Зиндарӯд дар хобам.

Ҳар куҷо аз даруни синаи ман
Ҳой-ҳой шалола бар мешуд.
Нағмаҳои диёр дар гӯшам
Раҳ ба раҳ балки тозатар мешуд.

Мекашиданд аз паям фарёд
Сангҳои ғарибы кӯҳистон,
Гаҳ зи аҳроми мисриёни қадим,
Гаҳ зи вайронаҳои Шоҳи Ҷаҳон…

Дар ҷабинам агар қаламкаши вақт
Лавҳае мондааст аз ожанг.
Меҳнатамро навишта кӯҳу камар
Дар кафи пойҳои ман бо санг.

Гарчи дар Ҳинду Балх дар қадамам
Гул фишонданд аз дару девор,
Аз кафи пои ман нарафту нарафт
Дарди ширини сангу хори Ҳисор…

*ҲАДИСА*

## ДИЛАМ ТАНГ ОМАД АЗ ҒУССА

*Дар сӯгвории Мирзо Турсунзода*

Дилам танг омад аз ғусса, ки рафт аз байн устодам,
Шунид ин лаҳза олам нолаҳои зору фарёдам.
Агар донам, ки бо мурдан варо ман зинда медорам,
Барои ҷони ӯ ман ҷони худро ҳадя медодам.

Ду чашмам ҷӯи ашк асту бигӯӣ рӯди Ҷайҳун аст,
Сарам пасту миёнам хам, ҷигар ҳам лахту пурхун аст,
Чӣ мушкил бе падар – бе устоду шоири миллат,
Куҷо донанд бедилҳо, ки ҳоли бепадар чун аст.

Куҷо донанд бедилҳо, ки баъди рафтанат, устод,
Кӣ акнун баҳри ошиқҳо кунад ашъори нав эҷод?
Кӣ гӯяд «Ҷони ширин» дилбаратро омада аз дар?
Зи дасти дарди бедармони ту фарёд, сад фарёд.

Шунидам аз бароят навҳа дорад Нилу Ганги ту,
Фурӯ рафта ба худ кӯҳи Ҳисори лоларанги ту.
Даме ки оҳи оташбори халқам бар фалак печид,
Хазон гардида гулшанҳо барои бӯю ранги ту.

Ду дида об мегирад, ки айёми баҳор ояд,
Баҳорон домани гул сӯи ту аз марғзор ояд,
Чу фаҳмад марги ту, гулҳо бихушкад рӯи домонаш,
Ба сӯи марқадат бо дидаҳои ашкбор ояд.

Бигиряд ончунон, ки лолаҳо бо дидаи пурхун
Зи ҷо хезанду дашту теппа гардад домани гулгун,
Чунон гиряд, замину осмон гиряд ба ҳоли вай,
Ки нагриста бадин минвол баҳри Лайлияш Маҷнун!..

## ЧАРО

Чаро имшаб ба рӯи марқади ту
Фитод истора аз домони афлок?
Чаро ханҷаркаш омад раъди ғуррон,
Бизад домони абри тозаро чок?

Чаро чун сӯгворони аламнок
Тамоми шаб гиристанд обшорон?
Чаро абри гузар, абри баҳорӣ
Ба рӯи сабзаҳо шуд қатраафшон?

Чаро боди гузар ҳам навҳа дорад,
Сари худро занад бар синаи кӯҳ.
Равон аст оби ҷӯ чун ашки резон,
Дилам пур мешавад аз дарду андӯҳ.

Чаро ҳар сатри шеърам сакта дорад,
Чӣ сон созам ман онро шаддамарҷон?
Чӣ шеъре дар гулӯям мезанад печ,
Дар ин ҳолат навиштан нест осон.

Бидидам рӯятон, ҳарфе нагуфтед,
Маро боре напурсидед, устод,
Чу дар гаҳвораи нозе гузаштед,
Ба рӯи дӯши ёрон хуфта озод.

***Салимшо ҲАЛИМШО***

## ПАЁМИ ШОИРИ МАШРИҚ

*Ба ёди Мирзо Турсунзода*

Ҷаҳон гирифт магар оби зиндагӣ ба ҷаҳон,
Ки ҳарфи меҳру вафо бишнавӣ зи аҳли замон.
Навои чашмаи хуршед ояд аз дами субҳ,
Ҳавои табъи равон мерасад зи шеъри равон.
Зи лутфи табъ сухан омчунон бувад ҷонбахш,
Ки мурғи дил бубарад ишқро забон ба забон.
Сухан зи синаи модар ба шир омадааст,
Ки меҳри хоки Ватан аз сухан дамад дар ҷон.
Ба боғи умр занад бӯса навбаҳори хирад,
Ба лутфи табъ, ки дунё ҳамеша бод амон.
Каломи дӯст шавад субҳи бахти ҳамсоя,
Саломи дӯст шавад файзи рӯзи аҳли ҷаҳон.
Бақои ваҳдати ҳамсоягӣ чунин бодо,
Чунон ки расм бувад байни тоҷику афғон.
Зи як китоб сабақ хондаем дар олам,
Ба як суруд намудем тай раҳи армон.
Ба як сипор бикардем кишт мазраи хеш,
Ба як баҳор ба баҳра шудем дар бустон.
Замини кишта дарав кардаем бо як дос,
Раҳи мурод бипаймудаем бо як нон.
Намудаем ҳимоят зи ҳам ба як шамшер,
Супурдаем сари хештан ба як майдон.
Бидодаем ба чандин саҳар суруш ба ҳам,
Расидаем ба садҳо макон ба як паймон…
Вафову ваҳдати ҳамсоягӣ бувад, ки ба даҳр
Кунем боз дари хеш сӯи Ҳиндустон.
Ба як нигоҳ рабоем дил зи ҳамдигар,
Ба як сабоҳ бисозем роҳи бахт аён.
Чунон ба меҳру вафо ҳамнавою ҳамнафасем,
Бихӯрдаем, бигӯӣ, ки шири як пистон,

Сафои як саҳару бори шохи як шаҷарем,
Расидаем зи як реша дар баҳористон.
Зи як ниҳоли муҳаббат шудем сабзу ба бор,
Зи як дарахти хирад ёфтем амну амон,
Ба як рубоб сурудем сози ҳикмати хеш,
Ба як китоб намудем рози ишқ баён.
Ба барги ҳамсафарӣ субҳи мо шавад оғоз,
Ба меҳри ҳамдигарӣ рӯзи мо шавад поён…
Сафову ваҳдати ҳамсоягӣ барад моро
Ба мулки шеъри араб, сӯи дашту реги равон.
Ба рӯи реги равон нақши пои худ ҷӯем,
Ки нақши пой диҳад нақши роҳу умр нишон.
Нидои дӯст зи реги равон шаҳодатат бидиҳад,
Ки реги роҳ биомад зи сидқи мо ба забон.
Ба як ситора бибурдем раҳ ба манзили дӯст,
Ба як назора бибурдем роҳ бар кайҳон.
Ба расми аҳли араб ҳар ки шеъри хуш гӯяд,
Ба хону хона бувад ӯ накӯтарин меҳмон.
Ба лутфи табъ гирифтем дил ба сад манзил,
Ба шеъри тоза кушудем шоҳроҳи замон.
Ба як тарона ду иқлим ҳамнаво кардем,
Ба як чағона ду ҳамдард гашт ҳамдармон.
Ба як суруд ба олам шудем ҳамхона,
Ба як дуруд бигаштем дар ҷаҳон ҳамхон.

Суруши шоири тоҷик сапедадам ояд,
Мабод бе рухи ёрон ба даҳр ҳеҷ макон.
Биёфт умри абад шеър аз дили шоир,
Бибурд меҳри абад табъи хуш забон ба забон.
Сухан зи чашмаи хуршед бар забон ояд,
Хушо, ки бишнавад онро ҷаҳон зи Боми Ҷаҳон!

*Ғоиб САФАРЗОДА*

## РОҲИ ТУ

1

Кӯдакони шӯху бепарво будем,
Бехабар аз қисмати дунё будем.
Содаю носуфта буд алфози мо.
Шоиро, шеърат забони мо кушод,
Ҳарфи ширин бар забони мо ниҳод.
Гуфт аз Ленин ҳикоят бештар,
Аз далерӣ, хоксории падар.
Аз сари таслим хам нокарданаш,
Муждаи бахти башар оварданаш.
Дардманд аз дарди мардум буданаш,
Шод дида халқро, осуданаш.
Гуфт аз қадру бузургии Ватан
Бо забони сеҳр-ангоре сухан.
Аз вафодорию инсонпарварӣ,
Ростию дӯстию ёварӣ,
Бесадо моро сабақ омӯхт он,
Дар дилу дар дида шамъ афрӯхт он.

2

Боз мехонем ашъори туро,
Гӯш медорем гуфтори туро.
З-он садои Осиё гардад баланд,
Ҳам китоби Африқо гардад баланд,
Боз чун дигар шавад рои ғулом,
Бишканад занҷир аз пои ғулом,
Бахту истиқлол чун ёраш шавад,
Давлати озод подораш шавад.
Аз миёни шеърҳои дилписанд
Боз мегардад садои ту баланд.
Чун Ватан гӯӣ, аё фарзанди Шарқ,
Аз нигоҳат метаровад панди Шарқ.

Мерасад аз фахр бар гардун сарат,
Чун сари кӯҳи баланди кишварат.
Ҳар куҷо будӣ, Ватан ҳамроҳ буд,
Ҳар нафас дил аз Ватан огоҳ буд.
Ёд мекардӣ ту аз рӯди Ҳисор,
Ҳамчу шири модари чашминтизор.
Алғараз, пайванд будӣ бо Ватан,
Ҳам намекардӣ ҳазар аз сӯхтан.

3

Шоири соҳибдилу мумтози мо,
Шоҳбози назми мо, устози мо,
Шод кардӣ рӯҳи пирони сухан,
Ҷон фузудӣ боз бар ҷони сухан.
Аз ту халқу мулки ободи ту шод,
Шоиро, бахти расо табрик бод!
Аз китоби мо сабақ омӯхтем,
Гулхани ишқу вафо афрӯхтем,
Гашта огоҳ аз дили огоҳи ту,
Мо қадам бигзоштем аз роҳи ту.
Гар каломи мост номавзун ҳанӯз,
Нест онро қудрати афсун ҳанӯз,
Лек бо сози Ватан дил метапад,
Бо ҳавои ин чаман дил метапад.
Хома чун бар даст баргирем мо,
Дар шарори сина даргирем мо,
Чун садои мавҷҳои пурхурӯш
Панди ту, устод, меояд ба гӯш;
Ошён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор,
Дар баландиҳои кӯҳи сарбаланди мо гузор»,–
Ин сухан сози дили бедори мост,
Тӯшаи роҳи басе душвори мост!

* * *

Мурғи илҳомам кучоӣ?
Зуд о, парвоз кун,
Кишвари мо тӯй дорад,
Ҳар киро овоз кун.
Аз фараҳ лабрез ин дилҳои шӯхи беқарор,
Мавчи овозам бубар ҳар чо,
танинандоз кун.
Назми точик ид дорад, ид
Дар рӯзи саид–
Бонги хурсандии мо ҳар гӯшаи дунё расид.
Бори аввал ишқро мо аз Садаф омӯхтем,
Борҳо дар оташи ишқи Ҳасанҳо сӯхтем.
Қиссаҳои Осиёву Африқо омӯхта,
Дидаи ибрат ба авзои чаҳонӣ дӯхтем.
Марҳабо устоди мо, ин шаҳри зебо пешкаш,
Қуллаҳои сарбаланду мавчи дарё пешкаш,
Чилваи гул, савти булбул,
боғҳои файзбор
Хандаҳои беғубору меҳри дилҳо пешкаш.

*Бобо ҲОҶӢ*

## ШОИРИ ДАВРОН

Равам бар чор сӯи ин Ватан ман,
Намоям сайру гашти боғу гулшан.
Бубинам шаҳрҳои дилнишинро,
Занону духтарони нозанинро.
Шавам ҳамсӯҳбати мардони оқил,
Ғазал хонам зи Саъдию зи Бедил.
Пас аз дидори мардони дилогоҳ,
Пас аз ҳар як шиносоии кӯтоҳ,
Агар гӯям ба онҳо: – тоҷикастам,
Зи шоирхез хоки машриқастам, –
Ба гирдам ҷамъ гашта ҷумла хушнуд,
Зи ман пурсанд Турсунзодаро зуд.
Диҳам посух ба фахру сарфарозӣ,
Ки: «Ӯро мешиносам дер бозе.
Чу ҳар вақта бувад соғу саломат,
Ба ҳам дорем дар як шаҳр иқомат.
Қариб ҳар рӯз мисли субҳи ховар,
Шавад дидори ӯ бар ман муяссар.
Нишаста борҳо ман дӯш бо дӯш,
Зи дасташ ҷоми май бинмудаам нӯш.
Гуселонда ба кишварҳои бисёр,
Бигирам пешвозаш боз ҳар бор.
Ба даргоҳаш басе меҳмон шудастам,
Шарики тӯю сури он шудастам…»
Чу аз ман бишнаванд ин сон суханҳо,
Ҳама гул-гул шукуфта чун чаманҳо,
Назар дӯзанд бар сӯям муқаррар,
Ба меҳри тозаю бо чашми дигар.
Кунанд аз лутфу эҳсон сарфарозам,
Ки Турсунзодаро ман мешиносам.

## ҚАДАҲ ДАР РӮЗИ ҶАШНИ УСТОД

Дар рӯзи таваллуди Шумо, пири сухан,
Дорад ҷашну сурур халқи тоҷик.
Аз ҳар тарафу канори ин даҳри куҳан
Ҷорӣ бишавад мавҷу садои табрик.

Ин ҷашн барои ҳама хоку омӣ,
Ҷашни ҳамаи халқи ғазалхони шумост.
Хурсанд шаванд Рӯдакию Ҷомӣ,
Ки байраqи назмашон ба дастони шумост.

*Басир РАСО*

* * *

То даме, ки набзи тоҷик мезанад дар рӯзгор,
То даме, ки рӯд ҷорӣ мешавад аз кӯҳсор,
То даме, ки лола машъал мефурӯзад дар баҳор,
Аз барои шоири худ дар бари кӯҳи Ҳисор,
Меҳри Турсунзода бошад дар дили мо пойдор!

То даме, ки сози мурғони чаман боло бувад,
То даме, ки шеъри шоир анҷуманоро бувад,
Қимати лаъли Бадахшон ҳамчунон тилло бувад,
Дар дилу дар манзилу дар сатри мо поянда аст–
Устоди назму базми шеъри мо Мирзо бувад!

*Мавҷуда ҲАКИМОВА*

## ЁДИ НЕК

Ҳар хонадони тоҷик ғамхона гашт имрӯз,
Тӯю сурур бар мо бегона гашт имрӯз,
Ду косаи сари мо шуд чашмаи хунафшон
Аз дарду аз алам пур паймона гашт имрӯз.

Э, вой! Оҳу нола!
Устоди мо куҷо шуд?
Аз чашми мо куҷо рафт?
Аз мо чаро ҷудо шуд?

Чун дарди ҷонгудозе омад ба ҷони устод,
Бар ҷони пиру барно сад дарду ларза уфтод.
Ҳамроҳ то намояд аз ҷони худ ба шоир,
Ҷонаш ба каф паси дар саф баста халқ истод.

Аммо ба шоири халқ
Аз халқ азизтар нест.
Нагрифт ҷон аз ӯ қарз,
Бас баҳри халқ мезист.

Устоди мо агарчи тарки ҷаҳон намуда,
Шеъру таронаи ӯ моро ҷавон намуда.
Монад ҳамеша ҷовид то ишқу офтоб аст,
Дар рӯи ин замине, к-ӯро калон намуда.

Ӯ зинда дар дили мо
Чун шеъри ҷовидона,
Чун нағмаи баҳору
Чун нашъаи тарона!

*Ҷамолиддин КАРИМЗОДА*

## ШЕЪРИ БАХТУ ОЗОДӢ

*Ба устод Мирзо Турсунзода*

Ман як инсони содае будам,
Дарди шарқам ба печутоб андохт.
Гиряи талхи кӯдаки Машриқ
Охиронам зи дида хоб андохт.

Нолаву оҳҳои бадрӯзон
Он қадар ҷону пайкарамро сӯхт,
Гӯӣ Машриқ дарди онҳоро
Ҳамчу оташ ба ҷони ман афрӯхт.

То кушоям гиреҳи ин мушкил,
Бас сияҳшомро саҳар кардам.
Дар дилам оташи ҷаҳолатсӯз,
Бар ҳама баҳру бар сафар кардам.

Ин хаёл ин умеду савдоҳо
Дур аз ёру аз ҳабибам кард.
Дар басе мулкҳои бегона
Мисли як булбули ғарибам кард.

Ҷони ширини ман ба чашми чор
Хуни дил шуд дар интизори ман.
Солҳо гаҳ шуданд муштоқам
Мардуми водии Ҳисори ман.

Лек ман то ҳанӯз дар роҳам,
Тӯшаам шеъри бахту озодист.
Шодам аз он, ки чун равам ҳар ҷо,
Аз қудумам ба мардумон шодист.

## ҚОФИЛАСОЛОРИ СУЛҲ
*(Силсила)*

### МИНБАРИ ИХЛОС

Партави ҳусни зако қомуси Турсунзода буд,
Парчами номуси мо номуси Турсунзода буд.

Ҳамчу шаҳбози сухан парвози озодона дошт,
Фикри бикри шоирӣ маҳбуси Турсунзода буд.

Бо нидояш шуд муҷассам Рӯдакӣ дар рӯзгор,
Мавҷи шеъри рӯз укёнуси Турсунзода буд.

Бар алайҳи ҷанг шамшери сухан афрохт ӯ,
Ояти сулҳу сафо махсуси Турсунзода буд.

Тоҷи сар механд вологавҳари айёмро,
Пастҳиммат боиси афсӯси Турсунзода буд.

Тешабою Неъмату Чӯтак гаҳи ҳифзи Ватан
Рустаму Фарҳоду Кайковуси Турсунзода буд.

Хостанд аҳли ҷаҳолат санг бар руҳаш зананд,
Рӯ зад охир он чӣ дар кобуси Турсунзода буд.

Ормонҳо дар дилаш чун мавҷи дарё медамид,
Минбари ихлоси мо побӯси Турсунзода буд.

### СИТОРАИ ШОИР

Чун ахтари авҷи фалаки тозадимоғ
Ӯ кард зуҳур аз фазои Қаратоғ.
Аз қитъа ба қитъа рафт нури нигаҳаш
Чун пайки даво ба марзи ҳар синаи доғ.

Ҳар кошифи илм дар сухан моҳир нест,
Ҳар соҳиби як-ду мисрае шоир нест.

Ку шоири ҳамрадифи Турсунзода?
Азросуханест, мисли ӯ қодир нест.

Шеъри тари Мирзо камоли ҳунар аст,
Аз ишқу вафо ба ҳар диле муждабар аст.
Бингар, ки чӣ эҳдост зи бори суханаш:
Ҳар як асараш сафинаи як сафар аст.

Раҳ ёфтан аз дил ба диле осон нест,
Ин шеваи дилбарӣ ба ҳар инсон нест.
Шеърат ба дилу дида агар ҷой гирифт,
Хуш бош, раҳи умри туро поён нест.

Аз отифа ҷӯши дили мо афзояд,
Кайфияти обу гили мо афзояд.
Аз нуктаи ин шоири озодахаёл
Ҳусни чамани маҳфили мо афзояд.

Гӯянд, ки ӯ пири қаламдастон буд,
Нури басари анҷумани даврон буд.
Ҳарчанд ки ӯ ҳиҷо нагуфтаст, вале
Сардовари сахтгири ин майдон буд.

Ҳамранги шафақ каломи рангин дорад,
Шаҳномаи сулҳ – «Ҷони ширин» дорад.
Бар авҷи хаёли тобнокаш бинигар,
К-он Хирмани Маҳ, Хӯшаи Парвин дорад.

Афзуд таровати ҳунар аз суханаш,
Бархост зи ҷон суруди мурғи чаманаш.
Чун лаб бикушояд ӯ зи ҳубби Ватанаш,
Мерехт гули шаҳду шакар аз даҳанаш.

Дар маҳфили ёр ӯ ғазали меҳр бихонд,
Аз қитъа ба қитъа муждаи сулҳ расонд.
Чун Рӯдакии замона, бо сеҳри сухан
Дар синаи сард нури хуршед дамонд.

Айём варо шинохт, чун довари сулҳ,

Чун сарвару сарлашкару фармонбари сулҳ.
Бо нияти амнияти фардои башар
Месӯхт чу як машъала аз минбари сулҳ.

Овард ба ҳам ҳарорати дилҳоро,
Пайваст ба ҳам ду қитъаи дунёро.
Дар сояи хуршеди рафоқат парвард
Ҳар хиттаи Осиёву Африқоро.

Аз фазли замон фузуд файзу фари ӯ,
Омад ба сари қулла падид ахтари ӯ.
Ҳар кас, ки ба сӯи қулла санг андозад,
Баргашта занад санги худаш бар сари ӯ.

Ӯ пояи ифтихори тоҷикон аст,
Пайвандгари дили ҳазор инсон аст.
Чун тоҷи зари силсилаи кӯҳи Ҳисор,
Бар чашми хирад ситорааш тобон аст.

Аз ҳикмати ӯ бӯи вафо меояд,
Бӯи Ватан аз ранги сафо меояд.
Ҷон садқаи Мирзои Турсунзода,
Чун пири замон ҳамраҳи мо меояд.

## ТӮШАИ САФАР

Рост ҳарфат: «Дӯстро андар сафар бояд шинохт»,
Оре, оре дар сафар сад хайру шар бояд шинохт.

Покмағзонанд зеби остони зиндагӣ,
Покмағзонро чу дунёи падар бояд шинохт.

Зиндагӣ гӯяд: ба танҳоӣ сафар кардан хатост,
Ҳикмати ин пандро дар баҳру бар бояд шинохт.

Кас ба танҳоӣ, чу хас дар рӯйи об, ояд ба танг,
Хешро дар ҳалқаи аҳли башар бояд шинохт.

Ошно бисёр хоҳӣ ёфт дар рӯзи тараб,
Ошнoро аз паси рафъи зарар бояд шинохт.

Аз ҳисоби зиндадилҳо ҳамсафар ёбӣ, чӣ хуш,
Мурдадилҳоро чу санги бадгуҳар бояд шинохт.

Гоҳи осоиш зи ёрон нест паҳлӯят тиҳӣ,
Дӯстро, чун рӯзи сахт ояд ба сар, бояд шинохт.

Ҷони ман, рахти сафар барбанд, дар ин имтиҳон
Мардуму мардумгарӣро бештар бояд шинохт.

## САНГ МАЯНДОЗ

Магар дидӣ дами баҳри дамонро,
Ба сар бурдӣ ғами сахти замонро?
Чу Турсунзода аз марзе ба марзе
Гирифтӣ ҳеҷ дасти одамонро?!

Аё, парвардаи дунёи зиллат,
Чаро ҷӯӣ зи Турсунзода иллат?
Маҳал ҷони туро гар ҳаст меҳвар,
Бақои ҷони ӯ буд шаъни миллат.

Аё бедард, аз аъмолат андеш:
Чӣ нафъ овардаӣ бар миллати хеш?
Агар устод Турсунзода дарёст,
Дар ин дарё наӣ ту аз хасе беш.

Агар мардӣ, фазои мард бишнос,
Ту аз умрат чӣ дорӣ ҳосили хос?!
Ту ҷуғз астию Турсунзода шаҳбоз,
Ту санги роҳ, Турсунзода алмос.

Ба авҷи ормонҳои фурӯзон
Нидояш чун парасту буд парафшон.
Зи ному нанги Турсунзода бишнохт
Ҷаҳон исми шарифи Тоҷикистон.

*Ҳоҷӣ МУРОД*

## АСОЛАТИ БЕНИЁЗ

*Рӯҷӯе дар пояи ҳайкали*
*устод Турсунзода*

Шеъри ту дар субҳи мавлудам ба дастури азал
Ҳамчу анвори ҳақиқат рехт дар шарёни ман.
Бо дуое ҳамзамон бархост аз зикри малак,
Тарҳ афканд аз саводаш нусхаи армони ман,
Нусхаи тақдир, умри интизор.

Шеъри ту омехт чун нӯше ба шири модарам,
Ранг овард аз шамимаш саҳфаи ангораам.
Бо навои «Алла» соз афшонд аз боғе ба боғ,
Ҷӯр омад бо ҳавои ҷунбиши гаҳвораам,
Бо насими шабнавози обшор…

Бо каломат дар забонам шишт алфози нахуст,
Бо каломат доя бурдам аз паи раҳ по ба по.
Бо каломат тифлиам мерафт саргардони шавқ,
Бехабар аз гирудори вақт, аз расми қазо,
Аз фаророҳи ниёзи беканор.

Бо каломат гарм мактабхона оғӯшам гирифт,
Бо каломат дарҷ шуд дар хотирам дарси сухан,
Бо каломат ҷузв-ҷузв оростам рукни зако,
Дар сириштам нақши рӯшан баст маънои Ватан,
Хилқати якрӯи нанги бурдбор…

Шеъри ту бо пайраҳи хуршед аз пушти мурод
Дар қадамҳои ҳавас аз деҳа берунам кашид.
Дар нигоҳи офтобиат дуруди орзу
Аз дари ояндаам бо бомдодон мерасид,
Ламъа меҷӯшид аз нози баҳор.

Нуктаат чун пири корам буд дар силки ҳунар
Ҳикмати нурониаш афрӯхт самти пешаам.
Сатри шодоби булӯринаш чу борони шиҳоб
Ришта-ришта панҷа зад бар манзари андешаам,
Айши фитрат кард бар завқам нисор.

Бо каломат ҳисса-ҳисса «Хамса»-ро паймудаам,
Дар насибам шаъшаъ афтод аз ҳузури Анварӣ.
Табъи маъсумам камол андӯхт аз Мавлои Рум,
Ояти Ҳофиз сабақ додам зи лафзи дилбарӣ,
Маҳфилам аз ҷоми Бедил ёфт нури эътибор…

Шуд мусаллам: гар зи Фирдавсист эҳёи Аҷам,
Гар зи Айнӣ монд марзи Тоҷикистон ёдгор.
Лек Турсунзода моро, эй сипоси ҳимматаш,
Дод аз файзи қалам дар сад қаламрав интишор,
Беҳад аст аз ӯ ҳудуди ифтихор!

Рӯз аз рӯз ин асолат, бо ҳама фархундагӣ
Боз волотар бубандад дар фазоҳо ошён.
Лоязолӣ ҷодаи ӯст, аз заковат тӯшааш,
Роҳӣ ӯ чун бениёз аз соҳати кавну макон,
Роҳӣ ӯ то ҷовидон.

***Зиё АБДУЛЛО***

* * *

*Дар сӯгвории М. Турсунзода*

Шаб, ки мотамзада, афсурда хаёл,
Шудам аз хона бадар бо дили танг,

Ҳар чи овоз ба гӯшам бирасид,
Буд бо сӯзи дилам ҳамоҳанг.

Бигузашт аз бари ман оҳиста
Ҷониби Ғарб қатора бо фиғон,

Зада бар сақфи само дуди димоғ,
Хабари марги туро бурд гарон

Навҳа зад тори сарм тайёра…
Баҳри ту шаҳр ҳама гирён буд…

Сари симчӯб чароғи сӯзон,
Гӯиё ашки сари мижгон буд…

*Ато МИРХОҶА*

## МОДАРИ ТОҶИК ТУРСУНЗОДА ЗОД

Дар замоне, ки замон афтода буд,
Номи тоҷик аз ҷаҳон афтода буд,
Бо нишону бо забони зиндааш
Бенишону безабон афтода буд.
Шаҳсаворе миллати афтода зод,
Модари тоҷик Турсунзода зод.

Дар замоне, ки сафедӣ тира шуд,
Шеъри нав андар сафедӣ хира шуд,
Мурдаашро ин сафедӣ шуд кафан,
Шеърро хоби сафеде чира шуд.
Шоире бедору фавқулъода зод,
Модари тоҷик Турсунзода зод.

Дар замоне, ки табу тоби сиёҳ
Меравонд аз дида хуноби сиёҳ,
Миллати моро сиёҳӣ пахш кард,
Чашми ӯ пур гашт аз хоби сиёҳ.
Шеъри рангорангу софу сода зод,
Модари тоҷик Турсунзода зод.

Дар замоне, ки ҷаҳон аз мо рамид,
Дар замин тӯфони сурх омад падид,
Миллати ман сар ба хоби сурх монд,
Сурхияш чун сурхакон дар мо дамид.
Ӯ ала йҳи бандагӣ озода зод,
Модари тоҷик Турсунзода зод.

Шеъри ӯ гарчи сиёсат будааст,
Ҳам фасоҳат, ҳам фаросат будааст.
Баъди Сомониву Айнӣ дар ҷаҳон
Миллати моро раёсат будааст.
Дар сиёсат ахтари сарвода зод,
Модари тоҷик Турсунзода зод.

*Қурбоналӣ РАҶАБ*

## МАҲБУБИ ДИЛҲО

Шоире, ки баста баҳри хизмати халқаш камар,
Аз барои сулҳҷӯӣ буд умре дар сафар.

Шоире аз баҳри ғамхории халқи кишвараш
Дар ҷавонӣ нуқрагун гардида буд мӯи сараш.

Шоире, ки буд умре ҷонфидои халқи худ,
Бо муҳаббат меҳри поку ишқи инсон месуруд,

Шоире, ки ҳамчу чашма дошт қалби беқарор,
Буд баҳри васфи халқи хештан шабзиндадор,

Шоире, ки дар тамоми кишвару халқи диёр
Мисли ӯ ҳаргиз надидам одамеро хоксор,

Шоире, ки номи некаш монда дар рӯи ҷаҳон,
Меҳри ӯ бигрифта ҷо дар синаи пиру ҷавон,

Шоире, ки шеърҳояш рӯҳбахшу содда буд,
Халқ медонад, ки ӯ Мирзои Турсунзода буд.

Назми оламгири ӯ дар синаҳо ҷо гаштааст,
Худ азизи мардуму маҳбуби дилҳо гаштааст.

## ДИЛИ ТУРСУНЗОДА БУД

Раҳ намедод он диле, ки кинаро
Дошт бешак сурати оинаро.

Он диле доим ҳавои соф буд,
Ҳимматаш боло зи кӯҳи Қоф буд.

Он диле бар ҳар ки некӯкор буд,
Аз барои халқи худ ғамхор буд.

Он диле, ки баҳри насли одамӣ
Кам набудӣ ҳимматаш аз ҳотамӣ,

Он диле бар мардумони кишвараш
Буд як пайванди ҷони кишвараш,

Он диле, ки ҳамчу оташпора буд,
Раҳми ӯ бар ҳар каси бечора буд.

Он диле, ки достонҳо месуруд,
Аз барои халқи дунё месуруд,

Он диле раҳмаш ба ҳар афтода буд,
Он дили Мирзои Турсунзода буд.

Ҳар дамаш бар халқ беҳосил набуд,
Ҳамнишин бо ҳар каси буздил набуд.

Халқ аз дидори ӯ носер буд,
Месазад гӯям агар чун шеър буд.

Пояи сулҳу амонисоз буд,
Шоиронро беҳтарин устоз буд.

*Ҳамроҳ УСМОН*

## ЧУН ЗАМИН, ЧУН ОСМОН

*Ба ёди устод Мирзо Турсунзода*

Мекунам ман ин заминро эҳтиром,
Ин замини нозанинро эҳтиром.

Арзу тӯлаш дидаам, озода аст,
Пур зи нақши пои Турсунзода аст.

Нақши пояш ҳаст андар Осиё,
Нақши пояш ҳаст андар Африқо.

Шеъри ӯ вазни замин дорад, азиз,
Пандҳои дилнишин дорад, азиз.

Мисли як устод, чун як раҳнамо
Панди ӯ моро барад ба сӯи мо!

Ҳамчу як баҳри дамон шуд шеъри ӯ,
Баҳри мо рӯҳи равон шуд шеъри ӯ.

Сулҳҷӯиро зи ӯ омӯхтем,
Шеъргӯиро зи ӯ омӯхтем.

То абад дар байни мо ӯ зинда аст,
Чун замин, чун осмон поянда аст.

*Меҳрии ЎРОТЕППАГӢ*

## ҲАСРАТНОМА

Афсӯс, зи мулки Тоҷикистон
Мирзои адиби нуктадон рафт.

Он шоири номдори доно
Имрӯз зи байни шоирон рафт.

Он нахли ҳадиқаи маонӣ,
Гулдастаи боғи тоҷикон рафт.

Дар мотами ӯ чӣ сон нанолам?
Фарёду фиғон ба осмон рафт.

Сад ҳайф баҳори ҳастиашро,
Дар фасли баҳори ӯ хазон рафт.

Он зубдаи маҷлису маҳофил,
Он моҳиру афзали замон рафт.

Он Ҷомии илму фазлу диниш,
Машҳур ба халқи ин ҷаҳон, рафт.

Сад дод, ки марги ногаҳонӣ
Ногоҳ расид, ногаҳон рафт.

Дар ҳасрату мотами вафоташ
Аз Меҳрии нотавон фиғон рафт.

Бо раъси маонӣ соли таърих:
Хуш омада буду хушбаён рафт.[1]

[1] Ба ҳисоби абҷад–1977.

## ШЕЪРИ ТУРСУНЗОДА ЗЕРИ ЛАБ МУДОМ

Модарамро чун ба ёдам оварам,
Шеъри Турсунзода меояд ба ёд.
Шеъри Турсунзода хонда зери лаб
Рӯҳи модар мекунам ҳар лаҳза шод.

Ҳамчу Турсунзода гӯӣ меравам
Бар суроғи модарам ман ҳар сафар.
Ҳамчу Турсунзода месозам суроғ,
Лек ӯро аз куҷо ёбам дигар?!

Шеъри Турсунзода зери лаб мудом
Мешавам гирён ба ёди модарам.
Гӯӣ Турсунзода ин дам ҳамраҳам
Ашки ғам мерехт бо ман дар барам.

## МУНДАРИҶА


Ситоиши бузургон .......... 3
Эмомалӣ РАҲМОН .......... 5
Шароф РАШИДОВ .......... 16
Чингиз АЙТМАТОВ .......... 24
Расул ҒАМЗАТОВ .......... 35
Мустай КАРИМ .......... 42
Мирзо ИБРОҲИМОВ .......... 47
Файз Аҳмади ФАЙЗ .......... 54
Набӣ ХАЗРӢ .......... 56
Николай ТИХОНОВ .......... 62
Анатолий САФРОНОВ .......... 69
Александр ДЗАСОХОВ .......... 74
Тошлӣ ҚУРБОНОВ .......... 80
Серо ХОНЗОДЯН .......... 83
Иосиф БРАГИНСКИЙ .......... 91
Антонина КОПТЯЕВА .......... 98
Евгений ЧЕЛЫШЕВ .......... 115
Иёгандра КУМАР .......... 125
Реннат МУҲАММАДИЕВ .......... 127
Уттеген КУМИСБОЕВ .......... 129
Тухтубой МУЛКУБАТОВ .......... 113
Ҳмаяк СИРАС .......... 132
Ҷалол ИКРОМӢ .......... 138
Мирсаид МИРШАКАР .......... 149
Раҳим ҶАЛИЛ .......... 172
Боқӣ РАҲИМЗОДА .......... 192
Абдулҳамид САМАД .......... 224
Кароматуллоҳи МИРЗО .......... 237
Абдуҷаббор ҚАҲҲОРӢ .......... 244
Худоӣ ШАРИФОВ .......... 248
Хуршеда ОТАХОНОВА .......... 262
Зиёдулло ШАҲИДӢ .......... 274
Абдулмаҷид ДОСТИЕВ .......... 281
Зоҳир АҲРОРӢ .......... 296
Холмурод ШАРИФОВ .......... 303
Мирзо ФАЙЗАЛӢ .......... 325
Асадулло САЪДУЛЛОЕВ .......... 329
Атахон САЙФУЛЛОЕВ .......... 346
Шарафбону ПӮЛОДОВА .......... 368
Собири ШОҲОНӢ .......... 382
Расул ҒАМЗАТОВ .......... 388

Михаил СИНЕЛЬНИКОВ ........................................................................389
Абдуҷаббор ТАҚВОИИ ФАРХОРӢ ......................................................390
Николай ТИХОНОВ .............................................................................391
Закӣ НУРӢ.............................................................................................392
Поиз ҲАНИФӢ ......................................................................................393
Йордан МИЛЕВ ....................................................................................396
Файз АҲМАДИ ФАЙЗ .........................................................................398
Борик ШАФЕӢ.......................................................................................399
Платон ВОРОНЬКО.............................................................................401
Анатолий ТАРАН ................................................................................403
ФОХИР ..................................................................................................404
Тошлӣ ҚУРБОНОВ...............................................................................405
Мирсаид МИРШАКАР.........................................................................407
Аминҷон ШУКӮҲӢ...............................................................................409
Боқӣ РАҲИМЗОДА ..............................................................................410
Лоиқ ШЕРАЛӢ......................................................................................414
Нодир ШАНБЕЗОДА ...........................................................................417
Ғаффор МИРЗО....................................................................................418
Қутбӣ КИРОМ.......................................................................................420
Ашӯр САФАР........................................................................................431
ГУЛНАЗАР.............................................................................................437
Ҳақназар ҒОИБ ....................................................................................441
Тилло ПӮЛОДӢ....................................................................................442
Мастон ШЕРАЛӢ .................................................................................443
Убайд РАҶАБ........................................................................................445
Сайидалӣ МАЪМУР .............................................................................447
Бозор СОБИР........................................................................................450
ҲАДИСА................................................................................................453
Салимшо ҲАЛИМШО...........................................................................455
Ғоиб САФАРЗОДА...............................................................................457
Озод АМИНЗОДА ................................................................................459
Бобо ҲОҶӢ............................................................................................460
Басир РАСО .........................................................................................462
Мавҷуда ҲАКИМОВА .........................................................................463
Ҷамолиддин КАРИМЗОДА..................................................................464
Алӣ БОБОҶОН......................................................................................465
Ҳоҷӣ МУРОД .......................................................................................469
Зиё АБДУЛЛО......................................................................................471
Ато МИРХОҶА......................................................................................472
Қурбоналӣ РАҶАБ...............................................................................473
Ҳамроҳ УСМОН....................................................................................475
Меҳрии ӮРОТЕППАГӢ .......................................................................476
Раҷаби МУСУЛМОНИЁН.....................................................................477

**Коллектив**

**ТУРСУНЗОДА ДАР ЁДҲО**
*(Ёдбуд, хотира ва шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 06.06.2011 супорида шуд. Чопаш 08.06.2011
ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 30,0.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қаробоев, 17а

Дар ҶДММ «Торос» чоп шудааст.